МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2021. №7

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2021.№7

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2021. No7

МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Кобилчон Хушвахт	*Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло Бадридинович	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Шерматов Нурмаҳмад	*Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич	*Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ*
Расулиён Қаҳҳор	*Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович	*Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Рачабов Имомиддин Ширинович	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
НуриддиновРаймалихон Шаҳбозович	*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
Устоев Мирзо Бобоҷонович	*Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2021©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	*Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Қаххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Сотиволдиев Рустам Шарофович	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович	*Доктор политических наук, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2021

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of technical sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of physical and mathematical sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of philological sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, assistant professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich	*Doctor of law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science*
Nuriddinov Raymalikhon Shahbozovich	*Doctor of politics, Professor*
Sharipov Faridun Fayzulloevich	*Doctor of pedagogical sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Phone: (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2021

ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

ХАЗИНАИ БОЙГОНИИ МИЛЛӢ - ЗАХИРАИ ҲУҶҶАТИИ ИЛМИ ТАЪРИХИ ТОҶИКИСТОН

Сангалиев Хонҷон Баротович, Ҷабборова Меҳринисо
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар сатҳи талаботҳои муосир бе дониши марҳилаи асосии ташаккул ва рушди таърихи корҳои бойгонӣ ва бойгониҳо на муаррих ва на бойгонидор будан номумкин аст. Бо дарназардошти диққати беандоза додашудан ба эҳёи маънавӣ, эҳёи мероси таърихӣ, рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, якҷояшавии он ба ҷаҳони муосир, ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Маҳз ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон-чун махзани зеҳнӣ, хотираи (ёдгории) халқи тоҷик, имрӯз бо аҳамияти калон барои рушди ҷомеа ва чун махзани сарчашмаҳои таърихии пурқимати хаттӣ, илмӣ-техникӣ, аудиовизуалӣ ва имрӯз - электронӣ, чун асосҳои таҳқиқотҳои таърихӣ ва махзани ҳуҷҷатҳои муҳим, ҳуҷҷатгузориҳои илмӣ-техникӣ барои рушди хоҷагии халқ, таърихи илм, техника, фарҳанг; чун махзани ҳуҷҷатҳои барои ҳаёти инсон зарур-маълумот дар бораи собиқаи кории онҳо, ҷойи истиқомат, кор, маҳалли зист, моликият ва ғайра ба шумор мераванд. Омӯзиши асосҳои илмии донишҳои таърихӣ, ҳақиқати объективии марҳилаҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи ташаккул ва рушди давлатдории он, муборизаи баҳри истиқлолияти миллӣ, таърихи этникӣ; ташаккули дониш дар сатҳи сифатан нави илмӣ; барои интегратсияи Тоҷикистон дар ҷомеаи (иттиҳоди) ҷаҳонӣ, барои омӯзиши таърихи тамаддун, аҳамияти омӯзиши сарчашмаҳои таърихии асл, ки бе онҳо таҳқиқи таърихӣ номумкин аст, дар заминаи ҳуҷҷатҳои ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда мешаванд.

Имрӯз, ҳуҷҷатҳои ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи соҳаҳои дониш зарур аст, вале бештар ба он муаррихон эҳтиёҷоти зиёд доранд. Ҳар як муаррих соҳиби иттилооти пурра дар бораи замонҳои гузаштаро орзӯ менамояд. Вале, иттилооти таърихӣ на ҳама вақт пурра аст ва камшавии иттилоот бинобар дуршавӣ аз давраи таърихӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Ҳатто ҳодисаҳои дар пеши назари мо ба вуқӯъ пайваста ба таври пурра ҳуҷҷатикунонида нашуда, бисёри он ба гӯшаи фаромушӣ омада расида, дар ёддоштҳо таҳриф (ғалат маънидод) карда мешаванд. Соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон ба миллати тоҷик барои соҳиби яке аз мероси пурарзиштарин – маводи ҳуҷҷатии бойгонӣ шудан, мусоидат намуд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13 ноябри соли 1998 ба таври қонунӣ ин меросро моликияти миллӣ эълон намуда, онро:

«қисми таркибии осори таърихӣ ва фарҳангии ватанию ҷаҳонӣ, ҳамчунин захираи иттилоотии ҷомеа буда, ба таркиби он, сарфи назар аз навъ, ҷои таъсис ва шакли моликият маҷмӯи ҳуҷҷатҳое дохил мешаванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он маҳфуз мебошанд ва таърихи ҳаёти маънавию моддии халқҳоро инъикос намуда, арзиши илмӣ ва таърихию фарҳангӣ доранд» маънидод намуд.

Тибқи Низомнома «Оид ба ташкили корҳои архивӣ дар ҶИШ Тоҷикистон» аз 20 марти соли 1931, №5, ки бо қарори КИМ ва СКХ ҶИШ Тоҷикистон қабул шуда буд, Фонди ягонаи давлатии архивии ҶИШ Тоҷикистон (ФЯДА ҶИШ Тоҷикистон) таъсис дода мешавад.

Низомнома таркиби Фонди ягонаи давлатии архивии ҶИШ Тоҷикистон (ФЯДА ҶИШ Тоҷикистон) чунин муқаррар намуд:

маводи архивии марбут ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар давраи тоқилобӣ, давраи шӯравии дар ҳудуди ҶИШ Тоҷикистон таъсис шуда.

Низомнома инчунин мафҳуми маводи архивиро муайян кард:

маводи асли инъикоскунандаи фаъолияти гузаштаи муассиса, ташкилот ва шахсони ҷудогонаи расмӣ ва фардӣ, коргузории намуди аврупоӣ бо тамоми гуногунии ҳуҷҷатҳо ва қоғазҳои таркиби он, девонҳо, дафтарҳо ва дигар намуди коргузории миллӣ-таърихӣ, ҳуҷҷатҳои алоҳида, қоғазҳои корӣ ва маҷмӯи онҳо; намудҳои гуногуни сабт, мактуб, хотираҳо, рубоиҳо, дастнависҳои асарҳои олимон ва асарҳои бадеӣ, расмҳо, нақшаҳо, сабтҳои асл аз эҷодиёти даҳонӣ, инчунин рӯнавиштҳои тасдиқшудаи ивазкунандаи асли мавод.

Соли 1941 бо қабули Низомнома «Оид ба Фонди давлатии архивии СССР», Фонди давлатии архивии СССР (ФДА СССР) таъсис дода мешавад, ки он ҳамаи маҷмӯи маводи архивии Республикаҳои Иттифоқиро дар системаи ягонаи архивӣ муттаҳид менамояд.

ФДА СССР – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мансуб ба давлати Шӯравӣ бо аҳамияти сиёсӣ, хоҷагии халқ, илмӣ, фарҳангӣ ё таърихӣ.

Баъди пошхӯрдани СССР, тибқи қарордоди байни роҳбарони ИДМ аз 6 июни соли 1992, Фонди давлатии архивии СССР дар бойгониҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфӯз буда, чун мероси ҳуҷҷатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» аз 13 ноябри соли 1998 он чун Хазинаи бойгонии миллӣ ном мегирад. Тавсифи аниқи таркиби Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мебошад:

Гурӯҳи ҳуҷҷатҳои дар натиҷаи фаъолияти муассисаҳо, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳо амал намуда ва амалкунандаи ҳудуди ҶИШМ ва ҶШС (РСС) Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон офаридашуда, идораҳои олӣ, марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, суд ва прокуратура, арбитраж, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои артиш; қушунҳои марзбон ва дохилӣ; муассисаҳо, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт; илм ва маданият; иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои эҷодӣ, кооперативӣ ва дигар ташклотҳои ҷамъиятӣ; муассисаҳои динӣ (аз замони ҷудо гардидани дин аз давлат).

Дар натиҷаи экспертиза ба таркиби Хазинаи бойгонии миллӣ дараҷаи асосии ҳуҷҷатҳо: санадҳои қонунгузорӣ, идоракунӣ, лоиҳавӣ, конструкторӣ, технологӣ, харитасозӣ, обу ҳавосанҷӣ ва дигар ҳуҷҷатгузориҳои махсус; барномаҳо, алгоритм ва механикографикаҳо; киноҳуҷҷатҳо, микрофилмҳо, суратҳуҷҷатҳо, сабти овозӣ, сабти видеоӣ, дастхатҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ, мусиқавӣ ва ғайра; расмҳо, рӯзномаҳо, ёддоштҳо, мукотиба ва дигар дараҷаи ҳуҷҷатҳо ворид карда мешаванд.

ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери ҳимояи давлат қарор дошта, ба таркиби он ҳуҷҷатҳо новобаста ба шакли моликият метавонанд шомил карда шаванд. ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ғанӣ гардонида мешавад ва метавонад ба қисмҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ тақсимбандӣ шавад.

ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 13 (сенздаҳ) бойгонии давлатӣ маҳфуздорӣ мешаванд, ки ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таърихнигории миллати тоҷик ба шумор меравад. Дар муддати фаъолият намудани ХБМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои онро чи муаррихони ватанӣ (шӯравӣ, тоҷикистонӣ) ва чи таҳқиқотчиёни хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, дар равшан намудани саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик саҳми муайянро гузоштаанд.

Бо мақсади собит намудан ва нишон додани он, ки маводи Хазинаи бойгонии миллӣ чун сарчашмаи таърихнигории таърихи халқи тоҷик аз нимаи дуюми асри XIX то имрӯз ба шумор мераванд, тасмим гирифтем, то шарҳ ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба риштаи қалам диҳем. Ин кор, ба андешаи банда, шояд чун воситаи хурде барои муаррихони тоҷик дар таҳқиқи таърихи кишвар мусоидат намояд. Аммо аз ҳама муҳимаш ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон:

«…Ба гузаштаи дури миллати худ рӯ оварда, мо фақат маълумотнома, санад ва мадорики таърихӣ ҷамъ намеоварем, балки беҳтарин, шоёнтарин ва гиромитарин андеша, афкор ва рӯйдодҳои сарнавишти миллатамонро барои такомули хушбинонаи имрӯзу ояндаи

халқамон ва бунёди як ҷомеа ва давлати навин меомӯзем ва истифода мекунем. Зеро, ҳеҷ миллате бе донистан, омӯхтан ва фаро гирифтани арзишҳои маънавию ахлоқии гузашта ва хотираи таърихии худ наметавонад рушду густариш ёбад. Ба такрор бошад ҳам бори дигар таъкид мекунам, ки «Тоҷикон бо вуҷуди беадолатиҳои зиёди таърих аз рисолати инсондӯстӣ ва фарҳангпарварии худ ҳеҷ гоҳ даст набардоштаанд. Балки, онҳо табиатан миллати фарҳангпарвару башардӯст, созандаю бунёдгар, нексиришту заҳматкаш ва поксорою маърифатпарвар буда, аслан ба ягон андешаву ақидаи ирқпарастиву инсонбадбинӣ, таассуби нажодию зӯроварӣ ва фишори сиёсию таъқиботӣ динӣ такя накардааст [1.12]

Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – калонтарин маҳфӯздори ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллӣ, машъалбардори кори бойгонии Тоҷикистон, муассисаи илмӣ-таҳқиқотии соҳаи кори бойгонӣ ва коргузории Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин бойгонӣ чун нахустин бойгонии давлатӣ ба шумор рафта, фаъолияти расмии мустақилонаи хешро аз 1-уми январи соли 1936 ба амал мебарорад. Барои бойгонӣ бинои намунавии тарҳи соли 1970 сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Бойгонӣ аз ду иморат - бинои маъмурӣ (се ошёна), бинои маҳфӯзгоҳ (панҷ ошёна) бо ғунҷоиши 1 200 000 парванда иборат аст. Дар маҳфузгоҳҳои БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 2118 хазина, 526 098 парвандаҳо; 465 хазинаи шахсӣ маҳфуздорӣ мешавад. Ба соҳаи БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои мақомотҳои олӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, суд ва прокуратураи Бухорои Шарқӣ, ҶИШМ ва ҶИШ (РСС) Тоҷикистон, муассисаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, сохтмон, молиявӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-маданӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ, нашрияҳо ва редаксия, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои кооперативӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии тобеъи умумииттифоқӣ ва республикавӣ ва шаҳри Душанбе, ҳуҷҷатҳои ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ходимони (арбобони) илм, адабиёт ва санъат (фарҳанг), навоварони барҷаста ва пешқадамони истеҳсолоти сотсиалистӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои муассисаҳо ва шахсони хусусии дар давраи то инқилобӣ дар ҳудуди Тоҷикистон амал намуда, мансуб мебошанд. Бойгонӣ ҳуҷҷатҳои се давраи таърихӣ: то инқилобӣ, шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолиро маҳфуз медорад. [3.7]

Дар 203 хазина бо 12 888 парвандаҳо таърихи давраи то инқилобии ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон инъикос менамояд. Давраи то инқилобӣ дар шакли микросуратнусхаҳои ҳуҷҷатҳои Идораи қушбегии амири Бухоро (солҳои 1800-1917) ва хазинаҳои мақомотҳои маҳаллии идоракунии давлатӣ ва ҳудидоракунӣ, суд ва нотариат, ташкилотҳои ҳарбӣ, потсиявӣ, молиявӣ, хоҷагидорӣ ва ҷамъиятии уезди Хуҷанд, қисман уездҳои Ҷиззах ва Исфанаи вилояти Самарқанд-инъикоскунандаи таърихи шимолу ғарбии Тоҷикистон, пешниҳод шудааст. Дар хазинаҳои идоракунии уезди Хуҷанд, сардори уезди Исфана, приставҳои (сардори политсияи маҳаллӣ) минтақавӣ, идоракунандагони волостӣ, судяҳои оштидиҳанда (мировые судьи) ва дигар муассисаҳои маъмурии политсия, маълумотҳо оид ба сиёсати мустамликадории саризми подшоҳӣ ва андоз, хоҳиши аҳолӣ дар бораи қабули тобеъияти (раият, фуқароӣ) Россия, оид ба фаъолияти кружокҳои махфии сиёсӣ ва дигар кружокҳо, оид ба ҷустуҷӯ ва муқаррар кардани назорат ба шахсони мансуби партияҳои сиёсии гуногун, сафарбаркунии аҳолӣ ба корҳои ақибгоҳ, пахши шуриши соли 1916 дар Хуҷанд, маълумотҳои оморӣ оид ба фабрикаҳо, заводҳо, ҳунармандии дастӣ, кирмакпарварӣ, ангурпарварӣ, шумораи аҳолӣ, теъдоди муассисаҳои таълимӣ, шарҳҳои иқтисодии кишвари Туркистон, маҳфуз аст. [3.8]. Ҳуҷҷатҳои идораи хоҷагидории шаҳри Хуҷанд, мудири молу мулки давлатӣ дар уездҳои Хуҷанд ва Ҷиззах, намояндагии заминдорӣ-хироҷдиҳии уезди Хуҷанд ва ғайраҳо, таърихи азхудкунии саноатӣ ва хоҷагии қишлоқи уездҳо, сохтмони нахустин истгоҳи барқӣ, матбаа, устохонаи муқовабандӣ додани патентҳоро тавсиф менамоянд.

Дар микронусхаҳои ҳуҷҷатҳои қушбегӣ маълумотҳо оид ба таърихи ҳаракатҳои халқӣ, оид ба вазъи сиёсӣ дар Бухорои Шарқӣ, оид ба ғуломдорӣ, оид ба таъйини шахсони мансабдор, оид ба вориди андозҳо, оид ба низоҳҳои (задухӯрдҳо) байни аҳолӣ ва мансабдорон, оид ба киро кардани қувваи корӣ аз Бухорои Шарқӣ барои ҷамъоварии пахта, оид ба тайёр кардани дарахти чормағз барои давлат, оид ба ёдгориҳои таърихӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Қисми асосии ҳуҷҷатҳои давраи инқилоби Октябр ва сохтмони

сотсиалистӣ аз хазинаҳои муассисаҳо ва ташкилотҳои республикавии солҳои 1922 то соли 1991 иборат мебошанд. Ба ғайр аз ин дар Бойгонӣ хазинаҳои муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, иттиҳодияҳои шӯравии шаҳри Душанбе ва вилояти Сталинободи ҶИШ (РСС) Тоҷикистон маҳфуздорист.

Дар хазинаҳои мақомотҳои олии Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатии Бухорои шарқӣ ва Ҷумҳурияти иҷтимоии шуравии мухтори Тоҷикистон (комиссияи фавқулодаи диктатории КИМ Бухоро оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ, Шӯрои иқтисодии Бухорои Шарқӣ, Кумитаи инқилобии ҶИШМ Тоҷикистон, анҷуманҳо (съездҳои Шӯроҳо, КИМ ва СКХ ҶИШ Тоҷикистон) аввалин чорабиниҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳудуди ҷумҳурият, таъсис ва фаъолияти зинаҳои гуногуни дастгоҳи давлатӣ, мубориза бо босмачигарӣ, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, ташкили ҶИШМ ва ҶИШ Тоҷикистон, ҳамроҳшавии округи Хуҷанд ба ҶИШМ Тоҷикистон, таҳияи конституцсияи 1-ум; сохтмони роҳи оҳани Тирмиз –Душанбе, вазъи иқтисодиёт, маорифи халқ, тандурустӣ, сохта шудани якумин неругоҳи барқӣ дар Бухорои Шарқӣ ва ғайра инъикос шудаанд.

Дар хазинаҳои мақомотҳои олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатии ҶИШ Тоҷикистон – КИМ ва Президиуми Совети Олӣ, анҷуманҳо ва сессияҳои он, Совети Вазирони РСС Тоҷикистон, Намояндагии доимии Совети Вазирони республика дар назди Ҳукумати СССР, комиҷроятҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, районӣ маълумотҳои васеъ оид ба вазъи иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурият (республика), тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ, таърихи муассисаҳо ва ташкилотҳо, вазъ (ҳолат) ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, қонунияти инқилобӣ, корҳо дар байни занон, дар ҳаёт амалан татбиқ карда шудани натиҷаҳои сиёсати миллии ленинӣ, оид ба ташкили фонди (сандуқи) ба номи В.И.Ленин барои кӯмаки бачагони бепарстор (ятим), оид ба алоқаҳои интернатсионалӣ ва бародаронаи Тоҷикистон, оид ба сарфароз кардан бо унвонҳои фахрӣ, грамотаҳо, оид ба кӯмакҳои пулии модарони серфарзанд, мавҷуданд. Дар таркиби онҳо ҳуҷҷатҳои конференсияҳо оид ба рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон дар Ленинград соли 1933 баргузоршуда, маҳфузанд. [3.10]

Хазинаҳои Банақшагирии давлатии (Госплан) ҶИШМ ва ҶИШ (РСС) Тоҷикистон, Совети марказии хоҷагии халқи ҶИШ Тоҷикистон ва Совети Комиссарони халқи ҶИШ Тоҷикистон, Управлениями марказии статистики ҶИШМ ва ҶИШ Тоҷикистон ҳуҷҷатҳоро оид ба масъалаҳои банақшагирии дарозмуддати хоҷагии сотсиалистӣ, оид ба рушди соҳаҳои гуногуни саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, алоқаи почта-телеграфӣ, барққунонӣ, шабакаи радиошунавоӣ, вазъи савдои дохилӣ ва хориҷӣ, мубодилаи асъор, оид ба барӯйхатгирии аҳолӣ, фонди манзил, саноат, хоҷагии қишлоқ, буҷаи колхозчиён, коргарон ва хизматчиён, шарҳи вазъи рушди хоҷагии халқ, доро мебошанд. [3.9] Дар хазинаҳои вазоратҳо ва управлениями (Саридораҳо) саноатҳо маълумотҳо оид ба ташкил ва рушди саноат, оид ба таъминоти саноат бо ашёи хом, оид ба барққунонии Тоҷикистон (сохтмони НОБ Варзоб, Шаршар, Сарбанд, Норак) мавҷуданд. Дар ҳуҷҷатҳои корхонаҳо маълумот оид ба тавоноиҳои истеҳсолӣ, барномаҳо, оид ба иҷрои нақшаҳо, оид ба татбиқи таҷрибаи химикҳои шекинӣ, оид ба сафарбарии коллективи меҳнаткашон барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол аз ҳисоби баландбардории маҳсулнокии меҳнат; оид ба ташкили илмии меҳнат дар ҷойҳои корӣ маҳфӯзанд; масъалаҳои сохтмони асосӣ ва таъмир (таҷдид), аз ҳуд кардани техникаи нав, баланд бардоштани сифати маҳсулот, рушди ихтироъкорӣ, иқтисодиёт ва эҳтиёткорӣ, мусобиқаи сотсиалистӣ, оид ба сарфароз гардонидани корхонаҳо ва пешқадамони истеҳсолот бо Байраҳи Сурхи КМ КПСС, Совети Вазирони СССР, ВЦСПС (Совети марказии Иттифоқҳои касабаи умумииттифоқ) инъикос шудаанд. Дар хазинаҳои Комиссияи марказии кишти назди КИМ ҶИШМ Тоҷикистон, Комиссариати халқии заминдорӣ, Вазорати хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон, «Тоҷикколхозмарказ» («Таджикколхозцентр»), «Трактормарказ» («Тракторцентр»), «Пахтаиттифоқ» («Пахтасоюз»), шӯъбаҳои хоҷагии қишлоқи вилоятӣ, шаҳрӣ ва районӣ, трестҳои пахтакорӣ, чорводорӣ ва совхозҳои навкорам, маълумотҳо оид ба таҷдиди хоҷагии қишлоқ, сохтмони колхозӣ ва совхозӣ, зиёдшавии паркҳои мошину тракторӣ, заминҳои обӣ, аз ҳуд кардани заминҳои бекорхобида, оид ба рушди пахтакорӣ, чорводорӣ, кирмакпарварӣ, боғпарварӣ ва ангурпарварӣ, сохтмони маданӣ дар деҳот, қаҳрамонҳо ва пешқадамони панҷсолаҳо

мавҷуданд. Ҳуҷҷатҳо оид ба ташкили хоҷагии об, сохтмони асосӣ ва ба истифода додани системаҳои обёрикунӣ ва объектҳо, обёрикунии заминҳои нав, оид ба истифодаи об, оид ба соҳил мустаҳкамкунӣ ва корҳои зиддиобхезӣ дар хазинаҳои Управлениями хоҷагии оби ҶИШМ ва ҶИШ (РСС) Тоҷикистон, Сохтмони системаи обёрикунии Вахш, Управлениями обёрикунии водии Ҳисор мавҷуд аст.

Дар хазинаҳои Комиссариати халқии ҶИШМ ва ҶИШ (РСС) Тоҷикистон, Вазоратҳои маориф ва маданият, Управлениями кинофикатсия ва кинопрокат, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, санъат, шӯъбаҳои маорифи халқӣ ва маданияти комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва районӣ, иттифоқи киноматаргафистон, рассомон, нависандагон, институтҳои гуногунӣ илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ, Комитети марказии алифбои нав ва истилоҳҳо, киностудиями «Тоҷикфилм», нашриёт (матбаа) ва редаксияҳо маълумотҳо оид ба маҳви бесаводӣ, ташкил ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ, тайёр кардани кадрҳои миллии зиёиёни шӯравӣ, таҳияи истилоҳҳои тоҷикӣ ва орфография, оид ба фаъолияти муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ, рушди санъати миллӣ, гул-гулшукуфии маданияти Тоҷикистон инъикос шудаанд. [3.11]. Дар ин хазинаҳо дастхатҳои (дастнависҳои) корҳои илмӣ ва мақолаҳо, асарҳои бадеии нависандагон ва шоирони намоёни тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, М.И. Левин, дастхатҳои ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаи асарҳои А. Грибоедов, М. Лермонтов, А. Гайдар ва ғ. мавҷуд аст. Фаъолияти мақомотҳои нигаҳдории тандурустии республика дар хазинаҳои Комиссариати халқии тандурустии ҶИШМ Тоҷикистон, Вазорати нигаҳдории тандурустии (ҶИШ) РСС Тоҷикистон, шӯъбаҳои нигаҳдории тандурустии вилоятӣ, шаҳрӣ ва районии, управлениями дорухонаҳо (Аптекоуправлениямҳо), диспансерҳо ва беморхонаҳо инъикос шудаанд. Дар инҷо маълумотҳо оид ба ташкил ва вазъи нигаҳдории тандурустӣ, оид ба ҳифзи модару кӯдак, оид ба маҳви табларза ва рамад (кукра, трахома) дар республика, оид ба таъсис ва фаъолияти Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ва омӯзишгоҳи тиббӣ, оид ба барқарор кардани алоқаҳои илмӣ-тиббӣ ва сарпарастии (шефигарии) кормандони беморхонаи ба номи Боткин аз болои фаъолияти кадрҳои духтурӣ-тиббии Тоҷикистон, оид ба рушди курортҳои (осоишгоҳҳои) Хоҷа оби Гарм, Оби Гарм ва Шоҳамбарӣ мавҷуданд. Хазинаҳои Иттифоқҳои касабаи тоҷик ва комитетҳои иттифоқҳои касабаи республикавӣ иштироки иттифоқҳои касабаро дар сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон, фаъолияти онҳо оид ба ташкил ва ҳифзи меҳнат, беҳтар кардани маишат ва тандурустии меҳнаткашон, баландбардории сатҳи умумикасбӣ ва маданӣ-техникии коргарон, татбиқи меҳнати занон дар истеҳсолот, хизматрасонии маданӣ-маишии коргарон ва хизматчиёнро инъикос менамояд. Гурӯҳи ҳуҷҷатҳои мазкур, инчунин ҳамдилии байналхалқии меҳнаткашони Тоҷикистонро бо ангиштканони англиси ошӯббардошта, ёрии сарпарастии коргарони Москва ва Коломна ба меҳнаткашони хоҷагии қишлоқи республикаро тавсиф мекунад. Дар байни ҳуҷҷатгузориҳои илмӣ-техникии дар Бойгонии марказии давлатӣ маҳфуздорӣ шуда, таваҷҷӯҳи бештарро хазинаҳои институтҳои лоиҳакашии «Тоҷикгипротранссохтмон» ва «Тоҷикгипрохоҷагии қишлоқсохтмон», шӯъбаи илмӣ-тадқиқотии энергетика, управлениями ба истифодадиҳӣ - хатҳои роҳҳои республика, институтҳои ветеренарӣ (байторӣ) ва ашёҳои сохтмон доро мебошанд. Ҳуҷҷатҳои институтҳои лоиҳакашӣ – ин тарҳҳои индувидуалӣ ва хелӣ (типии) барои сохтмони роҳҳои муҳими аҳамияти умумииттифоқӣ дар Тоҷикистон: Душанбе-Хоруғ, Душанбе-Кӯлоб, Душанбе-Қурғонтеппа, Душанбе-Ленинобод – васлкунандаи республика бо муҳимтарин районҳои иқтисодии Тоҷикистон ва республикаҳои иттифоқӣ ба шумор мераванд. Таваҷҷӯҳи калонро аз нуқтаи назари амалӣ ва таърихӣ тарҳҳои Институти лоиҳакашии «Тоҷикгипрохоҷагииқишлоқсохтмон» оид ба банақшагирӣ ва пуриморат кардани колхозҳо ва совхозҳои республикаи мо зоҳир мекунад. Мураккабии тарҳкашӣ ва пуриморат кардани нуқтаҳои аҳолинишини Тоҷикистон бо баланд будани минтақаи заминларзавӣ ва хок вобастагӣ дорад. Ҳамаи ин дар таҳқиқотҳои топографӣ-геодезӣ ва ҳисоботҳо оид ба геология ва тарҳҳои лоиҳакашӣ ва пуриморат кардан аниқ карда шудаанд. Аҳамияти калони таърихиро ҳуҷҷатҳои шӯъбаи илмӣ-тадқиқотии энергетика оид ба рушди хатҳои интиқоли барқ доро мебошанд. Ҳисобтҳо оид ба мавзӯъҳои илмӣ-таҳқиқотии ба анҷом расонидашудаи институти байторӣ, таҳлили

рушд, авҷгирӣ ва хомӯш шудани беморихои гуногуни эпидомологии ҳайвонҳои хоҷагии қишлоқ ва хонагӣ дар республика, ҳалли масъалаҳои муборизa бо беморихои номбурдаро дар бар мегиранд. [3.12] Дар байни хазинаҳои шахсӣ ҳуҷҷатҳои ходимони намоёни партиявӣ ва давлатӣ, дорондаҳои орденҳои Шараф ва Ленин Шогадоев Миновар, Қаҳрамони халқии Тоҷикистон, муборизи ташаккули Ҳокимияти Шӯравӣ дар республика Султонов Муқим, Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Гордеев А.С., ду карат Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Урунхоҷаев Саидхоҷа, ресандаи номдор Аҳмадова Саида, Артисткаи халқии СССР Тӯҳфа Фозилова, Артистони халқии РСС Тоҷикистон Назарова Хайринисо, Азимова Азиза, Бақоева Гулчеҳра, бастакор Сайфиддинов Шарофиддин, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон, рассом Боборикин В.М. маҳфуздорӣ мешаванд. Дар БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфӯзгоҳи нашрияҳои чопӣ амал менамояд, ки дар он беш аз 14 000 китобҳо, брошюраҳо, маҷалаҳо ва адабиёти махсус ҷамъ карда шудааст.

Хулас, хазинаҳои БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси таърихи бунёдгарию созандагии Тоҷикистонро дар асри ХХ бо ҳақиқати объективӣ ба амал бароварда, муаррихони тоҷикро ба омӯзишу таҳқиқ, таҷдиди назари саҳифаҳои норавшану нонавиштаи таърихи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҳидоят менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Раҳмонов Эмомалӣ Сарнавишти миллати соҳибтамаддун/муҳаррирон З.Абдулло ва А.Раҳим. -Душанбе, Ирфон, 2006, 44сах. (с.12)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» №704 аз13 ноябри соли 1998
3. Государственные архивы Таджикской ССР. Справочник.-Душанбе, 1982, 47с. (с.7-12)
4. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон, х.Р-15, р.1, п.1, вв.1- 4

ХАЗИНАИ БОЙГОНИИ МИЛЛӢ-ЗАХИРАИ ҲУҶҶАТИИ ИЛМИ ТАЪРИХИ ТОҶИКИСТОН

Ҳуҷҷатҳои Хазинаи бойгонии миллӣ дар қаринаи рушди илми таърихи муосир ба сифати сарчашмаи таърихӣ, чун маҳсули гуногун ҷанбаҳои фарҳангӣ, барои ба таври бештар васеъ намудани дониши ҳақиқӣ ва то андозаи муайян барои навсозии ақидаи таърихӣ ҳангоми омӯзиши гузашта мусоидат менамоянд, баррасӣ шудааст. Диққати бештар ба таркиб ва мундариҷаи хазинаҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун гурӯҳҳои мустақили сарчашмаҳои таърихӣ дода шудааст. Чунин муносибат ба омӯзиши онҳо имконият медиҳад, бо истифода аз услулҳо ва методҳои манбаъшиносӣ як қатор масъалаҳои ба гардиши ҷомеавӣ ва илмӣ ворид намудани иттилооти пурарзиши дар ин сарчашмаҳо мавҷуд буда, ба даст дароварда шавад.

Калидвожаҳо: Хазинаи бойгонии миллӣ, хазинаи бойгонӣ, Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати бойгонӣ, сарчашмаи таърихӣ, таърих, халқи тоҷик, Тоҷикистон.

НАЦИОНАЛЬНЫЙ АРХИВНЫЙ ФОНД - ДОКУМЕНТАЛЬНЫЕ НАУЧНЫЕ РЕСУРСЫ ИСТОРИИ ТАДЖИКИСТАНА

Документы Наионального архивного фонда рассматриваются в контексте развития современной исторической науки, в качестве исторического источника, а также своеобразного продукта культуры, которые позволяют значительно расширить возможности познания реальной действительности и в определенной мере могут посодействовать обновлению исторического мышления при изучении прошлого. Обращено внимание на состав и содержание фондов Центрального государственного архива Республики Таджикистан как самостоятельных групп исторических источников. Такой подход к их изучению позволит, используя возможности, средства, приемы и методы источниковедения, решить ряд проблем, связанных с введением в общественный и научный оборот наиболее ценной информации, содержащихся в этих источниках.

Ключевые слова: Национальный архивный фонд, архивный фонд, Центральный государственный архив Республики Таджикистан, архивный документ, исторический источник, таджикский народ, Таджикистан.

NATIONAL ARCHIVAL FOUNDATION - DOCUMENTARY SCIENTIFIC RESOURCES OF THE HISTORY OF TAJIKISTAN

National archives Audiovisual documents are considered in the context of modern historical science, as a historical source, as well as a peculiar product of culture, which can significantly extend the knowledge of reality and to some extent, can assist renovation of historical thinking in the study of the past. Attention is paid to structure and contents of fund the Central state the archives of Republic Tajikistan as an independent group of historical sources. Such a study approach enables to resolve (through the use of the possibilities, tools, techniques and methods of source-studies) a number of challenges associated with the introduction into public and scientific use of the most valuable information contained in these sources.

Keywords: The National Archival Fund, archives fund, the Central state the archives of Republic Tajikistan, archival document, historical source, the Tajik people, Tajikistan.

Сведения об авторе: ***Сангалиев Хончон***-старший преподаватель кафедры историографии и архивоведения факультета истории Таджикского национального Таджикистана. Тел:985649091;
Джабборова Мехринисо-магистр второго курса специальности архивоведения;

Information about the author: ***Honchon Sangaliev***, Senior Lecturer of Department of Historyography and Archives of Faculty of History, Tajik National University: Tel: 901 446 336;
Jabborova Mehriniso - 2-nd year master of the specialty of archival science;

РОҲҲОИ АСОСИИ КАМАРБАНДИ ИҚТИСОДИИ ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ

Малика Нарзуллозода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҳҳои асосии камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим инҳоянд:
1) Аз Чин ба воситаи Осиёи Марказӣ, Русия то Аврупо;
2) Аз Чин ба воситаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ то Халиҷи Форсу Баҳри Миёназамин;
3) Аз Чин ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба Уқёнуси Ҳинд.

Самтҳои асосии шоҳроҳи баҳрии асри XX1 абрешим аз бандарҳои баҳрии Чин ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ то уқёнуси Ҳинд ва баъд ба Аврупо ва инчунин аз бандарҳои чинӣ ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ то ба навоҳии ҷанубии уқёнуси Ором. Дар самтҳои асосии “Як камарбанд ва як роҳ” пули қитъавӣ миёни Аврупо ва Осиё, долонҳои байналхалқии ҳамкориҳои иқтисодӣ “Чин-Муғулистон-Русия”, “Чин-Осиёи Марказӣ-Осиёи Ғарбӣ” ва “Чин-Ҳиндучин (Ҳиндухитой)” бунёд мегарданд. Ба асоси онҳо хатсайрҳои азими байналхалқӣ бо нуқтаҳои такявӣ дар шаҳрҳои калидӣ ва майдонҳо барои ҳамкорӣ дар минтақаҳои истеҳсолии муҳими тиҷоративу иҷтисодӣ, меистанд. Дар баҳр хатсайрҳои нақлиётии бехатар, беист ва босамар, бо нуқтаҳои умда ва муҳим дар бандарҳои мухталиф, сохта мешавад. Долонҳои иқтисодии “Чин-Покистон” ва “Бангладеш-Чин-Ҳиндустон-Мянма” бо пешбарии ташаббуси “Як камарбанд ва як роҳ” алоқамандии зич доранд. Бояд ҳамкорӣ миёни онҳоро рушду равнақ дод ва самараи зиёд ба даст овард.

Миёни кишварҳои қадқади Шоҳроҳи Абрешим тафовути зиёде дар сатҳи таъмин бо захоири табиӣ ва мукаммалсозии иқтисодии бузурги ҳамдигар вуҷуд дорад, аз ҳамин лиҳоз иқтидори ҳамкорӣ хеле зиёд аст. Мазмуни асосии ҳамкориҳо аз панҷ нуқта иборат аст:
1) Ҳамоҳангсозии сиёсӣ;
2) Алоқамандии инфрасохтор;
3) Тиҷорати муттасил (мунтазам);
4) Ҳаракати озоди сармоя;
5) Таҳкими рафоқат миёни миллатҳо.

Дастгирии фаъолияти бозор ин риояи қонунҳои бозорӣ ва қоидаҳои умумии байналхалқӣ, муайянсозии мавқеъи муҳими бозор дар тақсимоти захоир, инчунин нақши аввалии муассисаҳои анвоъи гуногун, мебошад. Ҳамзамон ҳукумат бояд нақши худро хуб бозад.

Амалҳои фаъоли Чин. Тули чанд сол мешавад, ки ҳукумати Чин ташаббуси бунёди “ Як камарбанд ва як роҳ” –ро пеш бурда истода, робита ва мушовараро бо кишварҳои қадқади камарбанди иқтисодии шоҳроҳи абрешим тақвият дода, бо онҳо равобити амалӣ гузаронида, дар ҳамин замина якчанд тадбирҳоро, ки аллакай самара ба бор оварданд, иҷро намуд.16 сентябри соли 2013 дар донишгоҳи ба номи Назарбоев дар шаҳри Остона баромад намуда, раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ақидаи бунёди “камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим”-ро чун шакли нави таҳкими ҳамкориҳои Чин, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия, унвон кард. Ҷанбаҳои мухталифи ин ақида дар Чин ва дигар мамлакатҳо шуруъ ба баррасӣ шуданд. Барои дарки он, ки кадом ҷанбаҳои ин консепсия ҷадиданд ва нақши он дар рақобати ақоид ва лоиҳаҳои алоқаманд ба Осиёи Марказӣ чӣ гуна аст, зарур аст як сайри кутоҳи таърихӣ намуд. Ақидаи таҷдиди Шоҳроҳи Бузурги Абрешим,

аниқтараш истифодаи ин номи зебо бо аҳдофи сиёсӣ чизи нав нест. Ин ном аз тарафи ҷуғрофидон ва сайёҳи олмонӣ Фердинанд фон Рихтгофен дар соли 1877 гузошта шудааст. “Роҳи Абрешим” ё “Роҳҳои Абрешим” (муҳаққиқи олмонӣ ҳарду истилоҳро истифода менамуд) гуфта, Рихтгофен маҷмуъи роҳҳои хушкигарди аз қадимулайём вуҷуддоштаро аз Чин ба Аврупо ба воситаи Осиёи Марказӣ, меномид. Ҷолиби диққат аст, ки Рихтгофен дар асари бисёрҷилдаи худ роҷеъ ба сайёҳаташ ба Чин, таърифи мушаххаси ҷуғрофии Осиёи Марказиро медиҳад. (Ҳол он ки мафҳуми Осиёи Марказӣ аз ин пеш пайдо шуда буд- аввалин маротиба соли 1843 Гумболтд ин истилоҳро ба кор бурдааст).

“Ӯ Осиёи Марказиро фазои сарбастаи қисми дохилии қитъа, “ минтақаи пайвасткунандаи ҳавзаҳои обии сарбаста”, унвон карда, сарҳади онро дар ҷануб қисми ҷанубии Тибет, дар шимол Олтой, дар ғарб Помир ва дар шарқ қаторкуҳҳои Хинган муайян намудааст”. Баъди ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Русия дар нақшаи сиёсиву иқтисодии империяи Русия ин минтақа чун порчае аз империя ва баъди пошхурии империяи Русия, чун қисме аз Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравию Сотсиалистӣ дониста мешуд. Баъди фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷуҳи мамолики мухталифи дунё ба минтақаи Осиёи Марказӣ зиёд гардид. Метавон гуфт, ки дар минтақа рақобати геополитикӣ шуруъ гардид ва бренди Шоҳроҳи Абрешим дар ин рақобат бо қувваҳои гуногун истифода мегардид. Дар ин вақт нисбати Осиёи Марказӣ якчанд нуқтаи назар пайдо шуд: русиягӣ, аврупоӣ, чинӣ ва нуқтаи назари худи кишварҳои Осиёи Марказӣ. Русия Осиёи Марказиро чун минтақаи аз ҷиҳати фарҳангӣ ба худ наздик қабул мекунад ва барои ин асосҳои муайяни худро дорад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ тули зиёда аз сад сол дар ҳайати Русияи Подшоҳӣ ва Иттиҳоди Ҷаҳори Шуравӣ буданд. Дар замони Шуравӣ дар инҷо нухбагони дунявӣ, психология ва ҷаҳонбиниe пайдо шуд ки ба нухбагони рус шабеҳ аст. Намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар донишгоҳҳои русӣ, бо забони русӣ ва бо русҳо таҳсил менамуданд. Таҷрибаи зиндагӣ дар ҳайати Русия ва Иттиҳоди Шуравӣ аз тарафи мансабдорони кишварҳои Осиёи Марказӣ манфӣ қабул намегардад. Онҳо муқаррараи мавқеъи бузурги ҳокимияти марказиро дар рушди кишварашон қабул доранд. Албатта, дар ин даҳсолаҳо дар давлатҳои нави Осиёи Марказӣ афзалиятҳои худи онҳо пайдо шудаанд, вале наздикӣ ва якдигарфаҳмӣ ҳоло ҳам дида мешавад. Нуқтаи назари кишварҳои Осиёи Марказӣ ба лоиҳаҳои мухталифи ба тақдири онҳо дахл дошта, прагматикӣ арзёбӣ мегарданд. Албатта он дар ҳар як кишвар фарқияти худро дорад, вале дар маҷмуъ метавон гуфт, ки кишварҳои ОМ ба ҳар ҳол лоиҳаро дастгирӣ мекунанд, агар он ба кумаки молиявиву сармоягузорӣ равона шуда, асоси сохтори давлатӣ ва амниятии кишварро рахна насозад. Маҳз барои ҳамин дар ин ҷо барномаҳое, ки ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад, тавсеа намеёбанд. Ҳамзамон, лоиҳаҳое, ки ба рушди иқтисод равона шудаанд, ба вижа онҳое, ки бо барномаҳои кумакрасонӣ ва мусоидат ба рушди СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ алоқамандӣ доранд, аз ҷониби Пекин дастгирӣ мегарданд. Таваҷҷуҳи Пекин ба Осиёи Марказӣ аслан характери иқтисодӣ не, балки стратегӣ дорад. Ба маънии назорати минтақа, балки ба маънии бартарафсозии носуботӣ ва терроризм барои худи Чин. Коршиноси пешоҳанги Чин Ли Фенлин зикр намуда буд: “Манофеъи Чин дар амалишавии ин ҳадафҳо ифода меёбанд:

- бунёди шароити мусоид баҳри рушди давлат;
- ба минтақаи шимолу ғарбии Чин вогузор намудани муҳити мусолиматомез, амн ва стратегӣ, аз он ҷумла муборизаи бо се падидаи номатлуб;
- таъмини дастрасии минтақа;
- таъсис ва дастгирии равобити дустии пойдор ва ҳамсоягии осоишта бо кишварҳои аъзои СҲШ;
- вусъат додан дар ҳама соҳаҳо ба монанди соҳаи иқтисодӣ, сиёсӣ, амниятӣ, гуманитарӣ ва пешбурди ҳамгароии минтақавӣ;
- камнамоии таъсироти манфӣ аз раванди ҷаҳонишавӣ;
- дасёбӣ ба рушди ҳамоҳангшуда ва гулгулшукуфоии тамоми кишварҳои аъзои СҲШ;
- баланд бардоштани таъсири байналмиллалии Чин, ба хотири дар якҷоягӣ бо кишварҳои СҲШ гузоштани саҳми бузург дар бунёди низоми сиёсиву иҷтисодии ҷаҳони муосир.”

Қисми зиёди ин масоил ба амният дахл дорад, на ба иқтисод. Дар китоби пурҳаҷми худ бо номи “Дипломатияи Чин дар Осиёи Марказӣ” Чжао Хуашэн низоми табақотии манофеъи Пекин дар минтақаро ҷой додааст, ки дар ҷои аввал мубориза бо терроризм ва таъмини манофеъи энергетикӣ, дар ҷои дуввум иқтисод ва СҲШ, дар ҷои сеюм манофеъи геополитикӣ ва амнияти сарҳадот меистад. Ба назари аксари коршиносони чинӣ, Пекин розӣ аст, ки манфиатҳои анъанавии Русия дар минтақаро ба инобат гирад. Роҷеъ ба хавфи Русия нисбат ба тақвиятёбии мавқеи Чин дар ОМ, Ли Фенлин чунин изҳори ақида намуд: “Чин қасд надорад, ки лидери сатҳи минтақавӣ ва ё глобалӣ гардад. Чин бо дарки амиқ, ба талоши Русия оиди нигаҳ доштани таъсири анъанавии худ дар ОМ, муносибат мекунад.” Ба ақидаи Чжао Хуашэн, манофеъи стратегии Русия ва Чин дар Осиёи Марказӣ наздиканд ё бо шомили масъалаҳои зерин мувофиқат мекунанд: нигаҳдории амнияти сарҳадоти мавҷудбуда, мубориза бо терроризм, нигаҳдории суботи минтақавӣ, ҳамкории геополитикӣ (пеш аз ҳама ба маҳдудсозии ҳузури низомии ИМА ва СААШ дар минтақа, муқовимат ба самти амрикоӣ барои ислоҳоти демократӣ, ки ба инқилобҳои ранга оварда мерасонад). Коршиноси дигар Тсю Хуафэй низ сиёсати Чинро дар Осиёи Марказӣ бо тавсеаи равобит бо Русия мепайвандад. Ба ақидаи ӯ муносибати Пекин бо Осиёи Марказӣ ба қонунигардонии мавқеъи Чин оиди масоили асосии байналхалқӣ, тақвияти равобит бо Русия ва рақобат бо зиёдшавии таъсири ИМА, равона шудааст.

Дар Остона дар рафти намоиши консепсия, раҳбари Чин амали барномаро дар панҷ нукта ифода кард:

1) Таҳкими ҳамоҳангсозии кишварҳои минтақа дар соҳаи сиёсат;
2) Самаранокгардонии бунёди ягонаи шабакаи роҳҳо;
3) Рушди савдо бо роҳи лағви монеъаҳои тиҷоратӣ, кам намудани харҷи тиҷорат ва сармоя, баланд бардоштани суръат ва сифати амалиётҳои иқтисодӣ дар минтақа;
4) Зиёд намудани миқдори асъор, бо роҳи гузаштан ба савдо бо пули миллӣ ;
5) Таҳкими мавқеъи дипломатияи мардумӣ, тавсеаи равобити мустақим миёни халқҳои давлатҳои минтақа.

АДАБИЁТ

1. Реализация проекта высокоскоростной железнодорожной магистрали и перспективы создания Евразийского высокоскоростного транспортного коридора
2. Сазонов С. Л. Россия и Китай в Евразийском транспортном коридоре / С. Л. Сазонов // Азия и Африка сегодня. −2014. -№ 8. -С. 12-18.
3. Сафранчук И.А. Концепция «Новый шелковый путь» и политика США в «Большой Центральной Азии» // Международная жизнь. 2013. №7.
4. Семинар «Россия и Китай в новой международной среде» (ШОС). 22 марта 2009 // http://www.rodon.org/polit-09100910494

РОҲҲОИ АСОСИИ КАМАРБАНДИ ИҚТИСОДИИ ШОҲРОҲИ АБРЕШИМ

Самтҳои асосии шоҳроҳи баҳрии асри XXI аз бандарҳои баҳрии Чин ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ то уқёнуси Ҳинд ва баъд ба Аврупо ва инчунин аз бандарҳои чинӣ ба воситаи баҳри Чини Ҷанубӣ то ба навоҳии ҷанубии уқёнуси Ором тул мекашад. Дар самтҳои асосии “Як камарбанд ва як роҳ” пули қитъавӣ миёни Аврупо ва Осиё, долонҳои байналхалқии ҳамкориҳои иқтисодии “Чин-Муғулистон-Русия”, “Чин-Осиёи Марказӣ-Осиёи Ғарбӣ” ва “Чин-Ҳиндучин (Ҳиндухитой)” бунёд мегарданд. Ба асоси онҳо хатсайрҳои азими байналхалқӣ бо нуқтаҳои такявӣ дар шаҳрҳои калидӣ ва майдонҳо барои ҳамкорӣ дар минтакаҳои истеҳсолии муҳими тиҷоративу иҷтисодӣ, меистанд. Дар баҳр хатсайрҳои нақлиётии бехатар, беист ва босамар, бо нуқтаҳои умда ва муҳим дар бандарҳои мухталиф, сохта мешавад. Долонҳои иқтисодии “Чин-Покистон” ва “Бангладеш-Чин-Ҳиндустон-Мянма” бо пешбарии ташаббуси “Як камарбанд ва як роҳ” алоқамандии зич доранд. Бояд ҳамкорӣ миёни онҳоро рушду равнақ дод ва самараи зиёд ба даст овард.

Калидвожаҳо: Як камарбанд – як роҳ, ташаббуси Чин, сиёсати хориҷӣ, шоҳроҳи баҳрӣ, шоҳроҳи абрешим, сохтор, ҳамкорӣ, амсилаҳо.

ОСНОВНЫЕ ПУТИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЯСА ШЕЛКОВОГО ПУТИ

Основные маршруты XXI века простираются от китайских морских портов через Южно-Китайское море до Индийского океана и затем в Европу, а также из китайских портов через Южно-Китайское море к южной части Тихого океана. На основных направлениях «Один пояс и один путь» будут построены континентальный мост между Европой и Азией, международные коридоры экономического сотрудничества «Китай-Монголия-Россия», «Китай-Центральная Азия-Западная Азия» и «Китай- Индуистский (Китай) ».

Они базируются на основных международных маршрутах с базами в ключевых городах и районах сотрудничества в ключевых коммерческих и экономических областях. На море строятся безопасные, бесперебойные и эффективные транспортные маршруты с ключевыми и важными точками в различных портах. Экономический коридор Китай-Пакистан и экономический коридор Бангладеш-Китай-Индия-Мьянма тесно связаны с продвижением инициативы «Один пояс, один путь». Между ними необходимо развивать сотрудничество и добиваться больших результатов.

Ключевые слова: один пояс - один путь, инициатива Китая, внешняя политика, морской шелковый путь, шелковый путь, структура, сотрудничество.

MAIN ROADS OF THE SILK ROAD ECONOMIC BELT

Major 21st century routes stretch from Chinese seaports across the South China Sea to the Indian Ocean and then to Europe, and from Chinese ports across the South China Sea to the South Pacific. A continental bridge between Europe and Asia, international corridors of economic cooperation “China-Mongolia-Russia”, “China-Central Asia-Western Asia” and “China-Hindu (China)” will be built on the main directions "One Belt and One Road". They are based on major international routes with bases in key cities and areas of cooperation in key commercial and economic areas. Safe, uninterrupted and efficient transport routes with key and important points in various ports are being built on the sea. The China-Pakistan Economic Corridor and the Bangladesh-China-India-Myanmar Economic Corridor are closely linked to the promotion of the Belt and Road Initiative. It is necessary to develop cooperation between them and achieve great results.

Keywords: one belt - one road, China's initiative, foreign policy, maritime silk road, silk road, structure, cooperation.

Сведения об авторе: ***Малика Нарзуллозода*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета международных отношений.

Information about the author: ***Malika Narzullozoda*** – Tajik National University, second year master's student of the Faculty of International Relations,

CIVILIZATIONAL CONFLICT

Mukhtorov Akbar
Tajik National University

Special attention should be paid to the issue of the conflict of States and the clash of civilizations. It is believed that first of all, speaking about the problem of terrorism, it is necessary to turn to such a concept as civilization. It is important to emphasize the fact that this concept is inherently very broad, broader than the concept of the state. Therefore, for example, in one civilization, there may be several States, but there were cases, however, there were cases when in one state there were several civilizations: Yugoslavia and the USSR. However, in a situation where civilizations are within the same country, they are subject to the same system and have a single unified way of life and mentality, and these civilizations do not have legal personal armed forces. A characteristic feature of civilization, which is part of one state, is often the fact that there are cases when it does not experience and does not touch the cultural and spiritual closeness with civilizations from its own state, but quite easily feels such closeness with other civilizations, from other States. Due to the growing pace of globalization, the borders between the countries have gradually become blurred, a comprehensive global economy, progressive means of communication and transport have been created. Some civilizations have succeeded in many ways and have come forward [1]. It should be emphasized that it is certain special civilizations that maintain contacts and connections within themselves without taking into account state sovereign borders that are the product of globalization. Moreover, based on this judgment, it is safe to consider the problem of terrorism in the context of conflicts (clashes) between civilizations, less between individual States**.** Civilization in its modern form, perhaps, is not a unique brainchild of globalization. Globalization has given birth to an equally beloved child - TNCs (transnational corporations), but TNCs, in turn, are fundamentally different from civilizations that grow on the religious factor. TNCs must, in fact, be subject to international law arising from that law-international treaties and agreements, as well as the laws of the home country. Civilizations based on the religious factor are subject to religious dogmas. Civilization is much larger than a nation-state. But it is clear to cut off and say that civilization is a system; because in essence civilizations are not structured and clearly organized, and therefore do not have a governing body. The fact that civilization exists within the religious community, and developing

Международные переговоры – это особенно интересный процесс, в ходе которого можно рассмотреть влияние НПО/ЭНПО, так как они в основном представляют определенные государства. Как заявляют члены ООН, страны имеют формальную власть в принятии решений во время международных переговоров. [см. там же, с. 9] Они устанавливают правила, согласно которым природа такого участия выражается, например, через формальное вмешательство или непосредственное привлечение к обсуждению законодательного органа). В конечном счете это заявление носит характер голосования относительно принятия конкретного решения. Таким образом, результаты влияния НПО на международные экологические переговоры представляют собой интересную эмпирическую загадку, сопряженную с высокой степенью непредсказуемости. Таким образом, в данном разделе нашей дипломной работы мы охватили анализом сущность НПО, принимающих активное участие в международных переговорах с целью оказания на них определенного влияния. Многие НПО присутствуют на переговорах, чтобы использовать в своих интересах возможности общения с другими НПО и установления контактов с ними через Интернет. При этом развитие таких сетей может иметь существенные последствия для глобальной экологической политики. [см. там же, с. 13] Кроме того, НПО могут влиять на процесс переговоров во время формальных межсессионных мероприятий через свои внутренние каналы или с помощью более неофициальных мер. Поэтому при оценке влияния дипломатов НПО/ЭНПО на международные переговоры мы считаем полезным дальнейшее исследование их деятельности, имеющей отношение к многосторонним переговорам, а не только той деятельности, которая осуществляется во время официальных двухнедельных сессий. На политической арене международных переговоров динамика формируется на базе фактов, которые имеют место быть на разных уровнях, включая внутренний уровень НПО. [см. там же, с. 12]. По данным общественно-социологических организаций в Таджикистане первые организации по охране окружающей среды появились во второй половине 20-го века. В период “развитого социализма” проблемы окружающей среды в политической повестке дня не были актуальными. После того как экологические проблемы приобрели актуальность, появились первые структурированные организации данного направления, которые в начальный период дублировали деятельность государственных органов, но тем не менее экологические проблемы не находили своего практического разрешения. Как отмечает ученый Аманбаев А.С., «Несмотря

на демократический подъем 1985–91 гг., в тот период государство было единственным собственником природных ресурсов общества и контролером их “рационального” использования. Так как, в данной работе, рассматривается вопрос появления многочисленных экологических неправительственных организаций (ЭНПО) после распада Советского Союза, то является необходимым обосновать их появление. Теория пост колониализма используется для рассмотрения вопроса о выраженной национальной идентичности среди постсоветских республик как результат подавления национальной идентичности и религии в советское время, что согласуется с терминологией «двойной ассимиляции». [8, с. 201–205] Соответственно, экологические и другие социальные движения в этот период только начали бороться за право политического голоса, за право быть субъектом действия на национальной политической арене. В странах Центральной Азии наиболее активными экологическими движениями являлись «Невада-Семипалатинск» международное антиядерное движение, движение «Улытау», и общественное движение «Нарын» в Казахстане. В случае Таджикистана это имело форму смешения религиозных и националистических движений против бывшей советской власти. Такие движения, как Невада-Семипалатинск в Казахстане, Бирлик в Узбекистане и популяризация «Манкурта» Чингиза Айтматова в Кыргызстане, появление подобных движений и партий подтверждают теорию пост колониализма. [9, с. 4–5]. Тем не менее сконструированные идентичности государств могут меняться со временем, тем самым трансформируя природу международной системы. Данная работа одобряет предположение Сибрука о том, что временной разрыв варьируется от идей в определённом периоде времени, в данном случае, с одной стороны это Советский союз в качестве наднационального образования, подавляющего национальную идентичность, с другой стороны это международные неправительственные экологические организации, которые появились, после распада СССР, подтверждает данную концепцию. Таким образом, идеи, к которым придерживаются страны, являются основными движущими силами институциональных изменений в международной среде. Вышеприведённое обсуждение также показывает, что государства в рамках конструктивизма должны придерживаться международного права во время споров, а не временных норм и ценностей, которые актуальны в тот или иной период времени. Аналогичным образом, парадигма конструктивизма обеспечивает достаточную основу для анализа национализма как «социально сконструированного» вопроса. [10, с. 717–720] Попытка советского руководства трансформировать характер кочевого образа жизни людей, например в Кыргызстане, к вынужденному переходу на оседлый и сельскохозяйственный образ жизни, привел к многочисленным конфликтам в Исфаринском и Баткенском районах. [11, с. 9] В данных районах нехватка ресурсов, является одной из причин конфликтов среди населения. Исходя из теорий международных отношений А.Мурзакулова в своем исследовании опирается на аргументы двух основных школ, которые определяют роль природных ресурсов в качестве основной движущей силы в конфликтах между сообществами или группами населения. Ссылаясь на теоретическую основу школы Мальтузианства, она объясняет, что демографическое давление на землю с ростом уровня бедности, деградацией окружающей среды наряду с несправедливым управлением или распределением средств правовой защиты приводит к росту напряженности. [12, с. 8–9] Но эскалация конфликтов также может происходить на территориях с обилием природных ресурсов. Однако другой подход, примененный Мурзакуловой, предполагает, что конфликт из-за возобновляемого вида ресурса, как вода, не может привести к большим столкновениям. [см. там же, с. 9–10] Несмотря на это к концу 1980-х гг. ни одна неправительственная организация (в том числе и экологическая) не могла в полной мере считаться легитимной. Тем не менее, в этих условиях форма экологических организаций была единственной возможностью выражения социального и политического протеста. В арсенале общественных экологических организаций имелись различные формы деятельности, свидетельствующие об их гибкой приспособляемости к разным условиям. Они не ограничивались только узкими требованиями охраны природы, а стремились расширить рамки своего влияния на формирование позитивной экологической политики, действуя через средства массовой информации, экологические форумы, конференции. В отдельных случаях экологические НПО прибегали к помощи международных организаций. [13, с. 2–5] Так, например, международное антиядерное движение «Невада-Семипалатинск» одним из первых

общественных антиядерных движений установив международные связи, добилось реальных результатов. Помимо закрытия ядерных полигонов в 1991 году Правительство Казахстана в соответствии с решением 53 сессии Генеральной Ассамблеи ООН приняло Программу реабилитации Семипалатинского региона, пострадавшего от ядерных испытаний. [см. там же, с. 4] Наиболее значимые ратифицированными международными конвенциями для стран Центральной Азии являлись Киотский протокол (по борьбе с глобальным потеплением климата) август 1998 г., Орхусская Конвенция (по расширению экологических прав общественности) октябрь 2000 г. Помимо огромного вклада в разработку и принятие природоохранного законодательства, в процессе децентрализации государственной экологической политики, в решении актуальных экологических проблем экологические движения сыграли важную роль в экологическом образовании и воспитании, в формировании гражданского общества. Продолжая более широкое раскрытие темы, автор приводит следующие сведения: «В условиях обострения экологического кризиса в конце XX века, все большее значение приобретают экологическое образование и воспитание». [см. там же] Проблема охраны окружающей среды была включена в повестку дня мировой политики более 30 лет назад на конференции ООН в Стокгольме, где была учреждена UNEP – программа ООН по окружающей среде. Как отмечено в решении XI-ой сессии Межгосударственного экологического совета стран СНГ, «экологическое образование предназначено развить и закрепить более совершенные стереотипы поведения людей». [см. там же, с. 7] Особую роль играют НПО как ресурсные центры экологического образования. Многие из них имеют связь с международными программами, творчески подходят к разработке своих собственных программ и печатных изданий. НПО разрабатывают учебные пособия и учебники для дошкольных и школьных учебных заведений, активно проводят экологические акции, семинары, конференции, встречи, активно обмениваются опытом [14, с. 1–15]. Отметим, что непосредственное участие в программах международных организаций (ПРООН, ГЭФ, ЮНЕСКО, ОБСЕ, и т. д.) позволяет экологическим НПО (ЭНПО) Таджикистана творчески подходить в разработке своих эколог просветительских и образовательных программ и изданию научно-практической литературы. [см.13, с. 15] Данные инициативы в совокупности направлены на создание новой стратегии для человечества и обеспечение достойной жизни для жителей планеты. Республика Таджикистан является автором четырех крупных инициатив, которые должны быть реализованы на глобальном уровне:

- Международный год чистой воды, 2003;
- Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005–2015 гг.;
- Международный год водного сотрудничества, 2013. Благодаря инициативе Таджикистана об объявлении 2013 года – Международным годом водного сотрудничества, понятие водной дипломатии было поднято на более действенный уровень;
- Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018–2028 годы»;

В Республике Таджикистан в 2012 году насчитывалось 27 партнёрских организаций по развитию, которые занимались проблемами окружающей среды. Но тем не менее, по мнению авторов работ по экологии не приоритетное отношение к окружающей среде сохраняется в связи с, «историческим наследием Республики Таджикистана, где административно-командный тип организации экономики становятся почвой кризиса в окружающей среде формируя облик экологического триединства: идеология покорения природы; работника особого «антиэкологического» типа, для которого характерно отчуждение от природы и потребительское к ней отношение; стратегии экономического развития, ориентированной на экстенсивный рост со все большим некомпенсируемым изъятием природных богатств». [17, с. 156–161]

ЛИТЕРАТУРА

1. Электронная газета. «Nobel laureates sign letter blasting Greenpeace over GMOs»/ Режим доступа: https://www.sciencealert.com/107-nobel-laureates-just-signed-a-letter-slamming-greenpeace-about-gmos / 26/07/2016 (дата обращения 21/12/2020) // [Электронный ресурс]
2. Электронная газета. Медиа атака на Гринпис: в эфире пропагандисты/ Режим доступа: https://baikal24.ru/text/07-10-2013/putinskij/ (дата обращения 20/01/2021) / [Электронный ресурс]

3. Электронная газета. WWF призывает защитить Арктику от нефтяной катастрофы/ Режим доступа: https://wwf.ru/resources/news/arkhiv/wwf-prizyvaet-zashchitit-arktiku-ot-neftyanoy-katastrofy/ 30/08/2011/ (дата обращения: 20/01/2021) / [Электронный ресурс]
4. Электронная газета. «Роснефть» и ExxonMobil подписали соглашение о сотрудничестве Режим доступа: https://www.rbc.ru/economics/30/08/2011/5703eb789a79477633d37289/ 30/08/2011/ (дата обращения: 20/01/2021) / [Электронный ресурс]
5. Электронная газета. Роснефть и BP договорились о сотрудничестве на шельфе в России Режим доступа: https://www.rbc.ru/economics/14/01/2011/5703e24d9a79473c0df1918030/08/2011/ (дата обращения: 20/01/2021) / [Электронный ресурс]
6. Kellow, A. (2000). Norms, interests, and environment NGOs: The limits of cosmopolitanism. Environmental Politics, 9(3), 1–22.
7. Betsill M. M., Corell E. Introduction to NGO diplomacy //NGO diplomacy: The influence of nongovernmental organizations in international environmental negotiations. – 2008. – С. 1-18.
8. Hirsch, "Toward an Empire of Nations: Border-Making and the Formation of Soviet National Identities," 201-205.
9. Adams, "Can we apply postcolonial theory to Central Eurasia?", 4-5
10. Goode, JP & Stroup, DR 2015, 'Everyday Nationalism: Constructivism for the Masses', Social Science Quarterly, vol. 96, no. 3, 717-720.
11. Toktomushev, Kemel, “Promoting Social Cohesion and Conflict Mitigation: Understanding Conflict in the Cross-Border Areas of Kyrgyzstan and Tajikistan”, University of Central Asia, Institute of Public Policy and Administration, Working Paper No. 40, 2017, 9.
12. Asel Murzakulova, "CONTEXTUAL FACTORS OF CONFLICT IN BORDER COMMUNITIES IN BATKEN PROVINCE, KYRGYZSTAN.", University of Central Asia, Mountain Societies Research Institute, Research Report, (October 2017): 8-9.
13. Нурмухаметова Э.Ф. Международный экологический правопорядок и экологические права человека. -М.2004 г.
14. Диссертация. *Абдуллоева, Шаходат Бахриевна.*Экономика и управление народным хозяйством. ТНУ. Душанбе.2017
15. Норжигитов Р.О. Причины возникновения экологического кризиса и его особенности в Республике Таджикистан. Вестник ЧГПУ им. И. Я. Яковлева. 2013. № 1 (77). Ч. 1/ С.156-161.

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ОРГАНИЗАЦИИ, УЧАСТИЕ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРОЦЕССАХ И ПРИЧИНЫ ИХ ПОЯВЛЕНИЯ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье проведён предварительный анализ международных экологических организаций, их влияния и участия в международной политике, а также причины их появления в странах Центральной Азии. В статье также рассмотрены позиции основных международных экологических организаций, включивших в свою деятельность природоохранные мероприятия. Отдельное внимание в статье уделено обзору роли, влияния и участия экологических/неправительственных организаций в процессе международных переговоров и способов продвижения их интересов. Принимая во внимание, что Э/НПО на данный момент достаточно много, автором статьи рассмотрены основные организации в этой области.

Ключевые слова: международные экологические организации, Центральная Азия, международная политика, переговорные процессы, сотрудничество, теория международных отношений, окружающая среда.

ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЭКОЛОГӢ, ИШТИРОК ДАР РАВАНДҲОИ БАЙНАЛМИЛАӢ ВА САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ОНҲО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили ташкилотҳои байналмилалии экологӣ, таъсир ва иштироки онҳо дар сиёсати байналмилалӣ, инчунин сабабҳои пайдоиши онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола инчунин сухан дар бораи ташкилотҳои асосии байналмилалии экологӣ, ки дар фаъолияти худ тадбирҳои ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд, мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор дода шудааст. Инчунин ба баррасии нақш, таъсир ва иштироки ташкилотҳои экологӣ/ғайридавлатӣ дар раванди гуфтушунидҳои байналмилалӣ ва роҳҳои пешбурди манфиатҳои онҳо диққати махсус дода шудааст. Дар кори мазкур сабабҳои пайдоиши ташкилотҳои байналмилалии экологӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ таҳқиқ шудааст. Дар мақола инчунин дар бораи ташкилотҳои асосии байналмилалии экологӣ сухан меравад, ки дар фаъолияти худ тадбирҳои ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд. Бо дарназардошти он, ки айни замон чунин ташкилотҳо бисёранд, муаллифи мақола ташкилотҳои асосии ин соҳаро дида баромад.

Калидвожаҳо: ташкилотҳои байналмилалии экологӣ, Осиёи Марказӣ, сиёсати байналмилалӣ, равандҳои гуфтушунидҳо, ҳамкорӣ, назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, муҳити зист.

INTERNATIONAL ENVIRONMENTAL ORGANIZATIONS, PARTICIPATION IN INTERNATIONAL PROCESSES AND REASONS FOR THEIR APPEARANCE IN CENTRAL ASIA

This article provides a preliminary analysis of international environmental organizations, their influence and participation in international politics, as well as the reasons for their appearance in the countries of Central Asia. This article also examines the positions of the main international environmental organizations that have included environmental protection measures in their activities. Special attention is paid to the review of the role, influence, and participation of environmental/non-governmental organizations in the process of international negotiations and ways to promote their

interests. Considering that there are a lot of E / NGOs at the moment, the author of the article considers the main organizations in this area.

Keywords: international environmental organizations, Central Asia, international politics, negotiation processes, cooperation, theory of international relations, environment.

Сведения об авторе: ***Раджабов Диловар Акбарджонович*** **–** магистр 2 курса Национальной Академии Наук Республики Таджикистан **/ E-mail:** rajabov_d@bk.ru **/ Phone: +992 93 321 84 94**

Information about the author: ***Rajabov Dilovar Akbarjonovich*** – second-year master`s student of National Academy of Science of Tajikistan. **E-mail:** rajabov_d@bk.ru **/ Phone: +992 93 321 84 94**

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НОМАТЛУБИ АСР

Собиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

"...Мумкин аст дар бораи ҷанги ҷаҳони сухан гуфт, вале фақат на дар бораи ҷанги саввуми ҷаҳон, балки дар хусуси ҷанги чорум ва ҷанги ягонаи доманадори ҷаҳонӣ мебояд сухан гуфт, ки дар ҷараёни глобализатсия зоҳир гаштааст. Ҷанги якуми ҷаҳон афзалиятҳои Аврупоро нуқта гузошта, давраи мустамликадориро хотима бахшид. Ҷанги дуюми Ҷаҳон-миллатгароиро нуқта гузошт. Ҷанги саввуми Ҷаҳон –, ки дар шакли ҷанги сард ва боздорӣ сурат гирифта буд, ба идеологияи камунизм нуқта гузошт. Ҷанги чоруми Ҷаҳон-имрӯз ба сифати падидаи номатлуби терроризм ва экстримизм дар саросари ҷаҳон по барҷост".

Жан Бодрийяр- "Руҳияи терроризм"

Воқеан баъд аз Ҷанги Сард ва оғози асри XX1 дар баробари раванди бошиддати ҷаҳонишавӣ ҳамчунин зуҳури таҳдидҳои ғайрианъанавӣ барои амнияти байналхалқӣ хеле нигаронкунанда гашт. Дар ин радиф терроризм ва экстремизм беҳтар хатарноктар арзёбӣ мегардад. Терроризм ҳамчун яке аз зуҳуроти зишттарини ҷомеаи инсонӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Албатта, қабл аз оне,ки ба масъалаҳои таърихию маншаъгирӣ ва зуҳуроту таҳаввулоти терроризму экстремизм мепардозем, мебояд дар атрофи мафҳуми худи терроризм ва ва дигар навъи падидаҳои эксремизм сухан гуфт. Аслан худи мафҳуми терроризм аз забони лотинӣ (terror – даҳшат, ҳарос) гирифта шуда, маънои муосираш дар охирҳои асри XVIII ҳангоми Инқилоби Бузурги Фаронса (1789-1794) истифода шудааст. Аввалин бор истилоҳи терроризм дар «Конвенсияи оид ба пешгирӣ ва ҷазо додани амалҳои терроризм» соли 1937 аз тарафи Лигаи миллатҳо пешниҳод гардид. Дар ин ҳуҷҷат гуфта шуда буд, ки амалҳои террористӣ «аъмоли ҷиноятқоронае эътироф мегарданд, ки ба муқобили давлати дигар ва ё аҳолии ин ё он давлат барои эҷоди тарсу даҳшат дар миёни шахсони алоҳида, гурӯҳи шахсон ва ё аҳолӣ амалӣ мегарданд».

Тибқи илми этимология ибораи терроризм аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноиш "тарс", "таҳлука", "воҳима" ва "даҳшат" буда, он аз ҷониби ташкилотҳо, гуруҳҳо ва ё шахсони алоҳида барои ба ҳадафҳояшон расидан амалӣ карда мешавад. Умуман, маҳфуми терроризм ва экстремизм бисёр васеъ мекунад ва дар рисолаҳои илмии таҳлилгарон, олимон ва сиёсатмадорон шумораи он қариб ба 100 мерасад. Ҳуқуқшиноси машҳури рус Л.А.Моджорян мегӯяд: **Терроризм** — сиёсате, ки дар асоси истифода бурдани террор бо таври банақшагирӣ амалӣ мегардад. Ё як навъ сиёсат, идеология ва амали иборат аз таҳдид, фишороварӣ, зурӣ нисбати шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият, институтҳои ҳокимиятӣ, давлат ва низоми идоракунии он буда, баҳри расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иделогӣ, геополитикӣ ва имкониятҳои гуногуни таҳрезишуда равона

гардидааст. Терроризм яке аз шаклҳои манфуртарини экстремизми сиёсист. Мафҳуми экстремизм бошад, аз забони франсузӣ (extremism) ва аз лотинӣ (extremus) гирифта шуда, маънои канора ё зиёдаравиро дорад. Экстремизм дар пояи пайравӣ ё эътиқод ба ҳиссиёт, амал, стратегия ё муносибат ба чизеву касе сар зада, ҳолату вазъияти махсуси зоҳиршавиро дорад. *Терроризм аз рӯи хусусияташ гуногунҷабҳа буда, дар давраи ҳозира шаклу намуди зеринро дорост:*

-таркиш, оташ задан, вайрону валангор кардани объектҳои махсусан муҳим, манзилгоҳҳо;

-куштор ва қасдан расонидани зарар ба саломатии шахсони алоҳида;

- рабудани одамон ва ба гаравгон гирифтан;

- таҳдиди куштан ва нобуд кардан, нисбати ходимони давлатӣ ва сиёсӣ;

- ташвиқоти терроризм;

- созмон додани ташкилотҳои террористӣ;

-кӯмак кардан ба ташкилотҳои террористӣ.

Албатта, таърихи пайдоиш ва ташакули терроризм ва экстремизм хеле қадим буда, фақат мазмунан чунин падидаҳо ва ё амалиётҳои хислати экстремистидошта рух медод. Дар байни ҳамаи ҷангу низоъҳо ва бадбиниву нооромиҳои давраҳои таърихӣ падидаи аз рӯи миқёс бесарҳадона, аз рӯи шакл таҷовузомезу хашмгинона ва аз рӯи хислат хавфноку харобиовар-терроризм ба ҳисоб мерафт, ки таърихи ҳазор сола дошта, дар шакли интиқомгирӣ, суиқасданҷомдиҳӣ, куштори фармоишӣ ё нест кардани шоҳону вазирон, сарватмандону ашрофзодагон сурат мегирифт. Дар давраҳои пеш гарчаде ки мафҳуми терроризм набуд, вале нишонаву амалҳои террористиро чи аз тарафи давлат ва чи аз тарафи шахсони алоҳида анҷом медоданд. Мисол: таҷовузу инквизитсия, генотсид, ҳукми қатл ва дигар муҷозотҳои қатъии ҳокимияти шоҳие, ки муқаррар мегардид. Гарчанде ки террору терроризм чуноне дар боло ишора рафт ҳанӯз аз замонҳои қадим вуҷуд дошт, аммо аз давраи Инқилоби бузурги Фаронса (1789-1794) ин мафҳумҳо дар фарҳанги муборизаи сиёсӣ пурра қабул шуданд. Яъне, терроризм ба маънои муосир асосан дар Фаронса пайдо гашт ва паҳну ташаккул ёфт. Дар он замон жирондистҳо ва якобинчиён соли 1792 бо мақсади маҷбур кардани шоҳ барои иваз кардани вазирони кӯҳна бо вазирони нав, аз ҷумлаи роҳбарони созмонҳои чапи радикалӣ, муттаҳид шуданд. Маҳз ҳамон вақт ходимони инқилоб эълон карданд, ки **«Бигузор террор масъалаи рӯз гардад».** Дар натиҷа аз рӯи ҳисобҳои тахминии таърихнигори амрикоӣ Д. Грир дар он замон 35-40 ҳазор кас қурбони террори якобинчиён гардиданд. Ба ин рақам талафоти ҷанги шаҳрвандӣ дар департаментҳои шимолу ғарбӣ дохил намешаванд. Сабаби дуюми инкишофи омили терроризм дар низоми сиёсати ҷаҳонӣ ин авҷ гирифтани худшиносии миллӣ ва миллатгароии радикалӣ мебошад. Ҳудуди Аврупо, ки солҳои зиёд аз ҷониби Рим ва пас аз он аз ҷониби империяҳои дигари ҷаҳонӣ идора мешуд, дар асри асри ХХ қариб 500 халқият дар он зиндагӣ мекарданд ва дар замони созмон ёфтани давлатҳои миллӣ авҷ гирифтани низоъ ногузир буд. Маҳз амали террористӣ-куштори шоҳзодаи Австро-Венгрия Франс Фердинанд 28 июни соли 1914 аз ҷониби аъзои созмони махфии сербҳо “Млада Босна” омили сар задани ҷанги якуми ҷаҳон гардид, ки дар тахрихи башарият нахустин ҷанги фалокатбори ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Аслан, таҳаввули терроризмро ба панҷ давра ҷудо намудан мумкин аст, ки бо ҳаводису низоъҳо ва нооромиҳову бесарусомониҳо ҳамқадам буданд.(ниг.ба ҷадвал):

Аз давраи антиқи то солҳои 40-уми асри XIX	***Аз солҳои 40-уми асри XIX то солҳои 20-уми асри XX***	***Аввали солҳои 20 ва охири солҳои 50-уми асри XX***	***Аввалҳои солҳои 60 ва охирҳои солҳои 80-уми асри XX***	***Аз солҳои 90-уми асри XX то кунун***

Асосҳои терроризм гузошта шуд, аввалин ҷамъиятҳои муташаккилона таъсис ёфтанд,ки усулҳои ҷанги террористиро истифода мебурданд	Асосҳои усул ва намудҳои фаъолияти террористӣ кор карда бароварда шуданд, базаи назариявӣ сохта шуд,намунаҳои стратегия ва тактика таъсис ёфтанд	Терроризм омили ҳаёти сиёсӣ мегардад Тадриҷан гузариши намудҳои индивидуалии терроризм ба оммавӣ Усулҳои нав ба вуҷуд меоянд	Ташкилёбии гурӯҳҳои бузурги террористи, гуногунмиллигар донии онҳо, афзоиши маҳорат ва бераҳмӣ. Табдили терроризм ба омили ҷаҳонии сиёсати байналхалқӣ	Гузариши терроризм аз омили ҷаҳонии сиёсати байналхалқӣ ба проблемаи ҷаҳони муосир

Дар Амрико террористон президенти ИМА Мак-Кинли ва Гарфилдро, дар соли 1894 президенти Фаронсаро, император-хонуми Австро-Венгрия Елизавета соли 1897 сарвазири Испания Кановасро, соли 1898, соли 1900 шоҳи Итолиё Умберто суиқасд карда, террор намуданд. Дар солҳои 30-40-уми асри XX терроризм барои мусаллаҳшавӣ ташкилоти экстремистии равияи ростро гирифт: “Бародарони мусалмон”, “Ҷавонони Миср”. Ҳатто дар Ҳиндустон бовуҷуди инкори таҷовузи тамаддунӣ, ногаҳон гурӯҳи террористии Бхагат Синхс маъруфиат пайдо кард. Аллакай дар солҳои 60-70-уми асри 20 ҳаракатҳои террористӣ зуд фаъол шуданд. Ин солҳо воқеъаҳои муҳими таърихи терроризм ба ҳисоб мераванд. Ба таври рамзӣ воқеъаҳои даҳшатовари террористи, махсусан дар вақти муттаҳидшавии олии инсоният ба вуқуъ пайвастааст, хусусан, дар вақти гузаронидани бозиҳои Олимпӣ. Шиддати воқеъаҳои террористи дар Мюнхен сарзад,ки онҷо бозиҳои олимпии соли 1972 баргузор мегардид. 5-уми сентябри соли 1972 ҷиноятторони гурӯҳи террористии “Сентябри Сиёҳ” варзишгарони Исроилро гаравгон гирифтанд. Дар натиҷаи ҳамлаи қатъи варзишгарон, террористҳо ва кормандони полис ба ҳалокат расиданд. Террористон одамонро медузданд, дар ҷойҳои таҷаммӯи мардум бомба метарконанд, ба куштори шахсиятҳои олирутбаи давлатӣ ва ҳизбӣ даст мезананд, ки мисолхои зерин баёнгари ин гуфтаҳоянд:

-Аз дасти террористони сикх 31-уми октябри соли 1984 сарвазири Ҳиндустон-Индира Ганди ба қатл расид.

-Солҳои 1990-1993 созмони террористии «Созмони озодибахши Тамил Илама» дар Шри-Ланка қатли якчанд шахсияти сиёсӣ, аз ҷумла сарвазири Ҳиндустон – Раҷив Ганди (1991), президенти Шри –Ланка – Ранасингх Премадс (1993) ва дигар ходимони баландрутбаи низомию давлатиро ба иҷро расонид.

-9 – уми сентябри соли 2001 фармондеҳи номдори муборизаи зидди Артиши шӯрави дар Афғонистон – Аҳмадшоҳ Масъуд аз тараф ду нафар террористи араб ба қатл расид. Ин воқеъа натанҳо назму низом ва стратегияву ҳадафҳои кишварҳоро, махсусан давлатҳои Ғарбро тағйир дод, балки дар таърихи терроризм саҳифа ё худ марҳилаи навро боз намуд, ки метавонд ин давраву марҳиларо нуқтаи кулминатсионии терроризм ном бурд. Зеро минбаъд дар саро сари дунё амалиётҳои террористӣ ва дигар навъҳои терроризм бо суръат инкишоф ёфт. Танҳо дар соли 2005 дар ҷаҳон 11111 амалиёти террористӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар асари он 24.7 ҳазор инсонҳо маҷрӯҳ, 24.7 ҳазор рабуда, 16.6 ҳазор кушта шудаанд. Тахминан 30%-и ҳамаи ин ҳодисаҳо ва 55%-и натиҷаи ин нишондод ба Ироқ марбут аст.

Ин мафҳуму ин амал маъмултар шуда инкишоф ёфтааст. Сиёсатмадорон чаҳор мавҷи глобалии терроризми давраи нав ва навтаринро ҷудо менамоянд:

1. Ин мавҷи панҳшаванда алоқамандӣ дорад ба солҳои 1880 дар сарзаминҳои Росия, Аврупо ва баъдан Амрикои Шимоли ҳамчун таҳаввулоти идеологӣ (баъзе вақт таҳти унвони анархизм муттаҳид мешуданд);

2. Алоқамандӣ дорад ба антиколониализмии (зиддимустамликадорӣ), ҳаракати озодибахши миллии асри XX;

3. Алоқамандӣ дорад ба фаъолияти “чапҳои ҷаддид”(новых левых), ки ба солҳои 1970 рост меояд;

4. Мавҷи ниҳоӣ алоқамандӣ дорад ба ҷаҳонишавӣ, ки саршавияш аз солҳои 1970 шуруъ шуда, то ҳол давом ёфта истодааст (аз он ҷумла терроризми муосири динӣ).

Дар охири ин қисмати кор бояд қайд кард, ки терроризм дар тули таърихи худ бо чандин инқилобу низоъҳо ва ҳатто ду ҷанги ҷаҳонию як ҷанги идеологии ҷаҳон ру ба ру гаштааст. Акунун дар давраи муосир терроризм ҳамқадами зуҳуроту тамоюлотҳои нав буда,аз тарафи дигар мафҳумҳои нави терроризм аз қабили экстремизм, сепаратизм, радикализм ва ғайраҳо гирди забони ҷомеаи ҷаҳон давр мезананд. Аз ҷониби дигар, истифодабарии яроқи ҳастаӣ дар ҷанг, худ аз худ мафҳуми ғолибиятро аз байн мебарад. Бинобар ин ба ақидаи якчанд муҳаққиқони ҷаҳон кайҳост, ки дар ҳоли ҷанг қарор дорад ва ин ҷангро барандааш терроризм мебошад. Соли 1947 Сталин эълон дошта буд,ки ҷанги минбаъда – ҷанг баҳри захираҳо хоҳад буд. Баъдан Черчил низ арз дошт, ки ҷанги ояндаро на давлатхо, балки террористон мебаранд. Ҳолати ба вуҷудомадаи солҳои охир ба таври пурра воқеият пайдо намудани ин андешаро исбот намуд. Воқеан, тамоми минтақаҳо аз ташаккули ин падидаи номатлуби аср нигарон ҳастанд ва махсусан минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

АДАБИЁТ

1. Афганистан, ШОС, безопасность и геополитика Центральной Евразии : отчет о работе международ. конф. Иссык-Куль, 10–12 июня 2008 г. Бишкек, 2008.
2. Князев А. А. Американский тупик в Афганистане, ШОС и значение стран-наблюдателей: поиск новых парадигм // ШОС как фактор интеграции Центральной Евразии: потенциал стран-наблюдателей и стран-соседей : материалы междунар. конф. М., 2009
3. Коргун В. Г. Афганистан и проблемы интеграции Центральной Азии // Россия и Центральная Азия в условиях геополитической трансформации: внешнеполитическое измерение : материалы междунар. конф. Душанбе, 2007. С. 47.
4. Майтдинова Г. М. Модели интеграции государств Центральной Азии: за и против // Проекты сотрудничества и интеграции для Центральной Азии. Сравнительный анализ, возможности и перспективы : материалы междунар. конф. Бишкек, 2007. С. 124.
5. Майтдинова Г. М. Геополитические концепции «Новый Средний Восток» и «Большая Центральная Азия»: анализ, возможности, механизмы // Проблема безопасности государств Среднего Востока в условиях мирового кризиса : материалы междунар. конф. Душанбе, 2009. С. 72–78.
6. Пластун В. Н. ШОС и перспективы восстановления безопасности в Центрально-Азиатском регионе // ШОС как фактор интеграции Центральной Евразии: потенциал стран-наблюдателей и стран-соседей. М., 2009. С. 84.
7. Путь к миру и согласию в Афганистане определяется позицией, которую займет Россия: проектно-аналит. докл. М., 2008.
8. Сабоун В. Афганистану нужен переговорный процесс // Афганистан, ШОС, безопасность и геополитика Центральной Евразии. Бишкек, 2008. С. 217–219.
9. Столповский О. А. Потенциал влияния Ирана на развитие ситуации в Афганистане // ШОС как фактор интеграции Центральной Евразии: потенциал стран-наблюдателей и стран-соседей. С.124.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НОМАТЛУБИ АСР

Воқеан, олами муосир бо ҳама пешрафту инкишофи зудҳаракат ва тағйиротҳои бемислаш аз падидаҳои манфиву канора ва таҳдидҳои харобиовар холӣ нест. Манфиатҷӯии давлатҳои абарқудрат, зиддияти байни акторҳои сиёсӣ ва муносибати ноодилонаи инсон ба табиат, боиси он гардидааст, ки дар олам ҳар гуна хатару ҳодисаҳои мураккаб пайдо шавад. Асри XXI-ро таҳдидҳои гуногуни ҷаҳонӣ пайгирӣ мекунанд. Олами муосир тарзе намудор мегардад, ки ҳар як фардро водор месозад, то оиди воқеияти ҷаҳонӣ андешае намояд. Бо вуҷуди он, ки олами имрӯза дар як зинаи баланди тараққиёт ҷой дошта бошад ҳам, дар баробари ин, хатару таҳдидҳои зиёде ҷой дорад, ки ҳар лаҳза метавонад хосияти манфии худро ба оламиён ошно гардонад ва диққати аҳли илмро ба худ равона созад.

ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЕ ТЕРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА КАК НЕЖЕЛАТЕЛЬНОЕ ЯВЛЕНИЕ ВЕКА

Фактический современый мир со всем его стремительным прогрессом и развитием беспрецедентные изменениям от негативных явлений и угрозы не застрахован. Интересы сверхдержав, противоречие между

ними политических акторов и несправедливое отношение человека к природе приводит к возникновению угрозы и опасности в мире.В современном XXI веке существует различные глобальные угрозы и проблемы что заставляет каждого человека задуматься об этом .Тем не менее не говоря о том что мир находится на высоком уровне развития прогресса и глобализации но и в свою очередь имеет место угрозы опасности что может привлечь общественость и привлечение внимание ученых мира.

THE HISTORY OF THE FORMATION OF TERRORISM AND EXTREMISM AS AN UNDESIRABLE PHENOMENON OF THE CENTURY

The actual modern world with all its rapid progress and development of unprecedented changes is not immune from negative phenomena and threats. The interests of the superpower countries, the contradiction between them of political actors and the people`s unfair attitude of man to nature, leads to the emergence of threat and danger in the world. In the modern XXI century, there are various global threats and problems that make everyone to think about it. Nevertheless, not to mention the fact that the world is at a high level of development of progress and globalization, but in turn there are threats of danger that can attract the public and attracting the attention of scientists of the world.

Сведения об авторе: ***Шифо Собиров*** **–** магистрант второго курса факультета международных отношений Таджикского национального университета. Телефон: **981 11 32 08**

Information about the author: ***Shifo Sobirov*** – second-year master`s student of Faculty of International relations of Tajik national University. Phone: **981 11 32 08**

ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

ЭЛИТА ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

Раҳимзода Д. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи афкори сиёсӣ масъалаҳои омӯзиши қишри идоракунандаи ҷомеа ҳодисаи нав набуда, ба ин масъала мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ диққати махсус зоҳир намудаанд. Ҳанӯз дар давраи таназзули сохтори қавмиву авлодӣ чунин нуқтаи назар пайдо гардида буд, ки мувофиқи он ҷомеа ба қисми болоӣ ва поёнӣ, аристократия ва одамони одӣ тақсим карда мешуд.

Афлотун гурӯҳи имтиёздори муҳими одамонро ҷудо намуда буд, ки тарзи идора кардани давлатро хуб медонистанд. Дар чунин ҳолат сухан оид ба файласуфон - аристократҳо меравад. Афлотун ба муқобили дастрасӣ доштани одамон аз қишрҳои поёнӣ ба идоракунии давлат, ба тамоми шаҳрвандон пешниҳод намудани ҳуқуқҳои якхела баромад намудааст. Ҳар як нафар бояд вазифаи худро иҷро намояд, далели иҷроиши вазифаҳои функсионалии як қишр аз ҷониби қишри дигар боиси бефайзӣ ва проблемаҳо дар давлат мегардад. Сарчашмаи тамоми бадбахтиҳо доштани хоҳиши зиёд нисбат ба ҳокимият аст. Чунин мешуморем, ки ин назари Афлотун имрӯз низ муҳим аст, зеро хоҳиши зиёд нисбат ба ҳокимият боиси пайдо гардидани проблемаҳои зиёд, ҳатто моҷароҳо дар ҷомеа мегардад. Лекин аз тарафи дигар, элитаро зарур аст, ки вазифаҳои функсионалии худро иҷро намуда, ҳамчун қувваи асосии рушду инкишофи ҷомеа баромад намояд.

Аз нуқтаи назари Арасту ҷомеа аз қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ –заминдорон, косибон, савдогарон, коргарони кироя, ҷанговарон иборат аст. Лекин танҳо ду «синфи» асосӣ – ҷанговарон ва мақомоти қонунгузор ба шаҳрвандият ҳуқуқ доранд. Дигар қишрҳои иҷтимоӣ наметавонанд шаҳрванд бошанд ва аз ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти сиёсӣ маҳрум гардидаанд. Ҷанговарон, ки дорои ҳокимияти қонунгузорӣ мебошанд, Арасту дар мақоми олӣ мегузорад ва онҳоро «рӯҳи» давлат меномад. Арасту чунин мешуморад, ки ба пуррагӣ аз байн бардоштани сохтори кӯҳна зарур нест, зеро метавон аз он ҷиҳатҳои хирадмандона ва пешқадамро ба сохтори навин иқтибос намуд. Дар баррасии шаклҳои идоракунии давлатӣ ду навъро ҷудо намудааст: демократия – ҳокимияти аксарият; олигархия – ҳокимияти аққалият. Нисбати ин навъҳо мулоҳизаронӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳеҷ як давлат наметавонад, ки ба демократия тоб оварад.

Ба ақидаи ӯ аксарият метавонад танҳо дар ҳамон ҳолат ба иштироки воқеӣ дар ҳокимият даъво намояд, ки дорои сатҳи зарурии маънавӣ ва зеҳнӣ бошад. Чунин мешуморем, ки нуқтаи назари Арасту нисбат ба гурӯҳи роҳбарикунанда ё худ элита ба шароити имрӯза низ мувофиқ аст. Ба ақидаи мо, дар ҳолати гузариши ҷомеа зарур аст, ки унсурҳои пешқадам ва адолатноки сохтори кӯҳна нигоҳ дошта шаванд. Шароити имрӯзаи фаъолияти элита дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки аксарияти унсурҳои сохтори шӯравӣ дар масъалаҳои идоракунӣ нигоҳ дошта шудааанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қолаби ташаккули элитаи сиёсии даврони шӯравӣ дар шароити имрӯзаи ҷомеаи тоҷик нигоҳ дошта шудааст. Арасту бар зидди ворид гардидани қишрҳои поёнӣ ба элита баромад менамуд, лекин ба ин нигоҳ накарда, пешниҳод намудааст, ки дар ҳолати доштани сатҳи баланди маънавӣ ва зеҳнӣ намояндагони қишрҳои поёнӣ низ метавонанд ба гӯрӯҳи роҳбарикунанда ворид шаванд. Қайд намудан зарур аст, ки мутафаккирони давраҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ назароти Афлотун ва Арастуро дар самти баррасии масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули элита инкишоф додаанд. Аз нуқтаи назари ҷустуҷӯи асосҳои консептуалии парадигмаҳои элитавӣ корҳои мутафаккирони барҷаста ба монанди Н.Макиавеллӣ, Ш.Монтеске, П.Голбах диққатҷалбкунанда мебошанд. Диққати асосиро нуқтаи назари Н. Макиавеллӣ оид ба нақши сарвар ва элита дар ҳаёти сиёсӣ ба худ ҷалб менамояд. Мувофиқи ақидаи ӯ инсон махлуқи фаъоли мустақил аст, ки сатҳи чунин мустақилӣ дар асоси мансаби ишғолнамудааш дар «иерархияи сиёсӣ» муайян карда мешавад. Мувофиқи ақидаи

Н.Макиавеллӣ ҳоким бояд чандир бошад, ки одамон ӯро дастгирӣ намоянд. Аз ин рӯ, ҳокимро зарур аст, ки дорои сифатҳои хуб буданашро ба омма нишон диҳад. Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти ақидаҳои Н.Макиавелли дар дарки мазмуну мундариҷаи элитаи сиёсии муосир нақши муайян доранд.

Ҳамин тавр, низоми ақидаҳо ва тасаввурот дар шакли назарияи элита дар сотсиология ва сиёсатшиносӣ дар асрҳои Х1Х-ХХ ташаккул ёфтааст. Тамоми назарияҳои элита ба он андеша равона карда мешаванд, ки дар ҳар як ҷомеа, дар ҳар як соҳаи фаъолият нисбатан қишри олии на он қадар бузург амал менамояд, ки аз болои дигарон ҳукмронӣ менамояд. Дар ташаккул ва инкишофи назарияи элитаи сиёсӣ саҳми Г.Моска, В.Парето ва Р.Михельс бузург аст. Яке аз аввалин мутафаккире, ки назарияи элитаро ташаккул додааст, Г. Моска ба ҳисоб меравад. Назарияи синфи ҳукмрон, ки аз тарафи Г.Моска пешниҳод карда шудааст, бо қоидаи маълум асос меёбад, ки «дар тамоми ҷомеаҳо, ҳатто дар ҳамон ҷомеаҳое, ки ба тамаддун ҳанӯз наздик нестанд ва ҷомеаҳои муосири дорои сатҳи баланди инкишоф ба таври ҳамешагӣ ду дастаи одамон ташаккул меёбанд, ки яке идора менамояд, гурӯҳи дигар бошад, идора карда мешавад». Г.Моска кӯшиш намудааст, ки зарурати тақсими ҳар як ҷомеаро дар асоси мавқеъ ва нақши иҷтимоӣ ба ду гурӯҳи нобаробар исбот намояд. Ӯ қайд менамояд, ки дар тамоми ҷомеаҳо ду синфи одамон мавҷуд аст: синфи идоракунандагон ва синфи идорашавандагон. Синфи идоракунанда нисбатан хурд буда, вазифаҳои сиёсиро ичро менамояд, ҳокимиятро монополия намуда, як қатор имтиёзҳоро истифода менамояд. Синфи идорашаванда бошад, аксариятро ташкил намуда, аз тарафи синфи якум идора ва танзим карда мешаванд, ба синфи якум воситаҳои дастгириро, ки барои қобилияти ҳаётии организми сиёсӣ зарур аст, пешниҳод менамояд. Синфи ҳукмрон дар ҳар як шакли идоракунӣ мавҷуд аст. Дар режимҳои истибдоди синфи ҳукмрон аз боло ҳамчун истибдодгар ташаккул меёбад, ки барои идора намудани давлат аз миёнаравон истифода менамояд. Дар ҷомеаҳои либераливу демократӣ синфи ҳукмрон аз поён, аз тарафи халқ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз ташаккул меёбад. Ба он нигоҳ накарда, ки синфи ҳукмрон аз аққалият иборат аст, бояд нисбат ба аксарият муташаккил бошад, аз ин рӯ синфи ҳукмрон гурӯҳи хеле пушида ва устувор ба ҳисоб меравад. Синфи ҳукмрон метавонад худро ҳамчун барандаи интихобгардидаи иродаи Худо, ки бо хислатҳои шоистаи ғайримуқаррарӣ фарқ мекунад, одамони содиқ нисбат ба асосҳо ва анъанаҳои ҷамъиятӣ, ё оне, ки аз сарварон сарчашма мегирад, пешниҳод намояд. Ба ақидаи мо, чунин хислатҳо дар якҷоягӣ боиси тафриқаи намояндагони синфи ҳукмрон аз дигар одамон мегардад. Лекин танҳо дар ҳолати ҷой доштани яке аз онҳо чунин фарқият назаррас нест. Таҳлили шароити имрӯзаи таркиби синфи ҳукмрон дар кишварҳои алоҳида, аз он ҷумла дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин хусусиятҳо нишондиҳандаи аввалиндараҷа ва ягонаи ворид гардидан ба синфи ҳукмрон нест.

Қайд намудан зарур аст, ки Г.Моска масъалаи ташаккули элитаи сиёсӣ ва сифатҳои хоси онро таҳлил намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки нишондиҳандаи асосии ворид шудан ба элитаи сиёсӣ қобилият ба идоракунии одамони дигар, яъне қобилияти ташкилнамоӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, барои ворид шудан ба элитаи сиёсӣ бартарии моддӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ, ки онро аз дигар қисматҳои ҷомеа ҷудо менамояд, зарур мебошад. Лекин қайд намудан зарур аст, ки ба тариқи умумӣ ин қишри аҳолӣ дорои қобилияти сатҳи баланди идоракунӣ бошад ҳам, на ҳамаи намояндагони он нисбат ба дигар қишрҳои аҳолӣ дорои сифатҳои беҳтарин ва олӣ мебошанд. Назарияпардозони назарияи синфи ҳукмрон ба нишондиҳандаҳои асосии ворид гардидан ба элита диққати махсус равона намудаанд. Ба ақидаи Г.Моска нишондиҳандаи асосии интихоб ё ворид шудан ба синфи ҳукмрон «қобилияти идоракунӣ» ба ҳисоб меравад. Ин натанҳо майлу рағбати психологии як нафар нисбат ба ҳукмронӣ намудани дигарон ва натанҳо сифатҳои шахсӣ, ки сатҳи баланди касбӣ ва фаъолияти идоракуниро таъмин менамоянд, балки мавҷудияти хусусиятҳоеанд, ки хоси давраҳои муайяни таърихӣ мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки самтҳои асосии инкишофи синфи ҳукмрон, аз бисёр ҷиҳат, аз тағйироту дигаргуниҳо дар зери фишори аломатҳои объективии сифатҳо, ки барои идора намудани аъзоёни синфи ҳукмрон заруранд, вобаста мебошад. Муттаҳидии гурӯҳи идоракунанда ва мавқеи ҳукмронии онҳоро дар ҷомеа таъкид намуда, Г.Моска иброз менамояд, ки он ба таври доимӣ тағйир меёбад. Асосан ду самти инкишофи синфи сиёсӣ

чудо карда мешавад: самти аристократӣ ва самти демократӣ. Самти аристократӣ дар кӯшиши меросӣ гардидани синфи сиёсӣ зоҳир мегардад. Дар чунин ҳолат сухан на аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, балки ҷиҳати воқеӣ меравад. Бартарии самти аристократӣ ба «пушида ва кристализатсия» гардидани синф, ба таназзул ва беҳаракатии ҷамъиятӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа чунин ҳолат ба фаъолгардии муборизаи қувваҳои нави иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки кӯшиш менамоянд, мавқеи ҳукмрониро дар ҷомеа ба даст оранд. Самти демократӣ дар мукаммал намудани синфи сиёсӣ аз ҳисоби нафарони қобилиятнок ва фаъоли синфи поёнӣ зоҳир мегардад. Чунин мукаммал гардонидан аз нав шакл гирифтани элитаро бартараф намуда, қобилияти онро ба роҳбарии самараноки ҷомеа таъмин менамояд. Тавозуни байни самтҳои аристократӣ ва демократӣ барои ҷомеа зарур аст, зеро ҳам муттасилӣ ва устувориро дар роҳбарии ҷомеа ва ҳам мукаммалгардии сифатии онро таъмин менамояд. Дар ҳолати босуръат дигаргун шудани ин сифатҳо самти демократӣ бартарӣ пайдо менамояд ва дар ҳолати камҳаракатии чунин дигаргуниҳо самти аристократӣ афзалият пайдо менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто баъд аз инқилоб як қатор унсурҳо ва арзишҳои синфи кӯҳна ба синфи нав ташаккулёфта ворид мешаванд. Чунин мешуморем, ки чунин ҳолат то андозае қонуниятеро мемонад, ки ба инобат гирифтани он муҳим аст. Зеро таркиби синфи ҳукмрони мавҷуда дар як муддати кӯтоҳ наметавонад, ки ба таври пурра тағйир ёбад.

Қайд намудан зарур аст, ки консепсияи синфи сиёсии Г. Моска ба инкишофи минбаъдаи назарияҳои элитарӣ таъсири амиқ расонидааст. Лекин дар асоси мутлақ гардонидани омили сиёсӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ва ба инобат нагирифтани нақш ва мақоми иқтисодиёт мавриди танқид қарор дода шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи чунин муносибат нисбат ба ҷомеаи чандандешӣ номунтазам ва номувофиқ аст. Лекин назарияи синфи сиёсӣ дар як қатор кишварҳои тоталитарӣ тасдиқи худро пайдо намуд. Дар чунин давлатҳо сиёсат мавқеи ҳукмронро аз болои иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ касб намуда, дар симои бюрократияи номенклатурӣ образи «синфи ҳукмрон»- и Г. Москаро ташаккул дод. Дар давлатҳои тоталитарӣ ворид шудан ба номенклатураи сиёсӣ, ҳамроҳ шудан ба ҳокимият ва идоракунӣ сабаби аввалини ҳукмронии иқтисодӣ ва иҷтимоии «синфи идоракунанда» гардид. Муҳаққиқи дигар, ки дар ташаккули назарияи элита мавқеи хоса дорад, В.Парето ба ҳисоб меравад. Ба доираи илм мафҳуми «элита» якумин маротиба аз тарафи ӯ ворид карда шудааст, ки пештар дар маънии беҳтарин, сифати баланддошта истифода карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки интихоби ин мафҳум аз тарафи В. Парето тасодуфӣ буд, зеро ӯ таҳқиқи этимологии онро асоснок накардааст. Мафҳуми «элита» аз ҷониби В. Парето ҳамчун маҷмӯи одамон, ки дар соҳаҳои худ индекси аз ҳама баландро доро мебошанд, тасниф карда шудааст. Ҳамин тариқ, элита на танҳо дар сохторҳои ҳокимиятӣ, балки дар дигар соҳаҳои фаъолият ҷой дорад. Масалан, элитаи иқтисодӣ, элитаи ҳуқуқӣ, элитаи варзишгарон, элитаи санъаткорон ва ғ. Фарқият дар индекси одамони гуногун аз хусусиятҳои психологӣ, ақлу хирад ва тафаккури онҳо бармеояд. Дар асоси нобаробарии азалӣ ҷудо намудани ҷомеа ба элита ва омма ногузир аст. Қайд намудан зарур аст, ки таснифоти элитаи ҳукмрон, ки аз ҷониби В. Парето пешниҳод карда шудааст, ба таснифоти синфи ҳукмрони аз тарафи Г.Моска таъминшуда монанд аст. Як қатор муаққиқон чунин мешуморанд, ки мумкин аст, таснифоти В. Парето дар зери таъсири идеяҳои Г. Моска пешниҳод шудааст. Парето элитаро ҳамчун гурӯҳи шахсоне тасниф намудааст, ки мавқеи баланд ва мутобиқан сатҳи баланди таъсиррасониро ишғол намуда, дорои иқтидори сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Парето ба он шахсоне, ки ба элита ворид мешавад, сифатҳои фавқулодаро хос мешуморад, ки ҳокимияти ӯро таъмин менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки муносибати В.Парето ба элита дорои мухолифати дохилӣ мебошад. Аз як тараф, одамоне, ки дорои сатҳи баланди индекси касбӣ мебошанд, метавонанд ба ҳеҷ ваҷҳ байни якдигар алоқа надошта бошанд. Аз тарафи дигар, В.Парето элитаро маҳз ҳамчун гурӯҳи сарбаста мефаҳмад, ки ба оммаи мардум таъсир мерасонад. Чунин гурӯҳ ба тариқи ногузир дар натиҷаи сатҳи салоҳиятнокии аъзоёни худ, дорои сатҳи баланди муташаккилӣ аст ва дар натиҷаи эътирофи қобилияти ҳар як аъзоёни гурӯҳ обрӯ ва эътибори он аз тарафи аксарият эътироф карда мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки одамон ягона набуда, дорои сифатҳои мухталифи ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ мебошанд. Маҷмӯи одамоне, ки фаъолияти онҳо бо самаранокӣ, сатҳи баланди натиҷанокӣ дар соҳаҳои

мухталиф фарқ менамояд, элитаро ташкил менамоянд. В.Парето элитаро ба ду навъ ҷудо намудааст: элитаи ҳукмрон, ки бевосита ё бавосита ба таври самаранок дар идоракунӣ иштирок менамояд; аксулэлита, одамоне, ки дорои хусусиятҳои элитавӣ буда, ба гурӯҳи роҳбарикунанда, аз ҳисоби мавқеи иҷтимоии худ ё монеаҳои дигари табиӣ ва сунъи мавҷуда дар ҷомеа барои табақаҳои поёнӣ дастрасӣ надоранд. Элитаи ҳукмрон муттаҳид буда, барои нигоҳ доштани ҳукмронии худ мубориза мебарад. Инкишофи ҷомеа тариқи ивазшавии даврагии ду навъи асосии элита амалӣ мегардад:

- роҳбарони ӯҳдабаро, ки методҳои «сабук»-и роҳбариро истифода менамоянд: гуфтушунид, гузаштнамоӣ, тамаллуқ, боварикунонӣ;

- ҳокимони қатъиву устувор, ки асосан ба қувва такя менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дигаргуниҳо дар ҷомеа ба таври муттасил ҳукмронии яке аз ин навъҳои элитаро халалдор менамояд.

Масалан, ҳукмронии элитаи навъи якум дар давраҳои нисбатан ороми таърих самаранок буда, дар вазъияти қабул намудани қарорҳои қатъӣ ва истифодаи қувва ғайрисамаранок мегардад. Чунин ҳолат ба норозигӣ дар ҷомеа ва қувват гирифтани аксулэлита оварда мерасонад, ки дар натиҷа, бо сафарбар намудани омма элитаи ҳукмронро шикаст дода, ҳокимияти худро дар ҷомеа барқарор менамояд. В. Парето назарияи гардиши элитаро пешниҳод менамояд, ки ба баррасии ҳаёти сиёсии ҷомеа дар шакли ивазшавии доимии гурӯҳҳои элитарӣ алоқаманд карда мешавад. Ҳар як элита давраи ташаккул, гулгулшукуфоӣ ва давраи таназзулро аз сар мегузаронад ва баъд аз он ба таври осоишта ё ғайриосоишта бо гурӯҳи дигар – аксулэлита иваз карда мешавад. Тамоми мухталифияти элитаҳои ҳукмронро баррасӣ намуда, В.Парето ду навъи асосии элитаро ҷудо менамояд: элитаи ҳанноту ҷалоб; элитаи судхуру фоидахур. Ба элитаи ҳанноту ҷаллоб нафароне ворид мешаванд, ки одатан пурҳаяҷон буда, ба қабули навоварӣ, ба амалҳои иқтисодӣ омодаанд; онҳо ҳангомаҳои хатарноки иқтисодиро меписанданд ва доимо дар ҷустуҷӯи он мебошанд. Дар асоси мувофиқати суботкории қатъӣ ва ғаризаи бурро онҳо тамоми монеаҳои ҷойдоштаро бартараф менамоянд. Ба элитаи судхӯру фоидахӯр, баръакс, нафароне дохил мешаванд, ки асосан сарбаста, эҳтиёткор ва нобовар буда, аз ҳангомаҳо дурӣ меҷӯянд. Ҳамин тариқ, намояндагони кадоме аз ин навъи элитаи сиёсӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд, дар асоси талаботҳои ҷомеа ва вазъияти мушаххаси таърихӣ муайян карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки натиҷаи даврзании элита мувозинати динамикии онҳо ба ҳисоб меравад, ки барои пешрафти ҷамъиятӣ зарур аст.

В.Парето принсипи пешниҳоди синфи ҳукмронро принсипи таърихи инсоният дониста, онро ба таври манфӣ баҳогузорӣ менамояд, ки дар ҳар як режими сиёсӣ синфи ҳукмрон боиси бадбахтиву мусибати тамоми миллат мегардад. Дар ин самт В Парето махсусан демократияро баҳогузорӣ менамояд, ки дар доираи он низ ба мисли дигар режимҳо, синфи ҳукмрон ҳокимиятро ба таври беорона ғасб менамояд ва онро бо шиорҳои озодиву баробарҳуқуқӣ рӯпуш менамояд. Аз ин хотир, мувофиқи нуқтаи назари В.Парето демократия ин ривоят ва идеологияи риққатовар аст. Ҷомеа ҳамеша аз тарафи элита идора мешуд ва дар оянда низ идора мешавад, ки манфиатҳои тамаъкоронаи худро пайгирӣ менамоянд. Чунин манфиатҳо ба манфиати оммаи мардум, тамоми халқ пурра мувофиқ нест. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барқарор намудани режими сиёсии воқеӣ ба ташаккули авторитаризм аз тарафи нафароне, ки бештар дар тарғибу ташвиқи идеяҳои демократия фаъол буданд, оварда мерасонад.

Назарияпардози дигари элита Р. Михелс ба ҳисоб меравад, ки сохтори ҳокимиятро дар ҳизбҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба таҳқиқ намуда, маводи зиёдеро нисбат ба ин масъала ҷамъоварӣ намудааст. Р. Михелс қайд менамояд, ки «ҳар чӣ қадаре дастгоҳи расмӣ васеъ ва паҳн мегардад, то ҳамон андоза ба созмон аъзоёни нав ворид мешаванд… то ҳамон андоза демократия аз байн бароварда мешавад ва бо тавоноии мақомоти иҷроия иваз карда мешавад. Дар чунин ҳолат маҳсурияти бюрократия бо мақомоти барзиёд ташаккул меёбад». Чунин вазъият аз сифатҳои шахсии аъзоёни ҳизб ва идеологияи ҳизбӣ вобаста набуда, дар асоси принсипи мувофиқи мақсад будан пайдо мешавад. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки бешубҳа бюрократияи олигархии ташкилоти ҳизбӣ дар асоси зарурати расмӣ бармеояд. Дар асоси баррасии амалияи сиёсӣ Р.Михелс қонуни нави иҷтимоиро пешниҳод менамояд, ки онро «қонуни қавии олигархия» номидааст. Моҳияти ин қонунро

метавон чунин баррасӣ намуд, ки ҳар як сохтори демократӣ барои бадастории устуворӣ маҷбур аст, ки созмони бюрократӣ бунёд намояд ё сарваронеро интихоб намояд, ки дорои ваколату салоҳиятҳои зиёд мебошанд. Дар ҳар ҳолат натиҷа ғасби ҳокимият аз тарафи сарварон ё бюрократия аст, ки демократияро ба олигархия мубаддал мегардонад. Тамоми ҷараёни таърихи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки «ҳар як системаи сарварӣ бо қоидаҳои воқеии демократия номувофиқ аст. Ҳамин тариқ, аксарият комилан ба худидоракунӣ қобилият надоранд. Дар ҳама ҳолат ҳатман аз омма аққалияти муташаккили нав ҷудо мегардад, ки худро то ба мавқеи синфи ҳукмрон оварда мерасонад. Ба он нигоҳ накарда, ки демократия ба таври пурра дастнорас аст, меъёрҳои алоҳидаи онро метавон дар асоси саъю кӯшиши зиёд дар ҷомеа ба роҳ монд. Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи консепсияи манфиатҳои гурӯҳӣ дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ набояд барои ҷудо намудани элита асос ҷой дошта бошад. Ҳизб ин умумияти муташаккил аст, ки бояд манфиати умумияти нисбатан васеъро ҳимоя намояд. Пас, метавон қайд намуд, ки дар ин ҷо муносибатҳои дақиқ ва талаботҳои психологии иддае аз одамон нисбат ба ҳукмронӣ ва қисмати дигари одамон дар тобеият ҷой дорад. Тасарруф намудани омма, нисбат ба тасарруфи гурӯҳи на он қадар калон содаву осон аст, зеро гурӯҳи на он қадар калон тасвиби худро нисбатан пурҷӯшу хурӯш ва бо қатъият иброз менамояд. Ҳамин тариқ, метавон чунин шуморид, ки элитаи ҳизбӣ ин инъикоскунандаи манфиатҳои иқтисодии синфи ҳукмрон набуда, баръакс, аз он ҷудо гардидааст. Сарваре, ки баромадаш коргар аст, аллакай сиёсатмадори касбӣ аст, барои ӯ ташвиқу тарғиби коргарон ба муборизаи инқилобӣ аввалиндараҷа аст. Дар дигар синфҳо низ чунин ҳолат мушоҳида карда мешавад. Пас, дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки элита ин на қисми синфи ҳукмрон, балки гурӯҳи мустақиле мебошад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои худ амал менамояд.

Р. Михелс механизмҳои иҷтимоиро таҳқиқ намудааст, ки ҷомеаи элитариро тавлид менамоянд. Асосан бо Г.Моска дар самти сабабҳои элитарият ҳамфикрем, зеро диққати асосиро ба қобилияти ташкилотчигӣ, сохторҳои ташкилии ҷомеа равона намудааст, ки элитариятро қувват бахшида, онро ҳамчун қишри ҳукмрон боло мебаранд. Р.Михелс ба чунин хулосае меояд, ки худ ташкил намудани ҷомеа элитариятро талаб менамояд ва чун қоида онро ба миён меорад. Самаранокии фаъолияти онҳо махсусият ва ратсионалияти функсионалӣ, ҷудо намудани ядро ва дастгоҳи роҳбариро талаб менамояд, ки ба таври ногузир оҳиста-оҳиста аз назорати аъзоёни қаторӣ берун мегардад. Ядро ва дастгоҳи роҳбарӣ аз аъзоёни одӣ дур мегарданд ва сиёсатро тобеи манфиат ва талаботҳои худ намуда, дар навбати аввал дар самти нигоҳ доштани мавқеи имтиёзноки худ кӯшиш менамоянд. Аъзоёни қатории иттиҳодия ба таври нокифоя салоҳиятнок ва ғайрифаъол буда, нисбат ба фаъолияти ҳаррӯзаи сиёсӣ бепарвоӣ ва фориғболӣ зоҳир менамоянд. Дар натиҷа, ҳатто дар ташкили демократӣ ба таври ҳамешагӣ воқеан гурӯҳи олигархии элитарӣ ҳукмронӣ менамояд. Чунин гурӯҳҳои таъсиррасон дар нигоҳ доштани мавқеи имтиёзноки худ шавқманд буда, байни якдигар навъҳои гуногуни алоқаҳоро барқарор менамоянд, муттаҳид мешаванд ва оид ба манфиату талаботи омма фаромӯш менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Панарин А.С. Философия политика. -М.: «Новая школа», 1996.
2. Печчеи А. Человеческие качества. -М.: Прогресс, 1980.
3. Рахмон Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том пятый. – Душанбе: «Ирфон», 2006.
4. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз 5 ҷилд. -Душанбе: «Ирфон», 2004.
5. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.3. -Душанбе, 2015.
6. Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ. -Душанбе, 2010.
7. Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. -Душанбе, 2011.

ЭЛИТА ҲАМЧУН ГУРӮҲИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур мафҳуми элитаро мавриди баррасӣ қарор додаст. Дар таърихи афкори сиёсӣ масъалаҳои омӯзиши қишри идоракунандаи ҷомеа ҳодисаи нав набуда, ба ин масъала мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ диққати махсус зоҳир намудаанд. Ҳанӯз дар давраи таназзули сохтори қавмиву авлодӣ чунин нуқтаи назар пайдо гардида буд, ки мувофиқи он ҷомеа ба қисми болоӣ ва поёнӣ, аристократия ва одамони одӣ тақсим карда мешуд. Муаллиф қайд намудааст, ки мувофиқи консепсияи манфиатҳои гурӯҳӣ дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ набояд барои ҷудо намудани элита асос ҷой дошта бошад. Ҳизб ин умумияти муташаккил аст, ки бояд манфиати умумияти нисбатан васеъро ҳимоя намояд. Пас, метавон қайд намуд, ки

дар ин ҷо муносибатҳои дақиқ ва талаботҳои психологии иддае аз одамон нисбат ба ҳукмронӣ ва қисмати дигари одамон дар тобеият ҷой дорад.
Калидвожаҳо: элита, афкори сиёсӣ, ҳизб, таназзул.

ЭЛИТА КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ ГРУППА

В данной статье автор рассматривает концепцию элиты как социально-политическую группу. В истории политических мнений изучение управления сообществом, проживание различных исторических периодов, выражает особое внимание. В течение периода деградации последствий потенциального и самой высокой структуры следующая точка была обнаружена, что общественность была связана с верхней и нижней частью групповых интересов в политике политических партий. Партия – это организованное поколение, которое должно определить наиболее широко распространенный интерес. Таким образом, можно отметить, что есть четкие отношения и психологические отношения людей в отношении юрисдикции и другого партнера.
Ключевые слова: элита, политическое влияние, партия, снижение.

ELITE AS A SOCIO-POLITICAL GROUP

In this article, the author considers the concept of the elite as a socio-political group. In the history of political opinion, the study of community management, living through different historical periods, expresses special attention. During the period of degradation of the consequences of the potential and highest structure, the next point was found that the public was associated with the upper and lower part of the group interests in the politics of political parties. The party is the organized generation that must determine the most widespread interest. Thus, it can be noted that there are clear relationships and psychological relationships of people in relation to the jurisdiction and the other partner.
Keywords: elite, political influence, party, decline.

Сведения об авторе: ***Рахимзода Дилшоди Мирзошариф*** **–** магистрант второго курса кафедры политологии, факультета философии Таджикского национального университета

Information about the author: ***Rahimzoda Dilshodi Mirzosharif*** – second-year Master's student of the Department of Political Science, Faculty of Philosophy, Tajik National University

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ МАҚСАДНОКИ ОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Баҳромбеков В.А. Суфиев И.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инқилоби илмию техникӣ, ки дар асрҳои охир ба вуҷуд омада, заминаи тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва дигар соҳаҳо гардида, боиси инкишофёби ҷомеа ва дастрасии он ба технологияҳои муосири иттилоотӣ гардид. Махсусан, ихтирои аввалин мошинаҳои электронии ҳисоббарор, дастгоҳҳои махсуси чопкунӣ, пайдоиши шабакаи Интернет, ки ба малакаву маҳорати одамон мусоидат намуд. Ин дастовардҳои технологӣ ва иттилоотӣ низомҳои гуногуни таҳсилотро дар давлатҳои тараққикарда ба вуҷуд овард. Махсусан, аз низоми анъанавӣ гузаштан ба низоми нави кредитӣ (Болон)-и, ки ин низом пурра ба системаи электронии компютеркунонӣ нигаронида шудааст. Ҷорӣ намудани низоми технологияи рақамӣ имрӯз яке аз ҳадафи асоси давлат буда, компютеркунонӣ дар соҳаи маориф ва илм аз ҷониби Ҳукумат низ ба назар мерасад. Масалан, қабули қарор “Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” мебошад, ки мукотибаи хаттии байниҳамдигарӣ ва раванди таълимро боз ҳам самарабахш мегардонад. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ- маҷмӯи усулҳо, равандҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки бо мақсади ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, паҳн, намоиш ва истифодаи иттилоот ба манфиати корбарони он муттаҳид карда шудаанд [4,С.103]. Дар ҷаҳони муосири бо суръат тараққиёбанда фаъолият ва рушди соҳаи маориф ва илмро бе истифодаи системаи ягонаи электронӣ ва технологияҳои муосири иттилоотӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Чунон ки тадқиқоти сершумор нишон медиҳанд, ки аз сабаби ҳаҷми зиёди иттилоот дар соҳаи маориф ва илм истифода бурда мешавад, бояд ба манбаи

ягонаи иттилоотии ягона асос ёфта, ба таври замонавӣ коркард карда шаванд. Дар ин шароит соҳаи маориф ва илм бе истифодабарии воситаю усулҳои муосири коркард, захира, интиқол ва пешниҳоди иттилооти электронӣ самаранок буда наметавонад. Барои инсон дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, имкониятҳои воридшавии донишҳои нави иттилоотӣ гардида, ба воситаи истифодаи технологияи муосири иттилоотию коммуникативӣ инсон метавонад дар раванди таълим дар шакли фосилавӣ таҳсил кунад. Аз ин лиҳоз, зарурате ба миён меояд, ки бояд инсон барои зистан дар шароити нави ҳаётӣ, яъне дар муҳити автоматикунонидашудаи иттилоот омода буда, аз истифодабарии самараноки технологияҳои иттилоотӣ бархурдор бошад.

Технологияи иттилоотӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии навсозии системаи маориф аст. Ин натанҳо бо рушди технология, пеш аз ҳама тағйироте, ки дар натиҷаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба амал омадааст, қобилияти кор бо иттилоот алоқаманд аст. Мутаносибан, яке аз вазифаҳои асосии низоми муосир таҳияи лоиҳаҳо ва барномаҳое мебошад, ки ба ташаккули шахс дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунанд. Ин ба ҳалли як қатор вазифаҳои пайдарпай: таҷҳизоти техникӣ, сохтани воситаҳои дидактикӣ, таҳияи технологияҳои нави таълим ва ғайра дахл дорад, ки марҳилаҳои раванди навсозиро муайян мекунанд. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ барои татбиқи барномаҳои илмӣ ва таълимӣ дар сатҳи сифатан нав замина фароҳам меорад. Эҷоди барномаҳои дарсомӯзӣ, имтиҳонсупорӣ ва китобхонаҳои электронӣ, имкон медиҳанд, ки моделҳои муҳити тақсимшудаи таълимӣ дар асоси технологияҳои дастрасии фосилавӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ ва воситаҳои коммуникатсионӣ амалӣ карда шаванд. Бинобар норасоии синфхонаҳои компютерӣ ва дастрасӣ ба шабакаи интернетӣ дар муассисаҳои олии касбӣ ва муассисаҳои таълимӣ. Мушкилии аз худ намудани донишҳои технологӣ ва дастраси ба омӯзишҳои онлайнӣ, китобхонаҳои электронӣ, маводҳои таълимӣ, корҳои лабораторӣ, бархурдор гаштан аз натиҷаи фаъолияти дарсӣ гардидааст. Шароит муҳайё намудан яке аз роҳҳои асосии ҳалли ин мушкилотҳо мебошад, чунки афзалиятҳои дастрасӣ ба технологияҳои замонавӣ аёнанд. Онҳо имкон медиҳанд, ҳалли ҳисоббарории марказҳои таълимӣ ва илмӣ коркарди барномаҳои таълимӣ электронӣ, тайёр намудани мутахассисони дорои донишҳои замонавӣ, дарсҳои фосилавӣ, дарсҳои лабораторӣ ва ғ.осон гардид. Сифати муҳими технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ гуногунҷанбаи онҳост, ки онҳо метавонанд барои ташкили ҳама гуна фаъолиятҳои марбут ба мубодилаи иттилоот, заминаи фароҳам овардани фазои ягонаи иттилоотӣ бошанд. Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ҳалли зиддияти байни донишҳои дар ҳаҷми афзоянда ҷамъшуда, аз як тараф ва аз тарафи дигар, имкониятҳо ва миқёси истифодаи иҷтимоии онҳо ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, нақши дуҷониба василаи табдил додани дониш ба манбаи иттилоотии ҷомеа ва аз тарафи дигар, воситаи татбиқи технологияҳои иҷтимоӣ ва табдил додани онҳо ба технологияҳои иҷтимоӣ ва иттилоотӣ мебошад, бевосита дар идоракунии давлатӣ ва системаҳои худидоракунии ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Ҳангоми пайдо шудани чунин як ҷузъ, ба монанди иттилоотонӣ, дар раванди таълим аз нав дида баромадани вазифаҳои он ба мақсад мувофиқ мегардад:

- баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисон тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим;
- истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва дар натиҷа афзоиши ҷузъҳои эҷодӣ ва зеҳнии фаъолияти таълимӣ;
- ҳамгироии намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ (таълимӣ, илмӣ ва ғ.);
- мутобиқсозии технологияҳои иттилоотии таълим ба хусусиятҳои фардии донишҷӯ;
- таъмини муттасилӣ дар таълим;
- рушди технологияҳои иттилоотӣ барои таълими фосилавӣ;
- такмили таъминоти барномавӣ ва методии раванди таълим.

Талаботи асосии дидактикии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маорифро барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо дар раванди таълим:

- ҳавасмандкунӣ дар истифодаи маводи гуногуни дидактикӣ;
- муайян кардани нақши возеҳ, ҷойгоҳ, ҳадаф ва вақти истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ва воситаҳои таълимии компютерӣ;
- нақши пешбарандаи муаллим дар гузаронидани дарсҳо;
- ба технология ворид кардани танҳо чунин ҷузъҳое, ки сифати таълимро кафолат медиҳанд;
- мувофиқати методикаи таълими компютерӣ ба стратегияи умумии гузаронидани машғулияти таълимӣ;
- бо назардошти он, ки ворид намудани захираҳои электронии таълимӣ, барномаҳои таълими компютерӣ ба маҷмӯи воситаҳои таълимӣ аз нав дида баромадани ҳамаи ҷузъҳои система ва тағир додани методикаи умумии таълимро талаб мекунад;
- таъмини дараҷаи баланди инфиродии таълим;
- пешниҳоди алоқаи устувор дар тренинг ва ғайра.

Истифодаи принсипҳои умумии дидактикии таълим ва татбиқи талаботи зикршуда оид ба истифода дар раванди таълим ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, онҳо бояд дар заминаи ҳадафҳои таълим ва дарки илмии амалияи фаъолияти таълимӣ, дар асоси принсипҳои мақсаднок ва самаранок истифода бурдан дар раванди таълим баррасӣ карда шаванд. Имкониятҳои муҳити таълимиро ҳам бо василаи гуногуни китобҳои дарсии муосири электронӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ аҳамият дода мешавад. Бо ин мақсад онҳо вазифаҳои дорои хусусияти эҷодӣ пешниҳод мекунанд, саволҳое ба миён меоранд, ки ба онҳо ҷавоби якранг додан ғайриимкон аст ва ғайра. Технологияҳои коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки усулҳои фаъолсозии эҷодиро ба тариқи нав татбиқ кунанд. Донишҷӯён метавонанд дар баҳсҳое ширкат варзанд, ки натанҳо дар синф, балки амалан, масалан, дар сайтҳои матбуоти даврӣ ва марказҳои таълимӣ низ баргузор мешаванд. Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар системаи маориф ҷузъи коммуникатсионии онҳоро воқеӣ мекунад. Вуруди телекоммуникатсияи компютерӣ ба соҳаи маориф таҳияи технологияҳои нави таълимиро оғоз намуд, вақте ки ҷузъи техникии раванди таълим боиси тағироти ҷиддии таҳсилот мегардад. Рушди телекоммуникатсияи компютерӣ дар соҳаи маориф боиси пайдоиши амалияҳои нави таълимӣ гардид, ки дар навбати худ ба тағйирёбии системаи таълим дар маҷмӯъ мусоидат карданд. Ҳудуди соҳаи маориф, ки аз чаҳорчӯби институтсионалӣ, муваққатӣ ва фазоӣ маҳдуд карда шудааст, аз ҳисоби дар раванди таълим ҷорӣ намудани технологияҳои телекоммуникатсионӣ ба таври назаррас васеъ карда шуд [2,С.167]. Давраи муосири рушди ҷомеа бо таъсири саҳти технологияҳои компютерӣ ба он хос аст, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ворид шуда, паҳншавии ҷараёнҳои иттилоотиро дар ҷомеа таъмин намуда, фазои ҷаҳонии иттилоотиро ташкил медиҳанд. Қисми таркибӣ ва муҳими ин равандҳо компютерикунонии таълим мебошад. Истифодаи васеи технологияҳои компютерӣ дар соҳаи маориф ва илм дар даҳсолаи охир боиси афзоиши таваҷҷӯҳ ба илми педагогика гардид. Дар ҳалли масъалаи технологияи компютерии таълим олимони рус ва хориҷӣ саҳми калон гузоштанд: Г.Р. Громов, В.И. Гриценко, В.Ф. Шолохович, О.И. Агапова, О.А. Кривошеев, С.Паперт, Г.Клейман, Б.Сендов, Б.Хантер ва дигарон [5,С.87].

1.Воситаҳои таълимии технологияи иттилоотиро аз рӯи як қатор параметрҳо тасниф кардан мумкин аст:

- маънои таълими ибтидоӣ (китобҳои дарсии электронӣ, системаҳои таълимӣ, системаҳои идоракунии дониш);
- воситаҳои омӯзиши амалӣ (китобҳои мушкилотӣ, семинарҳо, тарроҳони маҷозӣ, барномаҳои симулятсионӣ, симуляторҳо);

- воситаҳои ёрирасон (энсиклопедияҳо, луғатҳо, хондани китобҳо, таҳияи бозиҳои компютерӣ, машғулиятҳои мултимедиявӣ);
- воситаҳои мураккаб. [6,С.107]

2. Аз рӯи вазифаҳо дар ташкили раванди таълим:
   - иттилоот ва омӯзиш (китобхонаҳои электронӣ, китобҳои электронӣ, нашрияҳои даврии электронӣ, луғатҳо, маълумотномаҳо, барномаҳои таълимии компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ);
   - интерактивӣ (почтаи электронӣ, телеконференсияҳои электронӣ);
   - системаҳои ҷустуҷӯӣ (каталогҳо, системаҳои ҷустуҷӯӣ).
3. Аз рӯи намуди маълумот:
   - захираҳои электронӣ ва иттилоотӣ бо иттилооти матнӣ (китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, китобҳои мушкилотӣ, тестҳо, луғатҳо, маълумотномаҳо, энсиклопедияҳо, нашрияҳои даврӣ, маълумотҳои ададӣ, маводҳои барномавӣ ва таълимӣ);
   - захираҳои электронӣ ва иттилоотӣ бо иттилооти аёнӣ (маҷмӯаҳо: аксҳо, портретҳо, тасвирҳо, порчаҳои видеоии равандҳо ва падидаҳо, намоиши таҷрибаҳо, видеотурҳо; моделҳои оморӣ ва динамикӣ, моделҳои интерактивӣ; объектҳои рамзӣ: диаграммаҳо, диаграммаҳо);
   - манбаъҳои электронӣ ва иттилоотӣ бо иттилооти аудиоӣ (сабти овозии ашъор, маводи гуфтории дидактикӣ, мусиқӣ, садоҳои табиати зинда ва ҷонвар, ашёи аудиоии ҳамоҳангшуда);
   - захираҳои электронӣ ва иттилоотӣ бо иттилооти аудио ва видео (ашёи аудио ва видеои табиати зинда ва ҷон, экскурсияҳои мавзӯъӣ);
   - захираҳои электронӣ ва иттилоотӣ бо иттилооти омехта (китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маъхазҳои аввалия, антологияҳо, китобҳои мушкилот, энсиклопедияҳо, луғатҳо, нашрияҳои даврӣ).
4. Аз рӯи шакли ҳамкорӣ бо таълимгиранда:
   - технологияи ҳолати асинхронии алоқа - "офлайн";
   - технологияи муоширати синхронӣ - "онлайн".

Якчанд ҷанбаҳои истифодаи воситаҳои гуногуни таълимии технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим мавҷуданд:

1. Ҷанбаи ҳавасмандгардонӣ. Истифодаи технологияи иттилоотӣ ба афзоиши шавқ ва ташаккули ҳавасмандии мусбии донишҷӯён мусоидат мекунад, зеро шароит фароҳам оварда шудааст:

- ҳадди аксар баррасии имкониятҳои инфиродӣ ва талаботҳои донишҷӯён;
- интихоби васеи мундариҷа, шаклҳо, ставкаҳо ва сатҳи машғулиятҳо;
- ошкор кардани нерӯи эҷодии донишҷӯён;
- азхудкунии технологияҳои муосири иттилоотӣ.

2. Ҷанбаи мундариҷа. Имкониятҳои технологияи иттилоотӣ метавонанд истифода шаванд:

- ҳангоми сохтани мизҳои интерактивӣ, плакатҳо ва дигар манбаъҳои таълимии рақамӣ дар мавзӯъҳо ва бахшҳои мушаххаси фанҳои таълимӣ,
- ташкили мини-дарсҳои инфиродии тестӣ;
- сохтани супоришҳои интерактивии хонагӣ ва тренажёрҳо барои кори мустақили донишҷӯён.

3. Ҷанбаи таълимӣ ва методӣ. Захираҳои электронӣ ва иттилоотӣ метавонанд ҳамчун таъминоти таълимию методии раванди таълим истифода шаванд. Омӯзгор метавонад ҳангоми омодагӣ ба дарс аз воситаҳои гуногуни таълимии технологияи иттилоотӣ истифода барад; мустақиман ҳангоми шарҳи маводи нав, мустаҳкам намудани дониши бадастомада, дар раванди назорати сифати дониш; барои ташкили худомӯзии донишҷӯён аз маводи иловагӣ ва ғ. Тестҳои компютерӣ ва супоришҳои тестӣ барои татбиқи намудҳои

гуногуни назорат ва баҳогузории дониш метавонанд истифода шаванд. Ғайр аз ин, муаллим ҳангоми тарҳрезии корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ метавонад аз манбаъҳои гуногуни электронӣ ва иттилоотӣ истифода барад [6,С.98].

4. Ҷанбаи назорат ва арзёбӣ. Воситаҳои асосии назорат ва баҳодиҳии натиҷаҳои таълимии донишҷӯён дар технологияи иттилоотӣ тестҳо ва супоришҳои тестӣ мебошанд, ки ба намудҳои гуногуни назорат имкон медиҳанд: вурудӣ, мобайнӣ ва ниҳоӣ. Санҷишҳо метавонанд on-line (дар компютер дар режими интерактивӣ гузаронида шаванд, натиҷа ба таври худкор аз ҷониби система баҳо дода мешавад) ва ғайрирасмӣ (муаллим натиҷаҳоро бо шарҳҳо арзёбӣ мекунад, кор бо хатогиҳо) гузаронида шаванд. Ҳамин тариқ, истифодаи технологияи иттилоотӣ натанҳо самаранокии таълимро ба таври назаррас афзоиш медиҳад, балки ба такмил додани шаклу усулҳои гуногуни таълим мусоидат мекунад ва таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро ба омӯзиши амиқи маводи барномавӣ меафзояд. Бояд қайд кард, ки технологияи иттилоотӣ на танҳо компютер аст, балки он инчунин қобилияти кор бо иттилоот мебошад.

5. Маҷлисҳои бо волидайн.Ҷаласаҳои волидон на танҳо бо мақсади огоҳ кардани волидон ва кӯмак ба онҳо дар тарбияи фарзандон, балки инчунин барои ҳалли баъзе мушкилоте, ки волидон бо муваффақият мубориза бурдан мехоҳанд, гузаронида шаванд. Чунин мешавад, ки падарон ва модарон, агар фарзандонашон суст таҳсил карда бошанд, ба маҷлисҳо рафтан намехоҳанд, эродҳои муаллим ва эродҳои нопоки ӯро дар бораи пешрафти фарзандони худро бори дигар гӯш кардан намехоҳанд. Таҷрибаи кори чандинсола нишон медиҳад, ки маҷлисҳои волидон бояд ба тарзи нав гузаронида шаванд. Бояд боварӣ ҳосил кард, ки худи волидон ба таври возеҳ бинанд, ки фарзандашон чӣ гуна меомӯзад ва чӣ гуна кӯдаки онҳо зиндагӣ мекунад, сабабҳои мушкилоти ӯ дар омӯзиш, рафтор, муошират дар чист. Баъзан дар маҷлисҳо пешниҳод кардани қисмҳои дарсҳо муфид аст. Ба кӯдакон ин писанд аст ва волидон фарзанди худро бодиққат ва бо шавқ тамошо мекунанд. Худи волидон бо муқоисаи хонандагон дар бораи муваффақияти фарзандони худ хулоса мебароранд.

АДАБИЁТ

1. Колесников Л.Ф Эффективность образования. – Москва, 1991
2. Социологическое иследования жизненого пути молодежи Вилюс, 1988
3. Александров Г.Ф. История социологических учений. Древный Восток / Г.Ф. Александров. – М
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2006
5. Лутфуллоев М. Истиқдолияти Точикистон ва маорифи навин – Душанбе, 2006
6. Сангинов Н. С., Салимов Н. С., Низоми кредитии таҳсилот – Душанбе «Ирфон», 2005
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ саннаи 26.12.2019
8. Шарифзода Ф. Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарвднгӣ – Душанбе: «Ирфон», 2010
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ МАҚСАДНОКИ ОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Муаллиф дар мақола оид ба дастовардҳои технологияҳои иттилоотӣ, зарурати ҷорӣ намудани он ва истифодабарии мақсадноки технологияҳои муосир дар соҳаи маориф ва илм маълумот додааст. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотӣ, муаллиф зарурати ворид намудани технологияҳои нави компютериро ба соҳаи маориф қайд менамояд, ки замони муосирро бе иттилоот ва технологияи тасаввур карда намешавад. Бо шиддат рушд кадани техникаву технологияҳои нав ба ҳама соҳаҳои ҳаёти фаъолияти инсон таъсири калон расонидааст, аз ҷумла ба соҳаи маориф. Дар натиҷаи тараққиёти техники методҳои нави таҳсил пайдо гардидаанд, мисол, таҳсили фосилавӣ. Инчунин, муаллиф ҷанбаҳои истифодаи воситаҳои гуногуни таълимии ТИК дар раванди таълим таҳлил намудааст.

Калидвожаҳо: маориф, электронӣ, низоми кредитӣ, барномаҳои таълим, техналогӣ, муассисаи таълимӣ, сифати таълим, бозори меҳнат, компютеркунонӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ.

ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ ЦЕЛЕВОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ

В статье автор предоставляет информацию о достижениях информационных технологий, необходимости их внедрения и целевого использования современных технологий в образовании. На основе

результатов исследования, автор подчеркивает необходимость внедрения новых компьютерных технологий в сферу образование, которые сегодня невозможно представить без информации и технологий. Быстрое развитие новых методов и технологий оказало значительное влияние на все сферы жизни человека, включая образование. В результате технического развития появились новые методы обучения, такие как дистанционное обучение. Автор также анализирует аспекты использования различных учебных пособий ИКТ в процессе обучения.

Ключевые слова: образование, электронные, Кредитные Системы, программы обучения, технологический, учебное заведение, качество образования, рынок труда, компьютеризация, социальный, информационный.

INFORMATION TECHNOLOGIES AND ITS PURPOSE OF USE IN THE SPHERE OF EDUCATION

In the article, the author provides information on the achievements of information technologies, the need for their implementation and targeted use of modern technologies in education. Based on the results of the study, the author emphasizes the need to introduce new computer technologies in the field of education, which today cannot be imagined without information and technology. The rapid development of new methods and technologies has had a significant impact on all spheres of human life, including education. As a result of technical development, new teaching methods have emerged, such as distance learning. The author also analyzes aspects of the use of various ICT teaching aids in the learning process.

Keywords: education, electronic, credit systems, training programs, technological, educational institution, quality of education, labor market, computerization, social, information.

Сведения об авторах*: **Бахромбеков Вафобек Амадбекович*** – кандидат философских наук, доцент, кафедры социологии факультет философии Таджикского национального университета
Суфиев Исхомуддин Халимджонович – магистрант кафедры социологии факультета философии Таджикский национальный университет.

Information about the authors: ***Bahrombekov Vafobek Amadbekovich*** – Candidate of Philosophic Science, Associate professor sociological department of Tajik National University
Sufiev Ishomuddin Halimjonovich – master degree department of sociology faculty of philosophy in Tajik National University

МАСЪАЛАИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

Ҳакимов А.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои рӯ ба инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, айни замон дар ҳолати рушду тавсеаи тадричӣ қарор дорад. Дар ҷомеаи Тоҷикистон чун дигар ҷомеаҳои ҷаҳон масъалаи камбизоатӣ вуҷуд дорад ва дорои сабабу омилҳои воқеӣ мебошад. Дар илми муосир вобаста ба сабабу омилҳои пайдоиши камбизоатӣ чор навъи фаҳмиши пайдошавии он вуҷуд дорад, ки мутобиқан чор шакли муносибат ба камбизоатиро ташаккул медиҳанд: сохторӣ, инфиродӣ, тақдирӣ ва хурдфарҳангӣ (субкультура)[4]. Албатта, ғайр аз ин шаклҳо боз дигар шаклу услубҳои шинохти масъалаи камбизоатӣ дар ҷомеаҳо вуҷуд дорад, вале дар ин ҷо мо барои дарки дурусти моҳияти масъалаи камбизоатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон танҳо аз ин шаклҳои фаҳмиши камбизоатӣ истифода бурда, масъалаи мавриди назарро баррасӣ мекунем. Масъалаи камбизоатӣ ҳама вақт вуҷуд дошт. Вай ҳамсафари ҳамаи давраҳои таърихи инсоният буд ва мемонад, вале диққати асосӣ ба ин масъала ба даҳсолаҳои охир рабт дода мешавад, ки ба замони парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тамоми системаи сотсиалистӣ иртибот дорад, ки он дар зиндагӣ як қатор ҳодисаҳои амиқ ва дар як вақт васеи иҷтимоиро ба амал овард, ки аз ҷумлаи онҳо паҳншавии босуръати камбизоатии аҳолӣ мебошад[1]. Албатта, назари донишмандон ба ин масъала, ки чаро ин ҳодиса – паҳншавии босуръати камбизоатӣ баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сареъ рух дод, гуногун аст, вале ин ҷо метавон аз он омилҳое, ки профессор Ш.Шоисматуллоев зикр кардааст, ба таври иҷмолӣ ёд кард. Ӯ чунин мешуморад, ки системаи иҷтимоии давлати Шӯравӣ чунин шароитеро фароҳам оварда буд, ки дар он стратегияи рафтор барои аксарияти аҳолӣ ягона, барои ҳамаи ҳолатҳо универсалӣ буд. Сатҳи некӯаҳволии шахсӣ на бештар аз ташаббус ва саъйи худи онҳо, балки аз тадбирҳои махсуси давлатӣ вобаста буд. Музди меҳнат на аз ҳисоби арзиши аслии меҳнат,

балки аз рӯйи ставкаҳо ва маошҳое, ки давлат барои соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ва категорияҳои коргарон муқаррар кардааст, муайян карда мешуд. Худ аз худ дарк кардани тағйироти вазъи моддии як нафар ё оила ғайриимкон буд. Дар ҷамъияти Шӯравӣ тамоюлҳои қавии баробарӣ мавҷуд буданд. Дар ахлоқи ҷамъиятии онҳо сарвати шахсӣ шубҳанок ва номатлуб ҳисобида мешуд. Сиёсати назорати некӯаҳволӣ асосан ба маъракаҳои мубориза бо даромади ба даст овардашуда равона карда мешуд, ки ҳамаи инҳо дар натиҷа системаи иҷтимоии шахси шӯравиро ташаккул доданд, ки як намуди рафтори меҳнатӣ (иқтисодӣ), оилавӣ, хонаводагӣ ва иҷтимоию сиёсии фарқкунандаи одами советӣ, ки ҳадди ақали талошҳояш барои ба даст овардани ҳаҷм ва сифатҳои пешакӣ муайяншудаи подош барои фаъолиятҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва шукуфоии хоксоронаи шахсӣ буд, ба ҳисоб мерафт[6]. Ғайр аз ин, баъди пош хӯрдани иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсисёбии давлатҳои мустақил (ИДМ) кандашавии робитаҳо байни давлат-аъзоёни ИДМ ба миён омад, ки боиси вайрон гардидани робитаҳои хоҷагидориҳои байниҷумҳуриҳо гардид, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва ғайра аз кор монданд. Миллионҳо одамон бекор монда, миқёси пастравии истеҳсолот ба 85 фоиз расид [1]. Дар маҷмӯъ ҳамаи омилҳои дар боло зикр намуда ва дигар омилҳое, ки зикрашон ин ҷо нарафт, баъди фурӯпошии давлати Шӯравӣ ба раванди паҳншавии камбизоатии аҳолӣ он замон мусоидат карданд, зеро ки баъди пош хӯрдани давлати Шӯравӣ тамоми арзишҳо, системаи рафтор, ҷаҳоншиносӣ ва сохтори давлатҳо тағйир ёфт, ки барои аҳолӣ ғайричашмдошт буд. Аз ин рӯ, ин марҳилаи таърихӣ барои давлатҳои мустақили ташкилшуда давраи гузариши ҳассос ба шумор рафта, онҳо он давраро бо шеваҳои мухталиф паси сар кардаанд.

Ҷумҳури Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ он марҳилаи таърихии ҳассосро паси сар кард, вале каме душвортар. Зеро баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон дучори ҷанги шаҳрвандӣ гашт, ки он боиси аз байн рафтану тамоман фалаҷ гардидани тамоми инфраструктураи давлат гардид ва раванди давлатсозии миллиро ба таъхир андохт. Нишондоди камбизоатии аҳолӣ дар солҳои баъдиҷангӣ 81 фоизи аҳолиро дар бар мегирифт, ки танҳо бо мамлакатҳои Осиё ва Африқо қиёсшаванда буд. Агар дар ин мамлакатҳо камбизоатон асосан насли собиқ табақаҳои камбағал, деҳқонони безамин, қабилаҳои кӯчманчиҳои биёбон ва дар баробари ин тамоман бесавод ва дар бораи дастовардҳои тамаддуни муосир ягон тасаввурот надошта бошанд, пас дар Тоҷикистон онҳо (камбизоатон) кормандони босавод ва бо тахассус буда, қисми зиёди онҳо маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ доштанд, аммо бинобар сабаби набудани ҷойи кор, манбаи даромад камбизоат гашта буданд. Бояд қайд кард, ки дар ҳоли ҳозир сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба он солҳо бениҳоят коҳиш ёфтааст ва ин раванд пӯё буда, ҳамасола дар ҳолати рушд қарор дорад. Бо вуҷуди ин ёдовар шудан зарур аст, ки нишондоди камбизоатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳои ИДМ баландтар аст, ки ин сабабҳои нисбатан маълум дорад [8]. Дар боло оид ба чор шакли шинохти сабабу омилҳои камбизоатӣ дар илми муосир ёдовар шудем, ки яке сохторӣ буд. Назари сохтории камбизоатӣ (гоҳҳо онро иҷтимоӣ ҳам меноманд) вуҷуд доштани камбизоатиро дар идоранамоии бади давлат ва низоми такмилнаёфтаи иқтисодиёт мебинад. Яъне, дар ин фаҳмиш фард барои камбизоат буданаш гунаҳкор нест, балки давлат дар ин гуна шароит доштани ӯ муқассир аст, зеро барои фаъолияти хуб доштани афрод ҷойҳои корӣ ва хизматрасониҳои сатҳи баландро муҳайё накардааст. Чунин фаҳмиш то куҷо метавонад сабаби камбизоатии аҳолии ҷомеаи Тоҷикистонро барои мо рӯшан намояд? Дар ҳоли ҳозир қишри камбизоатӣ аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи омори расми 27,5 фоизро ташкил медиҳад[2]. Ҳамасола аз Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 450-460 ҳазор нафар муҳоҷири корӣ барои дарёфти ҷойи кори муносиб бо маоши баланд танҳо ба кишвари Русия сафар мекунад[2]. Музди миёнаи маош дар кишвар 1169 сомониро ташкил дода, музди меҳнати ҳадди ақал бошад 400 сомониро дар бар мегирад [7]. Назари дигаре, ки барои муайян кардани сабабу омилҳои камбизоатӣ истифода мешавад, назари инфиродӣ ном дорад. Ин назар масъулияти камбизоат будани фардро бар дӯши худаш бор карда, ин ҳолатро ба рафтор, фаҳмиш ва сифатҳои иҷтимоии шахс – танбалӣ, сустиродагӣ, худомӯзӣ, беҳадафӣ,

майпарастӣ, туфайлихӯрӣ ва ғ. таҳмил мекунад. Ин назар пешниҳод мекунад, ки нисбати камбизоатон раҳмдил будан раво нест, бояд онҳо муҳокима шаванд ва барои аз камбизоатӣ раҳониданашон раванди иҷтимоишавӣ пурзӯр гардонда шавад, зеро онҳо манбаи асосии сарзадани нуқсҳои ҷомеа мебошанд. Ин фаҳмиш то куҷо ба қишри камбизоати аҳолии Тоҷикистон иртибот дорад, дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чи камбизоатии нисбӣ ва чи камбизоатии мутлақ характери оммавӣ дошта, онҳо дар навбати аввал натиҷаи ҷанги дохилӣ ва бозсозии сохтори иқтисодиёт мебошанд, ки ногузир оммаи васеи аҳолӣ дучори он гардида буданд. Аз ин сабаб муносибат ба камбизоатон дар ҷомеаи Тоҷикистон дигаргуна аст, яъне камбизоатон дар Тоҷикистон ҳамчун гурӯҳи устувори алоҳида расман ҷудо карда нашудаанд, чуноне ки ин ҳолат дар мамлакатҳои тараққикарда дида мешавад. Дар афкори ҷамъиятӣ низ то ҳоло тамоюли муносибати манфӣ бо камбизоатон ба сабаби васеъпаҳншавии камбизоатӣ оғоз наёфтааст. Дар ҷомеа муносибат бо камбизоатон бо эҳсосоти ҳамдардию раҳмдилӣ ва ҳусни тафоҳум зоҳир мегардад, чунки аз як тараф аксарияти одамон эҳсоси нодорӣ ва камбудӣ доранд, аз дигар тараф марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба ҳамаи камбизоатон характери объективӣ дошта, аз хислатҳои шахсии афрод вобастагии кам дорад. Бо вуҷуди ин ин ҳукми мутлақ нест, ки дар камбизоатии аҳолии Тоҷикистон нақши инфиродӣ салб шудааст. Аксарияти аҳолии камбизоати Тоҷикистон дар камбизоатии доимӣ қарор дошта, характерҳои умуми доранд: яъне дараҷаи тахассусии баланд надоранд, ба ҷомеаи нав пурра ворид нашудаанд, қобилияти ташаббускорию чизеро дар ҳаёти худ тағйир доданро надоранд. Гузашта аз ин, характери сустиродагӣ дар онҳо устувор буда, аз нигоҳи осебпазирии ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ пешсаф ҳастанд. Ба андешаи равоншиноси тоҷик Зарина Кенҷаева аксари ҷавононе, ки ба ҳар гуна гурӯҳҳо шомилшудаву даст ба ҷиноятҳорӣ мезананд, камбизоат мебошанд. Зеро волидони онҳо бинобар сабаби мушкилоти иҷтимоии зиндагӣ ба дуруст тарбият намудани фарзандони худ аҳамият надода, роҳи дурусти ташаккулёбиро ба онҳо нишон надодаанд, ки ин дар ниҳоди онҳо сифатҳои оворагардӣ, меҳнатфориғӣ, муфтхӯрӣ, ишратпарастӣ, майхорагӣ, зӯргӯйӣ, беҳадафӣ, бемаърифатӣ ва амсоли инҳоро рушд додааст[5]. Ҳолати бади зиндагии худро аз тақдири азалӣ дидан навъи сеюми шинохти сабабу омилҳои камбизоатӣ мебошад, ки назари тақдирӣ (фаталистӣ) ном дорад. Ин назар сабаби камбизоатиро дар сарнавишту қисмати фардҳо маънидод карда, ҳамагуна бори масъулиятро аз дӯши камбизоатон барои камбизоат буданашон салб мекунад. Яъне камбизоатиро сарнавишти азалӣ маънидод карда, бо ин ҳисоб кӯмак ба камбизоатонро лозим меҳисобад ва ҳеҷ касро барои чунин ҳаёт доштанаш ҷавобгару масъул намешуморад, балки сабр кардану ба як бурда қутилоямут кифоя карданро тақозо мекунад. Ин ҳолати зикршуда то куҷо ба арзишҳои маънавии ҷомеаи Тоҷикистон муносибат дорад? Ҷомеаи Тоҷикистон анъанавӣ ба ҳисоб рафта, дар он арзишҳои гузашта, эътиқоду боварҳо, тахайюлу мавҳумот ва суннатҳо устувор буда, аксари мардум ба онҳо дилбастагӣ доранд. Мусаллам аст, ки ҳар қадар дар ҷомеа донишҳои илмӣ камтар бошад, ҳамон қадар тасаввурпардозӣ, хаёлгарӣ ва ақибмондагӣ ба назар мерасад. Ҳар қадар огоҳӣ ва фаъолиятҳои фикрию ақлонӣ дар ҷомеа камтар сурат гиранд ё мутаваққиф гарданд, ҳамон қадар ҷомеа дучори бозмондагӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ гардида, ба вартаи дармондагӣ меафтад. Аксарияти аҳолии камбизоати ҷомеаи Тоҷикистон камбизоатии худро марбут ба тақдири азалии хеш дониста, барои беҳтар намудани вазъи худ на аз донишҳои илмӣ ё чорҷӯйиҳову тадбирҳои дар амал санҷидашуда истифода мекунанд, балки роҳҳои ҳалли содаи масоилро аз қабили талбандагӣ кардан ва дуову ибодат намудан ба миён мегузоранд, ки ин роҳ ҳеҷ гоҳ мушкилиро то ба охир ҳал карда наметавонад. Дуруст аст, ки ин гуна роҳи ҳалли мушкилот барои афроде, ки ин гуна роҳро барои рафъи мушкилоти худ интихоб мекунанд як навъ оромиши зеҳнӣ ва сабукии иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, вале ба ақли солим номувофиқ аст. Гузашта аз ин, ҳамаи таълимотҳои чи динӣ ва чи ғайридинӣ аз пайравони худ ҳаракат кардану ба фаъолияте машғул шуданро тақозо мекнанд, ки донишу малака ва маҳоратро мехоҳад. Аз ин рӯ, камбизоатии худро марбут ба тақдир донистану барои беҳтар намудани

вазъи худ аз чорачӯйиҳои амалӣ истифода накардан ба хиради солим номувофиқ буда, ҳеҷ гоҳ қобили қабул буда наметавонад.

Назари охирони шинохти сабабу омилҳои камбизоатӣ хурдфарҳангӣ (субкультура) ном дошта, бар асоси андешаҳои инсоншиносӣ (антрополог) амрикоӣ Оскар Люис гузошта шудааст. Ӯ диққати махсусро ба камбизоатии куҳнашуда (хроническая бедность) дода, чунин мешуморад, ки шахси камбизоат дорои рӯҳияи ба худ хос буда, худбаҳодиҳии паст дорад ва ягон ангезаи бойшудану чизеро дар ҳаёти худ тағйирдоданро надорад. Ин гуна афрод аз сабаби дуру дароз дар ин ҳолат қарор доштан, оинҳои махсуси худро меофаранд, ки баъдан меъёрҳо қабул карда, шакли фарҳанги алоҳидаро мегирад, ки олим онро “маданияти камбизоатӣ” ном бурдааст. Ин маданият дар шароитҳои вазнин зинда мондану зистанро барои камбизоатон таъмин мекунад, вале барои насли оянда интиқолдиҳандаи рӯҳияи манфӣ ба ҳисоб меравад. Акнун дида мебароем, ки нишонаҳои ин маданият то куҷо миёни камбизоатони ҷомеаи Тоҷикистон дида мешавад. Ҳамон гунае, ки дар боло қайд кардем дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳамагуна навъи камбизоатӣ характери оммавӣ дошта, онро маданият ё тарзи зиндагии гурӯҳи хоси одамон пиндоштан номумкин аст, зеро ба андешаи инҷониб то кунун ин камбизоатӣ дорои меъёр ё принсипҳои устувор нагаштааст. Вале баъзе ҳолатҳое ҳастанд, ки ба камбизоатони ҷомеаи Тоҷикистон вобаста будан ба умумиятҳои ҷамъияитиро итлоқ мекунанд. Аз ҷумла тарзи фикронии ба ҳам монанди онҳо, ки чандон созанда (созидательный, прогресивный) нест. Аксари камбизоатон ва он нафароне, ки ба муҳоҷират ба хотири дарёфти бештари маблағ аз Тоҷикистон сафар мекунанд, чунин мақсадҳо доранд: даромади хубе пайдо кунанд, омада ягон хона созанд ва ё харанд, соҳиби мошини сабукрав шаванд, оила барпо кунанд ва ё фарзандонро оиладор кунанд, омада каме истироҳат кунанд ва боз ба муҳоҷират раванд. Албатта, ҳамаи ин фикрҳо хуб аст, лекин барои сатҳи зиндагии берун аз хатти камбизоатӣ доштан нокифоя аст. Барои чӣ? Фард замоне метавонад, ки аз доираи камбизоатӣ берун бошад, агар вобастагии молиявӣ надошта бошад [3]. Аммо чунин маққсадгузориҳо ва надоштани тамоюли бойшудану чизеро дар ҳаёти худ ба самти беҳтар тағйир додан намегузорад, ки мо аз вобастагии молиявӣ озод бошем ва ба неъматҳои моддию маънавии сифатан хуб дастрасӣ дошта бошем. Аз ин рӯ, яке аз сабабҳои камбизоатии аҳолӣ ҷаҳонбинии созанда надоштан, мавҷуд набудани тамоюли бойшавӣ дар ниҳоди шаҳрвандон ва дурандешии қавӣ надоштан мебошад.

Дар маҷмӯъ дар ҷомеаи Тоҷикистон камбизоатӣ вуҷуд дошта, ғайр аз омилҳои фардию зеҳнӣ ба андешаи мо омили сохторӣ ба устувориш ҷонноктар аст. Аз ин рӯ, барои рафъи камбизоатии дар заминаи омилҳои зикршуда ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама, мавҷудияти як ҷаҳонбинии тоза ва шинохти комилан бадеи вуҷудӣ (моддӣ) ҳис карда мешавад, то арзишҳо ва бовару эътиқодҳои пешин бознигарӣ шаванд, зеро тағйироти маънавии фардӣ ва қабули чизи тоза бе қабули арзишҳои нав ва шинохти шеваи тозаи зиндагӣ номумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Мирзоев Т. Камбизоатӣ ва роҳҳои раҳои аз он. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. 591 с.
2. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2019// http://www.president.tj/node/5441
3. Давлатов С. Тарзи фикронии одамони сарватманд ва камбизоат. – Хуҷанд: 2020. – 335 с.
4. Томсон Дж., Пристли Дж. Социология. – М.: 1998. С. 363 – 364.
5. Фирӯза М. Ҷиноятӣ ноболиғон аз беназоратӣ ё камбизоатӣ // Ҷавонони Тоҷикистон – 2019. 10 январ
6. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. (2-е издание) – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.
7. https://www.ozodi.org/a/30345258.html
8. https://sptnkne.ws/q4br

МАСЪАЛАИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА САБАБҲОИ ПАЙДОШАВИИ ОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои рӯ ба инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар баробари масъалаҳои зиёди иқтисодию сиёсӣ мушкилиҳои ҷиддии иҷтимоие дорад, ки барои пешрафту тараққиёти босуръати мамлакат монеаҳо ба вуҷуд меоранд. Аз ҷумлаи он мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ метавон аз масъалаи камбизоатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ёд кард, ки мушкилоти дирӯзу имрӯз набуда, балки собиқаи куҳан дорад. Ин масъала дар ҷомеаи Тоҷикистон баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги дохилӣ доғ

шуд, ки таъсираш то имрӯз дида мешавад. Дар ин мақола сабабу омилҳои мушкилоти камбизоатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба воситаи чор шакли шинохти масъалаи камбизоатӣ, ки дар методологияи илмӣ истифода мешавад, баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, камбизоатӣ, сабабҳо, Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷанги дохилӣ, омили сохторӣ, омили инфиродӣ, омили тақдирӣ, омили хурдфарҳангӣ.

ПРОБЛЕМА БЕДНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ПРИЧИНЫ ЕЕ ВОЗНИКНАВЕНИЯ

Республика Таджикистан - одна из развивающихся стран мирового сообщества, и наряду со многими экономическими и политическими проблемами, она имеет серьезные социальные проблемы, препятствующие быстрому прогрессу и развитию страны. Среди них - социально-экономические проблемы бедности в обществе Таджикистана, которые не являются проблемами прошлого, но имеют давнюю историю. Эта проблема возникла в таджикском обществе после распада Советского Союза и гражданской войны, последствия которой ощущаются до сих пор. В этой статье обсуждаются причины и факторы проблем бедности в таджикском обществе изучающиеся с помощью четырех форм признания бедности, которые используются в научной методологии.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, бедность, причины, Советский Союз, гражданская война, структурный фактор, индивидуальный фактор, фаталистический фактор, субкультурный фактор.

POVERTY IN TAJIKISTAN AND ITS CAUSES

The Republic of Tajikistan is one of the developing countries of the world community, and along with many economic and political issues, it has serious social problems that hinder the rapid progress and development of the country. Among them,there are the socio-economic problems of poverty in the society of Tajikistan, which are not the problems of the past, but have a long history. This problem arose in Tajik society after the collapse of the Soviet Union and the civil war, the impact of which is still felt today. This article discusses the causes and factors of poverty problems in Tajik society through four forms of poverty recognition that are used in the methodology of science.

Keywords: Republic of Tajikistan, poverty, causes, Soviet Union, civil war, structural factor, individual factor, fatalistic factor, subcultural factor.

Сведения об авторе: ***Хакимов Абдулхайр Сайфович*** **-** Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры социологии факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17; **E-mail:**gumshuda.1997@gmail.com; **Телефон:** (+992) 93 330 19 17.

Information about author: ***HakimovAbdulkhayr Sayfovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Department of sociology, Faculty of philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17; **E-mail:** gumshuda.1997@gmail.com; **Phone.:** (+992) 93 330 19 17.

МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ДОНИШҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР РАВАНДИ КОР БО МИЗОҶ

Хофизов Б.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол кори иҷтимоӣ дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Аз солҳои аввали истиқлолият сиёсати иҷтимоие, ки ба рушди инсон, баробаршавии имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти муосир, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хадамоти иҷтимоӣ равона карда шудааст, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди кишвар мебошад. Қарору фармонҳо ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ ба беҳтар кардани вазъи иҷтимоии мардум, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии одамони камбизоат ва оилаҳо, рушди кори иҷтимоӣ, баррасӣ ва таҳлили ҳамасолаи масъалаи мазкур равона шудааст. Паёмҳои солонаи рохбари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули “Барномаи давлатӣ оид ба расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020” (№328, аз 21 июни соли 2018), Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёна мӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кори иҷтимоӣ мисоли равшани чораву тадбирҳои судманду ҳадафмандонаи Ҳукумату давлати мо мебошанд.[4. саҳ 135]. Ихтисоси «кори иҷтимоӣ» ба «Классификатори умумиҷумҳуриявии касбҳои

коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ» ҳамчун як касби алоҳидаву мустақил соли 2003 ворид гардидааст. Қобили ёдоварист, ки касби мутахассиси кори иҷтимоӣ ихтисоси хеле башардӯстона маҳсуб ёфта, аз соҳибкасб меҳру муҳаббати хоса доштанро нисбати ниёзмандон тақозо менамояд. Моҳияти кори иҷтимоии муосир ҳамчун як намуди фаъолият аз танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, мутобиқ кардани онҳо ба талаботҳои ҷомеаи муосири мутамаддин, афзоиши оқилона, инсондӯстӣ, субъективӣ, таҳкими робитаҳои байни шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва давлат ва дар маҷмӯъ расонидани кӯмаки моддӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва ғайра иборат мебошад. Ҳамаи таъсиротҳои берунаро одамон ҳар хел қабул мекунад. Яке ба тезӣ муаммои ба пеш омадаро ҳал мекунад дигаре дуру дароз дудилагӣ зоҳир мекунанд. Яке ором, осудагиро дар ҳар хел ҳолат нигоҳ дошта метавонад, дигареро ягон ҳолати ночиз безобита мегардонад. Ин фарқиятҳои одамон дар мизоҷи онҳо муайян мешавад. Мизоҷ ин яке аз хусусиятҳои шахсии одам буда, ҷоришавии равандҳои паиҳамӣ, интенсивонӣ, босуръат, усули равандӣ ва ҳолатҳои паиҳамӣ мебошад. Аз замонҳои қадим олимон барои ёфтани асоси органикии мизоҷ фикр мекарданд. Дар бораи асоси мизоҷ се тартиби аъзоҳо (органикӣ) вуҷуд дорад.

Аввалин гуморалӣ – яъне ин тартиби ҳолатҳои организми инсонро ба моеъҳое, ки дар ҷисми одам мавҷуд аст, вобаста мекарданд. Аз ин сабаб чор намуди мизоҷро ҷудо намуданд. Чунин шуморида мешуд, ки агар дар организм хун (лотинӣ «сангвис») зиёд бошад, пас мизоҷи сангвиникӣ, агар зарда (лотинӣ «холе») – зиёд бошад, намуди халерикӣ аст, агар луоб зиёд бошад (лотинӣ «флегма») флегматикӣ, агар зардаи сиёҳ зиёд бошад (лотинӣ «меланхоле») пас меланхоликӣ номида мешуд. Ин номгӯи мизоҷҳои гуногун дар асри V то милод аз тарафи табиби юнони қадим Пален Гипократ муайян карда шуда, то давраи мо омада расидааст. Гарчанде ки ин кашфиёти олим хело содда бошад ҳам, лек дар он ҳамаи намудҳои мизоҷ дар рӯҳи одам муайян шуда, яке аз мизоҷҳо бештар зоҳир шуданашон дуруст қайд шуда буд. Худ калимаи «Мизоҷ» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «муносибаткунии қисмҳо» мебошад. Дуюмин, конституцсионалӣ буда, ин тартиб асоси мизоҷҳоро меомӯзад, ки он дар асри XIV ба вуҷуд омадааст. Асосгузарони ин тартиб Крегмер ва Шелден мебошанд. Онҳо мизоҷҳоро ба тарзи сохти тани инсон алоқаманд мекарданд. Мазмуни асосии ин назария аз сохти тани одам мизоҷро гӯё муайян кардан мумкин. Крегмер чор намуди сохти тани инсон ба монанди мавзун (лентисоматин), варзишгар (паҳлавон), танадор (атлетик), фарбеҳ ва ғайрипайкарӣ (диспластин) дида баромад. **Мавзун**-тани нозук, қади баланд, китфони танг, пойҳои дароз доранд. Паҳлавон (атлетик) – мушакҳои тараққикарда дошта, тани боқуввату қади баланд ё миёна дошта, китфонаш васеъ аст. Ғайрипайкарӣ (диспластин) – одамони сохти танашон нодуруст ва ғайримуқаррарӣ дошта, тани онҳо деформатсия (каҷу килеч) аст.

Ба се намуди сохти тан Э.Крегмер се намуди мизоҷро, ки чунин номҳо гузошт, хос буд.

1. Инзотилин,
2. Истомитин,
3. Сикломин;

Инзотилин - (астеникӣ) – қади мавзун дошта, камгап дар вай калавандагии эмотсия, яъне дигаргуншавии ҳолати руҳӣ дида мешавад. ӯ якрав буда, тез ба шароити нав ё ба фаъолияти нав мутобиқ намешавад.

Истомитин - (паҳлавон) буда, ором осуда мебошад. Симои рӯй ва ҳаракатҳо бештар суст мебошад. Дар вай хусусияти майзадагонро бештар дидан мумкин аст.

Сикломин – бештар одамони танадор буда, дар онҳо ҳолатҳои хушчақчақӣ, хушмуомилагӣ бо одамон ва нисбатан кушодчеҳра мебошанд. Вақте ки назарияи конституцсионалии олимон дастраси омма гардид, онҳо аз ҳар тараф онҳоро танқид мекарданд. Норасогии асосӣ дар ин назария дар он аст, ки онҳо таъсири муҳит, шароит ва ташаккулёбии хусусиятҳои паиҳамии индивидро ба назар намегирифтанд, баъзан инкор ҳам мекарданд. Дигар назарияе, ки он сеюмин аст, асоси мизоҷро ба фаъолияти системаи асаби марказӣ вобаста мекунад.

Дар таълимотҳои И.П. Павлов дар бораи таъсири системаи асаби марказӣ ба хусусиятҳои динамикии рафтор, се хусусиятҳои системаи асаби ба монанди қувва, мувозинатӣ ва серҳаракатии равандҳои ҳаяҷон ва боздорӣ муайян карда шуданд.

Қувваи боздорӣ ва **қувваи ҳаяҷонро** олим ҳамчун хусусиятҳои системаи асабии аз якдигар вобастанабуда ҳисобид. Дар таҳти **мувозинати равандҳои асабӣ**_И.П. Павлов баробарии равандҳои боздорӣ ва ҳаяҷонро мефаҳмид. Муносибати ду қувваю мувозинатӣ ва номувозинатии индивид, ки яке аз қувваҳо нисбати дигар қувва бартарӣ дорад, муайян карда мешуд. Сеюмин хусусияти системаи асабӣ ин **серҳаракатӣ**, яъне ҷойи якдигарро гирифтани ҳолатҳои ҳаяҷону боздорӣ мебошад, ки он аз як раванд ба дигар раванд тез мегузарад. Серҳаракатии равандҳои асаб дар дигар шудани рафтор бо дигаршавии шароити ҳаётӣ ба вуҷуд меояд. Вазифаи ин хусусияти системаи асаб аз як намуди ҳаракат ба дигар намуди ҳаракат тез гузаштан, аз ҳолати нофаъолӣ ба фаъолӣ гузаштан аст. Акси серҳаракатӣ ин равандҳои асаби суст (инертӣ) мебошад. Чӣ қадаре, ки системаи асаб суст (инертӣ) бошад, ҳамон қадар аз як раванд ба дигар раванд гузаштан, вақти бисёр лозим аст.

Аз тарафи И.П. Павлов чор намуди асосии фаъолияти олии асабро нишон додааст.

1.Зӯрии дар мувозинат будаи серҳаракатӣ ба одамони намуди сангвиник хос аст.

2.Зӯрии дар мувозинат будаи суст, ки ба одами намуди флегматик хос аст.

3. Зӯрии дар мувозинат набуда, ба холерик вобаста аст.

4.Ва дар охир одами суст ба намуди меланхолик вобаста аст. Таълимоти чунин намудҳои системаи асаб бо тавсифотҳои асосии худ ба чор намуди мизоҷҳо мувофиқат мекунад.

Барои тадқиқ намудани хусусиятҳои системаи асаби инсон якчанд усулҳо истифода карда шуд. Дар натиҷа ду хусусияти равандҳои асабӣ муайян карда шудаанд, ки он ноустуворӣ ва серҳаракатӣ мебошад. Ноустувории системаи асаб дар суръатнокӣ ва манъшавии равандҳои руҳӣ дида мешаванд. Асоси системаи асаби серҳаракат бошад ба тезӣ ва осон ба вуҷуд омада, рефлексҳои шартии мусбӣ ҳаяҷон (серҳаракатии ангезиш) ва боздорӣ (серҳаркати боздорӣ) мебошад. Мувофиқи таълимоти И.П. Павлов маҳз он хусусиятҳои рафторе, ки дар он хосиятҳои торҳои асабӣ зоҳир мешаванд, мизоҷро ташкил медиҳанд. ҳар як намуди мизоҷ хусусиятҳои ба худ хосро дорост.

Холерик - чунин одамони системаи асаб дошта, ки ҳаяҷон аз болои боздорӣ ҳукмфармо аст. Аз ҳамин сабаб, онҳо тез, баъзан саросемавор ба таъсиротҳои беруна мутаассир мешаванд. Холерик беитоат, чобук, чаққон серҳаркат буда, рафиқони зиёд дорад. Ба коллективи нав тез унс мегирад, ӯ камтоқат буда, тез ҳолати эмотсионалиаш дигаргун шуда меистад.

Сангвиник – системаи асаби зӯр, дар мувозинат буда ва серҳаракат мебошад. Ӯ чаққон буда, рафторҳояш боандеша, одами хушчаҳчаҳ, ҳазлу шӯхиро дӯст медорад, ба коллективи нав тез мутобиқ мешавад. Дар фаъолияти якранга тез дилгир шуда, агар корҳо шавқовар бошад, хеле фаъол мегардад. Дар ҳолати пуршиддати эмотсионалӣ худро идора карда метавонад.

Флегматик – системаи асаби зӯр, дар мувозинатбуда дорад, аммо беташаббус – яъне хеле камҳаракат аст. Флегматикро ба ҷаҳл овардан ё хурсанд кардан хело мушкил буда, табъи устувори якхела дорад. Дар ҳолатҳои вазнинии серташвиш ҳам флегматик оромиро нигоҳ медорад. Хеле қобилияти баланди корӣ дошта, ба таъсиротҳои зӯр муқобилият нишон дода метавонад, аммо ба мушкилиҳои тасодуфӣ тез ҷавоб дода наметавонад. Танҳогиро дӯст дошта, дар шароити нав бо мушкилӣ мутобиқ мегардад.

Меланхолик – системаи асабӣ суст дошта, ҳаяҷони баланд зоҳир мекунанд. Ба ангезандаҳои суст низ ҳаяҷоннок мешаванд. Аз ангезишҳои баланд ё зӯр худро аз даст медиҳанд. Аз ҳамин сабаб дар ҳолати пуршиддат (имтиҳон, мусобиқа ва ғайра) натиҷаи фаъолияти меланхолик нисбат ба шароити ором хеле паст мешавад. ҳассоснокии баланд ӯро тез хаста карда, қобилияти кориашро суст мегардонад (бояд дуру дароз дам гирад). ҳатто ягон баҳонаи ночиз ӯро хафа мегардонад. Табъаш тез ивазшаванда мебошад. ӯ бештар хафа, безобита ва ба худ боварии кам дорад.

Мизоҷ ҳамчун сифатҳои шахсӣ зоҳир мешавад. Лекин мизоҷро бо хислат омехта кардан лозим нест. Хислат дар рафторҳои одам дар муносибат нисбат ба худ ва дигарон зоҳир мегардад. Одамони мизоҷи якхела дошта метавонанд раҳмдил, дағал, танбал, меҳнатдӯст, бесомон, озода бошанд. Мизоҷ танҳо дар равонагии руҳӣ ҷараён медиҳад. Аз мизоҷ асосан чунин хусусиятҳои шахсият ба мисоли тасаввуротнокӣ, эмотсионалӣ, беихтиёрӣ (импулсивӣ) ва безобитагӣ вобастагӣ дорад. Дар фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ ва ҳам муносибаткунии одамон аз рӯйи мизоҷ аҳамияти калон дорад. Мисол: агар холерик ва флегматик дар якчоягӣ кор кунанд, албатта оқибат ба мухолифат оварда мерасонад. Намудҳои мизоҷ ва тавсифи психологии онҳо гуногун мебошад, ки мо дар инҷо баъзеи онҳоро зери таҳлил қарор додем Эмотсияҳои равшан, намоён, тез – тез тағйирёбии ҳолати рӯҳӣ, бомуоширатӣ – ҳамчун нишонаҳои **намуди холерикии** мизоҷ.

Чолокӣ ва тезҳаракатӣ, тез мутобиқшавандагӣ, хаяҷоннокӣ ва зиндадилӣ – аломатҳои ба **намуди сангвиникии** мизоҷ хос буда. Оромию бомувозинатӣ, устуворӣ ва ҷараёни сусти равандҳои рӯҳӣ – ҳамчун хусусиятҳои ба **намуди флегматикии** мизоҷ мансуббуда. Эмотсионалӣ ва ҳассосӣ, нозукии баланд ва суст мутобиқшавандагӣ, бартарияти раванди боздорӣ бар раванди ҳаяҷон ҳамчун сифатҳои хоси **намуди меланхоликии** мизоҷ мебошад. Азбаски кори иҷтимоӣ як намуди фаъолияти гуногунҷабҳа ва универсалӣ мебошад ва ҳамчун илм ба маҷмӯи илмҳои дигар алоқаманд аст, дар амалияи кори иҷтимоӣ назарияҳо ва методҳои гуногуни илмӣ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, кори иҷтимоӣ бо дигар илмҳои гуманитрай ба мисли фалсафа, сотсиология, педагогика, ҳуқуқшиносӣ, психология ва ғайра алоқамандии зиҷ дорад. Мо дар боби дуюми таҳқиқоти илмии худ татбиқи усулҳои психологӣ дар амалияи кори иҷтимоиро дида баромадем. Психология (равоншиносӣ), илмест дар бораи қонунҳои объективии фаъолияти рӯҳӣ, аз ҷумла эҳсос, идрок, хотир, тасаввур, хаёл ва ғайра. Психология инчунин қонунҳои ташаккули талабот, шавқу ҳавас, малака, одат, мизоҷ, характер, қобилият ва ғайраро, ки хусусиятҳои психологии шахсият ҳисоб меёбад, меомӯзад. [14. 220 саҳ] Ичунин, психология қонуниятҳои рафтор ва фаъолияти одамонро дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва тавсифи психологии ҳамин гурӯҳҳоро меомузад, ки ин ҳама объекти кории кормандони иҷтимоӣ низ мебошад. Психология ҳодисаҳои психикии инфиродӣ ва гурӯҳиро, моҳияти он, қонуниятҳои инкишоф ва ташаккул, нақши фаъолият ва рафтори инсонро меомӯзад. Умуман фанни равоншиносӣ (психология) хусусиятҳои психикӣ (равонӣ) ва қонуниятҳои ташаккули шахсияти инсонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар замони ҳозира дар омӯзиши шахсияти инсон равоншиносӣ муҳимтарин соҳаи илм ба шумор рафта, сохту таркиби мураккаб дорад, ки он соҳаҳои мухталифи ба ҳам пайвастро фаро мегирад. Вазифаҳое, ки дар назди тадқиқоти мушаххаси психологӣ меистанд, бо якчанд роҳ ҳал карда мешаванд. Яке аз онҳо ин мушоҳидаи ҳолати равонии мизоҷ дар ҷараёни ҳамкорӣ бо ӯ мебошад, ки дар кори равоншиносон хеле маъмул аст ва барои корманди иҷтимоӣ хеле зарур аст. Мушоҳидаи рафтори мизоҷ дар шароити воқеии ҳаёти ҳаррӯзаи ӯ, масалан дар оила, гурӯҳи иҷтимоӣ махсусан муфид аст. Дар кори иҷтимоӣ машварати психологӣ васеъ истифода мешавад. Ба машварити психологӣ ҳама қишри аҳолӣ аз ҷумла, роҳбарон, коргарони оддӣ, волидон, донишҷӯён, оилаҳои ҷавон, ва ғайра ниёз дорад. Дар натиҷаи машварати психологӣ фаъолияти инфиродӣ ва гурӯҳии онҳо сохта мешавад. Дар кори иҷтимоӣ як чанд усулҳо истифода мешавад. Усули интихоби равонӣ - яке аз усулҳои зарурӣ дар фаолияти кормандони иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Он барои худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ҷавонон, муайян кардани соҳаи бозомӯзии кадрҳо, ҷалби гурӯҳҳо истифода мешавад. Истифодаи усули мутобиқсозии психологӣ дар кори иҷтимоӣ ба натиҷаҳои назаррас мерасонад. Онҳо мизоҷонро ба ҳастии иҷтимоӣ бармегардонанд, то ки онҳо вазъи иҷтимоиро хубтар дарк кунанд, худбовариро инкишоф диҳанд ва ба шароити тағирёбандаи зиндагӣ мутобиқ шаванд. Таълими иҷтимоию психологӣ ва худкоромӯзӣ ба усули хоси кори иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Ин усулҳо тавассути ташаккули амалии сифатҳои иҷтимоии инсон, муносибатҳо ва усулҳои фаъолият ҷалб карда мешаванд. Дар он вақт натиҷаи он ба

даст оварда мешавад, ки агар интиқоли зерсохтори ташаккулёфта ба шароити воқеии фаъолияти меҳнатӣ, таълимӣ ва ғайра таъмин карда шавад. Усулҳои ислоҳи рафтор, ҳавасмандкунӣ, муошират, худбаҳодиҳӣ хусусияти возеҳи ифодаи психологӣ доранд: мизоҷ камбудиҳои сохтори шахсияти худро дарк мекунад, моделҳои нави рафтор ва машқҳоро дар татбиқи онҳо таҳия менамояд, дар натиҷаи умумигардонӣ ва интиқоли минбаъда форматсияҳои иҷтимоӣ-равонӣ ба шароити нави ҳаёти ӯ. Усулҳои психотерапия нисбати шахсият дар маҷмӯъ амиқанд. Онҳо ба дигаргуниҳои психологӣ дар сохтори шахсияти ҷудонашаванда равона карда шудаанд. Дар ин замина, усулҳои психологие, ки дар кори иҷтимоӣ дар шакли омӯзиш, бозиҳо, таъмид истифода мешаванд, муназзам ва тавоно мебошанд. Корманди иҷтимоӣ дорои бисёр вазифаҳост. Ҳангоми иҷрои онҳо, ӯ бешубҳа ба ёрии психология муроҷиат мекунад. Бояд қайд кард, ки корманди иҷтимоӣ дар ҳалли дилхоҳ проблемаи мизоҷ ҳамчун лидер баромад мекунад. Ин кори гурӯҳӣ бошад ё бо мизоҷи алоҳидаи дар ҳолати депресивӣ қарордошта ва ғайра корманди иҷтимоӣ ба худидоракунии мизоҷ такя мекунад. Корманди иҷтимоӣ аксар вақт ҳамчун равоншиноси иҷтимоӣ баромад мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки проблема ва ҳолу аҳволи мизоҷи худро дарк намояд ва барои муайян кардани мавқеи иҷтимоии худ ба мизоҷаш кӯмак кунад. Кормандони иҷтимоӣ ҳамчун ташкилкунанда, нигоҳдоранда ва инкишофдиҳандаи робитаҳо байни давлату ҷомеа баромад мекунад. Онҳо ҳавасмандгардонии фаъолияти ба иҷтимоӣ нигаронидашудаи муштариёнро инкишоф медиҳанд, ташаббуси шахсро ғанӣ мегардонанд, рафторро ислоҳ мекунанд ва корҳои иҷтимоӣ-терапевтиро пеш мебаранд. Корманди иҷтимоӣ ҳамчун равоншиноси амалӣ фаъолият мебаранд, зеро мундариҷа ва усулҳои фаъолияти ӯ ба ҳалли масъалаҳои амалии ҳаёти мизоҷон равона карда шудаанд. Ташаббуси амиқи иҷтимоӣ ба фаъолияти корманди иҷтимоӣ хос аст. Психологияи иҷтимоӣ ва педагогика асоси назариявӣ ва методологии кори иҷтимоӣ мебошанд. Фаъолияти социономӣ табиатан мураккаб аст, бинобар ин корманди иҷтимоӣ аслан педагог-равоншинос аст. Вай бо истифода аз воситаҳои психологӣ, вазъи социомонӣ, вазъи иштирокчиёни онро ташхис мекунад, зарурати истифодаи технологияҳои иҷтимоиро асоснок мекунад. Вай бо истифода аз усулҳои педагогӣ иттилоот медиҳад, гурӯҳҳои корӣ ташкил мекунад, кори дастаҷамъиро ташкил мекунад, дониш, малака ва малакаҳои барои ҳалли масъалаҳои тағирёбандаи ҷомеа ва шахсият заруриро боварӣ мебахшад, воқеӣ мегардонад. Пайдоиши назарияҳои психологие, ки ба ташаккули усулҳои кор бо мизоҷон дар хадамоти иҷтимоӣ таъсири бевосита мерасонанд, ба Зигмунд Фрейд таалуқ дорад, ки ӯ падидаи беҳушӣ ва таъсири онро ба рафтор ва шахсияти инсон тавсиф кардааст. Фрейд изҳор дошт, ки ҳама ҳолатҳои рӯҳӣ аз рӯйдодҳои қаблӣ, таассуроти кӯдакӣ ба вуҷуд меоянд ва муайян карда мешаванд. Вай се сатҳи равониро муайян кард: шуур, зершуур, беҳушӣ, ки дар онҳо детерминантҳои асосии шахсият, нерӯи рӯҳӣ, импулсҳо ва ғаризаҳо ҷойгиранд. Баъдтар, равоншиноси швейтсарӣ Карл Густав Юнг андешаи Фрейдро инкишоф дода, беҳушии умумиро, ки аз таърихи инсоният то ба имруз ҷамъ шудааст, ташаккулёфтаҳои амиқи психологиро, ки аз як насл ба насли дигар дар шакли хотираи генетикӣ мегузаранд, тавсиф кард. Маҳз хотираи генетикӣ, ба гуфтаи Юнг, психикаро роҳбарӣ ва ба тартиб медарорад. Хотираи генетикӣ хотираи амиқи шахс дар бораи фарҳанги ниёгон, анъанаҳо, арзишҳо ва афзалиятҳои онҳо мебошад. Хусусияти муҳими консепсияи психоаналитикӣ пешниҳод мекунад, ки беҳушӣ дар психика нақши роҳбарикунандаро мебозад.

Корманди иҷтимоӣ вазифаҳои гуногунро иҷро намуда, барои ҳал намудани масоили зарурӣ пайваста бояд кӯшиш намояд. Корманди иҷтимоиро лозим меояд, ки ҳангоми кор бо ин ё он гурӯҳи аҳолӣ аз роҳу усулҳои гуногун истифода барад. Кори иҷтимоӣ ҳамчун касб як намуди махсуси фаъолият ё шуғли шахсест (корманди иҷтимоӣ), ки дорои салоҳиятҳо, донишҳо ва малакаҳои амалии дар натиҷаи умумӣ ва махсус, яъне касбӣ, омӯзишӣ ё таҷрибаи корӣ бадастомада мебошад. **Корманди хадамоти иҷтимоӣ** дар Тоҷикистон мутобиқи қонуни қабулшуда «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» (аз 5 январи соли 2008, №359) он ба кормандоне далолат мекунад, ки онҳо ба одамони дар муассисаҳои парасторӣ қарордошта, одамони эҳтиёҷманди дар хонаҳои иҷтимоӣ сукунатдошта ва шахсони дар оилаҳо истиқоматкунанда, ба шахсони дар

марказҳои будубоши рӯзона ҳузурдошта ва дигар шахсони ба хизматрасонии иҷтимоӣ ниёзманд, дар ҳудуди қонунҳо иҷрои вазифа, ғамхорӣ ва хизматрасонӣ мекунанд. Бо мақсади ошкор кардани моҳияти психологии касби "Кори иҷтимоӣ", муайян кардан лозим аст, ки мафҳуми "касб" чӣ маъно дорад ва ҷузъҳои асосии он аз чӣ иборатанд.

Касб (профессия) - як намуди фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки таҳсил, омӯзиш ва малака ва ҳамчунин таҷрибаи муайянро талаб мекунад; навъи асосии фаъолияти меҳнатии инсон, на танҳо омодагии муайянро дарбар мегирад, балки манбаи мавҷудият низ мебошад. Гурӯҳи калони одамоне, ки бо як намуди умумии фаъолияти меҳнатӣ муттаҳид карда шудаанд, мутахассисон номида мешаванд. Ҳар як касб таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои рушд дорад. Дар аввал, касбҳо аз ниёзҳои хоси одамон ба вуҷуд меоянд. Он гоҳ ҷамъоварӣ ва фаҳмиши таҷрибаи амалӣ ба вуҷуд меоснд. Минбаъд заминаи назариявии фаъолияти касбӣ ташаккул меёбад. Вазифаи тайёр кардани кадрхо хал карда мешавад. Асосҳои илмии фаъолияти амалии мутахассис, (маҷаллаҳои касбӣ, монографияҳо, адабиёти таълимию методӣ ва ғ. пайдо мешаванд), ташкилотҳои касбӣ таъсис дода мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Муллобоева Д.А.//Дурнамои рушди кори иҷтимӣ ҳамчун касб дар Тоҷикистон// Паёми ДМТ.№ 1. Душанбе 2020 саҳ.135-137.
2. Майерс Д. Социальная психология. - 6-е изд., перераб. и доп. - СПб.: Питер, 2008. - 752с.
3. Конуни ЧТ“Барномаи давлатӣ оид ба расонидани кумаки суроғавии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020” (№328, аз 21 июни соли 2018).
4. Кодекси одоби кормандони иҷтимоии Тоҷикистон. Душанбе. ДМТ. 2012с.
5. Кравченко, А.И. Социальная работа: учебник для ВУЗов// М.: Проспект; Велби, 2008. - 416 с.
6. Кулебякин, Е.В. Психология социальной работы / Е.В. Кулебякин. – Владивосток: Изд-во. Дальневосточного университета, 2004. - 82 с.

МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ДОНИШҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР РАВАНДИ КОР БО МИЗОҶ

Дар маколаи мазкур муаллиф моҳият ва аҳамияти донишҳои психологиро дар раванди кор бо мизоҷ баррасӣ намудааст. Моҳияти кори иҷтимоии муосир ҳамчун як намуди фаъолият аз танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, мутобиқ кардани онҳо ба талаботҳои ҷомеаи муосири мутамаддин, афзоиши оқилона, инсондӯстӣ, субъективӣ, таҳкими робитаҳои байни шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва давлат ва дар маҷмӯъ расонидани кӯмаки моддӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва ғайра иборат мебошад. Ҳамаи таъсиротҳои берунаро одамон ҳар хел қабул мекунанд. Мизоҷ ин яке аз хусусиятҳои шахсии одам буда, ҷоришавии равандҳои паиҳамӣ, интенсивонӣ, босуръат, усули равандӣ ва ҳолатҳои паиҳамӣ мебошад. Аз замонҳои қадим олимон барои ёфтани асоси органикии мизоҷ фикр мекарданд.

Калидвожаҳо: дониши психологӣ, мизоҷ, муносибатҳои иҷтимоӣ, танзим, ҷомеаи муосири мутамаддин.

ПРИНАДЛЕЖНОСТЬ И ВАЖНОСТЬ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ В ПРОЦЕССЕ РАБОТЫ С ТЕМПЕРАМЕНТАМИ

Автор рассматривает сущность и важность психологических знаний в процессе работы с темпераментами. Суть современной социальной работы в качестве вида деятельности по регулированию общественных отношений, адаптанизм, субъективные, правовые, психологические и др. Люди принимают все внешние воздействия. Темперамент является одним из личных особенностей человека и должен быть потенен в отношении, интенсивных, быстрых, развивающихся методов и ситуаций. С древних времен ученые думали о том, чтобы найти оригинальную органическую основу темпераментов.

Ключевые слова: психологические знания, секторы, социальные отношения, регуляторы, современное гражданское общество.

AFFILIATION AND IMPORTANCE OF PSYCHOLOGICAL KNOWLEDGE IN THE WORK PROCESS WITH TEMPERAMENTS

The author considers the essence and importance of psychological knowledge in the process of working with temperaments. The essence of modern social work as a type of activity for regulating social relations, adaptanism, subjective, legal, psychological, etc. People accept all external influences. Temperament is one of the personal characteristics of a person and must be experienced in relation to intensive, fast-paced, evolving methods and situations. Since ancient times, scientists have thought about finding the original organic basis of temperaments.

Keywords: psychological knowledge, sectors, social relations, regulators, modern civil society.

Сведения об авторе: ***Ҳофизов Бахром Абдурахимович*** – магистр второго курса факультета философии Таджикского национального университета. **Телефон*: 93 925 81 81***

Information about the author: ***Hofizov Bahrom Abdurahimovich*** - second-year master's student of the Faculty of Philosophy of the Tajik National University. **Phone:** 93 925 81 81

ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА МАДАНИЯТИ ҲУҚУҚӢ

Ҳоҷаев Ҳ. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раванди барқароршавии ҷомеаи ҳуқуқбунёд бевосита ба ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон алоқам андии зич дорад. Сатҳи инкишофи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон нишондиҳандаи инкишофи меъёрҳои ҷомеаи мутамаддину модернизатсионии замони муосир мебошад. Шуури ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад. Шуури ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар шакли донишҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Ботадриҷ талаботи одамон ба меъёрҳои ҳуқуқӣ афзуда истодааст, зеро муносибатҳои иҷтимоии замони муосир ботадриҷ пурра зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ мемонанд. Барои он, ки одамон озодона бо ҳам муносибат намоянд ё манфиату ҳуқуқҳои шахсӣ ва позитивии хешро ҳимоя карда тавонанд, бояд меъёрҳои ҳуқуқиро донанд. Зери мафҳуми «маданияти ҳуқуқӣ» маҷмӯи донишҳо, арзишҳо ва рафтори ҳуқуқии шахс фаҳмида мешавад. Маданияти ҳуқуқӣ зуҳуроти мураккаби ҳаёти иҷтимоӣ аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқиро дар раванди ҳаёти иҷтимоӣ фаро мегирад. Шуур ва маданияти ҳуқуқии ҷомеаро шахс тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ аз худ менамояд. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар баробари дигар институтҳои иҷтимоӣ, мисли ВАО, оила, дин ва ғайра вазифаи иҷтимоишавии ҳуқуқии шахсро низ ба иҷро мерасонад ва инсонро ба ҳаёти иҷтимоӣ омода сохта, ба субъекти мустақили ҷамъият табдил медиҳад. Имрӯз сарчашмаҳои иттилооти ҳуқуқӣ ВАО, кодексҳо, Конституцсия, санадҳои зерқонунӣ, интернет, институтҳои иҷтимоӣ (маориф), мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия, суд, прокуратура, адвокат) ва дигар воситаҳои дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми дастрас намудани иттилооти ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва истифода намудани он дар ҳаёти ҳаррӯза маданияти ҳуқуқӣ пайдо мешавад. Муайян шудааст, ки инсон новобаста аз хоҳишҳои худ берун аз ҷомеа ва озод аз он зиндагӣ карда наметавонад. Ба ин хотир инсонро мавҷуди иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд ва раванди бошуургардӣ ва иҷтимоӣ гаштани инсон натиҷаи иҷтимоишавӣ ва ҷараёни омӯзиш аст. Иҷтимоишавӣ танҳо хоси инсон аст. Ҳарчанд рафтори дар назари аввал муташаккилона, тақсимоти меҳнат, ғамхорӣ ба насл, ҳифзи ҷиддии ҳудуд ва дигар сифатҳои ба ҷомеа хос дар мавҷудоти бешуури зинда ба мушоҳида мерасад, аммо ин ҳама ба таври ғаризавӣ сурат мегиранд, ба амали бошууронаву эҷодкорона ҳеҷ гуна робита надоранд. Инсон бошад дар содир намудани рафтору амал нисбатан мустақил аст, барои расидан ба мақсади пешгузошта роҳу вариантҳои зиёди алтернативиро истифода мебарад, онҳоро муқоиса менамояд, ба онҳо баҳо медиҳад, бошууронаю эҷодкорона рафтор менамояд ва дар ин самт ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода метавонад. Инсоният барои азхуднамоии арзишу меъёрҳои иҷтимоӣ вақти зиёдеро талаб менамояд, зеро инсон натанҳо дар кӯдакӣ, балки дар наврасию ҷавонӣ раванди омӯзишро давом медиҳанд. Аз ин рӯ, инсон ба ҳама гуна шароит қобилияти мутобиқшавӣ дорад ва ба муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ ворид мегардад. Барои ин сифатҳоро касб кардан бояд инсон раванди иҷтимоишавиро гузарад, зеро инсон нисбат ба дигар мавҷудоти зинда оҷиз таваллуд мешавад ва ниёз ба дастгирӣ ва ғамхорӣ дорад. Иҷтимоишавӣ қабл аз ҳама раванди азхуднамоии меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшҳои иҷтимоӣ мебошад, ки тамоми умр давом менамояд. Сифатҳои шахсӣ маҳсули ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ, раванди коммуникатсия ва натиҷаи иҷтимоишавӣ мебошад. Таъсири ҷомеа ба фард ва ба шахс табдил додани ӯ дар илми сотсиология “иҷтимоишавӣ” ном гирифтааст. Аввалин маротиба мафҳуми «иҷтимоишавӣ»-ро сотсиологи амрикоӣ Ф.Г. Гиддингс соли 1887 дар асараш «Назарияи иҷтимоишавӣ» барои ифодаи инкишофи табиати иҷтимоӣ ва тайёр

намудани инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ мавриди истифода қарор додааст. Аз миёнаҳои асри XX иҷтимоишавӣ ба яке аз соҳаҳои мустақили тадқиқотӣ табдил ёфт. Имрӯз масъалаи иҷтимоишавӣ ва тарафҳои гуногуни онро файласуфҳо, этнографҳо, психологҳо, криминологҳо, сиёсатшиносон ва сотсиологҳо меомӯзанд. Иҷтимоишавӣ раванди азхудамоии маданият (меъёрҳо, арзишҳо, идея, қоида, рафтор ва стереотипҳо (муқаррарот)-и ҳукумрони ҷомеаро меноманд. Иҷтимоишавӣ гуфта, ҷараёни ба ҳамтаъсирасонии иҷтимоиро меноманд, ки дар раванди он одамон донишҳо, назарияҳо, принсипҳо ва қоидаи рафтори ҳаётан муҳими ҷомеаро аз худ мекунанд. Маҳз бо воситаи иҷтимоишавӣ организми оддии биологӣ ба мавҷуди иҷтимоии созандаю эҷодкор, яъне шахс табдил меёбад. Бе ҷараёни иҷтимоишавӣ аз як насл ба насли дигари инсони интиқол додани мероси фарҳангӣ ғайриимкон аст. Мавҷудияти инсон ва фаъолияти самараноки он ба мероси иҷтимоӣ- фарҳангӣ, ки наслҳои гузашта дар таърихи ҳазорсолаҳо онро офарида ва инкишоф додаанд, вобастагии зиёд дорад. Ба шарофати интиқолёбии фарҳанг ҳар як насли инсонӣ қодир ҳастанд ба пеш ҳаракат кунанд ва ба он чизеро зам карда, ба ояндагон мерос гӯзоранд. Бе иҷтимоишавӣ инсон дар давоми умри худ қодир нест, ки мероси фарҳангиро аз худ кунад ва ҳастии шахсии худро ба низоми ягонаи ҷамъият пайваст гардонад. Ба раванди иҷтимоишавии шахс сотсиологи франсуз Эмил Дюркгейм таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, зери ин мафҳум амали шуури коллективӣ ва аз як насл ба насли дигар гузаштани меъёрҳо ва анъанаҳои иҷтимоиро фаҳмидааст. Э. Дюркгейм менависад: « Ҷомеа ҳамон вақт вуҷуд дошта метавонад, ки дар байни аъзоёни он ба дараҷаи зарурӣ монандӣ ва шабоҳат вуҷуд дошта бошад. Тарбия ин гуна шабоҳатро такрористеҳсол ва устувор мегардонад…, аммо аз дигар тараф, бе фарқият ва гуногунрангӣ боз мавҷудияти ҳамкориҳо ва ширкатҳо ғайриимкон мегарданд. Дар ин ҳолат ҳам тарбия ин зарурати тафовутҳоро ҳифз менамояд дар ин ду ҷанбаи худ дар иҷтимоишавии насли наврас инъикос мегардад». Макс Вебер иҷтимоишавиро мутобиқати одамон ба институтҳои ҷомеа ва василаи қабули меъёрҳои эътирофи умумгаштаи иҷтимоӣ номидааст. Т. Парсонс бошад иҷтимоишавиро ҳамчун ҷараёни адаптатсияи функсионалистии фард мефаҳмад. Ба андешаи ӯ иҷтимоишавӣ як воситаи барқарорнамоии тавозуни иҷтимоӣ аст. «Иҷтимоишавӣ натанҳо ба мо имконият медиҳад, ки тавассути азхуднамоии нақшҳои иҷтимоӣ бо ҳам муошират намоем, балки ҳифзу нигоҳдошти ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳарчанд шумораи аъзоёни ҷомеа пайваста тағйир меёбад, одамон таваллуд мешаванд ва мемиранд, иҷтимоишавӣ ба нигоҳдории худи ҷомеа мусоидат менамояд, ба шаҳрвандони насли нав идеалҳо, арзишҳо ва намунаи рафтори мақбули умумгаштаро меомӯзонад». Ба андешаи Смелзер иҷтимоишавӣ раванди ҳамгироии шахс бо ҷомеа дар шаклҳои гуногуни умумиятҳои иҷтимоӣ (гурӯҳҳо, институтҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ) тавассути аз ҷониби онҳо азхуднамоии унсурҳои маданият, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар натиҷаи он сифатҳои муҳими иҷтимоии шахс ташаккул меёбанд. Ба раванди иҷтимоигардии шахс омилҳои муайяне, мисли интизорӣ, тағйирдиҳии рафтор ва кӯшиши мувофиқат намудан ба ин интизориҳо таъсир мерасонанд. Сотсиологи машҳури англис Э.Гидденс раванди иҷтимоишавии шахсро чунин тасвир намудааст: «Иҷтимоишавӣ равандест, ки навзоди оҷиз ботадриҷ ба мавҷуди бошуури худшинос табдил меёбад, ба моҳияти маданияте, ки дар он таваллуд шудааст, сарфаҳм меравад. Иҷтимоишавӣ кадом як навъи «барномасозии фарҳангӣ» нест, ки кӯдак пассивона онро қабул намояд, балки аз давраҳои аввали таваллуд ниёзҳо ва талаботҳоро ҳис менамояд ва дар навбати худ ба рафтори он одамоне, ки ба ӯ ғамхорӣ менамоянд, таъсир мерасонад». Ҷомеашиноси рус чунин намудҳои иҷтимоишавии шахсро нишон додааст:

- ✓ «Иҷтимоишавии миллӣ (этникӣ, маҳаллӣ)»;
- ✓ «Иҷтимоишавии оилавӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии иқтисодӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии сиёсӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии касбӣ»;

- ✓ «Иҷтимоишавии психологӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии таҳсилотӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии педагогӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии гендерӣ»;
- ✓ «Иҷтимоишавии фарҳангӣ»

Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ як намуди асосии иҷтимоишавии шахс ва раванди иҷтимоиест, ки фард тавассути он меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, қонун ва санадҳои меъёри ҳуқуқии ҷомеаи мушаххасро меомӯзад. Ба воситаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шахс узви комилҳуқуқи ҷомеа мегардад. Барои иҷтимоишавии бомуваффақияти ҳуқуқӣ ҳанӯз азхуднамоии меъёру арзишҳои ҳуқуқӣ ва интернализатсия пурра кифоягӣ намекунад. Муҳим он аст, ки шахс меъёру арзишҳоро ба меъёру арзишҳои шахсии хеш муқобил гузошта метавонад. Гап дар сари он меравад, ки агар ин меъёрҳо ва арзишҳои шахсии инсон натиҷаи фаъолияти бошууронаю эҷодкоронаи шахс бошанд, дар натиҷаи ин гуна иҷтимоишавӣ инсон на танҳо фарди риоякунандаи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, балки шахси эходкор ва созанда баромад менамояд. Яке аз шаклҳои инкишофёбандаи тарбияи ҳуқуқ худтарбиянамоии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Инсон ба воситаи худкамолдиҳӣ меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқиро омехта, нисбати онҳо як эҳтиром пайдо менамояд, ҳуқуқ ба талаботи ботинии шахс табдил меёбад. Дар ҷараёни иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс шуури ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишоф меёбад, яъне дониши ҳуқуқӣ ва муносибати шахс ба ҳуқуқ тобиши нав пайдо менамояд. Раванди ташаккули шуури ҳуқуқии шахс дар худ эҳсосот ва тафаккур ниҳон медорад. Дар ин самт ташаккули эҳсосоти ҳуқуқии фард, ки ба эҳсоси адолат, гуноҳ, масъулият, ростқавлӣ, шаъну шарафу номус ва ғайра такя менамояд, хеле назаррас аст. Маҳз эҳсосоти ҳуқуқӣ, тасаввуроти умумӣ оиди ҳуқуқ ва зидди ҳуқуқ будан, тасавурот дар бораи адолат, оиди принсипҳо ва талабот ба ҳуқуқ инсонро водор месозад, ки нисбати ҳуқуқ бе доштани дониши кофии ҳуқуқӣ дуруст муносибат намояд. Бисёре одамон ба дониши олии ҳуқуқӣ ё дониши муқаррарии ҳуқуқӣ оиди адолати иҷтимоӣ ва рафторҳои мувофиқ ба ҳуқуқ пурра маълумот доранд. Махсусан, эҳсосоти адолати одам хеле инкишофёбанда ва нозук аст. Яке аз ҷонибдорони равияи либералии фалсафаи иҷтимоии Ф. Хейек нақши адолати иҷтимоиро дар тартиботи ҷамъиятӣ тадқиқ намуда, чунин арзишҳои иҷтиморо, ки тартиботи ҷамъиятӣ бо пояи онҳо устувор боқӣ мондааст, нишон додааст:

- ✓ Сулҳ, ки осоиштагӣ ва оромии ҷамъиятиро таъмин менамояд;
- ✓ Озодӣ фаъолияти бемонеаи одамонро таъмин менамояд;
- ✓ Адолати иҷтимоӣ.

Ин се унсур асоси тамаддуни муосири ҷамъият буда, дар оянда арзишҳои муҳим ва аҳамиятдори ҷомеа боқӣ мемонанд. Ин унсурҳо маҳсули кафолатноки инкишофи тамаддуни инсонӣ маҳсуб мешаванд.

Омили дигари иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс дараҷаи умумии масъулияти ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Нигилизми ҳуқуқӣ, ки барои ҷомеаи мо хос аст сади роҳи мӯътадили иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс шуда истодааст. Бисёриҳо ба ин андешаанд, ки қонун фақат барои табақаи поёнӣ амал менамояд. Ин гуна тасавурот дар бораи ҳуқуқ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ боварии мардумро ба ҳуқуқ ва объективияти қонунҳо коста мегардонад. Имрӯз дар ҷомеаи мо фаъолии ҳуқуқии мардум то рафт поён меравад. Одамон худро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқӣ эҳсос наменамоянд. Сабабаш надонистани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсӣ буда, аз маърифати пасти ҳуқуқии омма шаҳодат медиҳад. Одамон ба маънои воқеии демократия сарфаҳм намераванд. Ба фикри аксари мардум озодӣ – ин рафтору амали озодии инсон буда, чи амалеро, ки хоҳанд озодона ба анҷом мерасонанд, ҳол он, ки озодӣ ин имконияти дар доираи тартиботи ҳуқуқии устувор амал карданро дорад, яъне инсон дар он вақт озод аст, ки ҳангоми фаъолияти худ аз чаҳорчубаи муқаррарнамудаи ҳуқуқ берун набарояд. Дар ҷомеаи мо ба одамоне вохӯрдан мумкин аст, ки оддитарин ҳуқуқу озодиҳои шахсии хешро намедонанд, маълумоти ибтидоие дар бораи ҳуқуқ надоранд, нисбати баъзе аз одамон муносибати ғуломона менамоянд, ба онҳо фишору тазйиқ меоранд, таҳқир мекунанд, аммо онҳо ба ҳеҷ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

муроҷиат наменамоянд. Албатта, сабаби ин дар надонистани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва мӯътадил иҷтимоишавии ҳуқуқӣ нашудани шахс нуҳуфта аст. Ҳангоме, ки шахс иҷтимоишавии муътадили ҳуқуқиро намегузаронад, чӣ гуна маданияти ҳуқуқии ҷомеаро аз худ менамояд. Омилҳои зидди иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс вуҷуд доранд, аммо аз ҳама муҳимаш сатҳи ҳаёти иқтисодӣ-сиёсии ҷомеа мебошад. Дар ҳолате, ки шахс талаботҳои оддитарини ҳаёт (талабот ба хӯрок, пӯшок ва ғ.)-и хешро таъмин намуда наметавонанд, чӣ гуна ба ҳуқуқ ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти маънавӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Ташаккул додани маданият ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ ва зарурияти ногузири воқеияти имрӯза аст. То сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон боло наравад, ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандиро бунёд намудан мушкил аст.

АДАБИЁТ

1. Волков Ю.Г. Сотсиология- М.,2007.с.87.
2. Гидденс Э. Социология. М.: Эдиториал УРСС, 1999. С. 69
3. Гидденс Э. Социология. М.: Эдиториал УРСС, 1999. С. 69
4. Дюркгейм Э. Социология: Ее предмет, метод, предназначение. -М.: Канон, 1995. С. 154.
5. Лапаев В. В. Социология права. – М., 2000. С.192.
6. Луков А. В. Культурная социализация // Электронный журнал "Знание. Понимание. Умение" .2008 . №3. С. 56
7. Смелзер Дж. Социология.- М.,1995. С.78-79
8. Смелзер Дж. Социология.-М., 1995. С. 80
9. Сотсиализатсия и «смутное время»- М.1991-с.52
10. Социология: Общий курс: Учебное пособие для вузов. – М.: ПЕРСЭ; Логос, 2002. С.640
11. Тощенко Ж. Т. Социология. М.: Прометей, 1004. С. 228.
12. Лапаев В. В. Социология права. – М., 2000. С.192-193.
13. Тошенко Ж.Т. Социология. -М., 2005. С. 376.
14. Ф. Хайек. Общество свободных // Открытая политика. 1995. №8 (10). С.35-36.

ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА МАДАНИЯТИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола масъалаи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Раванди барқароршавии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва бевосита ба ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандии зич доштан, шуури ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ будан ва пеш аз ҳама шуури ҳуқуқӣ дар шакли донишҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доштанаш, дар мақола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола маданияти ҳуқуқӣ зуҳуроти мураккаби ҳаёти иҷтимоӣ нишон дода шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқиро дар раванди ҳаёти иҷтимоӣ фаро мегирад. Инчунин, дар мақола ҳамчун сарчашмаҳои иттилооти ҳуқуқӣ ВАО, кодексҳо, Конституция, санадҳои зерқонунӣ, интернет, институтҳои иҷтимоӣ (маориф), мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия, суд, прокуратура, адвокат) ва дигар воситаҳои дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқ, маданияти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, ҳаёти иҷитимоӣ, ҷомеаи ҳуқуқбунёд, рафтори ҳуқуқӣ, конституция ВАО ва ғ.

ПРАВОВОЕ СОЗНАНИЕ И ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА

В статье исследуются вопросы правосознания и правовой культуры. Обсуждается процесс восстановления правового общества и его прямая связь с формированием правового сознания и правовой культуры граждан, правового сознания как составной части общественного сознания и, прежде всего, правового сознания в форме правового знания. В статье показана правовая культура как сложное явление общественной жизни, включающее в себя правовые нормы, правовые принципы, правовое сознание, правоотношения и правовое поведение в процессе общественной жизни. В статье также упоминаются средства массовой информации, кодексы, Конституция, нормативные акты, Интернет, социальные институты (образование), правоохранительные органы (полиция, суды, прокуратура, адвокаты) и другие средства доступа к правовой информации в качестве источников правовой информации.

Ключевые слова: право, правовая культура, правовое сознание, общественная жизнь, правовое общество, правовое поведение, конституция СМИ и др.

LEGAL CONSCIOUSNESS AND LEGAL CULTURE

This article examines the issues of legal awareness and legal culture. The process of restoration of a legal society and its direct connection with the formation of legal consciousness and legal culture of citizens, legal consciousness as an integral part of public consciousness and, first of all, legal consciousness in the form of legal knowledge are discussed.This article shows legal culture as a complex of public life, which includes legal norms phenomenon, legal principles, legal consciousness, legal relations and legal behavior in the process of public life. The article also mentions the media, codes, the Constitution, regulations, the Internet, social institutions (education), law

enforcement (police, courts, prosecutors, lawyers) and other means of accessing legal information as sources of legal information.

Keywords: Law, legal culture, legal consciousness, social life, law-based society, legal behavior, media constitution, etc.

Сведения об авторе: ***Хочаев Ҳамроз Асоевич*** – магистрант второго курса кафедры социологии факультета философии, Таджикский национальный университет; **E-mail:** hamroz.kh97@gmail.com; **Телефон:** (+992) 915 82 62 32.

Information about the author: ***Khojaev Hamroz Asoevich*** – second-year master`s student of the Department of Sociology, Faculty of Philosophy, Tajik National University; **E-mail:** hamroz.kh97@gmail.com; **Phone:** (+992) 915 82 62 32.

ТАВСИФИ ПСИХОЛОГИИ ДАВРАИ НАВРАСӢ ҲАМЧУН ДАВРАИ МУРАККАБИ СИННУСОЛӢ

Шашаева С.Н.
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

Барои тараққиёти инсон ҳар як синнусол муҳим аст. Ҳамин тавр, давраи наврасӣ дар психология мавқеи муайянро ишғол мекунад. Ин аз ҳама давраи мураккаб ва вазнини давраҳои кудакӣ буда, дар худ давраи ташаккули шахсиятро фаро мегирад. Мундариҷаи асосии давраи наврасиро гузариш аз кудакӣ ба ҳаёти калонсолӣ ташкил медиҳад. Ҳамаи ҷанбаҳои тараққиёт гирифтори азнавсозии сифатӣ шуда, навташкилаҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккул меёбанд, асосҳои рафтори маърифатӣ заминагузорӣ мешаванд, мақсадгузориҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Чӣ гунае, ки дар адабиётҳо қайд шудааст, ҳар як марҳилаи инкишоф барои тараққиёти минбаъда асос мегузорад [2, с. 118]. Ҳамин тариқ, наврасӣ низ барои инкишофи минбаъдаи шахсият, ки то охири умр давом хоҳад кард, асос мегузорад. Синни наврасӣ – ин давраест, ки дар раванди он одам тағйироти бузурги ҷисмонӣ, психологӣ ва эмотсионалиро аз сар мегузаронад. Сабзиш ва инкишофи босуръати бадан ва мағзи сар ба амал меояд, ки ба тағйироти ҷисмонӣ ва тағйирот дар тафаккур, тарзи ҳалли мушкилот, малакаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ оварда мерасонад. Ҳар як давра ба таври худ хуб аст. Ҳамзамон, дар ҳар як давра мушкилиҳо ва хусусиятҳои хос ҷой доранд. Давраи наврасӣ ҳам истисно ба ҳисоб намеравад. Ин аз ҳама давраи дарозмуддати гузариш мебошад, ки дар қатори тағйирёбиҳои ҷисмонӣ тавсиф дода мешавад. Дар ин вақт ташаккули босуръати шахсият, дуюмбора таваллудшавӣ ба вуҷуд меояд. Давраи наврасӣ одатан ҳамчун давараи дигаргунии қатъӣ, гузариш, муҳим, вазнин ва давраи ба балоғатрасии ҷинсӣ тавсиф дода мешавад. Одатан давраи наврасӣ дар тарққиёти кӯдак ҳамчун давраи вазнин барои волидон ва омӯзгорон ва ҳамчунин барои худи кӯдакон ба ҳисоб меравад. Асоси чунин таҳлилро ҳолатҳои фаровони психологӣ, физиологӣ ташкил мекунанду ба таври объективӣ дар протсесси тараққиёт ба вуҷуд меоянд, ки баъзан чун “давраи муҳими кӯдакӣ” номида мешавад. Хусусияти ин давра дар ҳаёти наврасон аз он иборат аст, ки наврас бо хусусиятҳои зоҳирӣ ва кушишҳояш ин калонсол ва бо хусусиятҳои ботинӣ ва имкониятҳояш аз бисёр ҷиҳат ҳоло кӯдак аст. Аз ин рӯ дар наврас талабот ба дӯстдорӣ, диққат, таваҷҷӯҳ ба бозӣ, дилхӯшӣ, бо ҳамдигар мубоҳиса кардан идома меёбад. Дар баробари ин, дар наврас дар якҷояги бо ҳисси калонсолӣ, худшиносӣ, ҳисси худпарастии баланд ва дарки гендерӣ бедор шуда, фаъолона ташаккул меёбад. Дилхоҳ даврабандӣ ба як ё якчанд асос такя мекунад. Дар сотсиология ба тағйирёбӣи вазъияти иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии шахс, ба хусусиятҳои наврасон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоиву демографӣ диққати бештар дода мешавад. Психологҳо қабл аз ҳама ба тағйирёбӣҳои психологии шахсият ва фаъолият мароқ зоҳир мекунанд. Равиши педагогӣ ба наврас алоқаманд аст бо мазумни таълим ва тарияи ҳамин зинаи тараққиёт. Ҳамаи ин равишҳо сарфи назар аз баъзе фарқияташон якҷоя амалкунанда меобшанд. Дарабандиҳои

синнусолӣ дар терминологияи синнусолии гузашта ҳам якхела набуданд. Масалан, дар луғати тафсирии В. Дал гуфта шудааст, ки “наврас-ин кӯдаки дар синни 14-15 солагӣ қарордошта мебошад” [4]. Дар луғати чорҷилдаи академии забони рӯсии соли 1983 фаҳмонда шудааст, ки “наврас ин писар ё духтари дар синни гузариш аз кӯдакӣ ба калонсолӣ аз 12 то 16 солагӣ қарор дошта мебошад” [5]. А.Е. Личко синни хурд (12-13 сола), миёна (14-15 сола) ва калони наврасӣ (16-17сола)-ро ҷудо мекунад. Мувофиқи ишораҳои И.С. Кон “марҳилаҳои синнусоли на танҳо синнусоли хронологӣ (таърихӣ) ва марҳилаҳои муайяни ташаккули инфиродиро, балки мавқеи муайяни иҷтимоиро низ ифода мекунад ва махсусан барои ин давра вазъиятҳои иҷтимоӣ ва фаъолиятро хос медонад” [4]. “Аз як тараф, одамони синнусоли гуногун, вобаста ба тавоноии худ аз ҳамдигар фарқ карда ин ё он вазифа (нақш)-и ҷамъиятиро иҷро мекунанд. Аз тарафи дигар маҷмуи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, табиати фаъолият, мустаҳкамнамоии ин зинаи синнусолӣ, муайян намудани вазъи иҷтимоии воқеии намояндагони ин қишр, худшиносӣ ва дараҷаи иддаои онҳост. Даврабандиҳои ҳаётӣ ҳамеша лаҳзаҳои меъёриву арзишиеро дорост, ки нишон медиҳанд, кадом вазифаҳоро бояд фарди ба ин зинаи синнусоли расида иҷро кунад, то саривақт ва бомуваффиқият ба марҳилаи навбатии ҳаётӣ ва категорияи синнусолӣ гузарад” [7]. Дар марҳилаи кунунӣ, ҳудудҳои наврасӣ тақрибан бо таълими кӯдакон дар синфҳои миёна аз 5 то 9, аз 11-12 то 15-16 сола мувофиқат мекунанд. Психологҳо оғоз ва анҷоми давраи наврасиро гуногун муайян кардаанд. Олимони тарафдорони нуқтаи назари биологӣ чунин мешуморанд, ки давраи наврасӣ аз лаҳзаи ба камол расидан шурӯъ мешавад. Ин бо вазифаҳои репродуктивӣ алоқаманд аст. Ба балоғатрасии ҷинсӣ мавқеи махсусро дар ташаккули кӯдак ишғол мекунад. Бавуҷудоии ба балоғатрасии ҷинсӣ ба давраи наврасӣ рост меояд ва хусусияти хоси (фарққунандаи) он ба шумор меравад. Ба балоғатрасии ҷинсӣ панҷ зинаро аз сар мегузаронад.

Якум, инфантилӣ (кӯдакона, пеш аз пубертатӣ), дар 8-9 солагӣ шуруъ мешавад ва дар 10-солагӣ дар духтарон, дар 13-солагӣ дар писарон ба анҷом мерасад. Мувофиқи Т.Д. Марсинковский “дар ин давра фаъолияти ғадуди сипаршакл ва ҳипофизӣ оҳиста-оҳиста тағйир меёбад” [4].

Дар баъзеи наврасон дар давраи ибтидоии ба балоғатрасии ҷинсӣ, инчунин мушкилӣ бо дар хотир нигоҳдории итилооти барзиёд ба вуҷуд меояд. Дар ин давра ташаккули шахсияти ҷинсӣ ва нақши ҷинсӣ сурат мегирад. Ин ҳолати хеле муҳим аст, чун ба балоғатрасии ҷинсӣ-ин меҳваре мебошад, ки дар атрофаш сохтори худшиносии наврас руй медиҳад. Наврас кушиш мекунад, ки худро на ҳамчун кӯдак балки ҳачун калонсол дарк кунад, мисли калонсолон нақшеро офарад, ки ба ӯ иҷозати иҷрои ин нақшро намедиҳанд. Барои ҳамин тез-тез ба назар мерасад, ки наврасро намефаҳманд, ки ӯро ба низоъҳои психологӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад. Дар марҳилаи дуюм - пубертатӣ, аввалин аломатҳои ба балоғатрасӣ ба назар мерасад, фаъолияти ҳипофизи ба ташаккули ҷисмонӣ таъсиррасонада тағйир меёбад, суръати сабзиши системаи мушакҳо ва устухонҳо тағйир меёбад, мубодилаи моддаҳо босуръат мешавад. Чунин тағйирёбиҳо дар синни то 12 -14 солагӣ рух медиҳанд. Марҳилаи сеюм аз фаъолгардии протсесси ғадудҳои ҷинсӣ ва сипаршакли тарашшуҳи дохилӣ далолат медиҳад. Ин марҳила ба оғози давраи наврасии тараққиёт тавсиф дода мешавад. Дар ин вақт инкишофи босуръати устухонҳои найчашакл тақрибан 10 см дар як сол ва ташаккули қафаси сина рӯй медиҳад. Ба назар чунин мерасад, ки ҷуссаи кашидашудаи наврас номутаносиб шуда координатсияи ҳаракаташ ҳам халалдор мегардад. Аммо наврасон нисбати инкишофи ҷисмонӣ хеле ҳассос буда, метавонанд дар худ шакли варзиширо ба таври зебо ва босуръат мустаҳкам намоянд. Дар ин марҳила дил ва шуш инкишоф ёфта, то андозаи охирин калон мешаванд. Дар дил дард пайдо мешавад, ҳамин тавр, кори он тағйир ёфта, рагҳои хунгард суст инкишоф меёбанд, барои ҳамин фишори шараёнӣ ноустувор мегардад. Дар натиҷаи ин тез-тез дарди сар ва хастагии зиёд ба вуҷуд меояд. Нокифоягии кислород дар мағзи сар ба боздорӣ ва дар натиҷа ба тағйирёбӣи коркарди протсесҳои психикӣ, ба камшавии ҳаҷми диққат (қобилияти якбора ба якчанд объекти дар майдони биноӣ ҷойдошта нигоҳ доштани фаъолияти шуур), поёнравии суръати

равонасозии он (маҳорати кӯчонидани диққат аз як объект ба объекти дигар), ба поёнравии қобилияти тақсимоти диққат (якбора иҷрокунии ду ва зиёда вазифаҳо) ва мутамарказияти он (маҳорати бодиққат кор кардан) оварда мерасонад. Дар марҳилаи чорум гормонҳои ҷинсӣ ба таври максималӣ фаъол мегарданд. Дар писарон онҳо ба афзоиши бадан, ба балоғатрасии узвҳои ҷинсӣ таъсир мерасонанд ва аломатҳои ҷинсии такрорӣ пайдо мешаванд - тағйирёбӣи табии овоз, тағйирёбӣи гортанӣ (пайдоиши ғаб-ғаб), эҳтилом. Дар духтарон силсилаи ҳайзҳо барқарор мешаванд, инчунин ташаккули узвҳои ҷинсие руй медиҳанд, ки ба бордоршавӣ, ҳомиладоршавӣ, хуронидани кӯдак омода буданашонро ифода мекунад. Дар марҳилаи паҷум дар 15-17 солагӣ (16-17 солагӣ дар писарон, 15-16 солагӣ дар духтарон) ба балоғатрасии ҷинсӣ тамоман ба охир мерасад. Камолоти анатомӣ ва физиологӣ сар мешавад. Ҳамин тавр, бо ҳисоби миёна духтарон 18-34 моҳ пештар нисбат ба писарон, ба камолоти ҷинсӣ мерасанд. Дар асл, ин марҳила дар психология оғози давраи ҷавонӣ шуморида мешавад. Яке аз гурӯҳбандиҳои омили биологӣ ба З.Фрейд тааллуқ дорад. Синни 12-15 солагӣ-давраи пубертат (кал. лотинии ***pubertas*** - камолоти ҷинсӣ), яъне аниқтараш давраест, ки дар он ба балоғатрасӣ ба амал меояд. Барои ин зинаи тараққиёт ошиқӣ, қобилияти гетеросексуалӣ, муносибати маҳрамона хос аст. Гузаштан ба зинаи таносули (ҷисмӣ) дар организм тағйиротҳои биохимикӣ ва физиологиро ба амал меорад. Дар натиҷаи ин тағйирёбӣҳо мутаасиршавандагӣ авҷ мегирад ва фаъолии шаҳвонӣ бештар мешавад. Ба таври дигар гӯем, дар ин давра талаб карда мешавад, ки ғаризаҳои шаҳвонӣ ба пурагӣ қонеъ гардонида шаванд Асосгузори психоанализ ба озодии шаҳвонӣ, инчунин ба бефаъолӣ (беғайратӣ), хусусан ба синни ибтидоии мактабӣ бо таҳаммул муносибат кардааст ва аз нуқтаи назари ӯ онҳо метавонанд ба осебҳои психикӣ оварда расонанд. Ихтилофҳо (низоҳо) дар синнусоли минбаъда бо нишонаҳои ихтилофҳои шаҳвонӣ дар наврасӣ алоқаманд аст. З.Фрейд чунин мешуморад, ки “сабаби нооромӣ ва зери фишор будани наврасон дар пайдо шудани талаботҳои нави шаҳвонӣ мебошад” [12]. Барои ҳамин ҳамаи шиддати қувваи либидо дар изтироб зоҳир гашта, ҳамин тавр, наврас наметавонад бо ҳаяҷони ботинӣ ва берунии худ муборизa барад. Изтироб ба наврас дар ташаккули ҳимояи “ман”(эго)-и худ кӯмак мерасонад. Аз нуқтаи назари психологӣ, давраи ба балоғатрасии ҷинсӣ ба ду қисм зинаи негативӣ ва позитивӣ ҷудо карда мешавад. Дар зинаи негативӣ (то15-солагӣ) наврас худро дар муқобили дигарон, ба хусус калонсолон гузошта, дар ҳамаҷо муқобилият нишон дода, ба қонуну қоидаҳои дар пешаш гузошташуда итоат намекунад. Дар зинаи позитивӣ (аз 16-солагӣ) тамоюли муқобил ба иҷтимоишавӣ, шиносоӣ бо арзишҳои маънавии замони худ ба вуҷуд омада, қабули қоидаҳои ҳаётӣ сурат мегирад. Ҳисси калонсолӣ – ин яке нишонаҳои психологии давраи наврасӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи тавсифи Д.Б. Элконин, “ҳисси калонсолӣ навташкилаи донистагирие мебошад, ки тавассути он наврас худро бо дигарон муқоиса намуда (калонсолон ё рафиқон), намунаҳоро барои муносибати худ бо дигарон пайдо менамояд ва фаъолити худро аз нав месозад ” [9]. Ҳамин тавр, В.И. Слободчиков ва Е.И. Исаев камолоти психологиро ҳамчун бӯҳрони наврасӣ ва ташаккули субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар 11-14-солагӣ муайян намудаанд. В.В. Давидов чунин мешуморад, ки “давраи наврасӣ аз 10-солагӣ шуруъ шуда, дар 15-солагӣ ба анҷом мерасад” [9]. Хусусияти хоси ин давра – муошират дар асоси шаклҳои мухталифи фаъолияти муфиди иҷтимоие, ки бо шарофати он дар наврас маърифати меъёрҳои рафтор, қобилияти ташкил ва танзими муошират, қобилияти баҳодиҳӣ ба амалҳои худ, такя кардан ба ақидаи ҳамсинфон ташаккул меёбад, ба шумор меравад. Муошират дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда, низ баромад карда метавонад. Д.Б. Элконин чунин мешуморад, ки “фаъолияти пешбарандаи кӯдакони ин давраро муошират бо ҳамсолонашон ташкил медиҳад” [10]. Камолоти психологӣ ба наврас имкон медиҳад, ки худро дарк намояд, қароре қабул намояд, ки таносуби воқеи, имконпазир ва тахайюлӣ дошта бошад.

С. Холл камолоти наврасро аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-психологӣ дида баромадааст. С. Холл кайд мекунад, ки “наврасон аз рӯи табиаташон тағйирёбанда (ноустувор) ва ҳардамхаёл мебошанд” [11]. Вақте ки қувваҳои табиӣ ба талаботҳои ҳаёти ҷомеа мухолифат мекунанд, ӯ дар марҳалаҳои наврасӣ инъикоси давраҳои романтикӣ ва бесарусомонии

инсонро дид. Холл аввалин шуда, хусусиятҳои психологии давраи наврасиро тавсиф додааст. Ӯ чунин мешуморид, ки зуҳуротҳои манфии наврвас сабаби зоҳиршавии хусусиятҳои умумии шахс дар ин марҳилаи синнусолӣ мегардад. Аммо асоси давраи наврасиро табиати биологӣ ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки тағйирҳои анатомӣ-физиологӣ ба инкишофи психикии наврас таъсир мерасонанд ва хусусиятҳои табии (биологӣ) танҳо барои пешравии тараққиёт мебошанд, вале бевосита ва мустақиман натиҷаҳои онро муайян намекунанд. Асоси камолоти ии наврасро қобилияти мустақилона муайян кардани ояндаи худ ташкил медиҳад, яъне интихоби ҷои таҳсил, ки хусусияти касбро ифода мекунад. Марҳилаҳои гуногуни рушди камолот аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин онҳо фикрро дар бораи он, ки наврас чи гуна ба камол мерасад ва чи гуна хусусиятҳо дар раванди ба камолрасӣ ба вуҷуд меоянд пурра мегардонад. Олимон дар наврасон бо ном ҷаҳиши қадро, ки дар ибтидои давраи навраси руй медиҳад қайд мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки кӯдак босуръат (тез) афзоиш меёбад ва дар баданаш вазн мегирад. Одатан дар духтарон ҷаҳиши қад дар 10,5 солагӣ шуруъ шуда, то 12 солагӣ ба дараҷаи ниҳоии худ мерасад ва дар 13-13,5 солагӣ суст мешавад. Дар писарон нисбат ба духтарон ҷаҳиши қад тақрибан 2-3 сол баъдтар шуруъ мешавад: фаъолии афзоиш дар 13 солагӣ, дараҷаи ниҳоӣ дар 14 солагӣ ва сустшавӣ то 16 солагӣ. Афзоиши бофтаҳои устухон ирсӣ муайян карда мешаванд, бо вуҷуди ин метавонад нокомиҳои бо рушди дохилибатни алоқаманд ҷой дошта бошанд. Тасвири умумии афзоиши ҷисмонӣ чунин аст: духтарон, нисбат ба писарони ҳамсоли худ каме пештар ба балоғат мерасанд, ки ба мақоми онҳо (духтарон) дар синф таъсир мерасонад. Бо аломатҳои ҷисмонӣ онҳо ҳамеша мақоми баландро соҳиб шуда наметавонанд. Баръакс, писарони ҳамсолони онҳо ин тағйиротҳоро метавонанд бо шарҳҳо -и худашон ҳамроҳ намоянд: “Андоми бузург ҳа”. Ҷисми кӯдак низ “ба камол мерасад”- шакли одами калонсолро соҳиб мегардад. Тағйироти бештар дар духтарон рӯй медиҳад: ронҳояшон васеъ мешавад ва синаҳояшон ташаккул меёбад, дар писарон “паҳншави”-и китфон рӯй медиҳад. Хусусиятҳои рӯй низ тағйир меёбанд: рухсора бештар намоён магардад, бини ва пешона ба пеш майл мекунанд, лабҳо калон мешаванд. Аз 11-12 то 15-16 солагӣ сутунмӯҳра дар афзоиши солона аз суръати афзоиши дарозии бадан боз мемонад. То 14 солагӣ масофаи байни ҳалқаҳо сутунмуҳра бо тағоякҳо пур карда мешавад. Маҳз ҳамин кач шудани сутунмӯҳраро мефаҳмонад. Сутунмӯҳра нисбати борҳои зиёд (бардоштани вазнҳои вазнин), ҳолати нодурусти бадан ва фишори тулонӣ, вақте ки наврас соатҳо мавқеашро иваз намекунад(масалан: сари компютер ё машқи скрипка менишинад) ҳассос аст. Устухонҳои кос ба осонӣ тағйир меёбанд, зеро онҳо танҳо то синни 21 солагӣ инкишоф меёбанд ва чунин тағйирот метавонад дар духтарон ҳангоми таваллуди кӯдак мушкилиҳоро пеш орад. Дар ин синнусол барои духтарон пӯшидани пойафзолҳои пошнабаланд зарар дорад. Тағйирёбии устухонҳои кос дар писарон дар ҳолате мушоҳида мешаванд, ки агар бе назорати духтур-педиатр ба варзиши сабуке машғул шаванд, ки ҳаҷм ва хусусияти сарбориро ба сутунмӯҳра ва системаи устухону мушакҳо муайян мекунад. Системаи мушакҳо бошиддат тағйир меёбад. Бо вуҷуди ин онҳо дар инкишоф аз устухонҳо ақибмонда мебошанд, барои ҳамин наврасон номутаносиб ва қаддарозу бесалиқа ба назар мерасанд. Аммо ҳанӯз ҳам қувваи мушакӣ инкишоф ёфта истодааст, ки ин аксар вақт ба хастагӣ, заифӣ, камшавии энергия, бошиддат пастшавии натиҷаи фаъолияти варзишӣ оварда мерасонад. Дар робита ба ин диққати махсусро ба инкишофи моторӣ, яъне ба координатсияи ҳаракат, коркарди малакаҳои ҳаракатӣ ва ғ. равона месозем. Дар раванди инкишофи моторӣ рагҳои асабӣ ва мушакҳо дар равонасозӣ аз поён ба боло ва аз марказ ба канор мукаммал мешаванд. Дар натиҷаи ин наврас метавонад, фаъолияти қисми поёнии баданашро назорат кунад ва соҳиби малакаҳои ҳаракатӣ гардад. Зери сустҳаракатии тарзи ҳаёт ё норасоии сарбории вазифаҳои ҳаракатӣ инкишофи моторӣ суст мегардад. Бо вуҷуди ин системаи устухону мушакҳои наврас хело ҳассосанд, барои ҳамин ҳар як малакаи нав бо худ дастурамалеро дорост, ки ҳангоми малакаҳои мавҷуда ба системаи мураккабтарини амалиётҳо тағйир ёфтан ба вуҷуд меояд. Дар аввал ин ҳаракатҳо метавонанд камсамар ва ба ҳам номувофиқ бошанд. Пас аз гузаштани вақти муайян дастурамал азнав ташкил шуда, худшиносии наврас ба танзим дароварда мешавад ва

ҳаракатҳо дурусту, бо ҳам мувофиқ мешаванд (масалан, вақте ки одам дар конкӣ лижарониро меомӯзад). Волидон ба он диққат медиҳанд, ки наврасон саволҳои диққатҷалбкунанда медиҳанд: “Метавон чунин шуморид, ки дар каллаи калон мағзи калоне ҷой дорад ва маънои ақлро дорад?”. “ Чӣ мешавад, агар танҳо узвҳои алоҳидаро зер кунем?”. Ҳамаи тағйиротҳо дар тафаккур ва нутқ ба ташаккули мағзи сар ва системаи асаб вобаста аст. Мағзи сар аз ду нимкураи байни худ бо нахҳои асабӣ пайваст ташкил ёфтааст. Ҳар кадоми нимкураҳо бо пардаи кортекси майна-қабати модаҳои хокистарӣ фаро гирифта шудааанд, ки протсесҳои сенсорӣ ва ҳаракатӣ, идрок ва фаъолияти зеҳниро идора мекунад. Нимкураи рост ва чап баробаранд, онҳо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд ва қисматҳои гуногуни баданро идора мекунанд. Нимкураи чапи мағз, тарафи рости баданро идора карда, маркази нутқ, овоз, хотираи калимагӣ, қабули қарор, коркарди ахборотҳои нутқӣ ва зуҳуроти эмотсияҳои мусбиро дар бар мегирад. Дар нимкураи рост маркази коркарди ахборотҳои биноию-фазоии бо нутқу овоз дар муносибат набуда, эҳсоси ломиса ва зуҳуроти эмотсияҳои манфӣ ҷойгир шудааст. Он тарафи чапи баданро идора мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки нимкураҳои мағз аз ҳамдигар вобаста нестанд. Ташаккули системаи асаб, махсусан қисмати пеши нимкураҳои калон наврасро “сергап” мекунанд: ӯ ягон танбеҳро дар ҳаққи худ раво намебинад, ба онҳо бо сухан таъсир мерасонад ва аз ҳама бештар хашмгин мешаваду, норозигиро зоҳир мекунад. Протсесҳои боздорӣ ва ҳаяҷон дар мувозинат нестанд: ҳаяҷон нисбати боздорӣ бартарӣ пайдо мекунад. Дар натиҷаи ҳаяҷони зудпаҳншаванда наврас ба осонӣ ба ангезиш меояд. Ба ғайр аз қувваи аксуламалҳои ҳаяҷон ҳамчун протсесҳои ҳаракатдиҳандаи асабӣ қайд карда мешаванд. Ҳамин тавр, наврасон аз одитарин ангеза мутаассир мешавад, махсусан аз чизҳои нав. Онҳо ба осонӣ аз як ҳолат ба ҳолати дигар (индуксияи дутарафа) мегузранд. Имкон дорад, ки кӯдак дар ин синнусол дар дарс хоб равад, худро хаставу заиф ҳис кунад, ҳарчанд ки ӯ коре накардааст. Тағйирёбии ҳолати рӯҳӣ, ҳассосияти ғайриодии баланд ба мимикаи хусуси оварда расонад-наврас метавонад зуд зери таъсири гурӯҳи ҳамсолон қарор гирад, хусусиятҳои рафтари онҳоро қабул кунад ва “ба монанди дигарон” амал кунад. Ҳамин тариқ, дар давраи наврасӣ инкишофи пурҷӯшу хурӯши физиологӣ ва психологӣ ба назар мерасад. Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки давраи наврасӣ ҳамчун давраи душвор қайд мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, ин давра диққати махсусро дар таълиму тарбия ва тарзи муносибат талаб менамояд. Дар қисмати муносибат бо наврасон қайд намудан муҳим аст, ки дар раванди муносибат набояд унсуру зуҳуротҳои манфӣ зоҳир карда шавад. Дигар падидае, ки аз тарафи муаллифон қайд мешавад, ин зуҳуроти изтиробнокӣ дар раванди муносибат бо наврасон мебошад. Мавҷудияти изтиробнокӣ дар муносибат, ин вайроншавии натанҳо муносибат, балки дигар равандҳо аз он ҷумла муошират ва муҳити солими психологӣ низ мебошад. А.В. Мудрик дар бораи муоширати наврасон чунин қайд мекунад: “Функсияи эмотсионалии муоширати наврасонро таҳлил карда истода, чунин гуфтан мумкин аст: муошират – детерминанти муҳимтарини ҳолатҳои эмотсионалии шахс мебошад. Тамоми спектри эмотсияҳои инсонӣ дар шароити муошират бо одамони дигар пайдо шуда, инкишоф меёбанд” [14]. Дар давраи наврасӣ бояд шароит ва имконият барои инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва психологӣ ва дар умум шахсият таъмин карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ // зери таҳрири Сафарова Н.С. – Душанбе 2008,- 192 с.
2. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ. (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х., ва диг.); Зери таҳрири Давлатов М. – Душанбе, “Собириён”, 2010, 336 с.
3. Расулов С. Х., Саидзода А. Р., Каримиён Қ. М. Психология: шарҳи нақшавӣ ва тафсири кӯтоҳ. Воситаи таълимӣ – Душанбе, 2020. 276 саҳ.
4. Валентина Казанская. Подросток. Трудности взросления./2-е издание, дополнение. Питер; Спб.; 2008. – 3 С.
5. Н.Д. Левитов. Детская и педгогическая психология. – М., 1964. – 178 С.
6. Леонтьев А. Н.. Потребности, мотивы и эмоции. — Москва: МГУ, 1971.

7. Кон И.С. Психология юношеского возраста (Проблемы формирования личности): Учеб. пособие для студентов пед. ин–тов. М.: Просвещение, 1979. - 7 С.
8. Прихожан, А.М. Тревожность у детей и подростков: психологическая природа и возрастная динамика / А.М. Прихожан. – М.: Воронеж, 2000. – 312 с. ISBN 5-89502-089-5, 5-89395-174-3.
9. Е.Д. Божович. Психологические особенности развития личности подростка. – М., 1979. – 133 С.
10. Маркова А. К. Психология обучения подростка. – М., 1975. – 47 С.
11. Возрастная и педагогическая психология. Под ред. Проф. А.В. Петровского. – М., - 187 С.
12. Драгунова Т. В. Подросток. – М., 1976. - 28 С.
13. Немов, Р.С. Психология: Учебник для студентов высш. пед. учеб. заведений: В 3 кн. Кн. 1: Общие основы психологии: 4-е изд. / Р.С. Немов. – М.: Владос, 2005. – 688 с. ISBN 5-691-00232-5.
14. Мудрик, А.В. Общение в процессе воспитания. Учебное пособие / О воспитании старшеклассников А.В. Мудрик. – М.: Педагогическое общество России, 2001. – 320 с. ISBN 5-93134-141-2.

ТАВСИФИ ПСХОЛОГИИ ДАВРАИ НАВРАСӢ ҲАМЧУН ДАВРАИ МУРАККАБИ СИННУСОЛӢ

Дар мақолаи мазкур тавсифи умумии давраи наврасӣ сурат мегирад. Мавриди қайд аст, ки дар мақола маълумоти мухтасар ва дақиқ дар бораи ҷанбаҳои гуногуни инкишофи психикӣ, ҷисмонӣ ва шахсият дар давраи наврасӣ оварда шудааст. Оид ба синни наврасӣ қайд мешавад, ки ин давраест, ки дар раванди он одам тағйироти бузурги ҷисмонӣ, психологӣ ва эмотсионалиро аз сар мегузаронад. Сабзиш ва инкишофи босуръати бадан ва мағзи сар ба амал меояд, ки ба тағйироти ҷисмонӣ ва тағйирот дар тафаккур, тарзи ҳалли мушкилот, малакаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ оварда мерасонад.

Калидвожаҳо: давраҳои синнусолӣ, наврас, давраи наврасӣ, балоғати ҷинсӣ, инкишофи психикӣ, инкишофи физиологӣ, инкишофи шахсият, камолоти психологӣ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ ПОДРОСТКОВОГО ВОЗРАСТА КАК СЛОЖНЫЙ ПЕРИОД

В данной статье приводится общее описание подросткового периода. Надо отметить, что в статье приводится краткая и четкая информация о различных сторонах психического и физического развития и развития личности в подростковом возрасте. О подростковом возрасте отмечается, что это период, в котором человек проходит большие физические, психологические и эмоциональные изменения. Происходит высокий темп развития в теле и в мозгу, которые приводят к физическим изменениям и изменениям в мышления, в способе решения проблем, в социальных навыках и в межличностных отношениях.

Ключевые слова: возрастные периоды, подросток, подростковый период, половое созревание, психическое развитие, физиологическое развитие, развитие личности, психологическая зрелость.

PSYCHOLOGICAL DESCRIPTION OF ADOLESCENCE AS A DIFFICULT PERIOD

This article provides a general description of the adolescence. It should be noted that the article provides a brief and clear information on the various sides of the mental and physical development and personality development in adolescence. About adolescence there noted that it's a period in which a person passes large physical, psychological and emotional changes. There is a high pace of development in the body and in the brain, which lead to physical changes and changes in thinking, in the way of solving problems, in social skills and in interpersonal relationships.

Keywords: age periods, teenagers, adolescence, puberty, mental development, physiological development, personality development, psychological maturity.

Сведения об авторе: ***Шашаева Сакина Нуралишоевна*** **-** магистр кафедры психологии, факультета философии Таджикского Национального Университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. **Телефон:** +992 911 09 09 34**. E-mail:** sakina.edu.tnu@gmail.com

Information about the author: Shashaeva Sakina Nuralishoevna – master`s student of Department of Psychology, Faculty of Philosophy Tajik National University**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. **Phone:** +992 911 09 09 34**. E-mail:** sakina.edu.tnu@gmail.com

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ СУБҲГОҲӢ ДАР НИЗОМИ РАДИОШУНАВОНИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатов Ш.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма дар инъикоси набзи ҷомеа мавқеи назаррас дошта, метавонад ба афкори мардум таъсири бузург расонад. Рушди илму техника аҳамияти воситаҳои ахбори оммаро дучанд намуда, ҳамакнун иттилоот нисбат ба даҳсолаи гузашта аҳамияти бештар пайдо намудааст. Тавре Уинстон Черчил мегӯяд, касе иттилоъ дорад, ҷаҳонро идора мекунад. Ҳаёти ҷомеаи имрӯзаро бидуни ВАО, аз ҷумла радио, тасаввур кардан аз имкон берун аст. Инсон наметавонад бе огоҳӣ аз воқеоти навтарини замон аз таъсиру фишори иттилоот дар канор бошад, яъне бохабар будан ва пайваста онро пайгирӣ кардан ба хоҳиши кас вобаста набуда, балки ин раванд тақозои замон аст. Радио чунин воситаест, ки аз он дар тамоми дунё истифода мекунанд ва он яке аз рукнҳои асосии ВАО буда, дар бештари маврид дар олами ахбор пешдаст аст. Нахустин гуфторҳои радиоӣ солҳои 1919-ум дар радиолабораторияи Нижний Новгород ба таври санҷишӣ шунавонида шуд.

Дар Тоҷикистон 10-уми апрели соли 1930-юм радиои тоҷик ба кор шурӯъ кард ва ду рӯз баъд мунтазам аз соати 7-и субҳ то соати 22-и бегоҳ аз тариқи радио сӯҳбат ва лексияҳо шунавонида шудаанд. Бинобар ин, таваҷҷуҳи мардум, аҳли ҷамъият ба радио моҳ ба моҳ, сол ба сол афзуда, фазои иттилоотии ҷомеаро фаро мегирад. Воситаҳои ҷалбсозии радио бошад, басо гуногунанд ва ба ин хотир, радио дар Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳо мақоми хосаеро соҳиб аст, ки шабакаҳои ҷумҳуриявӣ ҳамарӯза 96 соат барномаи радиоӣ мешунавонанд.

Дар солҳои 1930 аввалин муваффақиятҳо доир ба радиофикатсия дар Тоҷикистон ба мушоҳида расид. Радиоузели Душанбе бо 150 нуқтаи радио ба ҳисоб гирифта шуда буд. Радио ҳамчун дастгоҳи пуриқтидори таблиғотӣ бартарии худро нишон медод. Ба воситаи радио кормандони масъули ҳизбӣ, шоирон, нависандагон, олимон, муҳандисон, духтурон ва дигар табақаҳои ҷамъият баромад менамуданд. Нахустин кормандони радио бо ҳалимиву кордонӣ, чолокӣ, маърифати баланди худ ба дилу дидаи шунавандагон ҷо гирифтаанд. Шунавандагон, ровиён, коргардонҳо журналистони аввалинро, ки дар таҳкурсии радиои тоҷик саҳм гирифтаанд, фаромӯш нахоҳанд кард. Авалин ровии радиои Тоҷикистон Агрепина Режевская – актрисаи театри русии ҷумҳуриро имрӯз касе фаромӯш накардааст. Маҳз ӯ аввалин бор соли 1930 гуфторҳои радиоро барои мардуми ҷумҳурӣ қироат кард ва аз нахустин барандагони “радиорӯзнома” буд. Тавре ки зикр намуда будем, нахустин маркази радиошунавонӣ соли 1930 дар “Хонаи деҳқон” ба кор даромада буд. Айни замон дар дохили радиои “Тоҷикистон” боз 3 радиои дигар - “Фарҳанг”, “Садои Душанбе” ва радиои “Овози тоҷик” ҳар кадом дар алоҳидагӣ барои шунавандагон барномаҳо пахш мекунанд. Радиои “Тоҷикистон” рӯйи мавҷи 104.7 FM мавриди дарёфт аст. Ногуфта намонад, ки дар даврони Истиқлолияти кишвар сатҳу сифат ва шумораҳои радиоҳои давлативу ғайридавлатӣ зиёд гардиданд. Мақсад аз навишти чунин мақолаи таҳлилӣ дар он аст, ки сатҳи барномаҳои субҳгоҳии радиоҳои хусусӣ ва давлатиро таҳлил намоем. Дар идома аз рӯйи гуфтаву навиштаҳои муҳаққиқконаи соҳаи журналистика барномаҳои субҳгоҳии “Насими субҳ”-и радиои “Тоҷикистон” ва “Субҳи ватан”-и радиои “Ватан”-ро таҳлил хоҳем кард.

Радиои “Тоҷикистон” аз рӯзи душанбе то ҷумъа барномаи субҳгоҳии “Насими субҳ”-ро дар ҳаҷми 3 соат пахш менамояд. Рӯзҳои шанбе ва якшанбе гулчини барномаҳо нашр мегарданд.

“Субҳ медамад, субҳ медамад. Субҳ медамад, биё, бархез, эй ҳамватани пирӯзи ман. Кошонаат обод кун аз баракати субҳи нав. Субҳ даричаи тираи шабро пӯшидаву дари рӯшноиро боз мекунад, бархез, аз субҳ пешвоз бигир”. Бо ин ҷумлаҳои ширину гуворо оғоз гардид барномаи навбатии “Насими субҳ”- и радиои Тоҷикистон. Шояд хонанда аз мутолиаи мисраҳои боло лаззат эҳсос накунад. Мунтазам дар иҷрои сарояндае суруди зебое садо медиҳад. Сипас, бонавбат рубрикаҳои гуногуни барнома пешкаши шунавандагон мегардад. “Эй ғунчаи гул, бедор шав, омад саҳар”, “Шаб буд, саҳар шуд, оҳиста оҳиста рӯз равшан шуд”.

Бахши **“Тақвими руз”.** Дар ин бахш аз ҷашн ва санаҳои муҳими руз, аз рӯйдодҳои таърихӣ гуфта мешавад. Мисол, “21-уми март дар саросари кишвар иди байналмилалии Наврӯз ҷашн гирифта мешавад” ва дар идома суруди “Ватан” дар иҷрои Тобиш ва Ҷаъфар садо дод.

Бахши **“Донистан хуб аст”.** Дар бахш оид ба маълумотҳои аҷиб суҳбат меравад. Мисол, ин лаҳза дар бораи қади баланди инсонҳо суҳбат доир шуда, аз зарари он ба саломатӣ ва нозукиҳояш низ гуфта мешавад. “Агар бобову гузаштаҳои Шумо қади баланд доштаанд, шумо низ қадбаланд мешавед. Аз дигар ҷиҳат, барои баланд шудани қад варзиш ва хӯрокҳои серғизо саҳмгузор мебошад. Одам метавонад то сини 20 солагӣ барои баланд шудани қади худ саҳмгузор бошад ва дар 50-солагӣ қади одам ба пастшавӣ меравад”.

Бахши **“Тафсири як байт”.** “- Гавҳари маънӣ дар адабиёти тоҷик ҷилои дурдона аз қаъри уқёнуси маъонӣ. Дуруд азизон, омӯзиши адабиёти олимони тоҷику форс ва ин навбат мисраҳоро аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ интихоб намудаем, ки муҳтавояш инсонҳоро барои сабр кардан рӯ меорад ва дар ин ҷо адабиётшинос Шарифмурод Исрофилиё ҳузур доранд, ки то ҷое мисраҳои мазкурро таҳлил мекунанд”. Яъне, дар ин бахш мутасаддиён аз осорҳои бузургони тоҷик дубайтиҳоро гирд оварда, бо навбат пешниҳод мекунанд. “Шакаристон кардан оламро лаби хандони субҳ. То тавонӣ ҷони ман, шабро ба ғафлат нагузарон. Насими субҳ фароғату маънавиёт”.

Бахши **“Боду ҳаво”.** Рубрикаи “Боду ҳаво” дар тамоми ВАО ба назар мерасад, зеро ин иттилоот барои ҳамагон зарур аст. Дар ин ҷо бо мутахассиси шуъбаи бодуҳавошиносии кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи ҶТ пайваст шуда, дар бораи вазъи ҳавои кишвар аз ӯ мепурсанд.

Бахши **“Гузориш”.** Хабари тозае аз конфронси факултаи муносибатҳои байналхалқии Донишкадаи идоракунин давлатии назди Президенти ҶТ дар бораи истифодаи дурусти сомонаҳои иҷтимоӣ хабар дода шуд. Дар анҷоми бахш суруд садо дод.

Бахши **“Масъулият”**. Дар бахши мазкур перомуни тарбияи дурусти фарзанд аз ҷониби волидайн сухан рафта, назари равоншинос Бибиҳафиза Маҷидова пахш шуд. Мавсуф таъкид дошт: “Волидайн бояд фарзандонашонро аз ҳама ҷиҳат аҳамият диҳанд ва ҳама хоҳишу дархости онҳоро ба ҳисоб гирифта, бо онҳо ҳамкорӣ карда тавонед”. Сипас, масъули бахш нисбат ба мавзӯъ сухан гуфтаву бо пахши як суруди кӯдакона бахши мазкурро ба анҷом мерасонад. Ба ин монанд дар дигар рӯзҳо мавзуеро интихоб мекунад, ки дарди ҷомеа бошад. Яъне таҳиягарони барнома кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар як бахши омоданамудаашон барои шунаванда аҳамият дошта бошад. Бояд гуфт, ки барномаи “Насими субҳ” як ҷанбаи ҷолибро ба инобат гирифтааст - пахши ҳамаи сурудҳои ба мавзуъ мувофиқ.

Бахши **“Оё медонед?”.** “Насими субҳ - зодаи субҳ”. Зери ин шиори зебо оғоз гардид бахши “Оё медонед”, ки дар ин ҷо маълумотҳои ҷолибро барои одамон мерасонанд. Аз қабили **“**оё медонед дарозии рангҳои хунгард ба 10000м баробар аст, дар идомаи ҳаёт пусти одам чандин маротиба иваз мешавад, шираи як қатра пиёз чандин микробро дур месозад. “Субҳ ояд, аз пасаш ояд рӯзи хуш, субҳи хушро ояд аз пасаш шоми хуш. Субҳ ба хайр, шунавандагони азиз”. Зери ин ибораҳои дилнишин суруди “Модар”-и Сироҷиддин Фозилов пешкаши шунавандагон гардид. Ровии барнома бори дигар шунавандагонашро “субҳ ба хайр” гуфта, қайд намуд: “Мо баъди шунидани хабарҳои тоза дар бахши “Иттилоот” соати 3-юми барномаро оғоз мекунем.

Бахши **“Саломат бошед”**. Ин лаҳза вобаста ба вазъи тандурустии ҷаҳон тавсияҳои духтуронро метавон дар бахши мазкур шунавид. Дилшинос Баҳодур Зокиров дар бораи таъсири коронавирус ба организми инсон ба хусус дил сухан гуфта, ҳамзамон қайд намуд, ки дигар мардуми осоиштаи кишвар аз таҳдити COVID-19 наҳаросанд, зеро вақтҳои охир сирояти чунин бемори дар саросари кишвар ба қайд гирифта нашудааст. Аммо, чун пештара чораҳои пешгирии онро риоя намоянд.

Ҳамин тавр, бахшҳои барномаи **“Насими субҳи”**-и радиои Тоҷикистон пайи ҳам пахш мегардиданд. Ҳузури ровии барнома ва дигар омодакунандагони бахшҳо мушоҳида мешавад. Агар гӯем, ки дар барномаи мазкур сурудҳои хориҷиро мо шунавида наметавонам, дуруст аст. Зеро танҳо аз сарояндагони Тоҷикистон сурдҳо пахш мегарданд. Аксарияти барномаҳои радио дар доираи завқу хоҳиш ва талаби сомеон омода мешаванд, ки дар ин бора муҳаққиқи соҳаи журналистика Мурод Муродӣ менависад: “Аудутори ВАО, яъне хонандагон, шунавандагон, бинандагон ва истифодабарандагони Интернет дар таҳқиқоти амалии сотсиолотгия самти нисбатан қавиро ташкил медиҳанд, ки дар тадқиқи сосиолотии ин бахш праблемаҳои хоси аудутория бо тамоми хусусиятҳои обективию субективиаш мавриди омӯзиш қарор мегирад. Муайян намудани робитаҳои байни аудутория, рангорангӣ дараҷаҳо, маърифати қонуниятҳои идоракунии омма, завқи аудутория мақсади асосии ин бахш ба ҳисоб мераванд” [4, с. 5].

Ҳамзамон, аз оғоз то анҷоми барномаи субҳгоҳии радио баъди ҳар як суруд ва бахшҳо шиорҳои ҷолиб ва монанд ба давру замон аз ҷониби ровиён ва дигар хушсадоҳои идораи радио ба мисоли инҳо “Диёр обод, қалбҳо шод, кошона пур аз файзи субҳ”, “Субҳи пурвайз ва ошоиста муборак дустони азиз” пахш мегардад, ки дар ҳақиқат дар барнома як зебогиву ҷолибияти хосаеро зам мекунад.

Таҳлил нишон дод, ки барномаи субҳгоҳии радиоро якчанд ровӣ бо навбат мегузаронанд. Бино ба гуфтаи муовини директори радио Мансур Шоҳиён, садои Мадинаи Холиқ ва Фирӯза Саидова шинохтаву машҳур аст. Мо барномаи “Насими субҳ”-ро, ки тӯли 3 соат рӯзи 11.12.2020 пахш гардида буд, таҳлил намудем.

Барномаи “Субҳи ватан”-и радиои “Ватан” ҳам ба мисли барномаҳи субҳгоҳии радиои Тоҷикистон бо суруди «Субҳи Ватан» оғоз шуда, ровии барнома тамоми шунавандагонро бо фарорасии боз як рӯзи нав, субҳи нав муборакбод мегӯяд. Сараввал, суруди дилнишине дар иҷрои сарояндаи аврупоӣ пешкаши шунавандагон гардид. Сипас, бо муаррифии бахшҳояш барномаро идома медиҳад.

Бахши **“Лаҳзаҳо”.** Дар бахши мазкур шеъру тарона, ғазалу байтҳое, ки воқеан ҳам ба шунавандагон таъсир расонида тавонад, аз муаллифони гуногун бо қироати худи муалиф пешкаши шунавандагон мегардад ва ин навбат аз навиштаҳои Сиёвуш Ҷунайдӣ қироат гардид.

Бахши **«Як рӯз дар таърих»**. Асоси ин бахш пеш аз ҳама шунавандагонро бо рӯзи зодрӯз табрик намуда, чанд рӯзи таърихии дигарро ёдрас мекунад.

Бахши **"Молияи Ман"**, ки муҳтавояш чунин аст: чаро ҷавонон намехоҳанд, ки кор кунанд? Чи гуна бояд ҷавононро ба кор ҷалб кард? Одатхои хуб ва нохуби ба пул ва молия вобаста; Сабабҳои фақирӣ ва нодорӣ; Қоидаҳои асосии рушди тиҷорати оилавӣ; Паҳлуҳои мусбат ва манфии тиҷорати оилавӣ; Сифатҳои тоҷир ва соҳибкори муваффақ; Таърихи пайдоиши пулҳои евро; Асрори комёбиҳо дар тиҷорати оилавӣ;

- роҳҳои пайдо кардани шарикони тиҷорат; Иқтисодиёти соягӣ ва гурехтан аз пардохти андозҳо; Ширкатҳои якруза ва схемаи чиноии онҳо; Бартер. Ивазкунии молу маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Бахши **“03**”. Ин ҷо хабару маълумот оид ба соҳаи тандурусти гуфта мешавад.

- Оё шир воқеъан ҳам барои ҷавон мондан кӯмак мекунад?
- Як дона нок дар як рӯз ва барномаи харобшавӣ;
- Ҷоизадори НОБЕЛ доруи зидди диққи нафасро ихтироъ кард;
- Никотин хавфнок аст. Махсусан барои мардҳо;

Ҳар рӯз, ахбори шавқовару муфиди тиббӣ дар доираи барномаи "Субҳи Ватан" - дар бахши "03".

Сарпарасти бахш "STADA Нижфарм"

"Субҳи Ватан" - барои мардуми бедор!!!

Нашри иттилооти **"Гардиш"**. Бояд қайд кард, ки тӯли ҳар як соати аввали барномаҳои радио "Гардиш" садо медиҳад ва дар баробари ин ровии барномаи «Субҳи Ватан» Субҳон Ҷалилов, аз саҳифаҳои интернет мустақиман хабарҳои тозаро мутолиа мекунад.

Сӯҳбатҳои барномаи «Субҳи Ватан» одатан дар шакли шоу- барномаҳо пешниҳод мегарданд. Онҳо бештар ба гурӯҳи барномаҳои зеҳнӣ - интелект-шоу дохил мешаванд. Ин гурӯҳи барномаҳо мусоҳибро ба фикр кардан маҷбур месозанд. Аз ҷониби дигар иштирокчӣ- мусоҳиби журналист дар ин гуна барномаҳо як ё ду нафар нест, балки шунавандагони гуногун метавонанд, дар ин барнома ширкат варзида, қобилияти зеҳнии худро санҷанд.

Нахустин жанри журналистика хабар аст. Дар маркази хабар навигарӣ, факту воқеаи нав ва рӯйдоди тоза меистад. Хабар маълумоти мухтасари иттилооти аст. Он маъмултарин жанри ахбори мебошад. Аксари вқт журналист имконияти мустақиман ба эфир баромаданро надорад. Журналистоне ки малакаи хуби касбӣ доранд, садои худро дар гузориш дар ҷои ҳодиса сабт мекунанд, ки ин нисбат ба сабти студиёни беҳтар ва барои шунаванда табии аст. Чунин гузориш ба гузориши мустақим наздик аст ва ҳангоми танзим низ камтар ба коркард дучор мешавад.

Радиои "Ватан" қариб бо ҳама ширкатҳои дохиливу хориҷии кишвар дар соҳаи реклама ҳамкории худро дорад. Дар аксари вақт усулҳои суҳбати ровии барномаи «Субҳи Ватан» дар барномааш саволу ҷавоб ё пурсишу мусоҳиба мебошад. Маҳз дар ҳамин аснод усулҳои ҷолибсозиро бояд ба назар гирифт, зеро як нафар ба тамос мебарояд, дигарон гӯш мекунанд, ки ровӣ чигуна бо ин шунаванда суҳбат мекунад. Мисол ҳамон суҳбатҳое мебошад, ки Субҳон Ҷалилов ҳангоми ба тамос баромадани шунавандагон доир мегардад. Яъне, ӯ кӯшиш мекунад, ки ба ҳамогон аз рӯйи хоҳиши шунаванда ҳарф занад. Маҳз чунин ҳолатҳо сабаб мегардад, ки як шунавандаи дигарро ҳамаи сомеони боқимонда вақт ёфта гуш кунанд.

Зимни таҳлили ин ду барнома мо ба хулосае омадем, ки барномаи "Насими субҳ"-и радиои Тоҷикистон ва барномаи "Субҳи Ватан"-и радиои Ватан дар алоҳидагӣ барои аудутория худ мавод таҳия мекунад ва шунавандаи худро дорад. Як ҷиҳати фарқкунандаи ин ду барнома реклама мебошад, ки дар яке ба назар мерасаду дар дигар не. Яъне, манбаъи асосии даромади радиои "Ватан" ин реклама мебошад. Нафаре, ки радиоро таъсис медиҳад ҳадафи асосиаш тиҷорат аст. Яъне, аксарияти муасисони радио журналистони собиқадор мебошанд ва онҳо медонанд, ки радио як манбаи хуби даромад аст. Аз ин ҷост, ки роҳбари радиои хусусии "Тироз" Улмасов Хуршед баъди чанд навъи тиҷорат радиои мазкурро дар ш.Хуҷанд таъсис дод ва ҳоло бошад радиои "Тироз" ба яке аз радиоҳои машҳури кишвар мубадал гаштаву дар як рӯз чандин ширкатҳои дохилиро таблиғ менамоянд. Дар воқеъ, бо такя ба асосҳои назариявии радиошунавоӣ метавон гуфт, ки реклама пойдевори радио мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абдулмумин Қ. Роҳ ба сӯи эҷод. –Душанбе: Ирфон 2015. – 108 с.
2. Давронов Д., Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо. –Душанбе, 2012. – 150 с.
3. Гулов С., Ҷумъаев М. Муқаддимаи журналистика. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 176 с.
4. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ Душанбе: 2014 Ирфон. – 256 с.
5. Муқимов Ҷ., Нуъмонов А., Дастур барои радиожурналистони ҷавон Душанбе, 2008. – 97 с.
6. Маҷмӯаи "Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма". – Душанбе, 2017. – 216 с.
7. Муродов М. Сотсиологияи журналистика. – Душанбе, 2016. – 205 с.
8. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 146 с.
9. Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. - Душанбе, "Эҷод" 2005. – 70 с.
10. Саъдуллоев А, Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши аввал. – Душанбе, 1997. – 48 с.
11. Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои таҳлилии радио. - Душанбе, 2002. – 76 с.

12.САҲА. Дафтар дар Тоҷикистон (бо се забон). – Душанбе, 2017. – 217с.
13. Усмонов И. К. Шарҳи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе.- 2011. – 64 с.

ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ СУБҲГОҲӢ ДАР НИЗОМИ РАДИОШУНАВОНИИ ТОҶИКИСТОН

Воситаҳои ахбори омма дар инъикоси набзи ҷомеа мавқеи назаррас дошта, метавонад ба афкори мардум таъсири бузург расонад. Рушди илму техника аҳамияти воситаҳои ахбори оммаро дучанд намуда, ҳамакнун иттилоот нисбат ба даҳсолаи гузашта аҳамияти бештар пайдо намудааст. Тавре Уинстон Черчил мегӯяд, касе иттилоъ дорад, ҷаҳонро идора мекунад. Ҳаёти ҷомеаи имрӯзаро бидуни ВАО, аз ҷумла радио, тасаввур кардан аз имкон берун аст. Инсон наметавонад бе огоҳӣ аз воқеоти навтарини замон аз таъсиру фишори иттилоот дар канор бошад, яъне бохабар будан ва пайваста онро пайгирӣ кардан ба хоҳиши кас вобаста набуда, балки ин раванд тақозои замон аст. Радио чунин воситаест, ки аз он дар тамоми дунё истифода мекунанд ва он яке аз рукнҳои асосии ВАО буда, дар бештари маврид дар олами ахбор пешдаст аст. Дар ин мақола аз рӯйи гуфтаву навиштаҳои муҳақиққонаи соҳаи журналистика барномаҳои субҳгоҳии “Насими субҳ”-и радиои “Тоҷикистон” ва “Субҳи ватан”-и радиои “Ватан”-ро таҳлил хоҳем кард.

Калидвожаҳо*:* барномаҳои субҳгоҳӣ, радиои “Тоҷикистон”, эфири мустақим, низоми радиошунавонӣ, “Насими субҳ”, “Субҳи ватан”.

МЕСТО УТРЕННИХ ПРОГРАММ В СИСТЕМЕ РАДИОВЕЩАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

СМИ играют важную роль в освещении пульса общества и могут иметь большое влияние на общественное мнение. Достижения в области науки и техники удвоили важность средств массовой информации, и теперь информация стала более важной, чем десять лет назад. Как говорит Уинстон Черчилль, миром правит тот, кто владеет информацией. Невозможно представить жизнь современного общества без СМИ, в том числе радио. Невозможно человеку оставаться в стороне от влияния и давления информации, не зная о последних событиях времени, то есть быть в курсе и постоянно следить за ними, не зависящими от своих желаний, но этот процесс - это процесс. дело времени. Радио - это инструмент, который используется во всем мире и является одним из основных средств массовой информации, часто ведущим мировые новости. В этой статье мы проанализируем утренние программы «Насими Субх» Радио «Таджикистан» и «Субхи Ватан» Радио «Ватан» на основе исследований и трудов в области журналистики.

Ключевые слова*:* утренние программы, радио «Таджикистан», прямой эфир, радиосистема, «Насими субх», «Субхи ватан».

LOCATION OF MORNING PROGRAMS IN TO THE RADIO BROADCASTING SYSTEM OF TAJIKISTAN

The media play an important role in covering the pulse of society and can have a large impact on public opinion. Advances in science and technology have doubled the importance of the media, and information is now more important than it was ten years ago. As Winston Churchill says, the world is ruled by the one who owns the information. It is impossible to imagine the life of a modern society without the media, including radio. It is impossible for a person to stay away from the influence and pressure of information, not knowing about the latest events of the time, that is, to be aware of and constantly monitor them, not depending on their desires, but this process is a process. a matter of time. Radio is a tool that is used all over the world and is one of the main media, often leading world news. In this article, we analyze the morning programs “Nasimi Subh” of Radio Tajikistan and “Subhi Vatan” of Radio Vatan based on research and writings in the field of journalism.

Keywords: morning programs, radio "Tajikistan", live broadcast, radio system, "Nasimi subh", "Subhi watan".

Сведения об авторе: ***Давлатов Шерали Ибодуллоевич*** - магистр 2 курса специальности «Журналистика» кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики ТНУ. **Телефон:** +992 988414199. **E-mail:** sheralidavlatov99@gmail.com

Information about the author: ***Davlatov Sherali Ibodulloevich*** - 2nd year master of the specialty "Journalism" of the Department of Television and Radio Broadcasting Faculty of Journalism TNU. **Phone:** +992 988414199. **E-mail:** sheralidavlatov99@gmail.com

ИФОДАИ МАЪНОИ БАҲОДИҲӢ ДАР ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Зуҳурова Дилрабо
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забон ва фарҳанг ба ҳамдигар муносибати муштарак доранд. Забони ҳар як халқ хусусият ва дараҷаи фарҳанги он халқро инъикос мекунад. Фразеологизмҳо яке аз воҳидҳо

ва унсурҳои муҳими забон ба ҳисоб рафта, сарвати бебаҳои он низ мебошанд. Истифодаи дуруст ва боҳадафи воҳидҳои фразеологӣ нутқро хос, образнок, ифоданок ва пуробуранг мекунад. Таркиби фразеологии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохт ва маъно гуногун аст, аз ин лиҳоз зарур аст, ки он бояд аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ шавад. Тобишҳои маъноии баҳодиҳии воҳидҳои фразелогиро бо як қатор хусусиятҳои мухталифашон шартан ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд. Масалан, забоншиноси рус Н. И. Лавров тақрибан даҳ нишондиҳандаи баҳодиҳӣ (луғавӣ-маъноӣ, грамматикӣ, калимасозӣ, услубӣ ва ғ.) -ро муайян кардааст. Дуруст аст, ки дар доираи як мақола баррасӣ ва таҳлил намудани тамоми гурӯҳҳо ва хусусиятҳои баҳодиҳии ВФ аз имкон берун аст, аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар бобати нишонаҳои луғавӣ-маъноии баҳодиҳӣ баъзе нуктаҳоро ироа карда бошем. Дар забоншиносии тоҷик аз нигоҳи хислатҳои шахс ду гурӯҳи маъноии баҳодиҳии ВФ муқаррар шудаанд: мусбат ва манфӣ. Дар забоншиносии Ғарб ба гӯрӯҳҳои зикршуда гурӯҳи сеюм – бетарафӣ (нейтралӣ) илова шудааст. Мувофиқи ин назария, маъноҳои баҳодиҳии фразеологии мусбӣ, манфӣ ва бетарафӣ фарқ карда мешаванд, ки дар онҳо тасдиқ, маҳкум ё набудани муносибати возеҳ ҳамчун изҳороти баҳои аз ҷониби ҷамъият муқарраршуда ифода меёбанд. Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологие, ки муносибати шахсро ифода мекунанд, ба 3 гурӯҳи асосӣ: мусбат, манфӣ ва бетарафӣ тақсим мешаванд.

Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи мусбати баҳодиҳии субъективӣ маъноҳои фразеологии навъҳои **қобилят, далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, оромиш, сулҳу муттаҳидӣ** ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Ифодаи ин гуна маъноҳоро дар фразеологизмҳое, ки нависанда Ӯ. Кӯҳзод дар осораш истеъмол кардааст, возеҳ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, **устухон надоштан** ВФ-и маъмули забони тоҷикӣ буда, маънои «кордони моҳир будан»-ро медиҳад, ки ба қобилияти шахси мавсуф – персонажи асари бадеӣ далолат мекунад:

Дар навиштани мактуб **устухон надорад**. Хоҳиш кунед, албатта, менависад (3, 36).

ВФ-и **аз як гиребон сар баровардан**, ки маънои «мутаҳидона, дастаҷамъона»-ро дорад, баҳодиҳии мусбати гӯянда – ба муттаҳидӣ даъват карданро ифода менамояд:

Барои ба ин мақсадҳо расидан аз мо лозим аст, ки ҳама **аз як гиребон сар барорем** ва ҷамеи қолабҳои кӯҳнаро шикаста, тарҳи нави ҳаётро андозем (Кини Хумор, 88).

Хусусияти баҳодиҳии мусбати ВФ-ро, аз қабили **далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, нияти хуб, хурсандӣ** ва ба монанди инҳоро дар насри бадеии нависанда Ӯ. Кӯҳзод хеле зиёд дучор омадан мумкин аст:

Қабат ба қабат гӯшт гирифтан – «ниҳоят хурсанд шудан»:

Аммо Шинелпӯш савора аз канори пахтазор мегузашту **қабат ба қабат гӯш мегирифт**, ки ҳосили нағз мешавад ва ӯро аз минбарҳо таъриф мекунанд ва медол медиҳанд (Як сару сад хаёл, 28).

Чашми кордон – «баҳунар»:

Ҳо, вай Аҳмадбой барин **чашми кордону** пулёб набуд (Ҳам кӯҳи баланд…, 298).

Ба пӯсти худ нагунҷидан «ниҳоят хурсанд шудан»:

Ӯ бояд ҳамон гапҳоеро гӯяд, ки пештар гуфта буданд ва гоҳи гуфтанашон вай **ба пӯсти худ намеғунҷид**. (Ҳам кӯҳи баланд…, 309).

Дасту дили кушод – «нек, накукор»:

Дасту дили кушод ки дошт, ҳама ӯро дӯст медоштанд (Писанддара, 119).

Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологии бо маъноии баҳодиҳии манфӣ маъноҳои фразеологии душманӣ, бадбинӣ, дурӯягӣ, риёкорӣ, бадгумонӣ, пуртакаббурӣ, худписандӣ барин хислатҳои шахс ифода мегарданд. Воҳидҳои фразеологие, ки ба ин гуна маъноҳо далолат мекунанд, низ дар эҷодиёти Кӯҳзод зиёд дучор меоянд. Фразеологизмҳои **каждуми таги бӯрё, дарди сар, санги таги дандон, ба асфалассофилин фиристондан, карру фар, дирӯз аз тухм баромадан, аз санг гирифта ба санг задан, кафши касеро пеши пояш мондан, сояи касеро аз девор тарошидан, ба ҳар ош пашша шудан, ба чашми касе хок задан, ба сари касе об рехтан, ачриқ барин реша давондан**, ки муносибат, хислат ва сифати манфии персонажҳои осори нависандаро ифода мекунанд, ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: Ба ҳар навъ, ҳоло он воқеаҳоро аз шумо беҳтар медонистагӣ кам, -такрор шуд ҳамон овоз. Ҳамон овозе, ки Баҳромро **«каждуми таги бурё»** гуфта буд (Кини Хумор, 157). Ба як ҷо не, ба ҳар кучо

кӯчонд, - як оилаву ду оила ба бошишгоҳи дури дур фиристонд, то ки аз ин **дарди сар** якбора халос шавад, ному нишоне аз онҳо намонад ва муҳимтар аз ҳама, барои айби душманони идеологӣ дастгираке набошанд (Ҳам кӯҳи баланд…, 31). Ҳамаи Такобиҳо душманони ману ту ҳастанд. Як умр мо Болообиҳоро ғорат мекунанд. **Санги таги дандонамон** шуданд онҳо. Аз решаашон нест кардан даркор ҳамаи инҳоро (Ҳам кӯҳи баланд…, 8). Ба воситаи мо корашонро буд мекунанд. Корашон буд, ки шуд **ба асфалассофилин мефиристанд**. Баҳонаашон тайёр: феодал, буржу, миллатчӣ душмани халқ… (Ҳам кӯҳи баланд…, 205). Ва ё барои он ки **кару фари** ишкамғафс аз нигоҳи аввал ба табъаш нафорида буд ва барқасд мекард?..(Кини Хумор, 29). Тавба, **дирӯз аз тухм баромадааанду** аллакай гапёддеҳу насиҳатгар!...(Кини Хумор, 108). Аввалаш, бист сол шуд, ки золимро ҳимоя мекунеду ба мазлум зулм. Баъдаш муллоҳойи доноро **чашми дидан надоред**, вале нимчамуллоҳоро рӯйи даст бардошта мегардед (Як сару сад хаёл, 152). Агар чашм бошаду дар рӯйи миз изи панҷа монад, ҳар касе, ки дар роҳраву кабинетҳо бошад, ҷеғ зада ба қабулгоҳаш дароварда, **аз санг гирифта ба санг мезад** – даҳонӣ албатта! (Як сару сад хаёл, сах.121). Чунки насупорад шатта мехӯрд аз шинелпӯш ва чарминапӯш, то ҳадде ки метавонистанд **кафшашро пеш мемонданд** ва ӯ яку якбора маҳрум шавад аз он ҳама мақому имтиёзҳое, ки дорад (Тоҷикони имрӯза, 76). Онҳо, агар тавонанд, **сояи ҳамдигарро аз девор метарошанд**. Миралӣ, ба ҳар ду маъно ҳамодами рост аст–рост мегардад ва рост мегӯяд (Ҳам кӯҳи баланд…сах.24). Шомансур борҳо ба вай гуфт, ки: **«ба ҳар ош пашша нашав;** ба харе, ки бор надорӣ, корат набошад» (Ҳам кӯҳи баланд…, 66). Ва ҳамон вақт дар дилаш ния дошт, ки дар маҷлиси тантанавӣ, аз хусуси он ки тарафҳо **ба чашми якдигар хок мезананд**, баромад хоҳад кард (Кини Хумор, 64). Ба таърифу ситоиш ончунон хӯ гирифтем, ки дигар оддитарин эрод ба гӯшамон намефорид ва касе ғайрат карда эрод бигирад, **ба сараш об мерехтем** (Кини Хумор, 71). Ва бадтар аз ҳама ин амалиёт фақат дар доираи хоҷагиҳои ҷудогона маҳдуд намонд, балки **ачриқ барин реша давонду** ба ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ паҳн шуд (Кини Хумор, 78). Муфаттишон ба мазмуни шикояти ҷабрдида шинос мешаванд; директори мактаб, ки **гулӯи мудири маорифро доим равган карда мегардад**, ин **бечораҳоро чашми дидан надоштааст. Сояашонро аз девор метарошидааст** (Як сару сад хаёл, 133). Одамоне ҳастанд, ки тоқати сухани ҳарифро шунидан надоранд ва **байни гап ҳалук меандозанд** ва гапгузаронӣ мекунанд ва ба ҳамсӯҳбат маҷоли сухан намедиҳанд ва мӯътақиданд, ки фаҳмиши дуруст фақат фаҳмиши онҳост ва дигарон ҳама ботил мегӯянд (Ҳам кӯҳи баланд…, 181). Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологии баҳодиҳии бетарафӣ фразелогизмҳое, ки ҳолатҳои бетарафӣ, беғамӣ ва бефаъолиятии шахсро дар ҷараёни ҳодиса ва воқеае нишон медиҳанд, дохил мешаванд. Ин гуна персонажҳо одатан одамоне ҳастанд, ки ба касе зарар намерасонанд, аммо некиро низ намехоҳанд. Масалан, дар мисоли зер «пир» эшоне, ки мебоист кумаки маънавии худро дар ҳолати изтироб ба мардум мерасонд, ӯ баръакс – хомӯширо ихтиёр карда, гӯё ягон воқеа нашуда бошад, бепарво намоз мехонд: Пир **ба лабаш кулӯх молида,** оромона намоз мехонд. Муридаш тӯпиро якшоха монда, дар чойхонаҳо мазза карда мегардад (Ҳам кӯҳи баланд…, 156). Ифодаи баҳодиҳии бетарафӣ дар осори Кӯҳзод на танҳо ба як шахс, балки дар аксар ҳолатҳо ба гурӯҳе нисбат дода шудааст: Аз рӯйи қарорҳои комиссияҳои районӣ ва республикавии ҷамъияти матлубот бояд сояи инҳо ба идораи савдо роҳ дода нашавад. Пас чаро мо дидаву дониста **ба даҳон об мегирифтаем** (Ҳам кӯҳи баланд…, 144). Меъморонамон аз таҷрибаи мардум, ки хонаҳои тахмондор месохтанд, эҷодкорона истифода намебаранд. Чаро ходимони маданият аз ин ҷиҳат **даҳон намекушоянд?** (Ҳам кӯҳи баланд…, 150). Аз рӯйи қарорҳои комиссияҳои районӣ ва республикавии ҷамъияти матлубот бояд сояи инҳо ба идораи савдо роҳ дода нашавад. Пас чаро мо дидаву дониста **ба даҳон об мегирифтаем** (Ҳам кӯҳи баланд…, 144).

Воҳиди фразеологии **суханҳои нӯгиостинӣ** низ як андоза беаҳмиятӣ ва бетарафии шахсро ифода мекунад: Дар сӯҳбатҳо **суханҳои нӯгиостинӣ**, аз қабили кучо рафту киро диду чӣ хӯрд, лавҳаҳо гуфта механдид (Кини Хумор, 48). Дар воҳидҳои фразеологии **рӯз кӯр кардан, пинаки касеро вайрон кардан ва чашм пӯшидан** ҳам маъноии бетарафӣ эҳсос мешавад: Одатан вай дар айвони дарози писараш, ё болои бом, паҳлӯи мӯрӣ ва ё сари воти замине, ки соҳибаш обдорӣ дошт, нишаста **рӯз кӯр мекард** (Бандии озод, 128). Ва ин ҳолат ба касе сахт намерасад, дили касеро фишор намедиҳад, **пинаки касеро вайрон намекунад**

(Ҳам кӯҳи баланд…, 56). Аммо фақат шумору фоизро дидану аз дигар ҷихатҳои масъала **чашм пӯшидан**, агар сабук карда гӯем, ҷомеаро лофзан мекунад ва машҳур аст, ки лофзанӣ аз хислатҳои одамӣ нест (Кини Хумор, 75). Дар эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи баҳодиҳии бетарафӣ камтар кор фармуда шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки баҳо аксар вақт ба шахс ва ҳар он чизе, ки бо инсон алоқаманд аст, дода мешавад. Инчунин қайд кардан ҷолиб аст, ки дар маводе, ки мо ҷамъ овардем, бештар воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи баҳодиҳӣ мавҷуданд.

АДАБИЁТ

1. Муслимов, М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ /М. У. Муслимов. – Душанбе, 2009. – 188 с.
2. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода /А.Абдуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1978. – 124 с.
3. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён /Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с Дӯстов Ҳ, Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ /Ҳ.Дӯстов. − Душанбе: Ҷонибек, 2014. − 185с.
4. Кӯҳзод Ӯрун. Кини Хумор (Повест). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон».– 1978. – 238 с.
5. Кӯҳзод Ӯрун. Писанддара (Повестҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Маориф». – 1984. – 208 с.
6. Кӯҳзод Ӯрун. Сареву савдое (Ҳикояҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон». – 1971. – 136 с.
7. Кӯҳзод Ӯрун. Як сару сад хаёл (Ҳикояҳо). /Ӯрун Кӯҳзод. – Душанбе «Ирфон». – 1983. – 256 с.
8. Лавров Н.И., Актуальные проблемы русской фразеологии, Л., 1983. – 134 с.
9. Маджидов, Х. Фразеологической система современного таджикского литературного языка/Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406с.
10. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ/ Ҳ.Маҷидов. Душанбе: Дақиқӣ. − 2014. −351с.
11. Мирзоева, М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ /М. Мирзоева. – Душанбе, 2008. – 160 с.

ИФОДАИ МАЪНОИ БАҲОДИҲӢ ДАР ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Таркиби фразеологии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохт ва маъно гуногун аст, аз ин лиҳоз зарур аст, ки он бояд аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ шавад. Дар мақола воҳидҳои фразеологие, ки маънои баҳодиҳӣ доранд ва дар осори бадеии нависанда Ӯрун Кӯҳзод истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар забоншиносии тоҷик аз нигоҳи хислатҳои шахс ду гурӯҳи маънои баҳодиҳии ВФ муқаррар шудаанд: мусбат ва манфӣ. Дар забоншиносии Ғарб ба гурӯҳҳои зикршуда гурӯҳи сеюм – бетарафӣ (нейтралӣ) илова шудааст. Мувофиқи ин назария, маъноҳои баҳодиҳии фразеологии мусбӣ, манфӣ ва бетарафӣ фарқ карда мешаванд, ки дар онҳо тасдиқ, маҳкум ё набудани муносибати возеҳ ҳамчун изҳороти баҳои аз ҷониби ҷамъият муқарраршуда ифода меёбанд. Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологие, ки муносибати шахсро ифода мекунанд, ба 3 гурӯҳи асосӣ: мусбат, манфӣ ва бетарафӣ тақсим мешаванд ва ҳар як гурӯҳи баҳодиҳӣ силсилаи маъноҳоро дар худ гирд овардааст, ки аз рӯйи эҷодиёти У. Кӯҳзод таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: ВФ, фразеологизм, маънои баҳодиҳӣ, таснифи маъноӣ, мусбат, манфӣ, бетарафӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ С ОЦЕНОЧНЫМ ЗНАЧЕНИЕМ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются фразеологизмы с оценочным значением, которые использовались в художественном произведением таджикского писателя Уруна Кухзода. В лингвистической литературе существует много разных классификаций фразеологизмов и также много различных семантических классификаций фразеологизмов с оценочным значением. В них выделяются, как правило, положительный, отрицательный и нейтральный компоненты фразеологического значения, в основе которых лежат осуждение, одобрение или отсутствие ярко выраженного отношения как констатация социально устоявшейся оценки какого-либо явления. Так, фразеологизмы, обозначающими характер человека, согласно данной классификации, разделены на 3 основные группы: с отрицательными, с положительными и нейтральными чертами характера человека.

Ключевые слова: фразеологизм, оценочный компонент, семантическая классификация.

PHRASEOLOGICAL UNITS WITH EVALUATIVE MEANING IN THE TAJIK LANGUAGE

The article deals with phraseological units with evaluative meaning, which were used in a work of fiction by the Tajik writer Urun Kukhzod. In the linguistic literature, there are many different classifications of phraseological units and also many different semantic classifications of phraseological units with evaluative meaning. They distinguish, as a rule, positive, negative and neutral components of phraseological meaning, which are based on condemnation, approval or the absence of a pronounced attitude as a statement of a socially established assessment of a phenomenon. Thus, phraseological units with adjectives denoting the character of a person, according to this classification, are divided into 3 main groups: with negative, with positive and neutral traits of a person's character.

Keywords: phraseological unit, an evaluation component, semantic classification.

Сведения об авторе: ***Зухурова Дилрабо Илхомжоновна***- магистрант филологических наук, ТНУ. Тел.: 992915053046; (992) 553551105.

Information about the author: ***Zukhurova Dilrabo Ilkhomzhonovna*** - Master of Philological Sciences, TNU. Tel.: 992915053046; (992) 553551105.

МУХОТАБ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТ

Зардакова Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ яке аз шеваҳои ширинтарину қадимтарини дунё маҳсуб ёфта, барои ҳар фарди миллати тоҷик ганҷинаи гаронбаҳову пурарзиш ба ҳисоб меравад. Ин дурдонаи маърифат қарнҳо пеш аз ин дар замири гузаштагони мо маскан гирифтаву чун хуни равону набзи бепоён гашта буд. Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бою ғанӣ буда, барои соҳибонаш лафзи маҳину нотакрор аст. Василаи муҳим ва асосиест барои баёни андеша, пайвандгару васлсозандаи қалбҳову ақлҳост. Кумакрасони зеҳну ифодагари ҳуввияти миллӣ ба шумор рафта, воситаи муроҷиат ва гуфтор миёни инсонҳост.

Мо дар нутқи ҳаррӯзаамон воситаҳои гуногуни забонро истифода намуда, онро рангину дилнишин менамоем. Яке аз воҳидҳои сермаъное, ки дар гуфторамон пайваста ва ба таври васеъ истифода мегардад, **мухотаб аст**. Одатан мухотаб ҳангоми муроҷиат ба якдигар ва ё васфу тарранум сохтани чизе ё касе бисёртар истеъмол меёбад ва ба мо кӯмак мерасонад, то дар баёни нутқ ва ибрози ақидаи хеш мушкилӣ накашем. Мо, пеш аз он, ки дар мавзӯи «Мавқеи мухотаб дар суханрониҳои Прездент» андеша баён намоем ба ақоиди олимону муҳаққиқоне, ки дар мавриди мухотаб фикру мулоҳизаҳояшонро иброз доштаанд, назар меандозем.

Дар таҳқиқи мухотаб ҳамчун воҳиди комуникативии баёни фикр муҳаққиқон ва забоншиносони мумтоз нақши босазо гузоштаанд Б. Камолиддинов, М. Норматов, Т. Хаскашев, Р. Ҳомидов, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Каримов, С. Аминов, Ш. Рустамов, О. Нурова, М. Қурбонов ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки дар корҳои илмию тадқиқотии рисолаву мақолаҳои хеш доир ба мухотаб изҳори назар кардаанд.

Ба ақидаи забоншинос Баҳриддин Камолиддинов «Мухотаб калимаи арабӣ буда, одатан бо ягон мақсад (пурсиш, амр, хоҳиш, танбеҳ, сарзаниш, ифодаи меҳру муҳаббат, садоқат, ҳиссиёти гуногун) ба мусоҳиб (ва шахси ғоиб) бо ном, насаб, тахаллус, лақаб, калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешу табор, ёру дӯст, рафоқат, мансаб, касб, унвон, рутба ва ғайра муроҷиат ё хитоб мекунад. Мухотаб бо калима ё ибораҳое, ки шахс ва сифатҳои неку бади ӯро ифода мекунанд, бо нидоҳои муроҷиат ва даъват ё бидуни онҳо ифода меёбад:

- **Эй некрой**, ин чӣ амали қабеҳ буд, ки аз ту дар вуҷуд омад? (Чор дарвеш) [1 с.147]

Мухотаб бо аъзои ҷумла муносибати грамматикӣ надошта бошад ҳам, дар зоҳир намудани соҳиби амалу ҳолати ҷумла ёрӣ мерасонад. Мухотаб дар истифодаи ҳиссиёт ва муносибатҳои салбию эҷобии гӯянда воситаи муҳими нутқ ба шумор меравад: - **Духтаракам, нури чашмам! -** гуфт кампир, - Ман туро бо орзу ва ҳавас калон кардам (Х.К); - **Хез, сағера!** Боз таги шатта нагирам. **Муши мурда**. Худаша ба хоб мезанад-е! (Ҷ.А). Дар ҷумлаи аввал мухотаб муносибати меҳрубонона, вале дар матни дуюм муносибати бадбинонаи гӯяндаро ифода кардааст. Ибораи маҷозии нури чашм (фарзанди азиз) ба маънои мусбат, муши мурда (бачи нотавон) ба маънои манфӣ далолат мекунад».

Аз ақидаи забоншинос бармеояд, ки мухотаб на танҳо бо мақсади ифодаи фикрҳои хубу дилпазир инчунин барои ибрози ҳиссиёти манфии гуянда ба шахси муроҷиатшуда низ истифода мешавад.

Муҳаққиқ, забоншинос М. Норматов бошад мухотабро як воҳиди забоние медонанд, ки ҷумлаи соддаи муфассалро ба вуҷуд меорад. Зикр мекунад, ки мухотаб ин предмети

муроҷиат аст, бинобар ин асосан ба инсон нигаронида мешавад. Мухотаб чун воҳиди иловагии ҷумла бо аъзоҳои асосии он – мубтадову хабар, муайянкунанда, пуркунандаву ҳол муносибати синтаксисӣ надорад, яъне аз онҳо ба он савол гузошта намешавад. Вале мухотаб ба тамоми ҷумла ва ё ягон аъзои он муносибати мантиқӣ дорад, дар акси ҳол ба истифодаи он дар ҷумла эҳтиёҷ намебуд. Ана ҳамин муносибати маъноӣ истиснои онро аз ҷумла номумкин мегардонад, зеро маънӣ коста мешавад.

Мухотаб ба таври ғайриграмматикӣ вазифаи иҷрокунандаи амалро адо мекунад, дар ин ҳолат ҳоҷат ба зикри мубтадо намемонад: **Модар,** дарро кушоед, ман омадам (Р.Ҷалил). Дар ин мисол амали ҷумлаи якум (дарро кушодан) аз тарафи мухотаб (модар) иҷро карда шудааст, вале мубтадои грамматикӣ бояд ба шахси дуюми ҷамъ (шумо) бошад, зеро ба ин шахсу шумораи хабар (кушоед), ки ба шахси дуюми ҷамъ далолат мекунад, тақозо дорад» [2.с 176].

Академик Б. Ниёзмуҳаммадов дар китобаш «Ҷумлаҳои содда дар забони тоҷикӣ» доир ба мавзӯи мухотаб ҷумлае чанд кӯтоҳ ва мухтасар гуфтаанд: «Мухотаб ба тариқи хитоб муроҷиати шахсеро ба шахсе ифода мекунад. Мухотаб ба воситаи як калима ва ё ба воситаи таркиби калимаҳо ташкил мегардад ва дар охири ҷумла аломати хитоб гузошта мешавад.

Масалан: Ятим бо дидани модараш: модарҷон, – гӯён беихтиёр ва бо як қуввати номаълум аз ҷояш хест (С.Айнӣ). [3. с 94]

Мухотаб шахси муроҷиатшуда аст, бинобар ин бо исми шахс ифода мегардад ва муроҷиати мутакаллимро ба мусоҳиб мефаҳмонад. Мухотаб баробари ифодаи муроҷиат ва хитоб ба шунаванда тобишҳои зиёд дорад, ки онҳо аз мундариҷаи фикри баёншаванда, муносибати гӯянда нисбат ба он, ҳолату вазъият ва авзои шунаванда падид меоянд. [4 с.93]

Мухотаб ҳамчун воситаи муроҷиат дар забон. Як гурӯҳ калимаю ибораҳо бо мақсади нигаронида шудани мазмуни нутқ ба касе ё чизе истифода мешаванд. Онҳо аксар вақт барои ҷалб намудани диққати шунаванда (хонанда) бо оҳанги муроҷиат, хитобу даъват, хоҳишу пурсиш, навозишу ҳурмат хизмат мекунанд. Мухотаб бо исм, калимаҳои исмшуда ва ибораҳои исмӣ ифода мешавад. Ин гуна калимаю ибораҳоро мухотаб ном мебаранд: **эй ситамдидагон, эй асирон**, - Вақти озодии мо расид. Муждагонӣ дихед, **эй фақирон –** Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид (С.Айнӣ). Мухотаб нафақат ба инсон, инчунин ба предметҳои табиати беҷон, ходисаҳо, ҳайвонот ва парандаҳо ҳамчун ташхис гуфта мешавад:

Тоҷикистон! Тоҷикистон! Бахтат монанди кӯҳҳоят баланд ва ҳуснат чун боғхоят дилписанд аст (Шукӯҳӣ). Парвоз кун, **эй кабутари сулҳ** – Бо муждаи рӯҳпарвари сулҳ (Деҳотӣ).

Мухотаб муносибати байни шахсҳои якуму дуюм ва гоҳо сеюмро барқарор намуда, вазифаи воситаи робитаи нутқро низ иҷро менамояд, яъне нутқи суханкунанда ва шунаванда дар баъзе ҳолатхо ба туфайли он сурат мегирад. Баъзан аз рӯйи одобу иззат мухотаб дар шахси сеюм ифода шавад хам, шахси дуюмро далолат мекунад: Ана ҳозир нон меорам, **очеш!** Ҷувол кучост? (С.Айнӣ).

Мухотаб асосан дар диалог, шиору даъватномахо, мактубҳои расмиву ғайрирасмӣ, қарору резолютсияҳо, фармону муроҷиатномаҳо, эълону рапортҳо, маърузаю музокираҳо истеъмол меёбад [5 с.362].

Интонатсияи мухотаб. Мухотаб дар ҷумла ба воситаи интонатсия (оҳанг) алоқаманд мегардад. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии чунин оҳанг бо мазмуни умумии ҷумлае, ки мухотаб ба таркиби он медарояд, муайян мешавад. Мухотабҳое, ки дар аввали ҷумла бо мақсади ифодаи маънои даъват, пурсиш, амру фармон меоянд, бо оҳанги нисбатан баланд талаффуз меёбанд. Чунин ҷумлаҳо одатан ҷумлаҳои хитобӣ ва саволӣ мешаванд. Дар ҷараёни нутқ баъд аз мухотаби дар авваломада андак пауза (фосила)-и дарозтар ҳис мешавад: **Ака-Махдум**, шумо ба ман меҳрубонии бародарона кардед (Айнӣ).

Мавқеи мухотаб дар суханрониҳои президент. Чи гунае, ки дар боло қайд карда гузаштем мухотаб бештар дар нутқ, гуфтугӯйи озод ва суханрониҳо, нутқи қаҳрамонони асарҳои бадеӣ, мурсалоти (номанигории) расмию ғайрирасмӣ ба кор бурда мешавад. Он бештар дар суханрониҳои расмӣ, ҷамъомаду конфронсҳои байналмилалӣ, маъракаҳои

муҳими давлатӣ аз ҷониби сарони кишварҳо ҳангоми суханрониашон садо медиҳад. Бесабаб нест, ки мо низ ин мавзӯи муҳиму таваҷҷуҳпазирро интихоб намуда, хостем аз суханрониҳои Пешвои муаззами миллатамон барои мисол намунаҳои беҳтарини муроҷиати эшонро дар ин мақолаи хеш гирд оварда, ба риштаи таҳлил кашем. Муҳимияти мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки то ба ҳол мавриди таҳқиқи алоҳида қарор дода нашудааст. Бояд гуфт, ки Сарвари давлат намунаҳои беҳтарини мухотабро дар суханрониҳояшон зикр менамоянд, ки шоистаи таҳсин мебошад.

Ҷойи мухотаб дар нутқи Пешвои миллат

1. Мухотаб дар оғози суханронӣ

Ҳангоми муроҷиат сарвари давлатамон ба халқи азизи кишварамон ҳамеша самимияти хешро зоҳир менамоянд. Суханрониҳои Роҳбари давлат бештар бо ибораҳои:

Ҳамдиёрони азиз!

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳамватанони азиз!

Ҳозирини арҷманд!

Ҳамватанони гиромӣ ва монанди ин оғоз меёбанд, ки барои мисол баъзеи онҳоро дар поён зикр хоҳем кард. Масалан, дар ин матни суханронии эшон чунин ибораҳои самимона ҳамчун мухотаб истифода гардидаанд:

Ҳамдиёрони азиз!

Ҳозирини гиромӣ!

Вохӯрии имрӯзаи мо дар остонаи ҷашни бузурги миллиамон – солгарди навбатии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва дар моҳи шарифи Рамазон доир гардида истодааст (Суханронӣ дар мулоқот бо мардуми ноҳияи Фархор ҳангоми супоридани фабрикаи ресандагӣ 24.08.2010).

Дар инҷо Пешвои миллат ҳар як ҳамватани худро азизу гиромӣ ҳисобида, ҳозиринро барои шунидани идомаи суханронӣ дар ҳолати омодабош қарор додаанд. Инчунин, мухотабҳои ***ҳамдиёрони азиз, ҳозирини гиромӣ,*** ҳамчун ибора ифода ёфта, самимиятро дар худ инъикос намудаанд. Ҷойи дигар:

Фарзандони азиз ва ҳозирини арҷманд!

Мулоқоти мову шумо дар рӯзҳои оғози фасли зебои баҳор сурат мегирад (Суханронӣ дар мулоқот бо кӯдакони ятим дар шаҳри Хӯҷанд 30.03.2019).

Дар мисоли зерин ибораҳои ***Фарзандони азиз*** ва ***ҳозирини арҷманд*** мухотаб шуда омадаанд**,** ки нутқи сарвари мамлакатамонро самимитару дилнишинтар намудаанд. Оғоз шудани суханрониашон бо чунин ифодаҳои зебо аз эҳсоси падаронаи эшон ба мардуми ин сарзамин дарак медиҳад. Ғамхориҳои пайвастаи ин абармарди нексириштро дар ҳаққи ятимону бепарасторон боз ҳам ҷонноктару қавитар нишон медиҳад, ки онҳоро мисли фарзанди хеш навозиш намудаву меҳрубонӣ менамояд.

2. Мухотаб дар миёни суханронӣ. Бештари вақт барои идомаи гуфтор ва ё суханронӣ мухотабро метавон дар байни матн ҷой дод, ки ин ҳам ба маҳорати хуби суханвар вобастагии калон дорад.

Яке аз чунин суханварони бомаҳорату соҳибтаҷриба ва оқилу фархунда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки дар Паёму суханрониҳояшон пайваста аз суханони ҳакимонаву холисона истифода менамоянд. Гуфторҳояшон оқилонаву хирадмандона ироа мегарданд. Бо истифода аз воситаҳои муассири забон нутқашонро мукаммал месозанд ва мухотаб яке аз воситаҳои асосии муроҷиати эшон ба ҳисоб меравад. Барои идомаи гуфторашон ва пуробуранг сохтани суханронӣ мухотабро дар байни нутқашон низ ҷой додаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар баъзан ҳолатҳо мухотаб дар миёна далолат бар он мекунад, ки нутқи навбатӣ ба қисми дигари аудитория яъне шахсони алоҳида ё гуруҳи муайян тааллуқ дорад ва барои пайвастани фикрҳо кумак мерасонад, то холигие миёни нутқ эҳсос нагардад. Дар баъзе ҳолатҳои дигар барои тавқият бахшидани гуфтор ва ё таъкиди махсус ифода меёбад:

Муҳтарам роҳбарон ва фаъолон!

Бо вуҷуди пешравиҳое, ки имрӯз дар ҳаёти сокинони вилоят ба даст омадааанд, баъзе камбудиҳое низ вуҷуд доранд, ки мо бояд онҳоро пинҳон накунем, балки ошкоро гӯем ва барои ислоҳу аз байн бурдани онҳо ҳама якҷо кӯшиш кунем (Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ВМКБ 15.09.2018 шаҳри Хоруғ).

Мисоли мазкур идомаи суханронии Пешвои миллат буда, дар он ибораҳои ***муҳтарам роҳбарон ва фаъолон*** мухотаб шуда омадааст ва таъкиди махсуси сарвари давлатро ба роҳбарону фаъолон инъикос менамояд. Чунон ки аз матни суханронӣ аён аст, мо бояд мушкилиҳоро пинҳон насозем ва дар пайи ислоҳи онҳо бошем, ва дар охир даъват ба амал овардааанд, ки барои ин дар якҷоягӣ кӯшиш намоем.

Ҷойи дигар чунин иброз доштаанд:

Муҳтарам ширкаткунандагони мулоқот!

Созмони конфронси исломӣ мутобиқи ҳадафҳо ва усулҳои наҷиби худ аҳамияти ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли вазъиятҳои низоангезро аз тариқи гуфтугӯ ва ҳамкорӣ ҳамеша таъкид менамояд.

Мухотаби **муҳтарам ширкаткунандагони мулоқот** дар миёни суханронӣ ба хотири таъкид ба иштирокунандагони конфронс оварда шуда, ҷараёни нутқро махсусан ба онҳо равона сохтааст.

3. Мухотаб дар охири суханронӣ. Ҷамъбаст ва хулосаи гуфтор яке аз қисматҳои асосии суханронӣ ба ҳисоб меравад, ки таманниёту нияти нек ва ихлосмандонаи гӯянда ва ё нависандаву муроҷиаткунандаро инъикос менамояд. Мухотаб низ як воситаи хуби ҷамъбандии калом ба ҳисоб меравад. Намунаи онро мо метавонем дар суханронии Президенти мамлакатамон вохӯрем.

Мавриди зикр аст, ки мухотаби дар аввал омада моро водор ба он месозад, ки анҷоми суханрониамонро низ вобаста ба он хулосабандӣ намоем. Чӣ гунае, ки дар фарҷоми суханрониҳояшон Пешвои муаззами миллатамон чунин қайдҳо доранд:

*Ҳамеша сарбаланду муваффақ бошед**, ҳамдиёрони азиз!***

Характерная особенность военных понятий-это выражение при помощи метафоры, при котором были широко распространены терминизированные выражения: ***тӯпи зиддитанкӣ, тӯпи танкзан*** (танк англ.) (противотанковое орудие), ***тӯпи худгард*** (самоходное орудие), ***тӯпи зенитӣ*** (зенитное орудие, зенитка). Появляются кальки: ***тупи вазнин, батареяи артиллерӣ*** (батарея), ***миномети 51-мм батальон***, ***миномети шашмиладор*** (тяжелое орудие, артиллерийская батарея, батальонный миномет 51-мм, шестиствольный миномет). Топонимы, означающие номинацию самолетов по назначению, например, ***самолети вазнини бомбаандоз****-тяжелый самолет-бомбардировщик*, ***самолёти қиркунанда****-самолёт-истребитель*. Или полные и сокращенные названия, происходящие от фамилий их конструкторов: «***самолёти Яковлев***»- «Як», ***«самолети Лавочкин»*** - «Анюта», ***«самолети Петляхов»*** - «Пети», ***«самолети Микоян»***-«Мик». Самолет типа У-2 называли *«лесным часовым»,* по-таджикски-«***қаровули беша***». Употреблялись также - в речи, печати и литературе — немецкие названия вражеских самолетов: ***«Мессершмит», «Юнкерс», «Хейнкель».*** Вошли в таджикскую военную лексику, ряд слов, обозначающих названия танков: танки ***КВ, танки Т-34, танки тасмачарх*** (гусеничный танк) и т.п. В устной и литературной речи употреблялись также популярные названия пулеметов – ***«Максим»*** и ***ПД*** (пулемет Дегтярева). Было знаменитым на фронтах, в тылу и среди таджиков — слово ***«Катюша»,*** так называли могучее орудие ***МРС*** (машина реактивных снарядов), или ***«гвардейский миномет»***. Появление нового оружия в вооружении и его название вошло в военный таджикский словарный состав ***миномёти гвардиягӣ***. К примеру: ***миномети ракетавӣ, бомбаи атомӣ, минаи шиновар*** (плавучая мина).

Следовательно, заимствования терминов из русского и иностранного языков создавая большую часть современного таджикского языка, сохраняют звуковой состав языка источника. Из этого следует, что многие военно-научные и технические термины появляются с утилизацией международных источников терминологии (латинских и греческих корней) типа: ***автомат, корпус, атом.*** Заимствования из латинского и греческого языков посредством русского языка, считались неизбежным явлением в процессе формирования военной терминологии таджикского языка появилось много калек, например: ***пункти аҳолинишин****-населенный пункт;* ***дивизияи тирандоз****-стрелковая дивизия*

[Н.Шаропов,1988]. Военные термины, заимствованные из других языков, которые активно употребляются в современном таджикском языке, например:

1. итальянские: *граната*-***граната***; *казарма*-***казарма, хобгоҳ,*** *залп*-***залп, тарз;***
2. латинские: *корпус*-***корпус***, *капсула*-***капсула,*** *ветеран*-***ветеран,*** *эскадрон*-***эскадрон;***
3. французские: *десант*-***десант***, *дивизия*-***дивизия,*** *патруль*-*патруль****посбон, шабгард;*** *пистолет*-***таппонча*** и др.
4. немецкие: *офицер*-***офицер,*** *плац*-***плац,*** *бомбардир*-***бомбардир,*** *ефрейтор* – ***ефрейтор,*** *штаб*- ***штаб, ситод,*** *штурм*-***штурм, ҳучум, ҳамла;***
5. греческие: *зона*-***зона,*** *оптика* –***оптика, механика-механика; автомат***-автомат, ***динамит***-динамит;
6. польские: *герб*-***герб, нишон,*** *полковник*-***полковник***
7. английские: *танк*-***танк,*** *блокада*-***блокада,*** *бункер*-***бункер.***

С 1991 года, терминообразование постепенно переходит на внутренние возможности и словарного фонда самого таджикского языка. Здесь уже идёт диархаизация и деисторизация, а также появляются очень много неологизмов, широко используется словообразовательные и грамматические ресурсы национального языка.

Русские и интернациональные военные термины, заимствованные таджикским языком по их формированию можно разделить на три категории [Н.Шаропов,1988, с.62]: 1) исконно русские: ***завод, самолёт, пулемёт;*** 2) иностранные слова, проникшие в таджикский язык в русском звуковом оформлении через русский из других языков: ***комитет, ракета, миномёт.*** 3) интернациональные термины, вошедшие в таджикский язык посредством русского.

Распространенным средством образования новых слов является словосложение, словосочетание и аффисальное словообразование. Под влиянием русского языка, создаются сложносокращенные слова, которые представлены несколькими типами: 1) заглавные буквы- ***автомати Калашинков***-*автомат Калашникова*-***АК,*** *пистолети Макаров*-***пистолет Макарова-ПМ***. Образуются способом сложения заглавных букв или слов: указаны на примере названий самолётов и оружия. 2) сложносокращенные слова, созданные способом соединения слогов или частей слов: ***военторг***-*военторг (магозаи ҳарбӣ;* ***военкомат (комисариати ҳарбӣ***-*военный комиссариат);* 3) составленные из начальных частей слов и полного слова: ***комбриг, комвзвод, комрота***. 4) слова, составленные из начальных букв ***ПД***-пулемёт Драгунова, ***МРС***-машина реактивных снарядов. Влияние русского языка, проникавший в язык проявляется, на терминообразовании [Б.С.Асимова,1987, с.182]. таджикского языка, непосредственно связана с характером распространения первого в Таджикистане, качеством его взаимодействия с таджикским языком. С принятием Закона о государственном языке 1989 г., 2009 г. и независимости в Таджикистане 1991 г., как и в некоторых других бывших союзных республиках, социальная деятельность русского языка ограничивается, что замедляет проникновение русских заимствований. Встречаются моменты проникновения русской лексики (или через русский язык), выражающие новые понятия современной техники и культуры, развивается прямой контакт с иностранными языками: английским, французским, немецким и др.

После приобретения статуса государственного языка в таджикском языке в области фонетики, морфологии, семантики, структурно-семантическом и других методов словообразования и терминообразования произошли и происходят много изменений. Так, например, неприсущее таджикскому языку сочетания двух или более согласных в начале слов: из русского вошли с таким сочетанием: ***взвод, бригада, старшина, прапоршик*** и др. Русские африкаты ц **(тс, с),** щ **(ш),** ы **(и),** также беззвучная буква **ь** (в таджиксом языке не имеет аналога), проникшие в таджикский язык и употребляющиеся более 50 лет в годы независимости были сняты из употребления и были заменены соответствующими африкатами таджикского языка [Н.Шаропов,1988]. Например, гаубица - ***гаубитса,*** *прапорщик* –***прапоршик,*** *батальон* – ***батал(й)он***.

Многие заимствованные военные термины, которые активно употреблялись в военной сфере таджикской армии на данный момент переводятся на базе внутреннего словарного

фонда и возможностями таджикского языка в соответствии с нормами современного таджикского языка. Например: *солдат-**сарбоз**, офицер-**афсар**, рядовой-**қаторӣ**, граната-**норинҷак**, **снаряд-гулула**, винтовка-**милтиқ**, ствол-**мил**,* и др.

Заимствуются военные термины: *полк-**полк**, дивизия-**дивизия**, батальон-**баталон**, взвод-**взвод**, рота-**рота**, курсант-**курсант**, танк-**танк**, комитет-**комитет**,* и др. Идёт очищение словарного состава таджикского языка от слов нетаджикского происхождения и их замена новыми словами и словами уже существующими, например, вместо терминов *граната – **норинҷак**, снаряд – **гулӯла**, пушка – **тӯп**, часть – **қисм**, армия – **артиш**, сухопутный – **хушкигард**, пистолет – **таппонча**, офицер – **афсар**, солдат – **сарбоз** и др.* [ФТР,2006]. Особое внимание следует выделить на заимствованиях из русского языка, в том числе вошедших в таджикский язык в русском оформлении иностранных терминов. Они составляют основу военной и военно-технической боевой терминологии. Например: 1) военные термины: ***наряд, рота, взвод, дивизия, баталйон, бригада, гвардия;*** 2) военно-технические боевые термины: ***танк, автомобил, ракета, бомба, гаубитса, автомат*** и др. [СВТ,2003]. Появилось много калек, создаваемых по образцу русских военных терминов и сочетаний, большую часть которого составляют сложные слова, например, ***зиддитанкӣ*** «противотанковый», ***зиреҳпӯш*** «бронированный», ***тирпарронӣ*** «стрельба» [ФТР,2006]. Несмотря на значительную часть иноязычных заимствований в терминосистеме, таджикский язык, вместе с тем сохранил свою собственную природу.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гафуров, Б.Г. Таджики: в 2 т./ Б.Г.Гафуров. -Душанбе: Ирфон,1989. -2 т.
2. Словарь военных терминов/ ред. С.Г.Шапкин; А.М.Плехов. -Москва: Воениздат, - 1988. - 335 с.
3. Шаропов, Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка/ Н.А.Шаропов; отв. ред. В.А.Капранов-Душанбе: Дониш, 1988. - 133 с.

ЛЕКСИКАИ РУС ВА АВРУПОИИ ҒАРБӢ ДАР ИСТИЛОҲОТИ НИЗОМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи воридшавии калимаҳои забони русӣ ба забони тоҷикикӣ ва роҳҳои мутобиқшавии онҳо ба грамматикаи забони тоҷикӣ меравад.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳоти ҳарбӣ, русӣ, калимаҳо, депсит, луғатҳо, забонҳои аврупоӣ, забони тоҷикӣ.

РУССКАЯ И ЗАПАДНОЕВРОПЕЙСКАЯ ЛЕКСИКА В ВОЕННОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье говорится, что проникновение русских слов в таджикский язык осуществлялось через разговорную речь, перенося звуковые преобразования в соответствии законам таджикского произношения.

Ключевые слова: термин, военная терминология, русский язык, слово, понятие, лексика, западноевропейские языки, таджикский язык.

RUSSIAN AND WESTERN EUROPEAN VOCABULARY IN THE MILITARY TERMINOLOGY OF THE TAJIK LANGUAGE

The article says that the penetration of Russian words into the Tajik language was carried out through colloquial speech, transferring sound transformations in accordance with the laws of Tajik pronunciation.

Keywords: term, military terminology, Russian, word, concept, vocabulary, Western European languages, Tajik.

Сведения об авторе: ***Одилов Фуркат*** - магистрант 2-го года обучения Российско-Таджикского (Славянского) университета

Information about the author: ***Odilov Furkat*** **-** Master's student of the 2nd year of study of the Russian-Tajik (Slavic) University

ВИЖАГИҲОИ ТАҲЛИЛИ ҲУҲҶАТ ДАР СОТСИОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА

Умеджони К.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ, махсусан матбуотро бе ҳуҷҷат тасаввур карда наметавонем. Фаъолияти ягон соҳа бе ҳуҷҷат нест ва буда ҳам наметавонад. Ҳуҷҷатҳо имкон медиҳанд,

ки дар бораи зуҳурот, предмети таҳқиқ маълумоти пурра, амиқ ва боваринок пайдо кунем. Фаъолияти васоити ахбори оммаро низ бе ҳуҷҷат наметавон тасаввур кард. Ба таъбири В. А. Ядов дар сотсиология тамоми шакли ахборе, ки дар матбуот, матнҳои хаттӣ, сабти магнитӣ, акс, киноплёнка инъикос гардидаанд, ҳуҷҷат меноманд. Дар китоби «Рабочей книге социолога» мафҳуми ҳуҷҷат чунин маънидод шудааст: «Предметҳое, ки инсон махсус ба вуҷуд оварда, барои пахш ва нигоҳ доштани ахбор муайян шудаанд, ҳуҷҷат меноманд» (17, с.76). Дар сотсиология ВАО аз ҳуҷҷатҳои гуногун ҳамчун манбаи ахбори иҷтимоӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Ба сифати чунин манбаъ маводи матбуот, барномаҳои радиову телевизион, мактубу зангҳои ба идораҳои ВАО воридшаванда ва амсоли ин дохил мешаванд. Ҳамчунин матнҳои фарогирандаи омориҳои давлатӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологии қаблан гузаронидашуда ва дигар асноди ба мақсади омӯзиш алоқаманд метавонанд дар таҳқиқи сотсиожурналистӣ ба сифати манбаъ истифода шаванд. Ҳуҷҷатҳоро ба навъҳои гуногун ҷудо мекунанд. Аз рӯйи дараҷа онҳо расмӣ ва ғайрирасмӣ, аз рӯйи шакли баён: хаттиву оморӣ, аз рӯйи хусусияти функсионалӣ: ахборӣ, муназзам, иртиботӣ ва маънавӣ мешаванд. Ба ҳуҷҷатҳои расмӣ тамоми асноди хаттие, ки аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти давлативу иҷтимоӣ тартиб ва тасдиқ шуда, ба сифати собитсозии ҳуқуқӣ истифода мегарданд, дохил мешаванд: Қонунҳо дар бораи ВАО, дастурҳо ва ғайра. Ҳуҷҷатҳои ғайрирасмиро матнҳои шахсӣ: дафтарчаи қайд, маҳсули эҷод… ташкил медиҳанд. Ҳуҷҷатҳои дар шакли матн (нақл) ташкилшударо ҳуҷҷати хаттӣ меноманд. Асноде, ки моҳияти ҳисобу китобро доранд, ҳуҷҷатҳои оморӣ номида мешавнд. Сарчашмаи муҳимтарини ахбори сотсиологӣ маводи матбуот ба ҳисоб меравад. Зеро он тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро мегирад ва барои истифода нисбатан имконияти хуб дорад. Маводи нашрияҳо дар худ махсусияти типҳои гуногуни ҳуҷҷатҳоро омезиш медиҳанд: ахбори расмиву ғайрирасмӣ, хаттиву оморӣ, ақидаҳои шахсӣ, номаҳои хонандагон, асноди таърихӣ, маводи ташреҳӣ ва ғайра.

Диққати сотсиологро, пеш аз ҳама, матнҳои воҳиди ягонаи маъноидошта, ки дар бораи созандагони он: аудитория, журналистон, рекламадиҳандагон, ниҳодҳои иҷтимоии ташкилкунандаи ВАО, ки ҳамчун инъикосгари воқеияти иҷтимоӣ ва оинаи сиёсат маълумот медиҳанд, ҷалб менамоянд. Омӯзиши ҳуҷҷат мисли усули пурсиш ба методҳои сифативу миқдорӣ ҷудо мешавад. Методи сифатӣ барои таҳлили матнҳои алоҳида ва миқдорӣ барои гирифтани дониш аз маҷмӯи матнҳои яктипа истифода мешавад. Сотсиологҳо иртиботи оммавиро ҳамчун ҷараёни табодули ахбор дар ҷомеа баррасӣ намуда, бештар матнҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ки аломатҳои умумӣ доранд ва дар шакли анбӯҳ пешниҳод мегарданд. Ба ибораи дигар, матнҳои фарогирандаи як мавзӯъ ё масъала, ки дар фосилаи муайян дар ВАО интишор шудаанд бештар предмети таҳқиқи сотсиологҳо қарор мегиранд. Аз тарафи дигар интихоб дар ҳар гуна таҳқиқ аз рӯйи мақсаду вазифаҳои дар шакли фарзия пешниҳод гардида сурат мегирад.

Таҳлили сотсиологии ҳуҷҷатҳо мувофиқи ду усул сурат мегирад:

а) анъанавӣ;

б) сифативу миқдорӣ - контентӣ; (10, с.127).

Махсусияти таҳлили анъанавӣ он аст, ки тавассути он механизми фаҳмиши ин ё он матн ба вуҷуд меояд. Ин усул имкон медиҳад, ки мундариҷаи ҳуҷҷат умқан муайян карда шавад. Тавре ки академик Г. В. Осипов гуфтааст: “Гузаронидани таҳлили анъанавӣ маънои табдил додани шакли аслии иттилоот ба шакли лозимии тадқиқотро дорад. Дар асл он ҷузъи шарҳи ҳуҷҷат нест. Таҳлили анъанавӣ ба шумо имкон медиҳад, ки паҳлуҳои чуқури пинҳонии мундариҷаро пайдо кунед. Таҳлили мазкур мекӯшад, ки ба ҳуҷҷат амиқтар рафта, мазмуни онро пурра кунем.” (11, с.289-290).

Ҳангоми гузаронидани таҳлили анъанавӣ сотсиолог ё журналист бояд ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

- ҳуҷҷат чиро мефаҳмонад?;

-матни он чӣ гуна аст?;

- муаллифаш кист?;

-мақсади ташкили ҳуҷҷат дар чист?;
-ҳуҷҷат чӣ ҷиҳати эътимоднокӣ дорад?
- мазмуни фактии ҳуҷҷат чӣ гуна аст?
-дар бораи муносибати муаллифи ҳуҷҷат чӣ хулоса баровардан мумкин аст?

Таҳлили анъанавии ҳуҷҷат як раванди мустақил ва эҷодӣ мебошад, ки мундариҷаи он ба намуди ҳуҷҷат, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, аз тахассуси илмӣ ва таҷрибаи муҳаққиқ вобаста аст. Доир ба ин масъала ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки бояд таҳлили анъанавии ҳуҷҷатҳоро аз шахсияти муҳаққиқ, арзёбӣ ва тафсири субъективии ӯ ҷудо кардан мумкин нест. Академик Г. В. Осипов таҳлили анъанавии ҳуҷҷатҳоро чунин шарҳ медиҳад: “Дар доираи таҳлили анъанавӣ (классикӣ) тамоми амалётҳои ақлӣ, ки барои шарҳи маълумоти дар ҳуҷҷат буда, аз нуқтаи назари муайяне, ки муҳаққиқ дар ҳар як ҳолат қабул кардааст, фаҳмида мешавад.” (11, с.289-290). Усули анъанавӣ – ин усули таҳлили сифатиест, ки мақсади он шарҳи ҳамаи амалиёти ақлонӣ ва фаҳмидани иттилоотҳои дохили ҳуҷҷатҳо мебошад. Ду намуди таҳлили анъанавӣ вуҷуд дорад:
1. Таҳлили беруна – таҳлили шароити пайдошавии ҳуҷҷат;
2. Таҳлили дохила – таҳлили бевоситаи ҳуҷҷат ба муайян намудани савияи соҳибихтиёрии муаллиф барои ҷо ба ҷо гузоштани маълумотҳои ҳуҷҷат равона шудааст.

Камбудии асосии таҳлили усули анъанавӣ – ин набудани имконияти аз нуқтаи назари шахсӣ маънидод кардани далелҳо (маълумотҳо) мебошад. Ин гуна камбудӣ бо ёрии усули барасмиятдаровардашуда паси сар мешавад. Усули барасмиятдарорӣ – ин гузаронидани маълумоти сифатӣ ба нишондиҳандаи миқдорӣ ва бо коркарди минбаъдаи оморӣ мебошад. Яке аз навъҳои маъмул ва роиҷи таҳлили ҳуҷҷат, ки дар сотсиология ва журналистика васеъ истифода бурда мешавад, таҳлили контентӣ-сифативу миқдорӣ ба ҳисоб меравад. Асосан ин навъи омӯзиши ҳуҷҷат бештар ба илми сотсиология марбут аст. Аммо журналистика низ ҷузъи муҳими ҷамъият ба ҳисоб рафта, барои муайян кардани муносибату хусусиятҳои ВАО бо омма бештар аз таҳлили контентӣ кор бурда мешавад. Аз ин хотир сотсиология бо журналистика иртиботи ногусастанӣ дорад. Моҳияти таҳлили контентӣ аз матнҳои зиёди яктипа ҳосил намудани тавсифҳои сифативу миқдорӣ ва хулосаҳои оморӣ (миқдорӣ) аст. Дар ин навъи таҳлил тамоми ҷузъиёти ҳуҷҷат: категория, аломат, мавзӯъ, жанр ва амсоли ин мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар таҳлили сифативу миқдорӣ имконияти гузариш аз тавсифи ҳуҷҷатҳои алоҳида ба тавсифи миқдори ҳуҷҷатҳои зиёд вуҷуд дорад. Бо ин усул метавон ҳар гуна ҳуҷҷат: бастаи рӯзномаҳо, аксҳо, сужаҳои видеоӣ ва амсоли инро мавриди коркарди оморӣ қарор дод. Шартҳои асосии таҳлили контентиро чунин нишон додан мумкин аст:
-Аз дохили матн ба ҳақиқати берун аз матн баромадан;
-Ҷиддияти тадқиқот.

Таҳлили контентӣ дар мавридҳои зерин истифода бурда мешавад:
-Вақте, ки як андозаи баланди аниқӣ лозим аст;
-Ҳангоми вуҷуд доштани маводҳои зиёди ба тартиб даровардашуда;
- Агар маълумотҳоро бе баҳои умумӣ фаро гирифтан мумкин набошад.

Таҳлили контентӣ чунин тартиб дорад:

1. Мақсад ва вазифаи объект ва предмети тадқиқот маълум карда мешавад. Барномаи тадқиқотии контент – таҳлилро кор карда, намояндагии интихобнамоиро ташкил карда ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани боэътимодии ҳуҷҷат бояд муайян намуд, ки ин чӣ гуна ҳуҷҷат аст, бо кадом мақсад ташкил шуда буд ва муаллифаш кист;

2. Дар маълумотҳои матнӣ дараҷаҳои таҳлил – воҳидҳои маъногии таҳлил ҷудо карда мешаванд. Ба сифати воҳидҳои маъногии таҳлил метавонанд баромад кунанд:
-Фаҳмиши баёни суханҳо ва истилоҳҳои алоҳида;
-Мавзӯъ дар намунаҳои маъногӣ баёншуда, ягон қисми матн, мақолаҳо (ишораҳо, киноя);

- Номҳои шахсони таърихӣ, сиёсатмадорон, ташкилотчиёни истеҳсолот, номҳои муассисаҳо ва ғайра;
- Ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва далелҳо (7, с.27).

3. Маросими истифодашавии дараҷаҳои таҳлил. Асоснокии методикаи коркардаистодаро бо ёрии экспертҳо санҷидан ё гирифтани маълумотҳои монанд бо усулҳои дигар мумкин аст.

Усули таҳлили контентӣ чунин афзалиятҳо дорад:

- Дараҷаи баланди эътимоднокии маълумотҳои ба даст меомадагиро таъмин менамояд;
- Дар объекти омӯзиш имконияти аз таъсири тадқиқотчӣ озод буданро дорад;
- Имконияти тадқиқи масъалаҳои солҳои гузаштаро дорад.

Камбудии асосии ин усул – калонҳаҷмию вазнинии тадқиқот ва техникаи гузаронидани тадқиқот мебошад. Саъю кӯшишҳои бартараф кардани норасоиҳои таҳлили анъанавии субъективӣ дигар тарзи коркарди принсипнокро, яъне усули миқдории таҳлили ҳуҷҷатҳо ё ин ки таҳлили контентиро ба вуҷуд овард. Таҳлили контентӣ ё ин ки таҳлили илмии мазмуни матн (ҳуҷҷат) дар ҳамаи зинаҳои гуногуни донишҳои гуманитарӣ: равоншиносии умумӣ ва иҷтимоӣ, сотсиологӣ, криминология, илмҳои таърихӣ, адабиётшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва ғайраҳо истифода бурда мешавад. Ташаккулёбии таҳлили контентӣ бештар бо тадқиқотҳои сотсиологӣ алоқаманд аст. Дар он ҷое, ки матн ё маҷмӯи онҳо ҳастанд, дар он ҷо таҳлили контентӣ гузаронида мешавад. Таҳлили контентӣ аз ибтидои ба вуҷуд омаданаш барои омӯзиши маводҳои рӯзномаҳо ва матнҳо истифода бурда мешуд. Дар тадқиқоти сотсиологӣ матнҳои рӯзномаҳо, созишномаҳо, суратмаҷлисҳо, шартномаҳо ва ғайра ба сифати объекти таҳлил баромад мекунанд. Ҳар як тағйироти ба матни рӯзнома, барномаҳои телевизионӣ ва радио, изҳорот ва ғайра воридшуда, ҳукм дар бораи ин ё он мақсадҳои сиёсию идеологӣ, паҳн кардани қувваҳои сиёсӣ, ҳаракати институтҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбӣ бе восита ба объекти таҳлил муносибат доранд. Сотсиолог – таҳлилкунанда дар он аҷида аст, ки ин ё он қаҳрамон (муаллиф, коргардон, муҳаррир, мунаққид) таъсири худро ба омодабинӣ ва дарккунии матн (ба монанди саъю кӯшиш, пинҳонкорӣ) дар гурӯҳҳо ва аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ мерасонад. Ин далели он аст, ки фаъолияти онҳо ба системаи мувофиқи институту ташкилотҳо равона карда шудааст. Вазифаи сотсиолог – тадқиқотчӣ мувофиқи мазмун ва сохтори объекти таҳлил (матн, ҳуҷҷат) муайян кардани характери муносибатҳои дутарафа дар он системае, ки дар матни ҳуҷҷат инъикос ёфтаанд. Чӣ хеле ки мутафаккир ва палеонтологи бузург Кюве аз як устухони ҳайвони миллион сол пеш мурда шаклу сохти ӯро барқарор кард, сотсиолог низ вазифадор аст, ки аз рӯи порча ё порчаҳои алоҳидаи матн ҳастии эмпирикии раванди идеологӣ ё сиёсиро, ки тобеи қонуниятиҳои иҷтимоӣ аст, барқарор созад. Дар ҷараёни коркарди барнома моро мебояд проблемаро асоснок намуда, мақсад, вазифа, объект ва предмети омӯзишро муайян кунем. Сипас вобаста ба ин мафҳумҳои асосиро, ки ба сифати категорияи таҳлили контентӣ истифода мешаванд, интихоб менамоем. Дар ин ҳолат на ҳар гуна категория бояд бо аломатҳои гуногуни матни таҳлилшаванда мувофиқати аниқ дошта бошанд. Ҳар категория метавонад аз зеркатегорияҳои гуногун, ки дар маҷмӯъ воҳиди таҳлилро ташкил медиҳанд, иборат бошад ва ниҳоят ҳуҷҷатҳои асосиеро, ки дар давраи муайян бояд омӯзем, муқаррар менамоем.

АДАБИЁТ

1. Абдулмумин Қ. Роҳ ба сӯи эҷод / А. Қутбиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2015. –107 с.
2. Гулов С, Меҳроб Ҷ. Муқаддимаи журналистика / С. Гулов, Ҷ. Меҳроб. Душанбе: Ирфон, 2016. – 176 с.
3. Журналистика ва замони муосир (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ). Бароориши 2.– Душанбе, 2016. –,
4. Здравамислов А. Г. Методология ва тадқиқоти сотсиологӣ / А. Г. Здравамислов. – М., 1969. –205 с.
5. Муқимов Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он / Ҷ. муқимов. – Душанбе: Озар, 2013. – 160 с.
6. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014.– 252 с.
7. Муродов М. Сотсиологияи журналистика / М. Муродов. – Душнбе: Истеъдод, 2016. – 207 с.
8. Осипов Г.В. Рабочая книга социолога. / Г.В. . Осипов. – М., 2009. – 480 с.

9. Кравченко А. И. Методология и методы социологических исследований / А. И. Кравченко. –М., 2014 – 280 с.
10. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот / А. Нуралиев. – Душанбе: Эҷод, 2004
14. Шарифзода Қ. Газета (Рӯзнома) / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 102 с.
11. Яқубова Д. А. Иттилоъ ва махсусияти он / Д. А. Яқубова. – Душанбе, 2017. – 44 с.
12. Ядов В. А. Социологическое исследование: методология программа методы / В. А. Ядов – Москва, 234 с.

ВИЖАГИҲОИ ТАҲЛИЛИ ҲУҶҶАТ ДАР СОТСИОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА

Дар мақолаи мазкур доир ба навъҳои ҳуҷҷат ва таҳлилу истифодаи он дар сотсиология ва журналистика маълумот дода шудааст. Ҷараёни ҳаёти иҷтимоиро бе ҳуҷҷат, махсусан матбуот тасаввур карда наметавонем. Фаъолияти ягон соҳа бе ҳуҷҷат нест ва буда ҳам наметавонад. Ҳуҷҷатҳо имкон медиҳанд, ки дар бораи зуҳурот, предмети таҳқиқ маълумоти пурра, амиқ ва боваринок пайдо кунем. Фаъолияти васоити ахбори омма низ бе ҳуҷҷат буда наметавонад. Аз ин рӯ, сотсиология ва журналистика, ки ҳарду ба ҷомеа кор мегиранд, бо якдигар иртиботи ногусастанӣ доранд. Ҳарчан сотсиология, хосатан сотсиологияи журналистика илми ҷавон аст, аммо муносибати сотсиологӣ ба мисли алоқамандии суханварӣ бо публитсистика ва журналистика решаи қадима дорад.

Калидвожа: ҳуҷҷат, таҳлил, содсиология, сотсиолог, журналистика, ВАО, сотсиологияи журналистика, таҳлили контентӣ, усули анъанавӣ.

ОСОБЕННОСТИ АНАЛИЗА ДОКУМЕНТОВ СОЦИОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

В этой статье представлена информация о типах документов, их анализе и использовании в социологии и журналистике. Мы не можем представить процесс общественной жизни без документов, особенно прессы. Деятельность какой-либо отрасли не обходится и не может быть без документов. Документы позволяют найти полную, глубокую и достоверную информацию о явлении, предмете исследования. Деятельность СМИ не может быть связана без документации. Следовательно, социология и журналистика, которые имеют дело с обществом, неразрывно связаны. Хотя социология, особенно социология журналистики, является молодой наукой, социологический подход, как и связь между речью и журналистикой, имеет глубокие корни. Социология журналистики возникла как отдельная наука с формированием и развитием социальной социологии и сегодня занимает особое место среди других наук, особенно журналистских наук.

Ключевые слова: документ, анализ, социология, социолог, журналистика, СМИ, социология журналистики, контент-анализ, традиционный метод

FEATURES OF DOCUMENT ANALYSIS SOCIOLOGY AND JOURNALISM

This article provides information about the types of documents, their analysis and use in sociology and journalism. We cannot imagine the process of public life without documents, especially the press. The activity of any industry is not complete and cannot be without documents. The documents allow you to find complete, deep and reliable information about the phenomenon, the subject of research. Media activities cannot be linked without documentation. Consequently, sociology and journalism, which deal with society, are inextricably linked. Although sociology, especially the sociology of journalism, is a young science, the sociological approach, like the connection between speech and journalism, has deep roots.The sociology of journalism emerged as a separate science with the formation and development of social sociology and today occupies a special place among other sciences, especially journalistic sciences.

Keywords: document, analysis, sociology, sociologist, journalism, media, sociology of journalism, content analysis, traditional method.

Сведения об авторе: ***Умеджони Каримхони Орифзода*** – магистр 2-го курса факультета журналистики Таджикского национального университета. **Телефон**: +992 981 08 48 65. **Email**: mardon2022@bk.ru

Information about the author: ***Umedjoni Karimkhoni Orifzoda***-2nd year master`s student of Faculty of Journalism, Tajik National University. **Phone:** +992 981 08 48 65. **Email**: mardon2022@bk.ru

ТАСВИРИ ФАЗИЛАТҲОИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР СИЛСИЛАДОСТОНҲОИ “ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР” ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Салоҳиддин Пиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи мамлакатдории Эрон, дар замони сулолаи Сосониён Баҳроми Гӯр яке аз подшоҳони одилу боинсоф, раъиятпавару ватандӯст шинохта шудааст. Мардум бо номи ин подшоҳи адолатпарвари сулолаи Сосониён Варахрани ёдоварӣ менамуданд.

"Дар ҳаёти шахсии худ, – менависад таърихшинос Б.В. Бартолд, ӯ (Баҳроми Гӯр – П.С.) аз дигар подшоҳони сосонӣ, чи тавре ки дар ривоятҳо аз корнамоиҳои ҳарбӣ ва шикорҳои ӯ нақл мекунанд, фарқ мекард ва ба гурӯҳи қаҳрамонҳои идеалии эронӣ дохил карда мешавад" (4, с. 723). То замони зиндагии Фирдавсӣ дар хусуси ҳаёти шахсии Баҳроми Гӯр наклу ривоятҳои зиёде вуҷуд дошт, ки аз саргузашту корнамоиҳои ӯ нақл мекарданд. Фирдавсӣ аз он бузургонест, ки ба осори даҳонии халқамон бо назари нек менигарист ва аз истифодаи онҳо ҳеҷ гоҳ худдорӣ намекард. Нақлу ривоятҳо, ки хосси адабиёти даҳонист ва мавзӯи ифодаи онро саргузашти паҳлавонону шахсони таърихӣ ташкил мекунад, бинобар ин, онҳо ба ин адабиёт хамчун образи мусбат ва каҳрамонони дӯстдоштаи халқ дохил мешаванд. Баҳроми Гӯр аз қабили ҳамин гуна шахсоне буд, ки ба адабиёти даҳонии халқ ҳамчун образи барҷаста дохил шуда буд. Дар қатори нақлу ривоятҳо, инчунин, китобҳои зиёди таърихии ба замони Сосониён бахшида шуда, ки аз саргузашту корнамой ва шикорҳои Баҳроми Гӯр нақл мекарданд, вуҷуд дошт. Хусусияти хуби китобҳои таърихӣ аз он иборат буд, ки ба ҳаёти гузаштаи пеш аз исломӣ ва симои шахсони таърихӣ на ҳамчун нақлу ривоятҳои гуногунранг, балки ба таври хеле табиӣ баҳо медоданд. Мо дар ашъори ҳамасрони Фирдавсӣ тасвири Баҳроми Гӯрро намебинем. Танҳо дар замони Фирдавсӣ ровиёни зиёде буданд, ки аз ҳаёту саргузашти шахсони таърихӣ ривоятҳои бисёре медонистанд. Фирдавсӣ нахустин шуда, дар баробари дигар паҳлавонон ва шахсони таърихӣ, симои Баҳромро тасвир намуда ӯро ҳамчун шоҳи оқилу доно ва раиятпарвару саховатманд ба риштаи назм мекашад. Вақте ки шоир достони “Баҳроми Гӯр”-ро менависад ва симои ин шахси таърихиро хеле устодона тасвир намуда, аз аввал то охири достон симои Баҳроми Гӯрро ҳамчун подшоҳи одилу оқил, далеру шуҷоъ, баландҳиммату саховатманд тасвир менамояд. Мо ин гуна хислатҳои наҷиберо, ки ба Баҳроми Гӯр хос аст, дар симо ва рафторҳои дигар образҳои қисмати таърихии “Шоҳнома” мушоҳида карда наметавонем. Фирдавсӣ дар достон симои Баҳромро тимсоли идеяи ватандӯстии худ инъикос намуда, ӯро ба далерӣ ташвиқ мекунад. Шояд дар ин ҷо саволе ба миён ояд, ки чаро Фирдавсӣ маҳз дар симои Баҳроми Гӯр тамоми хислатҳои неки инсониро таҷассум гардонидааст? Шояд ҷавоб он бошад, ки меҳри эронпарастии Фирдавсӣ аст, ки Баҳромро бо чунин тасвиру хислатҳо аз подшоҳони мулки Руму Аҷам ва Туркону Чин боло мегузорад. Вақте ки шоир достони “Баҳроми Гӯр”-ро менависад, симои ин шахси таърихиро хеле устодона тасвир мекунад. Образи офаридаи Фирдавсӣ қабл аз ӯ дар адабиёти даҳонии халқ пайдо шудааст ва ин шоири бузурги ҳаммосасаро тавонистааст, ки нахустин офарандаи образи Баҳром дар адабиёти хаттӣ бошад. Дар достон аз ҳаёти Баҳроми Гӯр силсиладостонҳои хурди зиёде оварда мешавад, ки дар онҳо симои Баҳром ҳамчун шахси дорои фазилату маърифат тасвир шудааст. Силсиладостонҳои хурди дохили достон мазмуну мундариҷаи асарро равшану возеҳ ва хеле пурқувват мекунанд. Як хусусияти хуби силсиладостонҳо аз он иборат аст, ки Фирдавсӣ ба воситаи онҳо ақидаҳои иҷтимои-сиёсии худро баён менамояд. Силсиладостонҳои хурди достони Баҳроми Гӯр имконият фароҳам меоварад, ки ҷаҳонбинии шоири гуманистро то андозае муайян кардан осон гардад. Фирдавсӣ кӯшидааст, ки аз тасвири беҳуда канорачӯй намуда, дар қолаби достонҳои хурд бештар ба ҳақиқати воқеӣ таввачуҳ намояд. Дар достони подшоҳии Баҳроми Гӯр аввалин силсиладостони хурд достони “Баҳроми Гӯр бо Ланбаки обкаш” мебошад. Дар достони мазкур ду қаҳрамонро мушоҳида менамоем, ки яке Баҳромшоҳ ва дигаре Ланбаки обкаш мебошад. Фирдавсӣ кӯшиш кардааст, ки дар симои Баҳром шахси дорои хислатҳои хуби инсонӣ, ҳамчунин, шоҳи раиятпарвар, муносибати хуб доштан бо мардуми оддӣ ва саховатманду олиҳимматии ӯро тасвир мекунад. Дар симои Ланбаки обкаш, ки аз қишри поёнии ҷамъияти он давра ҳисоб меёфт, новобаста аз сатҳи зиндагӣ, мушкилоти рӯзгордории як шахси ҷавонмарду бохирадро тасвир менамояд. Фирдавсӣ дар силсиладостонҳои Баҳроми Гӯр андеша ва мулоҳизакориро аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ мешуморад. Шоир одамонро огоҳ мекунад, ки аз андешакорӣ дар канор намонанд. Ба гуфти Фирдавсӣ, беандешагӣ ба одам оқибати баде дорад, ки одамро ба беқадриву пастӣ оварда мерасонад. Ӯ андешаву мулоҳизаро бештар ба оқилону донишмандон муносиб

донистааст. Мо намунаи баланди андешакориро дар достони бозаргон ва шогирди ӯ мушоҳида намуда, онро дар рафтору хислатҳои Баҳроми Гӯр мушоҳида менамоем. Фирдавсӣ дар яке аз байтҳои ин достон ин маъниро ба таври зайл ифода мекунад:

Бияндешу ин корро боз ҷӯй,
Набояд, ки нохубӣ орад ба рӯй [7, с. 641].

Шоир боз дар байти дигаре ҳамин ақидаашро аз забони Баҳром такрор карда, бо таъкид чунин арз менамояд:

Бад-ӯ гуфт Баҳром, ки андеша кун,
Ки аз андеша бо фарр гардад сухун [7, с. 578].

Баҳроми Гӯр ба тарбияи ҷавонон диққати махсус медод, зеро хуб медонист, ки ояндаи ҷамъият ба онҳо вобаста аст. Аз ҳамин рӯ, образи шогирди бозоргон диққатҷалбкунанда мебошад. Образи шогирди бозоргон ба образи Меҳрбандод аз достони “Баҳроми Гӯр бо Меҳрбандод” аз рӯи якхела будани хислату рафторҳо дар як поя меистад. Шогирди бозоргон дорои хислатҳои неки инсонӣ аст. Ӯ, пеш аз ҳама, одамшиносу меҳмоннавоз мебошад. Ӯ барои шод кардани хотири Баҳроми Гӯр вайро ба хонааш меҳмон мекунад. Баҳроми Гӯр хоҳиши шогирди бозоргонро ба ҷо оварда, меҳмон мешавад ва аз меҳмоннавозии вай дар ҳайрат мемонад. Шогирди бозоргон ба он хислатҳои некаш сазовори таҳсину офарини Баҳроми Гӯр мегардад. Баҳром ӯро барои хислатҳои наҷибаш ба дарбори худ даъват намуда, дар ҳузури дарбориён мегӯяд:

Чи донад, ки мардум кадом аст меҳ,
Чӣ гуна шиносад бадонро зи беҳ? [7, с. 483].

Образи шогирди бозоргон хеле таъсирбахш аст, зеро ки хислатҳои хуби ӯ Баҳроми Гӯрро шефта намуда, ӯро барои тарбияи ҷавонон водор мекунад. Яке аз хислатҳои мубрами Баҳроми Гӯр саховатмандии ӯст, ки мо онро дар тамоми достон мушоҳида карда метавонем. Баҳроми Гӯр аз саховатмандтарин подшоҳон буд. Ӯ ҳафт сол хироҷро дар байни мардум мебардорад ва ҳангоме, ки дар мамлакат хушксолӣ мерасад, аз ҳисоби дарбор мардумро аз гуруснагӣ эмин медорад. Ё ин ки саховатмандии Баҳроми Гӯрро дар достони Баҳроми Гӯр бо Фаршедварди Кадевар ва марди хоркан мушоҳида менамоем. Дар достони мазкур образи Фаршедвари Кадевар низ диққатҷалбкунанда аст. Дар зимни ин образ шоир ҳама кирдори аз хулқу атфоли одамӣ бечораро тасвир кардааст. Фирдавсӣ образи Фаршедвардро дар рафти амалиёти достон мекушояд. Дар аввали достон чӣ гуна мард будани Фаршедвард он қадар равшан нест. Дар аввали достон симои Баҳроми Гӯр тасвир гардидааст, ки ба айшу нӯш машғул аст. Баъд дар вақти ба қаср баргаштан аз назди ӯ қалъае мебарояд, ки дар он ҷо Фаршедвард зиндагӣ мекунад. Баъд аз ҳамин ҷо образ бо тадриҷ шакл мегирад. Аз рӯи нақли марди хоркан, симои Фаршедвард равшан ва ҳарҷониба кушода мешавад.

Бад-ӯ хоркан гуфт, к-эй марди роҳ,
Басе нест з-ин ҷо, бад-он ҷойгоҳ.
Бад-ин хоркан дод динор чанд,
Бад-ӯ гуфт, к-акнун шавӣ арҷманд (7, с. 527).

Баҳроми Гӯр аз ҳолу аҳволи Фаршедвард баъд аз нақли хоркан бохабар мешавад. Ӯ ҳарчанд молу мулки зиёд дошта бошад, ҳам хӯроки чӯпононаш гӯшту равғану шир мебошад, аммо хӯроки ӯ нони арзан аст:

Чунин дод посух, ки Фаршедвард,
Яке озвармарди бе хобу х (в) ард.
Ҳаме гӯсфандаш бувад сад ҳазор,
Ва ҳам уштуру асп ҳам з-ин шумор.
Шикам гурсина кобад бараҳна,
На фарзанду хешу на ёру буна (7, с. 527).

Фирдавсӣ дар симои Фаршедвард хусусиятҳои манфии инсониро нишон медиҳад. Дар табиат ва сиришти ӯ ягон аломате аз эҳсосот ва андешаҳои ҳассос дида намешавад. Ӯ ба ғайр аз дурӯғ гуфтан, ҳаққи мардум хӯрдан дигар коре надорад. Баҳроми Гӯр қайд мекунад,

ки неъматҳои замин барои он офарида шудаанд, ки одамон истифода баранд, боигарии истифода нашуда мисли санги одиест ки ягон фоидае надорад. Аз ин рӯ, боигари маҳз ҳамон вақте ки ба кори хайру саховатманди хизмат расонад. Ӯ қиммати гарон пайдо карда метавонад. Аз ин рӯ, ӯ ба дабирону сарбозони худ фармон медиҳад, ки ҳамаи боигарии дар он ҷо бударо ба бечорагону камбағалон, беваю ятимон тақсим карда диҳанд. Фирдавсӣ дар достон Баҳроми Гӯрро ҳамчун шоҳи оқилу одил ва раъиятпарвар нишон додааст. Ба беваю бечорагон, ятимону бенавоён, камбизоатону дармондагон дасти ёрӣ дароз намудан ин яке аз хислатҳои Баҳроми Гӯр ба ҳисоб меравад, ки мо метавонем ин ҷиҳатро дар ҳамаи силсиладостонҳо мушоҳида намоем. Достони Баҳроми Гӯр, ба ғайр аз тасвири корнамоиҳову саргузаштҳои аҷоиби Баҳром инчунин, бештари ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Фирдавсиро фаро мегирад. Ҳикояҳои дохилии достони Баҳроми Гӯр барои равшан кардани ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Фирдавсӣ ва дар баробари он барои барҷастатар нишон додани қаҳрамонҳои достон, хусусан, Баҳром аҳамияти баланддараҷаро соҳибанд. Ҳамин тариқ, достони “Баҳрои Гӯр” дар байни дигар достонҳои қисмати сеюми “Шоҳнома” мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ҳаким Фирдавсӣ тавонистааст, бо эҷоди силсиладостонҳо асолати таърихиро нигоҳ дошта, дар ҷоҳонбинии хонанда таъсири мусбӣ расонад. Қисми зиёди фикру андешаҳои Фирдавсӣ ҳоло ҳам аҳамият ва арзиши худро гум накардаанд ва дар тарбияи ахлоқии насли наврас кӯмак мерасонанд. Ҳар як муаллиф дар асари худ мақсадеро ба воситаи образҳои бадеӣ тасвир менамояд. Аз ин рӯ, шавқу рағбати инсон ба ҳусну зебоӣ, ки дар арсаи санъат ифодаи номӣ меёбад, амалиёту кирдори бошууронаест, ки ба онҳо идеяи инсонӣ раҳнамоӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ низ дорои ғоя ва идеяи хос мебошад. Шоир вақте ки ягон ҷиҳат ва ё масъалаи муҳими ҳаётро тасвир мекунад, албатта, ягон фикр ва мулоҳиза ва ё ягон мақсади муайянеро талқин хоҳад кард. Аммо шоир мақсад ва мулоҳизаҳои худашро ошкор баён намекунад, балки ӯ мақсадҳои худашро ба воситаи усулҳои бадеӣ, бо образҳои ифода, шарҳу эзоҳ намуда, оқибат ба натиҷа ва хулосаи муайяне меояд. Дар силсиладостонҳои достони “Баҳроми Гӯр”, чуноне ки дида баромадем, масъалаҳои зиёди ҳаётӣ: некию накӯкорӣ, ёрӣ ба дармондагон, ҷавонмардию олиҳиммати, ҷасурию қаҳрамонӣ нақши муҳим дорад. Инчунин, ғайр аз ин мо дар силсиладостонҳои достони “Баҳроми Гӯр” инсондӯстию меҳмоннавозиро маҳаки асосӣ дида метавонем. Чунончи аз достони “Баҳроми Гӯр бо ламбаки обкаш” бармеояд, меҳмоннавозиву инсондӯстии Ламбак Баҳромро дар ҳайрат мегузорад:

Се рӯз андар ин хона будем шод,
Зи шоҳони гетӣ гирифтем ёд.
Ба ҷое бигӯям суханҳои ту,
Ки равшан шавад з-он дилу рои ту.
Ки ин мизбони туро бар диҳад,
Чу афзун кунӣ, тахту афсар диҳад (7, с. 445).

Фирдавсӣ ба воситаи образи Ламбаки обкаш ба хонанда ҳам инсондӯстӣ ва ҳам меҳмоннавозиро талқин мекунад. Фирдасӣ аз забони Баҳром ба хонанда мегӯяд, ки меҳмон як неъматест, ки баробари ба хона ворид шуданаш файзу неъматро ҳамроҳаш меоварад. Ламбаки обкаш, ки инсони меҳмоннавозу одамдӯстдор буд, баробари ба хонааш меҳмон омадан хеле хурсанд мешавад ва чи неъмате, ки дар хонааш бошад, барои меҳмон фароҳам меоварад. Фирдавсӣ поктинатӣ ва инсондӯстии Ламбакро аз забони Баҳром чунин мегӯяд: Фирдавсӣ анъанаи шоирони гузаштаро дар ин бобат давом дода, ба мавзӯи панду ҳикмат диққати махсус медиҳад ва дар ин миён суханварӣ ба Фирдавсӣ мерасад, ки каломи ӯ каломи ҳикматомез ҷилва мекунад. Фирдавсӣ, ки худ зодаи халқи ҳикмату донишвар аст ва ҳамин бароиши иҷтимои ба ӯ имкон медиҳад, ки аз бӯстони маънавиёти халқи бузургаш гулдастаҳо чинад. Шоири бузург кӯшидааст, ки тамоми хусусиятҳои неки нотакрори гузаштагонамонро ба нозуктарин ҷузъҳояш ба қалам диҳад ва ҳамин чиз ба Фирдавсӣ шароити зиёде фароҳам овард, ки доир ба ин мавзӯъ ақидаҳои худро баён кунад. Ҳангоми мутолиаи силсиладостонҳо дар достони “Баҳроми Гӯр”, пеш аз ҳама, суханҳои ҳикматомез

ва мисраъҳои саршори пур аз панду ҳикмат ба назар мерасад. Фирдавсӣ маъниҳои панду ҳикматомези худро яклухт баён накарда, балки онҳоро дар лаҳзаҳои ҷудогона дар ду-се байт ва ё зиёдтар аз он бо суханҳои дилчаспу форам ва ширину таъсирбахш ифода мекунад. Ин тарзи дилкаши ифода хоси эҷодиёти Фирдавсӣ мебошад. Фикрҳои панду ахлоқии Фирдавсӣ дар тамоми достон дар шакли ҳикматҳои ахлоқӣ, панду насиҳат, нома, гуфтор ва ҳикоятҳои пароканда ҷой гирифтааст. Ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки ҳамаи мисраъҳо характери панду ахлоқӣ дошта, аз панду ҳикматҳои хушку холӣ иборат набуда, балки воқеа, ҳикояҳои ба он алоқамандро аҳамиятнок, пурра ва фаҳмо кардаанд. Дар достон масъалаи ташаккули шахсии инсон, ақлу хирад, дониш, некию бадӣ ва ғайра ҷои намоёнро ишғол мекунад. Фирдавсӣ дар қатори дигар достонҳои “Шоҳнома” дар достони “Баҳроми Гӯр” низ масъалаи ситоишу хирадро дар ҷои аввал мегузорад. Дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои миёна хеле кам шоирест, ки мисли Фирдавсӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷудогона дошта бошад. Аз ин рӯ, хулосаи мо дар боби мазкур он аст, ки мо қариб ҳамаи масъалаҳои дӯстдоштаи Фирдавсиро назар намуда, то қадри имкон барои баррасии мавзӯъ кӯшидем.

Бар-ӯ офарин кард Баҳромшоҳ,
Ки шодмону хуррам бизӣ солу моҳ (7, с. 445).

Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволи хеш, пеш аз ҳама, масъалаи хирад ва донишро ба миён гузошта, аҳамияти бениҳоят калон доштани ақлу хирад ва донишро дар рафтору кирдори Баҳроми Гӯр баръало нишон медиҳад. Шоири бузург хирадро аз ҳама чиз хуб ва аз ҳама сарвату боигарии дунё беҳтар мешуморад. Фирдавсӣ, ки фарзанди замони худ буд, аз таъсири дини ислом бетаъсир намондааст, чунки мувофиқи ақидаи ӯ, хираду дониш олитарин доди Худо ба ҳисоб меравад:

Ҳама некӯиҳо зи яздон шинохт,
Хирад ҷусту бо марди доно бисохт (7, с. 565).

Ба гуфтаи Фирдавсӣ, хираду дониш одамро тавонову арҷманд, соҳибэҳтирому бошараф ва зиндаву ҷовид мегардонад. Тамоми ҳаёти одам бо ғаму андӯҳ, комёбиву нокомӣ, саодатмандию бадбахтӣ ба хираду дониш алоқаманд аст. Фирдасӣ хираду донишро идоракунандаи инсон мешуморад:

Хирад, эй пир, дорад бисёр ном,
Расонад хирад порсоро ба ком.
Яке меҳр хонад, дигар кас вафо,
Хирад дур шуд, монад ҷафо,
Забонваре ростӣ хонадаш,
Баландахтаре зиракӣ донадаш.
Гаҳе бурдбору гаҳе ростгор,
Ки бошад сухан назди ӯ устувор.
Пароканда ном аст номи хирад,
Аз андозагон номи ӯ бигзарад.
Ту чизе мадон, к-аз хирад бартар аст,
Хирад бар ҳама некӯиҳо сар аст.
Хирад ҷӯяд огандаро дар ҷаҳон,
Ки чашми сари мо набинад ҷаҳон (7, с. 574).

Шоири инсондӯст таҳкурсӣ ва хираду донишро дар ҳақиқату ростӣ, сабру пуртоқатӣ ва дар муносибати хислатҳои накӯи инсонӣ медонад:

Сари рости дониш ояд нахуст,
Хунук он к-аз оғоз фарҷом ҷуст (7, с. 382).

Мувофиқи назари Фирдавсӣ, авалин нишонаи хирад аз қувваи бадӣ ва хислатҳои зишт дур будан аст:

Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад (7, с. 586).

Фирдавсӣ талаб мекунад, ки хираду дил ба забон бо ҳам як бошанд ва хирад аз болои онҳо ҳукмронӣ намояд. Ҳамон вақт одам аз ғаму андӯҳ ва нохушӣ халос мешавад, ки дилу забони вай ба хираду дониш итоат кунад. Фирдасӣ забонро паҳлавон ва хирадро шоҳ меҳисобад:

Хирад бар дили хеш пироя кард,
Ба ранҷа тан аз мардумӣ моя кард (7, с. 564).

Шоири бузург тарафдори он касонест, ки ҳамеша аз паи зиёд кардани дониши худ ҳастанд. Ба ақидаи Фирдавсӣ, душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст. Ӯ мартабаи донишро баланд бардошта, қадри онҳоеро, ки аз хираду дониш канорачӯй мекунанд, ба хоки сари роҳ баробар месозад. Шоир тамоми бузургии одамро дар хираду дониш мебинад:

Фиристода гуфт, он ки доно бувад,
Ҳамеша бузургу тавоно бувад.
Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некуви носазорвортар (7, с. 577).

Шахсияти таърихии Баҳроми Гӯр ба ӯ имконият додааст, ки хираду донишро бештар ба подшоҳон талқин намояд, зеро ки тақдири ҳазорҳо одамон аз онҳо вобаста мебошад. Подшоҳе, ки соҳиби хираду дониш аст, ба аҳли хираду дониш ба назари эҳтиром менигарад ва аз онҳо хоҳони маслиҳату ёрӣ мешавад.

Фирдасӣ подшоҳонро даъват мекунад, ки ба аҳли хираду дониш дасти ёрӣ дароз намуда, эҳтиёҷи моддии онҳоро қонеъ намоянд. Шоир ин маъниро аз забони Баҳроми хирадманд чунин ифода мекунад:

Ҳам аз ганҷи мо бениёзӣ диҳед,
Хирадмандро сарфарозӣ диҳед (7, с. 566).

Фирдавсӣ хираду донишро дар ҳаёт дастгиру мададрасон ҳисобида, ҳамаи одамон, хусусан, ҷавононро барои аз бар намудани дониш даъват мекунад. Ба ақидаи Фирдавсӣ, бе мададу меҳрубонии омӯзгор аз роҳи дониш гузаштан хеле мушкил аст:

Ба бар гираду дониш омӯзадам.
Дил аз тирагиҳо бияфрӯзадам (7, с. 377).

Ба ақидаи Фирдавсӣ шахс бояд аз хираду дониши худ маҳруру ҳавобаланд набошад, чунин ҳавобаландӣ нишонаи ҷоҳилист. Хираду дониш ба одам хислатҳои нек мебахшад ва бе хираду дониш ба иззату эҳтироми умум муваффақ шудан душвор аст. Фирдавсӣ хираду донишро аз тамоми мавҷудоти олам боло гузошта, ҳатмӣ будани онро чи ба шоҳу чи ба гадо зарур меҳисобад:

Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,
Фурӯзандаи кеҳтару меҳтарон
Ҳар он кас ки, ӯ шод шуд аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад.
Пушаймон нашуд, ҳар кӣ некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид (7, с. 585).

Чи гуна хулоса баровардан мумкин аст, ки Фирдавсӣ дар достони “Баҳроми Гӯр” барои ифодаи хираду маънии дониш ва ба мадҳу ситоиши аҳли хирад диққати махсус доданаш аз чӣ иборат аст? Ба фикри мо шоири инсондӯст ин корро тасодуфан накрдааст. Гап дар он аст, ки замони шоир умуман, шароити феодалии асри миёна ба хираду дониш муносибати чандон нек надошт ва ба аҳамияти зарурии он баҳои ғайриқаноатбахш медод. Дар замони Фирдавсӣ шахсро на аз рӯи дониш, балки аз рӯи мансабу ҷой ва молу чиз бузургу соҳибэҳтиром мешинохтанд. Ҳаёти худи шоир шаҳодати равшани ҳамон нобаробариҳост. Хизмати бе шакку шубҳаи Фирдавсӣ дар тасвир намудани одамони муқаррари басо бузург мебошад. Фирдавсӣ симои Баҳроми Гӯрро дар силсиладостонҳо дар таҳаввули инсонӣ ва ахлоқи тасвир мекунад, ки бо барҳам доштани нуқсҳои хеш ба камоли инсонӣ равон аст. Муҳим аз ҳама дар тасвири Фирдавсӣ Баҳром шоҳи одил, тадбирандешу хирадгаро ва ҳаҳталошу раъиятпарвар аст ва маҷмӯй хисоли шоҳи ормониро дар худ таҷассум намудааст. Ҳамин нуқтаи волоии қадру қимати инсон, васфи ақлу хирад,

ҷавонмардиву ҷасорат, адлу додгустарӣ, ҳиммату саховат, оштинопазирӣ ба зулму хиёнат ва ба ин васила тарбияи инсони орӣ аз иллатҳои нафсониву шаҳвонӣ дар силсиладостони “Баҳроми Гӯр” мақоми аввалиндараҷа дорад ва тавассути достони хеш ҳакими доно ва шоири тавон Абулқосим Фирдавсӣ тавонистааст инсони хокиро аз ҷиҳату қадру манзалат мақоми осмонӣ ва рӯҳонӣ бахшида, ҳамрадифу ҳаммақоми фариштагон гардонад.

АДАБИЁТ

1. Амонов, С. Зиндагии Фирдавсӣ ҳамоса аст / С. Амонов// Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2019. – Саҳ. 73-77.
2. Қодирова, М. Корномаи Баҳром дар “Шоҳнома” / М. Қодирова // Паёми донишгоҳ. – Душанбе: Сино, 2009. – С. 197-204.
3. Саидзода, Ҷ. Фирдавсӣ –шоири миллатдӯст ва ватанпараст / Ҷ Саидзода // Паёми Душанбе, 2016, аз 21 сентябр. – С. 5.
4. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии қиссаҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ / Қадамалии Сарромӣ – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1367ҳ. – 1087 с.
5. Сафо, Забеҳулло. Ҳамосасарой дар Эрон / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1333. – 358 с.
6. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома, ҷилди 1 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе, 1964. – 467 с.
7. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома, ҷилди 7 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 652 с.
8. Шарипов,Худой.“Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ / Худой Шарипов. – Душанбе, 2016. – 400 с.
9. Шарипов, Худой. Достонҳои бузурги “Шоҳнома” / Худой Шарипов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 400 с.
10. Шарифзода, Худой, Нарзиқул, Мисбоҳиддин.Таърихи адабиёти тоҷик / Худой Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.

ТАСВИРИ ФАЗИЛАТҲОИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР СИЛСИЛАДОСТОНҲОИ “ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР” ДАР “ШОҲНОМА–И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Достони “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” яке аз достонҳои маъруфи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таркиби он шоир бо таваҷҷуҳ ба тақозои мавзӯъ ва мақсади эҷодӣ нуҳ достони хурдро ғунҷонидааст. Мувофиқи тасвири Фирдасӣ, подшоҳии Баҳроми Гӯр 63 сол давом кардааст. Дар ин мақола дар бораи тавсифи фазилатҳои Баҳроми Гӯр дар силсиладостонҳои подшоҳии “Баҳроми Гӯр” дар “Шоҳнома” –и Абулқосим Фирдавсӣ маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: *Фирдавсӣ, “Шоҳнома”, Баҳроми Гӯр, силсиладостонҳо, фазилат, адолат, панду ҳикмат.*

ОПИСАНИЕ ДОСТОИНСТВ БАХРАМА ГУРА В ЛЕГЕНДАХ «ЦАРСТВОВАНИЕ БАХРАМА ГУРА» В «ШАХНАМЕ» - ФИРДОУСИ

В этой статье автор приводит лучшие качества Бахрома Гура из «Шахнаме». Легенда о «Царствование Бахрама Гура» является одной из самых знаменитых легенд в «Шахнаме» Фирдоуси. В ней Фирдоуси собрал девять своих рассказов. По словам Фирдоуси правление Бахрома длилось 63 года.

Ключевые слова: Фирдавси, “Шахнаме”, щедрость, справедливость, мудрость.

DESCRIPTION OF BAHROM GUR`S VIRTUES IN LEGEND “THE REIGN OF BAHRAM GUR” IN SHAHNAMEH

In this article the author gives the best qualities of Bahram Gur. The legend of “The reign of Bahram Gur” is one of the famous legends of Ferdowsi`s “Shahnameh”. Ferdowsi collected nine of his stories in this legend. According to Ferdowsi Bahrom`s reign lasted 63 years.

Keywords: Firdavsi, "Shahnameh», generosity, justice, wisdom.

Сведения об авторе: ***Салохиддин Пиров*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры истории таджикской литьературы.

Information about the author: ***Salohiddin Pirov*** – Tajik National university, second-year master`s student of Department of the History of Tajik literature

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

МОҲИЯТ, ВАЗИФАҲО ВА ИДОРАКУНИИ ФОИДА ДАР КОРХОНА

Раҳимов Р. Давлатшоев О.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити ҳозираи низоми иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти муҳим нисбат ба нишондиҳандаи фоида доир ба нақши он дар механизми хоҷагидорӣ рафта истодааст. Чунки афзоиши фоида рушду нумӯи ширкат ва таъсири он дар бозорро меафзояд, яке аз нишондиҳандаи асосии иҷрои муваффақонаи вазифаи сохтори идоракунии он мебошад. Фоида яке аз категорияҳои муҳими иқтисоди бозорӣ ва ҳадафи аслии сохтори тиҷоратии дилхоҳ ширкат мебошад, зеро даромади софро дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ инъикос менамояд. Он на танҳо манбаи таъмини талаботи дохилихоҷагидории корхона, балки дар ташаккулёбии захираҳои даромади буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва фондҳои хайриявӣ аҳамияти зиёд пайдо мекунад. Фоида ҳамчун натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхона фарқияти байни ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо ҳисобгирии зарарҳо аз муомилоти гуногуни хоҷагидорӣ мебошад. Идоракунии фоида имкон медиҳад, ки омилҳои асосии афзоиши он ва имкониятҳои иқтидории корхона муайян карда шавад. Фоида ҳамчун натиҷаи ниҳоии молиявӣ, нишондиҳандаи асосӣ дар низоми мақсадҳои ҷории корхона буда, ҳамчун истилоҳи шартӣ маънои даромади муайян аз амалиёти сармоягузорӣ ё хароҷот, дар афзоиши иқтидори маҷмӯии иқтисодии сармоягузор дар охири амалиёт (воқеӣ ё шартӣ) зоҳир мешавад. Моҳияти возеҳи нишондиҳандаи фоида дар он зоҳир мешавад, ки ин мафҳум ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ, ки калиди пешбурди тиҷорат мебошанд, ворид карда шудааст. Ба даст овардани фоида шарти ҳатмии ҳадафи соҳибкории ҳар як сохтори хоҷагидорӣ мебошад. Фоида (даромаднокӣ) самаранокии идоракуниро арзёбӣ мекунад; фоида манбаи асосии маблағгузории рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад; фоиданокӣ ҳамчун меъёри асосии интихоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва барномаҳои муносибгардонии хароҷоти ҷорию сармоягузории молиявӣ хизмат мекунад. Ҳамин тариқ, фоида (ва шакли нисбии он - фоиданокӣ) нақши муҳимтарин ва пешбарандаро дар механизми нави иқтисодӣ ва молиявии идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба даст овард. Ин заминаи устувории молиявӣ ва таъмини даромад барои корхонаҳо, давлат ва аҳолӣ мебошад. Азбаски фоида манбаи рушди истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ мебошад, набудани он корхонаро дар ҳолати ниҳоят вазнини молиявӣ қарор медиҳад, ки муфлисшавиро истисно намекунад. Моҳияти фоида дар функсияҳои он пурра ифода ёфтааст. Дар адабиёти иқтисодӣ ихтилофи шумораи вазифаҳо ва тафсири онҳо мавҷуд аст, аммо аксар вақт инҳо фарқ карда мешаванд:

1. Дар шакли умумигардондашуда фоида натиҷаҳои фаъолияти соҳибкориро инъикос менамояд ва яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии он мебошад;
2. Функсияи ҳавасмандгардонӣ ба корхона имкон медиҳад, ки фоидаро барои рушди истеҳсолот истифода намояд, фаъолияти меҳнатии кормандони корхонаро ҳавасманд созад, рушди иҷтимоиро таъмин кунад ва ғ. Аз ин ҷиҳат, он манфиати ташкилот ва кормандонро ба ҳам мепайвандад, зеро майли онҳоро барои амалисозии фаъолияти самарабахши иқтисодӣ ҷиҳати ба даст овардани манфиати бештар дар шакли фоида меафзояд;
3. Фоида ҳамчун манбаи маблағгузории хароҷоти давлатӣ амал мекунад (сармоягузории давлатӣ, барномаҳои истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ).
4. Афзоиши фоида барои худмаблағгузорӣ, такрористеҳсоли васеъ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва қонеъ кардани талаботи моддии коллективҳои меҳнатӣ заминаи молиявӣ фароҳам меорад. Аз ҳисоби фоида ӯҳдадориҳои ташкилот дар назди буҷа, бонкҳо ва дигар ташкилотҳо иҷро карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои фоида дараҷаи фаъолнокии корбарӣ ва некӯаҳволии молиявиро тавсиф мекунанд. Фоида сатҳи боздеҳии воситаҳои авансшуда ва даромаднокии сармоягузориро ба дороиҳо муайян мекунад.

Проблемаҳои мазмуни иқтисодӣ, вазифаҳо ва моҳияти фоида дар зери дидгоҳи доимии аксари иқтисодчиён мебошад. Тибқи назарияи марксистӣ, фоида шакли тағирёфтаи

арзиши изофӣ буда, меҳнати изофаи бемузди коргари кирояро, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ кор мекунад, ифода менамояд. Дар назарияи неоклассикӣ муносибати дигар асоснок карда мешавад: фоида вобаста аз ҳосилнокии омилҳои истеҳсолӣ ташаккул меёбад, ҳар як молик ҳиссаи худро аз арзиши изофа мувофиқи ҳудуди ҳосилнокии сармоя, меҳнат, замин, фоида, музди меҳнат, иҷора мегирад. Таҳқиқоти сершумор дар мавзӯи омӯзиши фоидае, ки дар баҳисобгирии бухгалтерӣ истифода мегарданд, ба мазмуни иқтисодии он боиси фарқ кардани чунин мафҳумҳо, ба монанди фоидаи «бухгалтерӣ» ва «иқтисодӣ» гардидаанд. Фоидаи бухгалтерӣ фоидаро мефаҳмонад, ки мутобиқи қоидаҳои ҷории баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳисоб карда мешавад ва дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар ҳамчун фарқи байни даромад ва хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ эътирофшуда нишон дода мешавад. Таърифҳои фоидаи бухгалтерӣ ба ду фарзияи асосӣ замина меёбанд:

- нигоҳдории некӯаҳволӣ ё аз даст надодани сармоя;
- самаранокӣ ё афзоиш додани сармоя.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мафҳуми нигоҳдории некӯаҳволӣ ҳамчун мафҳуми бартаридошта эътироф карда мешавад, ки мувофиқи он фоидаи бухгалтерӣ афзоиши сармояи худӣ (маблағҳои аз ҷониби соҳибон гузошташуда) мебошад ва натиҷаи беҳбудии некӯаҳволии ширкат мебошад. Ин мафҳумро баъзан мафҳуми фоида дар асоси тағирёбии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо низ меноманд. Даромади фурӯш ё даромади дигарро танҳо дар натиҷаи афзоиши дороиҳо ё кам шудани ӯҳдадорӣ эътироф кардан мумкин аст ва мувофиқан, хароҷотро наметавон эътироф кард, агар он бо кам шудани дорої ё афзоиши ӯҳдадориҳо ба даст наояд. Ба ибораи дигар, фоида афзоиши захираҳои иқтисодии корхона буда, зарар кам шудани он аст. Мувофиқи консепсияи дуввум, фоида фарқи байни даромаду хароҷот ва ченаки самаранокии идоракунии он мебошад. Фоида натиҷаи тақсимоти дурусти даромадҳо ва хароҷот барои давраҳои ҳисоботии дахлдор мебошад, ки дар ин давраи ҳисоботӣ таносуби «кӯшишҳо» (яъне хароҷот) ва «дастовардҳо» (яъне даромад) -и дахлдорро дар назар дорад. Даромад ва хароҷоти марбут ба давраҳои оянда ҳамчун актив ё ӯҳдадорӣ эътироф карда мешаванд, новобаста аз он ки чунин дорої ё ӯҳдадорӣ воридоти воқеии ояндаи захираҳои иқтисодиро ифода мекунад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, сармояи корхона вақте зиёд мешавад, ки агар фоидае, ки корхона аз истифодаи захираҳои дарозмуддат мегирад, аз хароҷоти иқтисодии ҷалби онҳо зиёд бошад (хоҳ қарз бошад ё маблағҳои саҳмдорон). Баръакси он низ дуруст аст: агар фоидаи иқтисодии бадастомада аз арзиши тахминии "арзиши асосӣ" камтар бошад, корхона воқеан сармояро аз даст медиҳад. Ин муқаррарот ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла қарор дар бораи ба даст овардани саҳмияҳои як корхонаи мушаххас, фаъолона истифода мешавад. Хоҳиши арзёбии самаранокии истифодаи сармоя боиси истифодаи фаъоли нишондиҳандаи фоидаи иқтисодӣ дар амалияи хориҷӣ гардид. Фоидаи иқтисодӣ ҳамчун афзоиши арзиши иқтисодии корхона фаҳмида мешавад. Фоидаи иқтисодӣ ҳамчун фарқи байни фоиданокии сармояи гузошташуда ва арзиши миёнавазни сармоя муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад, фоидаи сармояи гузошташударо бо ҳадди ақали даромад барои қонеъ гардонидани интизориҳои сармоягузорон муқоиса карда шавад. Фоидаи иқтисодиро инчунин метавон ҳамчун фарқи байни даромади софи амалиётӣ пас аз андоз ва сармояи гузошташуда ба зарби миёнавазни арзиши сармоя муайян кард. Идоракунии фоида раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ҳамаи ҷанбаҳои асосии ташаккул, тақсим, истифода ва банақшагирии он дар корхона мебошад. Идоракунии фоида барои муносибгардонии сармоягузорӣ, сармоягузории инноватсионӣ ва банақшагирии стратегӣ муҳим аст. Ин ба беҳтар тақсим кардани захираҳои маҳдуди ширкат барои таъмини самаранокии баландтарин мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, банақшагирии фоида унсури системаи идоракунии фоида мебошад, ки онро метавон ҳамчун раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба ҷанбаҳои асосии марбут ба ташаккул ва хароҷоти даромади софи ташкилот муайян кард. Яке аз равишҳо барои банақшагирии фоида ташаккули буҷети фоида мебошад, ки одатан дар асоси ҳисоботи расмии даромадҳои пешбинишаванда бо пешгӯиҳои дахлдори тағирёбии нархҳо, хароҷот ва талаботи эҳтимолӣ дар марҳилаи буҷетӣ тартиб дода мешавад. Ҷанбаи банақшагирифтаи буҷети фоида ба менеҷерони ҳама сатҳҳо имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти мавҷударо ба мавод, таҷҳизот, қувваи корӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ нишон диҳанд ва дар асоси ин маълумот банақшагирӣ кунанд.

АДАБИЁТ

1. Голов Р.С. Экономика и управление на предприятии [Текст]: учебник / Р. С. Голов, А. П. Агарков, В. Ю. Теплышев, Е. А. Ерохина. – М.: Дашков и К, 2013. – 400 с.
2. Давлатшоев О.Ҳ., Ҳикматов С. Молияи корхонаҳо [Матн]: Воситаи таълимӣ / О.Ҳ. Давлатшоев, С.Ҳикматов. –Душанбе, Матбаа. 2012. – 95 саҳ.
3. Ковалев В. В. Финансовый менеджмент; теория и практика [Текст]: – 2-е изд., перераб, и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007. – 1024 с.

МОҲИЯТ, ВАЗИФАҲО ВА ИДОРАКУНИИ ФОИДА ДАР КОРХОНА

Дар мақола моҳияти фоида, вазифаҳо ва идоракунии он мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Фоида яке аз категорияҳои мураккаби иқтисодӣ мебошад. Сарчашмаҳои гирифтани фоидаро омӯхта, корхона метавонад равиши илмии ҳалли якчанд проблемаҳоро таҳия созад, ки самаранокӣ ва масъулияти коллективи меҳнатиро баланд бардорад ва ба натиҷаҳои ниҳоӣ бо харочоти камтар ноил гардад. Ҳангоми ин мустаҳкамии ҳисоби тиҷоратӣ дар ҳамаи звеноҳои истеҳсолоти корхона, дар сатҳи ҳалкунанда, аз идораи фоида ва муайяннамоии захираҳои махсуси рушди фоидаи ҳар як субъекти хоҷагидории алоҳида вобаста аст.

Калидвожаҳо: фоида, фоидаи иқтисодӣ, фоидаи бухгалтерӣ, вазифаҳои фоида, идоракунии фоида.

СУЩНОСТЬ, ФУНКЦИИ И УПРАВЛЕНИЕ ПРИБЫЛЬЮ НА ПРЕДПРИЯТИИ

В статье исследуется сущность прибыли, ее функции и управление. Прибыль - одна из самых сложных экономических категорий. Изучая источники прибыли, компания может разработать научный подход к решению ряда проблем, который повысит эффективность и ответственность персонала и позволит достичь конечного результата с меньшими затратами. В то же время эффективность коммерческого расчета на всех уровнях производства предприятия, зависит от управления прибылью и выявления специальных ресурсов для увеличения прибыли каждого отдельного субъекта хозяйствования.

Ключевые слова: прибыль, экономическая прибыль, бухгалтерская прибыль, функции прибыли, управление прибылью.

ESSENCE, FUNCTIONS AND PROFIT MANAGEMENT IN THE ENTERPRISE

This article examines the essence of profit, its functions and management. Profit is one of the most difficult economic categories. By studying the sources of profit, the company can develop a scientific approach to solving a number of problems that will increase the efficiency and responsibility of personnel and will allow you to achieve the final result at a lower cost. At the same time, the efficiency of commercial calculation at all levels of production of an enterprise depends on profit management and the identification of special resources to increase the profit of each individual business entity.

Keywords: profit, economic profit, accounting profit, profit functions, profit management.

Сведения об авторах: ***Рахимов Р.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры управления государственными финансами.
Давлатшоев О. – Таджикский национальный университет, доцент кафедры управления государственными финансами.

Information about the authors: ***Rahimov R***. – Tajik National University, second-year master`s student of Department of Public Finance.
Davlatshoev O. – Tajik National University, assistant professor of Department of Public Financial Management.

МУАММОҲОИ РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИДМ

Раҳмонов С
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба ҷои ҳамгироии хоҷагӣ ба таври марказонидашуда амалкунанда тадриҷан, хело дарднок ва на ҳамеша самаранок ҷӯстуҷӯи шаклҳои ҳамкории мувофиқан (дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ) оғоз ёфтааст. Дар назди мамлакатҳои ИДМ вазифаи тартиб додану ба амал баровардани модули нави муттаҳидшавии иқтисодӣ истодааст ва он бояд ба манфиатҳои дарозмуддати онҳо ҷавоб дода тавонад. Давлатҳои ИДМ аз собиқ ИҶШС як қатор алоқаҳои системавиеро мерос гирифтаанд, ки онҳо мамлакатҳоро ба азнавсозии маҷмӯи алоқаҳои хоҷагии байналхалқии навъи ҳамгироӣ водор месозад. Ин ҷо сухан дар бораи системаи ягонаи энергетикӣ, системаҳои ягонаи нақлиётӣ, алоқа, телекоммуникатсия, нафту газгузаронҳо, стандартҳо ва ғайра меравад. Ҳамаи инҳо фазои иқтисодии нисбатан ҳамгироию бо ҳам вобастабударо ба

вуҷуд меоранд, ки он ҳатто аз натиҷаҳои Иттиҳоди Аврупой бадастоварда беҳтар хоҳад буд. Аз байнравии фазои ягонаи иқтисодӣ, зиди ҳамгирой (дезинтегратсияи) алоқаҳои иқтисодӣ дар ҳудуди ИҶШС, бозсозии иқтисодӣ, зиддиятҳои этникӣ, минтақавӣ боиси якбора пастшавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гардиданд. МУД дар ИДМ солҳои 1991-1995 бо тезӣ кам шуда, соли 1995 57,7%-и соли 1990-ро ташкил дод. Аз даст додани бозори анъанавии фурӯш дар мамлакатҳои иттиҳод, рақобати сахт ва амалияи маҳдуди савдоии бозори ҷаҳонӣ, инчунин норасогии захираҳои моддию молиявӣ боиси дар ИДМ камшавии соҳаҳои пешқадами меҳнатталаби саноат гардиданд. Истеҳсоли маҳсулотҳои электротехникӣ, электронӣ, авиатсионӣ, автомобилӣ паст шуда, бозори давлатҳои Иттиҳод бо молҳои ширкатҳои ғарб пур шудан гирифтанд. Соли 1995 Президенти Руссия фармонро дар бораи «Роҳи стратегии ҳамкории Россия бо давлатҳои иштирокчии ИДМ» имзо намуд, ки дар қисмати иқтисодии он гуфта шудааст: «Яке аз роҳҳои муҳими устувори ташкили ИДМ тадриҷан васеъкунии Иттифоқи гумрукӣ мебошад». Ба сифати шароити муҳимтарин ва такмили ҳамкорӣ муътадилгардонии муносибатҳои пардохтӣ-ҳисоботӣ ва, вобаста ба ин, тезонидани фаъолияти амалии ташкили иттифоқи пардохтӣ пешниҳод карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар нақшаи наздикшавӣ, тараққиёти раванди ҳамгироии қувваҳои марказшитоб аз марказгурез боло меистад. Ҳолатҳо ва омилҳои иқтисодӣ ва сиёсие мавҷуданд, ки боиси халалдоршавии амалиётҳо мегарданд. Омили асосии монеъгароии роҳи ҳамгирой омили сиёсӣ аст. Амбитсияҳои сиёсӣ ва миллӣ, манфиатҳои субъективии доираҳои ҳукмрон имконият намедиҳанд, ки шароитҳои мусоиди иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахборотӣ ва ғайра ба вуҷуд оварда шаванд.Ҳалқаҳои муайянкунандаи наздикшавии ҳамгироии макродараҷа, ҳамкорӣ, кооператсияи байни корхонаҳои манфиатдор мебошад ва чунин корхонаҳо дар фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳазорҳоанд. Вале дар ИДМ ин омил бартарӣ надорад. Аз он сабаб, ки қарори симои сиёсидошта қабул карда нашудааст ва агар қабул шуда бошад ҳам, амал намекунад. Таъсиси механизми ҳамгирой вазифаи аввалиндараҷа аст, ки он бояд системаи ягонаи молиявӣ, бонкӣ, асъорӣ-пулӣ, дастаи созишномаи ҳуқуқии байнидавлатӣ ва институтҳои муайяни фаромиллии сиёсати савдои беруна ва иқтисодии дохилӣ танзимкунандаро дарбар гирад. Ба омилҳои симои иқтисодидоштаю ба раванди ҳамгирои ҳамроҳӣ накунанда инҳоро мансуб медонанд. Яке аз унсурҳои асосии ҳамгирои тадриҷан барҳам додани монеаҳои гумрукӣ, ташкили корхонаҳои ҳамшарик, шароит барои озодона ҳаракат кардани молу хизмат ва омилҳои истеҳсолот мебошад. Вале ҳоло дар қаламрави ИДМ ҳолати баръакс мушоҳида карда мешавад, нуқтаҳои гумрукӣ ташкил карда шуда, квотаҳо ҷорӣ карда мешаванд, литсензиякунии савдои тарафайн ҷой дорад. Чунин вазъиятро низ чунин сабабҳои иқтисодӣ, мисли, ҳаракатҳои гуногунсуръат ба бозор, тафовут дар симои гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, гуногун таъмин будан бо ашёи хом ва бо кормандони ихтисосманд ба миён овардаанд. Дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ миқёс ва симои либераликунии нарх тафовути калон доранд, ки ин боиси кашида гирифтани захираҳо, ҷорикунии монеаҳои гумрукӣ мегарданд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ дар қаламрави ИДМ бисёрдараҷа буда, дар худ аломатҳои унсурҳои аввалини муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва ҳам ҳамгироии иқтисодиро таҷассум кардаанд. Онҳо то инҷониб дар ҳолати харҷу марҷ боқӣ мемонанд. Тавсифи базавии он Принсипи ташкилёбии алоқаҳои нави хоҷагӣ аз нуқтаи назари ба мақсадҳои иқтисодӣ мувофиқ будани онҳо барои субъектҳои бозор мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки иродаи органҳои маъмурӣ дар танзими фаъолияти иқтисодии берунаи корхонаҳо то ба дараҷаи камтарин расонида шуда, пешомадҳои устувори алоқаҳои хоҷагӣ иҷро карда шаванд. Алоқаи байни корхонаҳо бояд асоси алоқаҳои хоҷагӣ гардад. Ҷараёни седараҷагии ҳамгирой (алоқаҳои хоҷагии субъектҳои бозор, координатсияҳои ду - ва бисёртарафа ва танзими миллӣ) мавҷудияти манфиатҳои иқтисодиро оид ба баамалбарории лоиҳаҳои ҳамкориро дар доираи ИДМ тақозо дорад. Агентҳои алоҳидаи иқтисодӣ - бо ном микродараҷаи иқтисодӣ аснои қабули қарорҳо аксар мақсади тиҷоратӣ доранд. Дар ҳолати баамалбароии лоиҳаҳои махсуси иқтисодии байналхалқӣ, ки онҳо координатсияро талаб мекунанд, ҳолати дигар мушоҳида карда мешавад. Ин ҷо

тасаввуроти фоиданокии тиҷорат симои дарозмуддатро мегирад. Зеро ба объектҳои калони истеҳсолӣ маҳз ҳаминҳо хосанд. Чунин равияҳои майли иқтисодӣ дошта дар дараҷаи аввал низ ҷой дошта, дар дараҷаи дуюм, аз ҳам афзалиятноканд. Дар ҷараёни ҳармкориҳои ҳамгироии органҳои фаромиллӣ пайдо мешаванд, ки ин ҳолат ба баамалбарории лоиҳаҳои калони ба сектори хусусии иқтисодӣ хос набуда вобаста аст. Инҷо шакли натанҳо ҳамкории иқтисодӣ, балки ҳамкориҳои сиёсӣ низ пайдо мешавад, яъне иттифоқҳо ва созномаҳои байнидавлатӣ таъсис дода мешаванд.

Пайдоиш ва мавҷудияти чунин манфиатҳо зарурияти пайвасткунии онҳоро дар ҷараёни тақсимкунии захираҳои иқтисодии ҷараёни ҳамгирой ба миён меорад. Аз тарафи дигар, барои қабули қарорҳо дар ҳар се дараҷаи ҳамкорӣ тартиб додани вариантҳои зиёди фаъолияти иқтисодии беруна зарур аст. Ҳамин тариқ, дар давраи ҳозираи тараққиёти алоқаҳои хоҷагӣ дар байни мамлакатҳои ИДМ сухан дар хусуси на худи ҳамгирой, аниқтараш реинтегратсияи хоҷагиҳои миллии фасодшуда, балки дар хусуси таъсиси фазои ягонаи иқгисодӣ, хоҷагӣ-ҳуқуқӣ, ахборотӣ, ба ибораи дигар, сухан дар бораи майдони якхелаи фаъолияти хоҷагии корхонаҳои дар қаламрави ИДМ ҷойгирбуда меравад. Якхелагии ин фазои иқтисодиро хусусиятҳои ҳадди ақал будани дараҷаи монеаҳои гумрукӣ, асъорию молиявӣ, андозӣ, маблағгузаронӣ, муҳоҷират ва ғайра муайян мекунад. Соли 1993 Устави ИДМ қабул карда шуд. Дар ташкилёбию тараққии сохтори ИДМ пешравиҳои муайян ба даст оварда шуд. Шартнома оид ба ташкили иттифоқи иқтисодӣ (соли 1993) аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Созишнома оид ба ташкили иттифоқи пардохтии давлатҳои ИДМ (соли 1994), Созишномаи Иттифоқи гумрукии байни Россия, Белоруссия (соли 1995), ки ба он соли 1995 Қазоқистон, соли 1996 Қиргизистон ҳамроҳ шуданд, аҳамиятноканд. Ғайр аз ин, Бонки байнидавлатии ИДМ ва Кумитаи байнидавлатии асъорӣ ташкил карда шуданд. Вале, Созишнома оид ба Иттифоқи пардохтӣ дар шароити хеле мураккаб ба амал бароварда шудаанд. Дар ҳақиқат фақат моҳи майи соли 1995 дар ин самт, дар муносибатҳои дутарафаи Россия ва Белоруссия, Қазоқистон ва Туркманистон, ки оид ба чораҳои таъминкунии ивазшавандагии тарафайни асъорҳои миллӣ ва муътадилии қурби онҳо созишнома баста буданд, пешравӣ ба амал омад. Дар вохӯрии сардорони давлатҳою ҳукуматҳои ИДМ дар моҳи майи соли 1996 (Маскав) масъалаи асосии рӯзнома Нақшаи тараққии ҳамгироии иқтисодӣ дар солҳои 1996-1997 буд. Қайд кардан муҳим аст, ки дар соҳаҳои ҳукуматии давлатҳои ИДМ як қатор эйфорияҳо (кайфчоқиҳо) оид ба лоиҳаҳои барқароркунии тези алокаҳои вайроншудаи иқтисодӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсиси системаи ҳамгироии ҷумҳуриҳои нави соҳибистиқлол оғоз ёфтаанд. Ин корҳо мақсади умумии мамлакатҳо мебошанд. Вале барои ин чӣ қадар вақт лозим буданашро гуфтан амри маҳол аст. Барои ба ин боварӣ ҳосил намудан муқоисаи нақшаҳои дурнамои тараққиёти ҳамгироии Иттиҳод дар солҳои 1994-1996 кифоя аст. Агар, якумин барои чор-панҷ сол тартиб дода шуда бошад, пас дуюмин барои ду сол аст. Сухан дар бораи ислоҳотҳои ҷиддӣ меравад, ки қисми зиёди чораҳои андешидашуда, махсусан дар соҳаи ҳамгирои иқтисодӣ, солҳои охир иҷро нашуда монданд.

Монеаи асосии сари роҳи наздикшавиҳои иқтисодӣ дар ИДМ дар айни замон тафовутҳои ҷиддӣ дар давраҳои ислоҳот дар мамлакатҳои алоҳида мебошад, ки онро номувофиқӣ ва баъзан, муқобили ҳамдигар будани манфиатҳои иқтисодӣ дар дохили ИДМ боис шудааст. Маҳз ҳамин ҳолат имрӯз водор месозад, ки диққати асосӣ ба гармонизатсияи тараққии давлатҳои ИДМ, ташкили асосҳои умумии муҳити ҳуқуқӣ барои ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ нигаронида шаванд. Барои ҳамаи ин вазифаҳо бо иштирокчиёни ҷамъомади Маскав нақшаи тараққиёти ҳамгироии Иттиҳод пешниҳод карда шуд, ки дар он чунин вазифаҳо нишон дода шудаанд:

- қабули Консепсияи тараққии иқтисодии ҳамгироии ИДМ;
- тартиб додани лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи ШФМ, танзими бозори байнидавлатии қоғазҳои қимматнок, дар хусуси ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва қарз;
- ташкили асосҳои методологияи ягонаи нархгузорӣ ба маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои монополияҳои табиӣ;

- чораҳо оид ба такмил ва васеъкунии Иттифоқи гумрукӣ;

- коркарди шароитҳои ба Иттифоқи пардохтӣ дохил шудан. Проблемаи Иттифоқи пардохтӣ мураккаб гардид. Қарзи ҷумҳуриҳои собиқ ИҶСШ ба 9 млрд. доллар баробар буд. Ҳалли масъалаҳои қарзӣ ҳоло суст аст. Шоҳиди ҳаққонияти давраи ҳозираи ҳамгирої дар ИДМ принсипи ҳархеласуръатии он гардид, ки онро президенти Россия дар укази худ сентябри соли 1995 эълон карда буд.

Дар форуми дуюми иқтисодии байналхалқии Петербург (VII - соли 1997) аз сари нав рӯзмарра будани ҳамгироии иқтисодии ИДМ қайд карда шуд. Ба вазъи ҳозираи ҳамкориҳои иқтисодии ИДМ баҳо дода, форум қайд намуд, ки ИДМ имрӯз ба «пайдоишоти аморфӣ» (бешакл, бесуроб) шабоҳат дорад. Ин фикр ҳам садо дод, ки ибтидои асри XXI ИДМ «маркази чоруми иқтисодии ҷаҳон» хоҳад шуд. Умуман, таҳлили вазъи ҳамгироии иқтисодӣ дар қаламрави ИДМ нишон медиҳад, ки мушкилиҳо дар ин хусус зиёданд. Солҳои охир шароитҳои иқтисодию сиёсии тараққии ҳамгирої ҳатто як қатор мураккаб шуданд, ки ин ба давомкуниҳои пастшавии истеҳсолот, пурзӯршавии як қатор зиддиятҳои куҳнаю пайдоиши нави онҳо дар соҳаи сиёсӣ вобаста аст. Ҳамаи вазъиятҳои номусоид таҳрири муносибатҳоро нисбати нияти абсионӣ ва қадамҳои аниқи ба амалбарории онҳо тақозо дорад. Таёр намудани Консепсияи эътирофи умуми тараққии ҳамгироии иқтисодӣ хеле зарур аст. Дар ҳама ҳолатҳо бояд се вазифаи муҳимтарини мамлакатҳои ҳамгироишаванда оид ба тадриҷан ташкилёбии фазои ягонаи ахборотӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ҳал карда шаванд. Баробари барпокунии ин фазоҳои ягона дар давраи якуми ташкилёбии муносибатҳои иқтисодии байналхалқии навъи ҳамгирої ташкилу тараққии минтақаҳои савдои озод, иттифоқи гумрукӣ, иттифоқи пардохтӣ, бозори умумии меҳнат, бозори умумии аграрӣ асоснок аст. Якҷоя ба ин, минбаъд фазои умимии инвеститсионӣ ва илмӣ-техникӣ, системаҳои муттаҳидаи нақлиётию энергетикӣ ва бозори захираҳои энергетикӣ таъсис дода мешаванд. Дар ҳамин давра тартибдиҳӣ ва баровардани барномаи ҳама эътироф кардаи бозсозии сохторӣ ва азнавкунии технологии иқтисодиёти ИДМ, инчунин барномаҳои комплексию созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои иҷтимої, экологӣ, тайёркунии мутаххассисон ва ғайра зарур аст. Доираи муҳлатии давраи якум -10-15 сол (то соли 2010).

Дар замони ҳозира ҳамаҷониба васеъкунии алоқаҳои бозории тарафайн дар микродараҷа, ташкил намудану васеъкунии фаъолияти гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ, корхонаҳои шарикӣ асоснок аст.

АДАБИЁТ

1. Авдокушин Е. Ф. Международные экономические отношение. М: Юрист, 1999-368 с.
2. Батманова Е. С., Томилов П. С. Мировая экогомика и международные экономические отношение: Екатеринбург 2005-118 с.
3. Борко Ю. А. , Буторшиной О. В. ЕС на пороге XXI века: Выбор стратегии развития.. – М.: Эдиторная УРСС, 2001. – 471 с.
4. Шумшов В. М. Европейское экономическое пространство // Международное экономическое право. – М.: 2002. – кн. 1. – с. 276-292.
5. Харламова В. И. Международная экономическая интеграция: учебное пособие. – М.: Анкин, 2002 – 174 с
6. 8. Шемятенков В. Г. Европейская интеграция: учебное для вузов. – М.: Международные отношения, 2003 – 399 с
7. Оймаҳмадов М., Муртазоев М. «Иқтисодиёти ҷаҳон», Техрон Нашри Замон – 2001 с.
8. Ҳайдаров Р. Интеграция Центрально-азиатского региона в период глобализации: Необходимость или закономерность. /Бизнес и политика. -2003. 21 февраль.
9. Глобализатсионные процессы и экономические проблем Таджикистана.// Экономика Таджикистана. Стратегия развития. 2003. №4. С.565.
10. Шерматов Б. Глобализация мирового хозяйства; проблемы интеграция Таджикистана в мировую экономическую систему//. Экономика Таджикистана. Стратегия развития - 2001 - №2. - с.103-108.
11. Секретариат Интеграцционного Комитета Евроазийского экономического совета.// ЕврАзЭС сегодня - Москва 2011 с

МУАММОҲОИ РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИЛМ

Дар шароити муосир ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ чун раванди ба якдигар наздикнамої, якҷоянамої ва омехташавии низомҳои миллии иқтисодии давлатҳои ҷаҳон баромад мекунад ва барои ба раванди ягонаи такрористеҳсол ворид гаштани онҳо оварда мерасонад. Ҳамин аст, ки ҳамгироии иқтисодии

байналхалқиро яке аз хусусиятҳои хоси рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити муосир арзёбӣ мекунанд. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ҳамчун олоти рушди иқтисодиёти минтақавӣ, ба баландшавии рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, аз тарафи мамалакатҳои аъзои гурӯҳҳои ҳамгироӣ оварда расонидааст. Худи мафҳуми ҳамгироӣ аз калимаи лотинии «integratio» - барқароршавӣ, такмилёбӣ ва «integer» - пурра гирифта шудааст. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаи мазкур барои ҳар як нафари ба соҳаи иқтисодиёти байналмилалӣ таваҷҷуҳкунанда шарти муҳим ба ҳисоб меравад.
Калидвожаҳо: ҳамгироӣ, механизм, сохтор, ИДМ, самара, гумрук, фаъолият.

ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ В СФЕРЕ НАУКИ

В современных условиях международная экономическая интеграция представляет собой процесс конвергенции и интеграции национальных экономических систем стран мира и приводит к их интеграции в единый процесс воспроизводства. Именно поэтому международная экономическая интеграция считается одной из отличительных черт развития мировой экономики в современных условиях. В конце двадцатого века и в начале двадцать первого века международная экономическая интеграция как инструмент регионального экономического развития привела к повышению конкурентоспособности на мировом рынке стран-членов интеграционной группы. Само понятие интеграции происходит от латинского слова «integrationtio» - восстановление, улучшение и «целое число». В связи с этим изучение данного вопроса является важным условием для всех, кто интересуется областью международной экономики.
Ключевые слова: интеграция, механизм, структура, СНГ, эффективность, таможня, деятельность.

PROBLEMS OF THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC INTEGRATION IN SCIENCE

In modern conditions, international economic integration is a process of convergence, integration of national economic systems of the countries of the world and leads to their integration into a single reproduction process. That is why international economic integration is considered one of the distinguishing features of the development of the world economy in modern conditions. At the end of the twentieth century and at the beginning of the twenty-first century, international economic integration as a tool for regional economic development led to an increase in the competitiveness of the countries-members of the integration group in the world market. The very concept of integration comes from the Latin word "integrationtio" - restoration, improvement and "whole number". In this regard, the study of this issue is an important condition for anyone interested in the field of international economics.
Keywords: integration, mechanism, structure, CIS, efficiency, customs, activity.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Сомон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальность Глобальная экономика. **Телефон:** 918 6661008. **E-mail**: somon@mail.ru

Information about the author: ***Rakhmonov Somon*** - Tajik National University, second-year master's student, specialty Global Economics. **Phone:** 918 6661008. **E-mail**: somon@mail.ru

САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ДАР СОҲАҲОИ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидова Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳадафи асосии давлат, пеш аз ҳама, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Дар ин замина истифодабарии самараноки захираҳои молиявӣ, самаранокии сиёсати молиявию қарзӣ, сарфакорона истифодабарии воситаҳои буҷетӣ барои амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, баландбардории сатҳи иҷтимоӣ-мадании аҳолӣ, ташаккул ва такмили техникаю технология дар миқёси давлат заминаи муҳим ба шумор меравад. Дар натиҷаи рушду равнақ ёфтани кишвар талаботҳои аҳолии дар он зиндагикунанда низ зиёд мегарданд. Дар ин радиф вазифа ва ӯҳдадориҳои давлат оид ба қонеъ ва таъмин намудани ин талаботҳо зиёд мегардад. Қонеъгардонӣ ва таъминнамоии ин вазифа ва ӯҳдадориҳоро давлат тавассути тавассути воситаҳои молиявии худ амалӣ мегардонад. Маҳз воситаҳои молиявии давлат метавонад боиси рушд намудани соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, инчунин қонеъ гардонии талаботҳои аҳолӣ гардад. Ба роҳ мондани барномаҳои муҳими давлатӣ ба монанди таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи иҷтимоӣ – мадании аҳолӣ, инкишоф ва такмили техникаю технологияи муосир дар мамлакат, расидан ба ҳадафҳои

стратегии истиқлолияти энергетикӣ, нақлиётӣ, озуқаворӣ ва дигар чорабиниҳои давлатӣ ба ташаккулёбии воситаҳои молиявии давлатӣ ҳампайвастагии зич доранд. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки захираҳои молиявӣ – ин маҷмӯи воситаҳои пулии иқтисодиёт мебошад, ки метавонад пурра барои фаъолияти молиявӣ ва иҷрои амалиётҳои молиявӣ аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ истифода мегардад.

Муаммои рушди иқтисод ва некӯаҳволӣ дар замони муосир яке аз муҳимтарин ҷабҳаҳои иқтисоди кишварҳо дониста мешавад. Агар аз натиҷаи дастовардҳои тамаддуни муосир истода гузарем, албатта инкишофи ҷомеъа ва рушди иқтисод ба ҳама доираи ҳаёти ҷомеавӣ хос мебошад. Рушди иқтисод бештар тавсифи умумии натиҷаи фаъолияти хоҷагидориро инъикос намуда, аз ин рӯ аз болоравии воқеии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии кишвар шаҳодат диҳад, иҷтимоиёт инкишофи иқтисодро ҳавасманд намуда, ҳамзамон мафҳумест, ки доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегирад. Дар умум, иҷтимоиёт ҳаматарафа аз муносибатҳои ҷомеавӣ барояд, вай амиқтар аз иқтисодиёт дида бештар мазмуни олии ҷомеаро ифода мекунад. Вале тағйиротҳои зиёд ва назаррас дар сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ таҳавулли ҷомеъаро омили пешбаранда намудаанд. Илми иқтисодӣ – ин масъалаҳоро таҳқиқ намуда, муқаррар намуд, ки рушди иқтисод ҳамчун натиҷаи намоёни ҷудонашаванда тараққиёти қувваҳои истеҳсолии ҷомеа баромад карда, бояд ба дигаргуншавии як қатор қонуниятҳо, ки сатҳи ҳаракати ҷомеъаро ба роҳи инкишоф муайян менамояд, оварад. Табиист, ки дар ин кӯшиш ҳаракати ҳатто ба ҳам алоқаманд ва гусастаи халқу кишварҳо на ҳамеша пешрафти якхелаи баланди иқтисодии кишварҳои ба ҳам наздикро таъмин менамояд. Ин ҷо аз шабеҳият дида эҳтимолияти бештари гуногунӣ ва тавофут зоҳир мешавад. Ин вазъият мувофиқан тадқиқи амиқи ҳаракати кишвар ва халқҳоро дар роҳи инкишоф тақозо намуда, дар навбати худ имконият медиҳад, ки роҳҳои гуногуни пешрафт ва манбаҳои рушди иқтисод ошкор карда шаванд.
Қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон дар ҳайти собиқ Иттиҳоди Шуравӣ қарор дошт, аз ин рӯ самти инкишофи он бо радифи дигар кишварҳо собиқ Шуравӣ вобастагии зиёд дошт. Баъд аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият иқтисоди Тоҷикистон аз комплекси ягонаи хоҷагии халқи шуравӣ ҷудо шуд. Дар ин ҳолат ҳаракати болоравандаи иқтисоди мо дар давоми қариб 29 соли истиқлолият бевосита аз муайян намудани қонуниятҳои ҳаракат, ошкор намудани омилҳои рушди иқтисод имкониятҳои инкишофи ҷомеъа ва истифодабарии амалии онҳо вобаста аст. Рушди иқтисоди ҳар як кишвар, миллат танҳо хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ин ҷо дарёфт ва муқаррар намудани ин самтҳо ва дар асоси онҳо коркарди стратегияи иқтисодӣ вазифаи муҳими ҳам илми иқтисодӣ ва ҳам иқтисоди амалӣ мебошад. Давраи гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ муҳимияти ин масъаларо боз ҳам боло бардошт. Дар вазъияти имрӯзаи иқтисод дар ҷумҳурӣ интихоби самтҳои афзалиятнок табиист, ки имконият медиҳад захираҳои зарурӣ барои пурра намудани буҷа пайдо карда шавад. Вале агар ба соҳаи иҷтимоиёт эътибор дода нашавад, аз он ҷумла ҷудо намудани маблағҳо барои илм, аз нав тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии кадрҳо, маориф, тандурустӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, ки бевосита ба ҳадафи рушди иқтисод мусоидат намуда, аз дигар тараф вазъияте ба амал меояд, ки боиси монеъаи рушди иқтисод мегардад. Зеро боздеҳи омилҳои иҷтимоӣ ҳамон лаҳзагӣ набуда, танҳо илм, тандурустӣ, ихтисосмандӣ, маълумотнокӣ ва давомнокии ҳаёт, яъне дар маҷмӯъ сифати зиндагӣ вазъи имрӯзаи миллат ва давлатро инъикос менамояд. Имрӯз Тоҷикистон замони аз ҳама вазнин ва ҷараёни мутобиқшавӣ аз иқтисоди нақшавӣ ба низоми иқтисодиро гузашта ба давраи сифатан нав – ислоҳоти амиқи иқтисоди бозорӣ истодааст. Ҷараёни дигаргуншавии низоми идоракунии давлатӣ (институтӣ) давом ёфта, зерсохтори бозорӣ ба вуҷуд оварда шуда истодааст. Мавҷудияти низоми самараноки ислоҳоти иқтисодӣ метавонад роҳи ҳадафҳои инкишофи болоравии «сатҳ» ва «сифати зиндагӣ»-и аҳолӣ, ба вуҷуд овардани низоми самараноки маориф ва сохтори тандурустӣ, илм, фарҳангро васеъ намояд. Гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар шароити муосир маълум аст, ки зуҳуроти ҳамҷояест, ки ҳамаи тарафҳои инкишофи муосирро дар бар гирифта, аз ин ҷо бисёр омила ҳам мебошад. Омили маълумотнокӣ моҳиятан ибтидо ва шарти бештари муайянкунандаи инкишофи иқтисодӣ, афзункунандаи самараи он,

тезонидани прогрессии илмӣ – техникӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва ғайра мебошад. Таъсири илми пешрафта ва технологӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ омили натанҳо муайянкунанда, балки ҳалкунанда аст. Тавлиди маҳсулоти рақобатпазир бе истифодаи технологияи муосир ғайриимкон аст. Дар солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳақиқат дарк менамояд, ки мавҷудияти низоми самарадеҳи таҳсилот ва иқтидори илмӣ – техникӣ воридшавиро ба фазои ҳамгироии таҳсилоти ҷаҳонӣ ва илмӣ – технологӣ, инчунин таъмини тайёр намудани мутахассисони сифатан баланд, аз он ҷумла кормандони ҳавзаи идоракунӣ (менеҷерон), технологҳо, муҳандисон ва ғайра мебошад. Рушди иқтисод нишондиҳандаи ҷамъбастии инкишофи ҷомеъаи инсонист. Вай тағйиротҳои ҳам моддӣ ва ҳам тарафҳои иҷтимоии осудаҳолиро дар роҳи мураккаби таҳаввули инсоният ифода менамояд. Иқтисодчиён беҳуда ҷавоби сарчашмаҳои рушди иқтисодро – яке дар замин ва захираҳои табиӣ, дигаре дар масрафи меҳнати табодулёфта, сеюмин дар илм ва технология, чорумин дар ангезии иҷтимоии инсоният пайдо накардаанд. Вале моҳияти ҳамаи онҳо як аст, яъне оқилона истифодабарии захираҳои маҳдуди мавҷуда ва хароҷоти ками онҳо - таъмини истеҳсоли миқдори зиёд ва сифати беҳтарини мол ва хадамот, агар соддатар баён намоем – таълими дараҷаи баланди «сатҳ» ва «сифати зиндагӣ» мебошад. Рушди иқтисод истеҳсолот, тақсимот, истеъмолот ва андӯхтро бо як ҷузъи умумӣ пайваста менамояд. Вай аз оқилона истифодабарии захираҳои маҳдуд дар миқёси ҳар як кишвари алоҳида ва ҳамчунин ҷомеъаи ҷаҳонӣ барои расидан ба мақсади некуаҳволии ҳар як фард ва дар умум ҷомеъа шаҳодат медиҳад. Худи ҷараёни «рушди иқтисод» чун дунё куҳан аст. Вай бо раванди таҳаввули табиат муқоисашаванда мебошад. Ин раванд аз доираи сатҳи маҳдуд баромада то сатҳи ҷаҳонӣ афзуд. Маҳсули ҷараёни рушди иқтисодро дар он ҷое мақсаднок истифода менамояд, ки зуҳурот, омил ва оқибатҳои он ба эътибор гирифта шудаанд. Рушди иқтисод – зуҳуроти ҳамеша бисёрҷабҳаю мураккаб мебошад. Ҳамаи ин омилҳое, ки ба тарафи коҳиш ёфтани ин таъсир мерасонад чун маҳдудият ё монеъшаванда ва зуҳуротҳое, ки ба пешравии инкишофи ҷомеъа меоранд, омили мусоидаткунанда дониста мешаванд. Натиҷаи рушди иқтисод ин некӯаҳволист, ки дар бораи ин мафҳум истода мегузарем. Некӯаҳволӣ – тавсифи иҷтимоию иқтисодии шароити зиндагӣ ва қонеъгардонии талаботи аҳолӣ мебошад. Аз рӯи тавсифи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) некӯаҳволӣ низоми якчанд ҷузъҳо мебошад, аз он ҷумла шароити демографӣ, хӯрокворӣ, либос, манбаъҳои истеъмолӣ ва андӯхт, шароити меҳнат, машғулият, ташкили меҳнат, маълумотнокӣ, аз он ҷумла саводнокӣ, манзил, таъминоти иҷтимоӣ, озодии инсон мебошад. Барои муқоисаи байналмилалии сатҳи зиндагӣ (некӯаҳволӣ) СММ «шохиси инкишофи инсониро», ки табдили даромади миллиро ба ҳар нафар аҳолӣ, дарозумрӣ ва маълумотнокиро истифода менамоянд. Ҷузъи муҳими некӯаҳволӣ сатҳ ва тафовути даромади аҳолӣ мебошад. Дар умум, сатҳи даромад – натиҷаи инкишофи иқтисоди кишвар ва мавҷудияти захираҳои табиист. Тафовути даромад дар зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, демографӣ ва иҷтимоӣ ба амал омада, бо таносуби 10 фисади сатҳи таъминбудаи бештари моддӣ ва 10 фисади сатҳи камтар таъминбудаи моддии гурӯҳҳои аҳолӣ (заробии даҳӣ (детсиллӣ) андоза карда мешавад. Яке аз хусусияти муҳими некӯаҳволӣ дараҷаи мувофиқати даромадҳои пулӣ бо ҳадди ақали рӯзгузаронист. Ҳамин тавр, дар Декларатсияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон (қисми 2, моддаи 26) дар назар дошта шудааст, ки «нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар намудҳои ёрии иҷтимоӣ бояд сатҳи зиндагие, ки аз ҳадди ақали рӯзгузаронӣ, ки бо қонун муайян карда шуданд, таъмин намояд». Ҳадди ақали рӯзгузаронӣ – ин нишондиҳандаи ҳаҷм ва таркиби истеъмоли неъматҳои муҳими моддӣ ва хизматрасонии сатҳи ҳадди ақали кифоятист, ки шароити ҳолати фаъоли ҷисмонии аҳолиро таъмин менамояд. Буҷаи ҳадди ақали рӯзгузаронӣ баҳои арзиши маҷмӯи ҳадди ақали рӯзгузаронии моддӣ ва инчунин хароҷоти андоз ва маблағҳои ҳатмиро дохил менамояд. Ҳолати омӯзиши некӯаҳволӣ муаммои камтаъминӣ – оқибати андозаи пасти даромадҳо, камтахассусӣ, машғулият надоштан, мавҷудияти нафақахӯрон ва ғайра, - бисёр ҷиддӣ мебошад. Некӯаҳволӣ дар қатори даромад ва истеъмол шароити меҳнат ва маишат, ҳаҷм ва таркиби вақти корӣ ва озоди вақт, сатҳи фарҳангӣ ва маълумотнокӣ, тандурустӣ, демографӣ ва вазъияти демографию экологиро дар бар мегирад. Дар бисёр кишварҳои низоми иқтисоди бозорӣ қисмати зиёди хароҷоти маориф,

тандурустӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҳисоби манбаъҳои коллективӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Ба некӯаҳволӣ тавваруми пулӣ, ки даромадро коҳиш медиҳад оқибати бад меорад. Ин оқибати манфӣ ба воситаи сиёсати индексетсияи даромадҳо бартараф карда мешавад. Дар саддаи XXI аён шуд, ки дар раванди рушди иқтисод тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон боз ҳам зиёдтар барои расидан ба ин мақсад натанҳо аз қувваҳои «худодод»-и табиӣ, инчунин иқтидори зеҳнӣ ва техникиро, ки дар давраи тараққиёти худ андӯхтаанд, равон мекунанд. Вале усули муҳим он ин андоза ва сарчашмаи асосии ин тараққиёт ақли инсонӣ боқӣ мемонад. Дар таърихи инсоният қувваи ҳаракатдиҳанда ҳамеша дониш, ғоя ва меҳнати ақлӣ меистад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ як чанд равияҳои фаҳмиши рушди иқтисод мавҷуд аст. Дар бисёр асарҳои муосири назарияи иқтисод вайро ҳамчун нишондиҳандаи афзоиши рушди некуаҳволӣ (сатҳи зиндагӣ) ва ё афзоиши даромади миллӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ нисбат медиҳанд [2. с.45-47; 5. с. 380; 4. с. 1008]. Дар солҳои охир иқтисодчиён мафҳуми рушди иқтисодро аз нуқтаи назари на танҳо миқдорӣ, балки сифатӣ ҳам таҳқиқ менамоянд. Ба ақидаҳои сифати рушди иқтисод муаммои ҳифзи инсон ва муҳити атрофии вай ворид шудаанд. Дар Паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016 омадааст, ки «…дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош намоянд» [1]. Вобаста аз мавқеи муҳими рушди иқтисод ҳамаи муаллифон онро аз рӯи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ менамоянд. Вале асосе, ки ҳамаи иқтисодчиёни муҳаққиқ ҳамақидаанд ҳадафи расидан ба рушди иқтисод ба хотири инсон, қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии вай, пурзуршавии асосҳои ахлоқӣ дар инкишофи ҷомеъа мебошад. Рушди иқтисод сифати зиндагии аҳолиро таъмин намуда, дар навбати худ нишондиҳандаи баланди «сифати зиндагӣ» боиси расидан ба рушди иқтисоди миллист ва ё ду тарафи як муаммо мебошанд.

АДАБИЁТ

1. . Денисон Э. Исследование различий в темпах экономического роста. – .: Пер. с англ. Прогресс, 1971. – 645с/
2. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. Пер. с англ. Т.1. – М.: 1992. – 400с
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016с. www.president.tj
4. Самуэльсон П.Э. Нордхаус В.Д. Экономика, 18 –е издание: Пер. с англ. – М.: ООО «И.Д.Вильямс», 2007. – 1360с
5. Экономический словарь/Отв.ред. А.И.Архипов – М.: ТК Велби, Из-во Проспект, 2004, - 624с.
6. Юнусова М.И. Социальный проблемы роста национальной экономики. – Д.: Ирфон, 2007,

САМТҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосӣ, ҳолат, муаммоҳо ва дурнамои мукаммалгардонии сиёсати молиявӣ дар соҳаҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон, нақш ва мақоми таъминоти молиявии амалишавии барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳаои иқтисодиёт нишон дода шудаст. Дар ин мақола оид ба зуҳуроти гуногунҷабҳа ва мураккаб рушди иқтисодро дида баромада, нисбати нишондиҳандаи «сифати зиндагӣ», ки некӯаҳволии ҷомеаро дар назар дорад камтар истода гузаштем. Вале набояд фаромӯш кард, ки рушди иқтисод сифати зиндагии аҳолиро таъмин намуда, дар навбати худ нишондиҳандаи баланди «сифати зиндагӣ» боиси расидан ба рушди иқтисоди миллист ва ё ду тарафи як муаммо мебошанд.

Калидвожаҳо: самаранокӣ, захираҳои молиявӣ, маблағҳои буҷетӣ, захираҳо, тамоюлҳо.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ФИНАНСОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНЫХ ОТРАСЛЕЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются основные направления совершенствования финансового обеспечения развития социальных отраслей Республики Таджикистан. Вместе с тем, показана роль и значение финансового обеспечения реализации программ социально-экономического развития отраслей экономики. В данной статье рассматриваются экономическое развитие на разрозненном и сложном проявлениях, переходя в меньшей степени к индикатору «качество жизни», который подразумевает благосостояние общества. Однако нельзя

забывать, что развитие экономики обеспечивает качество жизни населения, в свою очередь высокие показатели «качества жизни» приводят к достижению национального экономического роста.

Ключевые слова: эффективность, финансовое резервы, бюджетные ресурсы, резервы, тенденции.

THE MAIN DIRECTIONS OF IMPROVING THE FINANCIAL SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF SOCIAL SECTORS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the main directions of improving the financial support for the development of social sectors of the Republic of Tajikistan. At the same time, the role and importance of financial support for the implementation of programs for the socio-economic development of economic sectors is shown. This article examines economic development in a fragmented and complex way, moving to a lesser extent to the indicator "quality of life", which implies the well-being of society. However, we must not forget that the development of the economy ensures the quality of life of the population, in turn, high indicators of "quality of life" lead to the achievement of national economic growth.

Keywords: efficiency, financial reserves, budget resources, reserves, trends.

Сведения об авторе: ***Саидова Дилноза*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры финансов и страхования.

Information about autor: ***Saidova Dilnoza*** – Tajik National University, second-year master`s student of department of the finance and insurance.

ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ - ҲАМЧУН ШАКЛИ ҲАВАСМАНДКУНИИ СОДИРОТ

Сафаров А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи онҳо бо ёрии барқарорсозии иқтидори истеҳсолии мамлакат, амалӣ намудани ислоҳотҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ин талаби замон мебошад. Чунки бе ҷалби сармояи хориҷӣ дар вазъияти норасоии захираҳои дохилии молиявӣ тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат номумкин мебошад. Дар давоми солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт заминаи муайяни меъёрию-ҳуқуқӣ ташкил карда шудааст. Дар ин давра қонун «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонун «Дар бораи фаъолияти берунии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳою меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, ки онҳо ҳимояи ҳуқуқи моликият ва манфиати сармоягузорони хориҷӣ ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии беруниро новобаста аз шакли моликият таъмин мекунанд ва заминаи ҳуқуқии мустаҳкамро барои интегратсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ ташкил мекунанд. Қонун «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» бошад иштироки сармоягузорони хориҷиро дар хусусигардонии иқтисодиёти миллӣ ҳавасманд мекунад. Сармоягузорони хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои зерин амалӣ гардонад:

- ташкил кардани корхонаҳое, ки пурра мансуби сармоягузорони хориҷӣ мебошанд;
- гирифтани ҳуқуқи истифодаи замин ва дигар захираҳои табиӣ, инчунин ҳуқуқҳои моликиятдорӣ, мустақилона ё бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- харид кардани моликият аз ҷумла саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок;
- иштироки ҳиссавӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳо дар якҷоягӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бастани шартномаҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дигар шаклҳои амалигардонии сармоягузориҳои хориҷиро пешбинӣ мекунанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳоли ҳозира заминаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба сармоягузорон кафолатҳои ҳақиқиро аз азхудкунӣ, милликунонӣ ва дигар чораҳои маҷбурӣ интиқоли озоди дивидендҳо ба хориҷа дар асъори озод мубаддалшаванда; истифодаи воситаҳои дар суратҳисобҳо буда дар асъори миллӣ барои харидани асъори

хориҷӣ ва фурӯши асъор ба ивази асъори миллӣ; кафолати даҳсола барои заминаи ҳуқуқие, ки ҳангоми бақайдгирии корхонаи муштарак ҷой дошт, агар қонунгузории минбаъдаи ҷумҳурӣ шароитҳои сармоягузоронро вайрон кунад; ҳуқуқи мустақилона муқарраркунии нарх ба маҳсулоти истеҳсолкардашуда; муайянкунии тартиботи фурӯш ва интихоби таҳвилкунандагон пешниҳод мекунад. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ пешбинӣ карда шудаанд, ки ҳавасмандии ҷалби сармояи хориҷиро таъмин хоҳанд кард. Дар рафти таҳлил намудани вазъияти ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузориҳои хориҷии иқтисодиёти Тоҷикистон сухан кунем, гуфтан мумкин аст, ки кушодашавии бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат ба тараққиёти робитаҳои берунӣ дар соҳаи тиҷорат, балки сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидат намуд. Сармоягузорони хориҷӣ ба гузориши сармояи худ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ шурӯъ намуданд, ки онҳо бартариятан дар шакли сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо роҳи созмон додани корхонаҳои муштарак амалӣ карда мешаванд. Рушди сармоягузориҳои мустақим ба иқтисодиёти Тоҷикистон далели мусбӣ мебошад. Онҳо дар фарқият аз сармоягузориҳои портфелӣ ва ғайра, ки онҳо мӯҳлатнок, баргарданда ва воситаҳои пулии пардохтӣ мебошанд, нисбатан зиёдтар бо тараққиёти сектори ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи методҳои муосири менеҷмент ва маркетинг робита доранд. Дар баробари ин онҳо ба ташаккулёбии қарзи берунии Тоҷикистон намеоваранд. Барои маълумоти пурратар гирифтан нисбати сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҳлили сохтори ҷуғрофӣ ва соҳавии онҳо зарур мебошад. Сохтори ҷуғрофии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ хеле гуногуншакл мебошад. Дар қатори шарикони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, чӣ мамлакатҳои хориҷӣ дур ва чӣ мамлакатҳои ҳамсоя хусусан шарикон аз рӯи интегратсияи давлатҳои мустақил дучор мешаванд. Зиёда аз 30 мамлакти ҷаҳон дар раванди амалисозии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакти мо иштирок мекунанд. Тарафи дигари муҳими раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат ин сохтори соҳавии сармоягузориҳо мебошад. Умуман дар ин самт тағйиротҳои ҷиддӣ дар солҳои охир ба амал наомаданд. Мувофиқи таҳлилҳои аз тарафи мутахассисони ватанӣ гузаронидашуда дар ин самт тамоюлҳои зерин ҷой доранд;

1. Ҳаракат аз соҳаҳои истихроҷ ба соҳаҳои коркард;

2. Инвесторҳои хориҷӣ дар шароити иқлими номусоиди сармоягузорӣ ба соҳаҳои сармоягузориаш кӯтоҳмуддат ва зудхароҷотбароранда майл доранд. Дар ҳолати маҳдуд будани бозори дохилӣ дараҷаи «истифодаи» соҳаҳо, ки тамом мегарданд, инвесторонӣ хориҷӣ сармояи худро ба дигар соҳаҳо равона месозанд. Яъне, онҳо ба он корхонаҳои амалкунанда ва муфлисшудаи мамлакат сармоягузорӣ менамоянд, ки дигар инвесторҳо ҳоло ба онҳо даст назадаанд.

Ҷалби бомуваффақона ва татбиқи босамари сармоягузориҳои хориҷӣ танҳо бо роҳи фазои мусоид ва устувори сармоягузорӣ имконпазир буда, ҷузъҳои муҳими он устувории сиёсӣ, шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, инчунин мавҷудияти асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ, ки манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба ҳисоб гирифтаанд, мебошад. Чӣ хеле ки маълум аст, сармоягузори хориҷӣ - давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин ташкилоти байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвар будубош мекунанд ва худро сармоягузорӣ менамояд, ҳисобида мешавад. Ба ақидаи Ҷ. Швартсенберг сармоягузориҳои хориҷӣ қарзҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлате номида мешаванд, ки барои воридоти дастгоҳ ва хизмат, ҳамчунин амволи гуногуни дигар аз он ҷумла тамоми ҳуқуқ ва манфиатҳои мустақим ва ғайри мустақиме, ки шахс берун аз кишвар дорост, таъин гардидааст. Дар таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷолибнокии сармоягузории иқтисодиёти кишварро низ ба назар гирифтан зарур аст. Ҷолибнокии сармоягузорӣ - мавҷудияти шароити муайяне, ки ба афзалияти сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Барои муайян кардани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар даҳ соли охир ҷадвали зеринро таҳлил мекунем (ҷадв. 10).

Ҷадвали 10.

Ҳиссаи давлатҳои ҷаҳон дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (миллион доллари ИМА)

№	Кишварҳо	Солҳои 2007-2018	Ҳиссаи давлатҳо дар ҳаҷми умумӣ
	Ҷумҳурии Халқии Хитой	2 580,5	27,5
	Федератсияи Россия	1595,6	17,0
	Қазоқистон	568,0	6,1
	Британия Кабир	645,2	7,0
	Иёлоти Муттаҳидаи Амрико	678,8	7,3
	Филиппин	455,6	4,9
	Эрон	281,7	3,0
	Озарбойҷон	241,9	2,6
	Люксембург	262,7	2,8
	Кипр	208,6	2,3
	Олмон	175,1	1,9
	Аморати Муттаҳидаи Араб	200,5	2,1
	Дигар давлатҳо	1457,7	15,6
	Ҳамагӣ сармоягузориҳо	9351,9	100

Манбаъ: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 10 дида мешавад, дар давоми солҳои 2007-2018 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 61 кишвари ҷаҳон сармоягузорӣ намудаанд. Дар байни онҳо ҳиссаи Ҷумҳурии Халқии Хитой нисбатан зиёд буда – 2 580,5 млн. долл. ИМА ва ё 27,9%-и сармоягузориҳои хориҷиро ташкил медиҳад. Таҳлил нишон дод, ки маблағи лоиҳаҳои қарзии Ҷумҳурии Халқии Хитой ба соҳаҳои алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ, истихроҷи маъдан, васлу насби таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон ва дигар намуди хизматрасонӣ равона гардидааст. Дар ин самт ҳиссаи Федератсияи Расия нисбат ба дигар давлатҳо назаррас аст. Ҳаҷми сармоягузориҳои он ба иқтисоди ҷумҳурӣ беш аз 1 595,6 млн. долл. ИМА ва ё 17,2% сармоягузориро ташкил медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки аз ҷониби Федератсияи Россия асосан ба соҳаҳои сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат, савдо, энергетика, туризм ва дигар намуди хизматрасонӣ сармоягузорӣ карда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки кишварҳои дигар низ дар ин давра ба иқтисоди ҷумҳурӣ сармоягузорӣ намудаанд, аммо ҳиссаи онҳо нисбатан камтар аст. Мисол, Қазоқистон 568,0 млн. долл. ИМА – 6,1% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ, истихроҷ, саноат ва савдо), Британия Кабир – 645,2 млн. долл. ИМА – 7,0% (омӯзиши геологӣ, истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат ва савдо), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – 678,8 млн. долл. ИМА – 7,3% (алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат), Филиппин – 455,6 млн. долл. ИМА – 4,9% (кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонӣ, васлу насби таҷҳизоти технологӣ, хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ ва маориф), Эрон – 281,7 млн. долл. ИМА – 3,0% (саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо), Озарбойҷон – 241,9 млн. долл. ИМА – 2,6% (хизматрасонии молиявӣ), Люксембург – 262,7 млн. долл. ИМА - 2,8% (хизматрасонии молиявӣ), Кипр – 208,6 млн. долл. ИМА – 2,3% (сохтмон, туризм ва савдо), Олмон – 175,1 млн. долл. ИМА - 1,9% (хизматрасонии молиявӣ, васлу насби таҷҳизоти технологӣ), Аморати Муттаҳидаи Араб - 200,5 млн. долл. ИМА - 2,1% (хизматрасонии молиявӣ, омузиши геологӣ ва истихроҷ, саноат ва савдо) ва дигар давлатҳо - 1457,7 млн. долл. ИМА - 15,7% мебошад. Агар бо кӯмаки сармоягузориҳои хориҷӣ мо ба пешбурди ин вазифаҳо муваффақ шавем, ин барои эҷоди иқтисоди муосир саҳми назаррас хоҳад буд. Барои дар оянда беҳтар намудани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди мамлакат чунин пешниҳод дорем:

- таъмини рушди устувории соҳаҳои афзалиятнок бо роҳи имтиёзҳо ва дастгирии давлатӣ;
- таҳияи лоиҳаҳои афзалиятнок, ки таҳким ва густариши иқтидори содиротии кишварро таъмин менамояд;

- ташкили шароити баробар барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ;
- мукаммалгардонии механизми ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ;
- беҳтар намудани фазои сармоягузории ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ.

АДАБИЁТ

1. Бобоев М.К. Республика Таджикистан в контексте экономического развития: роль внешнего финансирования. Душанбе: Ирфон 2006.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе: 2020.
3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан за 2012, Душанбе, 2013.
4. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан /Под общей редакцией Л.Х. Саидмурадова. Душанбе. Ирфон, 2006.
5. Герчикова И.Н. Международное коммерческое дело: Учебник для вузов.- М ЮНИТИ, 1996
6. Жук Н.В. Методологические подходы к структурированию экспортного потенциала региона. // Экономист, 2004
7. Индекс концентрации. Юнктад. [Электронный ресурс]. URL: https://unctadstat.unctad.org/wds/TableViewer/tableView.aspx (дата обращения: 06.12.2020).
8. Каюмов Н.К. Предпосылки и потенциальные возможности формирования индустриально-инновационной экономики в условиях Таджикистана. / Выход постсоветского пространства из системной кризисной цикличности: формирование эволюционной модели экономического развития и расширения ЕАЭС. – М.: Центральный экономико-математический институт РАН, 2015.

ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ - ҲАМЧУН ШАКЛИ ҲАВАСМАНДКУНИИ СОДИРОТ

Дар шароити муосир ҳавасмандкунии содирот яке аз қисматҳои муҳмитарини сиёсати тиҷоратии мамлакат ба шумор меравад. Ҳавасмандкунии содирот пеш аз ҳама гузаронидани сиёсати фаъоли тиҷоратии беруниро талаб мекунад. Дар бешатри адабиётҳои ба иқтисодиёти байналхалқӣ бахшидашуда қайд карда мешавад, ки сиёсати ҳавасмандгардонии содирот мувофиқи қоида фақат доираи сиёсати тиҷорати дар шароитҳои муайяни ичтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

Калидвожаҳо: сармягузорӣ, маблағгузорӣ, тиҷорат, сиёсат, содирот, воридот,ҳавасмандкунӣ

ПРИВЛЕЧЕНИЕ ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ – КАК ФОРМА ЭКСПОРТНОГО СТИМУЛИРОВАНИЯ

В современных условиях продвижение экспорта - одна из важнейших составляющих торговой политики страны. Стимулирование экспорта требует, прежде всего, активной внешнеторговой политики, в основном для стран с развивающимися рынками. В большей части литературы по международной экономике говорится, что политика стимулирования экспорта, как правило, является лишь сферой торговой политики в определенных социально-экономических и политических условиях.

Ключевые слова: инвестиции, торговля, политика, экспорт, импорт, стимулирование.

ATTRACTING FOREIGN INVESTMENT - AS A FORM OF EXPORT PROMOTION

In modern conditions, export promotion is one of the most important components of the country's trade policy. Export promotion requires, first of all, an active foreign trade policy, mainly for countries with emerging markets. Much of the literature on international economics states that export promotion policies tend to be only an area of trade policy in specific socio-economic and political contexts.

Keywords: investment, trade, politics, export, import, incentives.

Сведение об авторе: ***Сафаров Алиджон*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса мировой экономики. Телефон: 901087070. **Электронная почта**: sali70-70@mail.ru

Information about the author: ***Safarov Alijon*** – Tajik national University, second-year master`s student of World Economy. Phone: 901087070. **E-mail:** sali70-70@mail.ru

САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ БА ОН ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲАМКОРИИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ

Сафиев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зери мафҳуми сармояи инсонӣ солимӣ, донишу малака, таҷрибаи доштаи инсон фаҳмида мешавад, ки ба мақсади гирифтани фоида дар раванди истеҳсолот истифода мегардад [1,110]. Маблаггузорӣ ба сармояи инсонӣ – ин маблаггузорӣ барои маориф, тандурустӣ ва андухти нерӯи истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта метавонад. Аз ин рӯ, дар шароити

иқтисодиёти бозорӣ истифодаи хизмат расониҳои иҷтимоӣ шарти муҳими таъмин кунандаи истеҳсолот, андухт ва амалигар донии сармояи инсонӣ мебошад. Аз рӯи методологияи пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ оид ба баҳодиҳии сарвати миллӣ, ҳиссаи сармояи инсонӣ соли 1994 ба ҳисоби миёна дар минтақаҳои ҷаҳон, ки ба он 22 давлат ворид гардида буданд, 64% сарвати миллиро ташкил дод. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир омили асосии истеҳсолот ин андухти илму дониш, таҷриба, малакаю маҳорат, солимӣ ва дигар тавсифдиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ мебошад, ки барои ни гоҳдории онҳо ҳамасола дар ҷаҳон тақрибан 1520 трилион доллари ИМА сарф мегардад [1,97]. Тараққиёти давлатҳои абарқудрати ҷаҳон аввал ба ташаккулёбии иқтисодиёти баъдисаноатӣ ва баъдан ба иқтисоди навиқтисодиёти илм, навоварӣ, низоми иттилоотии глобалӣ, иқтисодиёти меҳнати ақлонӣ, технологияи нав ва бизнеси технологии венчурӣ оварда расонд. Асоси иқтисоди навро андухти сармояи инсонӣ ташкил медиҳад, ки омили асосии рушди иҷтимоӣ иқтисодии ҷамъияти муосир ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои гуногуни сармояи инсонӣ мавҷуданд. Консепсияи сармояи инсонӣ аз ҷониби таҳлилгарони хориҷӣ ба монади У. Боуэн, Л. Туроу, Т. Шульц, Ф. Махлуп мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Онҳо зери мафҳуми сармояи инсонӣ маҷмӯи сифатҳои соҳибкасбии коргарро мефаҳмиданд. Капелюшников Р.И. зери мафҳуми сармояи инсонӣ «дониш, маҳорат ва қобилияти инсонро мефаҳмад, ки барои рушди қувваи истеҳсолии вай мусоидат менамояд» [1,130].

Ба ақидаи мо камбудии ин таъриф оид ба маънидодкунии сармояи инсонӣ дар он зоҳир мегардад, ки танҳо бо номбаркунии унсурҳои таркибии он ҷамбаст гардида, мазмуну моҳият ва нақши онҳоро дар раванди мукаммалгардонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ нишон надодааст. Дастоварди бузурги афкори иқтисодии муосир тадқиқоти калонтарини Беккер Г. «Сармояи инсонӣ» (Вескег G. Human Capital. N.Y., 1964) гардид, гарчанде саҳми асосиро барои мардумисозии мафҳуми сармояи инсонӣ Т.Шултс гузошта буд. Коркарди асосҳои микроиқтисодии ин назария дар тадқиқоти фундаменталии Беккер Г. ифода ёфта буданд. Тамсилаи дар он ташаккулёфта барои тамоми тадқиқотҳои оянда дар ин самт ҳамчун асос ба ҳисоб меравад. Вай чунин мешуморид, ки сармояи инсонӣ ин захираи дониш, маҳорат ва ҳавасмандии доштаи ҳар нафар мебошад. Маблаггузорӣ ба он метавонад маблаггузорӣ ба маориф, андухти таҷрибаи истеҳсолӣ, ҳифзи солимӣ, зудҳаракатии географӣ, ҷустуҷуи маълумот ба ҳисоб равад. Нуқтаи асосӣ барои Беккер дарки ҳолате буд, ки дар ҳолати гузоштани маблағҳои худ ба тайёрӣ ва гирифтани маълумотнокии хонандагон ва волидайни онҳо худро озод эҳсос менамоянд ва фоидаю хароҷотро муқоиса менамоянд. Ба ақидаи Г.Беккер « ташаккулёбии сармояи инсонӣ аз ҳисоби маблаггузорӣ ба инсон амалӣ мегардад, ки ба онҳо мумкин аст омӯзиши омода кардан дар истеҳсолот, хароҷотҳо барои тандурустӣ, муҳоҷират ва ҷустуҷӯи маълумот оид ба нархҳо ва даромадҳо дохил намуд» [1, 130]. Таърифи мазкур имкон медиҳад, ки сармояи инсониро ба сармояи маърифатӣ, солимӣ, тайёрии касбӣ дар истеҳсолот (такмили ихтисос, таҷрибаи истеҳсолӣ, маҳорат) доштани иттилооти барои иқтисод зарур (оид ба нархҳо ва даромадҳо), муҳоҷират (зудҳаракатии аҳолӣ), ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ҷудо намоем.Чунин гуруҳбандии сармояи инсонӣ ба ақидаи мо дар ҳолати муайяннамоии нақши функсионалии соҳаҳои доираи хизматрасонӣ дар раванди истеҳсолот зарур мебошад. Дар ин ҳол раванди боҳамалоқамандии субъекти хизматрасон ва фармоишгари хизмат ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он расонидан ва истеъмоли хизмат сурат мегирад. Ин ақида дар таърифи пешниҳоднамудаи сармояи инсонӣ аз ҷониби Ильинский И.В. исботи худро меёбад, ки чунин аст: «сармояи инсонӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиеро ифода менамояд, ки дар ра ванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ байни субъектҳои он оид ба ташаккул, рушд ва мукаммалгардонии маҳорати инсон ба вуҷуд меоянд» [1,45]. Бо назардошти дигаргун гаштани шакли хоҷагии халқ ва пешрафти он дар натиҷаи пайдошавии шароити нави хоҷагидорӣ, ки андухти унсурҳои сарвати ғайриашёӣ (дастовардҳои илмӣ, афзоиши сатҳи маълу мотнокии аҳолӣ ва гайра) дар рафти истеҳсолоти ҷамъиятӣ аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Дар шароити имрӯза таърифи пешниҳоднамудаи М.М. Критский муҳимият пайдо менамояд, ки чунин мешуморад: «асоси сармояи инсониро ҳаракати субъекти иқтисодӣ ҳамчун қувваи нави прогресси ҷамъиятӣ, ҳамчун фардикунонии меҳнати бевосита ва фаъолияти интеллектуалӣ ташкил медиҳад» [1,45]. Дар шароити муосир омили асосии

истеҳсолот натанҳо андухти неъматҳои моддӣ ва хизматҳо, балки андухти маълумотнокӣ, таҷриба, маҳорат, солимӣ, сатҳи рушди ҷисмонӣ ва дигар унсурҳои сармояи инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Таърифи нисбатан амиқи сармояи инсонӣ ба ақидаи мо дар ҳошияи ин роҳу равиш аз ҷониби А.И.,Добринин, С.А.Дятлов ва Сиренова Е.Д., ташаккул дода шудааст. Онҳо зери мафҳуми сармояи инсонӣ дар натиҷаи маблаггузорӣ ва андухти захираи саломатӣ, дониш, маҳорат, қобилият, мотиватсияи ташаккулёфтаро мефаҳманд, ки дар ин ё он соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ мақсаднок истифода мегардад, барои афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот мусоидат намуда, ба афзоиши даромади худи одам таъсир мерасонад» [1,25]. Тамоми таърифҳои дар боло овардашуда дар инсон мавҷуд будани чунин сифатҳоро муайян менамояд, ки ба сифати субъекти хариду фурӯш баромад менамоянд ва сарчашмаи даромади инсон мебошанд. Аз инҷост, ки дар илми иқтисодӣ сармояи инсонӣ қобилияти иштирок намудани одамонро дар раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ифода менамояд. Ин донишу малака ва маҳорат мебошад, ки ба афзоиши ҳосилнокии меҳнати фард мусоидат менамояд, ки аз тарафи фардҳо тавассути маблаґгузорӣ ба маълумотнокӣ, беҳдошти солимии худ ва дигар фаъолиятҳо ташаккул дода мешавад. Ба сармояи инсонӣ маблаґгузорӣ намуда, одамон даромади имрӯзаашонро барои афзун намудан дар оянда мегузоранд. Дар ҳолати мазкур маҳз соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ объекти асосии равона намудани маблаггузорӣ бо мақсади мукаммалгардонии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои самаранокии ингуна маблаггузориҳо дар вобастагии бевоситаи сатҳи тараққиёти соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ қарор доранд, ки қобилияти таъминнамоии афзоиши даромадро дар оянда ва афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятиро доранд. Масъалаи истеҳсоли сармояи инсонӣ дар адабиёти иқтисодӣ тез-тез таҳлил карда мешавад. Табиатан инсон дар навбати аввал худ барандаи як қатор қобилият ва хусусиятҳои модарзодӣ мебо шад ва баъдан сифатҳои андухташуда. Аз рӯи нақши иқтисодияшон онҳоро ба захираҳои табиӣ ва сармояи ҷисмонӣ муқоиса намудан мумкин аст. Чунки инсон дар шакли ибтидоии худ ҳамчун захираҳои табиӣ ягон самараи иқтисодӣ намеорад, аммо баъди хароҷотҳои муайян ва тайёрии муайян сармояи инсонӣ ташаккул меёбад, ки қобилияти даромад оварданро дорад. Раванди ташкили қобилияти истеҳсолии инсонро тавассути маблаггузорӣ ба равандҳои хосаи фаъолияти фард истеҳсоли сармояи инсонӣ номидан мумкин аст. Ҳамзамон, маблаґгузориҳо метавонанд духела, яъне ҳамчун гузоштани воситаҳои молиявӣ ва ҳамчун шакли фаъолияти муайян баррасӣ гарданд. Дар шакли умум ба маблаггузории сармояи инсонӣ тамоми маблаґгузориҳоро ба инсон ҳам дар шакли пулӣ ва дигар шаклҳо фаҳмидан мумкин аст, ки хусусияти мақсаднок доранд, яъне ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат мусоидат намуда, ба афзоиши даромади одам кумак мекунанд. Аз дигар тараф чунин шаклҳои асосии фаъолият ба монанди маориф, тайёрии касбӣ, беҳдошти саломатӣ, афзоиши захираи иттилоот ин фаъолияти маблаґгузории афзункунандаи сармояи инсонӣ мебошанд. Аз ҳамаи самти афзалиятноки маблаґугзорӣ ба сармояи инсонӣ ин маблаґгузорӣ ба тандурустӣ ва маориф мебошад.

Дар шароити муосир аллакай мусаллам аст, ки тақдири ояндаи натанҳо шахси алоҳида, балки ин ё он давлат аз сатҳи маълумотнокӣ (маориф) ва ҳолати солимии аҳолӣ вобаста мебошад. Аз рӯи як қатор маълумотҳо ва баҳодиҳии мавҷудбуда дар давлатҳои тараққикарда 60%и даромади миллӣ аз ҳисоби дониш ва маълумотнокии ҷамъият сурат мегирад. Байни унсурҳои сармояи инсонӣ ба монади маориф ва тандурустӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад. Барои инсони солим омӯзиш ва кор кардан нисбатан осонтар мебошад. Инчунин, инсони соҳибмаълумот ба саломатии худ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ягон одам агар надонад, ки омӯзиш ва кор барояш дар ҳақиқат зарур аст ва фоидаовар аст, ба омӯзиш ва кор машғул намешавад. Маблаґҳо барои баландбардории такмили ихтисос ва қобилияти коргар равона карда шаванд, чунки ин хароҷотҳо ба монанди хароҷот барои дастгоҳҳо бо даромади зиёд дар оянда рӯйпӯш мегарданд. Хусусияти маблаґгузорӣ ба сармояи инсонӣ аз он иборат аст, ки боздеҳи онҳо бевосита аз давомнокии умри барандааш вобаста мебошад. Ин шакли сармоя ба фарсоиши ҷисмонӣ ва маънавӣ дучор мегардад ва ҳамзамон имконияти андухт ва афзоишро доро мебошад. Маълумоти умумӣ ва махсус сифати маълумотнокии одамро беҳтар намуда, сатҳ ва захираи дониши инсонро афзун

намуда, ҳаҷм ва сифати сармояи инсониро афзун менамоянд. Маблағгузорӣ ба маълумоти олӣ ба ташаккулёбии мутахассисон, меҳнати баландихтисос мусоидат менамояд, ки ба суръати рушди иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонанд. Сармояи инсонии маънавӣ ва марифатӣ ин маҷмӯи қобилияти интелектуалӣ, маҳорату малака, сифати маънавиёт, касбият мебошад, ки истифода шуда истодаанд ё дар раванди фаъолияти меҳнатӣ истифода мегар данд. Сатҳи тараққиёти сармояи инсонии маърифатӣ ва маънавӣ аз сатҳи тараққиёти чунин соҳаҳо ба монади маориф, илм, фарҳанг ва санъат вобаста мебошад.

Сатҳи тараққиёти соҳаҳои он бевосита ба ҳосилнокии меҳнати коргар ва мукаммалгардонии қобилияти меҳнатии коргар таъсир мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. /Основные показатели внешнеэкономических связей Республики Таджикистан/. - Душанбе, 2019.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический сборник. /Основные показатели внешнеэкономических связей Республики Таджикистан/. - Душанбе, 2018.
3. Каримов М.Т. Эффективность внешнеторговой деятельности Таджикистана. //Пайёми иктисодй. – 2010. - №5.- С 16-20.
4. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. - Душанбе, 2001.
5. Оймаҳмадов М., Муртазоев М. Иқтисодиёти ҷаҳон. – Теҳрон, 2001. – 802 саҳ.
6. Оймахмадов М., Махшулов М. Основы внешнеэкономической деятельности. – Душанбе: Ирфон, 1997.
7. Омори солонаи ҶТ. Душанбе, 1995-2006.
8. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба МО ҶТ аз 25 апрели соли 2008/ www.president.tj/Паём
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 декабри соли 2019// Минбари халк.- 2019.-28 декаб.-С.2-3.

САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ БА ОН ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲАМКОРИИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ

Дар шароити густариш ёфтани алоқаҳои байнисоҳавӣ, яъне алоқамандии бахши илм ва истеҳсолот, ки дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ин раванд назаррас мебошад, омӯзиш ва дарк намудани таҷрибаи онҳо барои мо шарти муҳим ва саривақтӣ маҳсуб меёбад. Ташкили минтақаҳои озоди инкишофи илмӣ-техникӣ ҳамчун элементи таркибии инфрасохтори фаъолияти иноватсионӣ ба шумор рафта, дар асоси моделҳои таҳвиятбахши ин раванд амалӣ карда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳаёти имрӯзаи инсониятро бе табодули ахборотӣ ва татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳаминро ба инобат гирифта, дар кулли мамлакатҳои пешрафта ҳамоҳангосозии фаъолияти соҳаҳои илмӣ ва истеҳсолӣ ривоҷу равнақ дода мешавад.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, маблағгузорӣ, содирот, воридот, тиҷорат, иқтидор.

ЧЕЛОВЕЧЕСКИЙ КАПИТАЛ И ВЛОЖЕНИЯ В НЕГО КАК ФАКТОР РАСШИРЕНИЯ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВО

В контексте развития межотраслевых отношений, то есть взаимозависимости науки и производства, что имеет большое значение для многих стран мира, изучение и понимание их опыта является для нас важным и своевременным условием. Создание свободных зон научно-технического развития является неотъемлемой частью инфраструктуры инновационной деятельности и основывается на усиливающих моделях этого процесса. Следует отметить, что современную жизнь человека невозможно представить без обмена информацией и применения научных достижений в производстве. С учетом этого во всех развитых странах будет развиваться координация научной и производственной деятельности.

Ключевые слова: человеческий капитал, инвестиции, экспорт, импорт, торговля, потенциал.

HUMAN CAPITAL AND INVESTMENT IN IT AS A FACTOR FOR THE EXPANSION OF SCIENTIFIC AND TECHNOLOGICAL COOPERATION

In the context of the development of intersectoral relations, ie the interdependence of science and industry, which is significant in many countries around the world, the study and understanding of their experience is an important and timely condition for us. Establishment of free zones of scientific and technical development is an integral part of the infrastructure of innovative activity and is based on the strengthening models of this process. It should be noted that it is impossible to imagine modern human life without the exchange of information and the application of scientific achievements in production. With this in mind, coordination of scientific and industrial activities will be developed in all developed countries.

Keywords: human capital, investment, exports, imports, trade, capacity.

Сведения об авторе: ***Сафиев Абубакр*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса мировой экономики. **Телефон**: 918744456**. Электронная почта** - abu2020@mail.ru

Information about the author*: Safiev Abubakr* – Tajik National University, second-year master's student in World Economy. **Phone**: 918744456. **E-mail** - abu2020@mail.ru

ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

Умаров А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани робитаҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва истифодаи онҳо барои рушди устувори иқтисодиёт бо назардошти шароити табиӣ, демографӣ, меҳнатӣ ва шароити дигари кишвар равона шудааст. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати "Дарҳои боз" дар соли 2002 самаранокии худро нишон дод. Ин сиёсат дар солҳои истиқлолият нишон дод, ки барқарор намудани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва созмонҳою институтҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир ба таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад. Сиёсати "дарҳои боз" ба рушди кишвар, таъмини амнияти миллӣ оварда расонид ва имкон дод, ки дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистон мавқеъи худро нишон диҳад [16, с.1]. Идомаи ин сиёсат, ки муносибатҳои башардустонаи Тоҷикистонро бо тамоми миллатҳо ва кишварҳои ҷаҳон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми шарикони минтақавӣ ва байналмилалиро дар назар дорад, дар давраи гузариши кунунӣ барои ҷаҳони муосир дар сатҳи баландтарин ҷавобгӯ буда, манфиатҳои давлатӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя менамояд. Натиҷаи муҳими ин иқдом вуруди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо аз 2 марти соли 2013 мебошад. Узвият дар ин ташкилотро ба таври қонунӣ метавон дастоварди муҳими сиёсати кишвар арзёбӣ кард. Тоҷикистон ба як иштирокчии комилҳуқуқи ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ табдил ёфт ва ба иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ ворид гардид. Дар айни замон, Тоҷикистон яке аз иштирокчиёни фаъоли ин созмони бонуфуз ба шумор меравад ва дар доираи талаботҳои худ ҳамкориҳои иқтисодиро бо кишварҳои узв тавсеа ва рушд медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръати замони муосир ва мунтазам баланд шудани нақши мушкилотҳои иқтисодӣ дар сиёсати байналмилалӣ, татбиқи самараноки дипломатияи иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ ва давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳадафи дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон ташаккули иқтисодиёти самаранок тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин таъмини амнияти иқтисодии кишвар мебошад. Тоҷикистон субъекти фаъоли ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ саҳми назаррас дорад. То имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ 4 ташаббуси ҷониби Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намудааст, аз ҷумла: 2003 - Соли байналмилалии оби тоза, 2005-2015 - Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028". Дар шароити тағирёбии иқлим, вақте ки масъалаи ҳифзи муҳити зист ва захираҳои оби тозаи нӯшокӣ барои сокинони сайёра ба як мушкили асосӣ табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт ҳамчун як ташаббускор ва пешво дар арсаи ҷаҳон шинохта шудааст. Дар бораи ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар доираи татбиқи самарабахши сиёсати хориҷӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки пешниҳодҳо ва ӯҳдадориҳои кишвари мо танҳо бо масъалаҳои марбут ба об маҳдуд нестанд [5, с.150-154]. Имрӯзҳо ба дипломатияи иқтисодӣ аҳамияти калон дода шуда, дар консепсияи нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон он дар пункти алоҳида таъкид шудааст. Бо мақсади пешбурди манфиатҳои иқтисодӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гурӯҳҳои соҳибкорон ва сармоягузорони кишварҳои гуногун ҳамеша мулоқотҳои судманд ба анҷом мерасонад.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 30 соли Истиқлолияти давлатӣ дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ва мустаҳкам намудани ҷойгоҳи худ дар арсаи ҷаҳонӣ натиҷаҳои назаррасро ба даст овард, ки ин аз хизматҳои бузурги Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Вусъат ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳо ва ташкилотҳои ҷаҳон мутобиқи манфиатҳои миллӣ ва шарикӣ асоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Кишвари мо дар асоси сиёсати "Дарҳои боз" робитаҳои бисёрҷонибаро бо тамоми давлатҳо ва ташкилотҳое, ки манфиатҳои миллии моро эҳтиром мекунанд, густариш додааст ва дурнамои чунин ҳамкориҳои мутақобилан судманд, ки ҳадафи башардӯстона доранд идома дорад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ дипломатияи тоҷик ба муваффақиятҳои бузург ноил гардида, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як кишвари посдори сулҳ ва ташаббускори ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ)

Дар партави рӯйдодҳои солҳои охир мо шоҳиди афзоиши нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар ташкили ҳамкорӣ дар фазои муносибатҳои байналмилалӣ мебошем. Натиҷаҳои назарраси ин ташкилоти бонуфуз дар соҳаи амният, таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии миёни иштирокчиёни он бараъло дида мешавад. Аз сабабе, ки мушкилоти ҷаҳони муосир мураккаб ва ба ҳам алоқаманд мебошанд, хусусияти ҳамкории кишварҳои аъзои созмон, амалӣ гардонидани чораҳои зарурӣ ва таъмини соҳаҳои иқтисодӣ, молиявӣ, энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ дар доираи СҲШ мебошад. Ба туфайли ҳамкории зич дар доираи СҲШ рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии кишварҳои СҲШ, афзоиши доимии ММД, баланд гаштани ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисоди кишварҳои СҲШ ба назар мерасад. Барои Тоҷикистон шомил шудан ба СҲШ бо кушодани самтҳои нав, дар соҳаи ҳамкориҳои иқтисодӣ алоқаманд аст. Бо кӯмаки қарздиҳии имтиёзноки Фонди Рушди СҲШ дар Тоҷикистон роҳҳо таъмир карда шуда, системаҳои баландшиддати барқӣ ба Шимол ва Ҷануб сохта шуданд.

Ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия. Тоҷикистон ва Руссияро таърихан анъанаи чандинасраи наздик ҳамкорӣ ва дӯстии халқҳо, фарогирии амиқи фарҳангҳо ба ҳам мепайвандад. Русия яке аз аввалинҳо шуда истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистонро эътироф кард. Асос барои муқаррар намудани муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити рушди мустақил Протокол дар бораи муносибатҳои дипломатӣ байни ду давлат, 8 апрели соли 1992 дар Душанбе ба имзо расидааст[1, с. 1-2]. Тоҷикистон ва Россия аз ҳама бештар масъалаҳои консептуалии сиёсати байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҳамгироиро ҷонибдорӣ мекунанд. Дар баробари ин, ба масъалаҳои муассир ҳамкорӣ дар доираи чунин ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба монанди СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, ЕВРАЗЭС, СПАД аҳамияти махсус дода мешавад [7, с. 8-10]. Нақши калидӣ дар рушд ва таҳкими иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ ҳамкорӣ ба Комиссияи байниҳукумати дар бораи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистону Россия тааллуқ дорад. Россия шарики асосии тиҷорию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоб рафта, ҳиссаи Федератсияи Россия дар тавозуни савдои ҷумҳурӣ ба беш аз 20% мерасад. Яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои иқтисодии Россия ва Тоҷикистон, ки ҳам ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба ҳамгирой таъсир мерасонад, бешубҳа, сармоягузории мустақими Россия ба соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, ба монанди энергетика, истеҳсолоти саноатӣ, истихроҷи маъдан, саноати металлургӣ ва сохтмон, нақлиёти ҳавопаймой ва роҳи оҳан, соҳаи технологияҳои баланд, кишоварзӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии халқииЧин. Дар рушди иҷтимой ва иқтисодии Тоҷикистон нақши муҳимро муносибат бо Ҷумҳурии халқии Чин мебозад. Кушодани алоқаи мустақими роҳи автомобилгард байни Тоҷикистон ва Чин, инчунин оғози татбиқи барномаи калони қарздиҳӣ Пекин барои иқтисодиёи Тоҷикистон натанҳо ба якбора афзоиши миқёси савдо оварда расонид, балки ба бахши воқеии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ

бахшид. Чин бо истифодаи барномаи қарздиҳӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон фаъолона шурӯъ кард. Қарзҳои имтиёзноки Чин барои баъзе лоиҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ дошта дар Тоҷикистон заминаи асосиро ташкил медиҳанд. Дар ин робита, имрӯз ҶХЧ бузургтарин қарздиҳандаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Маблағҳои қарзиро Пекин, чун қоида, тавассути бонки содироти-воридотии ҶХЧ дар ширкатҳои чинӣ дар Тоҷикистон бо ҷалби таҷҳизот ва қувваи кории худ ҷудо мекунад. Дар натиҷа, ҷумҳурии мо аксаран ягон ҷойи кори нав ё рушди технологияро ба даст намеорад. Аз ин рӯ, сарфи назар аз сохтмонҳое, ки ширкатҳои чинӣ анҷом медиҳанд, шумораи муҳоҷирати муҳоҷирони тоҷикро ба Россия кам намекунад. Бо мақсади боз ҳам васеъ кардани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, Чин ният дорад, ки сиёсати қарздиҳиро ба иқтисодиёти кишвар идома диҳад [9, с. 1-2]. Тақрибан 70% гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон ба кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай рост меояд. Ҳаҷми мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои СҲШ аз аввали соли 2019 беш аз 927,3 миллион долларро ташкил додааст, ки 69,4% ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷиро ташкил медиҳад. Гардиши молу маҳсулоти Тоҷикистону аксари кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар нӯҳ моҳи аввали соли 2019 коҳиш ёфт. Тибқи маълумотҳои оморӣ, ҳаҷми табодули мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар ин давра беш аз 2 миллиарду 187,9 миллион долларро ташкил додааст, ки беш аз 1 миллиарду 860 миллион доллар аз ҳисоби воридоти мол аз кишварҳои дигари СҲШ мебошад. Дар ин давра гардиши савдо бо Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Ҳиндустон мусбат арзёбӣ гардидааст. Аммо, ҳаҷми мубодилот бо дигар кишварҳои СҲШ - бо Чин - 4,6%, Россия - 0,6%, Қирғизистон - 15,9% ва Покистон - 20,5% коҳиш ёфтааст. Шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар СҲШ Россия, Қазоқистон, Чин ва Узбекистон мебошанд. Ҳаҷми мубодила бо ин кишварҳо дар ин давра беш аз 2 миллиарду 93,9 миллион долларро ташкил додааст [10, с. 243-245]. Гардиши савдои байни Тоҷикистон ва дигар кишварҳои аъзои СҲШ, ба ҷуз Узбекистон, дар ин давра манфӣ шуд, яъне воридоти молҳо аз ин кишварҳо ба Тоҷикистон баъзан нисбат ба содирот бартарӣ дошт. Дар панҷ моҳи соли 2020 низ ҳаҷми мубодилот бо панҷ кишвари Созмони ҳамкориҳои Шанхай коҳиш ёфт. Бо такя бо маълумотҳои оморӣ, дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тиҷорат бо Қирғизистон - 25,3%, Ӯзбекистон - 12,5%, Ҳиндустон - 0,6%, Чин 22,2% ва Покистон - 58,2% коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми мубодилот бо кишварҳои аъзои СҲШ дар давраи муайяншуда беш аз 1 миллиарду 158,1 миллион долларро ташкил додааст, ки беш аз 1 миллиарду 13 миллион доллари он ба воридоти мол аз кишварҳои дигари СҲШ рост меояд. Дар ин давра гардиши мол танҳо бо Қазоқистон ва Россия мусбат арзёбӣ мегарад. Ҳаҷми мубодила бо Россия, Қазоқистон, Чин ва Узбекистон дар ин давра (соли 2020) 1 миллиарду 118,7 миллион долларро ташкил додааст [11. с.43-45].. Гардиши савдои байни Тоҷикистон ва дигар кишварҳои аъзои СҲШ дар соли 2020 манфӣ шуд, яъне воридоти молҳо аз ин кишварҳо ба Тоҷикистон баъзан нисбат ба содирот бартарӣ дошт. Сабаби асосии манфӣ гардидани гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои СҲШ баста гаштани сарҳадҳо бо сабаби паҳншавии бемории сироятии каронавируси COVID-19 мебошад. Бемори сироятии каронавируси COVID-19, ки минтақа ва ҷаҳон фаро гирифт, ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва молиявиии аксари кишварҳои ҷаҳон, ҳамчунин ба ҷараёни рушди муносибатҳои байнидавлатии давлатҳои аъзои СҲШ дар соҳаҳои мухталифи ҳамкорӣ таъсири манфӣ расонид.

Новобаста аз баъзе мушкилиҳои иқтисодии ду соли охир, мо метавонем хулоса барорем, ки ҳамкории зичи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ метавонанд ба раванди рушди пай дар пайи он ва боз ҳам баланд бардоштани нақши он дар таъмини сулҳ ва шукуфоӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Душанбинская Декларация глав государств Республики Казахстан, КНР, Кыргызской Республики, РФ и Республики Таджикистан. URL: http: www.inpravo.ru
2. Декларация о создании Шанхайской Организации Сотрудничества. URL: http: www.SCO.ru
3. Досье о ШОС // Жэньминь Жибао. 2004. № 1. С. 5–7.

4. Закон Республики Таджикистан о дипломатической службе. [электронный ресурс]. URL:https://mfa.tj/ru/main/view/122/zakon-respubliki-tadzhikistan-o-diplomaticheskoi-sluzhbe (дата обращения: 14.06.2020)
5. Игнатов А.В. «Международные инициативы как инструмент повышения внешнеполитического авторитета Республики Таджикистан». Вестник КРСУ. 2015. Том 15. № 10. -С.150-154.
6. Концепция внешней политики Республики Таджикистан (Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332). [электронный ресурс]. URL: https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan
7. Лукин А. Шанхайская Организация Сотрудничества: проблемы и перспективы // Международная жизнь. 2004. № 3. С. 8-10.
8. Министерство иностранных дел Таджикистана. URL: http://mfa.tj/ru/
9. Официальный сайт Шанхайской организации сотрудничества. URL: http:www.SCD
10. Статистический сборник Республики Таджикистан за 2019 год.
11. Статистический сборник Республики Таджикистан за 2020 год.
12. Сомонаи URL: www.Asiaplus.tj
13. Салимов Ф.Н. «Нақш ва мақоми дипломатияи иқтисодӣ дар арсенали сиёсати хориҷии давлат» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2019. №4. – с.13-20;
14. Салимов Ф.Н. «Нақши роҳбари давлат дар ташаккули дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2019. №5. Қисми I. –С. 12-18;
15. Сатторзода А. «Сиёсати бисёрсамтӣ ва дурнамои он. Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир». Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 11 декабри соли 2019).–Душанбе: ДМТ, 2019. – С.17.
16. Сироджидин Аслов. Путеводный документ внешней политики Республики Таджикистан. [электронный ресурс]. URL:https://mfa.tj/ru/main/view/1000/statya-ministra-inostrannykh-del-tadzhikistana (дата обращения: 13.06.2020)

ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои ҷаҳон, созмону институтҳои байналмилалӣ баррасӣ намудааст. Сиёсати хориҷии ҳар як давлат ба манфиатҳои давлатӣ ва миллии он асос ёфта, ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои он равона карда шудааст, ки бо талаботи вазъи ҷории геополитикӣ ва гео-иқтисодӣ мувофиқ бошанд. Дар ин замина, ҳадафи дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон рушди иқтисодиёти муассир тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳон, инчунин таъмини амнияти иқтисодии кишвар мебошад. Бо мақсади густариши робитаҳои иқтисодии дуҷониба ва бисёрҷониба ва ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Калидвожаҳо: дипломатияи муосир, дипломатияи иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, тиҷорати ҷаҳонӣ, сиёсати иқтисодӣ.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ДИПЛОМАТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

В этой статье автор обсуждает экономическую дипломатию Республики Таджикистан со странами мира, международными организациями и учреждениями. Внешняя политика каждого государства основывается на его государственных и национальных интересах и направлена на его цели, задачи и направления, отвечающие требованиям текущей геополитической и геоэкономической ситуации. В этом контексте целью экономической дипломатии Таджикистана является развитие эффективной экономики за счет привлечения иностранных инвестиций, интеграции Республики Таджикистан в региональную и мировую экономику, а также обеспечение экономической безопасности страны. Принимаются необходимые меры для расширения двусторонних и многосторонних экономических связей, и международного экономического сотрудничества.

Ключевые слова: современная дипломатия, экономическая дипломатия, международные экономические отношения, мировая торговля, экономическая политика.

ECONOMIC DIPLOMACY OF TAJIKISTAN

In this article, the author discusses the economic diplomacy of the Republic of Tajikistan with countries of the world, international organizations and institutions. The foreign policy of each state is based on its state and national interests and is aimed at its goals, objectives and directions that meet the requirements of the current geopolitical and geo-economic situation. In this context, the goal of Tajikistan's economic diplomacy is to develop an efficient economy by attracting foreign investment, integrating the Republic of Tajikistan into the regional and world economy, as well as ensuring the country's economic security. The necessary measures are being taken to expand bilateral and multilateral economic ties and international economic cooperation.

Keywords: modern diplomacy, economic diplomacy, international economic relations, world trade, economic policy.

Сведения об авторе: ***Умаров Атобой Шерафганович*** – магистр первого курса финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **0000 471 98**

Information about the author: ***Umarov Atoboy Sherafganovich*** – Tajik National University, first-year master`s student of Faculty of Finance and Economics. Phone: **0000 471 98**

ТАНЗИМИ ГУМРУКИЮ ТАРИФӢ ҲАМЧУН ФИШАНГИ СИЁСАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ МАМЛАКАТ

Файзуллоев У.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Низоми гумрукии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути чораҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ ба амал бароварда мешавад. Танзими ғайритарифӣ низоми чораҳое мебошад, ки мутобиқи усулҳои (шаклҳои) маъмурӣ ва иқтисодии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар мавриди барасмиятдарории гумрукии амалиёти содироту воридот истифода мешаванд. Ба ин чораҳо маҳдудиятҳои миқдорӣ, экспертизаи қарордодҳо, квотаю литсензиякунонӣ ва монеаҳои техникӣ дохил мешаванд. Чораҳои ғайритарифӣ метавонанд боиси маҳдуд сохтани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ гарданд. Системаҳои мухталифи назорати содироту воридот ва чораҳои дигаре, ки ҷомеъаи ҷаҳонӣ онҳоро ҳамчун маҳдудкунии тиҷорати хориҷӣ арзёбӣ менамояд, мисоли чунин чораҳо бошанд. Танзими таснифи низоми чораҳои танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад, ки ба ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ бо роҳи истифодаи мизонҳои тарифӣ асос меёбад. Тарифи гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини танзими гумрукӣ, маҷмӯи муназзами мизони боҷу хироҷи гумрукиест, ки мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нисбати молҳои аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда татбиқ мегардад. Тарифи гумрукӣ, инчунин усулҳои муайян намудани арзишӣ гумрукии мол ва ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ, механизми ҷорӣ намудан, тағйир додан ва бекор кардани онҳо, қоидаҳои муайян намудани кишвари асли баромади молро дар бар мегирад. Дар Ҷумҳурии мо он мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифи гумрукӣ" танзим мегардид. Тарифи гумрукӣ аз лиҳози иқтисодӣ категорияи арзишӣ, танзими бозаргонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Танзими тарифӣ бо роҳи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба амал бароварда мешавад. Яъне, танзими гумрукию тарифӣ маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ гардида, ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст. Мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми интиқоли мол (кору хизматрасонӣ) аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои дигар пардохтҳои гумрукии зерин супорида мешаванд:

- боҷи гумрукӣ;
- андози арзиши иловашуда (НДС);
- аксиз;
- ҳаққи додани литсензия аз тарафи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барқарор намудани эътибори литсензияҳо;
- ҳаққи додани шаҳодатномаи ихтисосии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ ва барқарор намудани эътибори шаҳодатнома;
- боҷу хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ;
- боҷу хироҷи гумрукӣ барои нигоҳдории мол;
- боҷу хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукии мол;
- музд барои қабули қарори ибтидоӣ;
- музд барои иштирок дар музоядаҳои гумрукӣ.

Боҷу хироҷи гумрукӣ мутобиқи низоми гумрукии муайяннамудаи мақомоти гумруки Ҷумҳурӣ пардохта мешаванд. Барои пурра тасаввур кардани пардохтҳои гумрукӣ ҷанбаҳои муҳимтарини танзими гумрукию тарифии фаъолияти иқтисодии хориҷиро баррасӣ менамоем. Яке аз шаклҳои асосии пардохтҳои гумрукӣ боҷу хироҷи

гумрукӣ мебошад. Боҷу хироҷи гумрукӣ навъи пардохтест, ки аз ҷониби мақомоти гумрук ҳангоми ворид сохтани мол (кору хизматрасонӣ) ба қаламрави гумрукии кишвар ё содир намудани мол (кору хизматрасонӣ) аз ин қаламрав ситонида шуда, шарти чунин воридот ё содирот мебошад. Ҳангоми содирот ва воридот мутобиқан боҷу хироҷи содиротӣ ва воридотӣ супурда мешавад. Онҳо қисми муҳими таркибии системаи танзими иқтисодии содирот ва воридоти мол ба хориҷи кишвар буда, аз ҷониби давлат барои ҳавасмандгардонии таҳвили савдои хориҷии мол, ки дар вусъати содироти он давлат манфиатдор аст, татбиқ мешаванд. Ғайр аз ин, давлат ҷорӣ намудани боҷу хироҷи гумрукиро ба сифати роҳи маҳдуд кардан ё боздоштани молҳое истифода менамояд, ки воридоти онҳо дар давраи мазкур мувофиқи мақсад нест. Мизони боҷу хироҷи содиротӣ ва воридотиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Боҷу хироҷи гумрукӣ воситаи муҳимтарини танзими нархи молҳои содиротӣ ва воридотӣ мебошад. Истифодаи оқилонаи он аввал барои беҳбуди фаъолияти иқтисодии хориҷии содиркунанда ва ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз молҳои хориҷии рақобаткунандаи шабеҳ, шароити мусоид фароҳам меорад, дувум вазифаи фискалиро иҷро карда, буҷети давлатии кишварро ба таври назаррас афзун мегардонад. Чунин ҳолат бо андозаи мизони боҷу хироҷи гумрукӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мешавад, таъмин мегардад. Навъҳои зерини мизони боҷу хироҷ истифода бурда мешаванд:

- адвалорӣ, ки ба ҳисоби фоизи арзиши гумрукии молҳои мавриди боҷбандӣ ҳисоб карда мешаванд;
- махсус, ки ба андозаи муқарраргардида барои воҳиди мол мавриди боҷбандӣ ҳисоб карда мешавад. Агар нисбати мол мизони махсуси боҷу хироҷи гумрукӣ муқаррар шуда бошад, асоси ҳисоб кардани боҷу хироҷи гумрукӣ миқдори мол мебошад;
- омехта, ки ҳарду навъи номбаршудаи боҷбандии гумрукиро дар бар мегирад.

Ҳоло дар Ҷумхурии Тоҷикистон мизонҳои махсус ва омехтаи боҷу хироҷи гумрукӣ барои молҳои воридотӣ истифода бурда намешаванд, зеро гузариши оммавӣ ба мизони адвалории боҷу хироҷи гумрукии низоми таснифоти тарифии молро хеле содда карда, калонию ҷудоии онро камтар мекунад. Боҷу хироҷи гумрукӣ аз рӯи намудҳои худ фарқ мекунад. Онҳоро аз рӯи хусусиятҳои иқтисодӣ ва мавсимӣ, инчунин соҳаҳои истифодаашон ба гурӯҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- мавсимӣ;
- хоса;
- танзимшавандаи минтақавӣ

Боҷу хироҷи мавсимии гумрукӣ барои танзими фаврии воридоту содироти мол муқаррар карда мешавад. Дар айни замон мизони боҷу хироҷи гумрукии дар тарифи гумрукӣ пешбинигардида истифода намешавад. Мӯҳлати амали он ба таври тафриқанок барои гурӯҳҳои мол, вале на зиёдтар аз 6 моҳ, муқаррар карда мешавад. Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурӣ нисбати баъзе молҳои воридотӣ мумкин аст боҷу хироҷи хоси воридотӣ истифода бурда шавад. Боҷу хироҷи хосаи гумрукӣ чунин гурӯҳи боҷу хироҷест, ки дар ҳолатҳои мустасно ҳангоми воридот ва содироти мол (кору хизматрасонӣ) истифода бурда мешавад. Боҷу хироҷи хосаи гумрукӣ ба 3 намуд тақсим мешавад:

- махсус;
- зиддидемпингӣ;
- ҷубронӣ.

Боҷу хироҷи махсуси гумрукӣ дар мавридҳои зерин истифода бурда мешавад:

- ба сифати тадбири муҳофизат, агар мол ба қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин миқдор ва шартҳое ворид шавад, ки он ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ ва ё моли бевосита рақобаткунанда зарар расонад ё расонида тавонад;
- ҳамчун тадбири ҷавобӣ ба амалҳои табъиз (дискриминатсионӣ) ва амалҳои дигари баъзе кишварҳо ва ё иттиҳодияҳои онҳо, ки манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистонро халалдор месозанд.

Боҷу хироҷи зиддидемпингӣ дар сурати ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи нисбат ба нархи муқаррарии мол дар кишвари содиркунанда дар аснои воридот хеле пасттар ворид намудани мол, агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ зарар расонад ё таҳдиди зарар расонида тавонад ё ба ташкил ва ё ба бештар истеҳсол намудани чунин мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамониат кунад, истифода бурда мешавад. Боҷу хироҷи ҷуброни дар ҳолати ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани моле истифода бурда мешавад, ки ҳангоми истеҳсол ё содироти он бевосита ё ба таври ғайримустақим аз субсидия истифода шуда бошад ва агар чунин воридот ба истехсолкунандагони моли шабеҳ, зарари моддӣ расонад ё расонида тавонад, ба ташкил ва ё ба истеҳсоли бештари моли шабеҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамониат кунад. Қабл аз истифодаи намудҳои хосаи боҷу хироҷ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷуброни) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси худ ё ташаббуси дигар мақомоти давлатии идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтишот мегузаронад. Карорҳо дар ҷараёни тафтишот бояд ба миқдори маълумоти муайяншаванда асос ёбанд. Мизони боҷу хироҷи дахлдорро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди алоҳида аз рӯи натиҷаи тафтишот муқаррар менамояд ва андозаи он бояд ба андозаи дар натиҷаи тафтишот муайянгардидаи камкунии нарх, субсидия ва зарари ошкоршуда мутобиқ бошад. Истифодаи боҷу хироҷи хосаи гумрукӣ ҷараёни мураккабу диққатталаб аст. Масалан, то замоне ки факти демпинг муқаррар нашудааст ва ба таври мушаххас ошкор нагардидааст, ки амалиёти содироту воридот зарари моддӣ расонидаанд ё расонида метавонанд, мақомоти гумрук барои татбиқи сиёсати зиддидемпингӣ ҳуқуқ надоранд. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки иқтисодшиносони кишварҳои мухталиф дар мавриди фоиданокии истифодаи боҷу хироҷи зиддидемпингӣ фикру андешаи гуногун доранд. Баъзеи онхо чунин мешуморанд, ки истифодаи онҳо асоснок намебошад, зеро демпинг (кам кардани нарх) ҳамчун воситаи бунёди заминаи мустаҳкам дар бозорҳои нав фаъолияти маъмули тиҷоратӣ мебошад. Дар ҷараёни ин гуфтушунид хадамот оид ба тадбирҳои зиддидемпингӣ таъсис гардид ва кишварҳои аъзои СГТС/ТУС ӯҳдадор шуданд, ки дар хусуси ҳар ҳодисаи истифодаи демпинг ин Хадамотро огоҳ созанд. Боҷу хироҷи гумрукӣ аз рӯи хусусияти пайдоиши худ ба боҷҳои мухтор (автономӣ) ва конвентсионӣ тақсим мешаванд. Боҷу хироҷи мухтор (автономӣ) навъи боҷу хироҷест, ки сарфи назар аз ҳар гуна шартномаю созишномаҳои бисёртарафа ва дуҷониба бо қарори махсуси мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбати интиқоли мол аз сарҳади давлатӣ истифода мешаванд. Онҳо танҳо дар қаламрави кишваре амал мекунанд, ки чунин навъи боҷу хироҷро истифода менамояд. Боҷу хироҷи конвентсионӣ чунин боҷу хироҷи гумрукиест, ки мизони он дар натиҷаи бастани шартномаю созишномаҳо миёни кишварҳо муқаррар ва истифода мешавад. Мизони боҷу хироҷи мазкур ба таври протоколӣ дар шартномаю созишномаҳои баимзорасида сабт мегардад. Истифодаи ин навъи боҷу хироҷ метавонад ба андозаи боҷу хироҷи мухтор (автономӣ) таъсири назаррас расонад. Дар ҷараёни гуфтушунид ва ба имзо расонидани шартнома ё созишномаҳо мизони боҷу хироҷи мухтор (автономӣ) маъмулан бар ивази гузаштҳои давлатҳои дигар кам карда мешавад. Тарифи гумрукӣ воситаи бештар паҳнгардидаи танзими давлатии савдои хориҷӣ тавассути механизми нархгузорӣ амал мекунад. Хусусиятҳои асосии тариф дар вазифаҳои тарафгирӣ (протексионистӣ) ва хазинаи давлатӣ (фискалӣ) он ошкор мегарданд. Вазифаи тарафгирӣ (протексионистӣ) бо ҳимояи молистеҳсолкунондагони миллӣ вобаста аст. Гап дар он аст, ки зиёд кардани мизони боҷу хироҷи воридотии гумрукӣ аз моли хориҷӣ ба боло рафтани нархи он дар бозори дохилӣ мусоидат мекунад ва дар натиҷа бо моли шабеҳи дар кишвар истеҳсолшаванда рақобат карда наметавонад. Вазифаи дигари муҳими тарифи гумрукӣ вазифаи хазинаи давлат (фискалӣ) мебошад. Дар натиҷаи татбиқи ин вазифаи тарифи гумрукӣ воридоти маблағ аз ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ ба қисми даромади буҷети кишвар таъмин карда мешавад. Механизми илман асоснокшудаи ин вазифаҳои тарифи гумрукӣ, ки якдигарро пурра месозанд, метавонад ба истифодаи самараноки иқтидори мавҷудаи

истеҳсолӣ, афзун гардонидани ҳаҷми содироти мол ва ҷалби асъори хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Аксарияти кишварҳои ҷаҳон аз маҷмӯи боҷу хироҷи гумрукӣ истифода намуда, ба намудҳои алоҳидаи моле, ки барои инкишофи истеҳсолоту истеъмолоти дохилӣ заруранд, мизони камтарини боҷу хироҷи воридотӣ муқаррар менамоянд. Ғайр аз ин мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мизони боҷу хироҷи воридотии гумрукӣ", бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасманд гардонидани истеҳсолоти ивазкунандаи моли воридотӣ ва ба содирот равонагардида, барои чунин гурӯҳҳои мол, ба монанди ҳайвоноти зинда, спирти этилии денатуратсиянашуда, сирко ва барои гурӯҳҳои зиёди моли саноатӣ, ба монанди собуни ҷомашӯӣ, маводи шуст, декстрин ва крахмалҳои гуногуншакл, шираҳои (экстракт) мухталиф, тасмаҳои транспортёр, коғазу картон, наху риштаҳои химиявӣ, металли сиёҳ, инчунин дегхонаҳо, мошину механизмҳои гуногун барои чамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ боҷу хироҷи воридотии гумрукӣ муқаррар карда шуд.

АДАБИЁТ

1. Катаев А.Х., Рачабов Р.К. « Экономика таможенного дела» ТГУК, Душанбе, 2001.
2. Катаев А.Х., Раджабов Р.К., Тошматов М. Основы внешнеэкономических связей. Душанбе: Ирфон - 2001.
3. Раджабов Р.К., Факеров Х.Н. Краткий курс по работе таможни. Душанбе: ТГУК - 2001.
4. Насриддинов Ф.Б., Мираков Қ.М., Ғаниев Р.Т., Субҳонов А.М. Маълумотнома оиди фаъолияти гумрукӣ. Душанбе – 2004.
5. Рачабов Р.К. Организация таможенного контроля товаров и транспортных средств. Душанбе: Ирфон – 2003.
6. Раджабов Р.К. Хикматов С.И. Таможенные платежи в РТ. Душанбе - 2005.
7. Бекяшев К.А., Моисеев Е.Г. Таможенное право. «Издательство Проспект», 2006.
8. Ҳасанов К.Ҳ., Мираков Қ.М. Мақомоти гумрук- гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар асри ХХ1. Душанбе – 2008.

ТАНЗИМИ ГУМРУКИЮ ТАРИФӢ ҲАМЧУН ФИШАНГИ СИЁСАТИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ МАМЛАКАТ

Дар мақолаи мазкур танзими тарифию гумрукӣ ҳамчун шакли асосии танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷии мамлакат дида баромада шудааст. Танзими тарифию гумрукии фаъолияти берунаи иқтисодӣ, яке аз шаклҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар таҷрибаи байналхалқӣ амалисозии танзими тарифию гумуркӣ бо истифодаи фишангҳои зерин ба монандаи тарифи гумрукӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва сабукиҳои гумрукӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин дар амалия дигар воситаиҳои танзимкунии фаъолияти иқтисодии хориҷии мамлакат бо истифодаи дигар усулҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Ба мақсадҳои танзимии кори гумрукӣ ба воситаи муқаррар намудани боҷҳои гумрукии содиротӣ ва воридотӣ, боҷҳо барои молҳое, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани мамнуниятҳо ва маҳдудиятҳо барои воридот ва содироти молҳо, литсензиякунонӣ, додани иҷозат барои содирот ва воридоти молҳои дигар ва чораҳо ноил шудан мумкин аст.

Калидвожаҳо: содирот, сиёсати гумрукӣ, тарифи гумрукӣ, боҷҳои гумркӣ, имтиёзҳои гумркӣ, воридот, сарҳади гумукӣ, литсензиякунонӣ

ТАМОЖЕННО-ТАРИФНОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ КАК РЫЧАГ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТРАНЫ

В данной статье таможенно-тарифное регулирование внешнеэкономической деятельности рассматривается как основная форма государственного регулирования. Таможенно-тарифное регулирование внешнеэкономической деятельности является одним из основных методов государственно регулирования экономики. В международной практике таможенно-тарифное регулирование осуществляется с применением таких инструментов как таможенные тарифы, таможенные льготы и таможенные преференции. Также для регулирования внешнеэкономической деятельности используются другие меры нетарифного характера. Регулятивные цели таможенного дела достигаются посредством установления ставок экспортных и импортных пошлин, пошлин на товары, перемещаемые через таможенную границу Республики Таджикистан, а также путем установления запретов и ограничений на ввоз и вывоз товаров, лицензирования, выдачи разрешений на ввоз и вывоз отдельных товаров и рядом иных мер.

Ключевые слова: экспорт, таможенная политика, таможенный тариф, таможенные пошлины, импорт, таможенная граница, лицензирование

CUSTOMS AND TARIFF REGULATION AS A TOOL OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY OF THE COUNTRY

In this article, customs and tariff regulation of foreign economic activity is considered as the main form of state regulation. Customs and tariff regulation of foreign economic activity is one of the main methods of state regulation of the economy. In international practice, customs and tariff regulation is carried out using such instruments as customs tariffs, customs privileges and customs preferences. Also, other non-tariff measures are used to regulate foreign economic activity. The regulatory goals of the customs business are achieved by establishing the rates of export and import duties, duties on goods transported across the customs border of the Republic of Tajikistan, as well as by establishing prohibitions and restrictions on the import and export of goods, licensing, issuing permits for import and export of certain goods and a number of other measures.

Keywords: export, customs policy, customs tariff, customs duties, import, customs border, licensing

Сведения об авторе*: **Файзуллоев Умед Абдухоликович*** - магистр второго курса специальности мировая экономика. Телефон: (+992) 989101210 **электронная почта**: FaizullOev@mail.ru

Information about the author*: **Fayzulloev Umed Abdukholikovich*** - 2nd year master`s student specialty World Economy. Phone: (+992) 989101210 **email:** FaizullOev@mail.ru

МУАММОҲОИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Гулов Ш.М., Хабиров Т.М.
Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар ҳама давру замон фикрҳои иқтисодчиёни чаҳон, файласуфон ва инчунин кормандони сохторҳои гуногуни кишварро ҷалб месозад. Пӯшида нест, ки барои беҳбудии зиндагии мамлакат пеш аз ҳама ба эътидол овардани ҳолати молиявии хазинаи кишвар шарту зарур аст. Хушбахтона дар ин самт давлати мо низ ба пешравиҳо бо тадриҷ ноил гашта истодааст, ки бо муваффақият ҷамбаст гардидани риштаи молиявии нақшаҳои ҳукумат далели ин гуфтаҳост. Вале барои боз ҳам беҳбудӣ бахшидан ба ин соҳаи муҳими ҳаёт муаммоҳо ва омилҳои зиёде сади роҳи молиячиёни мамлакат мегардад.Ба ҳамаи мо маълум аст, ки барои ғанӣ гардонидани буҷети кишвар пеш аз ҳама солимгардонии баъзаи молиявӣ, сарчашмаҳои боэътимоди андозсупор зарур аст, ки бояд қисми воридоти буҷети ҷумҳуриро таъмин намояд. Яъне, бештари воридоти буҷет бояд аз ҳисоби гардиши моли дохила ва фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин гардад, на аз ҳисоби хариду фурӯши молҳои ба ҷумҳурӣ воридшаванда. Зеро давлатҳое, ки аз онҳо мол ворид карда мешавад, дар ҳолати ба кризис дучор гаштан барои ҳимояи бозори дохилии худ метавонанд содироти молро аз қаламрави худ кам намоянд ва ин ба воридоти андози ба чунин фаъолият мансуббудаи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Муаммоҳои асосии солимгардонии базаи молиявӣ ва беҳдошти фаъолияти гардиши дохила ҳам дар соҳаи саноат ва ҳам дар соҳаи хоҷагии қишлоқ аз гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ вобаста аст. Вале ин ислоҳот бе гузаронидани ислоҳоти бонкӣ, бе дигаргунсозии сиёсати пулию қарздиҳӣ ва андозу буҷавӣ имконнопазир мебошад, зеро барои ворид намудани воситаҳои нави истеҳсолӣ ҳам қарзи камфоизаи бонкӣ ва ҳам сабукиҳои андозбандӣ зарур мебошад. Яке аз муаммоҳои пурра ворид нагардидани андоз ба буҷет ин набудани ҳисоби аниқи андозсупорандагон ва манбаҳои андозситонӣ мебошад. Масалан, бисёре аз манбаҳои андозсупор солҳои сол фаъолият накарда, дар қайди давлат меистанду муҳрҳои идораву ташкилоти худро барои амалиёти қалбакӣ ва даромади муфт истифода мебаранд. Дар натиҷа манбаи андозбандӣ кам нишон дода мешавад ва дар вақти гузаронидани санҷишҳо муайян намудани чунин ҳуҷҷатҳо хеле душвор аст. Аз ин рӯ бояд суратҳисоби чунин корхонаҳои бефаъолият баста шуда, ба амалиёти қалбакии онхо хотима дода шавад. Муаммои дигари ба буҷет кам ворид гардидани маблағҳо аз арзиши аслии амволи ғайриманқули шахсони воқеи (хонаҳои истиқоматӣ, офисҳо, биноҳои фурухташавандаи соҳаҳои савдо ва хизмати маишӣ) он аст, ки чунин ашхос дар ҳуҷҷатҳои

инвентаризатсионӣ арзиши биноҳои истиқоматӣ ва ҳукуматиро якчанд баробар кам нишон дода, ба ин восита ба буҷети давлат маблағҳои ночиз ворид месозанд. Яъне, ин рӯйдоди номатлуб ба воридоти андоз аз амволи ғайриманқул ва инчунин воридоти боҷи давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар сурати муайян намудани арзиши аслии бозории ин амвол воридоти ин ду сарчашмаи воридотӣ якчанд баробар зиёд мегардад. Барои ба низом даровардани арзиши амволи ғайриманқул Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №16,аз 18.01.2000 қабул гардида буд, вале мутаассифона барои иҷрои саривақтию дурусти он ташкилотҳои масъул кам фаъолият нишон медиҳанд. Бояд қайд кард, ки рафти татбиқи амалии Дастури методӣ дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо ва таъмини иҷрои қарорҳои Раиси Кумитаи андоз дар ин самт, инчунин рафти татбиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари мақомоти ҳудудии андоз нокифоя мебошад. Масъалаи зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ва самаранок татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани онҳо яке аз муаммохои муҳимтарини соҳа ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд намуд, ки то ҳол аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаҳои тасдиқнамудаи Кумитаи андоз идома ёфта истодааст, ки ин ба иҷроиши андозҳо дар мувофиқа бо нақшаҳои тасдиқнамудаашон таъсири манфӣ мерасонад.

Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳрҳои Ваҳдату Турсунзода ва ноҳияи Рӯдакӣ иҷроиши нақшаи андоз аз амволи ғайриманқулро дар натиҷаи тағйир додани он таъмин намудаанд. Ҳолатҳои тағйир додани нақша аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз доир ба андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда, андози замин, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андози ҳадди ақал аз даромад, андоз аз даромад низ ба назар мерасанд. Дар соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ҳангоми таҳлили андози иҷтимоӣ пурра нишон надодани шумораи саҳмдорон низ ба кам ворид шудани андози иҷтимоӣ оварда мерасонад. Камбудиву норасоиҳо ва қонунвайронкуниҳои ошкоргардида нишондиҳандаи фаъолияти ғайриқаноатбахши нозиротҳои андоз доир ба ҷамъоварии андози иҷтимоӣ ва мавҷуд будани захираҳои воқеии он мебошанд. Бинобар ҳамин, мақомоти ҳудудии андоз бояд аз имкониятҳои воқеӣ самаранок истифода намоянд ва иҷрои нақшаи андози иҷтимоиро таъмин созанд. Гарчанде ки нақшаи андози иҷтимоӣ дар маҷмӯъ иҷро шуда бошад ҳам, иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ таъмин нагардидааст, ки он аз мушкилот ва проблемаҳои маъмурикунонии ин намуди андоз дар қисмати ташкилотҳои буҷетӣ вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки мафҳум ва меъёрҳои ташкилотҳои буҷетӣ барои мақсадҳои андозбандӣ дар Кодекси андоз муқаррар шудааст ва бинобар ҳамин, ҳангоми баҳисобгирии бақайдгирии ташкилотҳои буҷетӣ дар мақомоти номбурдаи давлатӣ бояд ягон мушкилӣ ва нофаҳмӣ ба миён наояд. Дар натиҷаи вайрон кардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор андозсупорандагон гарчанде, ки ба гурӯҳи ташкилотҳои буҷетӣ дохил шаванд ҳам, дар шӯъбаҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва мақомоти андоз ба сифати ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ ва баръакс ташкилоти ғайрибуҷетӣ ба сифати ташкилотҳои буҷетӣ ба қайд гирифта шудаанд. Масъалаи дигар ин зиёда аз меъёрҳои муқарраршуда нодуруст ба ҳисоб гирифтани маблағи хароҷоти ин ташкилотҳо мебошанд, ки онҳо дар ҳолатҳои дахлдор ба кормандони худ пардохт карда, онро ҳамчун хароҷот дар эъломияи андози иҷтимоӣ дарҷ менамоянд ва дар натиҷа маблағи андози иҷтимоӣ дар ҳамин ҳаҷм ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ кам ворид мегардад.

Масалан, тибқи тартиби муқарраршуда хароҷот оид ба табобати санаторию курортӣ (роҳхатҳо), ки ба таркиби хароҷот дохил карда мешавад, набояд аз 1,4 фоизи маблағи ҳисобшуда зиёд бошад. Аммо дар рафти санҷиши гурӯҳи корӣ муайян гардид, ки дар як қатор ташкилотҳо маблағи хароҷоти табобати санаторию курортиро ба ҷои 1,4 фоиз, аз 2,5 то 4,9 фоиз ба ҳисоб гирифта, дар ҳамин ҳаҷм маблағи андози иҷтимоии пардохташавандаро кам кардаанд. Таҳлили рафти андозсупории супорандагони андоз аз арзиши иловашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки як қисмати калони онҳо бо баҳонаи доштани изофапулӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда аз пардохти андозҳо ва пардохтҳо саркашӣ

намуда, солҳои дароз ба маблағҳои ночиз андоз месупоранд. Аз оғози соли 2009 сар карда, бо назардошти дар маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда аҳамияти ҳалкунанда доштани истифодаи ҳисобнома-фактураҳо ва бо мақсади пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунии андозсупорандагон ҳангоми барасмиятдарории муомилот, аз ҷониби мақомоти андоз як қатор чораҳо андешида шуданд, ки ҳоло ҳам идома доранд. Таҳлили парвандаҳои ҳисоботии андозсупорандагон нишон дод, ки аз тарафи андозсупорандагон ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда ба он ҳисобнома - фактураҳое замима карда шудаанд, ки дар онҳо рақами мушаххаси андозсупоранда, мӯҳри корхона гузошта нашуда, дар баъзе ҳолатҳо санаи тартиб додани ҳисобнома-фактураҳо, ё номи харидори мол, кору хизматрасониҳо дарҷ карда нашудааст, ки бар хилофи муқаррароти Кодекси андоз ва Дастурамал оид ба тартиби таҳия (навиштан) ва пешниҳод намудани ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботашон қатъӣ мебошад. Ҳангоми қабули эъломияҳо аз тарафи шахсони масъули Нозирот ва шӯъбаҳои он ба пуррагии замимаҳо, дурустии таҳия ва пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, маълумотҳо дар бораи имтиёзҳо ва дигар маълумотҳо диққати зарурӣ дода намешавад. Гузаронидани назорати камералии ҳисоботҳои андозсупорандагон низ айни замон ҷавобгӯи талабот нест, зеро на ҳамаи ҳисоботҳои андозсупорандагон мавриди назорати камералӣ қарор дода шуда, на ҳамаи масъалаҳо ва намудҳои андоз таҳлил мегарданд. Бинобар ҳамин, Нозиротро зарур аст, ки ҳамаи камбудиҳои дар рафти санҷиш ошкоршударо ислоҳ карда, аз он хулосаҳои даркорӣ бароварда, ҳиссаи маблағҳои аз ҳисоби корхонаҳои калон воридшавандаро бештар намояд. Масъалаи бо андозбандӣ фаро гирифтани шаҳрвандони хориҷиро, ки дар қаламрави шаҳру ноҳияҳои чумхурӣ фаъолият мебаранд, ба роҳ монанд. Кумитаи андоз қаблан тибқи мактубҳои тавзеҳотию дастурӣ аз 28 декабри соли 2009 (№3658/9.21), аз 25 январи соли 2010 (№198/9-1), аз 7 парели соли 2010 (№1066/9-21), аз 25 майи соли 2010 (№1684/9-1) ва аз 2 сентябри соли 2010 (№ 3184/9) ҳатто рӯйхати шаҳрвандони хориҷиро бо нишон додани ному насаб, суроғаи зист ва намуди фаъолият барои ба андозбандӣ ҷалб кардани онҳо ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол намуда буд. Дар рӯйхат танҳо ҳамон шаҳрвандони хориҷӣ нишон дода шуда буданд, ки барои бо фаъолият машғул шудан иҷозат доранд. Мутаассифона, маълумотҳои пешниҳодшуда нопурра буда, характери умумӣ дошта, ҳақиқати ҳолро дуруст инъикос наменамоянд, назоратии мақомоти ҳудудии андоз ҳоло ҳам ба талаботи рӯз ҷавобгӯ намебошад. Хулоса, муаммоҳои ҷойдошта вобаста ба ҳисоботҳои расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, ҷиҳати бартараф намудани он тадбирҳои гуногун андешида шуда истодаанд. Ҳалли ин масъалаҳо ба рушди низоми андоз сабаб гардида, ба инкишофи иқтисодӣ метавонад мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти тағйиру иловаҳо. 01.01.2017., Душанбе «Шарқи озод». 2017 с.
2. Ф. Шомуродов. Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе «ЭР-граф» 2009 с.
3. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение РТ. Учебник. Душанбе. 2009 г.
4. Х.Р. Улуғхоҷаева. Андоз ва андозбандии ҶТ. Душанбе, Ирфон.2004 с.
5. Налоги и налогообложение: Учебное пособие для вузов / И Г. Русакова, В.А. Кашин и др.: Под ред. И.Г. Русаковой, В.А. Кошина. -М.: Финансы, ЮИИТН, 1998 г.
6. Налоги. Учебное пособие // под Редакции Д. Г. Черников,-4- е издательство, перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика. 2000 г.
7. Мандрогустко О. В. Налоги и Налогообложение. Учебное пособие. М.: 2003 - 184с.
8. Евстигнеев Е. Н. Основы налогообложения и налогового права. Учебное пособие. М.: 1999. - 120с.
9. Е.Н. Евстигнеев Налоги и налогообложения: Учебное пособие. 2-е издательство, перераб. и доп. - М: ИНФРА - М., 2002. - 320с. - (серия «Высшее образование»).
10. Бердникова Т.Б. Оценка и налогообложение имущество предприятия: Учебное пособие. - М.: ИНФРА - М. 2003. - 233с. - (серия «Высшее образование»).

МУАММОҲОИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур оид ба муаммоҳо, назария ва рушди андозҳо маълумот дода шудааст. Назарияҳои гуногун оид ба андозҳо аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои он дар шароити имрӯза асоснок гардидааст. Инчунин, оид ба муаммоҳои андозбандӣ, сари вақт ворид нагардидани андозҳо ба буҷети давлатӣ, мушкилот ва камбудиҳо дар ситонидани андозҳо маънидод карда шудааст. Инчунин, роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо пешниҳод гардида, таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ асоснок шудааст.

Калидвожаҳо: андоз; буҷаи давлатӣ; сиёсати андоз;, андозситонӣ; даромадҳои буҷаи давлатӣ; хароҷотҳои буҷаи давлатӣ; сиёсати фискалӣ; сиёсати молиявӣ.

ПРОБЛЕМЫ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В этой статье представлена информация о теории и развитии налогов. Разные теории налогообложения объясняются с точки зрения разных экономических школ, а его особенности оправдываются в современных условиях. Также разъяснены проблемы налогообложения, несвоевременная уплата налогов в госбюджет, трудности и недостатки в сборе налогов. Также предлагаются пути решения этих проблем, и их влияние на экономическое развитие обосновано.

Ключевые слова: налог; бюджет государства; налоговая политика; налогообложение; доходы государственного бюджета; расходы государственного бюджета; фискальная политика; финансовая политика.

PROBLEMS OF THE TAX SYSTEM IN MODERN CONDITIONS

This article provides information on the theory and development of taxes. Different theories of taxation are explained from the point of view of different economic schools, and its features are justified in modern conditions. The problems of taxation, late payment of taxes to the state budget, difficulties and shortcomings in collecting taxes were also explained. Ways to address these issues are also proposed, and their impact on economic development is justified.

Keywords: tax; state budget; tax policy; taxation; state budget revenues; state budget expenditures; fiscal policy; financial policy.

Сведения об авторах*: **Гулов Шерали Махмадсаидович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры налог и налогообложение. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки. **Телефон:** 902426655

Хабиров Тоджиддин Махмуджонович – Таджикский национальный университет, магистр кафедры налог и налогоблажение. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки. **Телефон:** 900331166

Information about the author: ***Gulov Sherali Mahmadsaidovich*** – Tajik National University, assistant professor of Department of Tax and taxation**. Address:** 734025 republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue. **Phone**: 902426655

Khabirov Tojiddin Mahmudjonovich - Tajik National University, graduate student of Department of Tax and taxation. **Address**: 734025 republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue. **Phone**: 900331166

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАСТГИРИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Ҳаёт М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шароити иқтисодиёти бозорӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва информатизатсияи ҷомеа муайян мешаванд, талаботи махсусро ба сифати қувваи корӣ, ба сатҳи таҳсилоту тахассуси кадрҳо пешниҳод мекунанд, ки зимни он «...низоми муносибатҳои иқтисоди бозорӣ комилу худтанзимшаванда нест ва шуғлу рушди иқтисодии бештаринро фақат дахолати фаъолонаи давлат ба иқтисодиёт таъмин карда метавонад». Дар ин ҳангом барои бозорҳои меҳнат таҳияи моделҳои афзоиш додани самаранокии шуғл: тақсими захираҳои меҳнатӣ, ба вучуд овардани шароиту ангезаҳо барои истифодабарии самараноки онҳо ва такрористеҳсоли кадрҳои соҳибихтисос аҳамияти махсус доранд. Нақши давлат дар ин шароит дар таҳияи механизму воситаҳое зоҳир мешавад, ки истифодабарии онҳо имконияти эҷоди шароити иқтисодӣ барои ҳавасмандкунии маҳсулнокии меҳнат, такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ва истеҳсолоти таъминкунандаи рушди сатҳи зисти аҳолӣ ва самаранокии иқтисодиётро муҳайё мекунад. Дар ин миён таъмини афзоиши сармоягузорӣ ва рушди ба он вобастаи даромади миллӣ ва шуғли аҳолиро чун самараи иҷтимоӣ-иқтисодии мувофиқ баррасӣ кардан мумкин аст. Ин ҷустуҷӯи самтҳои такмили механизмҳои таъсиррасонии давлат ба самаранокии шуғли аҳолиро дар назар дорад, ки таносуби тақозо ва арза дар бозори қувваи корӣ, тақвияти ҳавасмандии иқтисодӣ ва дигар

ангезаҳои меҳнат, мутобиқшавии аҳолӣ ба муносибатҳои тағйирёбандаи бозорӣ, ташкили шароитро барои истеҳсоли босамар ва такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ муайян мекунанд. Дар ин низом давлат ба сифати танзимгар, офарандаи шарту ҳудуди фаъолияти ҷузъҳои зикршуда (танзимгарҳо)-и низом баромад карда, бо пешбурди сиёсати шуғл ҳадафҳои стратегӣ ва тактикиро пайгирӣ менамояд. Давлат дар шароити нав аз танзими мустақиму бештар маъмурӣ - мутамарказии шуғл даст кашида, низоми нави таъсиррасонӣ ба шуғл – низоми танзими давлатии шуғли аҳолиро ташаккул медиҳад. Бо кӯшиши муштараки субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ самтҳои асосии шуғл, тағйири сохтори он, беҳшавии сифати қувваи корӣ, афзоиши рақобатпазирии он дар бозори дохилӣ ва байналмилалии меҳнат бояд муайян карда шаванд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳалли масъалаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар шароити минтақаи қувваи кориаш барзиёд вазифаи муҳим ва беш аз беш мавзӯи муҳими таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта дар амалияи танзими давлатӣ омӯхта мешавад. Хусусан, дар бозори меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар шароити дастрасии пасти кадрҳои баландихтисоси баъзе самтҳо, афзоиши сусти таъсиси нокифояи ҷойҳои корӣ, норасоии захираҳои молиявӣ ва ҷалби сармоя, пастшавии сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва самаранокии пасти ҳосилнокии меҳнат масоили мазкур рӯзмара ва хеле зарур мебошад.

Механизми танзими шуғли аҳолӣ заминаи муҳимтарини рушди устувори иқтисод ба мақсади нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ ва баландбардории сифату сатҳи зисти аҳолӣ, инчунин барои пешгирӣ кардани бухрони иҷтимоӣ-демографӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо, таҳкими қонуният дар соҳаи меҳнат, ки ба қонеъгардонии талаботи шахсӣ, дастаҷамъӣ ва ҷамъиятӣ равона шудаанд. Ин ҳадаф ба воситаи такмили механизми танзими давлатии шуғли аҳолӣ ва асоснокии илмии он аст. Ин муаммо масъалаи муҳим буда, таҳқиқи амиқ ва тавсияҳои дахлдорро оид ба танзими бозори меҳнат, бекорӣ, инчунин шароити зисту зиндагонии мардум, баландбардории маҳсулнокии меҳнатро дар ин ё он соҳаи иқтисоди миллии кишвар талаб мебошад. Хусусиятҳои ошкоршуда ва принсипҳои раванди шуғли аҳолӣ имконияти таҳияи назарҳои методологиро ба ташаккулу рушди механизми танзими бозори меҳнат ва арзёбии самаранокии шуғл медиҳанд, ки онҳо маҷмӯи масъалаҳо, тартиби асосноки баррасии онҳо, интихоби усулу равишҳои ҳалли амалии онҳоро муайян мекунанд. Ҷиҳати муҳимтарини усули механизми танзими давлатии шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат иҷрои оқилонаи фаъолияти иқтисодии одамон, пурҳаракатии қувваи корӣ, таҳвияти ҳавасмандии иқтисодӣ ва дигар ангезаҳои меҳнат, мутобиқшавии аҳолӣ ба муносибатҳои таҳйирёбандаи бозорӣ, эҷоди шароит барои истеҳсол ва такрористеҳсоли босамари кадрҳои баландихтисос мебошад. Ба ин қисмат танзими давлатии шуғли аҳолӣ чун маҷмӯи тадбир, усул ва василаҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодабарии қувваи корӣ, ки ба афзудани самаранокии шуғли аҳолӣ ва коҳиш додани бекорӣ то ҳадди равои иҷтимоӣ равона шудаанд, баромад мекунад. Дар ин замина, омӯзиши илми иқтисодӣ бояд ҳамроҳ бо баррасии муаммоҳои танзими шуғл ҳамчун омили муҳимтарини самаранокии иқтисод дар шароити иқтисодии минтақаҳо анҷом пазирад.

Асоси методологияи таҳиякардаи моро ғояву принсипҳои самаранокии шуғл, инчунин назарияи комплексӣ ташкил медиҳанд, ки имконияти баназаргирии тағйири ҳолату сифати захираҳои меҳнатиро дар натиҷаи фаъолияти хоҷагӣ муҳайё мекунанд. Чунин равиши ҳалли проблемаи мазкур имкон медиҳад, ки аз як тараф, захираҳои меҳнатӣ ва дигар захираҳо самаранок истифода бурда шаванд ва иқтидори онҳо боқӣ монад, аз тарафи дигар маҷмӯи чорабиниҳои оид ба афзоиши самаранокии шуғл, сифат ва шароити ҳаёти аҳолӣ таъмин гардад. Дар робита бо ин мо дар ин таҳқиқот мазмуни механизми танзими шуғлро шарҳ додаем ва ба андешаи мо, таҳти ин мафҳум маҷмӯи василаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ-давлатии танзими шуғл ба мақсади нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ, беҳсозии сифати зисти аҳолӣ ва афзоиши самаранокии иқтисодӣ фаҳмида мешавад. Самтҳои асосии он низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунҳои танзимкунандаи равандҳои шуғли аҳолӣ мебошанд. Гузариш ба рушди босамари иқтисод амалҳои ҳамоҳангро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа талаб мекунад, аз ҷумла дар самти равандҳои шуғл, мутобиқати институтҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат, ки нақши асосиро дар танзими ин равандҳо мебозад. Ҳалли ин масъалаҳо бе тағйирдиҳии мақсадноку

тарҳрезишудаи вазифаҳои давлат тибқи ҳадафу принсипҳои рушди босамари иқтисод имконнопазир аст. Зимнан, нақши вазифаҳои зерини давлат бояд боризтар гардад: паст кардани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ; таъмини ҳуқуқии фаъолияти меҳнатӣ, тарбия ва таълим, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо ва ғайра.Самтҳои асосии сиёсати далватии шуғли аҳолӣ бояд чунин бошанд: - мувофиқ кардани сиёсати иҷтимоӣ, муҳоҷиратӣ, демографӣ бо ҳадафу афзалиятҳои сиёсати шуғли аҳолӣ; - мувофиқ кардани сиёсати сохторӣ, инвеститсионӣ, молиявӣ-қарзӣ, иқтисодии берунӣ бо низоми мақсадҳои сиёсати шуғли аҳолӣ; - таъмини дастгирии иҷтимоии аҳолии бешуғл ё шуғли нопурра. Сиёсати давлат дар бозори меҳнат бе таҳияи тадбирҳои босамари танзими соҳаи шуғл дар ҳама сатҳҳо натиҷа нахоҳад дод. Кишварҳои мутараққӣ ва созмонҳои байналмилалӣ масъалаҳои шуғл ба он масъалаҳое нисбат медиҳанд, ки ҳаллашон ба таъмини босуботи иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонад. Танзими шуғли аҳолӣ дар чандин самт анҷом мепазирад. Дар сатҳи якуми умумидавлатӣ ё сатҳи макро, ҳуқуқи кормандону кордеҳон танзим ёфта, асосҳои қонунгузории меҳнатӣ ва иҷтимоӣ гузошта мешаванд. Ғайр аз ин, дар сатҳи давлат тадбирҳое андешида мешаванд, ки ба механизми татбиқи сиёсати шуғл таъсири ғайримустақим мерасонанд. Ин, пеш аз ҳама сиёсати андозӣ ва пулию қарзӣ мебошад. Сатҳи дуюм - минтақавӣ ё ҳудудӣ нисбат ба сатҳҳои дигар замина ба ҳисоб меравад. Дар ин сатҳ таҳлили амиқи самтҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ сурат мегирад ва ин дар навбати худ, асоси таҳқиқоти бозори меҳнат мегардад ва имконияти ояндабинии тамоюлоти асосии шуғлро таъмин мекунад. Сатҳи дигар - корхонаҳо, ташкилот ва иттиҳодияҳои ононро сатҳи маҳаллӣ ё сатҳи микро меноманд. Дар ин сатҳ ҷойҳои корӣ ташкил карда мешавад, интихоби кормандон, таълим ва такмили ихтисоси онҳо амалӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар шароити бозорӣ зарурати рушди системаи шуғли аҳолӣ дар асоси рушди илмии ҷомеа ва инсон, дастовардҳои технологияҳои пешқадами ба ҳалли якҷояи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ равонашуда ба миён меояд.

Азбаски сиёсати шуғл дар сатҳи макроиқтисод муайянкунанда аст, маҳз мушкилоти он таваҷҷуҳи махсусро металабанд. Танзими давлатии шуғл бо истифода аз усулу воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ амалӣ карда мешавад. Усулҳои асосии он, одатан, усулҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Инчунин, воситаҳои ташкилӣ, василаҳои комплексии танзими давлатӣ, тадбирҳои илмии танзими давлатӣ ҷудо карда мешаванд. Мақсади дастгирии давлатӣ дар ин шароит ба воситаи усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурии ташкилӣ фароҳам овардани шароит барои шуғли то ҳадди аксар имкопазири аҳолӣ ва баландбардории маҳсулнокии меҳнат мебошад.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2017» аз 29 ноябри соли 2015 №709.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 аз 26.10.2017 № 19.
3. Абдуллоев Х. Рынок труда в Таджикистане: проблемы и перспективы [Текст] / Х. Абдуллоев // Вестник ТНУ. - 2008. - №3 - С. 138;
4. Абдуллоев Х. Труд избыточный регион - потенциальный источник внешней трудовой миграции [Текст] / Х. Абдуллоев., А. Субхонов., А. Аскаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: СИНО, 2013. - № 2-7 (123). - С. 57 - 62;
5. Ашуров С.Б. Формирование и регулирование рынка труда в трудоизбыточном регионе: теория и практика [Текст] / С.Б. Ашуров. - Душанбе: Ирфон. - 2012. - 320 с.
6. Васиев Ф.М. Формирование эффективной занятости населения Таджикистана [Текст] / Ф.М. Васиев. – Монография. - Душанбе 2016. - 136 с.

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАСТГИРИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Дар мақола масъалаҳои танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Сабабҳои пайдоиш ва оқибатҳои мусбию манфии муҳоҷирати меҳнатӣ таҳқиқ шудаанд. Усулҳои танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши давлат дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ асоснок гардидааст. Оид ба нақши барномаҳои давлатӣ дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ маълумоти муфассал пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: танзими давлатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, шуғл, қувваи корӣ.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье исследуются вопросы государственного регулирования трудовой миграции в современных условиях. Исследованы причины, положительные и отрицательные последствия трудовой миграции. Исследованы методы государственного регулирования трудовой миграции в условиях глобализации и обоснована роль государства в регулировании трудовой миграции. Подробная информация представлена о роли государственных программ в регулировании трудовой миграции.
Ключевые слова: государственное регулирование, трудовая миграция, занятость, рабочая сила.

STATE REGULATION OF LABOR MIGRATION IN MODERN CONDITIONS

This article examines the issues of state regulation of labor migration in modern conditions. The reasons, positive and negative consequences of labor migration are investigated. The methods of state regulation of labor migration in the context of globalization have been investigated and the role of the state in the regulation of labor migration has been substantiated. Detailed information is provided on the role of government programs in the regulation of labor migration.
Keywords: government regulation, labor migration, employment, labor force.

Сведения об авторе: ***Мухаммад Сарвар*** – магистр второго курса специальности управления центральными и местными органами ТНУ. **Телефон**: 911-00-65-88

Information about the author: ***Muhammad Sarwar*** – second-year master of the specialty of management of central and local administration of TNU. **Phone:** 911-00-65-88

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СУҒУРТА ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Ҳусайнов М.Н., Шамсуллоев Ш.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир фаъолияти суғуртавӣ яке аз унсурҳои муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки он ҳамаи соҳаҳои гуногуни иқтисодиро фарогир аст. Ин низом ба баргардонидани (ҷуброн намудани) талафоти моддӣ алоқаманд аст, ки барои ҷараёни беист ва бетанаффуси такрористеҳсол асос мегардад. Ҳанӯз Карл Маркс дар асари машҳури худ «Капитал» ташаккул ва фаъолияти фонди суғуртавиро ҳамчун зарурати умумиҷамъиятӣ баён намуда,чунин ибрози ақида кардааст: «сармояи доимӣ дар ҷараёни такрористеҳсол мумкин аст ба ҳолатҳои тасодуфӣ ё хатарнок дучор гардад, ки метавонад ҳиссаи онро кам гардонад ва ё тамоман нобуд созад. Андозаи муайяни меҳнати иловагӣ чун суғурта ба муқобили ҳодисаҳои ногаҳонӣ, зарурати рушди талабот ва васеъгардонии доимии ҷараёни такрористеҳсолро талаб менамояд.Дар ин замина дар қатори соҳаҳои дигари иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар мамлакат рушди бахши суғурта маҳсуб меёбад. Зеро муҳити имрӯзае, ки мо дар он ҳаёт ва фаъолият менамоем, пур аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт аз қабили обхезӣ, сӯхтор, заминларза, садамаҳо, муфлисшавӣ ва дигар ҳолатҳо мебошад ва ба вуқуъ омадани онҳо боиси расидани зарари зиёди моддӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мегардад.

Соҳаи суғурта ва рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ аз инфраструктурае, ки ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, самаранокии онро баланд мебардорад, иборат мебошад. Олимон таърифи суғуртаро ҳар хел шарҳ медиҳанд.

1. Суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмӯи муносибатҳои пулиеро ифода мекунад, ки аз ҳисоби шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, ҳангоми рӯй додани ҳодисаҳои нохуш ва офатҳои табиӣ (ҳодисаҳои суғуртавӣ) ба худи онҳо ҷуброни зарар пардохт карда мешавад;
2. Суғурта – маҷмӯи муносибатҳои махсуси пӯшидаи тақсимотӣ байни иштирокчиёни он аз ҳисоби аъзопулии фонди мақсадноки суғуртавӣ барои баргардонидани зарари имконпазири субъектҳои хоҷагидорӣ ё талафи шахсони воқеӣ мебошад.
3. Суғурта – қисми таркибии низоми молиявӣ мебошад. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки вазифаи суғурта танҳо дар соҳаи муносибатҳои азнавтақсимкунӣ мебошад. Молия бошад, дар ҳарду, ҳам тақсимотӣ ва ҳам азнавтақсимотӣ.

Страхование - калимаи руссӣ буда, тарҷумааш бо забон тоҷикӣ, суғурта. бим, тарс ва ҳаррос мебошад. Ё ин ки суғуртаро бо таври оддӣ чунин маънидод менамоянд: пешгирӣ

кардан аз ҳодисаҳои тасодуфӣ табии, пешакӣ ҳимоя намудан, пеши чизеро гирифтан, эҳтиёт кардан мебошад. Ҳаёти инсон дар рӯйи замин тавре ташкил ёфтааст, ки дар давраи фаъолияташ ба шуғле ё касбу коре вобаста мебошад. Ин касбу корҳо аз шахсони бузургу мӯътабар, пайғамбарон, авлиёҳо ва олимони гузашта то ба имрӯз ба мо мерос мондаанд ва ворисони анъанаҳои гузаштагонро идома дода истода, дар зидагии ҳаррӯза ҳар кадоме мавқеъи хоси худро дорад. Ба сифати мисол чунин ададҳоро меорем. Зарар аз фалокатҳои табиие, ки дар даҳсолаи охир дар ҷаҳон ба вуқӯъ омадааст, тахминан 955 млрд.$-ро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон зарари солона аз садама ва фалокатҳо тахминан 15-20 %- и ММД-ро ташкил медиҳад. Дар мамлакат ҳар сол ҳазорҳо сӯхтор мешавад, дар садамаҳои нақлиётӣ ҳазорҳо нафар ҷон аз даст медиҳанд, ҳазорҳо нафар захмдор мегарданд, дар истеҳсолот ҳазорҳо одамон захмҳои гуногун мегиранд ва маъюб эътироф мешаванд. Ҳамаи воқеъаҳои дар боло номбаршуда ба одамон хатари ҷиддӣ доранд. Аз давраи қадим дар назди одамон масъалаҳое пайдо шуд, ки худро аз оқибатҳои ин ногувориҳо эмин созанд. Дар натиҷа, якчанд тадбирҳое коркард намуданд, ки бар зидди ин ҳодисаҳои ногувор равона шуда, баҳри паст намудани зарарҳо майл мекард. Суғурта яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисодӣ аст, ки марбут ба форматсияҳои гуногуни иқтисодӣ буда, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бештар ва пурратар татбиқи худро меёбад. Дар мамолики хоҷагии бозоргониашон тараққикарда суғурта бахши стратегии иқтисод маҳсуб меёбад. Мутаассифона суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ табдил наёфтааст. Дар тафаккури бисёр шаҳрвандон ва соҳибкорон фаҳмиши дурусти моҳият ва таъйиноти суғурта мавҷуд нест. Дар давраи Иттифоқи шуравӣ, яъне дар системаи ғайрибозории хоҷагидорӣ, ҷуброни зарар аз офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои ғайричашидошт асосан аз ҷониби давлат пардохта мешуд, барои ин давлат аз буҷа маблаг ҷудо мекард, яъне системаи суғурта нақши ёрирасонро мебозид. Дар натиҷаи раванди ғайридавлатикунонӣ ва гузаштани қисми назарраси фондҳои асосӣ ба моликияти шахсӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори мутараққии суғурта зарурияти объективӣ ба амал омад. Бозори суғурта мавқеи сазовори худро дар зерсохтори бозории мамлакат бояд пайдо намуд. Ҳангоми дар ҷумҳурӣ мавҷуд будани системаи босуботи кафолатҳои молиявӣ дар шахси ширкатҳои суғуртавӣ, зарари аз офатҳои табиӣ, садамаҳо, сӯхторҳо ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдошт расонидашаванда, ки метавонанд ба қувваҳои истеҳсолии ташаккулёбанда таъсири манфӣ расонида, дар соҳаҳои иқтисодиёт монеа ворид созанд, бояд ҷуброн карда шавад. Ҳодисаҳои номбаршудаи хислати фавқулода дошта, ҳаёти муътадили инсонро вайронсозанда ногаҳонӣ ва пешбининашавандаанд. Яъне, ҳаёти одамон, амволи онҳо, арзишҳои моддӣ дар раванди истеҳсолӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳамеша мавриди хатари қисман ё пурра нобудшавӣ қарор мегиранд. Дар ҳаёти муқаррарӣ дар зери мафҳуми таҳти хатар будан на танҳо хавфи имконпазире аз ягон чиз, инчунин таваккал ва бо бебарорӣ анҷом ёфтани амали ба умеди бурде иҷро кардашаванда фаҳмида мешавад. Дар суғурта бошад, таваккал қатъитар муайян карда мешавад; ин воқеаи имконпазир ё маҷмӯи воқеаҳоест, ки бо ҳуҷуми онҳо ба арзишҳои моддӣ, саломатӣ ва ҳатто ҳаёти инсон хавфи расонидани зарари муайян таҳдид мекунад (расми1). Баъдтар ба суғурта доираи наву васеи объектҳо фаро гирифта шуданд: таъминоти моддии шаҳрвандон ҳангоми марги саробони оила, инчунин хавфи бо бебарорӣ анҷом ёфтани ягон амали ба умеди бурде иҷрокардашаванда, гум кардани қобилияти корӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои махсус дар ҳаёти шахсӣ (ба синни муайян расидан, ба нафақа баромадан ва ғ.). Барои таъмини раванди мунтазами такрористеҳсол тавассути пардохти ҷубронпулиҳои суғуртавӣ ба ҷабрдидагон аз ҳодисаҳои суғуртавӣ дар ҳолати сар задани ҳолатҳои фавқулодда инкишоф додани бозори рушдёфтаи суғурта зарур аст.

Манбаъ: Таҳияи муаллифон.

Дар муносибатҳои суғуртавӣ ду тараф баромад мекунанд: суғурташаванда дар симои шахсиятҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва суғуртакунанда дар симои ширкати суғуртавӣ. Унсурҳои асосии муносибатҳои суғуртавӣ дар расми 1 оварда шудааст. Аз ин лиҳоз, мо тафсири муаллифии худро изҳор доштем: суғурта – қисмати таркибии муносибатҳои молиявӣ буда, байни суғуртакунанда ва суғурташаванда барои ҳифзи манфиатҳои моликияти суғурташавандагон дар сурати сар задании ҳодисаи муайян дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд. Мавҷуд набудани заминаи ягонаи қонунгузории системаи суғурта мушкилии асосӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии бозори суғурта мебошад. Дар баробари ин пойгоҳи ҳуқуқии фаррохи муносибатҳои суғуртавиро дар бозори суғурта шартҳо ва қоидаҳои суғуртаи ширкатҳои суғуртавии мухталиф ташкил медиҳанд. Барои беҳтар гардонидани кори танзими бозори суғурта мумкин аст, ки таҷрибаи Фаронса мавриди истифода қарор гирад, зеро дар он мамлакат танзими ҳуқуқии бозори суғурта тавассути кодекси суғурта амалӣ мегардад. Ин кодекс соли 1976 қабул гашта буд ва ҳамаи масъалаҳои марбут ба суғуртаро ба танзим медароварад. Солҳои охир рушди устувори иқтисодиёти мамлакат дар баробари тадбирҳои амалинамудаи давлат дар самти ислоҳоти бахши суғурта ба рушди босуръати он мусоидат намуд, ки динамикаи мусбии нишондиҳандаҳои асосии бозори суғурта шаҳодати он мебошад. Аммо бо вуҷуди ин, дар мамлакат бозори суғуртаи ҳаёт ва дигар намудҳои суғуртаи дарозмуддат нокифоя рушд ёфтаанд [9]. Зарур аст, ки тартиби андозбандии ширкатҳои суғуртавӣ мукаммал гарданд. Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки алҳол амал мекунад, ширкатҳои суғуртавӣ бо меъёри тадриҷан баланд андоз аз фоида пардохт мекунанд. Истифодаи таҷрибаи андозбандии ширкатҳои суғуртавӣ, ки дар кишварҳои хориҷӣ ҷорӣ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар мамлакатҳое, ки бозори рушдкардаи суғурта доранд ва ҳамчунин дар кишварҳои хориҷаи наздик ба ҷои андоз аз фоида, андоз аз мукофоти суғуртавӣ пардохт мешавад, ки он натиҷаҳои хушояндро нишон дод:

а) бо назардошти ҳаҷми пардохтҳои суғуртавии воридшуда муайян намудани пардохтҳои андоз;

б) объекти андозбандӣ феълан аз пардохтҳои суғуртавии воридшуда аз кулли намудҳои суғурта мебошанд, ба истиснои намудҳои ҳатмии суғурта, ки маблағгузории он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ мегардад;

в) вобаста ба навъи суғурта мумкин аст, ки меъёри андоз тафриқа дошта бошад;

г) андозҳо бояд ба буҷетҳои маҳаллӣ, дар ҷои баста шудани шартномаи суғурта ворид гарданд. Ҳамин тавр, мубодилаи андозбандии пардохтҳои суғуртавӣ бар ивази андоз аз фоида барои буҷетҳои маҳаллӣ имкон пайдо мекунанд, ки соҳиби захираҳои андоз шуда, онро барои рушди ноҳия ва ё шаҳр равона кунанд.

АДАБИЁТ

1. А. Сатторӣ. Тоҷиксуғурта: таърих ва дастовардҳо. – Душанбе, "Кайҳон", 2016. - 309 саҳ.
2. Ашуров Ғ.Д. Асосҳои суғурта. Воситаи таълимии визуалӣ / Ғ.Д. Ашуров. – Душанбе: «Файзи борон», 2020. – 60 с.
3. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасонии суғуртавӣ: монография / Ғ.Д. Ашуров. – Душанбе: «Файзи борон», 2020. – 260 с.
4. Рузиев А.Б. Формирование рынка страховых услуг в сельском хозяйстве Таджикистана. Дис… кан. экон. наук по спец. 08.00.05. Душанбе, 2011. 165 с.
5. Раҳимов З.А., Ҷӯраев Ш.Ҷ., Абдуллоев А.Х. Васоити таълимӣ аз фанни «Суғурта» Душанбе-2006 сол.
6. Фақеров Ҳ.Н., Ашуров Ғ.Д. Нақши таҳсилот ва илм дар рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе: «Сумани қудрат», 2019. № 3 (28). ISSN 2308-054X. 8-12.
7. Шахов В.В. Страхование : Учебник для вузов.-М.: ЮНИТИ, 2003.
8. Шахов, В.В. Страхование: учебник для вузов / В.В. Шахов. – М.: ЮНИТИ, 2003. – 311 с.
9. Ҳусайнов М.Н.,Розиев Д.А. Самтхои афзалиятноки рушди суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чалби сармояи хоричи ба ин соҳа// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷала иилмӣ 2/4 (2017). Бахши илмҳои иқтисодӣ Душанбе- 2017, сах 49-51

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СУҒУРТА ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур муаллифон мубрамӣ будани фаъолияти суғуртавиро яке аз унсурҳои муносибатҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад, мавриди таҳлил қарор додааст. Ин низом ба баргардонидани (ҷуброн намудани) талафоти моддӣ алоқаманд аст, ки барои ҷараёни беист ва бетанаффуси такрористеҳсол асос мегардад. Соҳаи суғурта ва рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ аз инфраструктурае, ки ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда самаранокии онро баланд мебардорад, иборат мебошад.

Калидвожаҳо: рушди устувор, моҳияти суғурта, бозори суғурта, суғуртакунонӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ, рушди суғурта, рақобатпазирӣ, зарари суғуртавӣ, тарифи суғуртавӣ, фаъолияти суғуртавӣ, рекламаи суғурта.

СУЩНОСТЬ СТРАХОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье авторы рассматривают актуальность страховой деятельности как одного из элементов взаимоотношений страховых услуг, охватывающего все различные отрасли экономики. Эта система связана с возмещением материальных потерь, что является основой непрерывного и бесперебойного процесса воспроизводства. Сектор страхования и развитие страхового рынка в стране состоит из инфраструктуры, которая способствует развитию всех сфер бизнеса и повышает его эффективность.

Ключевые слова: устойчивое развитие, сущность страхования, страховой рынок, страхование, страховые услуги, развитие страхования, конкурентоспособность, страховые убытки, страховые тарифы, страховая деятельность, страховая реклама.

THE CONCEPT AND NATURE OF INSURANCE IN MODERN TIMES

In this article, the authors consider the urgency of insurance activity as one of the elements of the relationship of insurance services, which covers all different sectors of the economy. This system is associated with the reimbursement of material losses, which is the basis for a continuous and uninterrupted process of reproduction. The insurance sector and the development of the insurance market in the country consist of infrastructure that promotes all areas of business and increases its efficiency.

Keywords: sustainable development, nature of insurance, insurance market, insurance, insurance services, insurance development, competitiveness, insurance losses, insurance tariffs, insurance activity, insurance advertising.

Сведения об авторах: ***Хусайнов Манучехр Нуруддинович*** - Таджикский национальный университет, к.э.н., старший преподаватель кафедры финансов и страхование. **Телефон:** 989-12-13-18, 93-107-13-18**. E-mail:** manu-nuri@mail.ru
Шамсуллоев Шамсиддин Саидумарович **-** Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры финансов и страхование**.**

Information about the author: ***Husaynov Manuchehr Nuruddinovich*** **–** Tajik National University, Senior Lecturer of Department of finance and insurance. **E-mail:** manu-nuri@mail.ru
Shamsulloev Shamsiddin Saidumarovich – Tajik National University, second-year master`s student of Department of finance and insurance.

ГУНОГУНШАКЛИИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ, НАЗАРИЯҲО ВА РУШДИ ОН

Ибодат Шарифзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ яке аз хусусиятҳои хоси муосир дар рушди иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Дар охири асри ХХ ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ҳамчун олоти рушди иқтисодиёти минтақавӣ, ба баландшавии рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ, аз тарафи мамалакатҳои аъзои гурӯҳҳои ҳамгирой оварда расонид. Худи калимаи ҳамгирой (интегратсия) аз лотинӣ гирифта шуда, маъноаш integratio – якдигарро пур кардан, ё ин ки integer – ягона, як узви мустақил мебошад. Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ – ин ҷараёни ҳамҷояшавии иқтисодиёти мамлакатҳои ҳамсоя ба як комплекси хоҷагидорӣ, дар асоси робитаҳои мустаҳками иқтисодии ширкатҳои онҳо мебошад. Ҳамгироии иқтисодии паҳн шудаистода ба ҳамгироии глобалӣ, яъне ба глобализатсия (оламшумулӣ) оварда расонида истодааст. Ҷараёни ҳамгирой дар иқтисоди ҷаҳон ин ҳодисаи объективии дарозмуддат буда, қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳаракати сармоя, муҳоҷирати қувваи корӣ ва тиҷорати байналхалқиро дар бар мегирад. Дар даҳсолаҳои охир ҷараёни ҳамгирой элементи ҷудонашавандаи низоми муносибатҳо дар доираи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он дигаргуниҳои глобалӣ ба чашм мерасад. Мақсадҳои ҷараёни ҳамгироиро дида баромада, бояд қайд намуд, ки ҳар яке аз иштирокчиёни ҷараёни ҳамгирой мақсадҳои худро доранд ва ҳаракат мекунанд то мушкилиҳои худро бартараф созанд. Чунин мушкилиҳо бисёр мебошанд, ба монанди роҳ ёфтан ба бозори хориҷӣ, наздик шудан ба захираҳои арзони истеҳсолӣ, беҳтар намудани шароити тиҷоратӣ, ноил шудан ба рушди мустаҳками иқтисодӣ, ҷалби сармоягузориҳои (инвеститсияҳои) мустақими хориҷӣ ва ғайра. Мақсадҳои ғайрииқтисодӣ низ муҳим мебошанд, аз қабили ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона миёни мамлакатҳои ҳамсоя, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, маданият, илм ва зиёд намудани таъсири худ дар арсаи сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд. Ғайр аз ин, бисёри мамалакатҳои рӯ ба инкишоф дар ҳамгирой усули баробар шудан ба инкишофи иқтисодию технологии мамалакатҳои тараққикардаи ҳамсояро пеша мекунанд ва гарави мустаҳкамии иқтисодию сиёсиро дар ҷараёни ислоҳоти бозорӣ мебинанд. Рушди ҷараёни ҳамгирой хусусияти асоситарини инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ дар нимаи дуюми асри ХХ яке аз тамоюлҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз тамоюлҳои асосии байналмиллалишавии глобалии хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳамчун оқибати инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳамкории байналхалқии истеҳсолотӣ, дар ташкилёбии минтақаҳое, ки зери таъсири ин ё он мамлакатҳои абарқудрат, ё ин ки гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда қарор доранд, ба ҳисоб мераванд.

Аз нимаи дуюми асри ХХ оғоз карда, тавсеабахшии равандҳои интегратсионӣ яке аз шартҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки рушди ҷараёни ҳамгироиро яке аз нишондиҳандаҳои асоситарини хоҷагидории ҷаҳонии муосир арзёбӣ мекунанд. Вобаста ба ин равандҳои ҳамгирой дар шароити муосир аслан хислати минтақавиро касб намудаанд, ки суръатпайдокунии он аз нимаи дуюми асри ХХ дар минтақаҳои гуногуни кураи замин назаррас гашт. Дар аввали асри ХХI мафҳуми минтақашавии нав пайдо шуд. Яку якбора баланд шудани рақобати байни фирмавӣ ва байни давлатӣ, соҳаҳои нави рақобат дар бозорҳои анъанавӣ аз тарафи мамлакатҳои алоҳида ва ширкатҳои фаромилалӣ ба амал бароварда шуданд. Дар ин замина имконияти ҳамгироии мамлакатҳо бо мақсади зери назорати худ гирифтани сиёсати иқтисодии минтақа ва рақобати якҷоя бурдан нисбати мамлакатҳои сеюм ба вуҷуд меояд. Ҷараёни ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ дар заминаи минтақашавӣ, яъне ҳамҷояшавии мамлакатҳои минтақа ба амал меояд. Худи истилоҳи ҳамгироии иқтисодӣ **(economic integration)** дар ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ дар асарҳои илмии олимони олмонӣ ва шведӣ ба вуҷуд омадааст ва дар замони муосир низ оид ба ин масъала назарияҳои гуногун пайдо шуданд. Яке аз чунин назарияҳои муосир «Назарияи фазоҳои калон» (теория больших пространств) мебошад, ки аз тарафи ҳуқуқшинос ва таърихшиноси намоёни

олмонӣ К.Шмидт дар солҳои 30-юми асри XX пешниҳод шудааст. К.Шмидт дар назарияи худ нишон додааст, ки дар инкишофи ояндаи хоҷагии ҷаҳонӣ нақши мамлакатҳои алоҳидаи абарқудрат суст мешавад ва аз ҳамин лиҳоз ӯ тарафдори ташкилнамоии минтақаҳои калони ҷуғрофӣ (геопространство), ҳамчун субъектҳои нави хоҷагидорӣ дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буд. Ҷараёни ҳамгироӣ асосан дар натиҷаи рушди тиҷорати озоди байниҳамдигарӣ, бартараф кардани монеаҳо дар роҳи ҳаракати молҳо, дар пешниҳоди хизматрасониҳо, ҳаракати сармоя ва ғайра, ки ба ҳамҷояшавии тарафҳо дар сатҳи минтақа оварда мерасонад, пайдо мешавад ва дар хоҷагии ҷаҳонӣ сифати нави муносибатҳои иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин ҳамгироӣ ҷараёни ғайри фавқуллода мебошад. Ҳамгироӣ пешбинӣ менамояд, ки дар асоси қонунгузории мувофиқакардашудаи мамлакатҳои узв, гурӯҳи минтақавии ҳамгироӣ ташкил карда шавад. Мафҳуми ҳамгироии минтақавӣ на танҳо маънои сарҳадоти ҷуғрофии ин ё он ташкилотро надорад, балки дар назар муносибатҳо ва мақсадҳои таърихан дар минтақаи додашуда ба амал омадаро мефаҳмонад. Аз ҳамин сабаб гурӯҳҳои минтақавии ҳамгироӣ ташкил карда мешавад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо дар замони муосир беш аз 200 созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ ба имзо расонида шудаанд, ки кулли онҳо пас аз соли 1995 баста шудаанд. Тайи даҳсолаҳои охир дар иқтисодиёти байналхалқии муосир «таркиши ҳамгироӣ» ба назар мерасад. Гурӯҳи минтақавии ҳамгироиро асосан аз рӯи мақсад ва хусусиятҳои интихобнамудаи стратегияи ҳамгироӣ, аз рӯи сохтори институтсионалӣ, аз рӯи соҳаи миқёси фаъолият ва аз рӯи мамлакатҳои аъзо фарқ мекунанд. Ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ сохторҳои алоҳидаи як низоми пурраро фаро мегирад:

1) Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ (дар асоси либерализатсияи тиҷорат ва рушди омилҳои истеҳсолкунанда), бо назардошти ҳамлу нақли озоди молҳо, хадамот, ҳаҷми пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва ғайра, ки мафҳуми ҳамгироии ноустуворро (shallow integration) гирифтааст;
2) Истеҳсолоти хусусӣ (ҳамгироии мустаҳкам - deep integration);
3) Сатҳи қабули қарор (дар сатҳи фирмаҳо, иттиҳоди сохибкорон, ҳукуматҳои миллӣ, созмонҳои байналхалқӣ, байниҳукуматӣ ва миллӣ).

Асоси назариявии рушди раванди ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро дар шароити муосир як қатор назарияҳои аз тарафи олимон коркардшуда ташкил менамоянд, ки дар меҳвари асосии онҳо назарияҳои классикӣ ҷои намоёнро ишғол мекунанд.

Намояндагони назарияи классикӣ (А.Смит, Д.Рикардо, Т.Милл) тарафдорони тиҷорати озод (фритрейдерство) буданд. Асоси назарияи онҳоро махсусгардонии мамлакатҳо дар истеҳсоли ин ё он молҳо ва тақсимоти байналхалқии меҳнат ташкил медоданд. Дар асоси назарияи онҳо мамлакат молеро бояд истеҳсол кунад, ки дар истеҳсоли он бартарии мутлақ дошта бошад ва ин молро бо дигар мамлакат бо моли дигар иваз кунад. Ин назария дар асоси ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ба вуҷуд омадааст, гарчанде ки дар он равандҳои гуногун вуҷуд надошта бошад. Ин равияҳо (назарияҳои Смит, Рикардо ва Милл асосан ба тиҷорати озод такя мекарданд) пеш аз ҳама аз сатҳи баҳогузории механизми интегратсионӣ фарқ мекунанд. Тарафдорони «неолиберализм» (В.Репке, М.Аллэ) ҳамгироии пурраро ҳамчун як фазои ягонаи бозорӣ, дар миёни якчанд мамлакат, ки дар он ҷо қонунҳои бозорӣ (арза ва тақозо), новобаста аз сиёсати давлатҳо ва санадҳои қонунгузории байналхалқӣ амал мекунанд, дарк мекарданд. Намояндагони дигари «неолиберализм», аз ҷумла Б.Баласс ба ҷараёни ҳамгироие, ки дар асоси ҷараёнҳои иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳои гуногун ба вуҷуд меомаданд, аҳамияти калон медоданд. Тарафдорони «корпоратсионализм» бошанд, (С.Ролф, У.Ростоу) ақида доштанд, ки ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро механизми бозорӣ ва танзими давлатӣ таъмин карда наметавонад, балки ширкатҳои байналхалқӣ таъмин мекунанд. Тарафдорони «структуриализм» (Г.Мюрдал) ақида доштанд, ки ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун ҷараёни аз нав бавуҷудоии сохтории мамлакатҳо мебошад. Оқибати ин тағйиротҳо аз рӯи ақидаи онҳо сифати нави фазои ҳамгироиро бо механизми хоҷагидории боз ҳам беҳтар ба вуҷуд меорад. «Кейнстаборони нав» (Р.Купер) ақида доштанд, ки барои муфиднок истифода бурдан аз ҳамгироии иқтисодӣ бояд тарафҳои ҳамгирошаванда қонунгузории дохилӣ ва хориҷиро мувофиқ кунонанд ва дар ин ҳолат истиқлолиятро аз даст надиҳанд. Гуногунии моҳияти консепсияҳои ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро дарк карда, бояд дар назар дошт, ки

ҳар як назария аз дигар фарқ карда, мақсадҳо ва проблемаҳои худро дошта, дар даврони худ ҳар яке аз ин назарияҳо оптималӣ буданд. Ҳамгироии иқтисоди байналхалқӣ дар мавриде вуҷуд дошта метавонад, ки агар се шарти зерин ҷой дошта бошанд:

1) Сатҳи иқтисодии мамлакатҳои ҳамгироишаванда бояд баробар бошад, ки яке дигареро пур кунад. Ҳамгиро дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар сатҳи истеҳсолоти тарафҳои ҳамгироишавнда дар сатҳи баланд тараққӣ карда бошанд. Дар миёни мамлакатҳои рӯ ба инкишоф бошад, ҷараёни ҳамгиро дар сатҳи хеле паст сурат мегирад. Байни онҳо муносибатҳои тиҷоратӣ ва пешниҳоди қарзҳои содиротӣ хеле паст инкишоф ёфтааст ва содироту воридоти онҳо асосан бо мамлакатҳои тараққикарда рост меояд;

2) Ҳамгиро байни мамлакатҳое ба вуҷуд омада метавонад, ки дар ин мамлакатҳо иқтисодиёт марказонидашуда набошад ва дар ин мамлакатҳо иқтисодиёти нақшавӣ мавҷуд набошад. Мамлакатҳои ҳамгироишаванда бояд муносибатҳои озоди бозорӣ дошта бошанд, яъне дахолати давлат кам карда шавад ва бозор аз тарафи корхонаҳои давлатӣ монополия карда нашавад;

3) Раванди ҳамгиро дар мавриде мустаҳкам мешавад, ки агар дар мамлакатҳои аъзо демократикунии ҷомеа ҷой дошта, дар ин маврид бо кушодани сарҳади гумрукӣ нисбати мамлакатҳои аъзо тиҷорати озод, ҳаракати омилҳои истеҳсолкунанда ва ғайра сурат гирад.

Дар замони муосир ба заминаҳои тақвияти ҳамгироии иқтисодӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

1. Наздик будани сатҳи иқтисодиёти мамлакатҳои ҳамгироишаванда;
2. Мавҷуд будани сарҳади миёни мамлакатҳои ҳамгироишаванда;
3. Ягона будани проблемаҳои давлатҳо;
4. Хоҳиши мамлакатҳои ҳамгироишаванда;
5. «Таъсири намоишӣ»;
6. «Таъсири домино».

1) Мамлакатҳои ҳамгироишаванда бояд сатҳи баробари инкишофи иқтисодӣ ва бозорӣ дошта бошанд. Механизмҳои хоҷагидории мамлакатҳои аъзо бояд ба якдигар монанд бошанд. Чун анъана ҳамгиро миёни мамлакатҳои тараққикарда ва ё миёни мамлакатҳои рӯбаинкишоф, яъне миёни мамалакатҳое, ки сатҳи баробари инкишофи иқтисодӣ доранд, хуб ба вуҷуд меояд (мисол ИА);

2) Ҳамгироии иқтисодӣ дар мавриде ба вуҷуд меояд, ки агар мамлакатҳои аъзо сарҳади ягона дошта бошанд. Дар ин маврид асосан мамлакатҳои дар як қитъа ва ё минтақа бо мақсади осон гардонидани проблемаҳои забонӣ ва урфу одатӣ ҳамгиро мешаванд. Бояд қайд кард, ки асосан ин мамлакатҳо дар заминаи муносибатҳои таърихан бавуҷудомада ҳамгиро мешаванд;

3) Ягона будани проблемаҳои хоҷагидорӣ ва дигар проблемаҳои дар назди мамлакатҳои ин ё он минтақа истода. Ҳамгироии иқтисодӣ гурӯҳи проблемаҳои дар назди мамлакатҳои ҳамгирошаванда истодаро бартараф мекунад. Аз ҳамин сабаб, мамлакатҳо байни худ ҳамгиро шуда наметавонанд, агар дар наздашон проблемаҳои гуногун бошад. Мисол: мамлакате, ки проблемааш таъмини аҳоли бо озуқаворӣ ва оби нӯшокӣ мебошад, бо мамлакате, ки проблемааш ҳаракати сармоя ва ҳаракати қувваҳои истеҳсолкунанда мебошанд, ҳамгиро шуда наметавонад. Барои ҳамин мамлакатҳои ҳамгироишаванда бояд проблемаҳои ягона дошта бошанд;

4) Хоҳиши сиёсии мамлакатҳо, мавҷуд будани пешсафии ҳамгиро. Ҳар як мамлакати аъзои гурӯҳи ҳамгиро бояд бо хоҳиши худ ба гурӯҳи ҳамгиро аъзо шавад. Дар ҳар як минтақа бояд мамлакате бошад, ки ҷараёни ҳамгироиро дар минтақа тезонад;

5) «Таъсири намоишӣ» («демонстрационный эффект»). Чунин маъно дорад, ки мамлакатҳои сеюм аз бартариятҳои ҳамгиро бархурдор шуда, хоҳиши аъзо шуданро ба гурӯҳи ҳамгиро пешниҳод мекунанд. Чунин ҳодиса дар Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд омада буд, ки яку якбора 10 мамлакати Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ба Иттиҳоди Аврупо аъзо шуданд;

6) «Таъсири домино» («эффект домино»). Чунин маъно дорад, ки ҳамгироии иқтисодӣ ба дигаргунии муносибатҳои иқтисодӣ оварда мерасонад ва мамлакатҳои сеюми аз доираи ҳамгиро берун монда ба як қатор душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин маврид ҳатто

тиҷорат байни гурӯҳи ҳамгироӣ ва мамлакати алоҳидаи сеюм суст мегардад ва мамлакати сеюм маҷбур мешавад, ки ба гурӯҳи ҳамгироӣ аъзо шавад.

Заминаҳои дар боло зикр гардида асоси такомули ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба аҳамияти иқтисодию иҷтимоии равандҳои интегратсионӣ дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ-СНГ) низ таъсиси гуруҳҳои интегратсионӣ як самти ҳамкориҳои давлатҳои узви он ба ҳисоб мераванд.

АДАБИЁТ

1. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения: Учебник М.; Юристь, 1999. 368с.
2. Киреев А.Н. Международная экономика. В 2-х ч. Ч.II.Международная макроэкономика: Открытая экономика и макроэкономическое программирование. Уч.пос. для вузов - М: Международные отношения - 2006. 416с. С.361-379.
3. «Международные экономические отношения » учебник под редакцией проф. Рыбалкина В.Е.Москва.: 2002 год
4. Саидмуродов Л.Х. Иқтисодиёти байналхалқӣ.-Душанбе: Ирфон -2002. 383с.

ГУНОГУНШАКЛИИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ, НАЗАРИЯҲО ВА РУШДИ ОН

Дар мақолаи мазкур ҷараёни ҳамгироӣ, ки дар натиҷаи рушди тиҷорати озоди байни ҳамдигарӣ, бартараф кардани монеаҳо дар роҳи ҳаракати молҳо, дар пешниҳоди хизматрасониҳо, ҳаракати сармоя ва ғайра, ки ба ҳамҷояшавии тарафҳо дар сатҳи минтақа оварда мерасонад, пайдо мешавад ва дар хоҷагии ҷаҳонӣ сифати нави муносибатҳои иқтисодиро ба вуҷуд меорад, таҳлил карда шудааст. Мафҳуми ҳамгироӣ на танҳо маънои сарҳадоти ҷуғрофии ин ё он ташкилотро надорад, балки дар назар муносибатҳо ва мақсадҳои таъриҳан дар минтақаи додашуда ба амал омадаро мефаҳмонад.

Калидвожаҳо: ҳамгироӣ, рушди тиҷорати озод, қонунгузории мувофиқа, мамлакатҳои узв, муносибатҳои иқтисодӣ, минтақа, ҳаракати сармоя.

МНОГООБРАЗИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ, ТЕОРИИ И ЕГО РАЗВИТИЕ

В этой статье рассматривается процесс интеграции возникающее в результате развития свободной торговли, устранения барьеров для движения товаров, предоставления услуг, движения капитала и т. д., что приводит к созданию региональной интеграции и новому качеству экономических отношений в мировой экономике. Интеграция означает не только географические границы организации, но также отношения и цели, которые исторически существовали в данном регионе.

Ключевые слова: интеграция, развитие свободной торговли, примирительное законодательство, государства-члены, экономические отношения, регион, движение капитала.

DIVERSITY OF ECONOMIC INTEGRATION, THEORY AND ITS DEVELOPMENT

This article examines the process of integration resulting from the development of free trade, the elimination of barriers to the movement of goods, the provision of services, the movement of capital, etc., which leads to the creation of regional integration and a new quality of economic relations in the world economy. Integration means not only the geographical boundaries of an organization, but also the relationships and goals that have historically existed in a given region.

Keywords: integration, development of free trade, conciliation legislation, member states, economic relations, region, capital movement.

Сведения об авторе*: Ибодат Шарифзода* – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры мировой экономики. **Телефон:** 937434445

Information about the author: ***Ibodat Sharifzoda*** – Tajik National University, second-year master`s student of Department of World Economy. **Phone**: 937434445

ЗАМИНАҲОИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СОХТМОНӢ ВА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Шарифиён А.А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба амалинамоии сармоягузориҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба таври боварибахш қабул карда шавад, хусусан дар мавриди молиякунонии сармоягузорӣ аз ҳисоби воситаҳои қарзӣ (қарзҳо, вомбаргҳо ва ғ.). Масалан, агар сармоягузорӣ дар сохтмон ва хариди объектҳои нави воситаҳои асосӣ гузаронида шавад, даромаде, ки аз истифодабарии объекти нав ба даст меояд, бояд харочоти нигоҳубини воситаҳои асосӣ, харочоти фоизи қарзи барои сармоягузорӣ гирифташударо

руйпӯш намояд ва баргардонидани маблағи қарзро дар муҳлати муқарраргардида таъмин созад.

Ҳангоми амалигардонии маблағгузории асосӣ набояд фаромӯш кард, ки объектҳои сохташудаи воситаҳои асосӣ активҳои дарозмуддат ҳисоб меёбанд. Онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин ба воситаҳои пулӣ табдил додан номумкин аст. Аз ин рӯ, дар сурати тағирёбии вазъи иқтисодӣ ва суст гаштани ҳолати молиявӣ фурӯши таъҷилии объекти сохташуда барои пардохтани уҳдадорӣ метавонад ба корхона мушкилӣ эҷод намояд.

Мисоли оддӣ оид ба қабули қарори сармоягузорӣ меорем. Корхонаи «А» барои дастрас намудании масолеҳ барои истеҳсолот аз хизмати корхонаи автомобилӣ истифода мебурд. Бо мақсади кам кардани хароҷоти боркашонии масолеҳ, ки ба арзиши аслии моҳсулот дохил мешавад, корхонаи «А» қарор қабул кард, ки автомобили боркаши навро барои дастрас намудани масолеҳ харидорӣ кунад. Тарафҳои мусбӣ ва манфии қарори қабулшударо таҳлил менамоем. Амалӣ намудани маблағгузории асосӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо роҳи харидани автомобили боркаш ба корхона шароит фароҳам меорад, ки хароҷоти дастрас кардани масолеҳро, ки ба арзиши аслии сохтмон дохил мешавад, барҳам диҳад. Акнун, бар ивази ин корхона дигар хароҷоте, ки ба арзиши аслӣ ҳамроҳ мешаванд, амалӣ менамояд: фарсудашавии воситаҳои асосии харидашуда, музди меҳнати ронанда, хароҷоти таъмири ҷорӣ ва нигоҳубини автомобил, сузишворӣ, суғуртапулӣ ва ғ. Агар ҷамъи хароҷоти номбаршуда аз маблағи хароҷоти хизмати корхонаи нақлиётӣ камтар шавад, он гоҳ маблағгузории асосӣ ба автомобили харидашуда барои сарфа кардани хароҷот ва мувофиқан баланд шудани андозаи фоида мусоидат мекунад. Илова бар ин, ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки амалӣ кардани маблағгузории асосӣ дар сохтмон маблаги зиёди пулиро, ки гардиши онҳо ба корхона нафъи бештаре медиҳанд, ишғол мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми гузоришоти капиталӣ ҳолати молиявии корхона, паҳлӯҳои гуногуни самаранокӣ, зарарнокии объектҳои корхона ва захираҳои паст кардани арзиши аслиро ҳаматарафа бояд таҳлил намуд. Омӯзиши ин масъалаҳо ба уҳдаи фанни баҳисобгирии молиявӣ ҳисобгирии идоракунӣ, таҳлилии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғайра вогузор карда шудааст.

Вобаста ба хусусияти сармоягузории асосӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ ва тарзи амаликунии он сарчашмаҳои молиякунонии фаъолияти сохтмонро чунин ҳисобидан мумкин аст: захираҳои хусусии молиявӣ ва дохилихоҷагии сормоягузор (фоида, ҳиссаҷудокунии омартизатсинонӣ, маблағҳои ғуншуда ва амонатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, пардохтҳои органҳои суғурта барои зарари офатҳои табиӣ ва ғайра); воситаҳои молиявии қарзии сармоягузор (қарзҳои бонкӣ ва буҷавӣ, вомбаргҳо, зайёмҳо ва ғайра); воситаҳои молиявии ҷалбкардашудаи сармоягузор (маблаги фурӯши саҳмия, аъзопулии аъзоёни коллектив, шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра); воситаҳои пулии ташкилотҳои марказонидашуда бо тартиби муқарраргардида; воситаҳои молиявии буҷети давлат, буҷети маҳалл ва дигар фондҳои ғайрибуҷавӣ; сармояи хоричӣ. Мақсади асосии ҳисобгирии фаъолияти сохтмон чунин аст: инъикоси саривақтӣ, пурра ва ҳаққонии хароҷоти истеҳсолӣ ҳангоми сохтани объектҳо; таъмини назорат аз рӯи рафти иҷроиши сохтмон, ба кор додани объектҳои истеҳсолӣ, ва дигар объектҳои воситаҳои асосӣ; дуруст муайян кардан ва инъикос кардани арзиши инвентари сохташуда, замин ва захираҳои табиӣ; таъмини назорат аз рӯи мавҷудият ва истифодабарии сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузорӣ. Мувофиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41 тасдиқ гардидааст, барои ширкатҳои сармоягузор дар сохтмони биною иншоот сармоягузории дарозмуддат дар қисми 11500 «Сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул» ба ҳисоб гирифта мешавад [6]. Мувофиқи ин ҳуҷҷат сармоягузорӣ чунин шарҳ дода шудааст: Сармоягузории моликияти ғайриманқул – моликияти ғайриманқул (замин, бино ё як қисми бино), ки дар ихтиёри молик ё иҷорагир аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ бо мақсади гирифтани

пардохти иҷора, даромад аз афзуншавии арзиши сармоя ё ин, ки ҳам аз ину ҳам аз он, аммо на барои:

а) истеҳсол ё таҳвили мол, хизматрасонӣ, барои мақсадҳои маъмурӣ;

б) фурӯш дар фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ.

Субъектони идоракунандагони моликияти ғайриманқул аз рӯи ҳуқуқи моликият ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати чунин дороиҳо истифода мебаранд: моликияти ғайриманқулӣ бо мақсади гирифтани даромад аз афзуншавии ё арзиши сармоя нигоҳдошташаванда; моликияти ғайриманқули ба иҷораи амалиётӣ бо мақсади гирифтани даромад дар намуди пардохти иҷора супурдашаванда;

Субъектҳои идоракунандагони моликияти ғайриманқул аз рӯи ҳуқуқи моликият ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул»-ро барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати чунин моликияти ғайриманқул, ки ба иҷораи амалиётӣ супурда шудааст, истифода мебаранд.

Ба нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои алоҳида барои баҳисобгирии сармоягузориҳо аз гурӯҳҳои бештари ҳаммонанд:

11510 «Бино ва иншоот»

11520 «Таҷдиди объектҳои сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул» - пешбинӣ шудааст.

Аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» хароҷотҳои воқеӣ барои харидорӣ (дарёфт) инъикос мешаванд. Хароҷоти воқеӣ барои харид, нархи харид ва хароҷоти воқеии дилхоҳ, вобаста бо хариди дороиро дар бар мегиранд, мисол арзиши хизмати миёнарав ва маслиҳатчиён, боҷи давлатӣ ва ҳоказо. Дар ширкатҳои сохтмонӣ хароҷоти воқеӣ барои харидории сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул бо тарзи омодашудаи хоҷагӣ арзиши он ба санаи анҷом додани сохтмон (омодакунӣ) ё аз нав барқароркунӣ мебошад. Аз рӯи ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» хароҷоти минбаъда вобаста ба сармоягузорӣ дар ҳисобот ифодашуда вақте, ки эҳтимолияти гирифтани фоидаи иқтисодӣ зиёда аз нишондиҳандаҳои меъёрии аввал ҳисоб карда шуда вуҷуд дорад, арзиши тавозунии дороиро афзун мекунад. Баъд аз нахуст эътирофи сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул ё аз рӯи арзиши одилона ё аз рӯи хароҷоти воқеии фурӯш ба ҳисоб гирифта мешавад. Субъект бояд баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши яке аз намунаҳои баҳисобгириро интихоб кунад ва онро барои ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул истифода барад.

Намунаи баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши одилона. Баъд аз нахуст эътирофшавӣ ҳамаи объектҳои сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул аз рӯи арзиши одилона ба санаи ҳисоботӣ инъикос карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани арзиши одилона, хароҷоти дар назар дошта шуда, ки бо фурӯши минбаъда ва дигар хориҷшавии дороӣ алоқаманданд, нархгузорӣ намешаванд ва тарҳ карда намешаванд. Таҷҳизоте, ки қисми ҷудонашавандаи биноро (мисол, лифтҳо ва системаи ҳавотозакунӣ) ташкил мекунад, ба таркиби сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул дохил карда мешавад ва алоҳида дар таркиби воситаҳои асосӣ инъикос карда намешавад: аз рӯи дебети ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» дар мукотибот бо ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» ҳангоми зиёдшавии арзиши дороӣ; аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар хароҷоти ғайрималиётӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ҳангоми камшавии арзиши дороӣ. Ҳисобҳои 66070 ва 66170 аз тарафи субъектҳое истифода бурда мешаванд, ки барои онҳо амалиёт бо сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул фаъолияти амалиётӣ намебошад. Вобаста аз талаботи амалӣ ҳисобҳои 66070 ва 66170 метавонанд сарчашма барои ҷамъбасти иттилоот дар бораи тағйирёбии арзиши одилонаи сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул бошанд.

Ҳангоми қатъ гардидани эътирофи объекти сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул фарқият байни маблағи ҳаққонии фурӯш ва арзиши тавозунии объект гирифта шудааст, ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар поён яке аз ҷадвалҳои имконпазири мукотиботи ҳисобҳо оид ба баҳисобгирии амалиёт аз рӯи

фуруши объекти сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул, ки аз рӯи арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудааст, оварда шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Мундариҷаи амалиёт	Рақами ҳисоби мукотиботӣ	
	Дебет	кредит
Пули фурӯш ба маблаге, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ)	10590, 10400	66060
Пули фурӯш ба маблаге, ки бояд гирифта шавад (бе ААИ)	66170	11500
Харочот ҳангоми фуруш амалигардида (ба харидор бурда расонидан, тачзия ва ғ.)	66170	22010 ва дигар

Ҳангоми истифода бурдани мукотиботи мураккаби ҳисобҳои баҳисобгири муҳосибӣ миқдори навишт (қайдҳо) хеле кам мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

НОМИ ҲИСОБ	№ ҳисоби мукотиботӣ	МАБЛАҒ	
		Дебет	Кредит
Дигар қарздории дебиторӣ	10590	***	
Зарар аз хорич шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад)	66160	***	
Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул	11500		***
Даромад аз хорич шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад)	66060		***

Ҳангоми супурдани объекти сармоягузории амволи ғайриманқул ба иҷораи молиявӣ аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ба дебети ҳисоби 11660 «Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат» маблаги сармоягузориҳои соф ба иҷора навишта мешавад. Фарқият байни сармоягузории соф ба иҷора ва арзиши балансии объект ҳамчун фоида ё зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ инъикос карда мешавад (агар дигар ҳолат дар СБҲМ (IAS) 17 «Иҷора», ки ба фурӯш аз иҷораи мутақобила дахл дорад, муқаррар нашуда бошад) (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

НОМИ ҲИСОБ	№ ҳисоби муросилотӣ	МАБЛАҒ	
		Дебет	Кредит
Дигар сармоягузориҳои дарозмуддат	11660	***	
Зарар аз хорич шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хоричшавй зарар бошад)	66160	***	
Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул	11500		***
Даромад аз хорич шудани дороиҳои дарозмуддат (агар натиҷаи хоричшавй фоида бошад)	66070		***

Гузаронидани объект ба гуруҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул», ки аз рӯи арзиши одилона ё хорич кардан аз гурӯҳи мазкур инъикос мешавад, танҳо ҳангоми тағйирёбии таъйиноти объект ба ҷо оварда мешавад. Ҳангоми гузаронидани объект ба гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ё «Захираҳо» ба сифати харочоти воқеӣ барои харидорӣ барои баҳисобгирии минбаъда арзиши одилонаи он ба санаи тағйирёбии таъйиноти объект қабул карда мешавад. Арзиши одилона аз кредити ҳисоби 11500 «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» ба дебети ҳисоби 11000 «Воситаҳои асосӣ» ё ҳисоби 10700 «Захираҳо»

навишта мешавад. Ҳангоми гузаронидан аз гуруҳи «Захираҳо» ба гуруҳи «Сармоягузориҳо ба амволи ғайриманқул» дорои аз рӯи арзиши одилона ба санаи тағйирёбии таъйиноти он нархмонӣ карда мешавад. Дар поён яке аз ҷадвалҳои имконпазири мукотиботи ҳисобҳо аз рӯи баҳисобгирии амалиётҳо доир ба гузаронидани дорої аз гуруҳи «Молҳо» ба гуруҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» оварда шудааст (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4

Мазмуни амалиёт	Рақами ҳисоби мукотиботӣ	
	Дебет	Кредит
1.Аз ҳисоббарории арзиши мол дар маблаги хароҷоти воқеӣ барои харидорӣ	11500	10710
2.Фарқият байни арзиши одилонаи дорои ва арзиши тавозунӣ ба санаи гузаронӣ	11500 66170	66070 11500

Ҳангоми истифода бурдани мукотиботи мураккаби ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ миқдори навишт (қайдҳо) хеле кам мешавад (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5.

НОМИ ҲИСОБ	№ ҳисоби мукотиботӣ	МАБЛАҒ	
		Дебет	Кредит
Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул	11500	***	
Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ (агар натиҷаи хориҷшавӣ зарар бошад)	66170	***	
Молҳо	10710		***
Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ (агар натиҷаи хориҷшавӣ фоида бошад)	66070		***

Агар амволи соҳибмулк (аз ҷониби молик истифодашаванда) аз гурӯҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гурӯҳи «Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул» гузаронида шавад, он гоҳ мавҷуд будани фарсудашавӣ ва эътирофи зарар аз коҳишёбии арзиш то санаи гузарониш давом мекунад. Фарқият байни арзиши тавозунии дорої ва арзиши одилонаи он ба санаи тағйирёбӣ ҳамон тавре, ба монанди аз нав нархмонӣ тибқи СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад:

а) камшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи дебети ҳисоби 66170 «Дигар харачотҳои ғайриамалиётӣ» инъикос карда мешавад.

б) зиёдшавии арзиши тавозунӣ аз рӯи кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» дар он андозае, ки он зарари пеш эътирофшударо аз рӯи фуромадани нархи объекти мазкур ҷуброн мекунад, инъикос карда мешавад. Қисми боқимондаи маблағи зиёдшавии арзиши тавозунӣ ба кредити ҳисоби 33120 «Тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ» мансуб аст.

Гузаронидани объект аз гуруҳи «Воситаҳои асосӣ» ба гуруҳи «Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул» ба таври зерин инъикос карда мешавад.

а) ба санаи тағйирёбӣ азнавбаҳодиҳии объект то арзиши одилона гузаронида мешавад, ҳамзамон фарсудашавии ба санаи азнавбаҳодиҳӣ ҳисоб карда шуда дар муқобили арзиши тавозунии дорої то нигоҳдории фарсудашавӣ бо тартиб додани мукотиботи ҳисобҳои зерин навишта мешавад.

АДАБИЁТ

1. Саидов Р. Назорат ва тафтиш: Васоити таълимӣ. Душанбе, Ирфон, 2015. – 252 саҳ.
2. Слепов, Ю.В. Бухгалтерский учет и налогообложение деятельности организаций – застройщиков / [Электронный ресурс] / Ю.В. Слепов // http://www.gostaudit.ru/article ;
3. Соколов, П.А. Аудит использования материально-производственных запасов в строительстве / П.А. Соколов // Строительство: налогообложение, бухучет – 2004. - № 2;
4. Суслова, Ю.А. Оценка незавершенного производства в строительных организациях / Ю.А. Суслова // Аудиторские ведомости – 2006. - № 1;
5. Уроқов Д.У. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе, Ирфон.2012., 320 саҳ.

6. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41.

ЗАМИНАҲОИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СОХТМОНӢ ВА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Муаллиф дар маколаи мазур ӯайд намудааст, ки қарорҳои идоракунӣ оид ба амалинамоии сармоягузориҳо дар ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба таври боварибахш қабул карда шавад, хусусан дар мавриди молиякунонии сармоягузорӣ аз ҳисоби воситаҳои қарзӣ (қарзҳо, вомбаргҳо ва ғ.). Масалан, агар сармоягузорӣ дар сохтмон ва хариди объектҳои нави воситаҳои асосӣ гузаронида шавад, даромаде, ки аз истифодабарии объекти нав ба даст меояд, бояд харочоти нигоҳубини воситаҳои асосӣ, харочоти фоизи қарзи барои сармоягузорӣ гирифташударо руйпӯш намояд ва баргардонидани маблағи қарзро дар муҳлати муқарраргардида таъмин созад. Ҳангоми амалигардонии маблаггузории асосӣ набояд фаромӯш кард, ки объектҳои сохташудаи воситаҳои асосӣ активҳои дарозмуддат ба ҳисоб мераванд. Онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин ба воситаҳои пулӣ табдил додан номумкин аст.

Калидвожаҳо: қабули қарор, сармоягузорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, фаъолияти сохтмонӣ.

ОСНОВЫ ПРИНЯТИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ РЕШЕНИЙ ПО СТРОИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ОРГАНИЗАЦИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА

Автор в данной статье отметил, что принятие управленческих решений по осуществлению инвестиций в строительные компании должно быть приняты надлежащим образом, особенно в случае финансирования инвестиций за счет заемных средств (кредитов, облигаций и т.д.). Например, если инвестиции осуществляются в строительство и покупку новых основных объектов, доход, получаемый от использования нового объекта, должен покрывать расходы по хранению основных средств, начисление процентов по кредиту, полученному для инвестиций, и обеспечить возврат суммы долга в установленный срок. При осуществлении капитального финансирования не следует забывать, что созданные объекты основных средств считаются долгосрочными активами. Их невозможно преобразовать в наличные деньги в кратчайшие сроки.

Ключевые слова: принятие решений, инвестиции, учет, строительная деятельность.

FUNDAMENTALS OF MANAGEMENT DECISION-MAKING IN CONSTRUCTION ACTIVITIES AND ACCOUNTING ORGANIZATION

In this article the author noted, that management decisions on investments in construction companies should be made properly, especially in the case of financing investments with borrowed funds (loans, bonds, etc.). For example, if investments are made in the construction and purchase of new fixed assets, the income received from the use of the new facility should cover the cost of storing fixed assets, accruing interest on the loan received for investment, and ensure the repayment of the debt amount within the established period. When implementing capital financing, it should not be forgotten that the created objects of fixed assets are considered long-term assets. They cannot be converted to cash in the shortest possible time.

Keywords: decision-making, investment, accounting, construction activity.

Сведения об авторе: ***Шарифиён Абдуалим Астана*** – магистр второго курса факультета бухгалтерского учета и цифровой экономики Таджикского национального университета.

Information about the author: ***Sharifiyon Abdualim Astana*** – second-year Master's student of the Faculty of Accounting and Digital Economy of the Tajik National University.

КОРПОРАТИВНЫЕ МЕРЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ТЕНДЕНЦИИ МАРКЕТИНГА ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Зайниддинов У.М., Юсупов Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Экономическое развитие любой страны закладывает основу для увеличения доходов населения и повышения его покупательной способности, а также предоставляет возможности для формирования всех секторов национальной экономики, включая туризм. Если одним из важнейших вопросов, способствующих развитию туризма, является экономическая ситуация, то другим важным вопросом является всесторонняя государственная поддержка развития отрасли.

Следует отметить, что Республика Таджикистан обладает огромным потенциалом туристско-рекреационных ресурсов и имеет все возможности обеспечить устойчивый рост этой

приоритетной отрасли. В наше время развитие туризма может стать основой для развития всех других секторов национальной экономики.

Конкретное описание. Формирование и развитие международного туризма зависит, прежде всего, от развития национального туризма. Анализ показывает, что если в 2005 году доходы от международного туризма составили 680 миллиардов долларов. В последующие годы, например, в 2010 году она составило около 928 миллиардов долларов США. а в 2018 году около 1 трлн. 254 миллиарда долларов США. К 2030 году это число достигнет 2 триллионов 110 миллиардов долларов. Другими словами, согласно прогнозу развития, размер доходов от туризма в мире будет выше, чем в других секторах мировой экономики.

Например, Китай (вместе с Гонконгом) может стать крупнейшим туристическим направлением в мире, и его доля может составлять до 12,3% от общего объема международного туризма. **Таблица 1.**

Объем импорта от туристической деятельности в мире и в отдельных странах (млрд долларов США)

Место	Страны	2013	2014	2015	2016	2017	2018
1	США	126,2	172,9	191,3	204,5	205,94	203,57
2	Испания	55,9	62,6	65,1	56,5	60,61	68,44
3	Франция	53,7	56,7	58,1	45,9	42,64	66,1
4	Китай	50	51,7	105,4	114,1	124,43	56,66
5	Италия	41,2	43,9	45,5	39,4	40,37	45,91
6	Германия	38,1	41,3	43,3	36,9	42,1	55,21
7	Британия	36,4	41,0	46,5	45,5	72,33	74,58

Составлено автором на основе данных ЮНВТО.

Из приведенных выше показателей видно, что благодаря правильной организации туристической инфраструктуры, признанию туризма одним из экономических приоритетов показатель доходов стран в этом секторе постоянно растет.

На наш взгляд, для достижения стратегических целей развития туризма было бы уместно принять меры, влияющие на развитие туризма:

1. Влияние на преобразование и модернизацию (реконструкцию) природных туристических объектов. Мы предлагаем разделить все туристические зоны по уровню ценности на пять категорий: категории А, 2А, 3А, 4А, 5А, и в процессе модернизации обеспечить преобразование более низких категорий в категорию 5А. Категоризация зависит от уровня обслуживания, организации и инфраструктуры.

2. Расширение предложения новых видов туризма. Адаптация к развитию популярного туризма, оптимизация структуры туристических продуктов и внедрение инновационной системы туристических продуктов. Исходя из этого, мы предлагаем создавать новые туристические направления.

3. Разработка различных культурных и туристических продуктов. Создание целевых парков, т.е. создание парков в разных регионах страны, таких как парки достижений культуры, народных промыслов, парки истории архитектуры таджикского народа и так далее. Содействовать строительству пилотных национальных парков культуры, модернизации или реконструкции деревень, расположенных в отдаленных районах и сохраняющих древнюю культуру, а также созданию специализированного парка великих таджикских мыслителей с описанием их жизни и деятельности.

4. Содействие развитию сельского туризма в отдаленных районах. Опыт ведущих туристических стран показывает, что в эпоху индустриального развития экологическая ситуация в крупных городах крайне бедна, а поток городского населения на окраины города увеличивается, что привело к появлению нового вида туризма. Поэтому, используя опыт таких стран как Австрия, Польша, Китай, Корея, Япония, Франция и др., важно уделять больше внимания сельскому туризму в нашей стране. Необходимо создать образцовые туристические поселки, которые должны быть полностью обеспечены централизованным финансированием и туристической инфраструктурой.

5. Продвижение регионального туризма. Регулярная организация межрегиональных туристических поездок по Республике Таджикистан, т.е. организация туристических маршрутов (с привлечением административного персонала) из Бадахшана в Согд, из Хатлона в Рашт, из Душанбе в Согд и др. Совершенствование инструментов сотрудничества в сфере туризма. Создание элементов, отвечающих основным потребностям туристов (строительство столовых, магазинов, туалетов, ванных комнат, небольших гостиниц и т. д.) вокруг туристических маршрутов [3.с.129].

6. Отслеживание развития интеллектуального туризма. Создание специальных информационных центров, электронных туристических карт, предоставление системы бесплатного Wi-Fi на всех объектах туристической инфраструктуры (гостиницы, санатории, рестораны, развлекательные центры, транспортные базы, рекреационные объекты), создание национальной информационной платформы, организация национального путеводителя, реализация технологии VR (виртуальная реальность) с представлением туристического потенциала Таджикистана и истории формирования таджикской нации.

7. Предоставление туристам качественных услуг. Предоставление пассажирского транспорта, соответствующего международным стандартам и повышенного комфорта, модернизация ресторанов и предоставление в ресторанах комплексного меню разных национальностей и этнических групп, оптимизация размещения туристской авиации, организация железнодорожных путешествий, железнодорожных перевозок.

8. Обеспечение всестороннего развития туризма и культурной дипломатии. Увеличить количество конференций, симпозиумов, встреч государственных органов. Разработка стратегического плана «Доступ к мировому туристическому рынку» путем создания различных информационных пунктов о возможностях туристической инфраструктуры Таджикистана в разных странах. Обеспечение сотрудничества с крупнейшими мировыми авиакомпаниями, международными туристическими ассоциациями и международными туристическими организациями.

Следует отметить, что государство является важным менеджером в организации и предоставлении туристических услуг, а также ключевым рычагом развития сектора.

Таким образом, процесс развития каждого сектора национальной экономики, наряду с наличием материальных ресурсов, также зависит от надлежащего управления, а реализация политики в этой области требует координации всех задействованных секторов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аз ҳисоботҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2018.
2. Барномаи давлатии рушди сайёҳї дар Ҷумурии Тоҷикистон барои соли 2019. Душанбе: 2018. С.8
3. Ёров Дж.Н., Зайцева Н.А. Перспективы кластерного подхода для повышения эффективности использования туристского потенциала (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан). Вестник МГУ. С.129.
4. Муҳабатов Х, Диловаров Р. Баъзе ҳанбаҳои иқтисодї-иҳтимоии рушди сайёҳї Маводи конфронси байналмилалии илмию-амалї дар мавзуи «Рушди сайёҳї ҳамчун омили пешрафти иқтисодию иҳтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муоссир ва дурнамои он» Душанбе 2018. саҳ. 61.
5. Стратегияи рушди сайёҳї дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, №372// Махзани мутамаркази иттилоотї-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронї]. Манбаи дастрасї: URL: http://www.adlia.tj

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТ ВА САМТҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

Рушди иқтисодии ҳар як кишвар барои афзоиши даромади аҳолӣ ва баланд бардоштани қобилияти харидории он замина фароҳам меорад ва инчунин барои ташаккули тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла

туризм имконият фароҳам меорад. Агар яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ба рушди туризм мусоидат мекунад, вазъи иқтисодӣ бошад, пас масъалаи дигари муҳим ин дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ барои рушди соҳа мебошад. Дар замони мо, рушди туризм метавонад заминаи рушди тамоми соҳаҳои дигари хоҷагии халқ гардад. Суръатҳои баланди рушди туризм аз ҳисоби коэффитсиенти мултипликатсионӣ: рушди нақлиёт, саноати меҳмоннавозӣ, хӯроки умумӣ, саноати фароғатӣ ва ғайраро ба танзим медароранд.

Калидвожаҳо: иқтисоди миллӣ, туризм, захираҳои туристӣ ва фароғатӣ, роҳи абрешим, тамоюли рушди туризм, ММД, усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ, туризми зеҳнӣ, инфрасохтори сайёҳӣ.

АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: СУЩНОСТЬ И ИННОВАЦИОННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ

Экономическое развитие любой страны закладывает основу для увеличения доходов населения и повышения его покупательной способности, а также предоставляет возможности для формирования всех секторов национальной экономики, включая туризм. Если одним из важнейших вопросов, способствующих развитию туризма, является экономическая ситуация, то другим важным вопросом является всесторонняя государственная поддержка развития отрасли. В наше время развитие туризма может стать основой для развития всех других секторов национальной экономики. Высокие темпы развития туризма за счет коэффициента мультипликатора регулируют развитие транспорта, индустрии гостеприимства, общественного питания, индустрии развлечений и так далее.

Ключевые слова: национальная экономика, туризм, туристско-рекреационные ресурсы, шелковый путь, тенденция развития туризма, ВВП, экономико-математические методы, интеллектуальный туризм, туристическая инфраструктура.

ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND TENDENCIES OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ESSENCE AND INNOVATIVE DIRECTIONS

The economic development of any country lays the foundation for increasing the income of the population and increasing its purchasing power, and also provides opportunities for the formation of all sectors of the national economy, including tourism. If one of the most important issues contributing to the development of tourism is the economic situation, then another important issue is comprehensive government support for the development of the industry. In our time, the development of tourism can become the basis for the development of all other sectors of the national economy. High rates of tourism development due to the multiplier coefficient regulate the development of transport, hospitality industry, public catering, entertainment industry and so on.

Keywords: national economy, tourism, tourist and recreational resources, the silk road, tourism development trend, GDP, economic and mathematical methods, intellectual tourism, tourist infrastructure.

Сведения об авторах*: Зайниддинов Усмон Мирзомуродович* – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управление туризмом финансово-экономического факультета. **Телефон:** +992 919 29 55 00.
Юсупов Баҳром – Таджикский национальный университет,магистр второго курса кафедры экономика и управление туризмом финансово-экономического факультета.

Information about the authors: ***Zayniddinov Usmon Mirzomurodovich*** – Tajik National University, assistant of Department of Economic and Tourism Management, Faculty of finance and Economic. **Phone:** +992 919 29 55 00.
Yusupov Bahrom – Tajik National University, second-year master`s student of Department of Economic and Tourism Management, Faculty of finance and Economic.

БАНАҚШАГИРӢ ВА ОЯНДАБИНИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Юсуфӣ Қамариддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки таҳияи барномаҳо ва ояндабинии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Барномасозӣ ва банақшагирии иқтисодӣ дар шароити муосир бояд самтҳои асосии рушди иқтисодиётро муайян карда, тамоми маҷмӯи омилҳои берунаю дохилӣ, инчунин вобастагиҳои байни онҳоро иниъикос карда тавонад. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ омили муҳими таъмини рушди босуботи мамлакат низоми идоракуниест, ки фишангҳои алоҳидаи он барои баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ва таъмини зиндагии арзандаи аҳолӣ шароит муҳайё месозанд. Таҳқиқотҳои масъалаи мазкур исбот менамоянд, ки асосҳои назариявии мафҳуми ояндабинӣ ҳанӯз дар аввали асри XX аз тарафи яке аз олимони иқтисодчӣ Кондратьев Н.Д. таҳия гардида, ҳангоми коркардабароии нақшаи индикативии 5 - солаи инкишофи соҳаи кишоварзӣ истифода шудааст [1, с.112]. Аммо бо сабаби мувофиқат накардан бо

принсипҳои модели иқтисодии маъмурии идоракунӣ ин нақша дар амалия истифода нагардидааст. Бояд қайд намуд, ки барномасозӣ ва ояндабинӣ дар асоси таҳияи усулҳои дурнамоҳо ба даст меоянд. Дар асоси таҳқиқотҳо маълум гардид, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба таври умумӣ зиёда аз сад усулҳои таҳияи дурнамоҳо пешниҳод гаштаанд, ки дар амалия 10-15 тои онҳо ба тавре васеъ истифода бурда мешаванд [2, с.89]. Бинобар ин, дар инҷо мехостем оид ба моҳияти худи усулҳои ояндабинӣ каме маълумот пешниҳод намоем. Мафҳуми усулҳои ояндабини дар асарҳои олимон ба таври гуногун пешниҳод гардидааст. Яъне, таърифи ягонаи он вуҷуд надорад. Дар асоси таҳқиқи корҳои анҷомдодашудаи олимони иқтисодшинос аз нигоҳи мо усулҳои ояндабинӣ чунин таъриф дода мешавад. Усулҳои ояндабинӣ гуфта, маҷмӯи услубҳои тафаккурро меноманд, ки имкон медиҳад дар асоси таҳлили вазъи гузаштаи объект инчунин инкишофи ҳозира ва тағйиротҳои имконпазири оянда хулосаҳо оиди тараққии минбаъдаи соҳаҳои иқтисодӣ бароварда мешавад [3, с.391]. Маълум мегардад, ки ҳар як усул вобаста ба мақсади истифодабарии он ва дараҷаи таҳқиқшавӣ хусусятҳои ба худ хосро дорад. Дар баробари ин, ин гуна методҳо бо дараҷаи асосноксозӣ ва таъйиноти илмиашон аз якдигар фарқ мекунанд. Вобаста ба объекти таҳқиқшаванда интихоби усули таҳқиқот ба роҳ монда мешавад. Ба таври умумӣ, методҳои коркарди дурнамоҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо менамоян:

- ҳиссиётӣ;
- зоҳирӣ.

Дар инҷо мехостем оид ба моҳияти ин мафҳумҳо каме равшанӣ андозем. Аз таҳқиқоти гузаронидашуда маълум мешавад, ки усулҳои ҳиссиёти дар навбати худ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

- якум баҳои коршиносони фардӣ;
- дуюм баҳои коршиносони гурӯҳӣ [4, с.288].

Баҳои коршиносони фардӣ дар навбати худ аз инҳо иборат аст: мусоҳиба (интервю), мактубчаи таҳлилӣ ва навиштани сенарияҳо. Ҳар як усули номбаршуда вобаста ба хусусиятҳояш дар марҳилаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Ҳагоми интихоби усули мусоҳиба мавқеи муҳимро гузаронандаи он ишғол менамояд, чунки аз саволҳои пешниҳодшуда муайянсозии вазъи ояндаи обект вобастагӣ дорад. Бинобар ин пеш аз гузаронидани мусоҳиба маҷмӯи саволномаҳо таҳия гардида шахси мутассадӣ интихоб карда мешавад. Шахси гузаронандаи ин усул бояд мутахассиси соҳаи худ бошад. Дигар шакли усул ин усули мактубчаҳои таҳлилӣ мебошад, ки номгӯи саволҳо оид ба вазъи ояндаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба коршинос пешниҳод шуда, ба ӯ имконият медиҳад, ки аз маводҳои зарурӣ истифода намояд [5, с.42]. Аз инҷо бармеояд, ки дар чунин ҳолат ба коршинос нисбатан шароити беҳтар пешкаш карда мешавад. Чунин шароит метавонад ба дурустии ояндабинии соҳаи таҳқиқшаванда мусоидат намояд. Усули навиштани сенарияҳо бошад, барои муайянсозии варианти инкишофи объект аз тарафи мутахассиси алоҳида истифода мегардад. Ин усул аз тарафи гурӯҳи мутахассисон низ истифода гардида, имкони истифодаи қобилияти гурӯҳи мутахассисонро дорад. Яъне навиштани сенарияро ҳам аз ҷониби шахси алоҳида ва ҳам аз ҷониби гурӯҳи мутахассисон тавсия медиҳад. Маълум мегардад, ки муайянсозии вазъи ояндаи объект аз мутахассисони сенариянавис вобастагӣ дорад. Чи тавре ки дар боло қайд намудем барои муайянсозии вазъи ояндаи иқтисодиёт ва таҳияи барномаҳои соҳавӣ дар баробари коршиносони фардӣ инчунин баҳогузории коршиносони гурӯҳи низ муҳим ба шумор меравад. Дар ин ҷо хусусиятҳои баъзе аз усулҳои маъмулро шарҳ медиҳем, ки баҳои коршиносони гурӯҳи аз инҳо иборат аст: усули баҳои экспертӣ, усули шашсаду сию панҷ, усули ҳуҷуми фикрӣ, ва усули ташкили комиссияҳо [6, с.137]. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии гузаронидашуда исбот менамоянд, ки ҳар як усулҳои номбаршуда хусусияти ба худ хос дошта, дар мавридҳои муайян истифода мегарданд. Усулҳои номбаршударо ба таври мухтасар дида мебароем. Усули делфӣ чунин пешниҳод менамояд, ки гурӯҳи мутахассисон дар утоқҳои алоҳида ҷамъ карда шуда, фикру ақидаи онҳо оиди вазъи ояндаи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ пурсида мешавад. Дар шароити муосир тараққиёти илму техника муҳайё месозад, ки фикру ақидаҳои мутахассисон бо ёрии барномаҳои махсус кор карда шуда, равияҳои асосии инкишофи ин соҳаҳо муайян гардад. Мутахассисон бо натиҷаҳои таҳлил шинос гардида, фикру ақидаҳои худро оиди обект аз нав баён месозанд. Ин раванд то ҳолате ки варианти

беҳтарини инкишофи соҳа муайян нагардад давом меёбад. Маълум мегардад, ки бартарияти ин усул дар он аст, ки мутахассисони алоҳида ки дорои обрӯю нуфузи муайян мебошанд ба фикру ақидаҳои мутахассисони нисбатан ҷавон таъсир намерасонанд.

Таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, ки усули шашсаду сиюпанҷ яке аз усулҳои маъмул ба шумор меравад. Усули шашсаду сиюпанҷ 6 нафар мутахассиси касбӣ 3 идеяи худро дар ҳар 5 дақиқа оиди вазъи ояндаи соҳа бояд дар коғаз ба таври хаттӣ нависанд. Ин фикрҳо дар давоми на камтар аз ним соат ҷамъ карда шуда дар асоси онҳо дурнамоҳои инкишофи бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ таҳия мегарданд. Бояд қайд намоем, ки истифодаи ин усул барои аниқ муайян кардани вазъи ояндаи соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд. Дигар намуди усул ин усули ҳуҷуми фикрӣ буда, ба он асос ёфтааст, ки гурӯҳи мутахассисон ба мисли мизи мудаввар ҷамъ гардида, ба истифодаи нерӯи мутахассисон такя менамояд. Яъне мутахассисон идеяҳои худро пешниҳод менамоянд ва онҳо оиди равияҳои гуногун ба ҳамдигар мутаҳҳид карда шуда, аз тарафи мутахассисони дигар ин идеяҳо аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил карда шуда, фикрҳои беҳтарин ҷудо карда мешавад. Аз инҷо бармеояд, ки истифодаи усули мазкур ба тафаккури иштирокчиён такя менамояд. Бинобар ин, дар ин чорабинӣ бояд мутахассисони касбӣ даъват карда шуда, аз тафаккури онҳо истифода бурда шавад. Тибқи ақидаи олимон усули ташкили комиссияҳо низ ба ҷамбасти ақидаҳои мутахассисон асос ёфта, зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкили гурӯҳи корие, ки тайёр намудан ва гузаронидани пурсиши мутахассисонро ба ӯҳда гирифта, ин маводҳоро кор карда, натиҷаҳои онро ҷамъбаст менамояд;
- аниқ намудани самтҳои инкишофи обект ва дар ин замина ҷудо кардани мақсади стратегӣ, зер мақсадҳо ва роҳҳои ба даст овардани онҳо;
- ҷудо намудани гурӯҳи мутахассисоне, ки ба таҳияи дурнамоҳо машғул мебошанд;
- коркарди саволнома оиди пурсиши мутахассисон;
- гузаронидани пурсиши мутахассисон ва коркарди маводҳо;
- асосноксозии варианти охирини инкишофи объекти таҳқиқшаванда.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мавзӯи мазкур исбот менамояд, ки раванди барномасозӣ ва банақшагирии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Бинобар ин, истифодаи бомавриди усулҳои номбаршуда метавонанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат намоянд.

АДАБИЁТ

1. Абдикеев Н.М. Долгосрочное прогнозирование макроэкономических показателей / Фундаментальные исследования. - 2017. - № 8-1. - С. 110-114.
2. Дубровский Н.А. Прогнозирование и планирование экономики: Учебное пособие. Автор-сост. И.В. Зенькова. - Новополоцк: ПГУ, 2017. - 367 с.
3. Рябоконь Н.А., Миленина А.В. Прогнозирование и планирование, как функция управления // Аллея науки. - 2017. - Т. 3. - № 15. - С. 389-392.
4. Шаникова И.В. Современные проблемы прогнозирования экономического развития России // Образование и наука без границ: социально-гуманитарные науки. - 2015. - № 1. - С. 288-290.
5. Новикова Н.В., Поздеева О.Г. Прогнозирование национальной экономики: учеб. - метод. пособие. Екатеринбург, 2017.
6. Юкиш, В.Ф. Макроэкономическое прогнозирование, планирование и программирование: учеб. пособие / В.Ф. Юкиш. - М.: МАДИ, 2016. - 204 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори МОҶТ, с. 2003, № 23, мод. 681, с. 2009, № 3, мод. 87, с. 2011, № 12, мод. 845)

БАНАҚШАГИРӢ ВА ОЯНДАБИНИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола масъалаҳои банақшагирӣ ва ояндабинӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Усулҳои ояндабинӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳо пешниҳод гардидааст. Оид ба усулҳои ояндабини маълумоти муфассал пешниҳод шудааст.

Калидвожаҳо: банақшагирӣ, ояндабинӣ, усулҳои ояндабинӣ, дурнамосозӣ.

ПРОГНОЗИРОВАНИЕ И ПЛАНИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В статье рассматриваются вопросы планирования и прогнозирование. Методы прогнозирования изучены и предложены для использования при разработке программ. Предоставляется подробная информация о методы прогнозирование.

Ключевые слова: планирование, методы прогнозирования, прогнозирование.

FORECASTING AND PLANNING ECONOMIC DEVELOPMENT

The article deals with planning and forecasting. Forecasting methods have been studied and proposed for use in software development. Details on forecasting methods are provided.

Keywords: planning, forecasting methods, forecasting.

Сведения об авторе: ***Юсуфи Камаруддин*** - магистр второго курса специальности управления центральными и местными органами ТНУ.

Information about the author: ***Yusufi Kamaruddin*** – second-year master`s student of the specialty of management of central and local bodies of TNU.

МЕЪЁРҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ХОРИҶА ОИД БА БЕТАРТИБИҲОИ ОММАВӢ

Абдуллоев Ф.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Моҳияти устувории давлат ва иттиҳоди байналхалқӣ танҳо метавонанд ҳуқуқҳои инсонро таъмин кунанд. Муассисаи ҳуқуқӣ оид ба ҳимоя ва истифодаи пешгирии бетартибиҳои оммавӣ ё ба таври дигар бетартибиҳои шаҳрвандон низ мегӯянд набояд бо меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат кунад. Маълум аст, ки на ҳар як ҳаракатҳои умуӣ ба муқобили ҳокимият даъват ба амал меорад. Мисол: мувофиқа бо созишномаҳои байналмилалӣ оиди шаҳрвандон ва ҳуқуқҳои сиёсӣ эътироф кардани ҳуқуқҳои ҳар як инсон дар намоишҳо ва ҷамъомадҳо ба тариқи сулҳҷуёна ба амал бароварда шудааст. Истифодаи ин ҳуқуқ ба ягон маҳдудият намерасонад ба ғайр аз ҳолатҳое, ки манфиатҳои давлат ё бехатарии ҷамъият, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва урфу одатҳои маҳалли ё ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахсон.

Мувофиқи моддаи созишномаи байналмилалӣ меъёрҳое, ки аз ҷониби давлат қабул карда мешаванд, набояд ба худ поймолкунии нажод, ранга пуст, ҷинс, забон, дин ва ҳолати иҷтимоиро дошта бошанд. Моддаи 21 созишномаи мазкур ҳуқуқҳои шахсро ҳангоми иштирок дар ҷамъомади сулҳҷуёна ё иттиҳодияҳо муайян ҳимоя мекунад. Қувва бошад танҳо дар ҳолатҳои фавқулода истифода мешавад. Агар мақсад ҳимояи сохтори конституцсионӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бошад худдорӣ аз истифодаи қувва натанҳо аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ, балки дар шуури шаҳрвандон низ дарҷ мегардад.

Ҳамин тариқ ба истифодаи қувва нигоҳ накарда доира ва оқибати вазнини хавотирноки донишҷуён ки соли 1968 дар Фаронса шуда буд ягон эътирозро аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид наоварда буд. Дар мисоли таҳаммулӣ, шуъбаи милитсия вазифадор мегардад, ки бо рафтори худ садди девори Берлинро ҷудо кунад. Баъзан ягон қарори бемулоҳизаи беақлона метавонад сабаби баҳона барои бетартибиҳо гардад. Вазъият бо иштироки аскарон ба шумораи тарафи деворҳо мураккаб мегардад. Бо ҳамаи ин бехатарии амниятҳ, ҳуқуқи инсон ва зиндагии одамизод бо тартиби муайян ҳифз мешавад.

Бо дарназардошти ин ҳама меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие мавҷуданд, ки ба танзими ҳуқуқи муҳофизавии қувваи зидди ҳуқуқи ва бетартибиҳои шаҳрвандон бахшида шудаанд. Қарордоди 217 Ассамблеяи генералии СММ, Декларатсияи (изҳорот) ҳуқуқи инсон 4 декабри соли 1948 (ИҶШС-бетарафон ҳангоми овоздиҳӣ) "Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон" аз 16 декабри соли 1966 ва дар ИҶШС соли 1976 ба қувваи амал даромадааст [4 саҳ 45]. Қарори 34 /169 Ассамблеяи Генералии СММ кодекси тартибот оид ба тарафдории вазифаҳои шахс 17 декабри соли 1979 қабул шудааст. Муҳимтарин принсипҳои тарафдории тартибот бо истифодаи қувва ва аслиҳаи оташфишон аст. Дар анҷумани 8-уми СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳкор ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон аз 27-уми август, 7-уми сентябри соли 1550 дар Гавана қабул шудааст моддаи 3-и Кодекси рафтори шахсони мансабдор бо тарафдории тартиботи ҳуқуқӣ қабул кардани қувва танҳо дар ҳолатҳои фавқулода ва дар ҳолатҳое, ки иҷро кардани уҳдадориҳояшон ҳатмӣ мебошад, қабул карда мешавад. Қонунгузории миллӣ бояд қабул кардани қувваро маҳдуд намояд, қувваро танҳо мувофиқ бо принсипи ҳолатҳои фавқулода ё мудофиаи зарурӣ тааллуқ доштан ба силоҳ, бо дараҷаи фавқулодавӣ қабул намояд. Ягона роҳи истифода бурдани силоҳ дар ҳолатҳое амалӣ мешавад, ба муқобили намояндагони ҳокимият силоҳ истифода бурда шавад ё ин ки таҳдиди хатар ба ҷомеа бошад ё дигар чораҳо барои дастгир кадани айбдоршавандагону ҳуқуқвайронкунандагон кофӣ набошад.

Қонуни ИМА «Оид ба бетартибии шаҳрвандон», ки соли 1968 қабул гардидааст, мафҳуми ҳуқуқвайронкунии федералиро чунин шарҳ додааст: "Ҳама намуди ҳаракатҳое, ки дар вақти иҷрои уҳдадориҳои хизматчиёни сухторнишонӣ ва милитсия монеъа ба вуҷуд меоранд, ҳуқуқвайронкунӣ мебошад." Бетартибиҳои шаҳрвандӣ ин ҳаракатҳои эътирознок ё сарзадани саркашӣ мебошад, ки ҳамчун қоида иштирокчиёни он дар муносибат бо ҳокимият зуроварӣ нишон медиҳанд. Дар ҳолатҳои фавқулода ҳамчун акти террористӣ қабул карда мешавад.

Президенти ИМА мувофиқ бо конституцсия ва маҷмуъи қонунҳои ИМА вазифадор карда мешавад, ки барои барқарор кардани тартибот, шароит фароҳам овардан барои итоати қонунҳои ИМА, эмин нигоҳ доштани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳимояи манфиатҳояшон аз таҷовузкори чораандеши кунанд. Дар ин ҳолатҳо ӯ метавонад зӯроварии сахт нишон диҳад. Мисол: дар вақти бетартибиҳои шаҳрвандӣ дар Лос - Анҷелос моҳи марти соли 1992 рух дода, ки дар натиҷа зиёда аз 40 нафар ба ҳалокат расида буд. Мувофиқи Конституцсияи ИМА ҳукуматдорони ҳар як штат барои ҳимояи ҷони одамон, ки дар ҳудуди штат ҳастанд ҷавобгар мебошанд. Агар барои нигоҳ доштани тартибот фароҳам овардани қонунгузорӣ паст намудани бетартибиҳои шаҳрвандӣ қувваи мудофиавӣ зураш нарасад он гоҳ қушунҳои федералиро равона месозанд. Қонунгузории ИМА дар муқоиса бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ махдудияти иловагии қабул намудани силоҳро дар худ ворид намудааст. Ин танҳо дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки тамоми воситаҳоро ба кор бурда бошанд.

Мақсади қабули истифодаи силоҳ дар ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- Мудофиаи зарурӣ.
- Гурехтан аз марг ё ҷароҳатҳои вазнин.
- Дастгир кардани гуреза дар ҳолатҳое, ки ба ҷони одамон хатар меорад.
- Содир кардани ҷинояте, ки дар худ марг ҷароҳатҳои вазнинро ба амал меорад.

Ҳаракати шахсони мансабдор бо тарафдории тартиботи ҳуқуқӣ ба танзим дароварда на танҳо бо қонунҳои шаҳрвандӣ (гражданӣ), балки аз тарафи маҷмуи қонунҳои ҳарбӣ низ ин вазъият дида баромада мешавад. Истифодаи ғайриқонунии силоҳ эҳтимол аст мувофиқ бо қонунҳои маҳалӣ масъулият пеш орад. Аммо, қонунҳои ИМА оиди тафтиши парвандаҳои судӣ дар яке аз судҳои штат барои тамоми намуди ҷавобгари бо ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ҳамаи ҳуқуҳоро фароҳам меоварад [2сах 96-101].

Ҳаммувофиқа бо Конституцсияи ФРГ соли 1949 қабул гардида, мувофиқи моддаи 8, шаҳрвандонро иҷозат медиҳад то сулҳона ва бе силоҳу бе ариза (изҳорот) ё иҷозатнома пешаки ҷамъ шаванд. Барои нигоҳдорӣ ё баамалбарории тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии замин мумкин аст, роҳхат ба қисми ҳарбии федералии посбонҳои сарҳадӣ барои расонидани ёрӣ ба мақомоти корҳои дохила фиристода шавад, агар қувваи охирон аз уҳдаи вазифаи худ набарояд (моддаи 35).

Октябри соли 1950 ҳокимияти федералии ФРГ ташкили милитсияро дар ҳолатӣ омодагӣ қарор дода буд, ки барои пешакӣ хомӯш нишондани бетартибиҳо инчунин оиди намоишу изҳороти корпартоён ҳукм тасдиқ шуда буд [5]. Воҳидҳои ҳарбӣ дар ҳар минтақа мавҷуд буда, онҳо ба таври шуморавӣ чун қойда дар ҳолати казармавӣ қарор доранд. Дар ҳолатҳои муқарари бошад онҳо ба ихтиёри Вазорати Корҳои Дохила гузашта ва ба минтақаи муайян равон карда мешаванд. Дар ҳолати таҳдид ба озодӣ ва сохти демократӣ бошад онҳо ба таҳти фармони Вазири корҳои дохилаи Федералӣ мегузаранд. Дар маҳаки санадӣ Британияи Кабир (Билль и правах1689 г.) таҳлили бетартибиҳои шаҳрвандӣ ва иштирок дар онҳоро надорад. Мафҳуми калимаи "бетартибиҳои оммавӣ" дар санади ҳифзи тартиботи ҷаъмиятӣ дар соли 1986 дарҷ гардидааст [3]. Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Шветсия дар боби 16 ҷиноти муқобили бетартибиҳои ҷамъиятиро муайян кардааст, дар моддаи 1 бошад чунин омадааст: " агар гурӯҳи одамон тартиботи ҷамъиятиро вайрон кунанд, зуровариро нисбати ҳокимият ё ин ки бо дигар роҳой фаҳмондадиҳи пароканда нашаванд, фармони ҳукуматдоронро иҷро накунанд, таҳриккунандагон ва роҳбарони

онҳоро на зиёда аз 4 сол ба ҳабс мегиранд ва дигар иштирокчиёнро тариқи ҷарима ва ё на зиёда аз 2 сол ба ҳабс гирифта мешаванд".

Дар Кодекси ҷиноятии соли 1979 қабулшудаи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷинояти аксулинқилобчӣ ҳаракатҳое ба ҳисоб мераванд, ки бо мақсади сарнагун кардани ҳокимияти сиёсӣ, диктатураи пролетариат ва сохти сотсиалистӣ ё ин ки дар умум зарар расонидан ба Ҷумҳурии Мардумии Чин эъроф карда мешавад.

Роҳбарони иғвочиёни мусаллаҳ ё дигар ҷиноятҳои ба ин монанд ба ҷазои якумра ё ин ки маҳрум кардан аз озодӣ зиёда аз 10 сол ва дигар иштирокчиёнро бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ аз 3 то 10 сол ҷазо дода мешаванд. Дар моддаи 105 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин дарҷ гардидааст, ки зарар расонидан бо роҳи оташзанӣ ва ғарқкунӣ, таркондан ё бо дигар роҳҳои ихтиёрӣ ба кони маъдан, саноати нефт, бандар, ҳавзаҳову дарё, сарчашмаи об, амборхонаҳо, ҷойи зист, ҷангалзорҳову майдонҳо, воию чарогоҳо, ноқилҳои зарурӣ, иншоотҳои ҷамъиятӣ ва аҳли дигар ҷамъиятҳо ва амволи шахсии давлатӣ, нақши расонидани зарар ба бехатарии амнияти ҷамъиятӣ агар инҳо ба ҳолатҳои ҷиддӣ оварда нарасонанд бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 10 сол ҷазо дода мешаванд. Мувофиқи моддаи 158 Кодекси ҷиноятии дар боло қайд карда шуда, истифодаи роҳу воситаҳое, ки барои вайрон кардани тартиботи ҷамъятӣ равона шудааанд, манъ кардааст. Вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои бадтар кардани вазъият, дар ҳолатҳои имконнопазир аз тарафи даъватшудагон иҷро кардани амалҳои ғайриқонунӣ, инчунин халалдор намудани рафти корҳои тиҷоратӣ ва таҳсил, тадқиқоти илмӣ, расонидани зарари ҷиддӣ ба давлат ва ҷамъият, назорат ё маҳрум намудани ҳуқуқҳои сиёсии роҳбарони дастаҳо, бо маҳрум кардан аз озодӣ то 5 сол ҷазо дода мешавад. Бетартибиҳои оммавӣ дар роҳи оҳан, роҳҳои обӣ, фурудгоҳҳо, бозорҳо, боғҳо, кинотеатрҳо, ярмаркаҳо, майдонҳо, дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, тариқи оммавӣ бастани роҳои автомобилгард ё халал расонидан ба роҳсозон, монеа шудан ба корҳои кормандони давлатӣ, идоракунӣ ва бехатарии амнияти бо маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол дар ҷойҳои махсус, инчунин маҳрум намудани ҳуқуқҳои сиёсии роҳбарон. Занозании оммавӣ, барангехтани иғвою бетартибиҳо, таҳқир намудани зан ё иҷро намудани дигар ҳаракатҳои бадахлоқона, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои баъдтар намудани вазъият, бо кутоҳмуддати маҳрум намудан аз озодӣ ё ин ки тариқи назоратӣ ё маҳрум намудан аз озодӣ то 7 сол ҷазо дода мешаванд. Нисбати роҳбарони гуруҳҳои ошубгар бошад, маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати аз 7 сол зиёд ҷазо таъин карда мешавад.

Декларатсияи Фаронса оид ба ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ки соли 1789 қабул шудааст, эълон мекунад, ки "ҳадафи ҳар як ҷамъият ин муҳофизати ҳуқуқҳои инсон мебошад". Барои кафолати қувваи мусаллаҳ донистани мавҷудияти умумии ин декларатсия лозим меояд. Қарорҳои ҳокимияти Олӣ с. 1935, ки эътибори қонунӣ доранд оид ба гузаронидани ҷашнҳои оммавӣ шарту шароит муайян намуда ва ба иштирокчиён ҳиссӣ масъулият оид ба вайрон накардани тартибот вогӯзор карда шудааст, инчунин оид ба тайёри ва гузаронидани ҷашнҳои оммавӣ ҳокимияти маҳаллиро пешакӣ хабардор мекунанд [3 саҳ 90]. Тамоми он намоишҳои иғвогаронае, ки метавонад тартиботи ҷамъиятиро вайрон кунад, маъмурият ҳуқуқ дорад иҷозат надиҳад. Ба кор даровардани мафҳум ҳамчун "издиҳом" ин дар ҳолатҳои нобаҳангом ё қасдан дар ҳолатҳои маҷлиси халқӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ метавонад бетартибиҳоро ба амал орад ё ин ки зарар расонад. Издиҳом ҳисоби бо силоҳ, агар маротибаи аввал як нафар бо нишон додани силоҳ зуровари намояд, маротибаи дуюм якчанд нафар бо пинҳон намудани силоҳ ба ҳайси таҷовузгарон худро нишон диҳанд, дар ин ҳолатҳо издиҳомгарон пароканда карда шуда ва бо силоҳбудаҳоро бошад дасгир карда шуда ба ҳабс мекашанд.

Кодекси Ҷиноятии Фаронса издиҳомро на аз рӯи шумораи одамони дар он иштирокнамуда, балки аз рӯи ҳудудӣ вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ муайян намудааст. Имконият доштан барои ин гуна баҳогузорӣ мақомотҳои маҳалию ҳокимият, гузаштани салоҳиятҳо ба милитсия вогузор карда шуда, барои бартараф намудани

бетартибиҳо қувваи худро ба амал мебарорад. Таҷриба ва илми муосир дар худ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар ҷавобгарӣ оид ба ҳаракатҳои гурӯҳӣ вайрон кардани оромии ҷамъият ва муқобилият нишон додан бо ҳокимиятро дар таҷрибаи байналмилалӣ дар сатҳи муайян нишон медиҳад. Мисол: Кодекси Ҷиноятии Фаронса оид ба "вайрон намудани оромӣ дар минтақа", шахсе, ки ҳаракати зуровариро ба муқобили одамон ва молу мулкашон ба амал мебарорад, гурӯҳбози мекунад ё ин ки ба воситаи қувва ба тартиботи ҷамъиятӣ зарар расонида бо гурӯҳо якҷоя мешавад, дар ин гуна ҷиноятҳо ба ҳайси иҷрокунанда ё инки иштирокчӣ баромад мекунад, ба ин намудҳои ҷиноят тайёри мебинад, бо маҳрум намудан аз озодӣ то 3 сол ё ба ҷазои ҷарима ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Дар параграфи 125 б"а" - и Кодекси Ҷиноятии Фаронса ҳолатҳои вазнинкунандаи зерин пешбини шудааст:

● Агар айбдоршаванда бо худ силоҳи оташфишон дошта бошад.

● Бо роҳи ҳаракатҳои зӯроварӣ таҳдиди куштан ё ин ки зараи вазнин ба саломатӣ расониданро нишон диҳад.

● Ба молу мулки ғайр расонидани зарар.

Дар ҳолати вайрон намудани ҷашнҳои оммавӣ аз тарафи гурӯҳи одамон низ Кодекси Ҷиноятии Фаронса ҷавобгариро пешбинӣ намудааст.(с.1985) Санад оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ки апрели соли 1986 дар Британияи Кабир қабул шудааст, то ҳол амал карда, бетартибиҳои ҷамъиятиро ба ин зайл муқарар менамояд: агар зиёда аз 12 нафар таҳдиди зӯроварӣ ё ин кӣ зӯровариро нисбати дигар шахсон, нисбати ҷамъият ба фойдаи худашон истифода намоянд, ҳамчун иштирокчии бетартибиҳои оммавӣ гунаҳгор дониста шуда, нисбаташон ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлатӣ то 10 сол таъин карда мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Шветсия, таҳриккунанда ва ташкилкунандаи ҷиноят масулият фаъоли иштирокчиён дар якҷоягӣ бо гурӯҳи одамон амал намудан, агар онҳо бо ягон мақсади ғаразнок, ки дар моддаит 1 муқаррар шудааст, гузаштан ба гурӯҳи одамон, ки зурovариро дар муносибат бо одамон ё молу мулкашон анҷом медиҳанд, мустақилона аз он иҷроишиӣ амалҳоро амалӣ менамоянд ё не. (моддаи 2 -и КҶФаронса) Мувофиқи моддаи 6 бошад шахс бо гуфтаҳои худ ба ҳолатӣ ногувор овардани омма ё бо дигар роҳе, ки оромиро халалдор месозад, инчунин тартибот ё бехатарии ҷамъиятиро дар хатар мемонад, ба ҷазои ҷарима ва ё ба ҳабс гирифтан на зиёда аз 2 сол ҷазо таъин карда мешавад. Якчанд қоидаҳову ҳаракатҳое, ки аз тарафи гурӯҳӣ иштирокчиёни ҷиноятқорӣ дар рафти "бетартибиҳои оммавӣ " содир мешавад дар қонунгузории Ҷумҳурии Куба ҷойгир карда шудааст, ки моддаи 100 ин Кодекс оид ба исиён бардоштани дастаҳои ҷиноятӣ мебошад [8 саҳ 19]. Инчунин, мувофиқ бо ин Кодекс изҳор менамояд, ки шахсони дар рафти тартиботи оммавӣ дар ҳолатҳои воқеӣ забон як кардан ва бо истифодаи зӯроварӣ вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, муқобилият нишон додан ба ҳокимият ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлатИ аз 10 то 12 сол ё ин ки ҷазои ҳукми қатл таъин карда мешавад, агар ҷиноят дар ҳолати ҷангӣ ё дар вазияти дахолат кардан ба бехатарии давлат содир шуда бошад.

Муқарароти модда, ҳамчунин ба назар гирифта шудааст, ки иштирок дар ошубҳои гурӯҳӣ ҳолатҳои бе истифодаи зӯроварӣ ё дар вақтҳое, ки ғариқонунӣ нест, бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 1 то 8 сол ҷазо таъин шудааст.

АДАБИЁТ

1. Быков А.В. Место и роль вооруженных сил в полицейской системе современного демократического государства // Военно-юридический журнал. 2007. № 10. С. 26.
2. Всеобщая декларация прав человека. Принята Генеральной Ассамблеей ООН 10.12.1948 г. // Профсоюзы и экономика. 1995. № 4. С. 96-101.
3. Жалинский А.Э., Рерихт А. Введение в немецкое уголовное право. М., Юринформ. 2001. С. 90.
4. Международный пакт от 16.12.1966 г. «О гражданских и политических правах» // Бюллетень Верховного Суда РФ. 1994. № 12. С. 45.
5. Резолюция Генеральной Ассамблеи ООН № 34/169 от 17.12.1979 г. «Об утверждении Кодекса поведения должностных лиц по поддержанию правопорядка». // СССР и международное сотрудничество в области прав человека: Документы и материалы. М., Юридическая литература. 1989. С. 5.

6. Резолюция VIII Конгресса ООН по предотвращению преступности и обращению с правонарушителями от7 сентября 1990 г.
7. «Основные принципы применения силы и огнестрельного оружия должностными лицами по поддержанию правопорядка» // Сборник стандартов и норм ООН в области предупреждения преступлений и уголовного правосудия. Нью-Йорк, 1992.
8. Токарев О.Э. Сравнительно-правовой анализ уголовной ответственности за совершение насильственных преступлений законодательстве иностранных государств // Адвокат. 2008. № 9. С. 19.
9. Ҳуқуқи ҷиноятӣ қисми махсус .Дастури таърихӣ, Ғоибов Р. Д. Хуҷанд с.2009.

МЕЪЁРҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚӢ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ ХОРИҶА ОИД БА БЕТАРТИБИҲОИ ОММАВӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлил ва баҳодиҳии ҷиноятӣ бетартибиҳои оммавиро дар қисме аз меъёрҳои Банмилалии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш карор додем. Инчунин, ҷинояти бетартибиҳои оммавӣ дар яккатор қонунгузории давлатҳои ҷаҳон зери таҳлил ва баррасӣ карор гирифт, ки ин ба дигаргун гаштани ҷамъият – ҷамъиятӣ ичтимоию иқтисодӣ, ба дигаргунии сиёсии сохти давлатхо тааллуқ дорад. Инчунин, бо рушд ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, дигаргун гаштани сохти иқтисодию ичтимоии ҷаҳони муосир ва дигаргун шудани ҳаёти инсоният дар ҷамъият, давлатҳои ҷаҳонро мебояд, самти мубориза бар зидди ҷинояту ҷиноятқориро пурзӯр намуда, роҳҳои нави гирифтани пеши ҷинояту ҷиноятқориро коркард карда бароянд.

Калидвожаҳо: меъёрҳои байналмилалӣ, ҳуқуқ, қонунгузорӣ, бетартибиҳои оммавӣ, бехатарии ҷамъият, тартиботи ҷамъиятӣ, меъёр.

НОРМЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА И ИНОСТРАННОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО О МАССОВЫХ БЕСПОРЯДКАХ

В этой статье мы изучили анализ и оценку преступного беспорядка в некоторых нормах международного права. Преступление массовых беспорядков также проанализировано и рассмотрено в ряде законов мира, что связано с трансформацией общества - социально-экономическими, политическими изменениями в структуре государств.Кроме того, с развитием новых социальных отношений, изменениями в экономической и социальной структуре современного мира и трансформацией человеческой жизни в обществе странам мира необходимо усилить борьбу с преступностью и разработать новые способы предотвращения преступности.

Ключевые слова: Международные нормы, право, законодательство, общественные беспорядки, общественная безопасность, общественный порядок, нормы.

INTERNATIONAL LAW AND FOREIGN LAW ON MASS DISORDERS

In this article, we have studied the analysis and assessment of criminal disorder in some norms of international law. The crime of mass disorder has also been analyzed and considered in a number of laws of the world, which is associated with the transformation of society - socio-economic, political changes in the structure of states.In addition, with the development of new social relations, changes in the economic and social structure of the modern world and the transformation of human life in society, countries of the world need to strengthen the fight against crime and develop new ways to prevent crime.

Keywords: International norms, law, legislation, public disorder, public safety, public order, norms.

Сведения об авторе: ***Абдуллоев Фируз*** – Таджикский национальный университет**, ,** магистр **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17

Information about the author: ***Abdulloev Firuz*** – Tajik National University graduate student **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17.

ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ АФҒОНИСТОН: МАФҲУМ ВА НИШОНАҲОИ ХОС

Аброр М.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳизби сиёсӣ гурӯҳи созмонёфтае мебошад, ки мақсади асосии он соҳиб шудан ба қудрати сиёсӣ ва муносиби ҳукуматӣ барои роҳбарон ва аъзои худ мебошад. Маъмулан, ҳизби сиёсӣ, ки ба далели нисбатан нав будан он дар байни ниҳодҳои сиёсӣ аз сӯйи донишмандони сиёсӣ ба унвони гули сари сабади ин ниҳодҳо талқин шуда, барои мутамоиз кардани худ аз соири аҳзоби дорои як идеология ҳастанд [6, с.21]. Ҳизбҳои сиёсӣ ба мисли дигар падидаҳои ҷомеа ташаккул ёфта, барои рушди ҷомеа ва пешравии ичтимоии он нақши муҳим доранд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз замони авали пайдоишашон аз ҷониби аҳли ҷамъият хуб пазируфта намешуданд ва ҳатто падидаҳои нолозим низ эътироф мегаштанд. Аввалин маротиба пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ба асрҳои V-IV то солшумории мелодӣ дар

Юнони қадим рост меояд. Ҳамчун қоида, ин гуна созмонҳо дар он давра баҳри ҷонибдории шахси муайян, яъне лидер ташкил мешуд ва тарафдорони он ҳамаи кӯшишҳояшонро ба он равона мекарданд, ки қудрат ва нуфузи ӯ зиёд гардад. Пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсиро ба асрҳои XVII-XVIII мансуб медонанд. Дар мазмуни ҳозираи худ ҳизбҳои сиёсӣ чун институти ҳуқуқӣ-сиёсӣ, чун аломати аврупоии фарҳанги сиёсӣ ба Аврупо ва Амрико ташбеҳ дода мешавад [4].

Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба падидаи мардумсолорӣ бартарии хос дода шуда, таъсис ва фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ба шаҳрвандони мамлакат кафолат дода мешавад. Бо вуҷуди оне, ки таърихи таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Афғонистон калон аст, аммо дар шакл ва мазмуни ҳозираи пешрафтаи ҳизби сиёсӣ ба он созгор нест.Дар бештар маврид ҳизбҳои сиёсӣ дар Афғонистон бо ёрии ҷамъомади мардум дар интихобот ширкат намуда, баъдан манфиатҳои худ ва қудрати сиёсӣ барои худ меҷӯянд.

Дар Афғонистон мо метавонем шумораи зиёди ҷараёнҳои сиёсиеро мушоҳида намоем, ки намунаи ҳизби сиёсӣ мебошанд. Ба андешаи муҳаққиқи шинохтаи афғон Аҳмад Басир, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷараёнҳои сиёсӣ дар Афғонистон ба 169-то мерасад, ки ба шумули онҳо иттиҳодия, иттифоқ, гурӯҳ, ҳаракат, фронт, аҳолӣ ва ҳизб дохил мешаванд [2, с.85]. Дар маҷмӯъ, ҳизбҳои сиёсии Афғонистон аз рӯйи вақт дар кишвар ва шояд идеологияи ҳар кадоме аз онҳо ба се давраи мустақил тақсим карда мешаванд. Дар мақола мо кӯшиш менамоем, ки муҳимтарини ин ҳизбҳо ва ҷараёнҳои сиёсиро, ки бар тақсимоти иҷтимоӣ асос ёфтаанд, баррасӣ ва таҳлил намоем.

Дар ҷомеаи Афғонистон то пас аз Ҷанги якуми ҷаҳон бо сабабҳое, ба монанди; ҷамъияти пӯшида, бесаводии мутлақи мардум, зулми шахсии ҳокимони он замон, ҳукмронии баъзе қавмҳо бар дигар қавмҳо, набудани фазои мувофиқ барои озодии баён ва озодии ташкилотҳои ҳизбӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, масофаи тӯлонӣ байни ҳукумат ва миллат ва дигар омилҳое, ки ба афзоиши ташкилотҳо халал мерасонанд, дар Афғонистон ҷой доштанд. Дар замони амир Абдурраҳмон, вазъ дар кишвар чунин буд, ки ҳар гуна иқдоме, ки зидди суд ва ё ба ҳеҷ ваҷҳ хилофи манфиатҳои шахсии амир буд, шадидан пахш карда мешуд. Намунаи инро дар куштори беш аз 63% мардуми ҳазора равшан дидан мумкин аст. Ҳамин гуна фазо дар аҳди Ҳабибуллоҳхон, писари Абдурраҳмонхон низ ҷой дошт.

Дар ҳамон давра (1818-1828 милодӣ), вақте ки як зумра зиёиён мехостанд як созмонеро таъсис диҳанд, баробари таъсис ёфтанаш, онҳо ҳама бидуни камтарин амали воқеӣ ба дор овехта мешуданд ё дар зиндони даҳшатноке, ки овози ҳама зиёиёни афғон ғоиб шуданд, ба зиндон кашида мешуданд. Аммо аз соли 1444 пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон, дар давраи ҳукмронии Зоҳиршоҳ, бо истеъфои Ҳошимхон аз мақоми раёсати ҷумҳурӣ ва вориси Маҳмудхон фазои то андозае сунъӣ, вале нисбатан кушод аз ҷониби шоҳ ва атрофиёнаш фароҳам оварда шуд. Дар ин давра як қатор ташкилотҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, ки ҳар кадоми онҳоро мухтасар дар зер тавсиф мекунем.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон, Русия рақиби деринаи худ Британиёро аз рақобат дар Афғонистон хориҷ кард ва идеологияи марксизмро ҳамчун яке аз онҳо ҷорӣ кард он дар Афғонистон нуфузи бештар ба даст овард. Аксари одамоне, ки дар Русия таҳсил кардаанд ва аксаран дар артиш кор мекарданд, дар нуфузи Шӯравӣ дар Афғонистон нақш доштанд ва дар баробари ин коршиносони рус, ки дар соҳаҳои мухталиф дар Афғонистон кор мекарданд, низ омили дигари нуфузи Шӯравии собиқ буданд. Пеш аз табаддулоти Довудхон, дар Афғонистон тақрибан 1050 коршиноси рус дар соҳаҳои мухталиф кор мекарданд, дар ҳоле ки 889 коршиноси мулкӣ аз тамоми ҷаҳон дар Афғонистон кор мекарданд ва ин нишон медиҳад, ки нуфузи Шӯравӣ дар ин кишвар хеле бузург буд.

Маҳз дар натиҷаи нуфузи густурдаи Русия дар Афғонистон бисёр ҳизбҳо бо гароишҳои коммунистии ленинӣ ва ақаллияти хурд бо эътиқоди коммунистии маочиён дар Афғонистон ба вуҷуд омаданд ва ба рӯйдодҳои ин кишвар дар даҳсолаи охир таъсири калон расониданд, ки ба таври мухтасар баррасӣ хоҳанд шуд. Дар байни ақидаҳо ва ҳизбҳои мухталиф, ки ҳар яке ғояҳо ва андешаҳои худро доштанд ва ба навъе дар арсаи сиёсии Афғонистон ҳам дар давраи истилои Шӯравӣ ва ҳам пас аз он нақши муҳим доштанд,

ҳизбҳои исломӣ буданд. Аммо он чизе, ки хеле муҳим аст, ин аст, ки ҳизбҳои исломӣ асосан вокуниш ба фаъолияти тарафдорони коммунизм ва ишғоли Афғонистон аз ҷониби русҳо буданд [3, с.132].

Роҳбарон ва аъзои ҳизби сиёсӣ бо илтизом ба идеологияи ҳизб, ки маҷмӯаи аз арзишҳо ва усули сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ аст зимни он ки худро аз соири аҳзоб мутамоиз мекунанд, равиши идораи ҷомеа тавассути ҳизб худро низ ба шаҳрвандонашон медиҳанд. Аҳзоби сиёсӣ бо эъломи идеологияи худ ба мардум мегӯянд, ки чунончи дар интихобот ба аъзои онҳо овоз диҳанд, шеваи идораи умур низ он тавре, ки дар усули сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ идеологияи ин ҳизб тарсим шуда, хоҳад буд. Аҳзоби сиёсӣ бо гурӯҳҳои фишор ва зинуфуз тафовути асосӣ доранд.

Гурӯҳҳои фишоровар бар хилофи ҳизби сиёсӣ, ки дар пайи ба даст гирифтани қудрат барои роҳбарон ва аъзои худ ҳастанд, бештар дар пайи таъсиргузории бар раванди ҷараёни умури идории ҷомеа мебошанд. Дар ҳоле ки аҳзоби сиёсӣ барои интихобот, номзадҳои худро мушаххас ва муаррифӣ мекунанд. Гурӯҳҳои фишоровари зинуфуз маъмулан номзадҳои барои муносиби умури кишвар ба исми худ муаррифӣ намекунанд, балки бархе мавоқеъ танҳо ба ҳимоят аз номзадҳои муаррифишуда аз сӯйи ҳизбҳо иктифо мекунад. Дар низоми сиёсии демократӣ, аввалан коркарди аҳзоби сиёсӣ, гузиниши номзадҳои муносиб барои ҳузур дар интихоботи мухталиф ба манзури касби муносиби сиёсӣ ва низ ҳидояти муборизот интихоботӣ аст. Ҳамчунин, аҳзоби сиёсӣ пас аз пирузӣ дар интихобот нақши умдае дар таъйини афроди мавриди назари худ барои муносиб интисобӣ дар сохтори давлат ифо мекунанд [5, с.355].

Илова бар ин, аҳзоби сиёсӣ ба манзури иҷрои сиёсатҳои мавриди назари худ нақши умдае дар ҳамоҳангии рӯзонаи фаъолиятҳо ва тасмимоти сиёсии роҳбарон ва аъзои худ, ки дар муносиби интихобӣ ва интисобии давлат ҷо гирифтаанд, бар аҳдо доранд. Усули ҳизбҳо ин вафизаро аз тариқи баргузории маҷомеъ умумӣ ва низ сохтори раҳбарӣ, фраксионӣ дар маҷолиси аъмол мекунанд.

Дар Афғонистон, пас аз созишномаи Бонн дар соли 2001 ва ташкили ҳукумати нав, бисёр ҳизбҳо дар Вазорати адлияи Афғонистон бо шумораи 110 сабти ном шуданд. Дар Афғонистон, ҳизбҳои сиёсӣ ташаккулҳои муназзами ҳизбӣ надоранд ва аксари ҳизбҳои таъсисёфтаи муассисон мебошанд ва ба ҷуз чанд ҳизби бузург, дар ҳаёти сиёсии Афғонистон нақши калон надоранд [1, с. 146]. Дар соли 2009 қонуни нав дар бораи ҳизбҳои сиёсии Афғонистон эътибор пайдо кард. Тибқи қонун, ҳар як ҳизби сиёсии дорои иҷозатнома бояд ҳадди ақал 10 ҳазор аъзо ва дафтар дар 20 вилоят дошта бошад. Тибқи иттилои сайти Вазорати адлия, дар ҳоли ҳозир 63 ҳизби сабти номшуда ва литсензия шуда мавҷуданд, ки аз ҳамаи ҳизбҳои Афғонистон аксарият ғайриҳизбӣ ҳастанд ва танҳо як ҳизб таъсис ёфтааст. Ҳизбҳои сиёсӣ дорои чунин нишонаҳои хос мебошанд [7, с.45]:

Мавҷудияти ташкилот: Ҳизбҳо бояд созмоне дошта бошанд, ки ҳаёти ҳизб аз мавҷудияти муассисони ҳизб вобастагӣ надошта бошад. Доштани филиалҳо дар саросари кишвар: Доштани филиалҳо дар саросари кишвар ҳизбҳоро бештар дар тамос мекунад ва ҳизбҳо ҳамчун як созмони миёнарави байни ҳукумат ва мардум метавонанд талабот ва дастгирии мардумро беҳтар ба даст оранд ва онҳоро ба ҳукумат расонад, то ки амалисозии мустақими қудрат бар мардум вазнин ба поён нарасад. Роҳбарият қудратро идора мекунад, на таъсир: Ба даст овардани қудрат, аслан яке аз хусусиятҳои ҳизбҳост, ки онҳоро аз гурӯҳҳои дигар фарқ мекунад. Дар масъалаи ба даст овардани қудрат, бояд гуфт, ки ба даст овардани қудрат метавонад ҳадафи ҳизбҳо бошад ва барномаҳо ва сиёсатҳоро ҳамчун василаи ба даст овардани қудрат баррасӣ кунанд. Аз тарафи дигар, нақшаҳо ва сиёсати бузурги ҳизб метавонанд ҳадафи асосӣ бошанд ва қудрат метавонад ягона воситаи ба даст овардан ва амалӣ кардани нақшаҳо ва сиёсати ҳизб бошанд.

Ҷалби овозҳои мардум: Барои ба даст овардани қудрат, ҳизбҳо бояд дар интихобот ширкат варзанд, то овозҳои мардумро ба даст ованд ва онро ба курсӣ табдил диҳанд.

Иҷтимоигардонии сиёсӣ маънои онро дорад, ки ҳизбҳо мардумро дар бораи арзишҳо, меъёрҳо ва амалияи сиёсӣ таълим медиҳанд. Иҷтимоикунӣ асосан ба афзоиши фарҳанги

сиёсӣ мусоидат мекунад ва дар ниҳоят, мардумро дар сиёсат фаъолтар мекунад. Иштироки бештари мардум воқеан қонунияти интихобот, системаи сиёсиро меафзояд.

Назари мардум: Вазифаи дигари махсуси ҳизбҳо ҳамгиро кардани овозҳо ва афкори мардум мебошад. Дар сурати набудани ҳизбҳои алоҳида, ӯ наметавонад ба таври инфиродӣ бо ҳукумат тамос гирифта хоҳишҳо ва андешаҳои худро баён кунад.

Ташаккули афкори ҷамъиятӣ: афкори ҷамъиятӣ муносибат, арзишҳо ва эътиқоди оммаро дар бар мегирад. Дар кишварҳои демократӣ афкори умум тасмим гирифта мешавад, ки ба тасмимҳои сиёсӣ таъсир расонад. Ҷонибҳо инчунин кӯшиш мекунанд, ки бо пешниҳоди масъалаҳои нав ва баҳсбарангез афкори ҷамъиятиро барои қонеъ кардани манфиатҳои ҳизб равона кунанд.

Интихоби номзадон: Дар кишварҳое, ки системаҳои ҳизбӣ қавӣ мебошанд, одатан шахсони алоҳида тавассути ҳизбҳо пешбарӣ карда мешаванд, аммо дар кишварҳое, ки системаи қавии ҳизбӣ мавҷуд нест, афрод метавонанд мустақилона номзад шаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилу баррасии мавзӯи ҳизбҳои сиёсӣ ва нишонаҳои ба онҳо хосбуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аҳзоби сиёсӣ дорои вижагиҳои хоси исломӣ ва қавмию иҷтимоӣ мебошад. Аҳзоби сиёсӣ кӯшиши бештари фаъолнамоиро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии кишвари Афғонистон нишон дода истодаанд ва нақши бозире ҳам доранд. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботҳои даврӣ шаҳодат аз рушд ёфтани падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандист, ки дар миёни онҳо аҳзоби сиёсӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд.

АДАБИЁТ

1. Азиз Аҳмад Бориз. Таҳаввули шаклҳои идоракунии давлатии Афғонистон пас аз касби истиқлолияти давлатӣ // Диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтиссоси – 12.00.01. Душанбе, 2019. С. 146;
2. Аҳмад Басир Сайидӣ. Нақши ҷонибҳо дар Афғонистон (бо забони форсӣ). Кобул, 2014. - С. 85;
3. Гулмуҳаммади Лалистонӣ. Ҷанги қудратӣ «Воқеаҳои се даҳсолаи охирини Афғонистон». Кобул, Интишороти Кокчеҳ, 1384. С. 132;
4. Имомов Ҳ.Ш. Нақши бунёдии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи падидаи конституцсионализм дар даврони истиқлоли Точикистон. Душанбе, 29.10.2014. –С.204;
5. Муҳаммад Ашраф Расулӣ. Таҳлил ва нақди Қонуни Асосии Афғонистон (бо забони форсӣ) Ҷилди аввал. Кобул, 1388. –С. 355;
6. Ҳасаналӣ Нузурӣ. Аҳзоби сиёсӣ ва низомҳои ҳизбӣ (бо забони форсӣ) Теҳрон – 1371. –С. 21;
7. Ҳуқуқи асосӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ. Доктор Сайид Абдулфазли Қозӣ. Чопи дувоздаҳум. Нашриёти Мизон – Теҳрон, 2005. –С. 45.

ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ АФҒОНИСТОН: МАФҲУМ ВА НИШОНАҲОИ ХОС

Дар мақола мазмун ва моҳияти ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳқиқ карда шудааст. Дар Афғонистон ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иштирокчии муҳимми муносибатҳои сиёсӣ, давлатӣ ва ҷамъиятии мамлакат баромад мекунанд ва дорои нишонаҳои ба худ хос мебошанд. Афғонистон бо ҳизбҳои сершумори сиёсӣ системаи бисёрҳизбии рушд дорад, ки дар он ҳеҷ як аз тарафҳо аксар вақт имкони ба даст овардани қудратро надорад ва тарафҳо бояд барои ташкили ҳукумати эътилофӣ бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд. Мавҷудияти ҳар як ҳизби сиёсӣ, ки мухолифи ахлоқи исломӣ дониста мешавад, манъ аст. Ҳамин тариқ, системаи ҳизбии Афғонистонро метавон ҳамчун як низоми «плюрализми шадид» бо блокҳои мураккаби эътилофӣ ва доираи васеи манфиатҳои сиёсӣ тавсиф кард. Дар ҳоли ҳозир, ҳизбҳо аз ҷиҳати идеология, ки дар робита бо ислоҳот ва ҳузури хориҷӣ баён шудаанд, фарқ мекунанд. Ҳама ҳизбҳо, пеш аз ҳама, ба арзишҳои динӣ тамаркуз мекунанд. Аксарияти кулли ҳизбҳо асосан бо мақсади муттаҳид кардани аҳолӣ барои муқовимат бо неруҳои хориҷӣ ҳангоми муноқишаҳо таъсис дода шудаанд. Умуман, системаи ҳизбии Афғонистон дар марҳилаи гузариши ташаккул қарор дорад.

Калидвожаҳо: ҳизбҳои сиёсии Афғонистон, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ, падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, демократия, ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ.

ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПАРТИИ АФГАНИСТАНА: ПОНЯТИЕ И ОСНОВНЫЕ ПРИЗНАКИ

В статье анализируется понятие и значение политических партий в Исламской Республике Афганистан. В Афганистане политические партии являются основными субъектами политических, государственных и общественных отношений и имеют особые признаки. Афганистан имеет многопартийную систему в развитии с многочисленными политическими партиями, в которых ни одна из сторон часто не имеют шансов получить власть в одиночку, и стороны должны работать друг с другом, чтобы сформировать коалиционное правительство. Запрещается существование какой-либо политической партии, которая выступает за то, что считается

противоречащим исламской морали. Таким образом, партийную систему Афганистана можно охарактеризовать как систему «крайнего плюрализма» со сложными коалиционными блоками и сильным разбросом политических интересов. В настоящий момент партии различаются по идеологическому признаку, выраженному в отношении к реформам и иностранному присутствию. Все партии ориентированы, прежде всего, на религиозные ценности. Подавляющее большинство партий создавалось в основном в целях объединения населения для противостояния внешним силам во время конфликтов. В целом партийная система Афганистана находится на переходном этапе формирования.

Ключевые слова: политические партии Афганистана, развития общественной жизни, институты гражданского общества, политические права и свободы, демократия, политическая жизнь и государственное управление.

POLITICAL PARTIES OF AFGANISTAN: CONCEPT AND MAIN FEATURES

The article analyzes the concept and significance of political parties in the Islamic Republic of Afghanistan. Political parties are the main subjects of political, state and public relations in Afghanistan and have special characteristics. Afghanistan has a multiparty system in development with numerous political parties, in which neither side often has a chance of gaining power alone, and the parties must work with each other to form a coalition government. The existence of any political party that advocates what is considered contrary to Islamic morality is prohibited. Thus, the party system in Afghanistan can be characterized as a system of "extreme pluralism" with complex coalition blocs and a wide range of political interests. At the moment, parties differ in terms of ideology, expressed in relation to reforms and foreign presence. All parties are focused primarily on religious values. The overwhelming majority of parties were created mainly in order to unite the population to resist external forces during conflicts. In general, the party system of Afghanistan is in a transitional stage of formation.

Keywords: political parties of Afganistan, development of public life, institute of public civil, political right and freedom, democracy, political life and state management.

Сведение об авторе: ***Аброр М.И.*** – Таджикский национальный университет**,** магистр 2-го курса кафедры конституционного права юридического факультета **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17**.** Телефон: (+992) 939 31 35 00.

Information about the author: ***Abror M.I.*** – Tajik National University second-year master of the deparment of constitutional law **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: +992 939 31 35 00.

АВЕСТО – ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Авгонов А.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Авесто», ки аз маҷмӯи матнҳои пайравони оини зардуштӣ иборат аст, муҳимтарин маъхаз оид ба таърихи қадимтарини Осиёи Миёна мебошад. Ҳоло ғайр аз теъдоди андаке дар Эрон, зиёда аз 100 ҳазор зардуштиён дар ҳиндустон зиндагӣ менамоянд, ки ононро одатан «порсиён» меноманд. Порсиён натанҳо дини қадима, балки матнҳои қадимии диниро маҳфуз медоранд.

Дар миёнаҳои асри XVIII Анкетил Дюперрони франсавӣ, ки нисбат ба омӯзиши дину мазҳабҳои қадим шавқу рағбати махсусе дошт, ба Ҳиндустон сафар намуд. Ӯ назди мӯбадони порсӣ маросими динӣ ва хондани матнҳои қадимиро омӯхт ва якчанд дастхатро харида гирифт. Ба ватан баргашта, баъдан ӯ тарҷумаи франсавии «Авесто»-ро бо мулҳақоти чанде аз матнҳои марбут ба он интишор дод. Ба воситан ин корнамоии илмии ӯ маълумот дар бораи «Авесто» дастраси аҳли илми Европа гардид. Вале, тарҷумаи Дюперрон хеле ноқис буд. Аксари порчаҳоро ӯ нодуруст фаҳмида ва ё комилан нафаҳмида буд. Дар асри XIX ба сабаби инкишофи забоншиносии муқоисавӣ наздикии забони «Авесто» бо забонҳои қадимии хуб омӯхташуда ва аз рӯи бисёр ёдгориҳои маълуми ҳиндӣ-ведоӣ (бо ин забон «Ригведа» ва ёдгориҳои қадими дигари ҳинд навишта шудаанд) ва санскрит исбот гардид. Омӯзиши забонҳои эронии миёна, аз он ҷумла забонҳои мурда (хоразмӣ, суғдӣ, хутану сакоӣ) ва зиндаи (забонҳои помирӣ) эронии шарқӣ низ аҳамияти бисёр калон дошт. Ҳамаи ин кори тарҷумаи илмии «Авесто»-ро нисбатан осон намуд. Вале ба ин нигоҳ накарда, тарҷумаи «Авесто» ҳанӯз мушкилоти зиёде дорад ва мӯътабартарин мутахассисон ҳам баъзе ҷойҳои муҳими «Авесто»-ро ба таври мухталиф тарҷума мекунанд.

Муддатҳои зиёде «Авесто» мисли дигар ёдгориҳои динӣ ва ҳамосии ҳиндӣ ва эронӣ ба таври шифоҳӣ, ки ягона шакли дақиқан маҳфуз мондан буд (ғайр аз баъзе тағйироти муайяне дар талаффуз), нақл карда мешуд. Ин тарзи нақл ва хониш боз муддати дуру дарозе, пас аз сабти хаттии «Авесто» ҳам, дар иҷрои ниёиш, таълим ва ғайра, инчунин дар маҳфуз мондани матни анъанавии он аҳамияти умда дошт. То ба вуҷуд овардани алифбои авестоии ҳозиразамон (яъне, алифбое, ки дастхатҳои то замони мо расидаи «Авесто» китобат шудаанд) матнҳои авестоие вуҷуд доштанд, ки бо алифбои дар асрҳои VI–V пеш аз милод дар Эрону Осиёи Миёна мустаъмали оромӣ таълиф ёфта буданд. Тибқи навиштаҷоти зардуштии давраи форсии миёна, ки доир ба бисёр масъалаҳои таърихи пешини зардуштия маълумоти дақиқе надошт, дар замони Ҳахоманишиҳо маҷмӯи китобҳои «Авесто» мавҷуд буда, ҳангоми забти Искандари Мақдунӣ аз байн бурда шуд, баъдтар шоҳи ашконӣ - Валахш (яъне, Вологес, одатан ӯро бо Вологеси I, ки дар асри I милодӣ ҳукмфармой кардааст, айни як кас мешуморанд) фармон дод, ки бақияи матнҳои авестой ва он чӣ ба таври шифоҳӣ байни мубадон монда буд, ҷамъ оварда шавад. Олимони имрӯза чунин маълумотро, яъне аслан вуҷуд доштани «Авесто»-и замони ҳахоманишиёнро беасос мешуморанд ва баъзеҳо, ҳатто ба мавҷудияти матни ашконии «Авесто» ҳам шубҳа доранд. Вале, зоҳиран «Авесто»-и хаттӣ дар нимаи дувуми давраи Порт (Парфия) ва яқинан дар оғози давраи сосонӣ вуҷуд дошт. Дар асоси баъзе мадракҳои асноди портҳо, ки аз Насо ёфт шудааст, И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс тахмин доранд, ки дар шарқи давлати Порт дар асри I пеш аз милод матни хаттии «Авесто», ҳеҷ набошад, қисмати ҷудогонаи он мавҷуд буд.

Баъдтар, «Авесто» бо алифбое, ки махсус барои навишти он ихтироъ шуда буд, китобат гардид. Ин алифбо дар заминаи хати паҳлавӣ (яъне ҳуруфи китобҳои зардуштии форсии миёна), ки инкишофи яке аз намудҳои хати оромиасос ҳисоб меёбад, ба вуҷуд омадааст. Вале алифбои авестой хеле зиёдтар (бештар аз ду баробар) ҳуруф, аз ҷумла, 14 ҳарфи садонок дорад. Ин алифбои бо тамоми ҷузъиёташ коркардашуда имкон медод, ки матнҳои «Авесто» бо нигоҳ доштани тарзи талаффузи анъанавии гӯяндагони он аз давраи пайдоиши ин ёдгорӣ хеле дақиқ ва саҳеҳ сабт гардад; ба замми ин чунин сабт бо як қатор хусусиятҳо (бештар марбут ба хусусиятҳои қадимаи лаҳҷавӣ) симои забони эронии қадимаро, ки ҳангоми пайдоиши матнҳои авестой мустаъмал буд, пурра ва комилан инъикос менамояд. Алифбои авестой зоҳиран дар асри VI, аниқтараш дар замони Хусрави I (531 – 579) ба вуҷуд омадааст. Матнҳои бозмондаи «Авесто», ки қадимтарини онҳо ба асрҳои XIII ва XIV тааллуқ доранд, ба ҳамин китобати давраи охири сосонӣ мансуб мебошанд.

Китобати «Авесто» ба алифбои то замони мо расидааш, аслан дар асоси нақли лафзии он сурат ёфтааст. Худи номи «Авесто» аз калимаи форсии миёнаи apastāk, баъдан abastāv – ба маънии «асос» (ва ё мувофиқи тафсироти дигар «гузориш», «дастур», «ниёиш» ва ғайра.) аст, ки бевосита ба матни маҳфузмондаи «Авесто» нисбат дорад. Замимаҳои он «Занд» (калимаи форсии миёнаи zand «дониш», «таълимот») номида мешуданд. Зоҳиран, матни хаттии «Авесто» (дар сабти алифбои кӯҳна ва шояд дар давраҳои аввали китобати нав) ва ҳамчунин дигар иловаву тафсирҳои дастури авестоиро низ «Занд» мегуфтанд. Вале, баъдтар номи «Занд» бештар ба тарҷума ва тафсири дар замони Сосониён анҷомгирифтаи «Авесто» (ҳамаи дастхатҳои қадимии «Авесто» дорои тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба забони форсии миёна мебошанд) нисбат дода мешуд. Аз ҳамин ҷост, ки муддатҳои зиёде дар илми Европа номи нодурусти «Авесто» – «Занд-Авесто» ва номи забони авестой дар шакли «забони зандӣ» ривоҷ дошт. «Авесто» дар зарфи мавҷудияти чандинасраи худ борҳо кодификатсия шудааст. Чунон ки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ҷамъоварӣ ва танзими қавонини «Авесто» дар замони Вологеси I Ашконӣ (зоҳиран, асри I милодӣ), Сосониёни аввалия (асри III), Шопури II (асри IV), ки таҳрири пураҳамияти китоби муқаддас зери роҳбарии Атурпати Меҳроспандом анҷом ёфт ва ниҳоят, пас аз ҳаракати маздакиён, дар аҳди Хусрави I (асри VI), ки аз «Авесто» баъзе матнҳои дар асрҳои IV – V вуҷуддошта партофта шуданд, ба вуқӯъ пайвастааст.

Пас аз ин таҳрири охирин «Авесто» аз 21 китоб (наск) иборат буд, ки ном ва мазмуни мухтасари онҳо аз рӯи асари оид ба дини зардуштӣ дар асри IX таълифкардаи Денкарт маълум аст (ин хулоса на аз рӯи матни авестоӣ, балки аз рӯи тарҷумаи форсии миёнаи «Авесто» аст). «Авесто»-и то замони мо расида чаҳоряк қисмати китобати давраи охири сосониро ташкил медиҳад. Ин, пеш аз ҳама, фаслҳоеро дар бар мегирад, ки барои тоату ибодат заруранд; ҷузъҳои мавҷудаи «Авесто», китобҳои «Ясно» ва ғайра низ мувофиқи ҳамин мақсад тартиб ёфтаанд. Аз ин китобҳо танҳо «Видевдат» комилан ба яке аз китобҳои «Авесто»-и қадим мутобиқат мекунад.

«Авесто»-и имрӯза аз китобҳои «Ясно» – «назр», «ниёз», маҷмӯи матнҳои маросимӣ; «Яштҳо» («Яшт»– «ниёиш», «ситоиш»), сурудҳо дар васфи худоёни дини зардуштӣ; «Видевдат» – «қонун ба муқобили девон» (шакли баъдинаи нодурусташ «Вандидод»), дастурҳо дар бораи покизагӣ ҳангоми тоату ибодат (як қатор муқаррароти динӣ ва шаръӣ, порчаҳои асотири қадим, ҳамосӣ ва ғайраро дар бар мегирад); «Виспрат» – «ҳама родҳо» (номи баъдинаи каме носаҳеҳи он «Виспарад»), аз маҷмӯи дуо ва матнҳои ибодатӣ иборат аст. Ғайр аз ин, ба «Авесто» якчанд қисматҳои ҳаҷман хурд ва камаҳамият дохил мешаванд.

Аз 72 боби «Ясно» 17-тоашро «Готҳо» («Сурудҳо»-и пайғамбар Зардушт — асосгузори зардуштия), 7-бобро «Ясна ҳаптаҳатӣ» («Яснои ҳафтбоба»), ки аз ҷиҳати забон ва замони офариниш ба «Готҳо» наздик аст, ташкил менамоянд. Лаҳҷаи «Готҳо» ва «Яснои ҳафтбоба» нисбат ба ҷузъи дигари «Авесто», ки «Хурд-Авесто» ном гирифтааст, кӯҳнатар мебошад ва аз он бо хусусиятҳои лаҳҷавӣ фарқ мекунад. Баъзе муҳаққиқон (П.Тедеско, А.Мейе) забони авестоиро ба забонҳои эронии ғарбӣ нисбат додаанд, дигарон (мисли Х.Нюберг) онро аз гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ меҳисобанд. Ақидаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки муво-фиқи онҳо ин забон дар байни забонҳои эронӣ мавқеи алоҳида (К. Гоффман) ва ё дар байни гурӯҳи забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ мавқеи васатӣ дорад (В. Ҳеннинг). Як қатор хусусияти алоҳидаи забони авестоӣ, аз ҷумла, лаҳҷаи «Готҳо» бо забонҳои шарқиэронӣ мувофиқат мекунанд. Дар «Хурд-Авесто» таъсири забонҳои эронӣ (аз он ҷумла, забонҳои ғарбӣ) дар минтақае, ки забони авестоӣ ҳамчун забони муқаддас интишор ёфта буд, ҳис карда мешавад.

Масъалаи замон ва макони пайдоиши ҷузъҳои «Авесто» то имрӯз аз бисёр ҷиҳат баҳснок аст. Мувофиқи анъанаи дини зардуштӣ, ки дар замони Сосониён тасдиқ ёфтааст, замони зиндагии Зардушт ва офарида шудани «Готҳо»-ро ба охири асри VII – нимаи аввали асри VI пеш аз милод нисбат медиҳанд. Ин ақидаро муҳаққиқоне тарафдоранд, ки анъанаи мазкурро комилан асоснок мсшуморанд. Вале, баъзе олимон ба саҳеҳии он шак доранд; онҳо қайд мекунанд, ки ин анъана дар давраи баъдтар тасдиқ ёфтааст ва эҳтимолан, пайдоиши он ҷанбаи ривоятӣ дорад. Дар замони ҳозира, ба ҳар ҳол, бо мушкилӣ метавон ба эътимоднокии ин таърих бовар намуд, гарчанде имкон дорад, ки, дар ҳақиқат, Зардушт дар охири асри VII – оғози асри VI пеш аз милод зистааст.

Мувофиқи ривоятҳои маъмули давраи сосонӣ ва баъдина, Зардушт дар Атропатена (Озарбойҷон) ва ё аз Роғи мидӣ (Райи асримиёнагии наздики Теҳрон) баромадааст. Вале ин маълумот ҳоло беэътимод шумурда шудааст; ҳақиқатан ҳам материалҳои «Хурд-Авесто» ба мавҷудияту ҳокимияти деринаи ҷамоаи пайравони Зардушт дар Роғ ишорат мекунанд; ин ҳолат, бешубҳа, аз он сабаб рӯй додааст, ки ноҳияи мазкур, ки дар қисмати шимоли шарқии Мод (Мидия) ҷой дошт, нахустин ноҳияе буд, ки таълимоти Зардушт аз шарқ ба он роҳ ёфт.

Ривояти хеле қадима мавҷуд буд, ки тибқи он Зардушт гӯё дар Бохтар зистааст. Ин ривоят дар асари муаллифи юнонӣ Ктесий (охири асри V-оғози асри IV пеш аз милод) ифода ёфтааст. Ба ин ривоят пайравӣ намуда, баъзе олимон (аз қабили Ҷ.Мултон) гумон кардаанд, ки «Готҳо» дар Бохтар офарида шудаанд, ҳамчунин забони онҳоро дар давраи қадим авестоӣ ҳисобидаанд (дар асри XIX В. Гейгер ва дигарон ҳамин гуна ақида доштанд). Вале баъзе маълумотҳо ин ақидаро тасдиқ намекунанд, ёдгориҳои ба наздикӣ кашфгардидаи забони бохтарии давраи кушонӣ бошад, онро аз эҳтимол дур месозанд. Ж.Дармстетер, В.Ҷексон ва баъзе дигар олимон, баъдтар дар солҳои 30–40 асри XX Э.Хертсфелд ва муаллифони дигар, ки Зардуштро ҳамзамони ҳахоманишиёни нахустин, аз ҷумла, Дорои I

шуморидаанд, фаъолияти ӯро ба шимоли ғарби Эрон нисбат медиҳанд. Вале, мувофиқи ақидаи маъмули замони ҳозира, «Готҳо» то ба миён омадани давлати Ҳахоманишӣ тартиб ёфтаанд ва аз сӯи пайдоиши худ ба Эрони ғарбӣ муносибат надоранд.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ҳозиразамон, пеш аз ҳама, ба маълумоти географии худи «Авесто» истинод мекунанд, «Готҳо» ва қисматҳое, ки ба он аз ҷиҳати замон наздикӣ доранд, дар яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва ё минтақаҳои муҷовири шимоли ғарби Афғонистон ва шимоли шарқи Эрон офарида шудаанд. Дар ин бобат ақидаҳои мухталиф баён карда мешаванд. Масалан, баъзеҳо ба ноҳияи ҷараёнгоҳи миёна ва поёноби дарёи Аму ва ё аслан ба Хоразм ишора мекунанд (С.П.Толстов ва диг.); дар ин маврид нуқтаи назари қабулнамудаи И.Маркварт, Э.Бенвенист ва олимони дигар, ки мамлакати асотирии Аирйанам Ваеҷаҳ «Фарохнои Ориёно» – ватани эрониён ва дини зардуштиро бо Хоразм айният медиҳанд, ба асос гирифта мешавад; ба ғайр аз ин ба ноҳияҳои байни дарёи Аму ва дарёи Сир, яъне ба Суғд ва ё ноҳияҳои ҳамсояи он (Х.Нюберг) ба сарҳадҳои скифу сакоиҳои осиёимиёнагӣ (В.И.Абаев) ва ноҳияҳои соҳили баҳри Арал ва поёноби дарёи Сир (Г.Виденгрен); ба Марв, Суғд ва Хоразм (Ж.Дюшен-Гюйимен) ва ғайра ишоратҳо кардаанд.

Нуқтаи назаре (дар корҳои В.Ҳеннинг, К.Барр, И.Гершевич, Р.Сеннер ва дигарон) ба таври васеъ паҳн гардидааст, ки мувофиқи он «Готҳо» дар ҳудуди конфедератсияи давлати Хоразм, ки пеш аз забткориҳои Ҳахоманишиён мавҷуд буд, офарида шудаанд (дар ин маврид ба санаи анъанавии Зардушт, ки дар боло ба он ишора рафт, пайравӣ мешавад). Ба ин мавзеъ ноҳияҳои қисмати ҷануби Хоразм низ дохил мегарданд ва махсусан Марғиёну Ориё ҳамчун макони офарида шудани «Готҳо» шинохта мешаванд (В.Ҳеннинг ва диг.; академик В.В.Струве аз рӯи асосҳои дигар ба Марғиён ҳамчун ватани дини зардуштӣ назар менамуд); ба қавли В.Ҳеннинг, матнҳои авестоии баъдина имкон дорад дар Сиистон эҷод гардидаанд. Вале, қатъи назар аз ин ки оё чунин конфедератсияе бо сарварии Хоразм вуҷуд дошт (маълумоти муаллифони қадим ба ин суол ҷавоби мусбат медиҳанд), далелҳои муайяне оид ба муносибати Зардушт ба он мавҷуд нестанд.

Ба замми ин, муҳаққиқоне, ки ба «санаи анъанавии Зардушт» пайравӣ намуданро зарур намешуморанд ва ё аслан онро эътимоднок намедонанд, одатан офариниши «Готҳо»-ро ба замони басе қадимтар, яъне замони пеш аз ҳуҷуми ҳахоманишиҳо ба Осиёи Миёна нисбат медиҳанд. Масалан, И.М.Дяконов дараҷаи инкишофи ҷамъияти тасвирнамудаи «Готҳо»-ро ба назар гирифта, гумон менамояд, ки онҳо бояд пештар аз асри VI ва то нимаи дувуми асри VII пеш аз милод эҷод шуда бошанд. Э. Мейер ва баъзе донишмандони дигар дар вақти худ, ҳатто имкони ба қарибиҳои соли 1000-ум ва ё ибтидои ҳазораи I пеш аз милод нисбат доданро ҳам изҳор карда буданд. Муаллифи яке аз охирин асарҳои бузурге оид ба дину мазҳабҳои эронӣ — Г.Виденгрен менависад, ки бо камоли боварӣ метавон замони зиндагии Зардуштро ба давраи байни солҳои 1000–600 пеш аз милод, ҳеҷ набошад, ба давраи пеш аз пайдоиши давлати ҳахоманишӣ нисбат дод. Ба ақидаи чанде олимон (аз он ҷумла, И.М.Дяконов, Г.Виденгрен ва диг.) «Авесто»-и аввала то миёнаи асри VI пеш аз милод дар шарқи Мидия, дар Роғ пазируфта шуд, аз он ҷо таълимоти он дар шакли тағйирёфта бошад ҳам, дар Эрони ғарбӣ паҳн гардид. Муҳаққиқони дигар интишори ғояҳои «Готҳо»-ро ба ғарб, ба замони Ҳахоманишиҳои нахустин (замони Куруш ба қавли В.Хинтс, замони Дорои I ба қавли В.Ҳеннинг, И.Гершевич ва ғ.) нисбат медиҳанд.

Ба ҳамин тариқ, ба хулосае бояд омад, ки замони фаъолияти Зардушт ва офариниши «Готҳо» пештар аз охири асри VII — аввали асри VI пеш аз милод мансуб аст, вале маҳз ба ҳамин замон ва ё як-ду аср пештар муносибат доштани онҳоро мо яқинан гуфта наметавонем. Доир ба макони пайдоиши «Готҳо», гарчанде ҳоло ягон ноҳияи муайянеро бо боварии қатъӣ ном бурдан мумкин нест, бо вуҷуди ин, метавон тасдиқ кард, ки он дар минтақаи Осиёи Миёна ва ё ноҳияи ҳамсарҳади он воқеъ буд. Дар ин бора ҳудуди географии худи «Авесто» ва маҷмӯи мамолики дар он номбаршуда шоҳиди мӯътамаде шуда метавонанд. Номгӯи нисбатан пурраи ин мамолик дар боби аввали «Видевдат» оварда шудааст. Дар ин ҷо дар силсилаи «беҳтарин кишвар ва мамлакатҳо»-и офаридаи

Аҳурамаздо инҳо номбар мешаванд: Аирйанам Ваеҷаҳ, «Гава, макони суғдиён», «Моуруи ноҳияи Марв] тавоно, ростипараст», «Баҳди (Бохтар) зебо бо дирафшҳои афрошта», «Нисайа, ки байни Моуру ва Баҳди воқеъ аст», Ҳарайва (ноҳияи Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеъҳои Ҳинд ва Ҳарахвати (Арахозия) дар ҷануби шарқӣ, ҳайтуманта дар водии ҳилманд дар ҷануб, кишварҳои гургониён ва Роғ (дар шимоли шарқии Мидия) дар ғарб. Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии географии тартибдиҳандагони ин матни авестоӣ тақрибан тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна ва минтақаҳои ҳамсарҳади он – Афғонистону Эрони шимоли шарқиро дар бар мегирад. Аслан, матни дар ин шакл то замони мо расида нисбат ба қисматҳои дигари «Авесто» ба давраи баъдтар, ба замоне дахл доранд, ки зардуштия ба таври васеъ паҳн шуда буд. Баъзеҳо ақида доранд, ки асоси ин матнро порчае ташкил мекард. ки дар он теъдоди камтари кишварҳо номбар шуда буданд.

«Суруд дар васфи Митра» («Яшт»-и Х, «Меҳр Яшт»), ки дар он ҳам номгӯи якчанд кишварҳо омадааст, ба давраҳои нисбатан қадимтаре муносибат дорад. Ин «Яшт» яке аз беҳтарин намунаҳои шеърияти авестоӣ (ва ё эронии қадим) мебошад. Дар ин ҷо, аз ҷумла тавсифоти пуробуранги кишварҳое, ки «сипаҳбадони маглубнашавандаи онҳо корзорҳои беададе месохтанд, кӯҳҳои баланди пурчарогоҳ ба шахси парастори чорпоён хидмат мекарданд, кӯлҳои булӯрин ба масоҳати бузург паҳн шуда, дарёҳои васеи пуроб ба сӯи Ишкат ва Парут, Ҳироту Марв, Ғави Суғд ва Хоразм равон буданд», дода шудааст.

Ба минтақаи дар ин порча тасвиршуда бояд ҳамчун ба минтақае назар кард, ки дар он аз ҳама пештар дини зардуштӣ паҳн гардид ва, ба ақидаи мо, дар яке аз ин кишварҳои номбурда ватани нахустин матнҳои авестоиро бояд ҷуст. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин ҷо ноҳияҳое номбар мешаванд, ки бо Бохтар ҳамсояву ҳамсарҳад буданд ва ё қисман дар замони пеш аз Ҳахоманишиҳо ба таркиби он дохил мешуданд. Аз ин рӯ, Бохтар бо «дирафшҳои афрошта», чи тавре ки он дар «Видевдат» ёд мешавад, агар нахустин набошад, яке аз он кишварҳоест, ки дар манотиқи он дини зардуштӣ аввалин бор паҳн гардид. Дар матнҳои «Хурд-Авесто» муттаҳидшавии таълимоти Зардушт, ки аз тарафи пайравони ӯ инкишоф дода шуд, бо ғояву русумот ва образҳои ба таблиғоти аввалияи пайғамбар бегона, вале дар «Хурд-Авесто» инъикосёфта, мушоҳида мегардад. Ҳатто «Яснои ҳафтбоба», ки ба ҳамон лаҳҷаи «Готҳо» тартиб ёфта буд, гузаштҳои зиёде бо оинҳои паҳншуда дорад. Як силсила сурудҳои «Авесто» худоён ва персонажҳои асотириро (мисли Митра ва Ҳавма) васф мекунанд, ки аз қадим боз ориёиён онҳоро ситоиш мекарданд, вале аз тарафи пайғамбар дар «Готҳо» рад гардидаанд. Ин натиҷаи созиш бо дину мазҳабҳои қабилавӣ буд, ки дар ҳудуди давлатҳои бузурги ҳахоманишӣ, Порт ва Сосониён паҳн гардида буданд ва дар замони мавҷудияти онҳо ҷузъҳои «Хурд-Авесто» эҷод гардида, тартиб ва таҳрир меёфтанд. Вале, чунин дину оинҳо ва дастурҳои маросимӣ ба таври сохта тавассути ибораҳои «чунин гуфт Аҳура-Маздо ба Зардушт…» ва дигар василаҳои таҳрирӣ дар он аз номи Зардушт оварда мешаванд. Ба истиснои ин фиқраҳои илова чанде порчаҳои «Хурд-Авесто», махсусан «Яштҳо», аз рӯи мундариҷаи худ нисбат ба замони мураттаб гардидани «Готҳо» қадимитаранд. Дар баробари ин «Авесто» муҳимтарин ёдгорӣ дар бобати омӯзиши айёми бостон, маданияту маишат, созмонҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давр, ҳамчунин осори ҳамосии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна ва Эрон мебошад. Ҷараёни омехташавии таълимоти Зардушт бо дигар мазҳабҳои эронӣ дар миёнаи асри V пеш аз милод сурат ёфт. Чунон ки аз гуфтаҳои боло равшан мегардад, ҳангоми истифодаи «Авесто» ҳамчун маъхази таърихӣ бояд гуногунҷанбагии он, ки ифодакунандаи давраҳо ва ҳатто аҳдҳои мухталифи таърихӣ мебошанд, таъсири ақоиду тасаввуроти муҳаррирон ва тартибдиҳандагон ба матни то замони мо бозрасида ба назар гирифта шаванд.

Ба ҳамаи ин маҳдудиятҳо нигоҳ накарда, «Авесто» муҳимтарин ва ягона маъхазест барои равшан намудани таърихи қадимтарини эрониёни шарқӣ, яъне мардуми Осиёи Миёна, Афғонистон ва он қисмати Эрон, ки дар шафати Осиёи Миёна воқеъ гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Сипас, мувофиги ҳамон навиштаҷот, матнҳои парокандаи авестоӣ дар аҳди Ардашери I ва Шопури I дар як ҷо ҷамъ карда шуданд (Widȳngrȳn G., 1965, С. 246–247).

2. Аз рӯи нуқтаи назари дар асарҳои Г.Юнкер ва баъзе дигар олимон ифодашуда алифбои авестоӣ гӯё дар асри IV ташаккул ёфтааст. Вале, чунон ки ҳанӯз дар асри гузашта эроншиноси маъруфи рус акад. К.Залеман ва сипас, В. Ҳеннинг, Г.Моргенстьерне, Г.Бейли собит намудаанд, алифбои авестоӣ на пештар аз асри VI ба вуҷуд омадааст (Henning B., 1958, 52; ниг.: инчунин Периханян А.Г., 1966, с.108–109; ҳамон ҷо ниг.: феҳристи муфассали асарҳо).
3. Ба таври васеъ дар байни зардуштиён паҳн гардидани нагли лафзии матнҳои муқаддас боиси он шуд, ки то давраҳои аввали асрҳои миёна ғавмҳои uайризардуштии муосири онҳо аксар вагт гумон мекарданд, пайравони зардуштия умуман китобҳои муқаддас надоранд. Сабаби аз замони истилои арабҳо дар кишварҳои исломӣ баръакси исавиён ва яҳудиён «аҳли китоби муқаддас» ҳисоб нашудани зардуштиён, ки ба вазъи расмии онон дар олами ислом нагши худро гузоштааст, эҳтимол, дар ҳамин бошад. Адабиёти зардуштӣ низ мавгеи анъанаи нагли лафзӣ, аз ҷумла, аҳамияти дар ҳифзи гоидаҳои муқаддаси «Авесто» доштаи онро бевосита таъкид менамояд (Widȳngrȳn G., 1965, 245-259).
4. Тарҷумаи «Авесто» ё кисмҳои он ба забонҳои русӣ ва европоӣ мавҷуд аст: Коссович К., 1861; Бертельс Е.Э., 1924, с. 3-11; Брагинский И.С, 1956, с. 35-37; 46-49-70, 105-116, 182-187 ва u.; Бертельс Е.Э., 1960, с. 53-66; Абаев В.И., 1963, с. 349-350, с. 367-370; Darmȳstȳtȳr J., 1892–1893; Wolff U., 1910; Lommȳl H., 1927; Gȳrshȳvitch I., 1959; Humйach H., 1959; Duchȳsnȳ-Guillȳmin J., 1963 ва u.
5. Тоҷикон-и Б. Ғафуров, Душанбе, Нашриёти «Дониш», 2008 с.

АВЕСТО – ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Авесто, Авасто ва ё Абасто – китоби муқаддаси зардуштиён буда, яке аз қадимтарин асари адабиёти форс маҳсуб ёфта, ба забони авестоӣ навишта шудааст, ки ин забон то ба замони мо омада нарасидааст. Мувофиқи сарчашмаҳо, Авесто аввалин маротиба бо фармони шоҳ Виштосп дар 12 ҳазор пӯсти гов бо хати тиллоӣ навишта шуда, онро шоҳ дар хазинаи оташкадаи шоҳаншоҳӣ ҷой додааст. Искандари Мақдунӣ дар соли 331 пеш аз милод ба Ҳахоманишиҳо ҳуҷум карда, як қисмати Авесторо сӯзонда, қисмати дигарашро бо худ бурда, фармон медиҳад, то ба забони юнонӣ тарҷума карда шавад.

Калидвожаҳо: Авесто, фалсафа, дин, Дорои 1, Искандари Мақдунӣ, Хусрави Парвиз, шоирон, форсҳо.

АВЕСТО – КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

Авеста, Аваста, Абасто – собрание священных тектстов зороастрийцев, одно из самых старейших памятников древнеиранской литературы, составленный на особом, более нигде не зафиксированным языке, называемым «авестийским». Согласно источникам, впервые Авесто был собран его царственным покровителем Виштаспой и записано золотыми чернилами на 12 тысячах волочьих шкур. Александр Македонский в 331 году до нашей эры, разрушая державу Ахеменидов уничтожил Авесту, выбросив книги в море или предав их огню, а часть из них приказал перевести на греческий язык.

Ключевые слова: Авесто, философия, религия, Доро 1, Александр Македонский, Хусрав Парвиз, поэты, персы.

AVESTA - AS A HISTORICAL SOURCE

Avesto, Avasta, Abasto – is the primary collection of religious texts of Zoroastrianism, the composed in the Avestian language. Its one of the oldests pamphlets of ancient Iranian literature. According to the soirces for the first time Avesta was collected by the royal patrol Vishtaspa who had them inscribed on sheets of gold.

Keywords: Avesto, philosophy, religion, Doro 1, Alexander the Great, Khusrav Parviz, poets, Persians.

Сведения об авторе*: Авганов Акмал Сайфуллоевич* – Таджикский национальный университет**,** магистрант первого курса юридического факультета **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **92 800 47 95**

Information about the author: ***Avganov Akmal Sayfulloevich*** **–** Tajik National University 1st year master`s student of faculty of Law **Address:**73045 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: 92 800 47 95

ШАРОИТИ ТАҲАҚҚУҚИ МУДОФИАИ ЗАРУРӢ АЗ ДИДГОҲИ КОДЕКСИ ҶАЗОИ АФҒОНИСТОН

Муҳаммаднабӣ Адолатёр
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зиндагии инсон бидуни иҷтимоъ ғайримумкин аст. Дар ҳоле ки зиндагии иҷтимоии инсон мусталзами равобити иҷтимоӣ аст, ки интизоми чунин равобит таҳияи усул ва қавоиди иҷтимоиро танзим менамояд [5]. Аз ибтидои таърих то кунун ду навъи усулу қавоиди иҷтимоӣ вуҷуд доранд – дар ибтидо танҳо усулу қавоиди самовӣ вуҷуд дошт ва

баъдан бо гузашти замон дар канори усул ва қавоиди самовӣ усул ва қавоиди вазъӣ ҳам тавассути инсонҳо вазъ шуданд ва ба ин тартиб ҳар ду навъи усулу қавоид дар зиндагии иҷтимоии инсонҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Кодекси ҷазои Афғонистон қонуне мебошад, ки усул ва қавоиди ҷурмиро танзим менамояд. Ин Кодекс ба асоси моддаи 3 Қонуни асосии Афғонистон вазъ шудааст. Бинобар ин, аҳкоми ин Кодекс дар заминаи аҳкоми дини муқаддаси ислом вазъ гардидаанд. Моддаи 3 Қонуни асосӣ чунин сароҳат дорад: «Дар Афғонистон ҳеҷ қонун наметавонад мухолифи муътақидоти дини муқаддаси ислом бошад»[2]. Кодекси ҷазои Афғонистон ду китоб ва 916 моддаро дар бар мегирад. Китоби аввали он таҳти унвони «Аҳкоми умумӣ» аз 236 модда ва чаҳор боб иборат аст. Китоби дуюми ин Кодекс таҳти унвони «Ҷароим ва ҷазоҳо», ки аз моддаи 237 то 916 онро фаро гирифтааст, дорои 12 боб мебошад. Ин Кодекс ҷароим ва ҷазоҳои таъзириро танзим менамояд. Моддаи 2 ин Кодекс чунин муқаррар кардааст: «1. Ин Қонун ҷароим ва ҷазоҳои таъзириро танзим менамояд. 2. Муртакиби ҷароими ҳудуд, қасос ва дият мутобиқи аҳкоми фиқҳи ҳанафии шариати ислом муҷозот мегардад”[1].

Аз ин рӯ, тамоми ҷароим ва ҷазоҳои таъзирӣ дар ин Кодекс пешбинӣ гардидаанд.

Тамоми донишмандони илми ҳуқуқ бар ин ақида ҳастанд, ки адолати ҷиноӣ замоне таъмин мегардад, ки ҳеҷ муҷриме аз татбиқи муҷозот боқӣ намонад ва ҳеҷ бегуноҳе мавриди муҷозот қарор нагирад, он чи ки Кодекси ҷазои Афғонистон низ ба пайравӣ аз назарияҳои фавқ ҳарду меъёрҳои фавқ пазируфта шудаанд [5, с. 2-3].

Тавре ки аз лиҳози принсипҳои машҳури ҳуқуқӣ ва аҳкоми Кодекси ҷазоии Афғонистон, як амале дар ҳолати одӣ ҷурм маҳсуб мешавад ва дар муқобили он муҷозот таъйин мешавад, аммо дар баъзе ҳолатҳои хос, ҳар гоҳ шахсе онро анҷом диҳад, ҷурм маҳсуб нашуда ва шахсе дар қиболи он касби масъулият наменамояд, яъне анҷоми ҳамон амал барои ҳамин шахс дар ҳамчунин ҳолоти ихтисосӣ мубоҳ (ғайриҷурмӣ) маҳсуб мешавад. Ба ҳамин асос ин ҳолатро дар Кодекси ҷазои Афғонистон асбоби ибоҳат меноманд ва як бахши муҳимми асбоби ибоҳат мудофиаи зарурӣ аст. Яъне, ҳар гоҳ шахсе таҳти таарруз ва таҷовузи ғайри ҳақ ва бидуни муҷиби шахси дигаре воқеъ шавад, тавре ки дафъи он ба тариқи дигар мумкин набошад, дар чунин ҳолот шахсе ба хотири дафъи хатари мавҷуда аз худ дифоъ менамояд, дар ҳоле ки ин ҳолат дар ҳолати одӣ ҷурм аст, вале дар ҳамчунин ҳолоти ихтисосӣ хосияти ҷурмӣ буданаш аз байн рафта, мудофиаи зарурӣ номида мешавад. Чун ин мавзӯъ дар масоили ҷурмӣ ниҳоят муҳим ва асосӣ мебошад, пас анҷоми таҳқиқоти илмӣ болои он низ аз аҳамияти фавқулода бархӯрдор мебошад. Ба ҳамин асос, ҳамаи масоили марбут ба мудофиаи зарурӣ, аз ҷумла дарбаргирандаи таъриф, хусусиёт, таҷовуз аз ҳаққи мудофиаи зарурӣ, шароити таҳаққуқ, осори қонунӣ ва чолишҳои эҷодшуда дар мудофиаи заруриро аз дидгоҳи Кодекси ҷазои Афғонистон таҳти баррасӣ қарор мегирад [3].

Мудофиаи зарурӣ. Мудофиаи зарурӣ аз ҷумлаи асбоби ибоҳат ба шумор рафта, дар Кодекси ҷазо мафҳум ва хусусиёти он тавзеҳ гардидаанд, ки мудофиаи заруриро аз дигар анвои асбоби ибоҳат мутамоиз месозад.

Маънӣ ва мафҳуми мудофиаи зарурӣ. Мудофиаи зарурӣ ба иқдомоте гуфта мешавад, ки шахсе ба манзури начоти ҷон, номус, озодӣ ё моли худ ё шахси дигаре аз таҷовуз ва таарруzи ғайриҳақ дар муқобили шахси мутаҷовиз анҷом диҳад, ба навҳе ки ин амал дар ҳолати одӣ ҷурм аст, вале дар ин ҷо ба асоси ҳаққи дифои машрӯъ ҷурм талаққӣ намешавад [6]. Дар ин маврид моддаи 125 Кодекси ҷазоӣ чунин сароҳат дорад: «1) Иртикоби амал ба манзури дифои машрӯъ, ҷурм шинохта намешавад. 2) Дифои машрӯъ ба шахси мавриди таҳдид иҷоза медиҳад, то аз истеъмоли васоили лозим ба манзури дифоъ аз ҳар амали ҷурмие, ки хатари таҷовуз бар ҷон, номус, озодӣ ё зарари молӣ барои дифоъкунанда ё шахси дигар эҷод мекунад, истифода намояд» [1]. Аз маънӣ ва мафҳуми дифои машрӯи дарҷшуда дар моддаи 125 Кодекси ҷазоӣ метавон чунин натоиҷ ба даст овард:

Аввал: амале, ки ба манзури мудофиаи зарурӣ воқеъ мешавад, дар асл мутобиқи аҳкоми Кодекси ҷазоӣ ҷурм пешбинӣ шуда бошад. Дувум: шахси мавриди таҳдид метавонад ҷиҳати анҷоми амал, ки ба манзури мудофиаи зарурӣ анҷом медиҳад, аз васоили лозимӣ кор гирад. Сеюм: ин амал дар баробари таарруз ва таҷовуз, ки мутобиқи аҳкоми қонуни ҷурм муаррифӣ шуда бошад, воқеъ шуда бошад.Чаҳорум: хатари эҷодшуда мутаваҷҷеҳи ҷон, номус, озодӣ ё моли худи шахси дифоъкунанда бошад ва ё аз шахси дигар. Панҷум:

мудофиаи зарурӣ барои шахси таҳдидкунанда ҳақ аст, на иҷбор, яъне шахси мавриди таҳдид ҳақ дорад аз худ дифоъ намояд ва ё ҳам хатаре, ки аз мадраки таарруз ва таҷовуз мутаваҷҷеҳи ҷон, номус, озодӣ ё моли худаш ё шахси дигар бошад, онро мутаҳаммил шавад.

Шашум: амал, ки ба манзури мудофиаи зарурӣ тавассути шахси дифоъкунанда анҷом мешавад, ҷурм шинохта намешавад. Ҳафтум: муртакиби он масъулияти ҷазоӣ ва масъулияти маданӣ надорад.

Шароити таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ. Дифоъ дар баробари хатари таҳдидкунанда аз таарруз ва таҷовуз дар ҳар ҳолат машрӯият надошта, сабаби ибоҳати амали дифоъ ҳам шуда наметавонад, магар ин ки шароити лозимии мундариҷи Кодекси ҷазоро такмил намуда бошад. Аз ин рӯ, эҷоди ҳаққи мудофиаи зарурӣ дорои як силсила шароити муайян мебошад, ки дар сурати вуҷуд надоштани яке аз он мудофиаи зарурӣ пиндошта намешавад [5].

Дар ин маврид моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «1. Дифоъ замоне машрӯъ дониста мешавад, ки дар ҳудуди шароити мундариҷи ин Қонун сурат гирифта бошад. 2. Ҳаққи дифои машрӯъ таҳти шароити зайл ба вуҷуд меояд»[1].

1. Дифоъ дар баробари амали хилофи қонун ва ғайриодилона. Аввалин шарти таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ин аст, ки дифоъ бояд дар баробари таарруз ва таҷовузи ғайриҳақ сурат гирифта бошад, яъне хатари мавриди назар бояд аз таҷовуз эҷод шуда бошад, ки хилофи қонун ва ғайриодилона буда, дар муқобили он мудофиаи зарурӣ иҷозат дода мешавад, дар ғайри он ҳаққи мудофиаи зарурӣ ба вуҷуд намеояд.

Дар ин маврид банди аввали фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Дифоъ дар баробари амали хилофи қонун ва ғайриодилона» [1].

2. Дифоъ дар ҳамла ва таарруzи билфеъл ё қарибулвуқӯъ. Дувумин шарти таҳаққуқи дифои машрӯъ ин аст, ки дифоъ дар баробари ҳамла ва таарруzи билфеъл ё қарибулвуқӯъ сурат гирифта бошад, яъне ҳамла ва таарруз бояд билфеъл ё ҳадди ақал қарибулвуқӯъ бошад, он гоҳ дифоъ дар муқобили он иҷозат дода мешавад. Дар ин маврид банди дуюми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Дифоъ дар баробари ҳамла ва таарруzи билфеъл ё қарибулвуқӯъ» [1].

3. Ҳамзамон будани дифоъ бо ҳамлаи шахси мутаҷовиз. Сеюмин шарти таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ин аст, ки дифои шахс ҳамзамон бо таарруз ё ҳамлаи шахси мутаҷовиз бошад, ҳарчанд ҳолати мундараҷи ин шарт дар ҳолати мундараҷи шарти дуюмӣ, ки дар боло зикраш рафт, низ бо он ҳам қонунгузор тайи банди сеюми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо онро баён доштааст. Манзур аз ин шарт ҳам ин аст, ки таарруз ва ҳамлаи шахси мутаарриз бо дифои шахси дифоъкунанда ҳамзамон бошад, яъне дифои замонӣ иҷозат дода мешавад, ки хатар дар ҷараён дошта бошад, зеро мантиқи қабул шудани мудофиаи зарурӣ ҳам дафъи хатари таҷовуз дар ин маврид мебошад. Дар ин маврид банди сеюми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Ҳамзамон будани дифоъ бо ҳамлаи шахси мутаҷовиз» [1].

4. Мутаносиб будани дифоъ бо хатари мавриди таҳдид. Чаҳорумин шарти таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ин аст, ки дифои шахс мутаносиб бо хатари мавриди таҳдид бошад, тавре ки ҳадаф аз таносуб мусовот аст, яъне камият ва кайфияти дифоъ бо камият ва кайфияти таарруз ва таҷовуз мусовӣ бошад, изофа рӯйи он ҷоиз нест. Зиёдаравӣ дар дифоъ нисбат ба таарруз мусовӣ набуда, вақте ки мусовот ба вуҷуд наояд, адолат таъмин намегардад, дар ҳоле ки мантиқи эҷоди ҳаққи мудофиаи зарурӣ ҳам таъмини адолати ҷиноӣ аст.

Гарчанде Кодекси ҷазои Афғонистон аз ҷузъиёти ҳолати таносуб тазаккур накардааст, ба шакли ом аз ҳолати таносуб баён доштааст, аммо аз лиҳози ҳуқуқӣ таносуб бар ду навъ аст, ки яке аз он таносуби нисбӣ ва дигари он таносуби мутлақ аст. Таносуби мутлақ, ки таносуби комил ҳам номида мешавад, ба ҳолате итлоқ мешавад, ки ба шахси дифоъшаванда айнан ба ҳамон андоза хатари таҷовуз сурат бигирад, камӣ ва зиёдӣ дар он воқеъ нашавад, ки камоли чунин таносуби кор душвор аст. Ба ҳамин асос, иддае аз донишмандони илми ҳуқуқ бар ин ақида ҳастанд, ки ҳар гоҳ исбот ё риояти таносуби мутлақ ё комил имкони пазиро набошад, дар ин сурат таносуби нисбӣ ҳам ҳоизи аҳамият ва мадори эътибор аст [5]. Дар мавриди шарти таносуб будани дифоъ бо хатари мавриди таҳдид, банди чаҳоруми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Мутаносиб будани дифоъ бо хатари мавриди таҳдид» [1].

5. Дифоъ ягона василаи дафъи хатар бошад. Панҷумин шарти таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ин аст, ки дифои шахс бояд ягона василаи дафъи хатар бошад, тавре ки дар боло ҳам тазаккур рафт, ҳар гоҳ ба ҷуз аз дифои хатари таҷовуз ба василаи дигаре монанди тавассул ба муваззафи амниятӣ ё фирор ва соир васоили дигар қобили дафъ бошад, дар он сурат мудофиаи зарурӣ ба вуҷуд намеояд. Дар ин маврид банди панҷуми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Дифоъ ягона василаи дафъи хатар бошад» [1]. Аз шарти мазкур бармеояд, ки эҷоди ҳаққи мудофиаи зарурӣ охирин роҳи ҳал ҷиҳати дафъи хатари таарруз ва таҷовуз мебошад, яъне азбаски ночории ҳаққи мудофиаи зарурӣ эҷод шудааст ва ҳар гоҳ ба ҷуз аз мудофиаи зарурӣ роҳҳои мумкини дигар ва ё ҳам васоили мумкини дигаре мавҷуд бошад, ки боиси дафъи хатар шуда битавонад, он вақт мудофиаи зарурӣ аслан ва қатъан ҷавоз надорад.

6. Дифоъкунанда қасдан сабаби эҷоди амали ҷурмии тарафи муқобил нашуда бошад. Шашумин шарти таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ин аст, ки дифоъкунанда қасдан сабаби эҷоди амали ҷурмии тарафи муқобил нашуда бошад, яъне қасдан чунин амалеро анҷом надода бошад, то ба асоси он тарафи муқобил дар баробари вай даст ба таарруз ва таҷовуз зада бошад ва баъдан вай ғарази дафъи хатари таҷовуз дар муқобили мутаҷовиз даст ба амали дифоъ бизанад, ки дар чунин ҳолат ҳаққи мудофиаи зарурӣ эҷод намешавад, зеро таарруз ва таҷовуз ба сабаби амали қасдии вай эҷод шуда ва баъд ба асоси истеъмоли ҳаққи дифои машрӯъ ҳаҷ надорад ба шахси мутаҷовиз зарар бирасонад. Дар ин маврид банди шашуми фақараи дуюми моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Дифоъкунанда қасдан сабаби эҷоди амали ҷурмии тарафи муқобил нашуда бошад» [1].

Хусусиёти мудофиаи зарурӣ. Мудофиаи зарурӣ мутобиқи аҳкоми Кодекси ҷазо дорои як силсила хусусиёт мебошад, ки ҳолати мудофиаи заруриро аз ҳолатҳои дигар, бахусус аз дигар маворидии асбоби ибоҳат мутамоиз месозад [4].

Ин хусусиётро ба таври зайл тавзеҳ додан мумкин аст:

1. Эҷоди ҳаққи мудофиаи зарурӣ. Тавре ки дар боло зикр гардид, мудофиаи зарурӣ барои шахси мавриди таҳдид ба унвони ҳаққи машрӯъ маҳсуб мешавад, он чиро ки Кодекси ҷазо низ онро пешбинӣ намудааст. Аз ин рӯ, ин ҳаҷ дар ҳар ҳолат ба шахсе эҷод намешавад, балки ин ҳаҷ ба шахси мавриди таҳдид вақте эҷод мешавад, ки дифоъкунанда рӯйи асбоби маъқул ва далоили мантиқӣ яқин намояд, ки хатари таҷовуз ба ҷон, номус, озодӣ ё моли худаш ё шахси дигаре мутаваҷҷеҳ бошад, он гоҳ ҳаққи мудофиаи зарурӣ барои шахси мазкур эҷод мешавад. Дар ин замина моддаи 126 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Ҳаққи дифои машрӯъ ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки дифоъкунанда рӯйи асбоби маъқул ва далоили мантиқӣ яқин намояд, ки хатари таҷовуз бар ҷон, номус, озодӣ ё моли худаш ё шахси дигаре мутаваҷҷеҳ бошад» [1].

Дар муҳтавиёти моддаи 126 Кодекси ҷазо ду нукоти муҳим қобили зикр аст:

Аввал, хатари таҷовуз феълан мавҷуд бошад, дар сурате ки хатари таҷовуз мозӣ ва мустақбал бошад, ҳаққи мудофиаи зарурӣ эҷод намешавад.

Сониян, мавҷудияти хатари таҷовуз рӯйи асбоби маъқул ва далоили мантиқӣ яқин гардад, ҳар гоҳ дифоъкунанда дар хусуси мутаваҷҷеҳ шудани хатари таҷовуз яқин, на ин ки эҳтимолӣ бошад ва ё ҳам яқинии он бидуни асбоби маъқул ва далоили мантиқӣ бошад, он гоҳ ҳаққи мудофиаи зарурӣ эҷод намешавад.

2. Муддати дифои машрӯъ. Масъалаи дигари баҳс муддати замони иҷрои мудофиаи зарурӣ мебошад, яъне меъёрро, ки барои шахси дифоъкунанда ба манзури дафъи хатари бавуҷудоянда аз таарруз ва таҷовузи ноҳаққе таъйин гардидааст, он меъёр чӣ қадар хоҳад буд? Посухи ин савол возеҳ аст ва он ин ки шахс метавонад, то давоми хатари ношӣ аз таарруза таҷовуз ба мудофиаи зарурии худ идома диҳад ва бо заволи хатари воқеъшуда он хотима меёбад. Дар ин замина моддаи 128 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Ҳаққи дифои машрӯъ то давоми хатар идома ёфта ва бо заволи он хотима меёбад» [1]. Мантиқ ин ки чаро ҳаққи дифои машрӯъ то давоми хатари таҷовуз идома ёфта ва бо заволи он хотима меёбад, он аст ки ҳадаф аз эҷоди ҳаққи мудофиаи зарурӣ ҳам дафъи хатари таҷовуз аст, ки бо заволи ин хатари таҷовузи маҳал барои мудофиаи зарурӣ боқӣ намемонад.

3. Иртикоби қатл дар мудофиаи зарурӣ. Яке аз бузургтарин неъматҳо ва муҳаббатҳои Илоҳӣ барои инсонҳо ҳаққи ҳаёт аст ва ин ки чаро ин ҳаҷ, яъне ҳаққи ҳаёт дар садри соир ҳуқуқҳои инсонӣ қарор гирифтааст. Посухи суоли мазкур он аст, ки дарвоқеъ ин ҳаҷ (ҳаққи

ҳаёт) маҳалле барои истифодаи соир ҳуқуқ мебошад, ё заминаи истифодаи соир ҳуқуқҳоро фароҳам месозад ва дар ҳоли адами мавҷудияти ин ҳақ тамоми ҳуқуқҳои дигар фоқиди маҳалли иҷро қарор мегиранд. Ба таври мисол, дар сурате, ки шахс дар ҳаёт набошад, он гоҳ маҳал барои истифодаи ҳаққи таълим, таҳсил, саёҳат, озодӣ, ва ҳуқуқҳои дигари инсонӣ боқӣ намемонад.

Аз ин рӯ, шахсе ки инсонро аз ин ҳаққи бузург ва асосӣ маҳрум намуда онро ба қатл бирасонад, ин амали вай ҷинояти хатарноку сангин маҳсуб шуда, на танҳо дар Кодекси ҷазои Афғонистон, балки дар қавонини ҷазоии тамоми кишварҳои ҷаҳон ба шумули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ҷиноят маҳсуб мешавад. Аз он ки қатл ҷурм ва ҷинояти хатарнок ва боиси хотимаи ҳаёти шахси мақтул мегардад, чун ҳаққи ҳаёт нисбат ба ҳуқуқҳои дигари инсонӣ дорои аҳамият буда, ба ҳамин асос, иртикоби қатли амд ба асоси истеъмоли ҳаққи мудофиаи зарурӣ аз лиҳози принсип ҷавоз надорад, магар истисно дар яке аз ҳолот ва маворидо зайл, ки дар моддаи 129 Кодекси ҷазо ҷавоз дошта ва дар ин замина чунин муқаррар кардааст: «Иртикоби қатли амд ба асоси истеъмоли ҳаққи дифои машрӯъ ҷавоз надорад, магар ин ки ба манзури дифоъ дар баробари яке аз аъмоли зайл сурат гирифта бошад:

1. Дифоъ дар баробари амале, ки хавфи марг ё ҷароҳати шадид аз он ба далоили маъқул мавҷуд бошад.

2. Дифоъ дар баробари таҷовузи ҷинсӣ ё таҳдиди ҷадид ба он.

3. Дифоъ дар баробари амали ихтитоф ё гаравгонгирӣ.

4. Дифоъ дар баробари амали ҳариқи (оташ задан) амдии хатарнок.

5. Дифоъ дар баробари сирқате, ки мутобиқи аҳкоми ин Қонун ҷиноят бошад.

6. Дифоъ дар баробари амали дохил шудани ғайримуҷоз дар шаб ба манзили маскунӣ ё муҳлиқоти он» [1].

Аз муҳтавоёти моддаи мазкур бармеояд, ки аз лиҳози принсип иртикоби қатли амд ба асоси истеъмоли ҳаққи мудофиаи зарурӣ ҷавоз надорад, магар истисно дар яке аз шаш ҳолоти фавқуззикр ҷавоз дорад.

4. Имкони тавассул ба муваззафи амниятӣ. Тавре ки қаблан ҳам зикр гардид, ҳаққи дифои машрӯъ вақте ба вуҷуд меояд, ки шахс таҳти хатари ҷиддӣ ва феъли ношӣ аз таарруз таҷовуз қарор дошта бошад. чизе ки лозим аст, он аст ки дифои машрӯъ ягона васила барои дафъи хатари ношӣ аз таарруз ва таҷовуз буда метавонад. Ҳар гоҳ шахси мавриди таҳдид имкони дафъи хатари ношӣ аз таарруз таҷовузро ба ғайр аз ҳолоти дифои машрӯъ дошта бошад, ки як маворидо он ҳам тавассул ба муваззафи амниятӣ аст, он гоҳ ҳаққи дифои машрӯъ мунтафӣ мегардад [5].

Дар мавриди ҳолати имкони тавассул ба муваззафи амниятӣ дар дифои машрӯъ, моддаи 130 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Ҳар гоҳ тавассул ба муваззафи амниятӣ ҷиҳати дафъи хатар мумкин бошад, ҳаққи дифои машрӯъ ба вуҷуд намеояд» [1].

Дар муҳтавоёти моддаи 130 Кодекси ҷазо нукоти мазкур қобили диққат мебошанд:

Аввал, тавассул ба муваззафи амниятӣ бояд мумкин бошад, на ба муваззафи дигари хадамоти омма.

Дувум, ҳолати тавассул ба муваззафи амниятӣ сабаби дафъи хатар шуда битавонад.

5. Дифоъ дар баробари муваззафи амниятӣ. Ҳар гоҳ муваззафи амниятӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаи расмӣ бо доштани ҳусни ния аз маҳдудаи салоҳиятҳои вазифавиаш гузашт намуда, боиси эҷоди хатар ба шахси дигаре гардад, дар ин сурат аз лиҳози принсипи дифоъ дар баробари ин муваззафи амниятӣ тавассути шахси мавриди таҳдид ҷавоз надорад, магар ба истиснои чанд ҳолате, ки моддаи 131 Кодекси ҷазо пешбинӣ намудааст. Дар ин маврид моддаи 131 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Дифои машрӯъ дар баробари муваззафи амниятӣ дар сурате ки вазифаи худро мутобиқи аҳкоми Қонун ва бо ҳусни ния анҷом диҳад, агарчи дар ҷараёни иҷрои вазифа аз ҳудуди салоҳияти қонунии худ таҷовуз намояд, ҷавоз надорад, магар ин ки хавфи марг ё ҷароҳати шадид ё хавфи таарруз ба номус ё озодии ношӣ аз амали он ба далоили маъқул собит бошад» [1].

Биноан, ҳолате ки мутобиқи муқаррароти моддаи 131 Кодекси ҷазо ба истисно барои шахси мавриди таҳдид иҷозаи анҷоми дифоъро дар баробари муваззафи амниятӣ медиҳад, ба қарори зайл аст:

Аввал, хавфи марг ё ҷароҳати шадиди шахс матраҳи баҳс бошад.

Дуюм, хавфи таарруз ба номус ё озодии ношӣ аз амали он ба далоили маъқул собит бошад.

6. Муҷозоти амали таҷовуз аз ҳаққи мудофиаи зарурӣ. Мавзӯи дигаре ки мавриди баҳс аст, муҷозоти шахси дифоъкунанда аст, ки ҳангоми мудофиаи зарурӣ аз маҳдудаи қонунии худ берун барояд, зеро яке аз шароитҳои таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ таодул байни зарари яке ба шахси мутаҷовиз ва мутаарриз аз ҷониби дифоъкунанда оид мешавад, бо хатаре ки аз таарруз ва таҷовузи шахси мутаҷовиз барои шахси дифоъкунанда эҷод шуда, мутаносиб бошад. Чунончи, дар банди 4 моддаи 127 Кодекси ҷазо чунин омадааст: «Мутаносиб будани дифоъ бо хатари мавриди таҳдид».

Ҳар гоҳ байни дифоъ ва хатари мавриди таҳдид робитаи мутаносиб вуҷуд надошта бошад, балки шахси дифоъкунанда аз маҳдудаи салоҳияти худ таҷовуз намуда, боиси эҷоди хатари шадид ба шахси мутаҷовиз гардад, дар он сурат аз як ҷониб боиси рафъи муҷримият ба шахси дифоъкунанда намегардад ва аз ҷониби дигар, мизони масъулияти ҷазоии он нисбат ба мизони масъулияти ҷазоии шахс дар ҳолати одӣ камтар таназзул меёбад, тавре ки моддаи 132 Кодекси ҷазо чунин муқаррар кардааст: «Шахсе, ки бо ҳусни ния аз ҳудуди ҳаққи дифои машрӯи мундарачи ин Қонун таҷовуз намуда бошад, ҷазои амали вай дар сурате ки ҷиноят бошад, ба ҷурми ҷинҳа ва агар ҷинҳа бошад, ба ҷазои қабоҳат танзил меёбад» [1].

Хулоса, дар раванди таҳқиқ натоиҷи зайл ба даст омаданд:

1. Кодекси ҷазои Афғонистон ба таърихи 25.11.1396 ҳ.ш. нофиз гардида ва то имрӯз мавриди иҷро мебошад.
2. Кодекси ҷазои Афғонистон ҷароим ва ҷазоҳои таъзириро танзим менамояд, ҳудуди қасос ва дият мутобиқи шариати исломии фиқҳи ҳанафӣ расидагӣ мешавад.
3. Кодекси ҷазои Афғонистон аз принсипҳои машҳури ҳуқуқӣ, аз ҷумла прнсипи қонуняти ҷароим ва ҷазоҳо пайравӣ менамояд.
4. Кодекси ҷазои Афғонистон ҳолати рафъи муҷримиятро таҳти унвони асбоби ибоҳат бо анвои шароит ва хусусиёт муайян ва пешбинӣ намудааст.
5. Мудофиаи зарурӣ аз ҷумлаи асбоби ибоҳат ба шумор рафта, дар Кодекси ҷазои Афғонистон таҳти шароит ва хусусиёти муайяне пешбинӣ гардидааст.
6. Мудофиаи зарурӣ сабаби рафъи муҷримияти шахси дифоъкунанда мешавад.
7. Дар баъзе маворид дар аҳкоми Кодекси ҷазои Афғонистон, ибҳомоте вуҷуд доранд, ки ниёз ба вазоҳат дорад. Ин марбут ба мудофиаи зарурӣ аст.
8. Касби маълумот роҷеъ ба мудофиаи зарурӣ аз дидгоҳи Кодекси ҷазои Афғонистон ба тамоми афроди ҷомеа, бавижа ҷиҳати иртиқои зарфияти илмии мансубини арконҳои адлӣ ва қазоӣ, вакилони мудофеъ, устодон ва муҳассилини донишкадаву донишгоҳҳои ҳуқуқӣ ва шаръиёт ниҳоятан зарурӣ талаққӣ мешавад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷазои Афғонистон. Вазорати адлия. Ҷаридаи расмӣ. - №1260. – Кобул, 1396.
2. Қонуни асосии Афғонистон. Вазорати адлия. Ҷаридаи расмӣ. - №818. – Кобул, 1372.
3. Парвиз Соней. Ҳуқуқи ҷазои умумӣ. – Теҳрон: Тарҳи нав, 1388. – 289 с. Чопи дуюм.
4. Содиқ, Салимӣ. Чакидаи ҳуқуқи ҷазои умумӣ.. – Теҳрон: Ҷовидона, 1394. – 288 с. Чопи шашум.
5. Ҳафизуллоҳи Дониш. Ҳуқуқи ҷазои умумӣ. – Ҷилди 1. Чопи шашум. – Кобул: Сират, 1397. – 372 с.
6. Эрач, Гулдӯзиён. Ҳуқуқи ҷазои умумӣ. – Теҳрон: Интишороти Китобхонаи миллии Эрон, 1388. – 144 с. Чопи ҳаждаҳум.

ШАРОИТИ ТАҲАҚҚУҚИ МУДОФИАИ ЗАРУРӢ АЗ ДИДГОҲИ КОДЕКСИ ҶАЗОИ АФҒОНИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба шароити таҳаққуқи мудофиаи зарурӣ ва аҳкоми он аз дидгоҳи принсипҳои машҳури ҳуқуқӣ ва Кодекси ҷазои Афғонистон маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки аз лиҳози аҳкоми Кодекси ҷазои Афғонистон як амал дар ҳолати одӣ ҷурм талаққӣ шуда ва дар муқобили он муҷозот таъйин мешавад, аммо дар баъзе ҳолатҳои хос, ҳар гоҳ шахс онро анҷом диҳад, ҷурм маҳсуб нашуда, шахс барои он гунаҳгор дониста намешавад. Ба ибораи дигар, анҷоми ҳамон амал барои ҳамин шахс дар ҳамчунин ҳолоти ихтисосӣ мубоҳ (ғайричурмӣ) маҳсуб мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки хар гоҳ байни дифоъ ва хатари мавриди таҳдид робитаи мутаносиб вуҷуд надошта бошад, шахси дифоъкунанда аз маҳдудияти салоҳияти худ таҷовуз намуда, боиси эҷоди хатари шадид ба шахси мутаҷовиз гардад, дар он сурат аз як ҷониб боиси рафъи муҷримият ба шахси дифоъкунанда намегардад ва аз ҷониби дигар, мизони масъулияти ҷазоии он нисбат ба мизони масъулияти ҷазоии шахс дар ҳолати одӣ таназзул меёбад.

Калидвожаҳо: Кодекси ҷазои Афғонистон, мудофиаи зарурӣ, масъулияти ҷазоӣ, масъулияти маданӣ, қотил, муваззафи амниятӣ.

УСЛОВИЯ ДЛЯ ПОЯВЛЕНИЯ ЗАКОННОЙ ЗАЩИТЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ УГОЛОВНОГО КОДЕКСА АФГАНИСТАНА

Основная и фундаментальная цель этой научной статьи является объяснение характера законной защиты и ее положения с точки зрения Уголовного кодекса Афганистана. Другими словами, согласно правилам Уголовного кодекса Афганистана, деяние считается преступлением в обычном случае, и за него назначается наказание, но в некоторых случаях, когда человек его совершает, это не считается преступлением и человек не несет ответственности. Другими словами, человеку разрешено делать тоже самое при особых обстоятельствах. Автор отмечает, что при отсутствии баланса между защитой и угрозой защитник нарушает пределы своих полномочий и представляет серьезную угрозу для агрессора, что не устраняет вину защитника. И, с другой стороны, его уровень уголовной ответственности, как правило, ниже, чем у человека при нормальных обстоятельствах.

Ключевые слова: Уголовный Кодекс Афганистана, законная защита, уголовная ответственность, гражданская ответственность, убийца, сотрудник службы безопасности.

CONDITIONS FOR LEGITIMATE DEFENSE FROM THE PERSPECTIVE OF AFGHAN PENAL CODE

The main purpose of this article is to clarify the conditions for the realization of the preliminary defense and its rulings from the perspective of the famous legal principles and penal fertilizer of Afghanistan.This means that in terms of the sentences of the Penal Code of Afghanistan, an act is considered a normal crime and the penalty is determined against it. However, in certain cases, if a person does it, it is not a crime and does not take responsibility for it. In other words, performing the same action for the same person is also considered "non-criminal" in specific situations. The author notes that in the absence of a balance between protection and threat, the defender violates the limits of his powers and poses a serious threat to the aggressor, which does not eliminate the guilt of the defender. And, on the other hand, his level of criminal responsibility is usually lower than that of a person under normal circumstances.

Keywords: Permissible reason, criminal charges, criminal liability, civil charges homicide, murder, security officer

Сведения об авторе: ***Мухаммаднаби Адолатёр*** – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: +992 88 529 00 40. Email: adalatyorm@gmail.com

Information about the author: ***Muhammadnabi Adolatyor*** **–** second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Telephone**:+992 88 529 00 40.** Email: **adalatyorm@gmail.com**

ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: МАФҲУМ, АЛОМАТ ВА ХУСУСИЯТҲО

Алиматов Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Табиати фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ҳадафи ин фаъолият вобаста карда шудааст - фоида ба даст овардан, комилан, ба андешаи мо, қонунияти ҷамъиятии ин фаъолиятро, диққати онро ба қонеъ намудани тамоми манфиатҳои асосии ҷамъиятии ҷомеа, ҳалли он муайян намекунад. Тамоми спектри мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки бояд дар ҳама гуна ҷомеа ҳал карда шаванд ба монанди: таъмини мудофиаи кишвар ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бо роҳи муайян намудани афзалиятҳо дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; таъмини шуғли аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит барои рақобати озод, муборизa бо инҳисор; ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ низ таъсир мерасонанд.

Аҳамияти иҷтимоӣ, умумиҷамъиятии фаъолияти соҳибкорӣ (намудҳои алоҳидаи он) ҳамчун воситаи қаноатмандӣ талаботи аҳолӣ ба мол ва хизматрасонӣ барои ҷомеа низ номуайян аст ва ба ин маъно, намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳам баробар нестанд. Ҳамин тавр, масалан, истеҳсоли доруҳо барои шаҳрвандони шадид бемор (масалан, инсулин барои диабети қанд) ё истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ барои гузаронидани амалиётҳои беназир аз як тараф хусусияти дигар дошта, аҳамияти чунин намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди қиморбозӣ ва ба даст овардан фоидаи изофа дар бозори асъор аз ҳисоби фарқияти қурбҳои асъори мушаххас аз тарафи дигар хусусиятҳои манфӣ дорад [2]. Ғайр аз он, пур кардани буҷети давлатӣ бо андозҳо ва аз ин рӯ, худи имкони мавҷудияти давлат ҳамчун танзимгари дохили иҷтимоӣ ва ҳамчун системаи мақомоти

давлатӣ, инчунин субъекти муносибатҳои байналмилалӣ, тавассути натиҷаҳои молиявӣ таъмин карда мешавад.

Ба андешаи мо фаъолияти соҳибкорӣ - фоида ва мувофиқан, аз андозҳое, ки аз ин фоида ситонида мешаванд, яъне он чизе, ки ҳамаи тадқиқотчиён ба таври суннатӣ ҳангоми омӯзиши аҳамият ва нақши фаъолияти соҳибкорӣ барои давлат ва ҷомеа қайд мекунанд. Аммо, худи ҳамон соҳибкорон аз истифодаи ҳама гуна нақшаҳо барои "оптимизатсия" -и андозбандӣ хушҳоланд, ки ин дарвоқеъ танҳо роҳҳои канорагирӣ аз андоз бо истифода аз нақшаҳои расмӣ қонунӣ мебошанд ва ҳеҷ айбе барои соҳибкорон нест, зеро ҳадафи ҳама гуна соҳибкорӣ (тавре ки аллакай якчанд маротиба зикр шуда буд) ҳангоми ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар, ки тавассути оптимизатсияи ҳамон хароҷот, хароҷоте, ки дар амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ рух медиҳад ва аз нуқтаи назари меъёри асосӣ, самаранокии ин фаъолият барои худи бизнес - даромаднокӣ ва даромаднокии он яксон аст, ки чӣ гуна ин сатҳи даромаднокӣ ба даст оварда мешавад: тавассути амалисозӣ, мегӯянд технологияҳои каммасраф ё бо роҳи «оптимизатсия» -и андозбандӣ. Ҳамзамон, сухан дар сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқӣ ва ё бешуурии шаҳрвандии соҳибкорони Тоҷикистон нест, зеро дар ИМА ё дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ соҳибкорон андозҳоро на аз он сабаб месупоранд, ки воқеан мехоҳанд ба табақаҳои камбизоат кумак кунанд. Худи давлат чунин шароитро фароҳам овардааст, ки дар натиҷа напардохтани андоз барои худ гаронтар мешавад, зеро табиати тиҷорат дар ҳама ҷо яксон аст ва он, тавре ки зикр гардид, ҳадафи асосӣ ва ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ - фоида ба даст овардан аст ва ин ҳадаф ҳавасмандии асосӣ буда, дар заминаи ҳавасмандкунӣ (алалхусус дар марҳилаи ибтидоии фаъолияти соҳибкорӣ) дар орзуҳои як соҳибкори мушаххас ё гурӯҳи соҳибкорон дар соҳаи соҳибкорӣ ҷойгир аст.

Мо баҳои иҷтимоии фаъолияти соҳибкориро арзёбӣ намуда (дар асоси ҳадафҳои ин асар ва тафсире, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи ин асар дода мешавад) фаъолияти муайяншударо бешубҳа иҷтимоӣ аз нуқтаи назари ҳамгироии бечунучарои он ба сохтори иҷтимоии ҷомеа ҳамчун як ҷузъи таркибии он, аммо барои он, ки ин ҳамгирой инчунин сохтори органикӣ ва манфиатҳои ҷомеа бошад, яъне натиҷаҳои ин фаъолият на танҳо манфиатҳои доираҳои тиҷоратиро қонеъ мекунанд, балки инчунин ба манфиати тамоми ҷомеа дар маҷмӯъ хидмат кунанд, ки барои онҳо асбобҳои оммавӣ дар арсенали ҳар як ҷомеа ва давлат мавҷуданд, аз ҷумла ҳуқуқи оммавӣ, ки тавассути он иҷтимоикунонии соҳаи соҳибкорӣ таъмин карда мешавад.т Асоси фаъолияти соҳибкорӣ манфиати шахсӣ мебошад, ки дар асоси принсипҳои зерини танзими ҳуқуқӣ ташаккул меёбад: дахлнопазирии моликияти хусусӣ; озодии шартнома; манъи дахолати худсаронаи касе ба корҳои хусусӣ; ҳадафи ниҳоӣ - ба даст овардани фоидаро муайян мекунад ва ҳамзамон бо манфиатҳои ҷамъиятии ҷомеа ҳамоҳанг карда мешавад [6]. Бо хоҳиши давлат ҳамчун ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои мутобиқ кардани фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳолати тамоюли иҷтимоӣ ва ҷамъиятии он ба манфиати тамоми ҷомеа, манфиати ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Дар фаъолияти соҳибкорӣ принсипи дуалистии манфиати хусусӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад [4].

Дар ибтидо, фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти иҷтимоӣ нест, зеро ҳадафи асосӣ ва ниҳоӣ - ба даст овардани фоида муҳтавои муҳими онро муайян мекунад ва рафтори субъектро барои қонеъ кардани манфиати шахсии ӯ танзим мекунад; ва танҳо ҷомеа дар асоси ниёзҳои худ, фаъолияти соҳибкориро тавассути соҳаи ҳуқуқи давлатӣ ба соҳаи иҷтимоигардонӣ равона мекунад. Аз ин ҷиҳат, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун як ҷузъи органикии муносибатҳои иҷтимоӣ, бо манфиатҳои иҷтимоӣ ва ниёзҳои ҷомеа муқаррар карда мешавад ва аз ин рӯ шарти зарурии рушди пай дар пайи он мебошад. Бояд эътироф карда шавад, ки ҷомеаи соҳибкорон, ҷузъи органикии ҷомеа, маҷбуранд фаъолияти худро на танҳо аз манфиатҳои хусусӣ, балки ҷамъиятӣ бармеангезанд ва бо ин аҳамияти махсуси меъёрҳои соҳаҳои дахлдори ҳуқуқро тасдиқ кунанд [1].

Нақш ва аҳамияти мафҳуми ҳуқуқи иқтисодиро ҳамчун асоси танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил намуда, ба хулосаи назариявӣ меояд, ки назарияи иқтисодӣ

ва ҳуқуқӣ дар шакли каме "барқароршуда", дар ҳоле ки асосӣ постулатҳои ин назария бетағйир боқӣ монда, асоснокии назариявӣ ва ғоявии назорати куллии равандҳои иқтисодиро дар назар доранд, ки дар «роҳбарии» иқтисодиёт дар асоси принсипҳои банақшагирӣ ва ташкилӣ ифода ёфтаанд, ҳатман боиси зиддияти байни муносибатҳои бозорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мегарданд. Дар асоси ин мафҳум назарияи иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки назорати куллии равандҳои иқтисодиро дар асоси принсипҳои банақшагирӣ пешбинӣ мекунанд, наметавонанд ҳамчун танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ истифода шаванд;

Ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҷузъи системаи иқтисодии бозорӣ гурӯҳҳои субъектҳо, ки одатан манфиати касбӣ ба ташкилотҳои худтанзимкунӣ - ассотсиатсияҳои соҳибкорон муттаҳид шудаанд, таъсир мерасонанд, ки мутобиқи талаботи онҳо дар як сегменти муайяни бозор қоидаҳои рафторро ташкил медиҳанд. Таърифи фаъолияти соҳибкорӣ аниқ карда шудааст: "фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақили субъектҳои ҳуқуқ мебошад, ки ба фоидаи муназзам аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки бо таваккали худ анҷом дода шудааст, нигаронида шудааст. ба манфиати хусусӣ ва ҷамъиятӣ ва аз ҷониби ассотсиатсияҳои соҳибкори худтанзимкунӣ танзимшуда "... Ин таъриф пешниҳод карда мешавад, ки ба санъат ворид карда шавад.

Таърифи муаллиф таҳия шудааст: «иттиҳодияҳои соҳибкорон ташкилотҳои худтанзимкунӣ мебошанд, ки ташаккулёбии субъектҳои мустақили ҳуқуқро, ки дар принсипҳои риояи манфиатҳои тиҷоратӣ ва ҳии истиқлолияти ҳуқуқии иштирокчиён, дар бозор мунтазам амал мекунанд, ташкил медиҳанд. ва услуби муттаҳидшуда, дорои сиёсати мувофиқашудаи иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи мунтазам аз ҷониби иштирокчиён бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорати онҳо».

Бо назардошти тамоюлҳои рушди ташкилотҳои худтанзимкунӣ дар шакли ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, инчунин ба назар гирифтани нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди муносибатҳои бозорӣ ва дар ниҳоят, дар асоси ҳадафи асосии эҷод ва фаъолият - мунтазам гирифтани фоида аз ҷониби иштирокчиён тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорат - пешниҳод карда мешавад, ки ба чунин иттиҳодияҳо мақоми субъектҳои ҳуқуқ дода шавад, ки дар байни шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мавқеи миёнаро ишғол мекунанд.

Ин пешниҳод аз он сабаб ба амал омадааст, ки:

- ҳадафи таъсиси чунин ташкилотҳо ба даст овардани фоида на аз ҷониби худи ассотсиатсия, балки аз ҷониби аъзои он мебошад;

- ассотсиатсия санадҳоеро таҳия ва қабул мекунад, ки натанҳо фаъолияти соҳибкории иштирокчиёни онро ба танзим медароранд, балки дар раванди қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба назар гирифта мешаванд;

- ташкилотҳои худтанзимкунӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ ба иқтисоди Тоҷикистон таъсири моддӣ мерасонанд: онҳо фаъолияти соҳибкории иштирокчиёни худ ва ҷараёни молиявии онҳоро ҳамоҳанг ва назорат мекунанд, шароити иҷрои ин фаъолиятро муайян мекунанд;

- бақайдгирии ташкилотҳои худтанзимкунӣ дар феҳристи махсуси давлатӣ сурат мегирад;

- ташкилотҳои худтанзимкунӣ ваколатдоранд, ки на танҳо шароити махсус барои амалӣ намудани намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкориро таҳия кунанд, балки риояи қоидаҳои муқарраршударо назорат кунанд, инчунин нисбати вайронкунандагон чора андешанд. Асосан, ин хусусиятҳоро бо иҷозатномадиҳӣ муқоиса кардан мумкин аст. Гуфтан мумкин аст, ки ба чунин иттиҳодияҳо ваколатҳои қудрат дода шудаанд;

- дар ташкилотҳои худтанзимкунӣ аз ҳисоби ҳаққи аъзогӣ фонди ҷуброн таъсис дода мешавад, ки барои таъмини масъулияти аъзои он истифода мешавад;

- бо мақсади нигоҳ доштани устувории сатҳи маблағҳо дар шароити таваррум, фонди ҷуброн ба боварӣ ва суғурташуда дода мешавад;

Ассотсиатсияҳои худтанзимкунӣ, ки бо мақсади ҳимоя ва ифодаи манфиатҳои иштирокчиён таъсис дода шудаанд, дорои ваколатҳое мебошанд, ки аз як тараф ба

мақомоти давлатӣ хосанд ва аз тарафи дигар онҳо унсурҳои тиҷоратро истифода мебаранд, ки мақоми махсуси ҳуқуқии онҳоро ҳамчун субъекти ҳуқуқ пешакӣ муайян мекунад.

Мо дар асоси принсипи баробарии субъектҳои соҳибкорӣ дар маҷмӯъ ва алалхусус тарафҳои шартномаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ пешниҳод менамояд, ки қонун "Дар бораи ассотсиатсияҳои худтанзимкунии соҳибкорӣ" таҳия ва қабул карда шавад, ки дар он ин иттиҳодияҳо эътироф карда шаванд ҳамчун субъектҳои ҳуқуқ, муайян кардани тартиб ва шартҳои бақайдгирии давлатии онҳо, инчунин мустаҳкам намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои соҳибкорӣ. Ҳамзамон, ба Қонун 8 августи соли 2001 №129- "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ислоҳи дахлдор ворид карда, номи онро дар таҳрири зерин муқаррар намояд: "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкории худтанзимкунӣ ва соҳибкорони инфиродӣ".

АДАБИЁТ

1. Попондопуло В. Ф., Баринов А. М., Бушев А. Ю. Коммерческое (предпринимательское) право. Учебник. В 2-х томах. Том 1 / под ред. Попондопуло В. Ф. М: Проспект, 2020. 608 с.
2. Предпринимательское право. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / под ред. Косякова Н. И. М: Юрайт, 2019. 448 с.
3. Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе. 2005; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ (маълумоти мухтасар). Душанбе: «Деваштич» 2007, 156 саҳ.
4. Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Кисми 1. Душанбе: “Деваштич”. 2002, 253 саҳ.
5. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе: «ЭР-граф», 2014. - 500 саҳ.
6. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон Китоби дарсӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 619 саҳ.

ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: МАФҲУМ, АЛОМАТ ВА ХУСУСИЯТҲО

Дар мақолаи мазкур муаллиф баҳои иҷтимоии фаъолияти соҳибкориро арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти иҷтимоӣ нест, зеро ҳадафи асосӣ ва ниҳоӣ – ба даст овардани фоида мебошад ва рафтори субъектро барои қонеъ кардани манфиати шахсии ӯ танзим мекунад. Бо назардошти тамоюлҳои рушди ташкилотҳои худтанзимкунӣ дар шакли ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, инчунин ба назар гирифтани нақш ва афзоиши аҳамияти онҳо дар рушди муносибатҳои бозорӣ ва дар ниҳоят, дар асоси ҳадафи асосии эҷод ва фаъолият – мунтазам гирифтани фоида аз ҷониби иштирокчиён тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорат пешниҳод карда мешавад, ки ба чунин иттиҳодияҳо мақоми субъектҳои ҳуқуқ дода мешавад ва дар байни шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мавқеи миёнаро ишғол мекунанд.

Калидвожаҳо: фаъолияти соҳибкорӣ, хусусият, манфиат, ташкилотҳо, фоида, ҳуқуқ.

ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ: ПОНЯТИЕ, ПРИЗНАКИ И ОСОБЕННОСТИ

В данной статье автор оценивает социальную оценку предпринимательской деятельности и отмечает, что предпринимательская деятельность не является социальной, так как основной и конечной целью является получение прибыли и регулирует поведение субъектов для удовлетворения его личных интересов. Принимая во внимание тенденции развития саморегулируемых организаций в форме бизнес – ассоциаций, а также учитывая их роль в развитии рыночных отношений и, наконец, на основе основной цели создания и деятельности – регулярное получение прибыли участниками посредством координации интересов и основных направлений бизнеса, которые дают такую ассоциацию статусу субъектов права, и занимают среднее положение между коммерческими и некоммерческими юридическими лицами.

Ключевые слова: предпринимательская деятельность, особенности, выгода, организации, прибыль, право.

ENTREPRENEURIAL ACTIVITY: CONCEPT, SIGNS AND FEATURES

In this article, the author evaluates the social assessment of entrepreneurial activity and notes that entrepreneurial activity is not social, since the main and final goal is to make a profit and regulates the behavior of subjects to meet their personal interests. Taking into account the development trends of self – regulatory organizations in the form of business associations, as well as taking into account their role in the development of market relations, and, finally, on the basis of the main goal of creation and activity – regular profit-making by participants through the coordination of interests and main business directions, which give such an association the status of legal entities, and occupy a middle position between commercial and non-commercial legal entities.

Keywords: business activity, features, benefit, organizations, profit, law.

Сведения об авторе: ***Алиматов Джовид Ахмадджонович*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **92 851 06 06**

Information about the author: ***Alimatov Jovid Ahmadjonovich*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **92 851 06 06**

ПЕШГИРИИ НОБОЛИҒОН ВА ҶАВОНОН АЗ АЪМОЛИ ҶИНОЯТӢ

Асламзода Ҷ.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки ноболиғон ва ҷавонон аз ҷумлаи он категорияи аҳолиеанд, ки қисматии асосии аҳолӣ ва қувваи навташкили корӣ, инчунин, пояҳои асосии нигоҳдорандаи давлату ҷомеа дар оянда мебошанд.

Мутаассифона, имрӯз баъзе аз наврасону ноболиғоне низ ҳастанд, ки ба ҷои илму дониш омӯхтану пайи таҳсил будан, даст ба ҷинояту ҷиноятҳкорӣ мезананду равонаи роҳи нодурусте мегарданд, ки оқибати он ба ғайр аз афсӯсу пушаймонӣ дигар чизе нахоҳад буд. Мушкилоти ба амалҳои номатлуб даст задани ноболиғон яке аз проблемаҳои доғи рӯз буда, нигаронкунанда мебошад. Бино ба иттилои Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ, масъалаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ миёни ноболиғон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи вазорат қарор дошта, бо вуҷуди гузаронидани чорабиниҳои гуногун дар соли 2017 аз тарафи ноболиғон 690 ҷиноят ва дар шаш моҳи соли 2018 бошад, аз ҷониби ноболиғон 555 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 216 ҳолат зиёд аст [10].

Дар ҷумҳурӣ пайваста ҷиҳати пешгирии ҷинояту ҷиноятҳкорӣ чораҳои гуногун андешида мешавад. Аммо мутаассифона, бо вуҷуди андешидани чораҳои дахлдор ва қабули барномаву қонунҳо ҷиноятҳкорӣ миёни ноболиғон боз ҳам доман паҳн намудааст. Коршиносони соҳа сабабҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғонро ҳар гуна арзёбӣ менамоянд. Боиси таассуф аст, ки дар ҷумҳурии мо ҳангоми сохтани ин пояҳо беаҳамиятӣ зоҳир карда мешавад, ки ин дар оянда ба харобшавии бино оварда мерасонад. Яъне, он категорияи асосии аҳолие, ки ноболиғон ва ҷавононро ташкил медиҳанд, аксаран содиркунандаи ҷиноят ва дигар навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳо мебошанд. Барои исботи ин гуфтаҳо назар меафканем ба нишондодҳои оморӣ.

Доир ба масъалаи ҷиноятҳкории ноболиғон, сабабҳо ва пешгирии онҳо мутахассисони соҳаҳои гуногун изҳори назар намудаанд. Гулнора Қамчибекова, равоншинос, мегӯяд, ки аз нуқтаи назари психологӣ даст задани наврасон ба ҷиноятҳкорӣ омилҳои гуногун дорад. Ба монанди беэътибории волидайн, ҳисси ботинии наврасону ҷавонон ва аз ҷиҳати иқтисодӣ қонеъ нагаштан, ки хеле муҳим аст ва волидайн бояд ҳамавақт огаҳ бошанд, ки фарзандашон бо кӣ дӯсту рафиқ аст. Бино ба таъкиди равоншинос яке аз сабабҳояш ин аст, ки баъзе волидон ҷойи кори хуб надоранд ва фарзандони худро таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, наврасон мебинанд, ки рафиқонашон бо тамоми шароитҳо муҳайёанд, онҳо низ кӯшиш менамоянд, то чунин шароит барояшон фароҳам оварда шавад. Ҳамин чизро аз волидайн дастрас карда наметавонанд, кӯшиш мекунанд, ки даст ба корҳои номатлуб зананду худашон маблағ ба даст биёранд. Аммо оқибати даст ба ҷиноят заданро намеандешанд, ки ба кадом ҳолат бурда мерасонад [10].

Мавҷуда Комилова, ҷомеашинос ба ин назар аст, ки наврасони минтақаи шаҳр бештар ба ҷиноят даст мезананд. Чун омилашро пурсон шудем, гуфт: “Зеро дар деҳот наврасон шуғл доранд. Онҳо ба корҳои хоҷагӣ ва дигар корҳои деҳот машғул мешаванд. Агар шаҳр ва деҳотро қиёс намоем, пас ҷиноятҳкорӣ бештар дар шаҳр аст”. “Умуман, синну соли ҷиноятҳкорӣ аз 12 то 16 ба назар мерасад. Тамоюли ҷиноятҳкории наврасон аз синни 15 оғоз меёбад. Зеро ин давра давраи гузариш аст. Ба воситаи ҷиноятҳкорӣ маҳз наврасон мавқеи худро дар ҷомеа ёфтанӣ мешаванд. Онҳо мехоҳанд тавассути ҷиноятҳкорӣ таваҷҷуҳи ҷамъиятро ба худ ҷалб намоянд. Дар оилаи солим ба фарзанд аз тарафи волидайн барои ёфтани мавқеъ дар ҷамъият бисёр саҳм гузошта мешавад. Онҳо аз лиҳози ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ кӯмак мерасонанд. Мутаассифона, оилаҳое ҳастанд, ки таваҷҷуҳи худро бештар ба фарзанд равона намекунанд. Оиди ҷавонон агар гӯем, солҳои охир маҳз ба гуруҳи ҷавонон сиёсати ҳукумату давлат стратегияи худро пешкаш кардааст, онҳо шуғли

худро доранд, толорҳои варзишӣ кушода шуданд ва донишгоҳҳо низ маҳз бахри он кушода шудааст, ки ҷавонони имрӯза шуғл пайдо намоянд. Масъулияти тарбияи наврасон мутаассифона имрӯз танҳо бар души мактаб аст. Дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ имрӯз бо наврасон ҚАРИБ ки кор намекунанд. Ман мехостам, ки дар мактабҳо клубҳои шоҳмот, адабиёт, шеър кушода шаванд. Яъне, кӯдак ва ё наврас пас аз дарс метавонад, ба чунин марказҳо рафта, вақти худро босамар гузаронад [10].

Дар воқеъ нақши оила дар дуруст ба воя расидани насли наврас хеле бузург аст. Зеро, ҳар чизи нахустине, ки фарзанд аз худ мекунад, онро маҳз аз муҳити оилаи хеш меомӯзад. Дар самти хуб ба камол расидану дорои ахлоқи ҳамида гардидани фарзандон, албатта падару модар вазифадоранд ва бояд ин масъулиятро бо пуррагӣ иҷро намоянд. Зеро ба андешаи коршиносони соҳа тарбияи нодурусти фарзанд сабаби даст ба корҳои номатлуб задани онҳо мегардад. Худ аз худ маълум аст, ки бо паст рафтани сифати фаъолияти соҳаи маориф ва дур мондани насли наврас аз таълим, миқдори ҷиноятҳорӣ дар байни наврасон меафзояд. Хушбахтона, имрӯзҳо бо ба пешравиҳои назаррас ноил гаштани ҶТ дар ҳамаи соҳаҳо, минҷумла дар соҳаи маориф ва бо баланд шудани сатҳи некӯаҳволии мардум теъдоди ҷиноятҳорӣ дар байни наврасон дар қиёс ба солҳои 90-ум хеле ва хеле коҳиш ёфтааст. Албатта, ҳамаи ин бо тадриҷан ислоҳ намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта дар соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои дахлдор ба даст омадааст. Барои мисол тавре аз суханронии муовини сардори Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе, ки аз тариқи Телевизиони «Пойтахт» шоми 3.09.2009 намоиш дода шуд, бар меояд, дар ҳудуди шаҳри Душанбе танҳо дар ҳашт моҳи аввали соли ҷорӣ 2573 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин миқдор 128 адади онро ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ноболиғон содир гаштаанд, ташкил мекунанд. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки ҳанӯз ҳам камбудиҳо дар сифати кори мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактабҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дигар муассисаҳои дахлдор ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳорӣ дар байни ноболиғон ҷой доранд.

Омили дигари ба ҷиноятҳорӣ даст задани баъзе аз наврасон нодуруст тарбия намудани волидайн мебошад. Яъне, волидайн аҳамият намедиҳанд, ки фарзандашон ба кадом корҳо машғул асту чӣ корҳоро ба анҷом расонида истодааст. Вақте як маротиба амалҳои номатлубро фарзандашон иҷро кард, волидайн бояд дар алоҳидагӣ нишаста, доир ба ҳамин масъала муҳокима кунанд. Ба фарзандашон фаҳмонанд, ки агар ту ҳамин корро идома диҳӣ, ба оқибатҳои бад гирифтор мешавӣ. Чунин муҳокима боис мегардад, ки онҳо мефаҳманду ба сӯйи амалҳои номатлуб намераванд. Омили дигар ин мафкураи паст мебошад. Яъне, худро нисбати дигарон паст мезананд. Худбаҳодиҳӣ, ки вақте аз меъёр зиёд ва ё кам шуд, ин ҳам сабаби даст ба ҷиноятҳорӣ задан мешавад. Фарзанд вақте ба хона меояду волидайн ба ӯ аҳамият намедиҳанд, чи хоҳише, ки мекунад, таъмин наменамоянд, ӯ ба роҳи каҷ меравад. Таъсири зиёди муҳит низ яке аз омилҳои асоситарин ба шумор меравад. Наврас ҳамон марому, ки дар ботини худ дошту мехоҳад онро қонеъ намояд, дар хонаву дар муҳит талаботҳои худро ки қонеъ карда натавонист, ӯ оҳиста – оҳиста ба қатори ҳамон одамони каҷрафтор шомил мегардаду талаботҳояшро бо роҳи бад қонеъ месозад. Вақте чунин амалҳоро иҷро менамояд, баъдан пушаймон мешавад, ки дигар суде надорад”.

Наврасӣ замонест, ки бояд наврасону ноболиғон дар ин айём омӯзанду соҳибдониш гарданд ва дар оянда саҳми хешро дар рушди кишвар гузоранд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ намудани мушкилоти даст задани наврасону ноболиғон ба ҷиноятҳорӣ вазорату идораҳои дахлдорро лозим аст, ки дар ин самт фаъолиятро боз ҳам пурзур созанд. Инчунин, барои садди роҳи мушкилоти мазкур шудан, бояд тамоми аҳли ҷомеа масъулият эҳсос намоянд, то ин масъала роҳи ҳалли худро дарёбаду рӯ ба коҳиш ниҳад. Аслан боиси таассуф аст, ки наврасон ба ҷои таҳсил дар мактабҳо ва машғул шудан ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ даст ба ҷиноятҳорӣ ва хосатан ба содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мезананд. Вале ин ҷо ягон ҷои тааҷҷубовар нест, зеро содир гаштани ҷиноят дар қатори калонсолон аз ҷониби ноболиғон дар ҳама давру замон ба назар мерасид. Даврони шӯравӣ, ки дар он айём сифати кори таълиму тарбия дар мактабҳо пурра ба талаботи давру замон ҷавобгӯй ба ҳисоб мерафт ва сатҳи бекориву аз таҳсил дур мондан низ дар байни ноболиғон дар муқоиса ба замони феълӣ хеле кам ба чашм мерасид, аммо бо вуҷуди ин даст задани ноболиғон ба ҷиноят дида мешуд. Илми ҳуқуқшиносӣ ба ҷои истилоҳи наврас бештар

мафҳуми ноболиғро ба кор мебарад. Аз нигоҳи ин илм давраи ноболиғӣ синнусоли 14-18 соларо дар бар гирифта, кӯдакони ҳанӯз ба синни 14 нарасида хурдсол маҳсуб меёбанд. Вале, новобаста аз ин даврабандиҳо чӣ аз нигоҳи улуми педагогию психологӣ ва чӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ тибқи моддаи 1-и қисми якуми «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» ашхоси ба синни 18 нарасида кӯдак дониста шудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки аслан қонуншиканиҳое, ки аз тарафи наврасону ноболиғон ба қайд гирифта мешаванд, бештари онҳо характери маъмурӣ дошта, аммо кам нестанд ҳуқуқвайронкуниҳое, ки характери ҷиноятӣ доранд.

Тавре аз сӯҳбати мутахассисон ва таҳлили манбаъҳо бар меояд ҷиноятҳое, ки аз ҷониби наврасону ноболиғон чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ аз тарафи гурӯҳи наврасон содир мешаванд, маъмулан ин дуздии амволи ғайр, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, расонидани зарари ҷисмонӣ ба шахсони алоҳида, таҷовуз ба номус, авбошӣ ва ҳатто одамкушӣ мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки наврасоне, ки бо ҷурми даст доштан ба содир кардани ҷиноят боздошт мешаванд, миёни ҷиноятҳои гуногун дуздии амволи ғайр мавқеи марказиро ишғол мекунад. Табиист, ки ин намуди ҷиноят нерӯи зиёди ҷисмониро талаб намекунад, аз ин рӯ он метавонад ҳанӯз аз хурдсолӣ дар рафтори бача мушоҳида гардад ва сари вақт аз ҷониби калонсолон ислоҳ нагардидани ин амали бача ва бинобар ин борҳо такрор гардидани он метавонад тадричан ба одат табдил ёбаду дар солҳои наврасӣ боиси бештар ба ин намуди ҷиноят даст задани ноболиғон гардад.

Умуман, перомуни сабабҳои мухталифи ҳуқуқваронкунии наврасону ноболиғон, ки ҳамаи онро ин ҷо баён кардан имкон надорад, танҳо ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки атрофи ин масъалаи басо мубраму ҳалталаб ҳуқуқшиносону педагогон ва криминологони варзидаи рус: В.Н. Кудрявцев, К.Е. Игошев, Г.М. Миньковский, А.П. Тузов, В.В. Панкратов, В.П. Ревин, А.Б. Сахаров ва дигарон, ҳамчунин олимони тоҷик М. Муллоев, Л.М. Нусратов ва С.Ш. Носиров тадқиқот бурдаанд ва ин паҳлӯи масъала дар адабиёти гуногуни бевосита ба ҳамин мавзӯъ бахшидашуда ба таври муфассал дарҷ ёфтааст.

Албатта, дар самти мубориза бар зидди қонуншикании наврасон ва пешгирӣ кардани содир гаштани ҷиноят аз тарафи онҳо пеш аз ҳама фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, ҳамчунин муассисаҳои вазорати адлия, ба монанди суду прокуратура ва мақомоти қудратӣ (намояндагӣ (инспекция) оид ба кор бо ноболиғони назди шӯъбаҳои ноҳиявии корҳои дохила) хеле назаррас аст. Аммо фаъолияти онҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани қонуншиканӣ дар байни ноболиғон танҳо дар он сурате самараи дилхоҳ хоҳад дод, ки агар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятию ғайридавлатӣ низ дар ин кори басо мушкил ширкати фаъолона варзанд. Баланд бардоштани донишу фарҳанги ҳуқуқии наврасон омили муҳими пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни онҳо мебошад.

Аз ин рӯ, амалӣ гардонидани ҳамаи ин ҳадафҳо боло бурдани сатҳу сифати таълиму тарбияро дар ҳамаи мактабҳо ногузир шуморида, ҳамзамон омӯзгоронро водор месозад, ки ҷиҳати татбиқи амалии рушди маданияти ҳуқуқии наврасон бо истифода аз усулҳои нави таълиму тарбия ва захираву имкониятҳои мавҷудаи соҳаи маориф тарбияи ҳуқуқиро шурӯъ аз оғози таҳсили хонандагон дар мактаб ба таври лозимӣ ба роҳ монанд. Зеро тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун чораи пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни талабагон нақши махсус бозида, воситаи муҳими пешгирӣ кардани ҷинояткории ноболиғон мебошад. Бо мақсади пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни наврасон ҳанӯз дар давраи хурди наврасӣ баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии онҳо зарурат пайдо мекунад. Ҳамчунин, бо ҳамин мақсад ва бинобар сабаби атрофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ маълумоти кофӣ надоштани аксарияти онҳо зимни бурдани корҳо оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ба наврасон доир ба аз кадом лаҳза ҷавобгарии юридикиро пайдо кардани амали ҷинояткоронаи онҳо маълумот додан лозим аст.

Тавре аз қонунгузории ҷиноятии ҶТ бар меояд, шахсе, ки аз 11 то 14-солагӣ ҷиноят содир мекунад, бинобар сабаби ҳанӯз хурдсол буданаш аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардида, вале нисбати ӯ ҳатман чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ бурда мешавад ва бо ин мақсад ба мактаб-интернатҳои махсус фиристонида мешавад. Ҳамзамон набояд фаромӯш кард, ки агар дар ҳамин синнусол даст ба ҷиноят задани наврас аз

хунукназарии падару модар нисбати тарбияи ӯ сар зада бошад, он гоҳ аз волидайн ва ё шахсони ивазкунандаи онҳо ҷарима ситонида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии ҷинояткории ноболиғон чораи махсуси давлатӣ андешида шудааст, ки ин қабули санади муҳими меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Аниқтараш, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиикстон “Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон” аз 2 январи соли 2020, №1658 қабул карда шудааст, ки сирф ба масъалаи пешгирии ҷинояткории ноболиғон бахшида шудааст. Мутобиқи қонуни мазкур низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон – ин маҷмӯи фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъонаи субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, мақомоти дигари давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки дар самти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд [7].

Дар қонуни номбурда масъалаи пешгирии инфиродӣ муқаррар гардидааст, ки чунин маъно дорад: фаъолияти доимии субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, ки таҳия ва татбиқи чораҳои махсусро оид ба огоҳонии намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда, инчунин муайян ва таъсир расондан ба категорияҳои алоҳидаи ноболиғони содирнамудаи ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо пешбинӣ менамояд, ҳамчунин фаъолият оид ба сари вақт муайян намудани ноболиғон ва оилаҳое, ки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарор доранд, пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ (зиддиҳуқуқӣ) аз тарафи ноболиғон ва фаъолият оид ба барқарорсозии ҳолати минбаъдаи иҷтимоӣ-омӯзгории онҳо [7].

Дар қонун мафҳуми пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон чунин муқаррар шудааст: “маҷмӯи чорабиниҳои дастаҷамъона ва инфиродии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию равонӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ, ки аз ҷониби субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароити ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда амалӣ карда мешаванд” [7].

Ҳамин тавр, ҷинояткории ноболиғон нисбат ба дигар намуди ҷинояткорӣ ташвишовар мебошад. Зеро бештари ноболиғонро ба худ моил гардонидааст. Бинобар ин, тамоми сохторҳои ҷомеаро мебояд, ки дар пешгирии ҷинояткории ноболиғон саҳмгузор бошанд.

АДАБИЁТ:

1. Аганов Г., Ковалева Е. Журнал Уголовное право. Предупреждение преступлений и иных правонарушений средствами прокурорского надзора при исполнении наказания в виде лишения свободы. 2005 г. №4.
2. Баромадҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯри бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи солҳои 2000 то 2019. URL: http: www.president.tj
3. Варчук Т. В. Криминология: учебное пособие. – М., 2002.
4. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷиикстон аз 6. 11. 1994.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998, №574.
6. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷиикстон” аз 25 июли соли 2005, №107.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиикстон “Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон” аз 2 январи соли 2020, №1658. М.1.
8. Старков О.В. Предупреждение преступлений. М, 2005 г.
9. https://www.avkd.tj
10. http://javonon.tj/news/social/inoyatkor-miyeni-noboli-on-ziyed-shudaast-charo-/

ПЕШГИРИИ НОБОЛИҒОН ВА ҶАВОНОН АЗ АЪМОЛИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола яке аз масоили мубрам ва доғи ҷомеаи кунунӣ, яъне даст ба ҷиноят задани ноболиғон ва ҷавонон мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф кушиш кардааст, ки омилҳои мухталифи сар задани ҷиноёти мазкурро таҳқиқ намуда, барои рафъи камбудиҳои мавҷуда василаҳои муассирро манзур намояд. Мавзӯи фавқ дар чаҳорчӯбаи қавонини амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ гардида, то андозае метавонад ба ҷилавгирӣ аз рух додани ҷиноят аз ҷониби ҷавонону ноболиғон мусоидат кунад. Муаллиф ҳар навиштаи хешро бо далоили муътамад аз ҳуқуқшиносону педагогон ва криминологони варзида асоснок кардааст. Дар рафти тадқиқ аз адабиёти зиёди дахлдор ба таври васеъ истифода гардида, ки метавон гуфт, аҳамияти илмии мақоларо боз ҳам баланд мебардорад. Итминони комил

ҳаст, ки мавзӯи баррасишуда барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва пешгирӣ аз содир гардидани ҷиноят андаке бошад ҳам, саҳми бориз мегузорад.

ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ И МОЛОДЕЖИ ОТ ПРЕСТУПНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье анализируется и обсуждается одна из самых актуальных проблем современного общества - вовлечение несовершеннолетних и молодых людей в преступную деятельность. Автор стремится исследовать различные факторы, которые привели к совершению этого преступления, и предоставить эффективные средства для устранения существующих недостатков.Проблема чрезвычайных ситуаций изучается в рамках действующего законодательства Республики Таджикистан и в определенной степени может способствовать предупреждению преступности среди молодежи и несовершеннолетних. Автор обосновывает каждое свое сочинение убедительными аргументами ведущих юристов, педагогов и криминологов. В исследовании было широко использовано большое количество соответствующей литературы, что, можно сказать, повысило научную значимость статьи. Несомненно, эта тема внесет небольшой вклад в решение существующих проблем и предотвращение преступности.

PREVENTING MINORS AND YOUTH FROM CRIMINAL ACTIVITIES

This article analyzes and discusses one of the most pressing problems of modern society - the involvement of minors and young people in criminal activities. The author seeks to investigate the various factors that led to the commission of this crime, and to provide effective means to remedy existing deficiencies. The problem of emergency situations is being studied within the framework of the current legislation of the Republic of Tajikistan and, to a certain extent, can contribute to the prevention of crime among young people and minors. The author substantiates each of his essays with convincing arguments from leading lawyers, educators and criminologists. A large amount of relevant literature was widely used in the study, which, one might say, increased the scientific significance of the article. Undoubtedly, this topic will make a small contribution to solving existing problems and preventing crime.

Сведения об авторе: ***Асламзода Джонона Хайрулло*** – магистр второг курса юридического факультета, Таджикский национальный университет

Information about the author: ***Aslamzoda Jonona Khayrullo*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University

МУТАХАССИС ВА КОРШИНОС - ЧУН ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

Асоев М.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳуми коршинос ва мутахассис дар илми мурофиаи ҷиноятӣ нав намебошанд. Дар давраи шуравӣ илми ҳуқуқӣ зери мафҳуми коршинос шахсе фаҳмида мешуд, ки аз ҷониби суд, муфаттиш, прокурор, шахси тадқиқбаранда доир ба додани хулоса оид ба масъалаҳои мавриди истеҳсолоти парвандаи ҷиноятӣ пайдошудае, ки донншҳои махсусро дар илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар талаб мекунанд, таъйин шудааст [3].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқи муқарраротро оид баон, ки ба сифати коршинос ҳамагуна шахсе таъйин шуда метавонад, ки дорои донишҳои зарурӣ барои додани хулоса оид ба масъалаҳои илмӣ, техникӣ ва дигар мебошад. Имрӯз қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифҳои зерини истилоҳҳои коршинос ва мутахассисро дорад:

Коршинос шахсест, ки дар ҳолатҳое, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд, даъват карда мешавад ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад (м. 58 КМҶ ҶТ).

Мутахассис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дорои донишу таҷрибаи махсус аст ва барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар ошкор ё дарёфт намудани далел, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситаҳои техникӣ мумкин аст ҷалб карда шавад. (м. 57 КМҶ ҶТ).

Аз таърифҳои дар боло зикршуда дар ақл ду нишонаи умумӣ байни коршинос ва мутахассис пайдо мешавад:

- онҳо шасоне мебошад, ки дар оқибати парванда манфиат надоранд;
- онҳо шахсоне мебошанд, ки дорои донишҳои махсус ҳастанд.

Манфиатдор набудан дар оқибати парванда маънои ҷой надоштани манфиати мурофиавӣ, шахсӣ, бевоситагӣ, моддӣ ва ғ. дорад. Бо дуюм нишона бошад ҳолат каме дигаргун аст

Дар доираи хело ҳам муддати дарози вақт олимони ҳуқуқшинос оид баон, ки мазмуни тавсифи мазкурро чи ташкил диҳад ва зери мафҳуми он чи бояд фаҳмид баҳс мекарданд. Якчанд нуқтаи назарро оид ба фаҳмиши тавсифи мазкур мебиёрем.

А. А. Эйсман менавишт: «Ин донишҳо ба ҳамагон маълум набуда, дастнорас, интишори оммавӣ надошта...» Алалхусус, нишонаи асосии дониши махсус қайд шуд, аммо нофаҳмо, зери «ба ҳамагон маълум набуда, дастнорас, интишори оммавӣ надошта» чи фаҳмида мешавад ва кадом маҳакҳои аз якдигар ҷудо намудани онҳо ҷой доранд.

Г. Г. Зуйков донишҳои махсусро чун «пеш аз ҳама ба назария асосёфта ва дар таҷриба тасдиқшуда донишҳои чуқур ва ҳамаҷонибаи усул ва воситаҳои техникаи криминалистие, ки ошкоркунӣ, муқарраркунӣ ва тадқиқоти далелҳоро таъмин мекунанд» маънидод кард. Ба донишҳои махсус бо ин маъно маърифат дар медитсинаи судӣ, қимиёи судӣ, физика, соҳаи сухтор, мошин, инчунин ҳамагуна дигар маърифат (педагогӣ, лингвистӣ, математикӣ ва г.) дохил мешавад, ки истифодаи онҳо барои тафтишоти пурра, ҳаматарафа ва объективонаи ҷиноят зарур мебошад».

«Зери донишҳои махсус, - менависад З. М. Соколовский, - бояд маҷмӯи маълумотҳое, ки дар натиҷаи омодагии касбӣ ба даст оварда шудааст, ва барои дорандаи он имконияти ҳал намудани масъалаҳоро дар ин ё он соҳа фароҳам месозад». Ҳамин тариқ, муаллиф предмети таърифро хело ҳам маҳдуд дарк мекунад. Ҳамзамон, Г. Е. Морозов зери донишҳои махсус донишҳоеро мефаҳмад, шахс дар соҳаи мушаххаси қимиё ё биология, математика ё физика, табиатшиносӣ ё энергетика, педагогика ё забоншиносӣ дорои он мебошад. Дар ин вариант норасоӣ бо тариқи васеъ фаҳмидани донишҳои махсус ва вуҷуд надоштани инъикоси хусусияти мурофиавии ҷиноятӣ дар истифодаи онҳо мебошад. Ба донишҳои махсус, чун Ю. Г. Корухов мешуморад, маҷмӯи донишҳо дар соҳаи муаяни илм, техника ва фарҳанг фаҳмида мешавад, ки бо мақсади исботкунӣ истифода мешаванд. Чун адолатона В. Н. Махов қайд кард, агар аз пайдоиши истилоҳот бароем, мазмуни шакли оддатии он набояд ба асос гирифта шавад. Мушаххасоти умумии мутахассис ва коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ аз назар гузаронида, метавон ба азназаргузаронии хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо гузарем. Алалхусус, мутахассис -шахси дорои маърифатҳои коршинос, аммо нақши он дигар аст. Ӯ ёрии илмӣ-техникӣ ба суд мерасонад, вале амалҳои ташхисӣ намегузаронад ва хулоса намедиҳад.

Мутахассис бояд бо даъвати суд ҳозир шавад, дар гузаронидани амалҳои ҷудогонаи мурофиавӣ ё баррасии судии парванда иштирок кунад: оид бамаънои ҳолатҳои баррасишаванда ва амалҳои худ дар доираи маърифате, ки ӯ дорад, тавзеҳот диҳад ва талаботи суд фикру ақидаҳояшро дар шакли хаттӣ баён кунад. Мутахассис ҳуқуқи савол додан ба иштирокчиёни амалиёти мурофиавӣ ё баррасии судӣ дорад ва ғ. Шахсе, ки дар парванда ба сифати мутахассис иштирок мекунад, минбаъд дар ин парванда метавонад чун мутахассис таъйин шавад.

Коршинос бештар фаъолияти худро дар асоси касбӣ анҷом медиҳад, ҳамзаон бошад мутахассис ба тафтишот на дар асоси касбӣ иштирок ва мусоидат менамояд (корманди муассисаи дахлдори ташхисӣ намебошад).

Мутахассис барои додани хулосаи бардуруғ, инчунин бе сабабҳои узрнок даст кашидан ё истинкоф кардан аз иҷрои вазифаҳои ба уҳдаи ӯ гузошташуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ надорад, ки оид ба ин мувофиқан аз ҷониби суд огоҳ карда намешавад.

Далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд (м.72 КМҶ ҶТ).

Коршинос ва мутахассис иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошанд, яъне дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд ва хулосаву нишондоди коршинос ва мутахассис, протоколҳои амалиётҳои тафтишотӣ ва судӣ, ки бо иштироки коршинос ва мутахассис гузаронида шудаанд, чун далел дар парвандаи ҷиноятӣ эътироф мешаванд (м. 72 КМҶ ҶТ). Аммо, функсия ва таъйиноти коршинос ва мутахассис гуногун мебошанд. Дар фарқият аз мутахассис коршинос аз истифодаи донишҳои худ дар илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар тадқиқот мебарад. Натиҷаи ба даст овардашуда дар шакли хулосаи коршинос сурат мегирад. Коршиносон ба коршиносони давлатии судӣ ва дигар шахсоне, ки дорои донишҳои махсус мебошанд, ҷудо мешаванд.

Коршинос ҷавобгарии фардии ҷиноятӣ барои пуррагии хулосаҳо, истифодаи тарзу усулҳои тадқиқоти истеҳсолшавада дорад. Коршинос ҳукуқ надорад бе огоҳ намудани таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя бо дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи масъалаҳои марбут

бо экспертиза гуфтушунид кунад, барои тадқиқот мустақилона мавод ҷамъоварӣ намояд, агар барои он иҷозати махсуси таҳқиқбаранда муфаттиш, прокурор, суд, судя мавҷуд набошад, тафтише гузаронад, ки боиси пурра ё қисман несту нобуд гардидани объектҳо ё тагйир ёфтани намуди зоҳирӣ ё хосиятҳои асосии онҳо гардад.

Коршинос ухдадор аст:

- бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад;
- вобаста ба масъалаҳои тадқиқот ва саволҳои пешниҳодшуда хулосаи асоснок ва воқеъбинонаи хаттӣ пешниҳод намояд;
- маълумоти маводи парвандаро фош накунад;
- ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси суд тартиботро риоя намояд.

Коршинос барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ, инчунин барои саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ ё иҷрои вазифаҳои худ мутобиқи моддаҳои 351 ва 352 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ҳалномаи ҷамъбастии коршинос ва мутахассис метавон дар шакли хулоса ё нишондод инъикос ёбад.

Хулосаи коршинос дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад ва он яке аз намудҳои далелҳо оид ба парванда мебошад. Барои дасткашии беасос аз додани хулоса ё додани хулосаи бардуруғ коршинос ҷавобгарии ҷиноятӣ дорад. Хулосаи мутахассис - ии фикру андешаҳои мутахассис оид ба саволҳое, ки аз ҷониби тарафҳо гузошта шудаанд ва дар шакли хаттӣ пешниҳод мешавад. Барои дасткашӣ аз иҷрои вазифаҳои бевоситаи худ дар рафти гузаронидани амалиётҳои тафтишотӣ бе асосҳои дар қонун пешбинӣ шуда нисбат ба ӯ чораҳои таъсиррасонии иҷтимои татбиқ мешаванд ё ҷаримабандӣ мешавад. Хулосаи мутахассис бояд аз хулосаи коршинос бо он фарқ кунад, ки дар он набояд қисмати тадқиқотӣ ва ҷамъбастӣ бошад, зеро мутахассис тадқиқот намебарад.

Нишондоди коршинос - ин маълумотҳое мебошад, ки ӯ дар пурсиш баъд аз гирифтани хулосаи ӯ бо мақсади шарҳ ва дақиқ намудани хулосаи додашуда иттилоъ додаст.

Нишондодҳои мутахассис барои шарҳи фикру андешаҳои худ дар шакли нишондодҳои шифоҳи ё хулосаи хаттӣ зарур ҳаст.

Ба хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассис дар қатори ҳамаи дигар далелҳое, ки бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбини шудааст баҳо дода мешавад. Онҳо дар назди дигар далелҳо ягон бартарӣ надоранд, аммо дорои хело ҳам хусусияти муҳим мебошанд, зеро хулосаву ҷамъбасти фикру андешаҳои коршинос нишондод ҳастанд, ки ба тадқиқот ва амалҳои гузаронидашуда аз истифодаи донишҳои махсус асос меёбанд.

Коршиноси судӣ метавонад ба маҷлиси судӣ танҳо барои пурсиш оид ба хулосаи ӯ даъват карда мешавад.

Коршинос наметавонад шоҳид бошад, чунки ӯ наметавонад оид баягон чиз шоҳиди кунад, агар ӯ шоҳид мебуд, ӯро ҳамчун коршинос таъйин кардан манъ буд. Бар болои ин, коршинос ба суд бо хулосаи додашудаи ӯ ҳозир мешавад, яъне бо донишҳои ҷамъбастӣ. Ҳамзамон, шоҳидро ҳеҷ вақт намепурсанд ба кадом хулоса ӯ омадааст.

Ҳамин тариқ, дар фарқият аз коршинос мутахассис ягон тадқиқот намебарад ва танҳо ба муфаттиш, шахси тадқиқбаранда, ё суд дар гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ёрӣ мерасонад ва мавриди ин дониш ва таҷрибаи махсуси худро истифода мебарад. Натиҷаҳои фаъолияти коршинос ва мутахассис метавонанд дар намуди хулоса, инчунин нишондод инъикос ёбанд.

Дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии имрӯза иштироки мутахассис ё коршинос барои ҳалли вазифаҳое, ки назди тафтишот ва суд мавриди тафтишоти ҷиноятҳо бар зидди шахсият гузошта шуданд на чун вазъияти истисноии казуистӣ, балки чун принсипи умумӣ, бебаҳс ва ҳатмии истеҳсолоти судӣ фаҳмида мешавад. Бе истифода аз донишҳои илмӣ ва ҷалб кардани таҷрибаи намояндагони соҳаҳои гуногуни фаъолият имрӯз худи низоми ҳуқуқтатбиққунӣ ғайриимкон мебуд.

Ҷамъбаст намуда, боре қайд мехоҳам кунам, ки мафҳумҳои коршинос ва мутахассис дар илми мурофиавии ҷиноятӣ як қатор нишонаҳои умумӣ доранд, ба монанди ҷой доштани донишҳои махсус, набудани манфиат дар оқибати парванда, ҳамзамон вазъияти мурофиавии чунин шахсон як қатор фарқият доранд, ки оид баин мо дар бобҳои минбаъда суханронӣ хоҳем кард.

Агар дар рафти гузаронидани тафтишот ва баррасии суди донишҳои махсус дар илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар лозим шаванд, оид ба парванда ташхис таъйин карда мешавад, ки тартиби гузаронидани онро боби 24 КМҶ ҶТ муайян кардааст. Хулосаи коршинос барои судя, суд ҳатми нест, аммо норозигии онҳо бо хулоса бояд асоснок карда шавад. Коршиносро оид баҳолатҳое, ки аз хулосаи ӯ бармеоянд, пурсиш кардан мумкин аст. Ба хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассис дар қатори ҳамаи дигар далелҳое, ки бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбини шудааст баҳо дода

мешавад. Онҳо дар назди дигар далелҳо ягон бартарӣ надоранд, аммо дорои хело ҳам хусусияти муҳим мебошанд, зеро хулосаву ҷамъбасти фикру андешаҳои коршинос ва нишондод ҳастанд, ки ба тадқиқот ва амалҳои гузаронидашуда аз истифодаи донишҳои махсус асос меёбанд [7 саҳ 92].

Ба хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассис бояд аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ будан барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо дода шавад.

Баҳодиҳии мансубияти далелҳо мувофиқи мазмуни предмети исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои мушаххас ва хусусиятҳои истифодаи далелҳои бевосита ва бавосита гузаронида мешавад. Агар эътироф шавад, ки далел ба парванда мансуб нест, баҳодиҳии минбаъдаи он нодаркор мешавад.

Имконпазирии далелҳо бо роҳи муайян кардани мувофиқ будани сарчашма ва тартиби ба даст оврдани онҳо ба қонуни мурофиавии чиноятӣ баҳодиҳӣ мешавад. Агар ин ё он маълумотҳо аз сарчашмаи дахлдор гирифта нашудаанд, онҳо наметавонанд асос барои ҳалли парванда гарданд. Ҷунин натиҷаҳо ҳам дар ҳолати вайрон кардани меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар рафти исботкуни ба онҳо роҳ дода шуданд, бармеоянд. Ҳангоми ҳалли парванда далелҳое, ки хусусияти имконпазириро надоранд ба назар гирифта намешаванд.

Баҳодиҳии саҳеҳнокии далелҳо аз муайян намудани мувофиқ будани мазмуни онҳо ба ҳақиқат иборат аст. Он банди ҳалкунандаи ҳамаи баҳодиҳиро ташкил медиҳад ва дар бисёри ҳолатҳо дар натиҷаи ба якдигар зид будани далелҳо, аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор додан, тағйири мазмуни онҳо дар раванди исботкунӣ ва ғ. хело ҳам мушкил мегардад.

Хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассис инчунин бояд аз нигоҳи мурофиавӣ баҳо дода шаванд, яъне аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва илмӣ-воқеӣ, яъне аз позитсияи асоснокӣ ва дурустии хулосаи шахси дахлдор (мутахассис, коршинос).

Ба маводҳои ташхис баҳо дода (хулосаи коршинос) аз нигоҳи мурофиавӣ бояд пеш аз ҳама тафтиш кард, ки оё мавриди таъйин ва гузаронидани ташхис ҳуқуқҳои бо қонун пешбининамудаи айбдоршаванда риоя шудаанд - оё айбдоршаванда бо қарори таъйини ташхис шинос шудааст, оё дархостҳои асоснокшудаи вобаста ба ташхис овардаи ӯ қонеъ шудаанд, оё айбдоршаванда бо хулосаи коршинос ва протоколи пурсиши коршинос, агар чунин дар парванда бошад шинос карда шудааст, оё дархостҳои айбдоршаванда оид ба гузоштани саволҳои иловагӣ, таъйини тадқиқоти такрорӣ ё иловагӣ қонеъ шуданд, оё ариза ё баёнотҳои айбдоршаванда оид ба хулосаи коршинос тафтиш шудааст ва ғ [5 са 38] .

Хулосаи тахассусӣ ва эҳтимолиро ҷудо мекунанд. Зери хулосаи тахассусӣ хулосаи хаттии коршинос оид ба натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашудаи ӯ, ки дар он ба масъалаҳои қарор оид батаъйини ташхис ҷавоби якмаънои тасдиккунанда ё радкунанда дода шудааст, фахмида мешавад. Зери хулосаи эҳтимолии коршинос ҷавоби эҳтимолии коршинос оид банатиҷаи тадқиқоти гузаронида шуда оид ба саволҳои гузошта шуда, фаҳмида мешавад. Хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассисро баҳо дода бояд тафтиш карда шавад, ки оё дар парванда маълумотҳои кофии аз салоҳиятнокии онҳо оид ба ҳал намудани саволҳои назди ӯ гузошташуда шаҳодаткунанда ҷой доранд (таҳсилот, собиқаи корӣ, тавсияномаҳо, хислатномаҳо).

Хеле муҳим аст муайян кард, ки оё коршинос ва мутахассис шахсони беғараз, беманфиат дар оқибати парвандаи ҷиноятӣ мебошанд, оё ӯ дар ин парванда дигар вазъи мурофиавиеро, ки бо вазъи он номувофиқ мебошад ишғол мекунад (шоҳид, ҷабрдида, муфаттиш, таҳқиқбаранда, айбдоркунанда, ҳимоятгар ва ғ.), оё ӯ бо ҷабрдида ё айбдоршаванда муносибатҳои хешутаборӣ дорад, оё ӯ дар вобастагии хизматӣ ё дигар карор дорад.

Унсури асосии баҳодиҳи ин тафтиши ба тартибдарории хулосаи коршинос ва мутахассис мувофиқ ба қонун мебошад. Бояд тафтиш кард, ки: оё коршинос ва мутахассис берун аз салоҳиятҳои худ набаромаданд, яъне оё онҳо масъалаҳои хислати ҳуқуқӣ доштаро ҳал накардаанд, оё онҳо мавриди хулосабарорӣ ба маводҳои парвандаи ба матлаби тадқиқот мансуб надошта такя накардаанд, ба ҷойи он, ки хулосаро бо натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашудае, ки истифодаи донишҳои махсусро талаб менамоянд асоснок кунанд. Ҳангоми баҳодиҳии тадқиқотҳои аз ҷониби коршинос (мутахассис) гузаронидашуда аз нуқтаи назари дурустии муқаррароҳои илмӣ ва усулҳои тадқиқот машварати шахсони шиносо метавон фоиданок бошад, пурсиши коршинос, мутахассис, шиносои бо адабиёти махсус. Давраи хотимавии баҳодиҳии далелҳои мазкур ин муайян намудани нақши воқеиятҳои тасдиқшуда дар исботкунии гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда, ҳалли масъалаи исботшавии ин ё он ҳолаҳои ба парванда аҳамиятдошта мебошад. Дар бисёре ҳолатҳо хос дар ҳамин давра ба хатогиҳо роҳ дода мешавад вақте, ки хулосаи дар умум дуруст ва асосноккардашуда, аз ҷониби суд ё тафтишот нодуруст таъбир мешаванд, ки ин ба хатогиҳои судӣ оварда мерасонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, инчунин чунин тарзи баҳодиҳиро мушоҳида мекунанд, ки ин мушоҳидаи бевосита дар мурофиа мебошад, яъне баҳодиҳии хулоса ва нишондод дар ҳар як давраи мурофиа гузаронида мешавад (ҳангоми ба суд равон кардани парванда, баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтишоти иловагӣ). Дар ин ҳолат доира ва ҳадди баҳодиҳии сарчашмаҳои мазкури далел бо мушаххасоти давра маҳдуд мешавад. Вале, ҳангоми баҳодиҳии сарчашмаҳои ҷудогонаи далелҳо ва ҳамаи маҷмӯи маводҳои дар парвандаи ҷиноятӣ ҷойдошта судя ё суд принсипҳои умумии баҳодиҳии далелҳоро ба роҳбарӣ мегиранд. Муайян намудани моҳияти исботкунии хулоса унсури охирини баҳодиҳии хулоса ва нишондоди коршинос ва мутахассис мебошад. Моҳияти исботкунии хулоса ва нишондод метавонад гуногун бошад. Он метавонад сарчашмаи ҳам далелҳои бевосита ва ҳам бавосита бошад. Ин аз он вобастагӣ дорад, ки кадом ҳолатҳо оид ба парвандаи мушаххас мувофиқи таъйинотҳои умумӣ бояд исбот карда шаванд. Ҳолатҳои доир ба парванда ҷамъоварда шуда, аз ҷумла дар хулоса ҷойдошта, бояд дар маҷмӯи худ бо як маъно ҳолатҳои оид ба парванда муқарраршударо шарҳ диҳанд. Агар дигар шарҳи далелҳои оид ба парванда ҷамъовардашуда ҷой дошта бошад, аз он ҷумла хулоса, чун далели ҷиноят, онҳо сарчашмаи далел эътироф намешаванд.

Арзиши исботкунии далелҳои бавосита метавон гуногун бошад. Қувваи олиро хулосаҳои коршинос оид бамонандии фардӣ доранд (идентификатсияи изи даст, изҳои пойафзол ва ғ.). Дар таҷриба чунин қолибҳо чун далелҳои бештар эътиборнок ва баъзан инкорнопазир ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин ҳақиқатан ҳам чунон аст, аммо бо як шарт — агар изи идентификатсияшуда наметавон дар ҳолатҳое монда шавад, ки бо ҷиноят алоқаманд нестанд. Чанде чунин эҳтимолият зиёд бошад, ҳамон қадар арзиши исботкунии чунин хулоса кам мебошад. Ғайр аз ин, имконияти қасдан бофтакорӣ кардани из бояд дар назар дошт. Хулосаҳои коршинос ва мутахассис, ки далелҳои бавосита мебошанд, метавонанд дар асоси ҳукм танҳо дар якҷоягӣ бо маҷмӯи дигар далелҳо гузошта шаванд ва онҳо танҳо банди чунин маҷмӯъ мебошанд. Бинобар ин, нақши онҳо инчунин аз вазъи мушаххас оид ба парванда ҳам вобаста аст, яъне аз далелҳои ҷойдошта. Дар бисёре ҳолатҳо онҳо танҳо дар марҳалаи ибтидоии тафтишот, барои ошкор намудани ҷиноят истифода мешаванд ва минбаъд, баъд аз ба даст овардани далелҳои бевосита арзиши худро гум мекунанд.

Дар натиҷаи баҳодиҳии хулосаи коршинос ва мутахассис онҳоро метавон пурсиш кард ё ташхиси иловагӣ ё такрорӣ таъйин кард. Пурсиш барои шарҳ ё илова кардани хулоса гузаронида мешавад, агар ин тадқиқоти иловагиро талаб накунад(оид бамоҳият ва эътимодияти усулҳои истифодашуда, оид бамафҳуми истилоҳотҳои ҷудогона ва ғ.).

АДАБИЁТ

Санадҳои меъёриву ҳуқуқи:

1. Конституцсияи ҶТ 6 -уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 -уми сентябри 1999 ва 22 июни соли 2003) - Душанбе, 2005.
2. Кодекси Мурофиавии Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 сол.

Адабиёти илмӣ:

3. Тафсири Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Руссия / Зери муҳ. ум. Радченко В.И..- М., 2005.- с.92
4. Мурофиаи ҷиноягии Руссия / зери муҳ. ум. В.З. Лукашевич. - СПб.: СПбГУЮФ, 2005. - с. 38
5. Шаталова А.С. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Руссия. Дастури таълимӣ дар нақшаҳо. - М.: 2008. - 395 с.
6. Ҳуқуқи мурофиавӣ: Луғати энсиклопедӣ. - М.: Нашрияи «НОРМА», 2003
7. Игнатов, А.Н. Курси ҳуқуқи ҷиноятии ҳуқуқии русс. Қисми умумӣ: дастури таълимӣ / А.Н. Игнатов - М.: Нашрияи НОРМА (Гурӯҳи нашриётии НОРМА-ИНФРА. - М), 2006. - с.108
8. Рыжаков А.П. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоб барои муассисаҳои олии таълимӣ / А. П. Рыжаков. - М.: НОРМА, 2006.- с.61
9. Громов. Н.А. Мурофиаи ҷиноятии Руссия: дастури таълимӣ / Н.А. Громов - М.: Юристъ. 2005. -с.78
10. Ҳуқуқи мурофиавии ҷинояти: китоб / зери муҳ. В.И. Шитова. - М: Нашриёти «Буква», 2005. - с.126

МУТАХАССИС ВА КОРШИНОС – ЧУН ИШТИРОКИЧЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

Мутахассис - ин шахсест, ки дорои дониш ва малакаҳои махсус аст ва аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ё суд барои мусоидат кардан дар ошкор, муқарраркунӣ ва гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳо, татбиқи воситаҳои техникӣ дар тадқиқи маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, гузоштани саволҳои назди коршинос ҷалб карда мешавад, ки ин дар доираи ваколатҳои касбии ӯ мебошад. Хулосаи мутахассис - ин фикру андешаҳои дар шакли хаттӣ пешниҳодшуда оид ба саволҳои назди ӯ гузошта шуда мебошад ва нишондоди мутахассис бошад - ин маълумотҳое, ки ӯ дар пурсиш оид баҳолатҳои донишҳои махсусро талабкунанда, инчунин шарҳи фикру андешаҳои худ мебошад. Коршинос — ин шахсест, ки дорои донишҳои махсус мебошад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барои гузаронидани ташхиси судӣ ва додани хулоса таъйин шудааст. Хулосаи коршинос - ин дар шакли хаттп пешниҳодшудаи мазмуии тадқиқот ва хулосаҳо оид ба саволҳои назди коршинос бо шахси пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва тарафҳо гузошташуда мебошад.

Нишондоди коршинос - ин маълумотҳое мебошад, ки ӯ дар пурсиш, ки пас аз гирифтани хулосааш гузаронида шудааст, бо максади шарҳ ва дақиқ намудани хулосаи экспертии ӯ баён шудаанд.
Калидвожаҳо: Кодекс, мурофиаи ҷиноятӣ, мутахассис, коршинос, парвандаи ҷиноятӣ, нишондод, хулосаи мутахассис ва коршинос.

СПЕЦИАЛИСТ И ЭКСПЕРТ – КАК УЧАСТНИКИ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА

Специалист - это лицо, обладающее специальными знаниями и навыками и привлекаемое следователем, следователем, прокурором или судом для оказания помощи в обнаружении, идентификации и извлечении предметов и документов, использовании технических средств при расследовании уголовных дел и вопросы эксперту, это входит в его профессиональные полномочия. Укаазание эксперта — это письменное мнение по заданным ему вопросам, а заключение эксперта — это информация, которую он задавал в опросе об обстоятельствах, требующих специальных знаний, а также описание его взглядов. Эксперт - лицо, обладающее специальными знаниями и назначенное в установленном законом порядке для проведения судебно-медицинской экспертизы и вынесения заключения. Заключение эксперта — это письменное изложение исследования и заключения по вопросам, заданным эксперту лицом, ведущим уголовное дело, и сторонами. Заключение эксперта — это данные. что он заявил в ходе опроса, проведенного после получения его заключения, с целью разъяснения и уточнения своего экспертного заключения.
Ключевые слова: Кодекс, уголовно-процессуальный кодекс, специалист, эксперт, уголовное дело, указание, заключение специалиста и эксперта.

SPECIALIST AND EXPERT – AS PARTICIPANTS IN CRIMINAL PROCEEDINGS

A specialist is a person with special knowledge and skills and is engaged by an detective, detective, prosecutor or court to assist in the detection, identification and retrieval of objects and documents, the use of technical means in the investigation of criminal cases and questions to an expert, this is included in his professional powers. An expert's opinion is a written opinion on the questions asked him, and an expert's opinion is information that he asked in a survey about circumstances requiring special knowledge, as well as a description of his views. Expert - a person with special knowledge and appointed in the manner prescribed by law to conduct a forensic medical examination and issue an opinion. The expert opinion is a written statement of the research and the opinion on the questions posed to the expert by the person conducting the criminal case and the parties. An expert opinion is data? which he stated during the interview conducted after receiving his opinion, with the aim of clarifying and clarifying his expert opinion.
Keywords: Code, criminal procedure code, specialist, expert, criminal case, instruction, conclusion of a specialist and expert.

Сведения об авторе: ***Асоев Мухаммадсафар Махмадраджабович*** – магистр второго курса юридического факультета, Таджикский национальный университет

Information about the author: ***Asoev Muhammadsafar Mahmadrajabovich*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University

ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

Ахмадзода Кандил
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сирояти вируси норасоии масунияти одам бемориест, ки онро норасоии масунияти бадани инсон ба вуҷуд меоварад. ВНМО ҳамчун намуди бемории сирояткунандаи вазнин ва дар ҳоли ҳозир табобатнашаванда, дар ҷараёни инкишофи худ се марҳилаи бо ҳамдигар алоқаманд ва дар як вақт мустақилро соҳиб аст: сироят кардан бо инфексияи ВНМО, мубтало шудан ба бемории БПНМ (СПИД) ва марг ҳамчун натиҷаи ногузирии бемории инфексияи ВНМО [8 саҳ 41]. Сироят ёфтани шахс ба ВНМО зуд таъсири ногувори худро ба системаи худмуҳофизатӣ (иммунии) шахс намерасонад. Бад шудани саломатии шахс мумкин аст баъди муддатҳои тӯлонӣ мушоҳида карда шавад, ё шояд шахс умуман худро бад ҳис накунад, вале ӯ аз ин вирус сироятёфта дониста мешавад ва агар ӯ ба ин беморӣ гирифтор шавад роҳи табобат мушкил меояд, ки одатан ба марг оварда мерасонад. Маҳз хатарнок будани он кирдоре, ки дар моддаи мазкур (м.125 КҶ ҶТ) нисбати ҳаёту саломатии шахс пешбинӣ гардидааст, ҳамин аст.

Хавфи ҷамъиятии ин маризӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахси ба ВНМО дучор шуда, дар давоми мӯҳлати тӯлонии ҳаёти хеш худро тамоман солим ҳис карда, аз гирифтор будани

худ ба чунин беморӣ пай намебарад, вале худи ин одам ҳангоми риоя накардани қоидаҳои муайян барои атрофиёнаш хатарнок буда, метавонад бемориро фаъолона паҳн кунад.

Мувофиқи тадқиқотҳои илмӣ аз лаҳзаи сироятшавӣ то пайдо шудани аломат ва нишонаҳои клиникӣ аз 1 то 5 ва ҳатто 10 сол гузаштанаш мумкин аст. Дар даврахои аввали сироятшавӣ шахси бо ВНМО сироятшударо аз рӯйи ягон хел аломати берунӣ муқаррар кардан мумкин нест, зеро дар ин даврахо аломату нишонаҳои махсус вуҷуд надоранд. Шахси бо ВНМО сироятшударо дар ин мавридҳо танҳо ба воситаи муоинаи лабораторӣ аниқ кардан мумкин аст. Аз рӯйи маълумотҳои лабораторияи эпидемиологӣ ва профилактикаи СПИД-и Институти Марказии Илмӣ - Тадқиқотии Вазорати тандурустии Россия (ЦНИИ РФ), дар ҷараёни як соли баъди ба организми инсон ворид гардидани ВНМО – аз 3 то 5 фоизи сироятшудагони ин вирус мубталои бемории БПНМ мегарданд; авҷи мубталои беморӣ ба даврои аз 1 сол то 5 сол аз лаҳзаи чунин сироятшавӣ рост меояд, баъди 5 сол БПНМ танҳо нисбати 10-20% сироятшудагон инкишоф меёбад. Дар баробари ин истисное ҷой доштанаш мумкин аст, ки шахси ба ВНМО сироятшуда мубталои бемории БПНМ нагардад. Ҳамин тариқ, ҷавоб ба саволи он, ки оё шахси ба ВНМО сироятшуда мумкин аст мубталои бемории БПНМ гардад, танҳо ҳангоми гузаштани мӯҳлати тӯлоние ҷавоби худро дарёфт карданаш мумкин аст [8 сах 21].

Ҳолатҳои дар боло зикргардидаро қонунгузорӣ ба инобат гирифта, акнун ҷавобгарии ҷиноятиро на барои дидаю дониста ба зери хавфи сирояти марази СПИД монондани шахси дигар (аломати нуқсони сироятшудаи иммунитет) [2], балки дидаю дониста таҳти хавфи сирояти ВНМО гузоштани шахси дигар муқаррар менамояд [3]. Рӯзмарра будани муборизa алайҳи ҷиноятии таҳлилшаванда бинобар сабаби хело ҳам бо тарзи мудҳиш паҳн гардидани он дар сайёраи мо, боиси ягон хел дудилагие нест. Ногуфта намонад, ки дар баробари дигар чораҳои пешгирӣ ва муборизаи зидди БПНМ, хусусан аз соли 1990 арзи вуҷуд доштани Маркази пешгирӣ ва муборизаи зидди ВНМО-и Вазорати Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноӣ низ ба роҳ монда шудаанд.

Қонунгузории ҷиноятии кишвар барои каси дигарро сироят кунонидан бо вируси норасоии масунияти одам (м. 125 КҶ ҶТ) ва аз ҷониби кормандони тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбии худ, ки аз беэҳтиётӣ боиси мубталои сирояти ВНМО гардидани шахси бемор шудааст (қ.2 м.129 КҶ ҶТ), ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Ҷинояти мазкур дар фасли VII – ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, боби 16 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, муқаррар гардидааст. М. 125 КҶ ҶТ аз се қисм иборат буда, дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ бо таркиби оддӣ, таркиби вазнинкунанда ва таркиби махсус вазнинкунанда баён гардидаст.

Қисми 1 – дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар (таркиби оддӣ). Объекти бевоситаи қ.1 м.125 КҶ ҶТ амнияти (бехтарии) саломатии каси дигар мебошад. Ҷабрдида шахси ҷисмоние мебошад, ки дар натиҷаи кирдори ҷиноятқоронаи гунаҳгор саломатии ӯ таҳти хавфи сироят ба ВНМО гузошта шудааст. Тарафи объективии ҷинояти дар ҳамин қисм пешбинишуда бо дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар ифода меёбад. Тарзҳои содиршавии ин ҷиноят гуногунанд. Аз рӯйи тадқиқотҳои илмӣ, вируси норасоии масунияти одам, ки барангезандаи бемории пайдошудаи норасоии масунийт мебошад, танҳо аз одам ба одам ба воситаи хун, ҳаюло ва секретсияҳои ҷинси занона ё луҳоби маҳбал сироят мекунад. Дар ҳоли ҳозир муҳаққиқини илми тиб чаҳор роҳи асосии гирифторшавии вирусро нишон додаанд:

1. Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шахсоне, ки гирифтори вируси ин беморӣ мебошанд. Ин тарзи маъмули таҳти хавфи сироят қарор додани каси дигар ба сирояти ВНМО дониста шудааст.

Ҳиссаи гирифторшавӣ ба бемории БПНМ бо роҳи алоқаи ҷинсӣ дар ҷаҳон аз 70 то 90%-ро ташкил медиҳад. Инчунин тадқиқотҳо нишон додаанд, ки дар вақти алоқаи ҷинсӣ гирифторшавии занҳо ба ВНМО назар ба мардҳо 2-4 маротиба зиёдтар аст. Ҳама гуна

алоқаи ҷинсӣ бо шахси гирифтори ВНМО шахси солимро таҳти хатари ҳақиқии сироят ба чунин беморӣ мегузорад.

2. Ҳангоми хунгузаронӣ – ба воситаи хуне, ки дар таркибаш ВНМО вуҷуд дорад.

3. Ҳангоми истифодаи сӯзандоруҳои тамизнашуда. Бо ин роҳ бештар нашъамандон гирифтор мешаванд, зеро онҳо бо як сӯзандору ба якчанд нафар шахсон воситаҳои нашъадорро мегузаронанд.

4. Аз модари ҳомилаи дорандаи ин вирус ба кӯдаки дар батнбуда гузаштан, ё бо роҳи маконидани тифли ширхор.

Ҳаминро низ бояд тазаккур дод, ки ВНМО ба воситаи асбобҳои рӯзгор, ҳангоми ба бемор вохӯрӣ кардан, ба оғӯш гирифтан, бӯсидан, ҳангоми бо онҳо оббозӣ кардан, ба воситаи нафаскашӣ, сулфидан, ҳангоми нигоҳубини бемор, истифодаи либос ва ашёи бемор ба шахсони солим сироят намекунад.

Ҷиноятии дар қ.1 м.125 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ мебошад.

Аз ин рӯ, барои мавҷудияти он ҷой доштани имконияти ҳақиқии сироят намудани каси дигар кифоя аст. Ҷиноят аз лаҳзаи таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар хотимаёфта дониста мешавад. Олими рус Л.Л. Кругликов низ ин фикрро ҷонибдорӣ намуда мегӯяд, ки «барои хотимаёфта донистани ҷиноятии содиршуда сироят ёфтани ҷабрдида муҳим дониста намешавад». Аз рӯйи қоидаи умумӣ розигии шахси ҷабрдида ба алоқаи ҷинсӣ бо дорандаи вирус, ҳангоми мавҷуд будани хавфи бо ВНМО сироят гаштани ӯ, ҷавобгарии ҷиноятии шахси гунаҳгорро истисно намесозад.

Тарафи субъективии қисми аввали ҷиноятии таҳлилшаванда бо шакли гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита муқаррар гардидааст. Зеро гунаҳгор дарк менамояд, ки бо ҳаракатҳои худ амнияти саломатии шахси дигарро ҳақиқатан таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам мегузорад ва хоҳони содир намудани ин ҳаракатро мебошад. Яке аз воситаи исботи ҷой доштани қасди гунаҳгор, мавҷуд будани огоҳии расмии хаттии мақомоти ҳифзи сиҳати омма бо феҳристи аниқи ҳаракатҳои манъшуда, ки дар натиҷаи риоя накардани онҳо мумкин аст шахси дигар бо ВНМО сироят шавад.

Огоҳии расмӣ дар асоси муоинаи тиббӣ, ки мувофиқи қоидаҳои муқарраркардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст, дониста мешавад. Ин ҳолат мумкин аст бо маълумотҳо аз рӯйи муоинаи маҷбурии дар муассисаҳои муолиҷавии мақомоти тандурустӣ ба даст овардашуда, тасдиқи худро низ ёбад. Чӣ хеле, ки қайд карда шуд, муоинаи маҷбурӣ дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар шахс аз бо тартибӣ ихтиёрӣ аз муоинаи тиббӣ гузаштан саркашӣ менамояд [7].

Агар шахс оиди дар вуҷуди ӯ мавҷуд будани вируси норасоии масунияти одамро надонад, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз он, ки ягон хел зуҳуроти берунии бемориро мумкин буд мушоҳида менамуд, кашида намешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ инчунин ақидае ҷой дорад, ки гӯё ҷиноятии дар қ. 1, м. 125 КҶ ҶТ муқарраргардида бо шакли гуноҳи беэҳтиётӣ, махсусан намуди бепарвогии он содир шуданаш мумкин аст [15 саҳ 96].

Ба фикри мо ҳақ ба ҷониби олимони ҳуқуқшинос Козаченко И.Я. ва Мирсинский Б.А. мебошад, зеро дар худи қонун сухан дар бораи дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар меравад, яъне гунаҳгор бе ягон шакку шубҳа оиди мубталои чунин беморӣ будани худро медонад. Тақвияти ин ақида бо он низ собит мешавад, ки ҷиноятии дар қ. 1, м. 125 КҶ ҶТ пешбинишуда, бо таркиби расмӣ омадааст [16 саҳ 151].

Вобаста ба масъалаи мазкур ин мисоли ҳаётиро метавон ҳамчун намуна овард: Суди ноҳияи Шаҳритус як зани ба паҳн кардани бемории ВНМО гунаҳгорро барои як сол равонаи зиндон кард. Ин зан дар оғози моҳи майи соли 2018 боздошт шуд ва парвандаи ӯ дар аввали моҳи июл ба суд фиристода шуда буд. Зани мазкур, ки тафтишот аз ӯ А.З. ном мебарад ва ному насабаш ба далелҳои қонунӣ ифшо намешавад, ба он гунаҳгор дониста мешавад, ки бо вуҷуди он ки медонист ба бемории ВНМО гирифтор аст, бо чанд мард ҳамхоба шудааст. Зане, ки ба паҳн кардани беморӣ гунаҳгор дониста мешавад, соҳиби ду фарзанд аст ва ҳамаи "мизоҷонаш" сокинони Шаҳритус будаанд. Аксари онҳое, ки аз хидмати ҷавонзани танфурӯш истифода кардаанд, ҷавонони муҷаррад ва ҳам чанд марде

ҳастанд, ки зану фарзанд доранд. Аз мақомоти суди ноҳияи Шаҳритус рӯзи 7-уми август ба ВАО хабар доданд, ки А.З. дар баёноти худ навиштааст, ки дигар ба танфурӯшӣ даст намезанад ва аз кардааш пушаймон шудааст ва бинобар ҳамин, суд бо дарназар гирифтани вазъи хонаводагӣ, нисбати ӯ ҳукми сабуктаре баровардааст.

Аз мақомоти прокуратураи ноҳияи Шаҳритус рӯзи 7-уми август ба ВАО хабар доданд, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар оғоз ду соли маҳрумият аз озодиро барои А.З. пешниҳод карда буд, вале суд бо назардошти пушаймонӣ, ӯро барои як сол равонаи зиндон кард. Аслан, ҷазо аз рӯйи қ. 1, м. 125 КҶ ҶТ – бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол муқаррар гардидааст. Ба қавли баъзе ҳуқуқдонҳо, бо назардошти он, ки ҷабрдидаҳо 10 нафар будаанд, эҳтимоли ҷазои вазнинтар гирифтани ин зан вуҷуд дошт, вале ба қавли мақомоти судӣ ҳама паҳлӯҳо санҷида шуд ва ҳукм мунсифона бароварда шуд. Шаҳрванд А.З., ки ба паҳн кардани беморӣ гунаҳгор дониста мешавад, соҳиби ду фарзанд аст. Ӯ баъди ҷудоӣ аз шавҳар ба танфурӯшӣ шурӯъ карда, аз соли 2014 расман ба ҳайси гирифтори ВНМО сабти ном шудааст. Маълум нест, худи ин зан аз кӣ сироят шудааст. Баъди эълони ҳукми шаҳрванд А.З. аз ҷониби суд, мақомоти Маркази муборизa бо ВНМО хабар интишор намуд, ки хушбахтона ин зан давоҳояшро сари вақт истифода мекард ва ба ин далел ҳеҷ кадом аз мардоне, ки бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кардаанд, сироят нашудаанд. Субъекти ҷиноят – махсус шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расидае, ки дорандаи ВНМО ва ё мубталои бемории БПНМ мебошад, баромад мекунад. Чунин шахсон муваззаф гардидаанд, ки чун беморони сироятшуда зимни муносибат бо дигар ашхоси солим ба қоидаҳои муқарраршудаи санитарӣ-гигиенӣ риоя намоянд. Онҳо набояд ба алоқаи ҷинсӣ пардозанд, аз таҷҳизотҳои умумиистифодашаванда кор гиранд, донор бошанд ва ғайра [7].

Намуди вазнинкунандаи ин ҷиноят (қ. 2, м. 125 КҶ ҶТ) ҷавобгариро барои бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои чунин беморӣ будани худро медонист, пешбинӣ намудааст. Объекти бевосити қ. 2, м. 125 КҶ ҶТ саломатии шахси дигар буда, ҳаёт ба сифати объекти факултативӣ баромад мекунад. Ҷабрдида шахси ҷисмоние эътироф мешавад, ки дар натиҷаи ҳаракати гунаҳгор бо ВНМО сироят кунонида шудааст.

Тарафи объективии ҷинояти дар қ. 2, м. 125 КҶ ҶТ пешбинишударо ҳаракати (беҳаракатии) ба ҷамъият хавфноки шахсе, ки:

– шахси дигарро зери хавфи сирояти ВНМО гузоштааст;

– ҳақиқатан ҷабрдидаро бо ВНМО сироят кунонидааст;

– вуҷуд доштани робитаи сабабӣ миёни кирдори гунаҳгор ва мубталои беморӣ гардидани шахси дигар, ташкил медиҳад [8].

Таркиби ҷиноят моддист. Бинобар ин, ҷиноят аз лаҳзаи сироят кардани шахси дигар бо ВНМО хотимаёфта дониста мешавад. Масалан, шаҳрванд А.А. мувофиқи хулосаи ташхиси Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва муборизa бар зидди вируси норасоии масунияти одам таҳти №292-2017 аз 5 апрели соли 2017 ба бемории ВНМО гирифтор буда, ӯҳдадории хаттии ӯ бо гирифтани имзояш дар хусуси риоя талаботи м. 125 КҶ ҶТ гирифта шудааст.

Аммо, шаҳрванд А.А. бо мақсади қонеъ кардани нафси шаҳвонии худ, ухдадории хаттии зикршудаи худро риоя накарда, дидаю дониста, ки гирифтори бемории ВНМО буд ва шахси солими дигарро метавонист бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ба бемории зикршуда сироят намояд, моҳи ноябри соли 2017 шаҳрванд Б.А.- ро бо роҳи алоқаи ҷинсӣ, ба бемории мазкур сироят намуд.

Бинобар ин, нисбати шаҳрванд А.А. аз рӯи аломатҳои м. 125 қ. 2 КҶ ҶТ, яъне барои дидаю дониста бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардан парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, баъди ба итмом расидани тафтиши пешакӣ бо тасдиқи хулосаи айбдоркунӣ ба суд ирсол карда шуд. Бо ҳукми суд шаҳрванд А.А. бо моддаи номбурда гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ба мӯҳлати 3 сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шуд. Барои ҷиноятро ба итмом расида донистан барангехтани бемории БПНМ дар вуҷуди шахси

сироятшуда шарт нест. Танҳо худи факти ба организми ҷабрдида дохил гардидани ВНМО кифоя аст [8 саҳ 47].

Тарафи субъективии ҷинояти дар қ. 2, м. 125 КҶ ҶТ пешбинишударо гуноҳ дар намуди қасди бевосита ё бавосита ташкил медиҳад. Гунаҳгор дарк мекунад, ки ӯ дорандаи ВНМО буда, муқарраротро оиди манъ будани даромадани вай ба алоқаи ҷинсӣ бо каси дигар ва ё ягон хел қоидаи эҳтиётиро вайрон намуда, имконияти сироят гардидани шахси дигарро аз ВНМО пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он оқибат мебошад (қасди бевосита), ё ин ки фаро расидани оқибатро намехоҳад, вале дидаю дониста ба рӯх додани ин оқибатҳо роҳ медиҳад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат мекунад (қасди бавосита). Ба ғайр аз ин мумкин шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хатарноки кирдори худро (сироят кардани шахси дигар бо ВНМО) пешбинӣ карда, бо асосҳои кофӣ, худбоварона ҳисоб карда бошад, ки ин оқибатҳо ба миён намеоянд. Шакли гуноҳи беэҳтиётона дар намуди бепарвоии ҷиноятқорона дар ин таркиби ҷиноят ҷой надорад.

Мувофиқи тағйироте, ки ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия аз 8 декабри соли 2003 ворид гардидааст, шахсе, ки кирдори гунаҳкоронаи дар қисмҳои якум ё дуюми м.122 КҶ ФР (сироят намудан бо вируси норасоии масунияти одам)-ро содир намудааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре (ҷабрдида), ки таҳти хавфи сирояти ВНМО қарор дошт ва ё сироят ёфтааст, вобаста ба гирифтор будани шахси аввал, яъне гунаҳгор ба ВНМО ва ё БПНМ, сари вақт огоҳонида шудааст ва ӯ новобаста аз ин ба содир намудани ҳаракате, ки ӯро таҳти хавфи сироят ёфтан қарор медиҳад, ихтиёрона розигӣ дода бошад. Вобаста ба муқаррароти мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру андешаҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, Кузмина Р.А. дар он ақидааст, ки бо вуҷуди он, ки қонунгузор дар эзоҳи м.122 КҶ ФР на ҳама шартҳои қонунии розигии ҷабрдидаро дарҷ кардааст, вале набояд тамоюлҳои мусбии мустаҳкам гардидани масъалаи розигии ҷабрдидаро дар КҶ ФР мадди назар кард. Баъзе аз муаллифони дигар мавқеъи баръаксро ишғол мекунанд. Масалан, Сидоренко Э.Л. иброз медорад: «...ҳаққоният ва хислати пешоҳангии муқаррароти мазкур натавонист, ки норасоиҳои системавии онро рӯйпуш намояд, бартараф кунад ва ин аз беҳавсалагиву қолабӣ будани таҷрибаи тафтишотиву судист. Барои аксари криминалистон розигии ҷабрдида ин хоки тайёр аст барои ба чашми онҳо пошидан. Дар давоми зиёда аз 7 соли мавҷудияташ, ин меъёр натавонист, ки натиҷабахш будани худро исбот созад, ки сабабгори аслии он аз бисёр ҷиҳат ин мавҷуд набудани баҳои босифати ҳуқуқӣ аст». Нуқтаҳои назари баёнгаштаро мавриди таҳлил қарор дода, бо қатъияти том гуфтан мумкин аст, ки паҳлуҳои ҳуқуқӣ – ҷиноии эзоҳи муқарраргардидаро мебояд васеъ кард. Чунки ҳолати мавҷудбударо наметавон қаноатбахш шуморид, ҳол он ки на дар қонун ва на дар ягон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мафҳум ва нишонаҳои ҳуқуқии розигии ҷабрдида барои сирояти ВНМО нишон дода нашудаанд ва тӯли 15 соли мавҷудияташ ин меъёр натиҷаи қаноатбахше ба бор наовардааст. Дар ҳолате, ки шахси дигар дар як вақт ба ВНМО ва ягон хели касалии зӯҳравӣ сироят карда мешавад, ҳаракати ҷиноятқор аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳои дар қ. 2, м. 125 КҶ ҶТ ва м. 126 КҶ ҶТ пешбинишуда бояд баҳо дода шуда, ӯ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Дар ҳолате, ки шахси мубталои ВНМО шахси дигарро бар хилофи иродаи худ сироят мекунад (масалан, зан – ҳангоми таҷовуз, мард – ҳангоми бачабозӣ), ӯ барои сироят кунонидан ба бемории зикршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад [8 саҳ47]. Аммо, баъзе аз олимони дигар иброз медоштанд, ки агар дар натиҷаи содир намудани ҷинояти таҷовуз ба номус, ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ё дигар ҷиноятҳои ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷабрдида мубталои инфексияи ВНМО шавад, гунаҳкор аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар ин ҷо чунин пиндошта мешуд, ки дуввумин ҷиноятқореро дар назар дошт, ки ба ВНМО гирифтор будани худро медонист ва новобаста ба ин ба ҷинояти таҷовуз ба номуси зан ё бачабозӣ даст задааст.

Билохира, баъди сипарӣ гаштани чандин солҳои баҳсу мунозира вобаста ба масъалаи мазкур, он ҳалли худро дарёфт. Вобаста ба сироят кардани ҷабрдида (зан) бо ВНМО зимни

таҷовуз ба номус, дар м. 138 КҶ ҶТ (таҷовуз ба номус) қисмати дахлдоре пешбинӣ гардида буд (б. ”г” қ. 3 - бо истифода аз вазъияти бадбахтии умумӣ ё дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ ё ба оқибатҳои вазнин оварда расонда бошад). Оқибатҳои вазнин, ки барои бо б.“г” қ.3 м.138 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдори гунаҳкор асос дониста мешаванд, чунин ҳолатҳо ба шумор мерафтанд: вафот ё худкушӣ кардани ҷабрдида, дар натиҷаи таҷовуз ба номус, ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудани зан, ба бемории ВНМО (БПНМ) сироят гардидани ӯ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, инчунин дар ҷараёни таҷовуз ба номус расонидани зарар ба саломатӣ, ки боиси оқибатҳои дар м.110 КҶ ҶТ пешбинишуда гардидааст ва ғайра. То ворид гардидани тағйирот ба қ.3 м.138 КҶ ҶТ аз 2.01.2019 № 1554, агар зимни таҷовуз ба номус ҷабрдида дар асоси кирдорҳои таҷовузкоронаи ҷинояткор ба ВНМО гирифтор мешуд, ӯ тибқи муқаррароти дар боло зикршуда ба ҷавобгарӣ кашида мешуд. Вале акнун мутобиқи тағйирот дар ин ҳолат кирдорҳои ҷинояткор тибқи б.”г” қ.3 м.138 КҶ ҶТ (таҷовуз ба номусе, ки боиси ба вируси норасоии масунияти одам мубтало гардидани ҷабрдида шудааст), банду баст карда мешавад.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ки дар солҳои 2007-2016 дар ҳудуди ҷумҳурӣ бо м. 139 КҶ ҶТ оғоз ва тафтиш гардидаанд, нишон дод, ки бо аксари онҳо барои муқаррар кардани эҳтимолияти бо вируси норасоии масунияти одам сироят намудани ҷабрдида, бо роҳи таъин намудани экспертиза, чорачӯӣ карда нашудааст. Ҳол он ки ВНМО дар сурати гирифтор шудан ба он худро зуд ошкор наменамояд ва шояд солҳо лозим шавад, то бемор аз рӯи нишонаҳои зоҳирӣ гирифтори ин бемории марговар будани худро фаҳмад ва дар даврaҳои аввал гирифтори ин беморӣ будани шахсро танҳо экспертиза муайян мекунад.

Дар баробари таҷовуз ба номус (м. 138 КҶ ҶТ), ки яке аз роҳҳои гузариши ВНМО аст, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан (лесбиянство) ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ (м. 139 КҶ ҶТ) низ моддае мебошад, ки тавассути ҳаракатҳои дар модда муқарраргардидаи содирнамудаи ҷинояткор ҷабрдида метавонад гирифтори вируси мазкур гардад. Агар дар м. 138, яъне таҷовуз ба номус танҳо як роҳи сироятшавии ҷабрдида (тавассути алоқаи ҷинсии марду зан аз маҳбал) мавҷуд бошад, пас дар м. 139 бошад, чандин роҳҳои сироятшавии ҷабрдидаро метавон дарёфт. Аз он ҷумла, тавассути бачабозӣ. Бачабозӣ – ин бидуни хоҳиши ҷабрдида қонеъ намудани нафси шаҳвонӣ байни мард бо мард дониста мешавад. Дигар роҳи сироятёбӣ тавассути ҷимои зан бо зан мебошад. Ҷимои зан бо зан (лесбиянство) – ин бидуни хоҳиши ҷабрдида қонеъ намудани нафси шаҳвонӣ байни зан бо зан ба ҳисоб меравад. Ҳаракатҳои дигари дорои хусусияти шаҳвонидошта бошад, аз як тараф, чунин маъно дорад, ки гунаҳкор (мард) бо мақсади қонеъ намудани нафси шаҳвонии худ нисбати ҷабрдида (зан), ҳар гуна ҳаракатҳоро, ғайр аз ба амал баровардани алоқаи ҷинсӣ, содир мекунад. Мисол, қонеъ намудани нафси шаҳвонӣ бо роҳи ғайритабиӣ, расидан ва ворид намудани даст ва ё дигар предметҳо ба узвҳои ҷинсӣ ва ғайра [4]. Яке аз роҳҳои қонеъ намудани нафси шаҳвонӣ бо роҳи ғайритабиӣ, ки номбар гардид, ин алоқаи ҷинсӣ аз даҳон аст, ки тавассути он низ хавфи сироят ёфтани ҷабрдида бо ВНМО вуҷуд дорад. Чуноне маълум мегардад, хавфнокии м.139 КҶ ҶТ нисбат ба м.138 КҶ ҶТ зиёдтар аст, чунки дар м.139 нисбат ба м.138 дида роҳу воситаҳои фаррохтари сироят намудани шахс ба ВНМО муқаррар гардидааст. Вале дар м.139 КҶ ҶТ низ вобаста ба сироят гардидан, ё таҳти хавфи сироят гузоштани ҷабрдида аз амалҳои ҷинояткор ягон банду иловае муқаррар нагардида буд. Мутобиқи тағйироти санаи 2.01.2019 №1554 ба КҶ ҶТ даровардашуда ин масъала низ ҳалли худро ёфт. Аз ин пас, шахсе, ки кирдорҳои дар м.139 КҶ ҶТ муқаррар гардидаро содир мекунад ва дар асоси кирдорҳои содирнамудаи ӯ ҷабрдида ба ВНМО гирифтор мешавад, кирдори ҷинояткор тибқи б.”б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ (яъне, ҳамин ҳаракат агар боиси ба вируси норасоии масунияти одам мубтало гардидани ҷабрдида шудааст) банду баст шуда, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар ҳолатҳои дар боло муқараргардида нисбати м.138 ва м.139 ҷиноят бояд аз ҷониби шахсе содир шавад, ки мубталои ВНМО будани худро медонист. Дар ҳолати огаҳӣ надоштан аз бемории худ, ӯ бо ин банд ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдори дорои хусусияти шаҳвонидошта бо шахси ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида, ки боиси ба вируси норасоии масунияти одам сироят гардидан шудааст, то замони тағйирот ворид гардидан он ҳамчун сершуморагии ҷиноятҳо – маҷмӯи идеалӣ мушоҳида карда мешуд. Гунаҳгор бо як ҳаракат таркиби ду ҷинояти якхеларо анҷом медод. Дар ин ҳолат ҳаракати гунаҳгор аз рӯйи банди «б» қ.3 м.125 КҶ ҶТ (кирдори нисбати шахси баръало ноболиғ содиршуда) ва м.141 КҶ ҶТ (алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст) банду баст карда мешуд [8 саҳ 48]. Акнун дар асоси тағйироти воридгардида аз 2.01.2019 с., № 1554, зимни содир намудани ҳамин ҳаракат, агар он боиси ба ВНМО мубтало гардидани ҷабрдида шуда бошад, мутобиқи қ.3 м.141 КҶ ҶТ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳукуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад [3]. Инчунин, профессор Шарипов Т.Ш ва Насриддинов М.Н қайд мекунанд, ки агар гунаҳгор ҳангоми сироят кунонидани каси дигар бо ВНМО қасдан бо мақсади куштани он шахс ҳаракат карда бошад, дар ин ҳолат ҳаракати ӯ аз рӯйи м.104 КҶ ҶТ бояд банду баст карда шавад. Намуди махсуси вазнинкунандаи ҷинояти таҳлилшавандаро (қ.3 м.125 КҶ ҶТ) бо ВНМО сироят кардани ду ё зиёда шахсон ва ё нисбати шахси баръало ноболиғ ташкил медиҳад.Ҳангоми банду басти ҳаракати гунаҳгор аз рӯйи б. «а» қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ бо аломати нисбати «ду ё зиёда шахсон», сироят гаштани ин ашхос бо ВНМО дар як вақт ё вақтҳои гуногун аҳамият надорад. Дар ҳолати охирон танҳо муҳим он аст, ки аз лаҳзаи сироят кардани қаблӣ, мӯҳлати ҷавобгарии ҷиноятӣ нагузашта бошад (м. 75 КҶ ҶТ).

Аз рӯйи аломати «нисбати шахси баръало ноболиғ» б. «б» қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ, гунаҳгор бояд донад ё роҳ диҳад, ки ҷабрдида ба синни 18 солагӣ нарасидааст, зеро тибқи муқаррароти қонун шахсе баръало ноболиғ дониста мешавад, ки ба синни 18 солагӣ нарасидааст [5]. Ҷазо аз рӯйи қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

АДАБИЁТ:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016). Шакли электронӣ. Ниг. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://mmk.tj/legislation/base/constitution/.
2. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961. Душанбе: Ирфон, 1989.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998. Шакли электронӣ. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://mmk.tj/legislation/base/codecs/
4. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006.
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4 аз 25-уми июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ» (бо тағйиру иловаҳо аз 23.06.2010). Ниг. Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). Душанбе: Нашриёти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.
7. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1413. Боби 24.
8. Шарипов Т. Ш., Насриддинов М. Н. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо инфексияи ВИЧ. – Маҷ. “Давлат ва ҳуқуқ”, №2. Душанбе, 2000.
9. Ф. Рауфов. Ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар: Дурнамои инкишоф. Ҳафтаномаи “Қонун ва ҷомеа”, № 33 (434) аз 24.08.2017.
10. Дастурамал оиди қайдгирӣ ва муборизаи зидди СПИД. – Душанбе, 1998.
11. Қоидаҳои экспертизаи судию тиббии вазнинии зарар ба саломатӣ. Заминаи 16 бо фармоиши Вазорати Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №918 аз 1 ноябри соли 2014.
12. “Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020”, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.02. 2017 сол, №89.
13. Омори расмии Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва муборизаи бар зидди беморӣ БПНМ (СПИД).
14. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., Вазорати тандурутӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷ.Т., The DHS Program ICF - Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ 2017, Ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои калидӣ. Августи соли 2018.

15. Уголовный кодекс Российской Федерации: федеральный закон РФ от 13.06.1996 № 63-ФЗ в ред. ФЗ РФ от 08.12.2003 г. № 162-ФЗ//СЗРФ. - 1996.-№ 25.- Ст.2954; СЗ РФ. - 2003.- № 50.- Ст.4848.
16. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 16 июля 1997 г.№ 167-1.
17. Расторопов С. Понятие состава преступления против здоровья человека: Уголовное право // Уголовное право. - 2003.- № 2, апрель-июнь.
18. Расторопов С.В. Основные тенденции совершения преступлений против здоровья человека//Черные дыры в российском законодательстве. - 2003.-№ 3.
19. Комментарий к Уголовному кодексу Республики Казахстан. Общая и Особенная части. Под общ. ред. И. Ш. Борчашвили. - Алматы: Жеті жарғы, 2007.
20. Борисов В.И., Куц В.Н. Преступления против жизни и здоровья: вопросы квалификации. Харьков, 2004г.
21. Извлечение из уголовного кодекса РФ, определяющие ответственность медицинских работников. // «Медицинское право», №1, 2003.
22. Крылова Н. Некоторые вопросы уголовной ответсвенности за заражения ВИЧ-инфекцией: Уголовное право // Медицинское право. 2004. N 3, июль-сентябрь.

ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

Дар мақолаи мазкур таркиби ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф ҳар як қисми таркибии ҷинояти мазкурро бандубаст намуда, аз дараҷаи хавфнокии ин вабои аср натиҷагирӣ намудааст. Бояд тазаккур дод, ки одамоне, ки ба ВНМО дучор шудаанд дар давоми чандин сол худро тамоман солим ҳис мекунанд, чунки нишонаҳои беморӣ ба зудӣ худро ошкор намекунад, вале худи одам барои атрофиёнаш хатарнок буда метавонад. Ӯ метавонад боиси фаъолона паҳн кардани беморӣ шавад, зеро аз сироятшавӣ то пайдо шудани аломат ва нишонаҳои клиникии ин беморӣ аз 1 то 5 ва 10 сол гузаштанаш мумкин аст. Аз ин лиҳоз, маҳз баҳри бартараф кардани проблемаҳои зикршуда ва пешгирӣ кардани хавфи сироят ёфтани аҳолӣ бо ВНМО аз ҷониби шахсони мубталои ин беморӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро баҳри сироят кардани шахсони дигар бо ин вирус пешбинӣ намудааст.

Калидвожаҳо: ВНМО, БПНМ, саломатӣ, ҳуқуқи инсон, омор, корманди тиб, духтур, бемор, таъсири марговар, мубориза.

УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ СОСТАВА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПО ЗАРАЖЕНИЮ ВИРУСОМ ИММУНОДЕФИЦИТА ЧЕЛОВЕКА

В данной статье анализируется состав преступления по заражению вирусом иммунодефицита человека. Автор анализирует каждую часть этого преступления и суммирует уровни риска чумы этого столетия. Следует отметить, что люди живущие с ВИЧ долгие годы чувствуют себя полностью здоровыми, потому что симптомы заболевания не проявляются быстро, но сам человек может быть опасен для окружающих. Это может привести к активному распространению болезни, так как от заражения до появления клинических признаков и симптомов заболевания может пройти от 1 до 5 и 10 лет. Поэтому в целях устранения данных проблем и предотвращение риска заражения ВИЧ среди населения, законодательством Республики Таджикистан в статье 125 Уголовного кодекса Республики Таджикистан предусмотрена уголовная ответственность за заражение этим вирусом.

Ключевые слова: ВИЧ, СПИД, здоровья, права человека, статистика, медицинский работник, доктор, пациент, смертельный эффект, борьба.

LEGAL-CRIMINAL ANALYSIS OF THE COMPOSITION OF THE CRIME OF INFECTION WITH HUMAN IMMUNODEFICIENCY VIRUS

This article deals with the analyses of the composition of the crime of infection with human immunodeficiency virus. The author analyzes each part of this crime and summarizes the risk levels of this century's plague. It should be noted that people living with HIV feel completely healthy for many years, because the symptoms of the disease do not manifest themselves quickly, but the person himself can be dangerous for others. It can lead to the active spread of the disease, as it can take from 1 to 5 and 10 years from infection to the onset of symptoms and clinical signs of the disease. Therefore, in order to eliminate these problems and prevent the risk of HIV infection by persons infected with the disease, the legislation of the Republic of Tajikistan in Article 125 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan provides for criminal liability for infecting others with this virus.

Keywords: HIV, AIDS, human rights, statistics, health, mortal effect, struggle.

Сведения об авторе: ***Кандил Ахмадзода*** – магистр второго курса юридического факультета, Таджикский национальный университет

Information about the author: ***Qandil Ahmadzoda*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University

РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ашуралиева Моҳдона
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ғайридавлатӣ кардани моликият ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ тағйироти ҷиддиро ба миён овард. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳуқуқи кишоварзӣ ба ислоҳоти куллӣ дучор гардида, танзими ҳуқуқӣ, объект ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқи кишоварзиро фаро гирифтааст. Базаи қонунгузорӣ, ки соҳаи алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзиро танзим мекунад, бамаротиб васеъ гардид ва доираҳои нави танзимкунӣ (фаъолияти селексионӣ ва бойторӣ, ҳифзи ҳуқуқ барои кашфи намудҳои нави растанӣ) ба вуҷуд омаданд. Дар муносибат ба масъалаҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ тағйироти назаррас ба мушоҳида мерасад. Мақомоти давлатӣ аз дахолати мустақим ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии фаъолияти хоҷагии молистеҳсолкунандагон ба усулҳои иқтисодии танзим рӯ оварданд. Заминаи чунин тадбирҳои сиёсати кишоварзӣ беш аз пеш такмил ёфта, ҳамзамон бо рушди муносибатҳои бозорӣ ганӣ мегардад. Яке аз афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бунёди ҷомеаи индустриаливу аграрӣ мебошад. Дар шароити имрӯза сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ, инкишофи соҳаи кишоварзӣ на дар шакли ашёи хом, балки истеҳсоли маҳсулоти ниҳоие, ки бевосита ба истеъмолкунандагон пешкаш карда мешавад, содироти маҳсулоти кишоварзӣ, вусъат ва инкишофи боғдорӣ, чорводорӣ, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ, вусъат додани истеҳсолоти пахта ва дигарҳо равона гардидааст. Чунин талабот истеҳсоли на танҳо маҳсулоти кишоварзӣ, балки саноати коркарди маҳсулоти кишоварзиро низ тақозо менамояд.

Рушди қонунгузории кишоварзиро дар самтҳои зерин такмил додан зарур аст:

- такмил додани қонунгузории кишоварзӣ бо мақсади таъмини бозори дохилӣ бо маводи озуқаворӣ, таъмини саноати коркарди ашёи хом, инчунин баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар;
- ташаккули низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори онҳо барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ;
- бо мақсади беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, таҳия ва қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мелиоратсияи заминҳо»;

Солҳои охир бинобар таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, афзудани талабот ба захираҳои об бо сабаби афзоиши аҳолӣ, коҳиши захираҳои об бо таъсири тағйироти иқлим, афзоиши ҳолатҳои фавқулодаи гидрометеорологӣ, бӯҳрони молиявӣ, урбанизатсия, биёбоншавӣ ва ғайра мушкилот дар соҳаи об рӯ ба афзоиш дорад. Афзоиши аҳолӣ яке аз омилҳои ҷиддии ба обтаъминкунӣ таъсиркунанда мебошад. Афзоиши солонаи аҳолӣ дар Тоҷикистон тақрибан 2,5 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба афзоиши талабот ба об, нерӯи барқ, маҳсулоти озуқаворӣ ва манзил оварда мерасонад. Агар соли 1991 ба ҳар як нафари аҳолии Тоҷикистон 11963 м3 захираҳои табиии об ва 0,13 га заминҳои обӣ рост меомад, пас соли 2015 ин нишондиҳандаҳо мувофиқан то 7711 м3 ва 0,09 га расидаанд [1].

Зиёдшавии аҳолӣ ва талабот ба захираҳои об андешидани тадбирҳои фавриро ҷиҳати танзими дуруст ва тақсимоти одилонаи захираҳои об, идораи талабот ба об, идораи ҳамгироёнаи захираҳои об, ҳамоҳангсозии фаъолияти истифодабарандагони гуногун, истифодаи самараноки об, ба истеҳсолот ворид кардани технологияи каммасрафи об ва дигар чораҷӯиҳоро талаб менамояд. Истифодабарандагони асосии захираҳои об дар Тоҷикистон бахшҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария, гидроэнергетика, обёрии кишоварзӣ (мелиоратсия), саноат, моҳипарварӣ, солимгардонӣ ва муҳити зист мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асл танҳо 17-20 фоизи захираҳои оби дар ҳудудаш ташаккулёбандаро истифода мебарад. Ба ҳисоби миёна дар давраи мушоҳидаҳои

гузаронидашуда (1985-2014) ҳаҷми солонаи обе, ки аз ҷониби соҳаҳои мухталифи иқтисод дар кишвар истифода бурда мешавад, аз 8,0 то 14,5 км3/сол-ро ташкил медиҳад. Бахши обёрии кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар аҳамияти муҳим дорад. Ҳудуди 80% маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз заминҳои обёришаванда ба даст оварда мешавад. Ҳаҷми умумии оби аз тамоми сарчашмаҳо барои обёрӣ гирифташаванда ба ҳисоби миёна 8,0-10,0 км3/сол-ро ташкил менамояд. Зиёда аз 90% ҳаҷми умумии обҳои аз махзанҳои табиӣ гирифтамешуда барои эҳтиёҷоти обёрии кишоварзӣ истифода бурда мешавад. Бахши обёрии кишоварзӣ барои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар деҳот нақши муҳим мебозад. Ин бахш айни замон бо як қатор мушкилот, аз ҷумла фарсуда гаштани инфрасохтори мавҷудаи обёрӣ ва беҳдошти замин, зиёд гардидани майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои корами обӣ, эрозияи заминҳои обӣ, аз кор мондани пойгоҳҳои обкашӣ, нарасидани мошину механизмҳо, мавҷуднабудани ҳисоби дурусти об ва ғайра дучор омадааст. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ҷумҳурӣ тақрибан 33,5 ҳазор га замин, аз ҷумла 16,8 ҳазор га заминҳои корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун монда, 31 ҳазор га замини партов мавҷуд аст ва ҳолати мелиоративии 49 ҳазор га замини обӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Самарнокии системаҳои обёрии ҷумҳурӣ дар баъзе ҳолатҳо танҳо 40-50%-ро ташкил менамояд. Ин мушкилот дастрасии деҳқононро ба ҳаҷми зарурии об маҳдуд карда, ба ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот таҷдиди инфрасохтор ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодиву институтсионалии бахши обёрӣ ва беҳдошти замин мебошад.

Мелиоратсия - маҷмӯи тадбирҳои созмондиҳӣ, инжинерӣ ва агротехникист, ки барои ба таври куллӣ беҳтар шудани ҳосилхезии хок мусоидат мекунад. Тавасути мелиоратсия шароитҳои табии (шароити хок, гидрологӣ, иқлимӣ ва ғайра)-ро ба мақсадҳои фаъолияти хоҷагӣ, тағйир додан мумкин аст: мелиоратсия имкон медиҳад, ки низоми обу ҳаво, гармӣ ва ғизои хок, ҳаррорат ва ҳаракати қабати ҳавои назди замин барои парвариши зироати хоҷагии қишлоқ мусоид гардонда шавад. Мелиоратсия - баҳри пойдор гардонидани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ корам кардани заминҳои нав, корбасти оқилонаи захираҳои обу замин аҳамияти калон дорад [2]. Мелиоратсияро бо маънои нисбатан маҳдуд гидромелиоратсия (мелиоратсияи гидротехникӣ) меноманд. Гидромелиоратсия - ин маҷмӯи тадбирҳои инженерию техникӣ буда, баҳри бо таври куллӣ беҳтар кардани низоми номусоиди обу ҳавво ва намаки хок андешида мешавад. Дар ноҳияҳои пахтакор чунин тарзҳои гидромелиоратсия мавҷуданд: обёрӣ, оббарорӣ, обгурезонӣ, шуршуии хок, муборизa бо эрозияи хок, танзими ҷараёни дарёҳо ва ғайраҳо. Гидромелиоратсия дар якҷоягӣ бо дигар тадбирҳои агротехникӣ (киштгардон, техналогияи босамари парвариши зироати хоҷагии қишлоқ) гузаронида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри инкишофи гидромелиоратсия дар мамлакат корҳои зиёдеро анҷом додааст. Вобаста ба марому мақсад мелиоратсия ба се навъи асосӣ ҷудо карда мешавад:

Якум – мелиоратсияи заминҳое, ки низоми обашон вайрон аст: обёрӣ кардани ноҳияҳои хушк, хушконидани заминҳои заҳшуда, обёрии ҷарогоҳҳо;

Дуюм – мелиоратсияи заминҳое, ки хосиятҳои физикӣ ва химиявии хокашон номусоид мебошанд: шурхокҳо, регбумҳо ва хокҳои зерхурда;

Сеюм – мелиоратсияи заминҳое, ки дучори бодлесӣ ва обшӯӣ гардидаанд [3].

Зарурати гузаронидани мелиоратсия ва навъи он дар тавсияномаи реҷаи обёрии зироатҳо дар Тоҷикистон қисми 1-2 вобаста ба ҳар ноҳия муайян карда шудааст. Барои ноҳияҳои парвариши зироати обӣ, хусусан, ноҳияҳои пахтакор, аҳамияти обёрӣ ва мелиоратсияи хокҳои шурзада калон аст. Обёрӣ (иригатсия гуфта, бо роҳи сунъӣ намнок кардани хокро меноманд. Обёрӣ ба амалиётҳои хок ва микроиқлим, афзоиши ҳосили зироат ва сифати он таъсири мусбат мерасонад. Ҳангоми обёрӣ намии шабонарузӣ, мавсимӣ ва солонаи хок ҷаббида ва хориҷкардаро мувозинати об меноманд. Таъмини амнияти озуқавории кишвар маҳз аз рушди соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирад. Ин аст, ки имрӯзҳо ҳифзи замин ва истифодаи самараноку оқилонаи он ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа мубаддал гаштааст. Моҳияти масъалаи мазкур дар он зуҳур мегардад, ки баробари пешрафти ҷомеа ҷараёни таъсири фаъолияти инсон ба замин васеъ шуда, дар заминаи

пешравии илму техника босурҳат идома меёбад ва пешрафти илму техника зарурияти истифодабарии ҳамаи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла заминро ба миён меорад.

Ҳоло вақти он расидааст, ки ҳолатҳои дигаргунсозӣ, гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ, усулҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва муомилоти байниҳамдигарии молию моддиро ба пуррагӣ тағйир дод [2]. Зеро, гузаштан аз тарзи заминистифодабарии ҷамъиятию давлатӣ ба инфиродӣ ва инфиродию кооперативӣ муносибатро ба замин ва шароитҳои истеҳсолӣ яку якбора дигар кард. Дар ҷумҳурӣ имконияти зиёд намудани майдони замини обии хуб маҳдуд, бар замми ин, тайи солҳои охир ҷараёни рушди демографӣ ва барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ ҷудо шудани майдони зиёди заминҳои обӣ боиси кам гаштани замин ба сари ҳар як сокини ҷумҳурӣ гардидааст. Агар ин тамоюл бо чунин суръат идома ёбад, пас то соли 2025 миқдори заминҳои киштшавандаи обӣ ба сари ҳар шаҳрванди кишвар то 0,08 гектар кам мешавад. Бинобар ин, барои дар сатҳи зарурӣ таъмин кардани амнияти озуқавории кишвар дурнамои азхуд намудани заминҳои нав бояд 830 - 835 ҳазор гектарро ташкил диҳад [2].

Дар шароити табиӣ барои пайдо шудани 1 см қабати ҳосилхези хок зиёда аз 300 сол лозим меояд. Аммо, инсон бо рафтори беандешаю нодурусти худ метавонад ин неъмати офаридаи табиатро дар чанд лаҳза бебозгашт барҳам диҳад. Ба ибораи дигар, имконияти пайдо шудани қабати ҳосилхези хок хеле маҳдуд ва ҷинси табиӣ ҳариб барқарорнашаванда мебошад. Тибқи дастовардҳои илмӣ, ҷиҳати ҳосилхезгардонии хок истифодаи самараноку оқилонаи чорабиниҳои агротехникию агромелиоративӣ аҳамияти калон дошта, аз ҷиҳати иқтисодӣ ниҳоят босамар мебошад. Тӯли чанд даҳсолаи охир дар кишварамон ҳазорҳо гектар заминҳои нав азхуд шуданд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст, вале таъкидан бояд гуфт, ки ин заминҳо ба гузарондани чорабиниҳои беҳдошти ҳолати мелиоративӣ эҳтиёҷи калон доранд. Бидуни амалисозии чорабиниҳои беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда самаранокӣ ва маҳсулнокии онҳо мунтазам паст шудан мегиранд. Бо дарназардошти он ки дар даҳсолаи охири замони шӯравӣ чорабиниҳои беҳдошти ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ дар сатҳи зарурӣ ва мутобиқи меъёрҳои илман асоснок гузаронда нашуда буданд, майдони заминҳои шӯршуда, дубора шӯршуда ва сатҳи обҳои зеризаминиашон баланд имрӯз хеле зиёд шудаанд. Чунки аз масофаи умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо, ки зиёда аз 14 ҳазор километрро ташкил медиҳанд, айни ҳол ҳариб 70 фисади онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд.

Чунонки натиҷаи таҳлилҳои гузарондаи мутахассисони Институти хокшиносии кишвар дар самти омӯзиши ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2015 нишон дод, таъмир ва тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, ки яке аз омилҳои асосии паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар заминҳои корами обии шӯршуда ба ҳисоб меравад, дар ин минтақа суст ба роҳ монда шудааст. Дар бештари ҳолатҳои дидашуда, заҳбурҳои кушода аз рӯйи чуқурии лоиҳавӣ тоза намешаванд ва дар бисёр маврид ҳатто яктарафа тоза карда шудаанд. Яке аз роҳҳои нест кардани намак дар заминҳои шӯршуда ин гузарондани обшӯйкунӣ ва яхобмонӣ дар фасли зимистон ва аввали баҳор мебошад. Мутаассифона, таҷрибаҳо собит намуданд, ки тайи солҳои охир обшӯйкунӣ ва яхобмонии заминҳои корами обии шӯрнок дар ягон ноҳия мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода нашудаанд. Барои гузарондани корҳои назорати сатҳи обҳои зеризаминӣ дар заминҳои шӯршуда бояд чораҳои назоратӣ дар ҳолати корӣ бошанд, вале чунин чораҳо на ҳамеша таъмир ва мавриди фаъолияти дуруст қарор доранд.

Маъданнокии обҳои зеризамини ва заҳкашу заҳбурҳои ноҳияҳои санҷидашуда дар заминҳои шӯрнок ба 1-5 г/л ва дар баъзе ноҳияҳо баъзан аз 5 г/л низ зиёд мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таркиби оби зеризаминӣ миқдори намакҳои тезҳалшаванда ва заҳрнок ниҳоят баланд аст. Шӯршавии заминҳои корами обёришаванда ҳариб дар ҳамаи ноҳияҳои назоратӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, бо сабаби нагузарондани чорабиниҳои беҳсозии ҳолати мелиоративии замин ҳар сол заминҳои корами обӣ боир шуда, аз гардиши кишоварзӣ баромада истодаанд. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҷумҳурӣ, ба ҳолати 1 январи соли ҷорӣ ин рақам 12830 гектарро ташкил медиҳад,

ки аз он 10247 га заминҳои обӣ ва 2583 га заминҳои лалмӣ мебошанд. Заминҳои пурарзиши таъиноти кишоварзӣ, бахусус заминҳои обёришаванда, бо сабаби бад гардидани ҳолати мелиоративӣ аз гардиши кишоварзӣ баромада истодаанд. Хурсандибахш аст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушду нумӯи соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Соли 2016 майдони умумии 1536 га (аз он 1498 га заминҳои обёришаванда) азхуд карда, ба гардиши кишоварзӣ ворид шуданд. Дар сурати аз худ намудани заминҳои нав андешидани чорабиниҳои агротехникӣ, аз ҷабили истифодабарии нуриҳои маъданию органикӣ дар ҳаҷми зарурӣ, кишти зироатҳои ғилофакдор, инчунин, риояи ҳатмии киштгардон мувофиқи мақсад мебошад.

Барои оқилона истифода бурдани заминҳои корам ва беҳсозии ҳолати мелиоративии онҳо доимо тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо то нуқтаи лоиҳавӣ (ҳар 5 сол), таъмири шабакаҳои обгузаронӣ, ҷӯйбору заҳбурҳо дар ҳудуди заминҳои обёришаванда дар давоми сол, обшӯйкунии асосӣ ва пешгирикунандаи заминҳои шӯр, ҷорӣ намудани заҳбурҳои биологӣ, тоза кардани заминҳои корам аз сангпораҳо, яхобмонии ҳатмии заминҳои аз намӣ таъминнабуда, риояи чорабиниҳои пешгирикунандаи агротехникӣ, гидротехникӣ ва мелиоративӣ оид ба ҳифзи заминҳо аз шусташавӣ (эрозия) манфиати зиёди иқтисодӣ дорад.

Ин системаи техникӣ, агрономӣ ва ташкили чорабиниҳое мебошад, ки барои азнавкунии шароитҳои истеҳсолии кишоварзӣ номусоид равона шудааст. Ноустувории ҳосил бо ноустувории обтаъминкунӣ дар давраҳои нашъунамоӣ вобаста аст. Дар баъзе минтақаҳо ба зироатҳои хоҷагии қишлоқ беобӣ ва дар дигарҳо бошад, намнокии зиёд таъсири марговар мерасонад. Барои ҳамин, дар замони муосир мелиоратсия (обёрикунӣ) яке аз роҳҳои баланд бардоштани устуворӣ ва ҳосилнокии кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар замини таъиноти кишоварзӣ, барои ҳосили хуб доданаш бояд хоҷагидор чорабиниҳои мелеоративӣ, агротехникӣ, агрохимиявӣ ва фитосанитарияро гузаронад. Барои бартараф кардани ин камбудиҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар ҶТ барои солҳои 2012 - 2020» аз 31 августи соли 2012, №450 қабул гаридааст.

АДАБИЁТ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 791 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025.
2. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе**: "**Андалеб Р**"**, 2015. - 396 с.
3. Правовое регулирование мелиорации земель: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Специальность 12.00.06 - земельное право; природоресурсное право; экологическое право; аграрное право / Е. С. Пышьева; науч. рук. Е. Л. Минина. -М., 2015. -31 с.- Библиогр.: с. 29 - 31. 13 ссылок.
4. Бохуров В.Н. Правовое регулирование отношений в области осушительной мелиорации (по материалам Белорусской ССР): дис. … канд. юрид. наук. Минск, 1965. 219 с.
5. Холов Б. Замин. Маҷаллаи «Ҷумҳурият». 22 марти соли 2017, № 62 (23 143). – С.1-2. ttp://jumhuriyat.tj.
6. Ғафуров А.Д., Боев М.Ф., Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишофарзӣ» Душанбе: Бухоро, 2013. – С.11-12.

РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе роҳҳои ҳалли мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ғайридавлатӣ кардани моликият ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ тағйироти ҷиддиро ба миён овард. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳуқуқи кишоварзӣ ба ислоҳоти куллӣ дучор гардида, танзими ҳуқуқӣ, объект ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқи кишоварзиро фаро гирифтааст. Базаи қонунгузорӣ, ки соҳаи алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзиро танзим мекунад, васеъ гардид ва доираҳои нави танзимкунӣ ба вуҷуд омаданд. Дар муносибат ба масъалаҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ тағйироти назаррас ба мушоҳида мерасад. Мақомоти давлатӣ аз дахолати мустақим ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии фаъолияти хоҷагии молистеҳсолкунандагон ба усулҳои иқтисодии танзим рӯ оварданд. Заминаи чунин тадбирҳои сиёсати кишоварзӣ беш аз пеш такмил ёфта, ҳамзамон бо рушди муносибатҳои бозорӣ ганӣ мегардад.

Калидвожаҳо: мушкилоти қонунгузории замин, иқтисоди бозорӣ, қонун, ҳуқуқ, равандҳои истеҳсолӣ, тадбирҳои сиёсати кишоварзӣ

ПУТИ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМ ЗЕМЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье автор рассматривает некоторые пути решения проблем земельного законодательства Республики Таджикистан. Автор отмечает, что переход к новым экономическим отношениям и установление новых форм хозяйствования, разгосударствление собственности и развитие рыночных отношений в сельском хозяйстве привели к существенным изменениям. В условиях рыночной экономики сельскохозяйственное право претерпело коренную реформу, охватив правовое регулирование, объект и предмет сельскохозяйственных отношений. Правовая база, регулирующая конкретный сектор сельскохозяйственного производства, была расширена, и появились новые нормативные базы. Существенные изменения наблюдаются в подходах к государственному регулированию аграрного сектора на национальных и региональных уровнях. От прямого вмешательства в производственные процессы и управления хозяйственной деятельностью производителей государственные органы перешли к экономическим методам регулирования. Основа для таких мер сельскохозяйственной политики будет и дальше улучшаться и обогащаться по мере развития рыночных отношений.

Ключевые слова: проблемы земельного законодательства, рыночная экономика, право, производственные процессы, меры аграрной политики.

WAYS TO SOLVE THE PROBLEMS OF LAND LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author considers some ways to solve the problems of land legislation of the Republic of Tajikistan. The author notes that the transition to new economic relations and the establishment of new forms of management, denationalization of property and the development of market relations in agriculture have led to significant changes. In a market economy, agricultural law has undergone a radical reform, covering legal regulation, the object and subject of agricultural relations. The legal framework governing a specific sector of agricultural production has been expanded and new regulatory frameworks have emerged. Significant changes are observed in the approaches to state regulation of the agricultural sector at the national and regional levels. From direct intervention in production processes and management of economic activities of manufacturers, state bodies have moved to economic methods of regulation. The basis for such agricultural policy measures will continue to improve and enrich as market relations develop.

Keywords: problems of land legislation, market economy, law, production processes, measures of agricultural policy.

Сведения об авторе*: Ашуралиева Мохдона* – магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета.

Information about the author: ***Ashuralieva Mokhdona*** - second-year master's student at the Faculty of Law of the Tajik National University

МУҚОИСАИ ҶАРАЁНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аюбӣ Мухаммадюсуф
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муштараки зиёде бо ҳам доранд. Ин ду кишвар дар баробари ҳамсоя будан, аз лиҳози фарҳангӣ, забонӣ, ҳунарӣ ва дигар муносибот бо ҳам қаробатҳои зиёде доранд. Ба эҳтимол, ин масъала боис гардидааст, то иштирокот дар ҳавзаи ҳуқуқӣ ҳам миёни ин ду кишвар кам набошад, гарчанд тафовутҳое миёни низоми ҳуқуқӣ ва қавонини ин ду кишвар вуҷуд доранд, аммо ин тафовут ва фарқиёт дар ҷузъиёт аст ва дар бештар аз маворид қавонини ин ду ҷумҳурӣ дар кулл бо ҳам монанд мебошанд. Аммо, аз лиҳози пешинаи қонунгузорӣ ва тадвини қавонин, тафовутҳои замонӣ миёни ин ду кишвар вуҷуд доранд. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар қарни XIX милодӣ дар даврони амир Шералихон – шоҳи нисбатан таҷаддудгарои Афғонистон, тадвини қавонин ба гунаи нисбатан муосир ба вуҷуд омад, гарчанд дар он замон бинобар мухолифатҳои мардум нисбат ба қонун ба қавонини нофиза дар кишвар «низомнома» мегуфтанд. Мардумони он рӯзгори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бинобар суннатӣ будан, беш аз ҳад мепиндоштанд, ки қавонини вазъӣ амре мебошад дар муқобили қавонини илоҳӣ ва ин навъи тафаккур боис мешуд, то дар муқобили ҳар қонуне, ки аз сӯйи давлат вазъ мегардид, истодагӣ намоянд ва ҳатто ин масъала имрӯз дар ҷомеаи муосир ҳам маҳсус аст ва афроди зиёде дар ин кишвар бо қавонини вазъӣ мухолифат меварзанд ва ба татбиқи қавонини илоҳӣ таъкид доранд. Тавре ки зикр гардид, нахустин бор заминаи

қонунгузорӣ дар Афғонистон дар замони амир Шералихон ба вуҷуд омад, аммо ин фароянд дар он замон танҳо оғози кор буд. Бо шаклгирии таҳаввулот дар сатҳи ҷаҳон ва расидани ин таҳаввулот ба наҳве ба Афғонистон, тадриҷан бо тағйири низоми шоҳии мутлақа ба низоми шоҳии машрута заминаи вазъи қавонин бехтар гардид ва нахустин бор дар Афғонистон дар замон амир Амонуллоҳхон дар авоили қарни XX Афғонистон дорои Қонуни асосӣ шуд ва нахустин Қонуни асосии ин кишвар дар соли 1303 дар Кобул тайи як Луи Ҷирга тасвиб гардид. Ин раванд баъд аз он замон бо шитоби бештар дар ҳаракат шуд ва ба идомаи фаъолияти Амонуллоҳхон дар ин арса ҳукуматҳои баъд аз ӯ ҳар кадом гоме дар ин замина гузоштанд ва қонун ва ё ҳам қавонинеро ба тасвиб расониданд. Гарчанд ки Қонуни асосии ин кишвар бо тағйирот дар роҳбарӣ тағйир ва ё ҳам дучори таъдил мегардид, аммо соир қавонин чандон осеб намедиданд. Ба ин маъно, ки қавонини фаръӣ камтар дар ҷое мулаггӣ мешуданд ва то кунун ҳам даҳҳо қонуни нофиза дар ин кишвар аз даврони шоҳианд. Аммо бо ташкили низоми навин дар Афғонистон ва омадани ҷомеаи ҷаҳонӣ ва суқути низоми «Толибон» аз ин кишвар як бори дигар Қонуни асосии Афғонистон дучори тағйирот гардид ва Қонуни асосии даврони шоҳӣ бо як силсила таъдилот тасвиб ва нофиз гардид. Аммо фароянди қонунгузорӣ аз лиҳози замонӣ миёни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва то Тоҷикистон тафовут дорад, ба ин маъно ки Тоҷикистон баъдтар аз Афғонистон соҳибистиқлол шуд. Ин масъала эҳтимолан бузургтарин тафовуте мебошад, ки аз лиҳози фароянди қонунгузорӣ миёни қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Баҳсу мунозира дар миёни ҳуқуқдонон ва коршиносони масоили ҳуқуқӣ оид ба ин, ки низоми ҳуқуқии Афғонистон мубтанӣ ва маншаъгирифта аз чӣ ва ё кадом мактабҳои ҳуқуқии шинохташуда дар сатҳи ҷаҳонӣ аст, ҳатто то имрӯз ки ин пажӯҳиши ҳуқуқӣ ба риштаи таҳрир дармеояд, як мавзӯи ниҳоят баҳсбарангез ва мавриди мубоҳиса маҳсуб меёбад. Ин дар ҳолест, ки теъдоди зиёде аз ҳуқуқдонони Афғонистон солиёни зиёде бар ин бовар буданд, ки низоми ҳуқуқии ин кишвар низоми мухталите аз романӣ-германӣ, ҳуқуқи ислом, урфу одот ва доктринаи ҳуқуқдонон будааст, ки ҳатто боз ҳам дар миёни афроде, ки бо ин дидгоҳ ба истидлол мепардозанд ва бовар доранд, ки Афғонистон дорои як низоми мухталити ҳуқуқӣ аст, ба мушкил метавон иттифоқи назар ва ҳамраъйиро дид. Чун ҳар кадомашан ба наҳве фикр мекунанд, ки мизони таъсир ва нуфузи манобеи чаҳоргона (қавонини вазъӣ, ҳуқуқи ислом, урфу одат ва равияи қазоӣ) илҳомбахши низоми ҳуқуқии Афғонистон назар ба шароити ҳар асру замон мутафовит аз ҳам буда, дар айни ҳол ҷойгоҳ ва нақши ин манобеи чаҳоргона то ҳудуде аз лиҳози илмӣ ва ҳуқуқӣ таърифношуда ва муғлақ ба назар мерасанд. Бо таваҷҷуҳ ба раванди таҳаввулоте, ки дар ҷараёни солҳои пасин дар Афғонистон иттифоқ афтодааст ва бо иттико ба пажӯҳишҳо ва таҳқиқоти илмии парокандае, ки сурат гирифта ва дар айни ҳол бо огоҳӣ аз таҳаввулоти густардае, ки дар низоми ҳуқуқии ин кишвар мутаоқиби Конфронси Бонн ба вуқӯъ пайвастааст, метавон мабно ва асоси низоми ҳуқуқии феълии Афғонистонро ба гунаи зер дастабандӣ намуд:

- қавонини шаръӣ (ҳуқуқи исломӣ);
- қавонини расмӣ (қавонини мавзӯа);
- Қонуни асосии соли 1964;
- Қонуни асосии соли 2004;
- қавонини одӣ ва мавзӯа, кодексҳо, қавонини ихтисосӣ ва соир муқаррарот;
- Конвенсияҳои байналмилалӣ, созишномаҳо, мувофиқатномаҳои дуҷониба ва чандҷониба, тавофуқот, паймонҳо ва қарордодҳо;
- ҳуқуқи таомулӣ ва урфу одатҳо.

Дар ҳар кишвар қонунгузорӣ ё вазъи қонун раванди хосе дорад. Дар Афғонистон низ қонунгузорӣ раванди тӯлонӣ мебошад ва қонун маҳсуле мебошад, ки бояд бо гузариш аз мароҳили шашгонаи тасвид, тадқиқ, таъйид, тасвибу тавшеҳ ва билохира нашр дар ҷаридаи расмӣ, аз тарҳи қонунӣ ба қонуни нофиз табдил мешавад. Ҳар як аз қувваҳои сегона метавонад бо пешниҳоди як тарҳи қонунӣ раванди қонунгузориро оғоз намояд, ҳарчанд ташрифоти тарҳи қонун ва тайи мароҳили он барои ҳар се қувва яксон нест.

Дар тамоми мароҳили қонунгузорӣ мушкилоти зиёд вуҷуд доранд ва ниҳоди масъули ҳар марҳала ба далели зарфияти поин аз уҳдаи кори худ ба хубӣ бар намеояд. Ниҳоди оғозгари тасвиди қонун маъмулан аз зарфияти лозим ҷиҳати тадвини як мусаввадаи хуб

бархӯрдор нест. Аз ин рӯ, бори аслӣ ба дӯши раёсати тақнинии Вазорати адлия мемонад. Марҳалаи тадқиқ низ ба далели заъфи зарфият ва кундии корҳо ризоятбахш нест. Дар марҳалаи тасвиб низ тасвиби сареи як қонуни хуб вақиҳаи ҳиммати намояндагон ё дар тавони онҳо намебошад. Дар марҳалаи тавшеҳ ҳам раиси ҷумҳур ба ҷойи ҳамкории бамавқеъ бо парлумон, аз тавшеҳи қонун худдорӣ менамояд.

Асноди тақнинӣ силсиламаротиб доранд. Тасвиб ё лағву ислоҳи мартабаи болотар душвортар аз мартабаи поин аст ва ташрифоти бештар дорад. Мавриди зикр аст, ки мартабаи поин набояд бо мартабаи болотар аз худ мухолиф бошад. Силсиламаротиби асноди тақнинӣ ба сурати зайл мебошад:

1. Қонуни асосӣ, ки тавассути Луи Ҷирга бо ташрифоти хос тасвиб мешавад, болотарин қонун дар кишвар аст ва соир асноди тақнинӣ масали қавонини одӣ, фармонҳои тақнинӣ, муқаррарот ва ғайра набояд бо Қонуни асосӣ мухолиф бошад.
2. Қонуни одӣ, ки тавассути Шӯрои миллӣ тасвиб мешавад, дар рутбаи баъд аз Қонуни асосӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, муқаррароти он набояд бо муқаррароти Қонуни асосӣ мухолиф бошад. Вале муқаррароти дигар асноди тақнинӣ, ки дар рутбаи поинтар қарор доранд, набояд бо муқаррароти қонун мухолиф бошанд. Фармонҳои тақнинӣ дар ҳукми қонун мебошанд, ҳарчанд манбаи тасвибкунандаи онҳо Шӯрои миллӣ нест, балки Шӯрои вазирон мебошад. Аз ин рӯ, то замоне ки тавассути Шӯрои вазирон лағв нашаванд, ба қувват ва эътибори қонунии худ боқӣ мемонанд. Муқаррарот ва асоснома, ки тавассути Шӯрои вазирон тасвиб мешаванд ва набояд мухолифи Қонуни асосӣ ва қавонини одӣ бошад [1, с. 34]. Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи асли якуми Қонуни асосии ин кишвар, давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва воҳид мебошад. Дар ин бахш аз ин рисола зимни таҳқиқ ва таҳлили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафкики қувваҳо дар ин кишвар низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Моддаи 1 Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар кардааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Бинобар ин, тибқи муқаррароти Қонуни асосӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, як давлати секулярӣ мебошад, аммо дар ҳоли ҳозир нигариши давлат нисбат ба мазҳаб, дар қиёс бо даврони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, мусомеҳагароёнатар шудааст. Дини ғолиб дар ин кишвар ислом ва аглаб мардуми ин кишвар аҳли тасаннун ҳастанд [2, с. 45]. Дар ҳоли ҳозир низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубтанӣ бар усул ва ниҳодҳое мебошад, ки реша дар низоми ҳуқуқии римӣ-германӣ доранд. Илова бар ин, низоми ҳуқуқии феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунон бархе аз ниҳодҳо ва ҳинҷорҳои низоми ҳуқуқии сотсиалистии суннатиро ҳифз кардааст. Дар раъси силсиламаротиби манобеи ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни асосии ин кишвар қарор дорад. Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ба тасвиб расида, 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 ба василаи раъйпурсӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Ислоҳоти соли 1999 ба аъмоли ду тағйири асосӣ дар ин қонун мунҷар шуд:

1. эҷоди як парлумони ҷадиди муташаккил аз ду маҷлис (bi-cameral);
2. тамдиди давраи раёсати Президент аз 5 сол ба 7 сол.

Қонуни асосии ҷадиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ, таъмини ҳуқуқи башар ва тазминоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар ин ҷумҳурӣ изъон дорад. Қонуни асосии Тоҷикистон аз болотарин қудрати иҷроӣ бархӯрдор аст ва муқаррароти он ба таври мустақим қобил иҷро мебошанд. Давлат ва ҳамаи созмонҳои вобаста ба он, мақомот, шаҳрвандон ва анҷуманҳо ё ҷамъиятҳои онон мулзам ба риоя ва иҷрои муқаррароти Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низ соир қавонини ин ҷумҳурӣ ҳастанд. Мутобиқи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба иқдомоти қонунӣ ва ҳинҷорӣ» мусавваби соли 2003, қонунгузорӣ дар ин кишвар танҳо ба ду тариқ мумкин аст:

1. тасвиби қавонин ба василаи қувваи муқаннана;
2. аз тариқи раъйпурсӣ.

Ба монанди аксари кишварҳо дар Қонуни асосии Тоҷикистон низ қувваҳо ба се шоха – қувваи муқаннана, қувваи муҷрия ва қувваи қазоия тақсим мешаванд [3, с. 37].

Болотарин намоянда ва ҳайати қонунгузорӣ дар кишвари Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Намояндагони Маҷлиси Олӣ барои давраи 5-сола интихоб мешаванд ва ин маҷлис шомили ду маҷлиси дигар аст: 1) Маҷлиси миллӣ; 2)

Маҷлиси намояндагон. Ҷаласоти Маҷлиси Олӣ ҳадди ақал ду бор дар як сол баргузор мешаванд. Маҷлиси намояндагон 63 аъзо дорад ва маҷлиси миллӣ дорои 33 аъзо мебошад. Ҳар кадом аз ин ду маҷлис дорои ихтиёроти хос дар ҳавзаи қонунгузорӣ ё азлу насби мақомоти давлатӣ ҳастанд. Аҳкому дастуруламалҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ аҳкому дастуруламалҳои Ҳукумат ва дигар ҳайатҳои иҷроӣ, қавонини мақомоти маҳаллӣ, қавонин ва муқаррароти созмонҳо низ аз дигар қавонини мавҷуд дар ин кишвар мебошанд.

Ҳамчунин, муқаррароту қавонини байналмилалӣ, ки ба василаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият шинохта шудаанд, бахше аз низоми ҳуқуқии ин кишвар мебошанд. Дар сурати таоруз миёни қавонини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қавонини байналмилалии мазкур, қавонини байналмилалӣ авлавият доранд. Эъмол ва иҷрои адолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тавассути додгоҳҳо мумкин аст. Низоми қазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муташаккил аз Суди конституцсионӣ, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи ҳарбӣ, Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, додгоҳи шаҳри Душанбе, додгоҳҳои вилоят, ноҳия, шаҳристон ва шаҳракҳо мешавад. Моддаи 17 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар кардааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқ озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» [4]. Инчунин, моддаи 19 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар кардааст: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад» [4].

Фароянди шаклгирии қавонин ва қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози замонӣ бо ҳам тафовут доранд, яъне ин фароянд, тавре ки қаблан зикр шуд, дар Афғонистон пештар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Аммо аз лиҳози сохтор ва маводи қавонини асосӣ ва фаръӣ ин ду кишвар бо ҳам шабоҳатҳои зиёде доранд. Қавонини ҳарду кишвар аз сохтор ва муҳтавои қавонини аврупоӣ таъсирпазиранд ва то ҳадде ба табъи қавонини он кишварҳо мудавван гардидаанд.

АДАБИЁТ

1. Асосномаи нофизи Институти умури қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ // Ҷаридаи расмии Вазорати адлияи Афғонистон. -№ 942. – 1386/4/20. – С.34.
2. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастарасӣ: https://www.adliya.tj/tj/constitution
3. Кӯлобӣ, Илоҳа. Сиёсат ва ҳукумат дар Осиёи Марказӣ. – Техрон: Созмони мутолиот ва тадвини улуми инсонӣ, 1376. – С.45.
4. Мунтазамӣ, Рӯъё. Тоҷикистон. – Техрон: Дафтари масоилоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1374. – С.37.
5. Пешинаи коркарди маҷолиси дунё, фароянди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дафтари сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1375.

Сайри тадвинии Қонуни асосӣ дар Афғонистон // Солномаи Қонуни асосӣ. – Кобул: Саид, 1369. – Ҷ.1.

МУҚОИСАИ ҶАРАЁНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла қайд шудааст, ки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муштараки зиёде бо ҳам доранд. Ин ду кишвар дар баробари ҳамсоя будан, аз лиҳози фарҳангӣ, забонӣ, ҳунарӣ ва дигар муносибот бо ҳам қаробатҳои зиёде доранд. Ба эҳтимол, ин масъала боис гардидааст, то иштирокот дар ҳавзаи ҳуқуқӣ ҳам миёни ин ду кишвар кам набошад, гарчанд тафовутҳое миёни низоми ҳуқуқӣ ва қавонини ин ду кишвар вуҷуд доранд, аммо ин тафовут ва фарқиёт дар ҷузъиёт аст ва дар бештар аз маворид қавонини ин ду ҷумҳурӣ дар кулл бо ҳам монанд мебошанд. Аммо, аз лиҳози пешинаи қонунгузорӣ ва тадвини қавонин, тафовутҳои замонӣ миёни ин ду кишвар вуҷуд доранд. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки қавонини ҳарду кишвар аз сохтор ва муҳтавои қавонини аврупоӣ таъсирпазиранд ва то ҳадде ба табъи қавонини он кишварҳо мудавван гардидаанд.

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқии римӣ-германӣ, қонун, суд.

СРАВНЕНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ АФГАНИСТАН И РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор сравнивает законодательный процесс Исламской Республики Афганистан и Республики Таджикистан. В частности, было отмечено, что Исламскую Республику Афганистан и Республику Таджикистан связывают много общих отношений. Две страны являются близкими соседями и имеют тесные культурные, языковые, художественные и другие связи. Вероятно, это привело к значительному росту взаимоотношений в правовом поле между двумя странами, хотя есть незначительные различия между правовыми системами и законами двух стран, но эти различия заключаются в деталях и в большинстве случаев в законах двух стран. Различие правовых систем этих двух стран в основном заключается в временном промежутке. Автор также отмечает, что источником законадательной системы Исламской Республики Афганистан и Республики Таджикистан является европейская система права.

Ключевые слова: законодательство, римско-германская правовая система, право, суд.

COMPARISON OF THE LEGISLATIVE PROCESS IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author compares the legislative process of the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan are linked by many common relations. The two countries are close neighbors and have close cultural, linguistic, artistic and other ties. This probably led to a significant increase in the relationship in the legal field between the two countries, although there are minor differences between the legal systems and laws of the two countries, but these differences lie in the details and, in most cases, in the laws of the two countries. The difference between the legal systems of these two countries mainly lies in the time interval.

The author also notes that the source of the legal system of the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan is the European system of law.

Keywords: legislation, Roman-Germanic legal system, law, court.

Сведения об авторе: Мухаммадюсуф Аюби – магистр юридического факультета, Таджикский национальный университет

Information about the author: Muhammadyusuf Ayubi – graduated student of Faculty of Law, Tajik National University

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШУРОИ ВИЛОЯТӢ ВА ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ АФҒОНИСТОН

Баҳиҷ Ғулом Форуқ, Ҳайдари Навруз Муҳаммад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мувофиқи моддаи яксаду сивуҳаштуми Конституцсия қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар ҳар як вилояти ҷумҳурии исломии Афғонистон шӯрои вилояти ташкил карда мешавад. Тибқи қонуни асосии кишвар аъзоёни (вакилони) Шӯрои вилоятро истиқоматкунандагон, яъне сокинони вилояти мазкур дар асоси интихоботи умумӣ, баробар, озод, мустақим (бевосита аз ҷониби шаҳрвандони вилояти мазкур) ва пинҳонӣ (махфӣ) ба муҳлатӣ чаҳор сол интихоб мекунанд. Шӯрои вилоятӣ бо ҳадафҳои (мақсади) рушди ҳукумат ва беҳбудии корҳои вилоят, ки дар қонунҳои кишвар муқаррар гардида ва танзим шудааст саҳм мегирад ва дар масоили марбут ба вилоят маслиҳат медиҳад. Шӯрои вилоятӣ вазифаҳои худро дар ҳамкорӣ бо маъмуриятӣ маҳаллӣ иҷро мекунад. Аз замони суқути Толибон ва қабули конституцсияи Афғонистон се интихоботи шӯрои музофоти баргузор шуданд. Давраи аввал солҳои 2005- 2009, давраи дуюм 2009- 2013 ва давраи сеюм 2014. Шумораи аъзои Шӯрои вилоятӣ аз рӯи шумораи аҳолӣ ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад: вилоятҳое, ки шумораи аҳолиашон камтар аз панҷсад ҳазор нафар аст, 9 аъзо (вакил) вилоятҳое, ки аз паҷсад ҳазор то якмиллион аҳолӣ дорад 15 аъзо (вакил), вилоятҳое, ки аз як то 2 миллион аҳоли доранд 19 аъзо (вакил), вилоятҳое, ки аз ду то се миллион аҳолӣ доранд 23 аъзо (вакил) ва вилоятҳое, ки зиёда аз се милион аҳолӣ доранд 29 аъзо (вакил) доранд.

Сарраёсати баруйхатгирии маркази аҳолии расмӣ ё рақамҳои тахминии аҳолии ҳар як музофотро ҳадди ақал 90 рӯз пеш аз интихобот омода карда, ба Комиссияи мустақили интихобот дастрас мекунад. Ҳизбҳои сиёсие, ки номзадҳои худро ба интихоботи Шӯрои вилоятӣ пешбарӣ кардаанд вазифадоранд, ки аз номи ҳизб дар интихоботи шӯрои вилоятӣ

баромад намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд то сад фоизи (пурра) ҷойҳои дар вилоят ҷойдоштаро пешбари ва ишғол намоянд. Номзадҳое, ки ба аъзогии (вакилии) шӯрои вилояти пешбари мешаванд вазифадоранд, ки ҳаққи аъзогиро пардохт намоянд. Номзадҳои шӯрои вилоятӣ наметавоанад ба амалҳои зерин муроҷиат намояд:

1) пайравӣ кардани ҳадафҳое, ки хилофи усулҳои дини мубини ислом мебошад;
2) истифодаи қувва таҳдид ё таблиғ бо истифодаи зӯрӣ;
3) ҳавасмандгардонии ҳассосият ва табъизи этникӣ, забонӣ, минтақавӣ ва динӣ;
4) эҷоди таҳдиди воқеӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ё вайрон кардани қасдан ба тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ;
5) доштан ва шомил шудан ба қувваҳои мусаллаҳи ғайрирасмӣ;
6) гирифтани маблағҳои молиявӣ аз манбаъҳои хориҷӣ
7) Гирифтани маблағҳои молиявӣ аз манъбаҳои ғайриқонунии дохилӣ.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ номзадҳои шӯрои вилоят бояд дар музофоте зиндагӣ кунанд, ки мехоҳанд аз он намояндагӣ кунанд. Номзадҳо ба маҷлиси намонядагон, инчунин метавонанд ба шӯрои вилоятии дахлдор номзад шаванд, аммо наметавонанд дар як вақт аъзои палатаи намояндагон ва шӯрои вилоятӣ бошанд. Тибқи муқаррарот номзадҳое, ки аксарияти овозҳоро ба даст овардаанд ба шӯрои вилоятӣ интихоб карда мешаванд. Дар ҳар як шӯрои вилоятӣ, ки аксарияти овозҳоро ба даст овардааст, ду нафар зан интихоб мешавад. Ҷойҳои боқимонда ба номзадҳое дода мешавад, ки сарфи назар аз ҷинс овозҳои аз ҳама бештарро мегиранд. Агар номзад дар мӯҳлати кор Шӯрои вилоятӣ курсиашро пур карда натавонад ё бо ягон сабаб курсиро тарк намояд, курсии ӯ ба номзади навбатӣ бо шумори овозҳои ҳамҷинс (мард ва зан) дар мӯҳлати боқимонда дода мешавад.

Шӯрои вилоят ба ҳайси як мақоми интихоботӣ бо мақсади ташкили сохторе амал мекунад, ки иштирок ва иштироки мардум ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро бо шӯъбаҳои ҳукуматӣ дар сатҳи вилоят таъмин менамояд ва ба маъмурияти вилоятҳо дар масъалаҳои марбута машварат медиҳад. Узви шӯрои вилояти сокинони минтақаро дар иҷрои вазифаҳои худ муаррифӣ мекунад, манфиатҳои олии Афғонисторо ба назар мегирад, ростқавлӣ, эътимоднокӣ, ва беғаразиро қадр мекунад худро дар назди халқ масъул медонад ва ба ақидаи аъзои дигари шӯро эҳтиром мегузорад. Узви шӯрои вилоятӣ бидуни табъиз ва аз рӯи қавмият, дин, эътиқод, забон, ҷинс ё маъюбӣ рафтори худро ба танзим медарорад, тибқи қонун амал мекунад ва мувофиқи эътимоди мардум ба ӯ амал мекунад. Ҳокимияти маҳалли низ дар Ҷумҳурии Афғонситон дар асоси Конституцсияи кишвар, қонунҳои амалкунанда таъсис меёбад, ки ҳокимияти иҷроияро амали менамояд. Мавриди зикр аст, ки вазифаҳо, масъулиятхои ҳокимон ва ҳокимияти иҷроия дар қонун «Дар бораи маъмурияти маҳаллӣ» муайян гардидаанд. Таззаккур бояд сохт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳокимияти маҳалли амал мекунад, ки дар қиёс бо ҳокимияти маҳаллии Ҷумҳурии Афғонистон вазъи конституцсионӣ ва салоҳияти муайяни худро дорад. Масъалаи ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст.

Қонуни Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар фарқият аз санадҳои пешини қонунгузорӣ меъёрҳои конституцсиониро оид ба масъалаҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ саҳеҳтар намуда, ҷузъҳои таркибӣ ва сохтори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дақиқ муайян намудааст. Моддаи 3 Қонуни Конституцсионӣ муқаррар мекунад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд. Дар амалисозии ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо сохторҳои мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки онҳоро дар асоси Қонуни Конституцсионии зикршуда ба ду гуруҳ: а) сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия; б) сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии

ҳокимияти иҷроия, ҷудо намудан мумкин аст. Ҳамин тариқ, Шӯрои вилоятӣ ва ҳокимияти маҳалли дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар асоси қонуни асосии кишвар ва дигар санадҳои ҳуқуқи ташкил ёфта барои амали намудани ҳокимият дар воҳидҳои марзию маъмурии он тибқи қонунҳои ҷории амалкунанда салоҳиятҳои ҳокимиятиро доро мебошанд.

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ШУРОИ ВИЛОЯТӢ ВА ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ АФҒОНИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи вазъи ҳуқуқи конституцсионии шурои вилоятӣ ва ҳокимияти маҳаллии Ҷумҳурии Афғонистон меравад. Шурои вилоятӣ ва ҳокимияти маҳалли дар Ҷумҳурии Афғонистон дар асоси қонуни асосии кишвар ташкилёфта дори салоҳиятҳои муайян мебошад. Шӯрои вилоятӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар асоси қонуни асосии кишвар ва дигар санадҳои ҳуқуқи ташкил ёфта, барои амали намудани ҳокимият дар воҳидҳои марзию маъмурии он тибқи қонунҳои ҷории амалкунанда салоҳиятҳои ҳокимиятиро доро мебошанд.

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ шурои вилоятӣ, ҳокимияти маҳаллӣ, салоҳият, ташкил, фаъолият.

КОНСТИТУЦИОННЫЙ ЗАКОН РЕГИОНАЛЬНОГО СОВЕТА И МЕСТНОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ АФГАНИСТАН

В данной статье говорится о конституционно правовом статусе совета областей и местной власти в Республике Афганистан. Совет областей и местных властей в Республике Афганистан образуются на основе основного закона Республики Афганистан и обладают определенными полномочиями. Региональный совет и местные органы власти в Исламской Республике Афганистан формируются на основе конституции страны и других правовых актов и обладают полномочиями осуществлять власть в своих территориальных и административных единицах в соответствии с действующим законодательством.

Ключевые слова: законодательство, совет области, местный власть, полномочья, организация, деятельность.

CONSTITUTIONAL LAW OF THE REGIONAL COUNCIL AND LOCAL GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF AFGHANISTAN

This article refers to the constitutional legal status of the regional council and local authorities in the Republic of Afghanistan. The regional council and local authorities in the Republic of Afghanistan are formed on the basis of the basic law of Afghanistan and have certain powers. The Regional Council and local authorities in the Islamic Republic of Afghanistan are formed on the basis of the country's Constitution and other legal acts and have the authority to exercise power in their territorial and administrative units in accordance with the current legislation.

Keywords: legislation, regional council, local authority, powers, organization, activity.

Сведения об авторах: ***Бахич Гулом Форук*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета.
Хайдари Навруз Мухаммад **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета.

Information about the authors: ***Bahich Gulom Foruk*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University.
Haidari Navruz Muhammad – a second-year master's student at the Faculty of Law of the Tajik National University.

НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ ҲАМСАРОН

Беков А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қонунгузории оилавӣ бавуҷудоии натанҳо муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ҳамчунин муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро бо қайди давлатии ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ алоқаманд менамояд, ки мутобиқ ба он муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар фарқият аз муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба манфиати оила ва ҳамсарон ба таври муфассал ва пурра бо қонун-гузории оилавӣ ба танзим дароварда шудааст. Танҳо қисмати ками муносибатҳои молумулкии ҳамсарон, ки хислати сирф иҷтимоӣ дошта, танзими ҳуқуқии мушаххаси худро талаб наменамоянд, берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд.

Муносибатҳои молумулкие, ки байни ҳамсарон пайдо гардида, бо меъёрҳои ҳуқуқи

оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд, ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мегарданд:

а) муносибатҳои марбут ба молу мулки ҳамсарон (молу мулке, ки дар давраи ҳамзистии якҷоя ба даст оварда шудааст);

б) муносибатҳои марбут ба таъминоти моддии ҳамсарон (уҳдадории алиментӣ).

Меъёрҳои ҳуқуқи оилавии батанзимдарорандаи муносибатҳои молумулкии ҳамсарон таҳаввулоти куллӣ ва назаррасро паси сар намуда, дар фарқият аз муқаррароти қонунгузории қаблӣ оид ба оила ба ҳамсарон имконияти мустақилона ҳал намудани тақдири ҳуқуқи молу мулкро муқаррар менамояд. Вобаста ба ин, моҳияти ҳуқуқи молумулкии ҳамсарон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба ҷумлаи ҳуқуқи позитивӣ шомил гардида, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, таҳти танзими меъёрҳои ахлоқӣ қарор гирифта наметавонанд.

Яъне, ҳамсарон метавонанд муносибатҳои молумулкии худро озодона, дар доираи муқаррароти қонунгузории амалкунанда чи дар асоси шартнома (созишнома) ва чи дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян намуда, ба танзим дароранд. Бо дарназардошти ин, Л.Б. Максимович ду намуди асосии низоми ҳуқуқии молумулки ҳамсарон: низоми қонунӣ ва шартномавии молу мулки ҳамсаронро фарқ менамояд [1 саҳ 112]. Аз нуқтаи назари ӯ, зери мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон тартибе фаҳмида мешавад, ки бевосита бо муқаррароти қонунгузории оилавӣ пешбинӣ гардида, ҳангоми ҷой надоштани созишнома (аҳдномаи никоҳ) татбиқ карда мешавад. Дар низоми шартномавии батанзимдарории муносибатҳои молу мулкии ҳамсарон муносибатҳое, ки байни ҳамсарон оид ба молу мулк пайдо мегарданд, аз ҷониби онҳо дар асоси изҳори иродаи тарафайн, бо роҳи бастани шартнома ба танзим дароварда мешавад.

Барои ба ду гурӯҳ тасниф гардидани низоми ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон он чиз асос мегардад, ки қонунгузории оилавӣ ҳолатҳои алоҳидаву мушаххаси татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳолатҳои алоҳидаву мушаххаси татбиқи муқаррароти шартномаро пешбинӣ менамояд. Масалан, дар мавриди тақсимоти молу мулки умумии якҷояи ҳамсарон муқаррароти қонунгузории оилавӣ татбиқ карда мешавад, агар дар ин хусус байни ҳамсарон созишнома дар бораи тақсимоти молу мулки якҷоя вуҷуд надошта бошад. Дар ин масъала Ҳ.Н. Ҳиматов ба ҳам мутобиқат накардани боби 7 КО ҶТ «Ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон» ва боби 8 КО ҶТ «Аҳдномаи никоҳ»-ро зикр карда, дар асоси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ба ҳам мутобиқ намудани онҳоро пешниҳод менамояд. Аз нуқтаи назари ӯ, ба «Низоми қонунии молу мулки ҳамсарон» иваз намудани номи боби 7 КО ҶТ боиси дастгири буда, мутобиқати онҳоро (боби 7, 8 КО ҶТ) таъмин менамояд. Ҳ.Н. Ҳиматов ҳамчунин пешниҳод менамояд, ки дар баробари иваз намудани номи боби 7 КО ҶТ дар он мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон дода шавад [4].

Л.М. Пчелинсева бар он ақида аст, ки дар давоми ҳамзистии якҷоя ба ҳамсарон метавонад ҳам молу мулки умумии якҷоя ва ҳам молу мулки шахсии ҳар яке аз онҳо тааллуқ дошта бошад [3;688]. Аксар муҳаққиқон ҳангоми муайян намудани мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон такяи асосиро ба муқаррароти қонунгузории оилавӣ намуда, онро ҳамчун низоми молу мулки муштараки ҳамсарон муайян менамоянд. Дар баробари ин, онҳо зикр менамоянд, ки низоми қонунии молу мулки ҳамсарон дар мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар дар байни ҳамсарон оид ба молу мулки муштарак созишнома ҷой надошта бошад. Бояд иброз дошт, ки молу мулке молу мулки муштараки ҳамсарон шуморида мешавад, ки дар давраи ҳамзистии якҷоя ва пешбурди хоҷагии умумӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба даст оварда шудааст. Хусусияти муҳимми молу мулки муштараки ҳамсарон дар он зоҳир мегардад, ки дар он ҳиссаи тарафҳо пешакӣ маълум нест. Дар нисбати мафҳуми низоми қонунии молумулки ҳамсарон мо мафҳуми пешниҳоднамудаи мутахассисон М.А. Маҳмудзода ва Б.Т. Худоёрзодаро ҷонибдорӣ менамоем, ки чунин иброз доштаанд: «Низоми қонунии молу мулки ҳамсарон гуфта, низоми молу мулки умумии якҷоя ва шахсии ҳамсаронро меноманд, ки тибқи қонунгузории оилавӣ муқаррар гардида, ҳангоми мавҷуд набудани аҳдномаи никоҳ татбиқ гардида, тақдири ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро муайян менамояд» [2].

Падидаи низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дар қонунгузории оилавӣ мафҳуми нав буда, ба ҳамсарон ҳуқуқи озодона муқаррар намудани тартиби ихтиёрдорӣ ва

ҳал кардани тақдири ҳуқуқии молу мулки оилавиро медиҳад. Ба таври дигар, низоми мазкур ба ҳамсарон имкон медиҳад, ки мазмуни муносибатҳои молу мулкии худро дар доираи созишнома озодона муайян намуда, ҳуқуқу ҳуҳадориҳои ҳамдигариро муқаррар намоянд. Бо ин мақсад, онҳо метавонанд байни худ созишнома оид ба тақсими молу мулки муштарак, созишнома оид ба таъминоти моддии ҳамдигар, аҳдномаи никоҳ ва созишномаҳои дигари бо қонунгузории амалкунанда муқарраргардидаро банданд.

Дар вобастагӣ ба ҳолатҳои гуфташуда, низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон гуфта, низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро меноманд, ки дар асоси хоҳиш ва иродаи тарафҳо бо мақсади муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулки оилавӣ ва ихтиёрдорӣ намудани он муқаррар карда шуда, метавонад ҳам молу мулки умумии якҷоя ва ҳам молу мулки шахсии ҳамсаронро фаро гирад ва ҳуқуқу ҳуҳадориҳои ҳамсаронро дар нисбати ин молу мулк муқаррар намояд.

АДАБИЁТ:

1. Максимович Л.Б. Брачный договор (контракт): правовые режимы имущества супругов. – Москва, 2005. 112с.
2. Маҳкам Маҳмудзода, Бахтиёр Худоёрзода. Ҳуқуқи оилавии ҶТ. Китоби дарсӣ. –Душанбе-2015.
3. Пчелинсева Л.М. Семейное право России: Учебник для вузов. — 3-е изд., перераб. и доп. — М.: Норма, 2004. - 688 с.
4. Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов: по материалам Республики Таджикистан // авторе. диссер.12.00.03, кандидат юридических наук. 2008.

НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ ҲАМСАРОН

Дар мақолаи мазкур аз ҷиҳати танзими қонунгузорӣ ва фаҳмиши назариявӣ низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд зикр кард, ки меъёрҳои ҳуқуқи оилавии батанзимдарорандаи муносибатҳои молумулкии ҳамсарон таҳаввулоти куллӣ ва назаррасро паси сар намуда, дар фарқият аз муқаррароти қонунгузории қаблӣ оид ба оила ба ҳамсарон имконияти мустақилона ҳал намудани тақдири ҳуқуқи молу мулкро муқаррар менамояд. Вобаста ба ин, моҳияти ҳуқуқи молумулкии ҳамсарон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба ҷумлаи ҳуқуқи позитивӣ шомил гардида, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, таҳти танзими меъёрҳои ахлоқӣ қарор гирифта наметавонанд.

Калидвожаҳо: моликияти муштарак, аҳдномаи никоҳ, низоми қонунии молу мулки ҳамсарон, низоми шартномаии молу мулки ҳамсарон

ПРАВОВАЯ СИСТЕМА СОБСТВЕННОСТЬ СУПРУГОВ

В статье анализируется правовая система собственности супругов с точки зрения правового регулирования и теоретического понимания. Следует отметить, что нормы семейного права, регулирующие имущественные отношения супругов, претерпели радикальные изменения и, в отличие от положений предыдущего семейного права, позволяют супругам самостоятельно решать судьбу имущественных прав. В связи с этим сущность имущественных прав супругов отражается в том, что они включены в перечень положительных прав, регулируются законом и не могут регулироваться нормами морали.

Ключевые слова: совместная собственность, брачный договор, правовая система собственности супругов, договорная система собственности супругов

LEGAL SYSTEM PROPERTY OF THE SPOUSES

This article analyzes the legal system of property of spouses in terms of legal regulation and theoretical understanding. It should be noted that the norms of family law governing the property relations of spouses have undergone a radical change and, in contrast to the provisions of the previous family law, allow spouses to independently decide the fate of property rights. In this regard, the essence of the property rights of spouses is reflected in the fact that they are included in the list of positive rights, are regulated by law and cannot be regulated by moral norms.

Keywords: joint property, marriage contract, legal system of property of spouses, contractual system of property of spouses

Сведения об авторе: ***Беков Абдурасул Абдурахимович*** - магистр 2-го курса очного отделения специальность 24010218 юридического факультета Таджикский национальный университет 735000 г. Душанбе, ул. Н.Қарабоев, тел: 901-30-31-32 E-mail: abdurasul.bekov@nmuosir.tj

Information about the author: ***Bekov Abdurasul Abdurahimovich*** - Master of the 2-nd year of the Full-time Department of specialty 24010218 of the Law Faculty of the Tajik National University 735000 Dushanbe, ul. N.Qaraboev, tel: 901-30-31-32, , E-mail: abdurasul.bekov@nmuosir.tj

МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ УҲДАДОРИҲОИ ДЕЛИКТӢ

Дустзода Беҳрӯз
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қонунгузорӣ мафҳуми уҳдадориҳои деликтӣ муқаррар нашудааст. Аммо, моҳияти инро мазмуни меъёри қ.1 м.1079-и КГ, ки мувофиқи он "зараре, ки бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё амволи шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ, давлат расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад", медиҳад.

Асосан дар ин меъёр уҳдадории шахсе, ки зарар расонидааст дар намуди баргардонидани он муқаррар шудааст. Аммо дар ин модда оид ба ҳуқуки дигар тараф меъёре зикр нагардидааст. Аммо, қонун бе чунучаро ҳуқуқи ҷабрдидаро оид ба талаби баргардонидани зарар муқаррар кардааст. Моҳияти ин уҳдадориҳоро чунин муайян кардан мумкин аст, ки уҳдадориҳое, ки вобаста ба расонидани зарар ба вуҷуд меоянд, яъне шахсе, ки ба саломатӣ ва ё амволи шахси дигар (воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ) зарар мерасонад уҳдадор аст дар ҳаҷми пурра зарари расонидаро ҷуброн намояд ва шахси зарардида ҳуқуқи талаби баргардонидани зарари расонидаи ӯро дорад. Дар ин уҳдадориҳо ҷабрдида - кредитор ва зараррасонанда - қарздор мебошанд.

Гузашта аз ин муайян кардан зарур аст, ки бо чи мақсад қонунгузор мафҳумҳои уҳдадорӣ ва ҷавобгариро бештар дар ин масъала истифода кардааст. Дар адабиёт баъзан мафҳуми «уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар» ва «ҷавобгарӣ (масъулият) вобаста ба расонидани зарар» ҳамчун мушобеҳ ба кор бурда мешаванд. Чунин мавқеъ дар КГ инъикос гардидааст. Чунончи, боби 55-и КГ «Уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар» ном дорад ва моддаи якуми ин боб «Асосҳои умумии масъулият барои расонидани зарар» унвон гирифтааст. Қонун асосан мафҳуми «масъулият», на «уҳдадорӣ»-ро истифода кардааст. Истифодаи ин мафҳумҳо гувоҳи мавҷуд набудани мухолифат ва сабаби робитаи дутарафаи зичӣ байни онҳоро ифода мекунад. Ҳамчунин зарур аст, ки доираи амали уҳдадориҳои шартномавӣ ва уҳдадориҳои деликтӣ, таносуби онҳо муайян карда шавад. Албатта, меъёри ҳуқуқии танзимкунандаи намудҳои мазкури уҳдадорӣ фарқ дорад. Мисол, барои уҳдадориҳои ғайришартномавӣ истифодаи меъёри императивӣ хос мебошад. Дар уҳдадориҳои шартномавӣ бошад бо қонун ва созишномаи тарафҳо муқаррар шуда, меъёри диспазитивӣ ифода мекунад. Баъзан чунин масъала оид ба намудҳои ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд, ки хусусиятҳои хоси худро дорад. Чунончи, агар зарар дар натиҷаи иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани уҳдадории шартномавӣ ба вуҷуд омада бошад, онгоҳ меъёрҳои ҷавобгарӣ барои деликт истифода намешавад ва зарар дар мувофиқа бо меъёрҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ ҷуброн карда мешавад. Бар замми ин уҳдадориҳои ғайришартномавӣ (деликтӣ) мумкин дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ба миён оянд ва ҷуброн ба амал бароварда шавад. Чунончи: мувофиқи моддаи 1100 КГ зарари ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ, хизмат дар милитсия ва дигар уҳдадориҳои дахлдор расонидашуда, агар дар қонун ё шартнома андозаи баландтари масъулият пешбинӣ нагардида бошад, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 55 КГ ҷуброн карда мешавад. Дар ин ҳолат аз рӯи қоидаҳо оид ба ӯҳдадориҳои деликтӣ на ҳамаи зарар баргардонида мешавад, фақат зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонидашуда, ба ғайр аз шартҳое, ки агар қонун ва ё шартнома андозаи баландтари ҷавобгариро муқаррар накарда бошад, ҷуброн карда мешавад. Ҳамчунин, Кодекси граждани ҳолати дигари танзимкунандаи меъёрҳои уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби уҳдадориҳои деликтиро муқаррар кардааст. Мисол, ҷавобгарии боркашон барои зарари ба ҳаёт ва саломатии мусофир расонидашуда, тибқи қоидаҳо оид ба зарари ғайришартномавӣ ҷуброн карда мешавад (боби 55 КГ), агар қонун ва ё шартномаи боркашонӣ ҷавобгарии баландтари боркашонро муқаррар накарда бошад (м. 820 КГ). Дар илми ҳуқуқи граждани уҳдадориҳоро аз рӯи асосҳои ба вуҷудоиашон ба ду гуруҳи калон тасниф менамоянд: уҳдадориҳои шартномавӣ ва уҳдадориҳои ғайришартномавӣ. Ин

таксимот аз рӯи нишонаҳои бавуҷудоии уҳдадориҳо гузаронида мешавад. Уҳдадориҳои шартномавӣ асосан аз шартнома, тибқи созиши тарафҳо ба вуҷуд меоянд. Уҳдадориҳои ғайришартномавӣ аз асосҳои муқаррарнамудаи қонун бо ҳаракатҳои якҷониба ба вуҷуд меоянд. Байни уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ фарқият мавҷуд аст, ки муҳимият ва ҷойи онҳоро дар низоми ҳуқуқи уҳдадорӣ муайян мекунад. Фарқиятро дар ҷабҳаҳои гуногуни ин таснифи уҳдадориҳо дидан мумкин аст:

- *якум,* уҳдадориҳои ғайришартномавӣ аз уҳдадориҳои шартномавӣ бо характери муносибатҳои молумулкие, ки дар асосӣ онҳо ба вуҷуд меоянд, фарқ мекунанд. Барои уҳдадориҳои шартномавӣ муносибатҳои муомилоти молумулкӣ хос мебошад, яъне бавуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар асоси созиши иштирокчиён ва бо изҳори иродаи онҳо сурат мегирад. Зикр бояд намуд, ки асосҳои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳо на танҳо шартнома, балки аҳдҳои якҷониба низ мебошанд. Дар фарқият аз ин уҳдадориҳои ғайришартномавӣ барои рафти ҳаёт характернок набуда, муносибатҳои ғайримуқаррарӣ дониста мешаванд. Мисол, вайрон кардан ва ё несту нобуд кардани амволи шахси бегона, ки дар ин маврид муносибати шартномавӣ ҷой надорад;

- *дуюм*, уҳдадориҳои ғайришартномавӣ аз уҳдадориҳои шартномавӣ бо асосҳои ба вуҷудоии худ фарқ мекунанд. Уҳдадорихои ғайришартномавӣ на аз рӯи ирода, балки бар зидди иродаи иштирокчиёни онҳо, дар натиҷаи фактҳои ҳуқуқие, ки дар қонун муқаррар шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин онҳо аз амалҳои ғайриқонунӣ ва ҳам аз амалҳои қонунӣ, агар иҷроиши онҳо манъ бошанд, ба вуҷуд меоянд. Бо ҳамин сабаб Кодекси граждани муқаррар кардааст, ки шахсе, ки зарар расонидааст, уҳдадор аст онро ҷуброн кунад (қ. 1 м. 1079-и КГ).

Уҳдадориҳои ғайришартномавӣ новобаста аз иродаи шахсе, ки зарар расонидааст ва ё беасос бой шудааст, балки новобаста аз иродаи тарафи дигар – зарардида (кредитор) ба вуҷуд меоянд. Дар уҳдадориҳои ғайришартномавӣ зарардида ҳамчун шахси соҳибҳуқуқ мумкин ҳуқуқи худро, ки аз ин уҳдадорӣ ба вуҷуд меояд амалӣ накунад, чунки хусусан бо принсипи озодии изҳори иродаи ҳуқуқи граждани мувофиқат мекунад (м. 9-и КГ).

Уҳдадориҳои ғайришартномавиро ду намуд тасниф намудан мумкин аст:

1) уҳдадориҳо дар натиҷаи расонидани зарар (уҳдадориҳои деликтӣ). Ин уҳдадориҳо дар қатори уҳдадориҳои шартномавӣ ҷои асосиро дар низоми уҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ишғол мекунанд. Дар уҳдадориҳои деликтӣ ҷавобгарии расонандаи зарар мазмуни онро ташкил медиҳад;

2) уҳдадориҳо дар натиҷаи дорошавии беасос, ба даст даровардан ва ё нигоҳдоштани амволи як шахси дигар бе асоси ҳуқуқӣ.

Уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар як намуди уҳдадориҳои ғайришартномавӣ буда, аз зернамудҳои алоҳидаи худ иборат мебошад(мисол, уҳдадориҳо аз расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд ва ё уҳдадориҳо аз расонидани зарар ба амвол ва ғ.). Аз ин таснифот ба хулосае омадан мумкин аст, ки уҳдадориҳои шартномавӣ дар асоси иродаи тарафҳо муқаррар шуда, хислати диспазитивии қонунгузорро дар бар мегиранд. Аммо уҳдадориҳои ғайришартномавӣ хислати императивии қонунгузорро ифода мекунанд. Уҳдадориҳои ғайришартномавӣ ҳамчунин дорои функсияҳои махсуси худ мебошанд. Функсияҳои уҳдадориҳои ғайришартномавӣ нақши ин уҳдадориҳородар таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони ҳуқуқи граждани ифода мекунанд. Функсияҳои асосии уҳдадориҳои ғайришартномавӣ ҳифзкунанда, ҷубронннамоӣ (барқарорнамоӣ) ва пешгирикунандаю тарбиявӣ мебошанд. Моҳияти функсияи ҳифзкунанда дар таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони ҳуқуқи граждани аз вайронкуниҳои гуногун ва ҳифзи ин ҳуқуқ ва манфиатҳо дар ҳолатҳое, ки онҳо вайрон мешаванд, иборат мебошад. Моҳияти функсияи ҷубронннамоӣ (барқарорнамоӣ) дар бартараф кардан оқибати манфии молумулкӣ, ки аз амали зиддиҳуқуқии шахс ба миён омадааст (зарар расонидан, вайрон кардан, нест кардани дигар амволи субъекти ҳуқуқ, ба марг расонидан, ба саломати зарар расонидан ва ғ.) ёинки дар натиҷаи саҳван гузаронидани маблағи (ашёи) як шахс ба шахси дигар ифода меёбад. Яъне дар чунин ҳолат зарари молумулкии шахс барқарор карда мешавад ва ҳамчунин маблағи саҳван гузаронидашуда, баргардонида мешавад. Моҳияти функсияи пешгирикунанда – тарбиявӣ (муҳофизавӣ) дар далели пешгири кардани зарари расонидашаванда ва ё нигоҳдории амволи беасос бадастовардашуда, ҳамчунин ислоҳ

кардани рафтори худ ва худдори кардан аз оқибати номусоиди молумулкӣ ва дигар оқибате, ки зидди талаботи зарардида мебошад, ифода меёбад.

МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ УҲДАДОРИҲОИ ДЕЛИКТӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз намудҳои уҳдадориҳои ғайришартномавӣ дар ҳуқуқи граждани, яъне уҳдадориҳои деликтӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Уҳдадориҳои ғайришартномавиро ба ду намуд тасниф намудан мумкин аст: - уҳдадориҳо дар натичаи расонидани зарар (уҳдадориҳои деликтӣ). Ин уҳдадориҳо дар қатори уҳдадориҳои шартномавӣ ҷойи асосиро дар низоми уҳдадориҳои ҳуқуқи граждани ишғол мекунанд. Дар уҳдадориҳои деликтӣ ҷавобгарии расонандаи зарар мазмуни онро ташкил медиҳад; - уҳдадориҳо дар натичаи дорошавии беасос, ба даст даровардан ва ё нигоҳдоштани амволи як шахси дигар бе асоси ҳуқуқӣ. Уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар як намуди уҳдадориҳои ғайришартномавӣ буда, аз зернамудҳои алоҳидаи худ иборат мебошанд (мисол, уҳдадориҳо аз расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд ва ё уҳдадориҳо аз расонидани зарар ба амвол ва ғ.).

Калидвожаҳо: уҳдадориҳои деликтӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ, уҳдадориҳои ғайришартномавӣ, функсияҳои уҳдадориҳои деликтӣ

ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ, ХАРАКТЕРИСТИКИ И ФУНКЦИИ ДЕЛИКАТНЫХ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ

В статье анализируется один из видов внедоговорных обязательств в гражданском праве - деликтные обязательства. Внедоговорные обязательства можно разделить на два типа: - обязательства вследствие причинения вреда (деликтные обязательства). Эти обязательства, наряду с договорными, занимают центральное место в системе гражданско-правовых обязательств. В деликтных обязательствах ответственность лица, причинившего вред, составляет его содержание; - обязательства в результате необоснованного обогащения, приобретения или владения имуществом другого лица без законных оснований. Обязательство вследствие причинения вреда является разновидностью внедоговорных обязательств и состоит из отдельных подвидов (например, ответственность за причинение вреда жизни и здоровью гражданина или ответственность за причинение вреда имуществу и т. д.).

Ключевые слова: деликатные обязательства, договорные обязательства, внедоговорные обязательства, функции деликатные обязательства

CONCEPT, NATURE, CHARACTERISTICS AND FUNCTIONS OF DELICATE OBLIGATIONS

This article analyzes one of the non-contractual obligation`s type in civil law, tort obligations. Non-contractual liabilities can be divided into two types: - liabilities as a result of damage (tort obligations). These obligations, along with contractual obligations, occupy a central place in the system of civil law obligations. In tort obligations the liability of the person who has caused the harm constitutes its content; - obligations as a result of unreasonable possession, acquisition or possession of another person's property without legal basis. Liability for harm is a type of non-contractual obligation and consists of separate subtypes (for example, liability for harm to life and health of a citizen, or liability for harm to property, etc.).

Keywords: tortious obligations, contractual obligations non-contractual obligations, functions of tortious obligations

Сведения об авторе: ***Дустзода Бехруз*** **–** Таджикский национальный университет**,** магистр второго курса юридического факультета**. Телефон: 909-90-60-00**

Information about the author: ***Dustzoda Behruz*** – Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Law. **Phone: 909-90-60-00**

ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ёруддин Шерзод

Ҳамон тавре ки ҷомеаи байналмилалӣ аз даврони бостон таҳаввулот ва тағйироти қобили таваҷҷуҳ ёфта, ҳуқуқи байналмилалӣ низ, ки худ ҳоким бар ин ҷомеа аст, дигаргуниҳои шигарфе пайдо намудааст. Бадеҳист, ки баррасии комили ин дигаргуниҳо ва таҳаввулот моро бо низоми ҳуқуқи байналмилалӣ бештар ошно хоҳад намуд. Ҳуқуқи байналмилалӣ, ки беш аз соири риштаҳои дигари ҳуқуқӣ ба он дахл дорад, ба таърих вобаста аст, зеро ҳуқуқи байналмилалӣ асосан як низоми устувор бар таҳаввул аст. Донишмандон ва уламои ҳуқуқи байналмилалӣ бо таваҷҷуҳ ба ақоиди шахсӣ таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалиро ба давраҳои гуногун тақсим кардаанд. Инак, бо дарназар гирифтани тақсимбандии онҳо ме тавон таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалиро ба даврҳои зерин табақабандӣ кард [1 саҳ 28]:

Давраи аввал: давраи бостон;

Давраи дуюм: қуруни вусто;

Давраи сеюм: асри ҷадид;
Давраи чаҳорум: аз Кунгураи Вена то конфронсҳои Сулҳи Гаага.
Давраи панҷум: аз конфронсҳои Сулҳи Гаага то поёни ҷанги дуюми ҷаҳон.
Давраи шашум: аз таъсиси Созмони Милали Муттаҳид то кунун.

Давраи бостон: Машриқзамин аз замоне ки таърихи мустанад дар даст аст, яъне аз чаҳор ҳазор соли пеш аз м. дурнамое аз ҳуқуқи байналмилалӣ дида мешавад. Аввалин талеҳаро (пайдоиш) метавон дар сангнавиштае ба забони сумарӣ ёфт, ки марбут ба ҳудуди 3100 сол пеш аз м. аст, ва дар даҳаи аввали қарни бистум кашф шудааст. Дар ин катибаи сангӣ аввалин «тавофуқномаи байналмилалӣ» на ба мафҳуми имрӯзӣ мулоҳиза мегардад, ки миёни Инотум фармонравои фотеҳи сарзамини Логош дар Байнаннаҳрайн аз як сӯ ва намояндагони мардуми Уммон яке аз шаҳрҳои дигари мустақили Байнаннаҳрайн, аз сӯи дигар, аҳд баста шудааст, ба мӯҷиби ин муоҳида адами таҷовуз ба нуқоти марзии якдигар эълом шудааст. Иттилооте, ки то имрӯз ба даст омада, нишон медиҳад, ки миёни муоҳидаи Логош-Уммон ва муоҳидаи дуюмӣ, ки мустанади он мавҷуд аст, як давраи ҳазорсола фосила афтодааст. Аз ду ҳазорсолаи дуюми п. а. м. мутуни бисёре аз муоҳидот боқӣ монда, ки мутааҳҳидини аксари онҳо ҳукмронҳои мисрӣ ё хеттӣтҳо будаанд. Бобул ва Ошур низ, монанди мисриҳо аз ин назар муқаддаманд, дар муоҳидоти мазкур аз сулҳ, равобити тарафайн ва нуқоти марзии онҳо сухан ба миён омадааст [2 саҳ 103]. Аз миёни муоҳидоти маҳфузмондаи ҳазораи дуюми пеш аз м. муҳимтар аз ҳама муоҳидаи сулҳ ва иттҳод байни Ромсесси II мисрӣ ва Ҳотусили II Хет аст, ки дар соли 1278 п. а. м. мунъақид гардидааст.Дар ин муоҳидаи тарафайн мутааҳҳид шуданд, ки алайҳи душманони дохилӣ ба якдигар ёрӣ расонанд ва ба душманоне, ки паноҳанда шудаанд, дар кишвари якдигар бояд он идда ашхос дубора мустар нашаванд. Юнониён тайи ҳазораи аввали п. а. м. ба саҳнаи таърих ворид шуданд ва бо суръати шигифтангез ва бемонанд фарҳангеро дар замони андак асос гузоштанд, ки мартаба ва мақоми воло касб карданд, ки сармашқи наслҳои оянда гардид. Аҳамияти Юнони бостон дар таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷиҳати тавсеаи равобити миёни давлат ва шаҳрҳои мустақили он кишвар, монанди Троя ва Спарта аст. Шаҳрҳое, ки ҳар як давлат ё ҳукумати хос ва мустақил доштанд ва муоҳидот миёни ин давлатҳо ва шаҳрҳои Юнон мунъақид шуд, ки муҳимтарин муқаррароте, ки ношӣ аз муоҳидоти фавқ мебошад ва таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро барангехт ва ҳануз ҳам аз қавоиди байналмилалӣ маҳсуб мешавад, ки иборат аз:

1. Шиносоии ҳаққи озодии шахсӣ ва нигоҳ доштан аз дороӣ барои атбои давлати шаҳри мутаоҳид.
2. Таъсиси ниҳоди намояндагӣ ё сарпарастӣ, ки тақрибан ҳамон консулии имрӯзӣ аст.
3. Доварӣ.
4. Таъсиси иттиҳодияҳои сиёсии мавсум ба омфикскнӣ.
5. Масунияти сафирон.
6. Ҳурмат, яъне эҳтиром ба бетарафии баъзе аз маконҳо.
7. Таҳкими аҳдномаҳои сулҳ бо адои савганд.
8. Эҳтиром ба ҷасадҳои кушташудагон дар ҷанг.
9. Шиносоии ҳаққи паноҳандагӣ.

Ин ҳамаи муқаррарот марбут ба давлати шаҳрҳои Юнон буд, лекин ба таври ғайримусатқим нақши барозандае дар таҳаввул ва такомули ҳуқуқи байналмилалӣ ифо намуд [5 саҳ 91-111].

Асри румиҳо: Румиҳо низ ҳуқуқи байналмилалиро ба дидаи мазҳабӣ менагиристанд. Аз ин рӯ буд, ки аз авоили давраи императорон иддае аз рӯҳониёни мавсум ба Фисёлро (созмони равобити хориҷиро) поягузорӣ намуданд. Вазифаи онон ин буд, ки маросим ва ташрифоти мазҳабии марбут ба муоҳидот ва соири умури байналмилалӣ аз қабили умури сафорат баргардонидани мучриминро анҷом диҳанд. Дар миёни муоҳидот, ки Рум дар давраи ҷумҳурӣ бо соири миллатҳо мунъақид намуд, муоҳидоти мунъақидаи бо Карфаген дар солҳои 509-306-279 п. а. м. аз аҳамияти хосе бархурдоранд. Пас аз он ки ҷумҳурии Рум табдил ба императорӣ гашт, аглаби миллатҳоро таҳти султаи худ даровард ва дигар хударо ниёзманди мисоқҳои байналмилалӣ намедонист. Асри румӣ аз соли 30 п. аз. м. то соли 180 пас аз милод фақат масунияти сафиронро пазируфта буд.

Қуруни вусто: Дар авохири қарни чаҳоруми соли 395 императории азими Рум дарҳам шикаст ва ваҳдати худро аз даст дод ва ба Руми шарқӣ ва Руми ғарбӣ тақсим шуд. Дар пайи таҳоҷуми барбарҳо ба соли 476 Руми ғарбӣ пош хӯрд ва дар он ҷо як теъдод ҳукуматҳои сиёсии нопойдор ба номи мустамлика дар Аврупо ба вуҷуд омад, ки бо ҳамдигар ба ҷанг ва ситез буднд. Дар остонаи қарни нӯҳум Франк Шарл императории Руми ғарбиро ба суди хеш эҳё намуд. Ин ваҳдати дубораеро нишон медиҳад, боз ҳам дере давом накард ва императории Руми ғарбӣ дар соли 843 ба се бахш тақсим гардид. Бо шикасти императории Рум ва тақсими он масеҳият тавонист, ба тадариҷ ҷойгоҳи вижае дар муносиботи иқтисодӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва байналмилалии кишварҳои аврупоиро ба худ ихтисос диҳад. Ба вижа нақши калисои католикӣ рӯз ба рӯз афзоиш ёфт, то ба он ҷое ки даврони муайяне аз қуруни вусторо даврони пирӯзии масеҳият меноманд. Бо густариши масеҳият дар Аврупо наҳзати мазҳабии ҷадиде ба номи Ислом дар авохири қарни шашуми милодӣ дар шарқ зоҳир гашт ва ба суръат густариш ёфт. Дар чандин қарни баъдӣ масеҳён дар муқобили мусалмонон ҷангҳои хунини маъруф ба ҷангҳои салибиро ба роҳ андохтанд, ки ин ҷангҳо ҳудуди ду қарн идома дошт. Ҳамин пирӯзии масеҳият, зуҳури ислом ва ҷангҳои салибӣ дар қуруни вусто дар таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ таъсиргузор буд [4 саҳ 31-38].

Асри ҷадид: Асри ренессанс ва муоҳидот ва Вестфилия бо пайдоиши асри ренессанс чорчӯбаи қуруни вусто фурӯ рехт ва императории муқаддаси Олмон бар асари фишори кишварҳои ҷадид аз ҳам фурӯ рехт. Кашфи қораи Амрико, ба тадариҷ дар солҳои баъд марказияти Аврупоро аз байн бурда, равобити байналмилалиро дигаргун сохт ва сиёсати ҷанбаи ҷаҳониро ба худ гирифт. Дар қарни шонздаҳум ҳокимият мафҳуми ҷадиди хатарнок ва қударти номаҳдудро пайдо кард, ки мазмуни он худмухтори кишварҳо буд. Дар натиҷаи ин роҳи фалаҷ кардани пешрафтҳои ҳуқуқи милал дар равобити байналмилалӣ маъмул гардид.

Аз кунгураи Вена то конфронсҳои сулҳи Гаага: Пас аз шикасти Напалеон ва пирӯзии ниҳоӣ ва инъиқоди сулҳ барои баррасии натоиҷи ҷанг ва таъйини сарнавишти Аврупо конгрессе дар Вена ташкил шуд, ки ҷаласоти он аз 18 ноябри 1814 то 9 июни соли 1415 тӯл кашид ва мунҷар ба инъиқоди аҳдномаҳои Вена гардид. Дар ин Конгресс намояндагони кишварҳои бузурги аврупоӣ монанди Австрия, Англия, Пруссия, Россия ва низ намояндаҳгони кишварҳои Фаронса, Португалия ва Шветсия, ки аҳдномаи сулҳро имзо карда буданд ва ҳамчунин акасри кишварҳои дигари аврупоӣ ширкат доштанд. Бинобар тасмимоти Конгресси Вена хонадонҳои собиқи салтанатии кишварҳои аврупоӣ муҷаддадан ба тоҷ ва тахти салтанати худ бозгаштанд, хонадони Бонапарт сарнагун ва табъид гардид. Фаронса ба сарҳадоти собиқи худ дар соли 1792 мвҳдуд шуд, Белгия замимаи Ҳолланд гардид, бетарафии Швейтсария эълом шуд ва тағйироти васеи дигаре низ дар нақшаи Аврупо падид омад. Саранҷом, Англия ба қисмати аъзами мустамликоҳои хориҷӣ даст пайдо намуд [3 саҳ 70-76].

Аз конфронсҳои сулҳи Гаага то поёни ҷанги ҷаҳонии дуюм: Аввалин конфронси Гаага дар 18 майи соли 1899 бинобар пешниҳоди Николайи II, императори Россия дар шаҳри Гаагаи Ҳолланд ташкил гардид. Ҳадафи конфронс дар оғоз ҳифзи сулҳ буд, ба ин манзур Россия пешниҳод намуд, то тавлиди ба кор бурдани аслиҳоти ҷангӣ ва таарруз ба таври озмоишӣ маҳдуд шавад, то дар натиҷаи он сулҳи ҷаҳонӣ ва ҳамгонӣ барқарор гардад. Дар ин конфронс фақат 26 кишвар, шомили бист кишвари аврупоӣ, ду кишвари амрикоӣ: Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Мексика) ва чаҳор кишвари осиёӣ, (Эрон, Чин, Ҷопон, Тайланд) иштирок доштанд. Аввалан, ин конфронс ҷанбаи сиёсӣ дошт, баъдан, ҷанбаи ҳуқуқӣ ба худ гирифт ва рӯи се маслаҳаи асосӣ тавофуқ сурат гирифт:

1. Таъсиси девони доимии доварӣ ба унвони марҷаи салоҳиятдор барои ҷилавгирӣ аз ҷанг дар роҳи иқдомоти ислоҳотӣ миёнҷигарӣ ва доварӣ.
2. Таҳия ва танзими қавонин ва урфҳои ҷанги заминӣ.
3. Шумули аҳдномаи 1865 Женева ба ҷанги дарёӣ.

Дуюмин конфронси Гаага бинобар даъвати императории Россия аз 5 июни 1907 дар шаҳри Гаага бо ширкати 44 кишвари ҷаҳон ташкил шуд ва то18 октбри соли 1907 идома дошт. Аввалин вижагиии ин конфронс он буд, ки иддаи касире аз кишварҳои ҷаҳон дар он ҷо ба баъзеи муъоҳидоти байналмилалӣ, ки дар собиқ мунъақид шуда буд, мулҳақ гардидаанд. Аз ҷумла, конгресси Порис 1856 роҷеъ ба таҳрими роҳзании дарёӣ масунияти

амволи атбои душман, ки бо киштиҳо ба тарафе ҳамл мешавад. Ҳамчунин, аҳдномаи1864 Женева дар ин конфронс илова бар такмили корҳои конфронси аввал, сездаҳ муоҳидаи ҷадиди марбут ба ҳуқуқи ҷангӣ ва бетарафиро ба имзо расонида ва дар танзими ин қавоид ва соири умур дар ин конфронс як рӯҳи озодихоҳӣ ва башардӯстие дар байни намояндагони кишварҳо ҳукмфармо буд, ки ин конфронс дар таърихи равобити байналмилалӣ бесобиқа буд [1].

Ҷанги аввали ҷаҳонӣ ва таъсиси ҷомеаи милал: Баррасии илали вуқӯи ҷанги ҷаҳонӣ ва шарҳи ҷузъиёти он ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва баҳси таҳаввули таърихии он иртиботи чандоне надорад, танҳо асароти ҷанг дар муқаррароти байналмилалӣ ва таҳаввули он мавриди назар аст. Ҷанги аввали ҷаҳонӣ ҷанги такрибан ҷаҳонӣ ва оламгир буд ва он чи дар ибтидо мусаллам аст, ин аст, ки ин ҷанг таҳаввул ва такомули ҳуқуқи байналмилалиро муддати замоне ба таъхир андохт ва бо нақзи бетарафии кишварҳое чун Белгия, Люксембург ва Эрон яке аз усули ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври комил нақз гардид. Пас аз хотимаи ҷанг барои чорачӯӣ ва иттихози тасмим дар бораи масоили бешуморе, ки ношӣ аз ҷанг буд, конфронси сулҳ дар моҳи июни соли 1919 бо ширкати фотеҳон дар Париж ташкил ёфт. Вазифаи ин конфронс ба маротиб сангинтар ва боаҳамияттар аз конгреси Вена буд. Аҳдномаи сулҳ дар конфронси сулҳи Париж пас аз шаш моҳи музокира ва табодули назар, панҷ муоҳида бо кишварҳои маглуб имзо шуд:

1. Аҳднома ва расоӣ бо Олмон (28 июни соли 1919)
2. Аҳдномаи сини Олмон бо Австрия (1 сентябри соли 1919)
3. Аҳдномаи нав бо Булгористон (28 ноябри соли 1919)
4. Аҳдномаи қудратҳои иттифоқӣ бо Маҷористон (4 июни соли 1919)
5. Аҳдномаи Севр бо усмонӣ (10 августи соли 1920)

Ба муҷиби аҳдномаҳои ёдшудаи боло, ки маъруф ба «Аҳдномаҳои сулҳ» аст, тағйироти сарзамини муҳимме дар Аврупо ба амал омад. Кишварҳои Полша ва Чехославакия, Финландия, Югославия, Литвия, Латвия ва Эстония эҷод гардиданд ва бетарафии Белгия ва Люксембург низ барои ҳамеша лаґв шуд.

Эъломияи Вилсон: Ҳадафи ниҳоии аҳдномаҳои сулҳ таъмини сулҳи ҷаҳон буд ва Вилсон раисҷумҳури вақти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико танҳо касе буд, ки бо афкор ва ақоиди худ ҷаҳонёнро ба ин ҳадаф наздик сохт. Вай дар 8 июни соли 1918 пешниҳоди сулҳи хешро дар мавриди чигунагии таъмин ва истиқрори сулҳ дар ҷаҳон дар чаҳордаҳ мода пешниҳод намуд, ки ба таври умум иборатанд аз (озодии комили дарёнавардӣ дар куллияи дарёҳо ба истиснои дарёи сарзаминӣ ё соҳилӣ; даъови мустаъмирот ба таври бетарафона ҳаллу фасл шавад; таҳлияи кулияи арози Россия; таҳлияи комили хоки Белгия, хоки Фаронса: барои қисматҳои туркнишини императории усмонӣ бояд ҳокимият ва амният таъмин шавад. Мебоист, бар асоси муоҳидоти расмӣ ва ба мнзури фароҳам кардани тазминоти мутақобили сиёсӣ ва арзӣ барои куллияи кишварҳо ҳам аз бузург ё кӯчак як ҷомеаи умумии милал ташкил шавад. Муҳимтарин асари мусбати аҳдномаҳои сулҳи ромиро метавон таъсиси ҷомеаи милал донист. Аввалин бор поп Бенуаи понздаҳум дар паёми августи соли 1917 назарияи ташкили ҷомеаи милалро эълом кард ва баъдан ба соли 1918 Вилсон, реисҷумҳури ҳамонвақтаи Амрико эҷоди чунин созмонеро пешниҳод намуд, ки мавриди мувофиқати ширкаткунандагони конфронси Порис қарор гирифт ва ҷомеаи милал шакл гирифт. Дар паҳлуи ҷомеаи милал муоҳидоти дигареро низ ба имзо расониданд, аз ҷумла, муоҳидоти Локарно дар соли 1926 ба марҳалаи иҷро даромад. Тибқи ин муоҳидот тарафайн мутааҳҳид шуданд, ки сиёсати мутақобилаи адами таҷовузро дар пеш гиранд ва ин паймонҳо бо хуруҷи Олмон аз ҷомеаи милал дар соли 1936 ва ишғоли низоми минтақа бетарафии Рейнланд ҳарими байни Фаронса ва Олмон тавассути он кишвар амалан қудрати иҷрои худро аз даст доданд, ё ҳам мисоқи Брайан Клуг дар 27 августи соли 1928 ба кӯшиши вазирони умури хориҷаи Фаронса ва Амрико байни кишварҳои Олмон, Амрико, Белгия, Фаронса, Англия, Италия, Ҷопон, Полша ва Чехесловакия мунъақид шуд, ки имзокунандагони ин муоҳида ҷангро ба унвони василаи таъқиби сиёсати миллӣ дар равобит бо якдигар таҳрим карда ва мутааҳҳид шуданд, ки ихтилофоти худро танҳо бо васоили мусолиматомез ҳаллу фасл намоянд [5]. Билохра, давлати Олмон, ки аз муқаррароти таҳмилии мутаффиқони ҷанги аввал ба вижа аз тарафи Фаронса ба танг омада буд. Аз ҳамон рӯзҳои аввали поёни ҷанг дар садади талофӣ ва

интиқом баромад, то ин ки дар соли 1935 занҷирҳои Варсойро гусаст ва ба сурати қудрати таҳдидкунанда зоҳир шуд, то ин ки бо шурӯи ҷанги ҷаҳонии дуюм ҷомеаи милал аз байн рафт ва дар даврони ҷанги ҷаҳонии дуюм ҳам усул ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ маънӣ ва мафҳуми хешро то ҳудуди зиёде аз даст дод ва кишварҳои бетараф ва бедифоъ мавриди таҷовуз ва таaддӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, Эрон мавриди ҳамлаи мутаффиқин воқеъ шуд ва дар 25 августи соли 1941 ба баҳонае, ки теъдоди атбои олмонӣ дар Эрон ҳастанд, тавассути қувваи рӯс ва англис ишғол гардид.

Аз таъсиси Созмони Милали Муттаҳид то кунун: Аз соли 1944 пас аз пирӯзии қатъӣ ва ниҳоии мутаффқин милали муттаҳид ба фикри таъсиси ҷомеаи милали ҷадид афтоданд, ки беҳтар ва маҳкаматар аз собиқ пайрезӣ шуда бошад, то ҷаҳон бори дигар шоҳиди иттифоқи бади дигаре набошад. Дар ҳамин росто дар тобистони соли 1944 тарҳе ба Думбертан-Вокс ироа шуда ва дар 25 апрели соли 1945 дар Санфрансиско конфронси байналмилалӣ барои эҷоди созмони ҷадиде ташкил гардид. Конфронси мазкур ба рағми мушкилоти зиёде, ки аз назари дипломатӣ дошт, саранҷом ба ҳадафҳои худ ноил гардид ва дар 26 июни ҳамон сол асосномаи созмони ҷадид ба унвони Созмони Милали Муттаҳид ба тасвиби аксарияти кишварҳои ширкаткунанда дар конфронс расид. Ин созмон рӯз ба рӯз тавсеа ёфт ва аъзои он ба гунаи қобили мулоҳиза афзоиш ёфт ва имрӯз бидуни шак омили муҳимме дар зиндагии байналмилалӣ василаи арзандаи ба самар расидани сулҳи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Созмони Милали Муттаҳид муҳимтарин маҳалли мулоқоти кишварҳои мухталиф ва гирдиҳамоии мутазод аст, барои поён бахшидан ба душманиҳо ва рақобтҳо мушкилоти зиёде дар пеш дорад, вале бо ин ҳол тамоми саъйи худро бар он равона кардааст, то ҷомеаи байналмилалӣ муҷаддадан аз ҳам пошида нашавад [2].

АДАБИЁТ:

1. Дафтарӣ, Аҳамад Матин. Таърихи мухтасари ҳуқуқи байналмилалӣ. – Теҳрон: Ҳабибӣ, 1337 ҳ. ш.
2. Муҳаммадризо, Бегдилии Зиёӣ. Ҳуқуқи байналмилалии умумӣ. – Теҳрон: Ганҷи дониш, 1388 ҳ. ш.
3. Солеҳ, Алии Бошо. Мабоҳисе аз таърихи ҳуқуқ. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳ, 1384 ҳ. ш.
4. Фалсафӣ, Ҳидоятуллоҳ. Сайри таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ. – Теҳрон: Фарҳанги нашринав, 1379 ҳ. ш.
5. Ҳикмат, Муҳаммад, Алӣ. Ҳуқуқи милал. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳ, 1347 ҳ. ш.

ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ин мақола аз таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ дар давраҳои таърихии он баҳс мекунад, ки шомили давраи бостон, қуруни вусто ва асри ҷадид аст. Ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти сайри таърихии он, гузашти замон ва чигунагии ин таҳаввулу равобит ва риояи он дар гузашти замон ва ба чи шакл будани он дар мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамон тавре ки ҷомеаи байналмилалӣ аз даврони бостон таҳаввулот ва тағйироти қобили таваҷҷуҳ ёфта, ҳуқуқи байналмилалӣ низ, ки худ ҳоким бар ин ҷомеа аст, дигаргуниҳои шигарфе пайдо намудааст. Бадеҳист, ки баррасии комили ин дигаргуниҳо ва таҳаввулот моро бо низоми ҳуқуқи байналмилалӣ бештар ошно хоҳад намуд. Донишмандон ва уламои ҳуқуқи байналмилалӣ бо таваҷҷуҳ ба ақоиди шахсӣ таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалиро ба давраҳои гуногун тақсим кардаанд. Бо дарназардошти тақсимбандии он муаллиф таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалиро ба даврҳои гуногун табақабандӣ кардааст.

Калидвожа: Ҳуқуқи байналмилалӣ, таърихи таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ, давраҳои таърихии ҳуқуқи байналмилалӣ, Созмони Милали Муттаҳид.

ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА

В данной статье рассматривается история развития международного права в ее исторических периодах, к которым относятся Бостонский период, настоящее и новое столетие. В данной статье также рассматривается международное право, принимая во внимание его исторический путь с течением времени, его связи в прошлом и в настоящем. Кроме того, международное сообщество внесло значительные изменения в развитие и новые изменения с древних времен, и международное право само по себе является правом этого общества. Известно, что всестороннее рассмотрение этих изменений позволит в дальнейшем ознакомить нас с системой международного права. Ученые и исследователи международного права тесно разделили историю развития международного права на различные периоды. Учитывая его распространение, автор внес изменения в историю создания международного права на различные периоды.

Ключевые слова: международное право, история возникновения международного права, исторические этапы развития международного права, Организация Объединенных Наций.

HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL LAW

This article examines the history of the development of international law in its historical periods, which include the Boston period, the present and the new century. This article also examines international law, taking into account its historical

path over time, its connections in the past and in the present. Moreover, the international community has made significant changes in development and new changes since ancient times, and international law itself is the law of this society. It is known that a comprehensive review of these changes will allow us to further familiarize ourselves with the system of international law. Scholars and researchers of international law have closely divided the history of the development of international law into different periods. Taking into account its spread, the author rervised the history of the creation of international law for various periods.

Keywords: international law, history of the emergence of international law, historical stages of the development of international law, the United Nations

Сведения об авторе: ***Ёруддин Шерзод*** – магистр второго курса юридического факультета. E-mail: yarudin.sherzad@gmail.com

Information about the author: ***Yoruddin Sherzod*** – second-year master`s student of Faculty of law. E-mail: yarudin.sherzad@gmail.com

МАФҲУМ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ ПАТЕНТӢ

Зуҳуров Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар назарияи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳниро бо падидаҳои алоҳидаи он мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар робита ба ин, мафҳуми ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ нисбат ба падидаҳои он хислати умумиро дорад. Дар таърихи пайдоиши худ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳамчун ҳуқуқи моликияти адабӣ ва бадеӣ [4 саҳ 26] (ҳуқуқи муаллифӣ), инчунин ҳуқуқи моликияти саноатӣ (ҳуқуқи патентӣ ва ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ, ки ба он наздикӣ доранд) маълум буд. Дар замони муосир, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи граждани бо назардошти умумияти як қатор объектҳои он ва низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии ба ин объектҳо вобаста, ба чор падидаи нисбатан мустақил тасниф карда шудааст: ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳуқуқи патентӣ (ҳуқуқи моликияти саноатӣ), ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни муомилоти граждани, мол, кору хизматрасониҳо, ҳуқуқ ба объектҳои ғайрианъанавии моликияти зеҳнӣ. Бояд қайд намуд, ки ба алоқамандӣ ва мавҷудияти як қатор қоидаҳои умумии ба ин падидаҳо хос нигоҳ накарда, ҳар яке аз онҳо хусусиятҳо, вазифаҳо ва принсипҳои худро доранд. Аз гуфтаҳои болозикр бар меояд, ки яке аз падидаҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқи патентӣ (ҳуқуқи моликияти саноатӣ) мебошад. Мафҳуми «ҳуқуқи патентӣ» ҳамчун фарогирандаи баъзе объектҳои моликияти саноатӣ, ки бо патент ҳифз карда мешаванд, барои назарияи муосири ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ба ҳисоб рафта, аммо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудааст. Дар назарияи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи патентӣ барои ифодаи се объект - ихтироҳ, намунаҳои саноатӣ ва моделҳои муфид, ки ҳифзи онҳо тавассути як шакл, яъне бо роҳи додани патент амалӣ гардонида мешавад, истифода мешавад.

Патент ин ҳуҷҷати расмие мебошад, ки аз ҷониби Идораи патентии ҶТ додашуда, аввалият, муаллифӣ ва ҳуқуқи истисноии истифодабарӣ, ворид намудани ихтироҳ, моделҳои муфид ва намунаҳои саноатиро муайян мекунад [1]. Ҳарчанд ки дар м.1 қонун дар бораи ихтироҳ, қонун дар бораи намунаҳои саноатӣ, объектҳои зикршуда дар мафҳуми «моликияти саноатӣ» истифода шудаанд, мафҳуми мазкур ҳамаи объектҳои моликияти саноатиро, ки дар сатҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф шудаанд, фаро намегирад. Дар м. 1 Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ аз 20 марти с. 1883, ба сифати объектҳои моликияти саноатӣ ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, номи фирмавӣ ва нишондоди истеҳсолӣ ё номи маҳалли истеҳсоли мол, инчунин пешгирии рақобати бевиҷдонона номбар шудаанд. Аз ин лиҳоз, истилоҳи «ҳуқуқи патентӣ»-ро ҳамчун падидаи назариявии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ки дар таҷрибаи аксари давлатҳои ҷаҳон маъмул мебошад дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан истифода намудан мумкин аст. Ҳуқуқи патентӣ ба маънои муосир яку

The article analyzes the objective aspect of the structure of criminal risk. Given the importance of the topic, the author tried to analyze and study the existence of the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of criminal law, the use of legal literature of domestic and foreign scientists and law enforcement practice.

Keywords: crime; the criminal sector is in danger; corpus delicti under threat; object; objective side.

Сведения об авторе: ***Зиёев Шахбоз Сафарович***-Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе. **Тел:** 880010909.

Information about the author: ***Ziyoev Shahboz Safarovich*** -Tajik national University, graduate student of Law Faculty.**Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone:** 880010909.

НАМУДҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Исломзода Ф.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вобаста аз хусусиятҳои мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқи граждани намудҳои ҷавобгарии молумулкиро барои ҳуқуқвайронкунии граждани фарқ менамоянд. Чунончӣ, вобаста аз асосҳои бавуҷудоиашон намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро ба ҷавобгарӣ барои:

- расонидани зарари молумулкӣ

- расонидани зарари маънавӣ

ҷудо менамоянд. Дар ҳуқуқи граждани ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молумулкӣ аз ҳама паҳнгашта мебошад. Вай дар аксарияти муносибатҳое ,ки оид ба ҳуқуқвайронкунии граждани дар байни субъектони онҳо ба вуҷуд меоянд, татбиқ карда мешавад. Ҷавобгарӣ барои расонидани зарари маънавӣ нисбати шахрвандон ва танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун татбиқ карда мешавад. Ҳамчун қоида, ҷавобгарии мазкур

аз гуноҳи зараррасонанда ба вуҷуд омада , аз ҷуброни пулие иборат аст, ки новобаста аз рӯёнидани зарари моддӣ татбиқ карда мешавад. Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии молумулкӣ дар ҳуқуқи граждани ба: шартномавӣ ва ғайришартномавӣ ҷудо мешавад. Асоси **ҷавобгарии шартномавӣ** созиши тарафҳо шуда метавонад. Барои ҳамин ҳам чунин ҷавобгарӣ мумкин аст барои ҳуқуқвайронкуние, ки бевосита ба муҷозоти қонунгузории амалкунанда таъмин нагардидааст , муқаррар карда шавад. Дар баъзе ҳолатҳо муҷозот бо созиши тарафҳои шартнома нисбат ба андозаи пешбининамудаи қонун зиёд ё кам карда мешавад. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ фақат дар ҳолат ва андозаи бевосита пешбининамудаи қонун мумкин аст истифода шавад. Аз ин ҷо хислати императивӣ дорад. Пас, то дараҷае намуди ҷавобгаририи қатъӣ мебошад.**Ҷавобгарии ғайришартномавӣ** ҳангоми расонидани зарар ба шахсият ё молумулки зарардида ба вуҷуд меояд. Вай ба иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳое, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда дар асоси шартнома гузошта шудааст, вобастагӣ надорад. Вале дар баъзе мавридҳо ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон зарар расонида шуда бошад, қонун татбиқи онро талаб менамояд. Мисоли он расонидани зарар ҳангоми садамаи нақлиётӣ шуда метавонад. Ҷавобгарии ғайришартномавиро бисёр вақт ба уҳдадориҳои дар натиҷаи зараррасонӣ бавуҷудомада алоқаманд намуда, **ҷавобгарии деликтӣ** низ меноманд. Он моҳияти шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро ифода менамояд. Вале доираи татбиқи чунин ҷавобгарӣ дар ҳақиқат васеъ буда, ҳамаи ҳолатҳои бавуҷудоии ҷавобгарии гражданиро, ки дар асоси ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҷой доранд, дарбар мегирад.Ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавӣ вобаста аз шумораи шахсони уҳдадор мумкин аст дар намудҳои зерин ифода ёбад:

А) ҳиссагӣ ; Б) муштарак; В) иловагӣ (субсидиарӣ)

Агар ҳар яке аз ҷавобгарон дар доираи ҳиссаи муайяни қонун ё шартнома муқаррар намуда , масъулиятро ба зимма дошта бошанд, он гоҳ **ҷавобгарии ҳиссагӣ** эътироф карда мешавад. Мисол, меросгироне, ки меросро қабул намудаанд аз рӯи қарзҳои меросдиҳанда дар андозаи ҳаҷмии арзиши (ҳиссӣ) ба онҳо гузоштаи амволи меросӣ ҷавобгар мебошанд. Қоидаҳои ҷавобгарии ҳиссагӣ дар мавриде татбиқ карда мешавад, ки дигар намуди ҷавобгарӣ дар қонунгузорӣ ё шартнома нисбати якчанд субъектҳо пншбинӣ карда нашуда бошад. Агар қонунгузорӣ ё шартнома дар ҳамин ҳолат ҳиссаи ҳар як тарафро муайян накарда бошанд, он гоҳ ҳар яке аз ҷавобгарон дар ҳаҷми баробар ҷавобгӯ мебошанд(м.м. 334, 1095, м. 1096 КГ) [9]. **Ҷавобгарии муштарак-** ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки агар он дар қонун ё шартнома пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми ҷавобгарии муштарак кредитор ҳаҷ дорад талаби худро ба ҳамаи ҷавобгарон дар якҷоягӣ , ё ба ҳар яке аз онҳо , дар ҳаҷми пурраи зиёни расонидашуда ё қисми он пешниҳод намояд. Дар сурати талаботи худро яке аз ҷавобгарони муштарак қонеъ нагардонидан вай вай ҳаҷ дорад қисми нагирифтаашро аз дигарон талаб намояд. Зеро онҳо низ то пурра қонеъ гардидани талаботи вай дар назди ӯ ҷавобгар мебошанд. Аз ин ҷо чунин намуди ҷавобгарӣ то дараҷае қатъӣ мебошад. Чунки ҳуқуқи интихоби қарздорон кредиторро (ҷабрдидаро) мустаҳкам намуда , ба ӯ имконият медиҳад, ки ҷуброро на аз он ҳуқуқвайронкунандае талаб намояд, дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ зиёдтар гунаҳкор мебошад, балки аз оне ки имконияти пурра ҷуброн намудани оқибати нохуши молумулкии бавуҷудомадаро дорад. Пас аз он ҳамқарзлорон дар назди онҳое,ки талаби кредитори даъвогарро қонеъ гардонидааст , ҷавбгар (уҳдадор) мегарданд (м. 1096 КГ) [9]. Дар сурати яке аз ҷавобгарони муштарак надодани ҳаққи оне, ки пурра ба ҷабрдида ҳисобро баробар намудааст, ҳисси он ба зиммаи шахси баробарнамуда ва ҷавобгарони боқимонда гузошта мешавад (қ.2 моддаи 348 КГ). Бояд қайд намуд, ки ҷавобгарии муштарак ҳангоми тақсимнашавнда будани предмети уҳдадорӣ, якҷоя расонидани зарари ғайришартномавӣ, инчунин нисбати ҷавобгарии иштирокчиёни шарикони пурра татбиқкарда мешавад. Ҷавобгарии муштарак инчунин ҳангоми нишондоди дигари қонунгузорӣ ё шартнома ва вайрон намудани уҳдадориҳое,ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, (қ. 3 моддаи 345 КГ) дар назар дошта мешавад. Ин гувоҳи то дараҷае қатъӣ муносибат намудани қонун ба иштирокчиёни касбии муомилоти граждани мебошад.**Ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ) -** нисбати ҷавобгарие, ки

ҳуқуқвайронкунандаи асосӣ дар назди ҷабрдида мебарад, иловагӣ буда, фақат ҳангоми дар уҳдадорӣ иштирок намудани ду қарздор, яке аз он ки асосӣ мебошад ва дигаре иловагӣ, имкон дорад. Вай илова ба ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунанда буда, ҳифзи манфиатҳои ҷабрдидаро пурзӯр менамояд. Ҳатто шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад, ҳатмӣ нест, ки зараррасонандаи амволии зараррасонанда ҳам бошад ва дар бисёр ҳолатҳо ягонхел ҳуқуқвайронкунӣ содир наменамояд. Маҳз дар ҳамин функсияи ҷуброннамоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ-граждани ифода меёбад. Аз ин ҷо ҷавобгарии иловагӣ ҳамон вақт татбиқ карда мешавад, ки қарздори асосӣ талаботи кредиторро қонеъ наменамояд ё, аз қонеъгардонии он саркашӣ кунад (қ.1 м.430КГ). Барои ҳамин ҳам ҳамчун қоидаи умумӣ талаб карда намешавад, ки ҷавобгари асосӣ бо тамоми молу мулкаш дар назди ҷабрдидаи аввала ҷавоб диҳад. Вай бо тамоми молумулкаш фақат ҳангоми нарасидани молумулки қарздори (ҷавобгари) иловагӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Дар баробари ин агар талаботи кредитор бо роҳи баҳисобгирии даъвои акс ба қарздори асосӣ ё бидуни баҳс рӯёнидан аз ҳисоби қарздори асосӣ гардонида шавад, ӯ ҳаҚ надорад қонеъ намудани талаботи худро ба қарздори асосӣ аз шахсе талаб кунад, ки масъулияти иловагиро ба зимма дорад (қ. 2 м . 430КГ). Ин ба он асос меёбад , ки дар чунин ҳолатҳо кредитор имкон дорад, бе ягон душворӣ барои худ талаби худро бе муроҷиат ба қарздори иловагӣ қонеъ гардонад. Чунончӣ, кредитор ҳаҚ надорад қонеъ гардонидани талаби худро оид ба рӯёнидани маблағҳои қарз баъди аз қонеъ гардонидани чунин талабот даст кашидани қарздори асосӣ ба қарздори субсидиарӣ пешниҳод намояд, агар қарздори асосӣ ба кредитор оид ба додани маблағҳои пулии мӯҳлати супориданаш фарорасида, вале мӯҳлати даъвои он нагузашта талаби мутақобила дошта бошад. Зеро кредитор имкон дорад , ки бе розигии қарздори асосӣ талаби худро аз ҳисоби талаби қарздори асосӣ бо роҳи баҳисобгирӣ талаботи мутақобила қонеъ гардонад (м.м. 442-444КГ). Дар ҳолати қонеъ гардонидани талаботи кредитор шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад, ҳуқуқи талаби аксро ба қарздори асосӣ пайдо мекунад. Барои ҳамин ҳам шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад , бояд то қонеъ гардонидани талаботи ба ӯ пешниҳод намудани кредитор дар ин бора қарздори асосиро огоҳ созад. Дар сурате, ки ба чунин шахс даъво пешниҳод шуда бошад , он гоҳ қарздори асосиро ба иштирок дар кор ҷалб намояд. Дар ҳолати баръакс қарздори асосӣ ҳуқуқ дорад ба муқобили талаби акси шахси ҷавобгари иловагӣ эътирозеро пешниҳод намояд , ки муқобили кредитор дошта буд (қ.4 м 430 КГ). Аз ҷавобгарии иловагӣ зарур аст ҷавобгарии қарздорро барои амали шахсони сеюм фарқ намуд. Чунин ҷавобгарӣ дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки иҷрои уҳдадорӣ аз тарафи қарздор ба зиммаи шахсони сеюм гузошта шуда бошад. Дар фарқият аз қарздори иловагӣ шахси сеюм бо кредитор дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани намебошад. Аз ҳамин ҷиҳат , кредитор ҳамчун қоидаи умумӣ талаби худро , ки аз иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ ба миён меояд метавонад фақат ба қарздори худ пешниҳод намояд, на ба шахси сеюме,ки уҳдадориро иҷро накардааст ё ба таври дахлдор иҷро накардааст. Дар чунин маврид барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ аз тарафи шахси сеюм қарздор дар назди кредитор ҷавобгар мебошад (м. 434КГ). Чунончӣ, агар пудратчӣ иҷро қисми кореро ки он уҳдадор буд , дар асоси шартнома бо супоришдиҳанда иҷро намояд, ба зиммаи пудратчии иловагӣ гузошта бошад, он гоҳ пудратчӣ дар назди супоришдиҳанда барои ба таври дахлдор иҷро накардани корҳои ба зиммаи пудратчии иловагӣ гузошташуда ҷавобгар мебошад. Аз ин мисол маълум мешавад, ки пудратчии иловагӣ шахси сеюм мебошад, зеро он дар уҳдадории пудрат наменамояд ва фақат қисми кореро иҷро менамояд, ки дар уҳдадории мазкур пешбинӣ шуда буд. Қарздоре , ки кредитор барои амали шахси сеюм ба ҷавобгарӣ мекашад , ҳаҚ дорад бо тарзи талаби акс аз шахси сеюм ҳамаи он чизе, ки кредитор аз он рӯёнида буд барои иҷро накардан ва ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ рӯёнад. Вале мумкин дар қонун пешбинӣ карда шавад, ки худи шахси сеюми бевосита иҷрокунадаи уҳдадорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар чунин ҳолатҳо қарздор барои амали шахси сеюм ҷавобгар намебошад.

Қонун ҷавобгарии қарздорро барои амали коркунони худ муайян менамояд. Ба коркунони қарздор шахсоне дохил мешавад, ки бо ӯ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ (меҳнатӣ) мебошанд. Амали коркунони қарздор оиди иҷрои уҳдадориҳои он амали худи қарздор эътироф карда мешавад. Дар муомилоти граждани ҳамагуна шахсони ҳуқуқӣ ба воситаи

коркунони худ иштирок менамоянд. Аз ҳамин сабаб амали коркунони шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ва хизматӣ ҳамчун амали худи шахси ҳуқуқӣ шоморида мешавад. Аз ин ҷо дар ҳолати номбаршуда ҷавобгарии қарздор барои амали коркунони худ то дараҷае ҷавобгарии шартӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Иоффе О.С.ответственность по советскому гражданскому праву. Л., 1995, с.7-8;
2. Малеин Н.С. Правонарушение: Понятие, причины, ответственность. М.: юрид. лит.,1985. Саҳ .134-236 ва диг.
3. Лейст О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву. МГУ,1981, сах.102-103;
4. Алексеев С.С. Общая теория права в 2-х томах. Т. 1, М.: Юридлит., 1981, сах 283-287.
5. Тархов В.А. Ответственность по советскому гражданскому праву – Саратов, 1976. Саҳ ,8.
6. Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность . М., Юрид. лит., 1976, С.85,100-103;
7. Давлат ва ҳуқуқ—Государство и право. (маҷалла) № 3. Душанбе – 2001. Саҳ . 57.
8. Ҳуқуқи граждани. Қ. 1. (нашри дуюм бо иловаҳо). Зери таҳрири узви вобастаи АМИ, доктори илми ҳуқуқ , профессор М.А. Махмудов. Душанбе. (ЭР-Граф). 2007. .
9. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қисми 1-2-3). Саҳ 89-90.

НАМУДҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждани, яъне намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждани мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷавобгарии ҳуқуқи граждани намудҳои гуногун дорад. Вобаста ба асоси бавҷудой, ҳайати тарафҳо, зарари расонидашуда ҷавобгарии ҳуқуқи граждани ба намудҳои шартномавӣ, ғайришартномавӣ, ҳиссагӣ, муштарак, иловагӣ (субсидиарӣ), позитивӣ ва ғайра ҷудо мешавад. Оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Дар доираи ин мақола нуқтаҳои назари олимон баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: ҷавобгарии шартномавӣ, ҷавобгарии ғайришартномавӣ, ҷавобгарии ҳиссагӣ, ҷавобгарии муштарак, ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ)

ВИДЫ ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье анализируется один из важнейших вопросов гражданского права - виды гражданской ответственности. Есть разные виды гражданской ответственности. В зависимости от основания разделения, состава сторон гражданско-правовой ущерб делится на договорный, внедоговорный, долевой, совместный, дополнительный (субсидиарный), положительный и так далее. В юридической литературе существуют разные взгляды на этот вопрос. В этой статье обсуждаются взгляды ученых.

Ключевые слова: договорная ответственность, внедоговорная ответственность, частичная ответственность, совместная ответственность, дополнительная (субсидиарная) ответственность

TYPES OF CIVIL LAW LIABILITY

This article analyzes one of the most important issues of civil law, ie the types of civil rights liability. There are different types of civil liability. Depending on the basis of the division, the composition of the parties, the civil damage is divided into contractual, non-contractual, share, joint, additional (subsidiary), positive and so on. There are different views on this issue in the legal literature. This article discusses the views of scholars.

Keywords: contractual liability, non-contractual liability, partial liability, joint responsibility, additional (subsidiary) liability

Сведения об авторе: ***Исломзода Фирдавс*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: 909 72 72 72

Information about the author: Islomzoda Firdavs – Tajik National University, second-year master`s student. Phone: 909 72 72 72

НАҚШИ ҲАМКОРИҲОИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ТАЪМИНИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ВА ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ДАР ҶОМЕА

Исмоилов Ҷ.Х.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Касби Истиқлолияти давлатӣ 9 – сентябри соли 1991 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати ҷавон тақозо менамуд, ки дар самти ба по мондани низоми нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгуй ба стандартҳои байналмилалӣ, муайян намудани шакли сохти давлатию

идоракунӣ, фароҳам овардани шароити арзанда барои зисту зиндагонии аҳолии кишвар ва ҳамзамон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ тадбирҳои ҷиддиеро роҳандозӣ ва корҳои бузургеро амалӣ намояд.

Табиист, ки иҷрои ҳар як амал дар самти низоми давлатдорӣ аз эҳёи заминаҳои ҳуқуқии он оғоз меёбад. Яке аз музаффариятҳои муҳими Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши қонунгузорӣ гузоштани замина барои таҳия ва қабули Конституцияи нави мамлакат буд. Бинобар ҳамин қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз дастовардҳои бузург ва нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6 – ноябри соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд.

Қабули Конституция дар воқеъ дар таърихи пешрафти ҳар як миллату давлат нақши созандаву калидиро иҷро менамояд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад. Мавриди зикр аст, ки Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутамаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ – ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст.

Қабули Конституция заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро дар самти қабули қонунҳои нави ҷавобгуй ба талаботи замон рӯйи кор овард. Бо назардошти мустақиман амал кардани меъёрҳои Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди кишвар ва қувваи олии ҳуқуқӣ доштани он нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмиллалӣ ва дохилидавлатӣ зарурати ба Конституция мутобиқ намудани қонунҳои амалкунанда ва ё аз нав қабул кардани онҳо ба миён омаданд. Дар бобҳои алоҳидаи Конституция масъалаҳои марбут ба асосҳои сохтори конституционӣ, ҳамчунин ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида, кафолатҳои амалишавии онҳо низ муқаррар гардиданд. Дар умум муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дар Конституция инъикос ёфтаанд. Бо дарназардошти ба вуқуъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои дар ҷомеа солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд. Мавриди зикр аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилӣ дар самти тақвият ва густариши падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ фароҳам оварда шуданд. Мусаллам аст, ки ҳар як давлат новобаста аз сохти давлатӣ, режими сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳои миллиеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини адолати иҷтимоӣ, қонуният, волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун дар ҷомеа мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Суд ва прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи онҳо боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд вожаи «ҳокимияти судӣ» аввалин маротиба дар Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 – августи соли 1990 ифода ёфта бошад ҳам, вале он бори нахуст дар моддаи 9 – уми Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд. Дар боби 8 – уми он бошад (моддаҳои 84 – 92) вазифа, мақсад, принсипҳои фаъолият, талаботҳо оид ба таъин ва интихоб шудани судяҳо, низоми судӣ мушаххас гардонида шуданд.

Мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти судӣ мустақил буда аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки яке аз роҳҳои асосӣ ва пешқадамтарини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҳифзи судист. Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои асосии марбут ба ҳуқуқи инсонро эътироф намуда, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намудааст.

Ҳокимияти судӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад менамояд. Дар асоси Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 силсилаи Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конституцсионӣ», «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои ҳарбӣ», «Дар бораи судҳои иқтисодӣ» ва «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд, ки барои ташаккули низоми ягонаи судии кишвар заминаҳои мусоидро фароҳам оварданд. Қабули ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ барои рушди ҳокимияти судӣ, ҳамчунт яке аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуда, аз дигар ҷониб барои ташаккули ҳайати нави низоми судии кишвар бо тартиби муқаррарнамудаи қонун замина гузоштанд. Яке аз масъалаҳои меҳварии тағйиру иловаҳои соли 1999 – ро ба Конституцсия такмили мустақилиятии низоми идории судҳо ташкил медод. Дар заминаи амалишавии ислоҳоти конституцсионӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки дар роҳи устувор гардонидани пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд қадами устувор гузошта шуд. Дар заминаи ҳамин тағйироту иловаҳо соли 2001 Қонуни нави конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Ҳамзамон дар заминаи тағйиру иловаҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2003 муҳлати ваколати судяҳо ба 10 сол дароз гардида, синни ниҳоии номзадҳои ба вазифаи судягӣ пешниҳодшаванда 65 сол муқаррар гардид. Тағйиротҳои руйи кор омада дар воқеъ аз як тараф ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории миллии кишвар мусоидат намуда, аз дигар ҷиҳат ба рушду такомули минбаъдаи низоми судӣ ва ҳокимияти судӣ дар кишвар шароити арзандаро фароҳам овард. Бо қаноатмандӣ ва изҳори хушнудӣ месазад хотирнишон сохт, ки масъалаи инкишофу пешрафти низоми судӣ, таъмини мустақилияту шаффофияти фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии сиёсии кишвар қарор дорад. Зеро таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё, омузиш ва таҳлили муқоисавӣ – ҳуқуқии низомҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳимтарин масъала ва баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иртибот доранд, аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз мавзуҳои марказии Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъалаи сол аз сол таҳвияти додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва дар ин замина таҳия ва қабул намудани барномаҳои ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таҳким бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ барои солҳои 2007 – 2010», аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ барои солҳои 2011 – 2013» ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 – уми январи соли 2015, № 327 «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017» тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шуданд. Ба масъалаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳамияти хосса зоҳир карда мешавад. Масъалаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон низ мавзӯи асосии аксарияти конференсияву ҳамоишҳои илмии ватаниро ташкил медиҳад [1, саҳ. 292]. Ҳамзамон ба ин масъала низ дар доираҳои илмӣ таваҷҷӯҳи зиёд равона карда мешавад. Боиси хушнудист, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ дар иртибот ба ислоҳот ва такмили минбаъдаи ҳокимият ва низоми судии кишвар андешаҳои созгор иброз шудаанд [2, саҳ. 57 – 68]. Хурсандибахш аст, ки то ба имрӯз тамоми нақша – чорабиниҳои таҳияшуда оид ба барномаи зикргардида амалӣ карда шуданд. Қабул ва амалишавии барномаҳои давлатӣ оид ба ислоҳоти судӣ дар кишвар шаҳодати ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти судҳои Тоҷикистон буда, барои тадриҷан боло бурдани нуфузу эътибори онҳо дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди ҷомеаи демократӣ хизмат менамояд.

Дар заминаи амалисозии «Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ барои солҳои 2007 – 2010» аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 як қатор кодексҳо, аз қабили мурофиавии граждани, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи иқтисодӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуданд. Дар сохтори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои вилоят, суди ВМКБ, шаҳри

Душанбе бошад соли 2010 коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ таъсис дода шуданд. Ҳамзамон ба мақсади интихоб ва ҷобаҷогузории номзадҳо ба вазифаи судягӣ ниҳоди «судя – коромӯз» таъсис дода шуда, дар ин хусус ба Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд [3, саҳ. 121 – 138]. Ба мақсади дар амал иҷро намудани Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ барои солҳои 2011 – 2013, як қатор корҳо дар самти ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо ва дигар масъалаҳои ташкилии фаъолияти судяҳо ба сомон расонда шудаанд. Ҳамзамон дар заминаи ҳамин барнома қонунҳои конституционии Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як зумра қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд [4, саҳ. 88 – 110].

Дар Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2017 чорабиниҳои зерин пешбинӣ шуда буданд: рушди қонунгузории мурофиавӣ; такмили сохтор ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмили сохтор ва фаъолияти судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳру ноҳияҳо; ислоҳоти низоми судӣ нисбати ноболиғон; тадбирҳо оид ба таъмини иҷрои санадҳои судӣ, такмили сохтор ва фаъолияти иҷрочиёни суд; тадбирҳо оид ба таъсиси сохтори мустақили экспертӣ; рушди ёрии ҳуқуқи ройгон; таъминоти моддӣ – техникии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, ки аксарияти онҳо амалӣ шуданд [5, саҳ. 145 – 162]. Тавре ки иттилоъ дорем, рӯзи 22 – юми майи соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид. Дар натиҷа бо гирифтани 94,5 фоизи овози раъйдиҳандагон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳои воридшуда аз моддаи 69–и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 12 хориҷ карда шуда, ҳамзамон як қатор навгониҳо ба боби 8 – ум, ки «суд» ном дорад, ворид карда шуд. Дар асоси тағйиротҳое, ки ба моддаи 86–и Конституция ворид карда шуд, минбаъд судяҳои суди ҳарбӣ, судяҳои суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе бо тартиби муқарраркардаи қонуни конституционӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Гузашта аз рӯзи 9 – июни соли 2016 дар заминаи тағйиротҳои ба Конституция ворид кардашуда аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо «Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Дар бораи сохтори дастгоҳ”, нақшаи идоракунӣ ва шумораи воҳидҳои кории Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Дар ҳамин замина ба Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба як фишанги муҳими таъмини қонуният ва фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра, заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти мақомоти прокуратура фароҳам оварда шудаанд. Танҳо дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ бо дарназардошти зарурат ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ се маротиба (солҳои 1992,1996 ва 2005) оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура қонунҳои алоҳида қабул карда шудаанд.

Ба андешаи профессор Раҳимов М.З. дар замони Истиқлолияти давлатӣ прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як мақомоти мустақили ҳокимияти давлатие табдил ёфт, ки ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ, яъне қонунгузор, иҷроия ва судӣ тааллуқ надорад. Дар шароити Тоҷикистон прокуратура ба ягон низоми ҳокимияти давлатӣ дохил нашуда, яке аз функсияҳои низоми худнигоҳдорӣ ва баробарвазниро бо роҳи татбиқ намудани чораҳои рафъсозандаи вайронкунии қонун фаъолияти ҳар яке аз шохаҳои ҳокимиятро дар доираи фазои конституционӣ таъмин менамояд [6, саҳ. 27]. Прокуратура аз рӯи ваколатҳои конституционии худ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссае дорад. Шаҳодати он, ин дар боби алоҳидаи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне боби нуҳум ва моддаҳои 93 – 97 мустаҳкам намудани мавқеи ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи моддаи 93–и Конституцияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ ба амал мебароранд. Прокуратура яке аз механизмҳои муҳими амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда, волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад пурзӯр бошад ва самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд. Мавриди зикр аст, ки фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷӯҳи ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Иштироки бевосита ва суханронии Сарвари Давлат дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80 – солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз 24–декабри соли 2004, ҷаласаи васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2014, ҷаласаи Шӯрои амнияти кишвар аз 17 феврали соли 2015, мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти 2018 шаҳодати равшани ин гуфтаҳоянд.

Дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили Иди Рӯзи кормандони прокуратура таъкид доштанд, ки мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳими давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва муборизаи бо ҷиноятҳорӣ равона гардидааст. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин салоҳиятҳои васеъро надорад. Аз ҳамин лиҳоз, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад [7].

Воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти судӣ дар самти таъмини адолати судӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ҳамкориҳои судмандро бо дарназардошти эҳтиромии принсипи мустақилияти судҳо амалӣ менамояд. Итминони комил дорем, ки ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои ҷомеаву давлат, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва огоҳонидани қонунвайронкунӣ ба нафъи пешрафти ватани маҳбубамон самаранок фаъолият менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ бахшида ба 40 – солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳуқуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. Саҳ. 292.
2. Маҳмудов И.Т. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С.57 – 68 (дар ҳаммуалифӣ);
3. Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно – правовой реформы в Таджикистане / Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ бахшида ба 40 – солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳуқуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.121 – 138;
4. Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ. Пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ Асари ишорашуда. С. 50 – 60; Мусоев О. Аҳамият ва зарурияти ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда. С.88 – 110;
5. Хоҷаева Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда. С. 145 – 162.

6. Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).С. 27.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13.03.2018 / www.president.tj (санаи мурочиат 13.03.2018)
8. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боари мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе: Қонуният, 2005.

НАҚШИ ҲАМКОРИҲОИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ТАЪМИНИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ВА ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ДАР ҶОМЕА

Бо дарназардошти муҳимияти мавзуъ муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлили воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳамкориҳои судманди прокуратура ва ҳокимияти судиро ҷиҳати таъмини адолати иҷтимоӣ, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои ҷомеаву давлат, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ки дар асоси принсипи мустақилияти судҳо амалӣ гардида, барои таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, суботу оромӣ ва пешравӣ дар соҳаҳои гуногунӣ ҳаёти ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: функсия; ваколат; қонуншиканӣ; конституцсия; қонун; кодекс; прокурор; назорати прокурорӣ; истиқлолияти давлатӣ; ҳокимияти қонунгузор; ҳокимияти судӣ.

РОЛЬ СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ СУДЕБНОЙ ВЛАСТЬЮ И ПРОКУРАТУРОЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ И ВЕРХОВЕНСТВА ЗАКОНА В ОБЩЕСТВЕ

Учитывая важность темы, автор стремился проанализировать современные реалии действующего законодательства Республики Таджикистан, роль эффективного сотрудничества между прокуратурой и судебной властью в обеспечении социальной справедливости, верховенства закона, укрепления правопорядка, защита прав и свобод человека. общества и государства, повышение правосознания населения, что основано на принципе независимости судебной власти и создает условия для исполнения законов и других нормативных актов, стабильность и прогресс в различные сферы общественной жизни.

Ключевые слова: функция; власть; преступление; конституция; закон; кодекс; прокурор; прокурорский надзор; государственная независимость; законодательная власть; судебная власть.

THE ROLE OF COOPERATION BETWEEN THE JUDICIARY AND THE PROSECUTOR'S OFFICE IN ENSURING SOCIAL JUSTICE AND THE RULE OF LAW IN SOCIETY

Considering the importance of the topic, the author seeks to analyze the current reality of the current legislation of the Republic of Tajikistan, the role of effective cooperation between the prosecutor's office and the judiciary in ensuring social justice, justice and the rule of law. society and state, raising the legal awareness of the population, which is based on the principle of independence of the judiciary and creates conditions for the implementation of laws and other normative acts, stability and progress in various spheres of society.

Keywords: function; authority; offense; constitution; law; code; prosecutor; prosecutor supervision; state independence; legislative branches; judicial branch.

Сведения об авторе: ***Исмоилов Джамолиддин Хайриддинович*** – Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе. **Тел:** 931 16 11 10.

Information about the author: ***Ismoilov Jamoliddin Khayriddinovich*** – Tajik national University, graduate student of Law Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone:** 931 16 11 10.

ПРИНСИПҲОИ NULLUM CRIMEN SINE LEGE ВА NULLUM POENA SINE LEGE

Камолов Хуршедулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тибқи гуфтаи профессор И.И.Лукашук, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ «меъёрҳои умумитарини ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки мазмун ва хусусиятҳои хоси ин соҳаро муайян мекунанд». Дар робита ба ин, принсипҳои соҳавии ҳуқуқи чиноятии байналмилали меъёрҳои калидӣ ва системаи ташаккулёбандаи қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мебошанд, ки шароити татбиқи ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳо дар назди ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунанд ва дар шакли мутамарказ онхо дар қисми III-и Статути Рими Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ инъикос

ёфтаанд (моддаҳои 22-23). Вобаста ба ин, яке аз принсипҳое, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ба таври мазмунан ифодаи худро ёфтааст ин принсипи «Nullum crimen sine lege» ва «Nullum poena sine lege», яъне «Нест ҷиноят бе нишондоди он дар қонун» ва «Нест ҷазо бе нишондоди он дар қонун» мебошад. Принсипи мазкур таҷассуми таҳтуллафзии дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ формулаи классикии ҳуқуқии Рим "бидуни зикри қонун ҳеҷ гуна ҷиноят ва ҷазо вуҷуд надорад." мебошад. Ба гуфтаи А.Кассесе, дар низоми ҳуқуқии миллӣ ду доктринаи алтернативӣ фарқ карда мешавад, ки бар асоси он «қонуният» -и қонуни ҷиноятӣ асос ёфтааст: доктринаи «адолати судӣ» ва доктринаи «қонунияти қатъӣ». Тибқи таълимоти аввал, адолат бояд "пеш аз ҳама саъй кунад, ки ҳама гуна рафторе, ки барои ҷомеа зараровар ё хатарнок аст, сарфи назар аз он, ки он дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят криминализатсия карда шудааст ё не, манъ ва ҷазо дода шавад." Аммо, айни ҳол, доктринаи дуввум дар низоми ҳуқуқии муосир амалан мавқеи аввалро танг кардааст. Баъзе ҷанбаҳои принсипи мазкур ба андозаи кофӣ дар қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки принсипҳои «нест ҷиноят бе нишондоди он дар қонун» ва «нест ҷазо бе нишондоди он дар қонун» дар моддаҳои 22 [1] ва 23 [2] -и Статути Римии Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ (ICC) инъикос гардидааст, ки мутаносибан ба он танҳо он кирдорҳое, ки дар манбаи ҳуқуқи байналмилалии амалкунанда ба таври возеҳ ифода ёфтааст ҷиноят ҳисобида мешавад, агар барои содир намудани он бо санксияи муайян ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ муқаррар карда шуда бошад. Мувофиқи Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ, ҳеҷ кас тибқи Низомномаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, агар чунин кирдори дар лаҳзаи содир кардани он ҳамчун ҷинояте, ки ба юрисдиксияи Суд мансуб дониста шуда буд, эътироф карда шавад (қ. 1 м. 22). Бесабаб нест, ки аксари муаллифони хориҷӣ ин принсипро "принсипи қонуният"(principle of legality) номидаанд.

Тавре ки дар навбати аввал ба назар мерасад, сухан танҳо дар бораи ҷиноятҳо меравад, ки таҳти юрисдиксияи Суд қарор доранд ва ин муқаррарот ифодаи махсуси принсипи умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ба юрисдиксияи Суд таалуқ дорад, мебошад. Аммо, комилан ин тавр нест - тасдиқи универсалӣ будани ин принсип барои тамоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар он аст, ки ин принсип, агар дар маънои таҳтуллафзӣ набошад, пас аз рӯи моҳияти худ қариб дар ҳама гуна меъёрҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дошта мавҷуд мебошад. Масалан, қ. 1 м. 15 Муоҳидаи байналмилалии “Дар бораи ҳуқуқхои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ” аз с. 1966 ки қисми ҷудонашавандаи Стандартҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад, ба таври возеҳ муқаррар менамояд; ҳеҷ кас наметавонад дар натиҷаи ягон амал ё беамалие, ки мувофиқи қонунгузории дохилидавлатӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ дар лаҳзаи содир гардидани он ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб намешуд, дар содир кардани он ҷиноят гунаҳгор дониста шавад. Меъёри шабеҳ дар м. 7 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон низ мавҷуд аст.

Ҳамзамон, агар кирдор тибқи меъёри дигари ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ то эътибор ҳуқуқӣ пайдо кардани меъёри нав ҷиноят ҳисоб шуда бошад, пас он мутобиқи меъёре, ки дар лаҳзаи содир кардани кирдор амал мекард, банду баст карда мешавад. Чунончӣ, масалан, содир намудани кирдори генотсид то эътибори қонунӣ пайдо кардани Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ, бояд мутобиқи Конвенсияи оид ба генотсид с. 1948 банду баст карда шавад, агар кирдор пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсия сурат гирифта бошад. Дар яке аз қарорҳои Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ба таври возеҳ изҳор мегардад, ки ҳеҷ гуна поймолкунии принсипи " бидуни зикри қонун ҳеҷ гуна ҷиноят вуҷуд надорад", ҳатто "дар вақти ҷанг ё дигар ҳолати фавқулода" ба мақсадҳои "таъмини ҳадди аксар самаранокии ҳимояи шахс аз таъқиби ҷиноятӣ, маҳкумият ва ҷазо, қобили қабул нест». Инчунин, дар яке аз қарорҳои ТБСЮ низ қайд карда шуд, ки мақсади принсипи қонуният ин "пешгирии айбдоркунӣ ва ҷазо додани шахс барои кирдоре, ки ҳангоми содир кардани он вай солимона мулоҳиза карда, тасаввур менамуд, ки дар лаҳзаи содир кардан, онҳо қонунӣ буданд.

Оқибати мантиқии татбиқи муқаррароти санади ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда нисбат ба кирдорҳое, ки то эътибори ҳукуқӣ пайдо кардани он ба амал омадааанд, манъи истифодаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ аз рӯи қиёс (Lex stricta) мебошад, ки дар м. 22 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Бо ин мақсадҳо зарурати ба таври возеҳ муқаррар кардани таърифи аниқтари худи ҷиноят мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба миён меояд. Бинобар ин, бояд ба таври возеҳ тавзеҳ дода шавад, ки татбиқи қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ (аз ҷумла, қарорҳои амсолии судӣ, судҳои байналмилалӣ) набояд ҳамчун қиёс баҳо дода шаванд - дар ин маврид, чунин қарор меъёреро, ки дар сарчашмаи дигари ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мавҷуд аст, шарҳ медиҳад: "Принсипи қонунийят дар худ ҳеҷ чизеро надорад, ки тавзеҳи қонунҳоро тавассути қарори суд манъ кунад ва дар ҷойи зарурӣ, ҳангоми минбаъд баррасӣ кардани парванда ба ин қарорҳо такя кунад. Чизи дигар он аст, ки тавзеҳе, ки дар қарори созмони байналмилалӣ дода шудааст, ҳангоми татбиқи ин ё он меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ҳатмист. Қисми таркибии принсипи баррасишаванда “қоидаи шубҳа” мебошад, ки тибқи он ҳар гуна шубҳа оид ба эҳтимолият ё дурустии банду баст тибқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба манфиати айбдоршаванда шарҳ дода мешавад. Аҷиб ин аст, ки маҳз аз рӯи ин принсип, таърихи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ истисноҳои мушаххасро медонад. Сухан дар бораи эътироф кардани гуноҳ ва оид ба муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои кирдорҳое, ки то эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон содир шуда буданд, меравад. Воқеан, дар ҳуҷҷатҳои трибуналҳои Нюрнберг ва Токио гуноҳи ҷиноятторони ҳарбӣ ва он кирдорҳое, ки дар лаҳзаи содир гардиданашон аз рӯи ҳуқуқи байналмилалӣ расман ҷиноят набуданд, муайян карда шудааст. Тавре ки маълум аст, дифоъ бекор кардани худи мурофиаро талаб кард, аммо трибунал ба он ишора кард, ки ҳамаи кирдорҳои ҷиноятторони ҳарбӣ содиркарда, мувофиқи ҳуқуқи байналмилалии одатӣ ҷиноят ҳисоб карда мешаванд. Муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд, ки истисноӣ будани мавриди мазкур ба шарти вазъияти фавқулодаи мурофияи судии ҷиноятторони Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ вобаста буд. Бесабаб нест, ки қабули пешакии принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва мустаҳкам гардидани меъёрии онҳо дар Оинномаи Трибунали Нюрнберг ба қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии муосир замина гузоштанд (аз ҷумла Конвенсияи оид ба генотсид с. 1948, Муоҳидаҳои Женева с. 1949).

Бешубҳа, мафҳум ва дарки ҷиноят ҳамчун як фактори ҳуқуқӣ, ба вуҷудоварандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аксарияти институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ) бо ин ё он дараҷа ба мафҳуми ҷиноят, ки моҳиятан аз он манша мегиранд, вобастагӣ доранд. Воқеан, универсализатсияи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз он ҷумла тавассути инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба даст меояд, амалан универсализатсияи ба худ хоси муқаррароти асосии тамоми соҳаҳои ҳуқуқро тақозо мекунад ва дар ин раванд ҳуқуқи ҷиноятӣ истисно нест.

Принсипи дуюм, ки давомдиҳанда ва пурракунандаи принсипи «Нест ҷиноят бе нишондоди он дар қонун (Nullum crimen sine lege)» мебошад ин принсипи «Нест ҷазо бе нишондоди он дар қонун (nullum poena sine lege)» мебошад. Маънии принсипи дуюм дар он аст, ки шахси мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилӣ гунаҳкор эътироф шуда, метавонад таҳти ҷазое қарор дода шавад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муқаррар гардидааст. Ин ҷо як масъалаи хеле ҷиддӣ ба миён меояд - дар бораи кадом татбиқи ҷазо "тибқи ҳарфи қонун" метавонад сухан равад, гарчанде ки санадҳои меъёрии байналмилалии кирдори ҷиноятиро муайян кардааанд, ки одатан на дар намуди ҷазо, ва на дар андозаи он пешбини нашудаст .Истисное аз ин қоидаи умумӣ дар Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ мавҷуд аст, ки ҳангоми қабули он масъалаи намуд ва андозаи ҷазо ба таври фаъол мавриди баҳс қарор гирифт буд.

Мувофиқи м. 77 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ бо қарори худ метавонад шахси гунаҳкорро ба ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати то 30 сол ё якумра аз озодӣ

маҳрум кардан ҳукм намояд (агар ин бо "хусусияти истисноии вазнин будани ҷиноят" асоснок бошад). Аммо чӣ гуна ва кадом намуди ҷазо бояд таъин карда шавад, дар сурате, ки таърифи охирин дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мавҷуд набошад? Ҳалли ин масъала чунин аст. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии (агар онҳо пешбинӣ нашуда бошанд) имконияти истифодаи ҳуқуқи ҷиноятии миллиро (б "с" қ. 1 м. 21 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ) иҷозат медиҳанд - эҳтимол ин нишондод пурра ба таъин намудани намуд ва андоза ҷазо барои ҷинояти байналмилалии дар ҳуқуқи миллӣ муайяншуда дахл дорад. Роҳ надодан ба татбиқи ҷазои сахттар ба шахс нисбат ба он, ки қонун дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят пешбинӣ намудааст, дар сатҳи Аврупо бо қарори Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ шудааст.

АДАБИЁТ

1. . CasseseA International Criminal Law. Oxford, 2003. P. 139.
2. Kittichaisaree K. International Criminal Law. P. 43.
3. S.W. v United Kingdom. Судебное решение от 22 ноября 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. Т. 2. С. 161—162.
4. [1] Prosecutor V. Z. Delalic, Z. Mucic, H. Delic, E. Landzo. Case № IT-96-21-T. 16 November 1998. § 313.
5. [1] Prosecutor v. Z. Aleksovsky. Case № IT-95-14/1-A. 24 March 2000. § 126.
6. Кузьменков С. Ю. О принятии Статута Международного уголовного суда // Вестник Московского университета. Серия 11. Право. 1999. № 4. С. 62.
7. Welch v United Kingdom. Судебное решение от 9 февраля 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. Т. 2. С. 79—84.

ПРИНСИПҲОИ «NULLUM CRIMEN SINE LEGE» ВА «NULLUM POENA SINE LEGE»

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ -принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ аниқтараш ба принсипи «Нест ҷиноят бе нишондоди он дар қонун» ва «Нест ҷазо бе нишондоди он дар қонун» бахшида шудааст. Муаллиф ҳамаи ҷанбаҳои принсипи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, нақш ва мавқеи ин принсипро дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муайян кардааст. Зимни баррасии мақолаи мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои дохилӣ ва байналхалқӣ васеъ истифода намудааст. Диққати махсус ба масоили доктринаҳои тавсифкунандаи принсипи мазкур ва манъи истифодаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ аз рӯи қиёс (Lex stricta) дода шудааст. Таъкид гардид, ки принсипи nullum crimen sine lege ва nullum poena sine lege дар худ ҳеҷ чизеро надорад, ки тавзеҳи қонунҳоро тавассути қарори суд манъ кунад ва дар мавридхои зарурӣ, ҳангоми минбаъд барраси кардани парванда ба ин қарорҳо такя кунад, бошад.

Калидвожаҳо: принсипҳои ҳуқуқи ҷинояти байналхалқӣ, принсипи қонуният, Суди байналхалқии ҷиноятӣ, Статути Рим, Суди Аврупои оид ба ҳуқуқи инсон.

ПРИНЦИПЫ «NULLUM CRIMEN SINE LEGE» и «NULLUM POENA SINE LEGE»

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов международного уголовного права - принципам международного уголовного права, точнее принципам «Запрещено преступление без его указания в законе» и «Запрещено наказание без его указания в законе». Автор рассматривает все аспекты этого принципа и определяет роль и место этого принципа в системе принципов международного уголовного права. При рецензировании статьи автор широко использует отечественные и зарубежные источники. Особое внимание уделяется доктринам, описывающим этот принцип и запрету использования международного уголовного права по аналогии (Lex stricta). Было подчеркнуто, что принцип nullum crimen sine lege и nullum poena sine lege не имеет ничего общего с запрещением толкования закона по решению суда и, в случае необходимости, опираться на эти решения при дальнейшем рассмотрении дела.

Ключевые слова: принципы международного уголовного права, принцип законности, Международный уголовный суд, Римский статут, Европейский суд по правам человека.

PRINCIPLES OF «NULLUM CRIME SINE LEGE» AND «NULLUM POENA SINE LEGE»

This article is devoted to one of the most important issues of international criminal law - the principles of international criminal law, more precisely the principles "No crime without its indication on the law" and "No punishment without its indication in the law." The author examined all the aspects of this principle and determined the role and place of this principle in the system of principles of international criminal law. When reviewing the article, the author makes extensive use of domestic and foreign sources. Particular attention is paid to doctrines describing this principle and the prohibition of the use of international criminal law by analogy (Lex stricta). It was emphasized that the principle of «Nullum crimen sine lege and nullum poena sine lege» has nothing to do with the prohibition of interpretation of the law by a court decision and, if necessary, rely on these decisions in the further consideration of the case.

Keywords: Principles of international criminal law, principle of legality, International Criminal Court, Rome Statute, European Court of Human Rights.

Сведения об авторе: ***Камолов Хуршедулло*** **–** Таджикский национальный университет магистр второго курса юридического факультета. Телефон: 907-64-22-11

Аввалан пеш аз он, ки дар бораи мафҳум, моҳият ва аҳамияти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сухан меронем, суоле ба миён меояд, ки сабаби асосӣ ва зарурияти қабули санадҳои ҳуқуқии аҳамияти байналмилалидошта аз ҷониби инсоният дар чист? Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст пайдоиши ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи инсонӣ ба таърихи ҳазорсолаи X-VIII пеш аз милод замоне рост меояд, ки нахустин инсонҳои рӯи замин ба даврони асри нави сангин ворид шудаанд. Шурӯъ аз замони пайдоиш инсоният дар давраи фаъолияти ҳаётиаш пайваста кӯшиш менамуд, ки ҳуқуқи худ ва ҳамсару фарзандон, инчунин наздикон, хешу табор ва дигаронро аз ҳар гуна хатар бо роҳи худмуҳофизатӣ дифоъ намуда, усули худмуҳофизаткунӣ ва ҷазодиҳиро амалӣ менамуданд. Дар раванди нкишофи ҷамъиятӣ, баъди оне ки инсоният ба табақаҳо ҷудо шуд, инчунин ба вуҷуд омадани давлат, муносибатҳои ҷамъияти байни инсонҳо ва миёни давлатҳо оғоз гардид. Албатта, ҳуқуқ ба маънои имрӯзааш дар он давраҳо вуҷуд надошт, лекин дар ҳама давру замонҳо ҳуқуқ ва адолат дар шаклҳои гуногун ба назар мерасанд. Ин нишондодҳо дар ҳар давру замон вобаста ба шакли давлатдорӣ ва хусусиятҳои сохти ҷамъиятӣ ба таври мухталиф таҷассум меёфтанд. Дар замони муосир ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои олии инсоният пазируфта шудааст. Дар тафовут аз дигар арзишҳо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда мешавад. Чуноне ки донишманди бузурги Юнони қадим Протагор қайд менамояд «инсон ченаки ҳама ашёҳост». Имрӯзҳо мо шоҳиди он ҳастем, ки ин ченакро ҳуқуқи инсон иҷро карда истодааст. Зеро шакли идораи дилхоҳ давлат, сохти давлатӣ ва режими сиёсии он бо дарназардошти амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон баҳогузорӣ карда мешавад.

Чуноне ки дар боло зикр намудем ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои олӣ эътироф гардид. Дар баробари арзиши олӣ эътироф гардидан аҳамияти байналмилалиро касб намуд, ва ин ба қабули санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ замима гузошт. Зеро дилхоҳ санадҳои ҳуқуқии байналмиалие, ки дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё умуман дар дигар самт бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул мешавад, ҳаминро қайд намудан ба маврид аст, ки санадҳои ҳуқуқии байнамилалӣ нисбат ба санадҳои дохили миллӣ қувваи олии ҳуқуқӣ доранд. Дар умум тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул мешавад бо мақсади беҳтару хубтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар кулли олам мебошад.

Дар замони муосир зери мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ-маъмулан қарордодҳои байналхалқии миёни давлатҳо басташуда ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофгардида ва чун қоида дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, масалан, Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ё конференсияҳои байналмилалӣ қабулгардида фаҳмида мешавад. Дар ҷаҳони имрӯза санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бештари санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқии аксари кулли давлатҳое, ки аъзои ташкилотҳои байналмилалӣ, масалан, Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мебошанд, таҳким бахшида шудаанд. Ҳамаи онҳо амалан ба стандартҳои дар ин соҳа таҳиякардаи ҷомеаи байналмилалӣ такя мекунанд. Зери мафҳуми стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон талабот ва меъёрҳои ҳатмии дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ таҳкимёфтаи ба эътирофи ҳуқуқи инсон чун арзиши олӣ фаҳмида мешавад. Мафҳуми умумиэътирофшудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки бештари олимон қобили мақабул донистаанд чунин аст. Санади байналмилалӣ- ҳуқуқӣ қарордод ё созишномаи байналмилалии байни давлатҳо дар шакли хаттӣ басташуда ва бо ва бо ҳуқуқҳои байналмилалӣ танзимшавандаест, сарфи назар аз он ки вай дар як, ду ё якчанд ҳуҷҷати байни ҳамдигар алоқаманд омадааст ва ҳамчунин сарфи назар аз он ки номи мушаххас дорад. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳар як қарордодҳои байналмилаие, ки бо тарафдори субъектони байналмилалӣ қабул мешавад, пеш аз ҳама дар он ҳадафи қабулшавӣ ва имзошавии он, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн, тартибу шартҳои қувваи амал пайдо кардани қарордод, мӯҳлати амали он муайян мегардад. Аксарияти давлатҳои имрӯза дар қонунгузории миллии хеш афзалиятнокиии принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба принсипҳо ва меъёрҳои дохилимилли қайд намудаанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон. Ҳамин тавр, тибқи конституцсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон меъёрҳои умумии байналмилалӣ як қисме аз қонунгузории миллиашонро ташкил медихад. Дар Испания бошад, шартномаҳои байналмилалӣ як қисми қонунгузориии Испанияро ташкил медиҳад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътирофшуда мутобиқат накунад, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунад. Қисми 3-и моддаи 10-и Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар навбати худ бо номҳои гуногун мавриди истифодаи ҷомеаи ҷаҳон гардидааст:

1.Эъломия	5. Статут (қонун, низомнома)
2. Конвенсия	6. Хартия
3. Паймон	7. Оиннома
4. Созишнома	8. Протокол

Эъломия (декларатсия)-(аз калимаи лотинии **deklartio**-гирифта шуда, маъноаш **ислоҳот**, **огоҳсозӣ**) - санади ҳуқуқии байналмилалиест, ки аз принсипҳо ва ҳадафҳои умумии ҳарду ҷониб мувофиқакарда таркиб ёфтааст. Эъломияҳо қувваи ҳатмӣ надоранд, онҳо танҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, инчунин пешниҳодҳо мебошанд. Масалан, Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ. Эъломияҳо танҳо имзо карданро аз ҷониби давлатҳо талаб мекунанд. **Конвенсия** созишномаи байналмилалӣ аз рӯи ягон масъалаи махсус, проблемаи якхела мебошад. Масалан, Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо. **Паймон** қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо аст. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 16- декабри соли 1966,

Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 16- декабри соли 1966. Қобили зикр аст, ки бисёр вақтҳо ба конвенсия ё паймон илова зам мешавад, ки онро дар илми ҳуқуқшиносӣ **протокол** меноманд, Масалан Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ду протоколи факултативӣ дорад: "Дар бораи ҷалб намудани кӯдакон ба низоъҳои мусаллаҳона"," Дар бораи хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакона ва порнографияи кӯдакона".**Резолютсия** (аз калимаи лотинии **resolution**- гирифта шуда, маъноияш **қарор**)- **қарорест**, ки дар натиҷаи муҳокимаи ягон масъала дар ҷамъомади (анҷуман, конференсия, сессия) машваратии мақомот, маҷлис қабул карда шудааст. Масалан, резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ. **Оиннома** қарордоди байналмилалиест, ки ҳадафҳои таъсис, принсипҳо, фаъолият, сохтори дохилии ташкилотҳои гуногуни байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан, Оинномаи СММ. **Статут** (аз калимаи лотинии **statuo** - гирифта шуда, маъноияш **қарор** мекунам, **ҳал** мекунам) - қарордоди байналмилалист, ки ҳадафҳо, сохтор ва функсияи ягон мақомоти байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан, Статути Суди Байналмилалии ҷаҳонӣ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чуноне ки дар боло гуфта гузаштем намудҳои гуногун доранд. Яке аз маъмултарин навъи он шартномаҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Зери мафҳуми шартномаҳои байналмилалӣ-созиши ду ва ё зиёда субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он байни тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ ба вуҷуд меояд. Барои равшану фаҳмотар шудани шартномаҳои байналмилалӣ онро таснифбандӣ менамоем. Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ назари ягонаи умумиэътирофшудаи таснифоти шартномаҳои байналмилалӣ вуҷуд надорад. Аз ин нигоҳ шартномаҳои байналмилалӣ бо унсурҳои гуногун таснифбанди карда мешавад.

1. Вобаста ба доираи амал шартномаҳои байналмилалӣ ба **универсалӣ** ва **минтақавӣ** тақсим мешаванд.

- шартномаҳои байналмилалии универсалӣ- Оинномаи Созмони Милали Мутаҳид, Конвенсияи Вена " Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналхалқӣ" аз 23 май соли 1969 ва ғайраҳо.

- шартномаҳои байналмилалии минтқавӣ- Оинномаи ИДМ, Оинномаи ташкилоти давлатҳои Америка, Оинномаи ташкилоти ягонаи Африка ва дигар санадҳои байналхалқие, ки дар доираи ин ташкилотҳо қабул мешаванду доираи амалашон ба минтақаҳои ҷудогона хос аст.

2. Вобаста ба доираи **иштирокчиён** шартномаи байналмилалӣ ба шартномаи байналмилалии **дутарафа** ва **бисёртарафа** ҷудо мешавад.

- Шартномаи байналмилалӣ бисёртарафа дар навбати хеш ба шартномаҳои байналмилалии универсалӣ (умумӣ) ва шартномаҳои байналмилалии доираи иштирокчиёнаш маҳдуд тақсим мешавад.

- Шартномаҳои байналмилалии бисёртарафаи универсалӣ он шартномаҳое мебошанд, ки дилхоҳ субъекти ҳуқуқт байналмилалӣ ба он ҳамроҳ шуда метавонад ва аз объекти ин гуна шартномаҳои байнлмилалӣ ҳама субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ манфиатдор мебошанд.

- Шартномаи байналмилалӣ бисёртарафаи доираи иштирокчиёнаш маҳдуд он шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, ки ба онҳо на ҳама субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамроҳ шуда метавонад.

Мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилали дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар қисми 3-уми моддаи 10-и Конституцсияи ҶТ чунин зикр шудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, он гоҳ меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал мекунанд. Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшударо ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии мамлакат муқаррар кардааст.Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созишномаҳои бисёртарафаи байналмилалие мебошад, ки дар сатҳи

СММ, ИДМ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба имзо расидаанд. Тоҷикистон инчунин бо давлатҳои алоҳида низ созишномаҳои дутарафа ба имзо расонидааст. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви паймонҳои СММ оид ба ҳуқуқи граждани ва сиёсӣ, оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра мебошад. Ҳамчунин, дар қисми 4-и моддаи 10 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мегардад, ки қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда танҳо пас аз интишори расмии онҳо амал менамоянд. Қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар муҳлати дах рӯзи баъди қабули онҳо имзо ва интишор карда шаванд. Тартиби интишори расмии қонунҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" танзим мекунад. Тибқи моддаҳои 52-53 қонуни зикргардида қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуданашон ба забони давлатӣ дар муддати на дертар аз понздаҳ рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ дар рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум" интишор гарданд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар "Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба забони давлатӣ ва ба забони муоширати байни миллатҳо интишор карда мешаванд. Ба забони давлатӣ ба табъ расидани қонунҳо интишори расмӣ ба шумор меравад.

САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳум, аҳамият ва намудҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар муқоиса ба санадҳои дохилимиллӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Нависанада бо истифода аз адабиётҳои дохилӣ ва беруна кӯшиш намудааст то мазӯро пурра ва фаҳмотар мавриди омӯзиши толибилмон пешкаш намояд.

Калидвожаҳо: санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; санад; эъломия, статут (қонун, низомнома); конвенсия; хартия; паймон; оиннома; созишнома; протокол; санадҳои ҳуқуқии дохилимиллӣ; қонун; шартномаҳои байналмилалӣ; мафҳум; моҳият; аҳамият.

АКТЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА

В данной статье анализируются и рассматриваютсия понятие, и виды междунородно – правовых актов в сравнении с внутригосударственными. Использую внутреннюю и вненую литературу, автор постарался сделать предмет более поным и понятным для изучения учащимся.

Ключевые слова: акты международного права; акты; декларация; статут (закон, устав(положение)); конвенция; хартия; устав; соглашение; протокол; национальные правовые акты; закон; международные договор; понятие; сущность; важность;

ACTS OF INTERNATIONAL LAW

The article analyzes and discusses the concept, meaning and types of international legal acts in comparison with domestic ones. Using internal and external literature, the author tries to present the topic for students more fully and clearly to study.

Keywords: acts of international law; act; declaration; statute law; convention; charter; agreement; protocol; national legal act; international treaty; concept; essence; importance.

Сведения об авторе: ***Наботов Наимджон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: 901-00-70-01

Information about the author: ***Nabotov Naimjon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of law. **Phone**: 901-00-70-01

ХАТОГИҲОИ ИМЛОӢ – ГРАММАТИКИИ ҚОНУНУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ ВА САБАБҲОИ РИОЯИ НАШУДАНИ ОН

Назаров Рамазон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Акнун замоне фаро расидааст, ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддин пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ

бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ танзим намоем ва дар навбати аввал ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем”.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар илова ба суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудан зарур аст, ки ҳар як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ чӣ қонун ва чӣ санади зерқонуние, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст ва минбаъда қабул карда мешавад набояд ба хатогиҳои кӯчаке роҳ диҳад. Зеро ин омил вобастагӣ аз он дорад, ки тоҷикон забон, фарҳанг, тамаддун ва таърихи қадимаи ғаниро дар худ таҷассум сохтаанд. Вобаста ба хатогиҳои имлоӣ ва грамматикие, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба миён омадааст, аз вайрон намудани якчанд талаботҳои санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии батанзимдароваранда дар самти дуруст ва дақиқ навишта шудани меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, талаботҳои зарурие, ки ҷиҳати дуруст ва беғалат ба таҳия, қабул ва интишор намудани санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст дар алоҳидагӣ дида мебароем ва муайян мекунем, ки кадом талаботҳо ба вайронкунии ҷиддӣ роҳ дода шудааст ва кадом оқибати ҳуқуқиро ба миён меоварад. Пеш аз ҳама Конституцсияи ҶТ дар моддаи 2 муқаррар намудааст: Забони давлатии Тоҷикистон забони давлатӣ аст. Дар асоси муқаррароти конституцсионӣ масъалаҳои вобаста ба истифодаи забон дар фаъолияти шохаҳои гуногуни ҳокимият, идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ матраҳ гардида, муқаррар шудааст, ки бояд коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории онҳо ба забони давлатӣ анҷом дода шавад ва ба қоидаҳои имлоӣ ва грамматикӣ назорати ҷиддӣ дода шавад. Ҳуҷҷатҳои олии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ қабул гардида, ба хотири дастрасии шаҳрвандони кишвар дар васоити ахбори умум интишор мешаванд. Ҳангоми таҳияи реклама, лавҳа, эълон ва хабарномаву огоҳинома, ки ба таваҷҷуҳи умум пешниҳод мегардад, риояи имло ва грамматикаи забони давлатӣ ҳатмӣ аст. Вале, тавре дар ҳаёти ҳамарӯза мушоҳида менамоем, матни санадҳо ҳарчанд ба забони давлатӣ навишта мешаванд, вале пур аз ғалатҳои маъноиву имлоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додани чунин навиштаҷот, пеш аз ҳама, ба матлаби онҳо аҳамияти зарурӣ зоҳир намудан лозим аст. Инчунин, тамға, дастурнома ва барчаспи маҳсулоти корхонаҳои кишвар, матни варақаҳои расмӣ, мӯҳр, штамп ва ғайра аввал бояд бо забони давлатӣ ба роҳ монда шаванд, зеро онҳо таҷассумкунандаи забони давлатӣ мебошанд. Аз ин муқаррароти конституцсионӣ бармеояд, ки ҳар як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои корхонаю ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, санадҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва дигар санадҳо бояд ба талаботи меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва ҷавобгӯ бошанд.

Ҳолати дигарро ҳангоми таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дида мебароем. Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сархати 3. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд.

Сархати 6. Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

Моддаи 6. Забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд.

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шахсони мансабдор, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ҳамаҷониба вазъии ҳуқуқии забони давлатиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатӣ, риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкурро ба танзим медарорад. Ин шаҳодати он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риояи забони давлатӣ ва қоидаҳои имлоӣ санадҳои батанзимдароваранда ҷой доранд ва дар ҳар маворид метавонад нисбати шахсоне, ки талаботҳои **қонунро** вайрон мекунанд, ҷавобгариро дар амал татбиқ намоянд.

Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” чунин нишон медиҳад: Моддаи 49. Талаботи забонӣ ба матни санади меъёрии ҳуқуқӣ

1. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад.

2. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд.

Моддаи 51. Талабот ба сабку услуби санади меъёрии ҳуқуқӣ

Дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи чунин калимаву ибораҳо норавост:

- забони гуфтугӯи халқӣ (лаҳҷавӣ ва шевагӣ), ифодаҳои маҷозӣ ва пуробуранг;
- мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно;
- истифодаи калима ва истилоҳоти бегонаи ғайримаъмул дар сурати дар забони давлатӣ мавҷуд будани чунин калима ва истилоҳот;
- ибора ва таркибҳои норавшан, мулоҳизот, хитобу даъватҳои умумӣ;
- калимаҳои мураккаби ихтисоршуда (аббревиатура), ба истиснои ҳолатҳои зарурӣ ва бо нишон додани шакли пурраи онҳо;
- истилоҳоти ғайримеъёрӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим намуда, принсипҳои асосӣ, мафҳум, намуд, низом, таносуби байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эътибори ҳуқуқӣ, тартиби умумии таҳия, қабул, интишор, амал, мураттабсозии онҳо ва роҳҳои ҳалли ихтилофоти ҳуқуқиро муайян мекунад. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 оид ба истифодаи забони давлатӣ муқаррар менамояд: Барномаи мазкур муқаррароти Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ намуда, ба ташаккули забони илм, рушди истилоҳоти тахассусӣ, таҳияи дастурҳо, эҳёи номҳои миллӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ мусоидат менамояд. Барнома ҳамчун ҳуҷҷати дурнамо роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои муҳимро дар самти татбиқи забони давлатӣ муайян намуда, барои таҳия ва нашри фарҳангномаҳо, муҳоваraҳо ва маводи таълимӣ мусоидат менамояд.

Барнома рушди устувори забони давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, мақсадҳои зеринро дар бар мегирад:

- такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории соҳавӣ бобати татбиқи сиёсати давлатии забон;
- таъмини рушди ҳамаҷониба ва ҳимояи забони тоҷикӣ;
- риояи ҳатмии меъёрҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ;
- ҳифзи забони адабӣ аз ҳар гуна унсурҳои ғайриадабӣ, гуфтугӯӣ ва бегона ва ғ;

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмуриро оид ба ҳолати мазкур муқаррар намудааст.

Моддаи 89. Риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», (ҚҶТ аз 21.07.10 с., №614).

– ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Дар асоси исботнамоиҳои болозикр, ки бо далелҳо оварда шудааст, пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати риояи ҳатмии меъёрҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ ва вайрон нашудани талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти забони давлатӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якчанд моддаҳо тағйирот ворида карда шавад. Зеро, дар якчанд моддаҳои мавҷудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботҳои меъёрии имло ва грамматикаи забони тоҷикӣ даҳалона вайрон карда шудааст. Дар акси ҳол пешниҳод менамоям, ки нисбат ба субъектони таҳия ва қабулкунандаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ талаботҳо барои риояи накардани меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шавад.Хатогиҳои имлоӣ – грамматикии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба мо чунин менамояд.

Моддаи 6. Мафҳумҳои асосӣ

– лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ - лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран дар ҷои муайян нигоҳ доштан, маҷбуран овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё мамониат кардан ба анҷом додани дигар ҳаракатҳои шахс тибқи иродаи худ новобаста ба расман додани ягон мақоми мурофиавӣ ба шахси дастгиршуда ё иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршуда (ҚҶТ аз 14.05.2016 с., №1306);

– прокурор – Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, Сарпрокурори ҳарбии Тоҷикистон, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сардорони раёсатҳо (шӯъбаҳо), муовини якум ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори генералӣ, прокурорҳои калон ва прокурорҳои раёсатҳо (шӯъбаҳо), ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои калон ва прокурорҳои шӯъбаҳои прокуратураҳои вилоятҳо, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда, ки прокурорҳои нақлиёт, ҳарбии гарнизонҳо ва назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳиро дар бар мегиранд, муовини якум ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни онҳо, прокурор - криминалистҳои калон ва прокуроркриминалистҳо, ки дар доираи салоҳияташон фаъолият мекунанд (Қонуни ҶТ аз 04.07.2020 № 1702);

– хешовандони наздик – падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва ҳоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар;

Моддаи 12. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ.

3. Ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ӯҳдадоранд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки ин шахсон чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд. (ҚҶТ аз 2.08.11с., №755).

Моддаи 14. Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ. Сирри шахсӣ ва оилавиро қонун ҳифз мекунад. Ҳар шахс ба ҳифзи маълумоти шахсӣ, сирри амонат ва пасандоз, мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот ва дигар ахборот ҳуқуқ дорад. Маҳдуд кардани ин ҳуқуқҳо дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонунгузорӣ бевосита муқаррар кардааст, мумкин мебошад (Қонуни ҶТ аз 04.07.2020 № 1702).

Моддаи 32. Озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан. Суд, судя, прокурор дар асоси моддаи 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муфаттиш ва таҳқиқбаранда мутобиқи моддаи

мазкур ва бо ризои прокурор бинобар гузаштани мӯҳлати ба чавобгарии ҷиноятӣ кашидан вазифадоранд:

- оғози парвандаи ҷиноятиро рад кунанд;
- пешбурди парвандаи ҷиноятии оғошударо қатъ намоянд

Моддаи 35[1]. Тартиби баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конституцсионии шахрваидон ҳангоми гузаронидаии чорабинҳои оперативӣ – ҷустуҷуи.

Тартиби баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конституцсионии шахрваидон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯй мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯй» муайян карда мешавад. (ҚҶТ аз 2.08.11с., №755)

Лозим ба тазаккур аст, ки дар бисёре аз моддаҳои Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои ӯҳдадорӣ – уҳдадорӣ, мӯҳлат – муҳлат ва кӯмак – кумак ба тарзҳои гуногун истифода шудааст, дар ҳоле, ки имлои забони тоҷикӣ тарзи дуруст навишта шудани онро як хел пешбинӣ намудааст.

Аз далелу исботнамоиҳои болозикр возеҳ мегардад, ки дар якчанд моддаҳои Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатогиҳои имлоӣ – грамматикӣ ҷой дорад ва бо мақсади ислоҳ ва бартараф намудани камбудиҳо зарурати тағйироту иловаҳоро ворид кардан ба қонунгузорӣ ба миён меояд.

АДАБИЁТ:

1. Абдуллоев, Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми якум: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.А. Абдуллоев. – Душанбе, 1979. – 150 с.
2. Актуальные проблемы уголовного судопроизводства. Избрание меры пресечения судом : науч.-практич. пособие / под ред. Н. А. Колоколова. – М. : ЮНИТИ : Закон и право, 2011. – 543 с.
3. Баранов Г., Калинкина Л. Существенное нарушение уголовно-процессуального закона как основание к отмене приговора, определения и постановления суда // Советская юстиция. 1982. N 5. С.12-13.
4. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030
5. Безлепкин Б.Т. Проблемы уголовно-процессуального доказывания // Советское государство и право. 1991. N 8. С. 98105.
6. Воскобитова Л.А. Существенные нарушения уголовно-процессуального закона как основание к отмене приговора: автореф. дисс. канд. юрид. наук. М., 1979. 22с.
7. Ерофеев Г.А. Нарушения уголовно-процессуального закона как основания пересмотра приговоров: дисс. канд. юрид. наук. Свердловск, 1977. 188с.
8. Ерофеев Г.А. Нарушения уголовно-процессуального закона как основания пересмотра приговоров: автореф. дисс. канд. юрид. наук. Свердловск, 1977. 24с.
9. Калинкина Л.Д. Существенные нарушения уголовно-процессуального закона и их отграничение от несущественных: автореф. дисс. канд. юрид. наук. Саратов, 1981. 24с.
10. Калинкина Л.Д. Существенные нарушения уголовно-процессуального закона и их отграничение от несущественных: дисс. канд. юрид. наук. Саратов, 1981. 188с.

ХАТОГИҲОИ ИМЛОӢ – ГРАММАТИКИИ ҚОНУНУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ ВА САБАБҲОИ РИОЯИ НАШУДАНИ ОН

Дар мақолаи мазкур хатогиҳои имлоӣ – грамматикии қонунузории мурофиавии ҷиноятӣ ва сабабҳои риояи нашудани он таҳлил карда шудааст. Вобаста ба хатогиҳои имлоӣ ва грамматикие, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба миён омадааст, аз вайрон намудани якчанд талаботҳои санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии батанзимдароваранда дар самти дуруст ва дақиқ навишта шудани меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Вале, тавре дар ҳаёти ҳамарӯза мушоҳида менамоем, матни санадҳо ҳарчанд ба забони давлатӣ навишта мешаванд, вале пур аз ғалатҳои маънаиву имлоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тартиб додани чунин навиштаҷот, пеш аз ҳама, ба матлаби онҳо аҳамияти зарурӣ зоҳир намудан лозим аст. Бинобар ин, талаботҳои зарурие, ки ҷиҳати дуруст ва беғалат ба таҳия, қабул ва интишор намудани хатогиҳои имлоӣ – грамматикии қонунузории мурофиавии ҷиноятӣ ва сабабҳои риояи нашудани он пешбинӣ шудааст дар алоҳидагӣ дида мебароем ва муайян мекунем, ки кадом хатогиҳои имлоӣ – грамматикии қонунузории мурофиавии ҷиноятӣ ва сабабҳои риояи нашудан дида мешавад.

Калидвожаҳо: Хатогиҳои ҷиддӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, тафтиши судӣ, қобили қабул будани далелҳо, ҳайати ғайриқонунии суд, ғоибии судшаванда, саҳеҳияти маълумот, ҳукм, ҳимоятгар, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.

ОРФОГРАФИЧЕСКИЕ И ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОШИБКИ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ЕГО ПРИЧИНЫ

В статье анализируются орфографические и грамматические ошибки в уголовно-процессуальном и причины его несоблюдения в законодательстве. Из-за орфографических и грамматических ошибок в уголовно-процессуальном законодательстве наблюдается нарушение ряда требований нормативных правовых актов в правильном и точном написании правил орфографии таджикского языка. Однако, как мы видим в повседневной жизни, текст документов хоть и написан на государственном языке, но полон смысловых и орфографических ошибок. Поэтому при составлении таких сочинений, в первую очередь, необходимо уделять должное внимание их содержанию. Следовательно, необходимы требования к правильности и достоверности разработки, принятия и опубликования орфографических ошибок в уголовно-процессуальном законодательстве Причины несоблюдения мы рассмотрим отдельно и определим, какие орфографические и грамматические ошибки наблюдаются в уголовно-процессуальном законодательстве и причины несоблюдения.

Ключевые слова: серьезные ошибки в уголовно-процессуальном законодательстве, судебное следствие, допустимость доказательств, неправомерный состав суда, отсутствие подсудимого, достоверность сведений, приговор, защитник, участники уголовного процесса.

SPELLING AND GRAMMATICAL ERRORS OF CRIMINAL PROCEDURAL LEGISLATION AND ITS REASONS

The article analyzes spelling and grammatical errors in criminal procedural legislation and its reasons. Due to spelling and grammatical errors in the criminal procedural legislation, there is a violation of a number of requirements of regulatory legal acts in the correct and accurate spelling of the spelling rules of the Tajik language. However, as we see in everyday life, the text of the documents, although written in the state language, is full of semantic and spelling errors. Therefore, when compiling such essays, first of all, it is necessary to pay due attention to their content. Consequently, requirements are necessary for the correctness and reliability of the development, adoption and publication of spelling errors in criminal procedure legislation. We will consider the reasons for non-compliance separately and determine which spelling and grammatical errors are observed in criminal procedure legislation and the reasons for non-compliance.

Keywords: serious errors in criminal procedure legislation, judicial investigation, admissibility of evidence, illegal composition of the court, absence of a defendant, reliability of information, sentence, defense lawyer, participants in criminal proceedings.

Сведения об авторе: ***Назаров Рамазон Нуралиевич***-Таджикский национальный Университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе. **Тел:** 931-31-34-44.

Information about the author: ***Nazarov Ramazon Nuralievich***-Tajik national University, graduate student of Law Faculty. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city. **Phone:** 931-31-34-44

МАФҲУМ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ТИББӢ

Наимов С.Р
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили асоси ҳуқуқӣ барои соҳаи тиб дар солҳои аввали истиқлолият оғоз ёфт. Дар соли 2010 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" шурӯъ намуда, барномаи амалиётро ҷиҳати суръат бахшидан ба беҳтар кардани саломатии аҳолӣ ва рушд муайян намуд. Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 таҳкими низоми тандурустиро ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷа ҷиҳати татбиқи бомуваффақияти он эътироф намуда, муҳим будани рушди кумаки аввалияи тиббию санитариро (КАТС), дар асоси амалияи тибби оилавӣ, дар байни афзалиятҳои ислоҳоти соҳаи тандурустии Тоҷикистон дар ин марҳила қарор дод. Ҳуқуқи тиббӣ низ яке аз институтҳои муосири ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун фанни таълимӣ аввалин маротиба соли 2018 дар феҳристи фанҳои таълимӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ дохил карда шуд. Оид ба мафҳуми ҳуқуқи тиббӣ андешаҳои олимони хориҷӣ гуногун баён шудаанд:

1. Дар сомонаи Википедия чунин мафҳум пешниҳод гардидааст: «Ҳуқуқи тиббӣ – соҳаи ҳуқуқ, низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тандурустӣ, суғуртаи тиббӣ ва ё кулли муносибатҳо оид ба ташкил, пардохт ва расонидани ёрии тиббӣ мебошад» [1].

2. Ба андешаи Воробьева Л.В. ҳуқуқи тиббӣ (тандурустӣ) ҳуқуқ ва ё ҳуқуқ оид ба ҳифзи саломатии шаҳрвандон соҳаи комплексии ҳуқуқ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё меъёрҳо мебошад, ки муносибатҳои ташкилӣ, молу мулкӣ, шахсии дар натиҷаи

амалинамоии чорабиниҳои саниторию-эпидемиологӣ ва расонидани кӯмаки табобатию профилактикии шаҳрвандон бавуҷдояндаро, ба танзим медарорад [2].

3. Ҳуқуқи тиббиро А.А. Кралько ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ, ки дарбаргирандаи низоми меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бахши ҳифзи саломатии аҳолӣ маънидод мекунад[3].

4. Ҳуқуқи тиббӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ муқаррар шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба фаъолияти тиббӣ ба танзим медарорад[4].

Ҳуқуқи тиббӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ танзим мекунад. Предмети ҳуқуқи тиббӣ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии зеринро фаро мегирад:

- танзим ва идоракунии давлатии соҳаи тиб;
- низоми тиб;
- маблағгузории низоми давлатии тиб;
- иҷозатномадиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, аккредитатсия ва аттестатсияи соҳаи тиб;
- экспертиза дар соҳаи тиб;
- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон, беморон ва кормандони соҳаи тиб;
- намуд ва шаклҳои кумаки тиббӣ;
- тарбияи кадрҳои соҳаи тиб ва ҳуқуқи ба фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ машғул шудан;
- фаъолияти хусусии тиббӣ;
- тибби оилавӣ;
- тибби халқӣ;
- солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивии аҳолӣ;
- таъмини модарону кӯдакон бо кумаки тиббию санитарӣ;
ҳимояи ғизои кӯдакон;
- ҳифзи солимии ҷамъиятӣ;
- таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ;
- маводи доруворӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ;
- донории хун ва ҷузъҳои он;
- пайвандсозии узв ва (ё) бофтаҳои инсон;
- расонидани кумаки тиббӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон;
- ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил;
- муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният;
- расонидани кумаки тиббию иҷтимоӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ;
- расонидани кумаки тиббию иҷтимоӣ ба беморони наркологӣ;
- ҳимояи тиббию иҷтимоии шаҳрвандони мубталои диабети қанд;
- назорати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва татбиқи ҷавобгарӣ.

Методи ҳуқуқи тиббӣ маҷмӯи усулҳо ва тарзҳоест, ки давлат барои танзими муносибатҳои тиббӣ истифода мекунад. Дар танзими муносибатҳои тиббӣ методҳои ҳатмӣ (тобеияту итоат) ва корбурд (баробарҳуқуқӣ) истифода мешаванд. Мисоли методи ҳатмӣ моддаи 70-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1413 шуда метавонад, яъне ба субъектҳои фаъолияти хусусии тиббӣ амалҳои зерин манъ аст: гузаронидани сеансҳои оммавии табобатӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои ахбори омма; истифодаи тарзу усулҳои пешгирӣ, ташхис, табобати бемориҳо, инчунин доруворие, ки истифодаи онҳо дар амалияи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода нашудааст. Методи корбурд муқаррароти моддаи 76 КТ ҶТ шуда метавонад, яъне шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд, ҳуқуқ доранд[5]:

- оид ба бемориҳое, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ кардааст, кумаки тиббии халқӣ расонанд;
- усулҳои тибби халқиро бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд;

- ба табобати беморон баъди бо усулҳои тибби муосир, ки тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааанд, маълум гаштани натиҷаи ташхис машғул шаванд;

- бо дигар шахсони воқеие, ки бо амалияи тибби халқӣ машғуланд, барои расонидани кумаки тибби халқӣ якҷоя фаъолият намоянд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи дорувории тибби халқиро тайёр ва истифода кунанд;

- ба тадқиқотҳои илмии соҳаи тибби халқӣ тибқи самтҳои афзалиятноке, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ кардааст, машғул шаванд.

Принсипҳои ҳуқуқи тиббӣ гуфта, ғояҳои асосӣ, роҳнамо, муайянкунандаи мазмун ва самтҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои тиббиро меноманд.

Дар ҳуқуқи тиббӣ чунин принсипҳо мавҷуданд:

- таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон барои гирифтани кумаки тиббии бехатар, самарабахш ва сифатнок;

- ҷавобгарии якҷояи давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ;

- таъмини ҳаҷми кафолатноки кумаки ройгони тиббӣ;

- ҳифзи солимии модару кӯдак;

- афзалиятнок будани самти пешгирӣ дар фаъолияти низоми тандурустӣ;

- дастрас будани кумаки тиббӣ;

- мунтазам баланд бардоштани сифати кумаки тиббӣ;

- таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

- васеъ намудани имкониятҳои ҷомеа оид ба масъалаҳои ҳифзи саломатӣ;

- пайдарпайии фаъолияти ташкилотҳои тандурустӣ дар хизматрасонии тиббӣ;

- таъмини муттасилӣ ва пайдарҳамии таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ бо истифода аз технологияҳои замонавии таълим;

- дастгирии давлатии илми тибби ватанӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илмӣ, техникӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи тандурустӣ;

- ҳавасмандгардонии донории ройгони ихтиёрӣ;

- дастгирии давлатӣ оид ба таҳия ва рушди рақобатпазирии саноати тиббӣ ва фарматсевтии ватанӣ;

- иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ;

- самтнокии иҷтимоии тандурустӣ, ки ба қонеъ гардонидани талаботу эҳтиёҷоти аҳолӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагӣ равона карда шудааст;

- мусоидат дар ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ғизои солим;

- алоқамандии саломатии аҳолӣ, бехатарӣ, самарабахшӣ ва сифати маводи доруворӣ ба омилҳои таъмини амнияти миллӣ.

Низоми ҳуқуқи тиббӣ сохтори дохилии ҳуқуқи тиббиро ифода мекунад, ки он ҳамчун институти ҳуқуқи соҳибкорӣ аз зериниститутҳои зерин иборат мебошад:

- танзим ва идоракунии давлатии соҳаи тиб;

- намуд ва шаклҳои кумаки тиббӣ;

- фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тиб;

- солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивии аҳолӣ;

- назорати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ғайра.

Ҳар як зериниститут дорои унсурҳои таркибии хуб мебошад. Масалан зериниститути намудҳои кумаки тиббӣ ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- кумаки пеш аз табибӣ;

- кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

- кумаки тахассусии тиббӣ;

- кумаки махсусгардонидашудаи тиббӣ;

- кумаки баландихтисоси тиббӣ;
- кумаки тиббию иҷтимоӣ.

АДАБИЁТ

1. https://ru.wikipedia.org/wiki.
2. Воробьева Л.В. Медицинское право: краткий курс лекций. - М., Феникс, 2014. 173 с.
3. Кралько А.А. Медицинское право, как отрасль права: теоретические основы и современные концепции// Журнал «Медицинские новости». №7, 2009. С.12.
4. Орешникова М.Г., Верещака А.С. Медицинское право, как отрасль гражданского права: проблема идентификации // Международный студенческий научный вестник. – 2016. – № 6. URL: http://www.eduherald.ru/ru/article/view?id=16714 (дата обращения: 02.02.2019).
5. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1413/

МАФҲУМ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ТИББӢ

Дар мақолаи мазкур оиди мафҳум предмет ва методҳои ҳуқуқи тиббӣ, низоми ҳуқуқи тиббӣ ва зеринститутҳои он, назарияҳои пешқадам оид ба ҳуқуқи тиббӣ, ташаккули ҳуқуқи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи тиббӣ, ҳавасмандгардонии донорӣ, усулҳои табобатии муосир, дастгирии давлатии таҳия ва роҳандозӣ намудани стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи тиб, танзим ва идоракунии давлатии соҳаи тиб, намуд ва шаклҳои кумаки тиббӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тиб, солимии репродуктивӣ ва ҳуқуққои репродуктивии аҳолӣ, кумаки пеш аз табибӣ, кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, кумаки тахассусии тиббӣ, кумаки махсусгардонидашудаи тиббӣ, кумаки баландихтисоси тиббӣ, кумаки тиббию иҷтимоӣ, таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон барои гирифтани кумаки тиббии бехатар, самарабахш ва сифатнок, ҷавобгарии якҷояи давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ, таъмини ҳаҷми кафолатноки кумаки ройгони тиббӣ, ҳифзи солимии модару кӯдак ва танзим ва назорати давлатии соҳаи тиб сухан меравад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи тиббӣ, донор, фарматсевтӣ, санитарӣ, эпидемиология, тиббӣ халқӣ, иҷозатдиҳӣ, кӯмаки тиббӣ, фаъолияти тиббӣ, дорусозӣ, репродуктивӣ.

ПОНЯТИЕ И СИСТЕМА МЕДИЦИНСКОГО ПРАВА

В статье рассматриваются понятие предмета и методы медицинского права, система медицинского права и его заменители, передовые теории медицинского права, становление медицинского права в Республике Таджикистан, источники, регулирующие медицинское право, стимулирование донорства, современные методы лечения, государственная поддержка и государственные программы в области медицины, государственное регулирование и управление медициной, виды и формы медицинской помощи, предпринимательская деятельность в области медицины, репродуктивное здоровье и репродуктивные права, доврачебная помощь, первичная медико-санитарная помощь, специализированная медицинская помощь, специализированная помощь., высококвалифицированная медицинская помощь, медицинская и социальная помощь, обеспечение равных прав граждан на получение безопасной, эффективной и качественной медицинской помощи, солидарная ответственность государства, работодателей и граждан за сохранение и укрепление индивидуального и общественного здоровья обеспечение гарантированной охраны здоровья матери и ребенка и контроле в области медицины.

Ключевые слова: медицинского права, донор, фармацевтов санитарный, эпидемиология, народная медицина, разрешение, медицинская помощь, репродуктивный.

THE CONCEPT AND SYSTEM MEDICAL LAW

This article discusses the concept of the subject and methods of medical law, the system of medical law and its substitutes, advanced theories of medical law, the formation of medical law in the Republic of Tajikistan, sources regulating medical law, donor incentives, modern treatment methods, government support and state programs in the field of medicine, state regulation and management of medicine, types and forms of medical care, entrepreneurial activity in the field of medicine, reproductive health and reproductive rights of the population, pre-medical care, primary health care, specialized medical care, specialized care , highly qualified medical care, medical and social assistance, ensuring equal rights of citizens to receive safe, effective and quality medical care, joint responsibility of the state, employers and citizens to maintain and strengthen individual and public health, ensuring guaranteed free maternal and child health care and state regulation and control in the field of medicine.

Keywords: medical law, donor, pharmacists, sanitary, epidemiology, folk medicine, permission, medical assistance, reproductaive

Сведения об авторе: ***Наимов Садам Рустамхонович***-магистрант 2-ого курса очного отделения юридического факультета Таджикский национальный университет 735000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дарвоз 18 тел: 908 82 0123.

Information about the author: ***Naimov Sadam Rustamkhonovich*** **-** a 2-nd year magister full time education of Law faculty of the TNU 735000c. Dushanbe, st. Darvoz 18 тel: 908 82 0123

МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

Рузматзода Некруз
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳи «гумрук» (таможенная) пайдоишаш аз калимаи «тамға»-и туркӣ-муғулӣ аст. Зеро дар қарнҳои XIII-XVIII дар Руссия калимаи «тамға» шакли феъли «тамжит» (таможенная-гумрук)-ро гирифт, ки ифодасози маблаг ё пардохт нисбати молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаваду мақомоти махсус меситонданд, фаҳмида мешуд. Воқеан, истилоҳи «гумрук» ифодакунандаи мақомоти махсуси давлатӣ аст, ки дар нуқтаи муайяни хати сарҳад ҷойгир буда, аз моли интиқолшаванда аз сарҳади гумрукӣ пардохт меситонаду ба он тамға мегузорад. Вале рушди тиҷорати дохилию хориҷӣ ва таҳияю қабули санадҳои расмию ҳуқукӣ ба пайдоиши мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» бо фарогири маҷмӯи муносибатҳои мураккабу комплексӣ вобаста ба сиёсату фаъолияти дохилию хориҷии давлат замина гузошт. Гарчӣ фаъолияти гумрукӣ таърихи қадима дорад ва пайдоишаш аз лаҳзаи мубодилаи мол оғоз мегардаду бо пайдоиши давлат вобастагии ногусастанӣ дорад. Лекин мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули нахустин Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 1992 дар чунин шакл мавриди истифода қарор гирифта буд: «Фаъолияти гумрукӣ иборат аст аз тартиби аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани молҳо ва дигар ашё, андози гумрукӣ, ба сурати расмӣ даровардану назорат кардан ва дигар воситаҳои ба амал баровардани сиёсати гумрукӣ, фаъолияти гумрукӣ ба мақсади мутаносибу ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳою стандартҳои маъмули амалияи байналхалқӣ бо иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ пеш меравад». (Моддаи 1). Мазмуни фаъолияти гумрукӣ тибқи Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 бо муносибатҳои ҷомеа ва иқтисоди бозоргонӣ мувофиқ кунонда шуда буд, зеро фаъолияти гумрукиро чун воситаи амалкунии сиёсати гумрукӣ муаррифӣ кард ва фарогири тартиби интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва дигар воситаҳои татбиқнамоӣ дар ҳаёт сиёсати гумрукӣ буд. Вале дар мафҳуми фаъолияти гумрукӣ сиёсати гумрукӣ дохил карда нашуда буд ва танҳо чун воситаи татбиқи сиёсати гумрукӣ фаъолияти гумрукӣ муаррифӣ мегашт. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 мафҳуми фаъолияти гумрукиро васеъ намуд ва сиёсати гумрукро ҷузъи он баррасӣ кард. Воқеан мафҳуми фаъолияти гумрукӣ моҳиятан мукаммал гашту дар чунин шакл дар моддаи 1 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 баррасӣ гашт: «Фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тартиб ва шартҳои аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани мол ва воситаҳои нақлиёт, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, баррасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва воситаҳои дигари дар амал татбиқ намудани сиёсати гумрукӣ ташкил медиҳанд». Дар ин ҷо мафҳуми фаъолияти гумрукӣ вобаста ба мазмуну сохтори Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1995 фарогири на ҳамаи унсурҳои муҳими сохтори фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, чунки омори гумрукӣ, номгӯи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва ғайра дар мафҳуми фаъолияти гумрукӣ ҷой дода нашуда буданд. Дар банди 2 моддаи 1 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 мафҳуми фаъолияти гумрукӣ бо мазмуну моҳияти нав истифода шуд: «Фаъолияти гумрукӣ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбирҳои танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро дарбар мегирад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст». Фаъолияти гумрукӣ монополияи давлат аст, ки ҳуқуқи истисноии кишварро дар коркард ва амлигардонии сиёсати гумрукӣ ифода мегардонад. Монополияи давлат будани фаъолияти гумрукӣ дар халли ду масоил ифода мегардад. Аввалло, истифодаи ҳамаҷонибаи робитаи иқтисоди хориҷи баҳри ҳалли масъалаи рушди иқтисоди кишвар, баъдан пешгирӣ аз таъсири ҳамагуна омилҳои носолим бо иқтисоди

хорича кишвар мебошад. Воқеан, фаъолияти гумрукӣ аз нигоҳи ҳайат ва сохтор зуҳуроти мураккаб, гуногунпаҳлу ва дорои хусусияти комплексӣ мебошад, ки бевосита ба сиёсати дохилию хорича ва фаъолияти давлат вобастагии ногусастанӣ дорад. Сохтори фаъолияти гумрукӣ фарогири унсурҳои амалиёти гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ, тарифи гумрукӣ ва омори гумрукӣ буд. Вале, бояд иқрор шуд, ки сохтори фаъолияти гумрукӣ тағйирёбанда аст ва дар ин ҷода вазифаи асосии сиёсати гумрукӣ воситаҳои такмил додан, нав кардан, тағйирот ё иловагиҳо шомил кардан ба мазмуни сохтори фаъолияти гумрукӣ мутобиқ ба шароиту замон аст. Самтҳои асосии инкишофи фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқаткунии меъёру таҷрибаи маъмули байналхалқӣ ва дар иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналхалқӣ дар инкишофу таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии байналхалқӣ ифода мегардад.

Фаъолияти гумрукӣ дар асоси принсипҳои ягонагии сиёсати гумрукӣ, қаламрави гумрукӣ, қонунгузории гумрукӣ ва танзими тарифӣ-гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Мақсади фаъолияти гумрукӣ дар иқтисодӣ, танзимӣ ва ҳифзи ҳуқуқи давлат ифода мегардад. Мақсади иқтисодии фаъолияти гумрукӣ дар тарз ва воситаҳои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳои гумрукӣ аз мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбанд, ифода мегардад. Мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ дар муқаррар кардани мизони (ставкаи) пардохти гумрукӣ нисбати мол ва воситаҳои нақлиёти интиқолшаванда аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзҳои манъ ва маҳдуд сохтани вориду содир кардани молу воситаҳои нақлиёт, иҷозатдиҳӣ оид ба вориду содир кардани номгӯи молҳои алоҳида, муқаррар кардани иҷозатдиҳию квотаи вориду содири молу воситаҳои нақлиёт ифода меёбад.

Мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ бо сиёсати иқтисодии давлатӣ ва ӯҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳифзи истиқлолияти иқтисодӣ, талаботи бозори дохилӣ ва андешидани чораи ҷавобӣ ба кишварҳое, ки нисбати шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар кардаанд, вобастагии ногусастанӣ дорад. Мақсади ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, ахлоқ ва арзишҳои фарҳангии ҷомеа, ҳифзи олами ҳайвонот, наботот ва муҳити зист, таъмини манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вориду содир кардани мол, татбиқи чораҳо нисбати интиқоли маводи нашъаовар, силоҳ, осорҳое, ки арзиши фарҳангӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ доранд ва дигар чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ шомил мебошанд. Фаъолияти мақомоти гумрукӣ дар расидан ба мақсади ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ равона шудааст, ки он дар шаклҳои назорати гумрукию асъорӣ, муборизаи бо ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, фаъолияти фаврию ҷустуҷӯӣ, татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ифода мегардад. Сиёсати гумрукӣ қисми сиёсати дохилӣ ва хорича Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро вазифаи асосии сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ ифода мегардад. Аз нигоҳи таърихӣ шакли аввалини танзими давлатии тиҷорати беруна сиёсати гумрукӣ ҳисоб мешавад. Бо чунин назардошт моҳияти сиёсати гумрукӣ мураккаб аст ва он дар коркарди ягонаи низоми чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ доир ба инкишофи робитаҳои иқтисоди берунаи давлат ифода мегардад. Мазмуни сиёсати гумрукӣ дар истифода намудани низоми тадбирҳо, ки давлат баҳри танзими мубодилаи тиҷорати беруна равона шудааст ифода мегардад. Воситаҳои асосии амалӣ кардани сиёсати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муқаррар кардани низоми гумрукӣ ва татбиқи тарифи гумрукӣ, пардохти гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ нисбати мол ва воситаҳои нақлиётие, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол мегарданд, ҳисоб мешавад. Дар коркарду татбиқи сиёсати гумрукӣ бевосита мақомоти гумрукии кишвар иштирок менамояд. Сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон – низоми тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мебошад, ки барои татбиқ ва ҳимояи манфиати иқтисодии дохилию хорича кишвар нигаронида шудааст. Сиёсати гумрукӣ асосан бо мақсади таъмини назорати гумрукӣ ва танзими мубодилаи мол дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ, мусоидат ва амалигардонидани сиёсати иқтисодии кишвар равона карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати гумрукӣ дар асоси принсипҳои зайл ба роҳ монда мешавад:

- ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат;
- баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ;
- ягонагии қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;
- интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнин набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдоии хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд;
- ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдоии хориҷӣ;
- истиснои дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

Ҳамин тариқ, дар муқаррару танзим кардани ҳаҷму миқдор ва шароити вориду содир кардани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи истиқлолияту амнияти иқтисодии кишвар, бозори дохилӣ ва рушди иқтисоди миллӣ нақши асосиро сиёсати гумрукии комил мебозад. Дар амалия ду навъи сиёсати гумрукӣ – ҳимоятгароӣ (протексионистӣ) ва тиҷорати озод (фритредерство) мавҷуд аст, ки ҳар як кишвар вобаста ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз онҳо истифода менамояд. Сиёсати гумрукии ҳимоятгароӣ татбиқи тадбирҳое, ки бо роҳи маҳдудиятҳо ба субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ муқаррар кардан баҳри рушди иқтисоди миллӣ ифода мегардад. Мазмуни сиёсати гумрукии ҳимоятгароӣ дар ҳимояи бозори дохилӣ ва иқтисоди миллӣ бо роҳҳои манъ ё маҳдуд кардани воридоти моли хориҷӣ, баланд бардоштани пардохти гумрукӣ нисбати он ифода мегардад.

Сиёсати гумрукии тиҷорати озод дар монеа эҷод накардани воридоти моли хориҷӣ ба бозори дохилӣ ва бо он муқаррар кардани пардохти гумрукии муқаррарӣ ифода мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушодро пеша кардааст, вале ин мазмуни онро надорад, ки ҳамагуна мол ба бозори дохилии кишвар бемонеа ворид шаваду ба сиҳати аҳолӣ, олами ҳайвоноту наботот ва муҳити зист, тартиботи давлатию ҷамъиятӣ, ахлоқу арзишҳои фарҳангии ҷомеа хатар эҷод намояд. Дар ин ҷода вориду содири ҳама мол дар ҷавобгӯ бо талаботу манфиати мардуму кишвари Тоҷикистон сурат мегирад.

АДАБИЁТ

1. Ҳасанов К. Роҳкушои кори гумрук. Душанбе. «Ирфон». 2001. С. 43
2. Князева О.А.Административно – правовые и организационные основы деятельности таможенных органов Российской Федерации. Дисс. … к.ю.н. Москва 2008. С. 73
3. Булатов А.К. Таможенные органы Российской Федерации: административно- правовой статус. Автореферат. Москва-2007. С. 14
4. Хрусталев Д.А, Административно-правовой статус таможенных органов Российской Федерации. Автореферат. М.,2012. С. 11
5. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 №62// АМОҶТ. с. 2004, №12,қ. 2, мод. 704
6. Рачабов М. Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2013. С. 10
7. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Душанбе. 2016
8. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конституционӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе 2013. С.843

МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф фаъолияти гумрукиро ба таври умум баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки воқеан истилоҳи «гумрук» ифодакунандаи мақомоти махсуси давлатӣ аст, ки дар нуқтаи муайяни хати сарҳад ҷойгир буда, аз моли интиқолшаванда аз сарҳади гумрукӣ пардохт меситонаду ба он

тамга мегузорад. Вале рушди тиҷорати дохилию хориҷӣ ва таҳияю қабули санадҳои расмию ҳуқуқӣ ба пайдоиши мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» бо фарогири маҷмӯи муносибатҳои мураккабу комплексӣ вобаста ба сиёсату фаъолияти дохилию хориҷии давлат замина гузошт. Гарчӣ фаъолияти гумрукӣ таърихи қадима дорад ва пайдоишаш аз лаҳзаи мубодилаи мол оғоз мегардаду бо пайдоиши давлат вобастагии ногусастанӣ дорад. Лекин мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули нахустин Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 1992 дар чунин шакл мавриди истифода қарор гирифта буд.

Калидвожаҳо: гумрук, фаъолияти гумрукӣ, мақомот, тиҷорати дохилию хориҷӣ, санадҳои расмӣ.

СОДЕРЖАНИЕ ТАМОЖЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье автор рассмотрел таможенную деятельность. Автор отметил, что на самом деле термин «таможня» является составителем специального государственного органа, который находится в определенной точке приграничной линии и производит отгрузочные товары с таможенной территории. Но развитие внутренней и внешней торговли и принятие формально-правовых актов заложило основу для возникновения понятия «таможенная деятельность» с комплекса сложных отношений, связанных с политикой и внешней деятельностью государства. Таможенная деятельность имеет историю, последовательность начала с момента обмена товаров и непредвзято с появлением государства. Однако понятие «таможенная деятельность» было использовано в законодательстве Республики Таджикистан с принятием первого Таможенного кодекса Республики Таджикистан 25 ноября 1992 года в такой форме.

Ключевые слова: таможня, таможенная деятельность, правоохранительные органы, отечественная и зарубежная торговля, официальные документы.

CONTENT OF CUSTOMS ACTIVITIES

In this article, the author considered customs activities. The author noted that in fact, the term "customs" is the originator of a special state body that is located at a certain point of the border line and produces shipping goods from the customs territory. But the development of domestic and foreign trade and the adoption of formal legal acts laid the foundation for the emergence of the concept of "customs activity" from a complex of complex relations related to the policy and foreign activities of the state. Customs activity has a history, a sequence of beginnings from the moment of the exchange of goods and an open mind with the advent of the state. However, the concept of "customs activity" was used in this form, in the legislation of the Republic of Tajikistan with the adoption of the first Customs Code of the Republic of Tajikistan on November 25, 1992.

Keywords: customs, customs activity, law enforcement agencies, domestic and foreign trade, official documents.

Сведения об авторе: ***Рузматзода Некруз*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **555555597**

Information about the author: ***Ruzmatzoda Nekruz*** – second-year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **555555597**

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Одинаев Даврон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асосҳои сохтори констутсионии ҷамъият ва давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқию конситутсионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 муқаррар ва танзим ёфтааст. Чанде аз давлатҳои ИДМ низ фасл ва боби аввалин конституцсияи худро асосҳои сохтори конситутсионӣ номидаанд. Ҳар як давлат дар заминаҳои ба худ хос ба вуҷуд меояд. Давлатҳои наве, ки ба ҷои ҷумҳуриҳои иттифоқии собиқ Шӯравӣ ташкил ёфтаанд аз асосҳои пешинаи давлатдорӣ даст кашидаанд ва дар назди онҳо вазифаҳои умумии муайян кардани асосҳои нави сохтори конситутсионӣ ба вуҷуд омад. Дар ин фасли конституцсия онҳо шаклу мазмуни сохти давлатӣ ва ҷамъиятиашонро инъикос карданд, ки дар байни онҳо умумият нистбат ба хусусиятҳо зиёданд.

Асосҳои сохтори конституцсонӣ дар як вақт узвҳои муҳимтарини таркибии ҷамъият ва давлат ва ҳам алоқаҳои муайянкунандаи байни инсон- ҷамъият- давлатро муқаррар ва муайян мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқи конституцсионӣ ба воситаи муайян кардани ин алоқамандии сифатҳои иҷтимоию сиёсии ҷамъият асосҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро танзим менамоянд. Ин меъёрҳо падидаи мустақили ҳуқуқи конституцсиониро ташкил

медиҳанд. Мазмуни асосии боби аввали Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми мантиқии ҳолатҳои матни муқаддимаи конституцсия мебошад. Агар матни муқаддимаи конституцсия ба таври умумӣ гардонда шуда арзишҳои муҳимтарини конситутсиониро эълон намояд, меъёрҳои боби якуми он ин арзишҳоро ба қоидаҳои ҳатмии субъетҳои муносибатҳои ҳуқуқию конситутсионӣ табдил медиҳад.

Аксарияти меъёрҳои конституцсионӣ хусусияти ҳуқуқтаъсискунӣ доранд, хусусан меъёрҳои боби авали Конституцсия на фақат дар қонунҳои конституцсионӣ ва ҷорӣ, балки дар меъёрҳои бобҳои дигари он низ ривоҷ меёбанд. Конституцсия сифати асосҳои сохтори констиутсионӣ ҷамият ва давлат усулҳо ва заминаҳоеро муқаррар кардааст, ки онҳо таҳкурсии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва мустаҳкам менамоянд. Онҳо дар бораи моҳият, шакл, тартиб ва мақсаду вазифаҳои давлат маълумот медиҳанд. Баробари ин, дар меъёрҳои ин боб хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе асосҳои ҷамъият инъикос карда шудаанд. Хусусиятҳои давлатии Тоҷикистон дар моддаи якуми Конституцсия нишон дода шудаанд. Баъзе ин хусусиятҳо аввал дар эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон муқарар карда, баъдтар дар Конституцсия инъикос карда шудаанд. Роҳи демократии инкишофро пеш гирифтани Тоҷикистон тасодуфи нест. Дар замони ҳозира аксарияти давлатҳои нав соҳибистиқлол гардида маҳз роҳи демократии тараққиётро пеш мегиранд. Зеро тартиботи демократии давлатдорӣ нисбат ба шаклҳои дигари идории давлат хеле бартариятҳо доранд. Демократикунонӣ хислати ҷунбиши ҷаҳонӣ дорад. Вале ҷараёни демократикунониро ҳамаро фарогиранда ва бечунучаро шуморидан беасос аст, чунки давлатҳои нав сохтори демократиро интихоб карда, на ҳамавақт ғояҳои арзишҳои онро ҳифз карда метавонанд. Хавфи баргаштани онҳо ба тартиботи авторитарӣ ё инкишофи нимдемократӣ аз байн намеравад. Пеш аз ҳама муқобилияти онҳое, ки парвардаи собиқи низоми пешинаи сиёсианд, ки дар элитаи маъмурию ҳарбӣ мавқеъи устувор доранд, мавҷуд набудани шароити зурурии иҷтимоию фарҳангӣ ва ба қадри даркорӣ инкишоф наёфитани муассисаҳои зарурии ҷамъиятӣ ва ғайраҳо устувории сохтори демократиро халалдор мекунанд. Ғайр аз ин, барои давлатҳои нави роҳи демокротиро интихоб карда, ба монанди Тоҷикистон, низоъҳои этникӣ ва минтақавӣ аз ҳама хавфнок аст. Зеро ки манфиатҳои этникию минтақавии одамон аз арзишҳои демократӣ, аз ҳуқуқу озодиҳои фардии инсон боло гузошта мешаванд. Дар натиҷа масъалаи ҷалб кардани одамон ва идории давлат ва ҷамъият, инчунин паҳнгардии имтиёзҳо аз рӯи мансубияти этникӣ ва минтақавӣ ҳал мегардад. Ҳамаи ин барои пойдоргардии тартиботи демократӣ монеаи ҷиддӣ мебошанд.

Асоси иҷтимоии сохтори демократии давлат нисбат ба ҳар гуна тартиботи дигари сиёсӣ васеъ мебошад. Давлати демократӣ одатан иродаи аксарияти куллӣ мардумро ифода карда, мувофиқи манфиати онҳо амал мекунад. Ҳеҷ ягон гуруҳи иҷтимоӣ ё қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ, миллӣ, этникӣ аз иштирок кардан дар идораи давлат маҳрум карда намешаванд. Тартиботи демократӣ ҷараёни ҳамаро фарогиранда мебошад. Дар ҷомеъаҳои ба табақаҳои мухталиф тақсим шуда, шарти авали ҷорӣ кардани тартиботи демократӣ, ваҳдати миллӣ мебошад. Барои ин дар асоси иродаи нек аз даъвоҳо гузашткунӣ ва созиш намудан, қадами аввали ҷомеаи демократӣ мебошад. Тоҷикистон, ки сохтори давлатии худро демократӣ муайян кардааст, бояд монеаю нуқсонҳои имрӯзаро бартараф карда, ба ин роҳи наҷиб устуворона пеш равад.

Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ демократия дар ду шакли асосӣ: намондагӣ ва бевосита амалӣ гардонида мешаванд. Демократияи намояндагӣ аз ҳама бештар ба воситаи мақомоти намояндагии давлатӣ- Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ амалӣ мегардад. Президент низ намояндаи интихобии тамоми халқ аст. Маҳз ба Президент, Маҷлиси Миллӣ ва маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, Констиутсия аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳуқуқи сухан гуфтан додааст. Мақомоти марказии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар шакли интихобӣ аз тарафи ташкилотҳои поёнии онҳо барпо карда шудаанд, ба демократияи намояндагӣ таалуқ доранд. Демократияи бевосита бо роҳҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад. Яке аз онҳо раъйпурсӣ мебошад. Раъйпурсӣ оид ба

масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо роҳи овоздиҳӣ гузаронида мешавад. Ба воситаи раъйпурсӣ халқ иродаи давлатии худро изҳор карда, ба он хислати ҳатмӣ медиҳад. Иштироки озодонаи шаҳрвандон дар интихоботи вакилони халқ, интихоботи Президент ва дар овоздиҳӣ оид ба раъйпурсӣ яке аз роҳҳои амалигардонидани демократияи бевосита мебошад. Бо роҳи муҳокимаи ҳаматарафаи барномаи номзадҳо ба вакилӣ, иштирок дар интихобот- шаҳрвандон ҳуқуқи сиёсии худро оид ба иштирок кардан дар идории давлат ба амал мебароранд.

Демократияи бевосита ҳар чи бештар ба воситаи ташкилотҳои ибтидоии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, инкишофи низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ривоҷи фаъолияти онҳо асоси васеъ шудан заминаҳои демократӣ мебошад. Давлати ҳуқуқбунёд эълон гардидани Тоҷикистон зарурияти воқеъи мебошад, зеро нобаробарии одамон ва поймол гардидани қонун дар замони Шӯравӣ хеле чашмрас буд. Дар он замон ҷамъият аслан ба зинаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва мафиозӣ тақсим гардида, бе ихтиёри ходимони ҳизби коммунистӣ аз зинаи поёнӣ ба зинаи болотари иҷтимоӣ баромадан ғайри имкон буд. Таалуқ доштан ба руйхати номенклатурӣ аксар вақт шахсро аз қонун боло мегузошт. Болоисти мақомоти ҳизбӣ нисбат ба моқомоти давлатӣ ҳам ба ҳукми қонун ва ҳам ба ҳукми анъана даромада буд. Якумин бор дар эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон ғояи дар ҷумҳурӣ барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд иникос ёфт. Конституцияи нав ин ғояро ривоҷ дода, Тоҷикистонро на фақат ҳукуқбунёд эълон намуд, балки баъзе кафолатҳои онро низ муқаррар намуд. Аз ҷумла мустақиман амал кардани меъёрҳои Конституция, кафолат додани баъзе ҳуқуку озодиҳои фитрии инсон аз рӯи усули таҷзияи ҳокимият, ба роҳ мондани низом ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ташкили суди конституционӣ, ба низоми ҳуқуқи миллӣ ворид намудани санадҳои байналмиллалие, ки Тоҷикистон эътироф кардаст.

Албатта ба давлати ҳақиқии ҳуқуқбунёд табдил ёфтани Тоҷикистон марҳалаи дурудароз аст ва ин ғояро пеша кардани давлат мақсади наҷиб ва татбиқшаванда мебошад. Зарур аст, ки кафолатҳои номбурда ва дигар шартҳои давлати ҳуқукбунёд амалан дар ҳаёт татбиқ гарданд. Мувофиқи конституция, Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад. Ин хислати давлат бо хусусияти ҷамъият, ки дар он таъсири дин хеле калон аст вобаста мебошад. Мазмуни асосии хусусияти дунявӣ доштани давлат дар конституция иникос ёфтааст. Аз ҷумла, дар қисми дуюми моддаи 8 гуфта шудааст, ки ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ баромад намекунад. Ин меъёр давоми мантиқии қисми якуми ҳамон модда буда, дар он тибқи равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ қарор гирифтани ҳаёти ҷамъиятӣ муқаррар карда шудааст. Дар қисми чориму моддаи 8 муайян шудааст, ки ташкилатҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Чунин хусусияти давлат ба моҳияти демократии ӯ алоқаманд буда, ба манфиатҳои тамоми мардум амал кардани ӯро мефаҳмонад. Аммо ҷудо эълон кардани ташкилотҳои динӣ аз давлат, мазмуни инкории ҳамкории онҳоро надорад. Ғайр аз ин, мазмуни онро надорад, ки диндорон ва руҳониён аз ҳаёти сиёсӣ дур карда шаванд. Ҳар як шаҳрванд қатъи назар аз эътиқоди динӣ баробарҳуқуқ буда, Конституция ба онҳо ҳуқуқу озодиҳои баробарро кафолат медиҳад. Бинобар ин, бо сабаби фаъолияти динӣ ё эътиқоди динӣ маҳдуд кардани ҳуқуку озодиҳои шахс хилофи Конституция аст. Конституция ҳуқуқи инсонро ба озодии виҷдон кафолат медиҳад, ки ба хусусияти дунявӣ доштани давлат алоқаманд аст. Аҳамияти ин меъёр барои бунёди ҷомеаи ҳақиқатан адолатпарвар хеле калон аст. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст. Бояд қайд кард, ки хислати иҷтимоии худро на ҳар як давлат ба таври конституционӣ зикр менамояд. Агар дар хусуси давлати иҷтимоӣ будани Русия, Фаронса, Олмон, Испонио бевосита дар конституцияҳояшон гуфта шуда бошад, дар конституцияҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон, ИМА, Итолио, Юнон ва ғайраҳо ин хусусияти онҳо нишон дода нашудааст. Ҳол он, ки аксари онҳо низ давлати иҷтимоиянд. Худро иҷтимоӣ эълон кардани Тоҷикистон ӯро водор месозад, ки ба ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам орад. Аз ин рӯ, мақсади сиёсати иҷтимоии давлат ноил

гардидан ба некӯаҳволии ҳаёти ҳар як инсон ва тамоми ҷамъият, кафолати адолати иҷтимоӣ, таъмини имкониятҳои баробар барои ошкоршавии лаёқати ҳақиқии шахс ба зиндагии муносиб мебошад. Инкишофи низоми хизматрасонии иҷтимоии давлат ва кафолатҳои иҷтимоӣ бояд ба ин мақсад сафарбар карда шаванд. Дар Конституцияи Чумҳурии Тоҷикистон хусусияти иҷтимоии давлат нишон дода шуда бошад ҳам, кафолатҳои он махсус муқаррар нашудааст. Дар конституцияи баъзе мамлакатҳо онҳо муфассал нишон дода шудаанд. Дастгирии давлатии оила, маъюбон ва пиронсолон таъмин карда шуда, низоми хизматрасонии иҷтимоӣ инкишоф меёбанд, нафақаи давлатӣ, ёрдампулӣ ва кафолатҳои дигари ҳимояи иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Хусусияти иҷтимоии давлат мазмуни хеле васеъ дошта, аз тарафи давлат ба амал баровардани сиёсати одилонаи демографӣ, муҳайё сохтани шароити мусоид барои инкишофи иҷтимоию фарҳангии ҷамъият, бехатарии экологӣ ва самаранок истифода кардани табиат, чораҷӯӣ бо мақсади пешгирии касалиҳои сирояткунанда ва ғайраро ифода мекунад.

Ба ҳамин тариқ, асосҳои сохтори конституцсионии ҷамъият ва давлат мафҳуми ҳуқуқи конституцсионӣ буда, хусусият, сохтор ва таркиби давлат, вазъи ҳуқуқии инсон, иттиҳодияҳои онҳо, асоси иқтисодии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии он ва баъзе ҳолатҳои дигарро муқаррар ва танзим кардаанд. Ин асосҳо дар бобҳои дигари Конституцсия, қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ ривоҷ дода шудаанд. Ҳеҷ ягон қоидаи дигари Конституцсия ба асосҳои сохтори конституцсионӣ мухолиф баромада наметавонанд.

АДАБИЁТ

1. Конституцсия Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйироту иловаҳо солҳои 1999, 2003 ва 2016 – Душанбе, 2016
2. Эъломияи истиқлолияти давлатии ҶТ аз 24 августи соли 1990.
3. А. Имомов. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2017.
4. А. Имовов. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2004.
5. Г. Зокиров. Сиёсатшиносӣ, Душанбе соли 1995.
6. А. Имомов. Мақомоти ҳокимияти давлати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2007.
7. А. Достиев. Сарқонуни нав-ойинаи таҳаввулоти Тохикистон. Москва соли 1997.
8. Конституцционное право зарубежных стран, под ред. Страшун Б. А М. 1999.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф вобаста ба мафҳум ва моҳияти асосҳои сохтори конституцсионӣ тадқиқоти илмӣ бурда, вобаста ба баъзе унсурҳои ин падида ба монанди моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, ягонагӣ ва иҷтимоии давлат фикру андешаи худро пешниҳод намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки асосҳои сохтори конституцсионии ҷамъият ва давлат мафҳуми ҳуқуқи конституцсионӣ буда, хусусият, сохтор ва таркиби давлат, вазъи ҳуқуқии инсон, иттиҳодияҳои онҳо, асоси иқтисодии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии он ва баъзе ҳолатҳои дигарро муқаррар ва танзим кардаанд. Ин асосҳо дар бобҳои дигари Конституцсия, қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ ривоҷ дода шудаанд. Ҳеҷ ягон қоидаи дигари Конституцсия ба асосҳои сохтори конституцсионӣ мухолиф баромада наметавонанд.

Калидвожваҳо: асосҳои сохтори конституцсионӣ, демократия, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, ичтимоӣ.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ, СВЯЗАННЫЕ С ОСНОВАМИ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор провел научные исследования относительно понятия и сущности основ конституционного строя и предложил свои взгляды относительно некоторых элементов данного явления как демократической, правовой, светской и социальной сущности государства. Автор отметил, что основы конституционного строя общества и государства являются понятиями конституционного права, устанавливают и регламентируют характер, структуру и состав государства, правовое положение человека, их объединений, экономическую основу государства, основные направления его внешней политики и некоторые другие обстоятельства. Эти основы были сформированы в других главах Конституции, действующих конституционных законов. Ни одно другое правило Конституции не может противоречит основам конституционного строя.

Ключевые слова: основы конституционного строя, демократии, правового, светского, единого, социального.

SOME ISSUES RELATED TO THE FUNDAMENTALS OF THE CONSTITUTIONAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author conducted scientific research on the concept and essence of the foundations of the constitutional system and offered his views on some elements of this phenomenon as a democratic, legal, secular, secular and social essence of the state. The author noted that the foundations of the constitutional system of society and the state are concepts of constitutional law, establish and regulate the nature, structure and composition of the state, the legal status of a person, their associations, the economic basis of the state, the main directions of its foreign policy, and some other circumstances. These foundations were formed in other chapters of the Constitution, existing constitutional laws and laws. No rule of the Constitution can be contrary to the foundations of the constitutional system.

Keywords: fundamentals of the constitutional system, democracy, legal, secular, unified, social.

Сведения об авторе: ***Одинаев Даврон Нумонджонович*** **–** магистрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **92 961 66 16**

Information about the author: ***Odinaev Davron Numonjonovich*** – second-year Master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **92 961 66 16**

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ КӮДАКОНЕ, КИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДААНД

Олимов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фасли VI Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаклҳои тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд) аз се боб (бобҳои 18, 19 ва 20) иборат мебошад, ки ба масъалаҳои ошкор ва ҷобаҷогузории кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, фарзандхонии кӯдак ва таҳти васоят ё парасторӣ супоридани ӯ бахшида шудааст. Хусусияти фасли мазкури Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки танҳо кӯдаконеро зери ҳимоя қарор медиҳад, ки бе парастор мондани кӯдакро аз ҳар ду волидайн (ҳам падар ва ҳам модар) танзим мекунад. Вале масъалаи ҳимояи кӯдаконе, ки бе парастории яке аз онҳо - падар ё модар мондаанд, дар Кодекси оила пароканда ба назар мерасад.

Дар ҳаёт бисёр ҳолатҳое мешавад, ки кӯдак бе парастории падар ё модар мемонад. Масалан, ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ва ҷудо зиндагӣ кардани падар аз модар; маҳрум гардидани падар ё модар аз ҳукуқи падарӣ ё модарӣ; маҳдуд кардани ҳуқуқи падар ё модар; фавти падар ё модар; ғайри қобили амал эътироф шудани падар ё модар, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ғайриҳозир будани падар ё модар; саркашии падар ё модар аз тарбияи фарзандон ё аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби падар ё модар рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд ва ғайра.Пурсишҳо нишон медиҳанд, ки шумораи парвандаҳои ҷиноятие, ки вобаста ба онҳо падару модар бинобар иҷро накардани ухдадориҳои худ вобаста ба тарбияи кӯдак ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд (моддаи 174 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 1,2% аз шумораи умумии парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби судҳо баррасишавандаро ташкил медиҳанд. Сатҳи пасти зиндагӣ дар аксари оилаҳо (53% аҳолӣ дар ҳолати камбизоатӣ қарор дорад), аксаран сабаби беэътиноӣ нисбат ба кӯдак мегардад. Аксари кӯдаконе, ки аз ақди никоҳи дуюми бақайднагирифта таваллуд шудаанд, дар мақомоти САҲШ умуман ба қайд гирифта нашудаанд, ки ин падидаи номатлуб дар солҳои охир аст. Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда кӯдак ба ҳимоя ва дастгирии махсус ниёз дорад. Баъзеи он ҳолатро мухтасар ин ҷо таҳлил мекунем.

Ҳимояи ҳукуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ. Бекор гардидани ақди никоҳ ба ҳукуқ ва манфиатҳои кӯдак зарари ҷиддӣ мерасонад. Барои рушду такомули дурусти кӯдак ҳамзистии падару модар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин ҳолат ба вазъи молумулкии кӯдак низ таъсири манфӣ дорад. Барои ҳамин ҳам дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти гуногун оид ба ҳимояи ҳукуқ ва манфиатҳои кӯдак дар чунин ҳолатҳо пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон («Маҳдуд кардани ҳукуки шавҳар оид ба талаби бекор

кардани ақди никоҳ») шавҳар ҳукуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оид ба бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд. Муқаррароти мазкури Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои зан равона шудааст. Маълум аст, ки зан дар давраи ҳомиладорӣ ва лаҳзаҳои ибтидоии таваллуди кӯдак дар ҳолати махсуси ҷисмонию равонӣ қарор мегирад. Бекор шудани ақди никоҳ дар ҳамин давра боиси оқибатҳои манфӣ гардида, ба саломатии кӯдак низ таъсири манфӣ расонида метавонад. Қонунгузор маҷмӯи ҳолатҳои мазкурро ба инобат гирифта, чунин маҳдудиятро пешбинӣ кардааст ва ин ҳолат чун нобаробарии зану мард набояд бандубаст гардад. Суди ноҳияи Сино ҳангоми баррасии парвандаи граждани бо даъвои С. оид ба бекор кардани ақди никоҳ муайян намуд, ки ҷавобгар М. ҳомиладор будааст. Бинобар ин, дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 банди 1 қисми 1 моддаи 225 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, баррасии парвандаро қатъ намуд. Мувофиқи қисми 1 моддаи 21 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми дар оила мавҷуд будани кӯдак («фарзанди ноболиғ») ақди никоҳ аз рӯи қоидаи умумӣ ҳатман бо тартиби судӣ бекор карда мешавад. Мувофиқи моддаи 24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба тариқи судӣ бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар метавонанд созишномаро дар хусуси бо кадоме аз онҳо зиндагӣ кардани фарзандони ноболиғ, дар бораи тартиби пардохт ва андозаи маблағ барои таъминоти фарзандон ва (ё) зан ва (ё) шавҳари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд, дар хусуси ҳаҷми ин маблағ ё тақсимоти амволи зану шавҳар барои тасдиқи суд пешниҳод намоянд.

Дар сурати набудани созишномаи байни зану шавҳар оид ба масъалаҳои мазкур, инчунин агар муқаррар гардад, ки ин созишнома манфиати фарзандон ва ё зан ва шавҳарро поймол мекунад, суд вазифадор аст:

- муайян намояд, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз падару модар зиндагӣ мекунанд;
- муайян намояд, ки барои таъминоти фарзандон аз кадом падару модар ва ба кадом андоза алимент ситонида мешавад;
- бо талаби зану шавҳар (яке аз онҳо) амволи дар таҳти моликияти муштараки онҳо қарордоштаро тақсим намояд;
- бо талаби зан ё шавҳаре, ки аз ҳамсари худ ба гирифтани таъминот ҳуқуқ дорад, андозаи ин таъминотро муайян намояд.

Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки аз чор масъалае, ки суд ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ бояд ҳал намояд, дутоаш ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дахл дорад. Гузашта аз ин, ҳар дуи ин масъала бояд ҳатман аз ҷониби суд ҳал карда шавад, ин муқаррарот дар тафовут аз ду муқаррароти дигар императивӣ мебошанд. Суд ҳатто аз созиши байни падару модар оиди бо кадоме аз падару модар мондани кӯдак ва таъмини ӯ вобаста намебошад, агар ин ҳуқуқ ва манфиати кӯдакро поймол намояд. Ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ман зиёда аз 10 парванда вобаста ба бекор кардани ақди никоҳро омӯхта, муайян кардам, ки талаботи моддаи 24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ аз ҷониби судяҳо риоя мегардад. Дар тамоми ҳалномаҳои масъалаи бо кӣ (падар ё модар) мондани кӯдак баъд аз бекор шудани ақди никоҳ ва аз кӣ (падар ё модар) гирифтани таъминот ба манфиати кӯдак ва ҳаҷми он ҳатман ҳал карда шуда, асоснок карда шудаанд. Дар ҳама ҳолатҳо ҷои истиқомати кӯдак бо модар муқаррар шуда, аз ҳисоби падар алимент рӯёнида шудааст.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи афзалиятноки тарбияи кӯдак аз ҷониби модар ё пардохти алимент танҳо аз ҷониби падар муқаррар нашудааст. Ба ақидаи М.Г.Маркова ва Н.П. Ленская барои тарбияи шахсии кӯдаки хурдсол модар ҳукуки афзалиятнок дорад. Ба чунин ақида на ҳамеша розӣ шудан мумкин аст. Мӯҳлати шашмоҳаи оштишавӣ низ, ки дар моддаи 22 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, боиси оштишавии падару модар ва ба манфиати тарбияи минбаъдаи кӯдак мебошад. Таҳлили амалияти судӣ дар солҳои 1989-1996 аз ҷониби муҳаққиқ Б.Т. Худоёров дар суди шаҳри собиқ Кофарниҳон (ҳоло Ваҳдат) ин ҳолатро тасдиқ мекунад. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми маҳрум кардани падар ё модар аз ҳукуқи падарӣ ё модарӣ.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқи падару модар ба якҷоя зистан бо кӯдак, бевосита муошират кардан бо ӯ ҳолатҳое пешбинӣ шудааст, ки падар ё модар аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда мешавад. Албатта, ин ҳолат истисноӣ мебошад. Дар чунин мавридҳо кӯдак махсус ба ҳимоя ва ғамхорӣ эҳтиёҷ дорад. Дар моддаи 69 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ пешбинӣ шудааст. Ин ҳолатҳо назар ба конунгузории пешинаи оилавӣ (соли 1969) зиёдтар аст.

Падару модар (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо:

- аз иҷрои уҳдадориҳои падару модарӣ, аз ҷумла додани алимент қасдан саркашӣ кунанд;
- бе сабабҳои узрнок аз таваллудхона (таваллудгоҳ) ё муассисаи дигари тиббӣ ё тарбиявӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё дигар муассисаҳои монанди он гирифтани фарзанди худро рад намоянд;
- аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистифода намоянд;
- ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо сӯиқасд намоянд;
- майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд;
- бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд.

Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда ба ҳуқуқ ва манфиатҳои таҳдиди бевосита ҷой дорад, бинобар ин, қонунгузорӣ расмиёти маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарро пешбинӣ кардааст. Минбаъд кӯдак зери тарбияи дигар шахсон қарор мегирад. Кӯдак ба фарзандхонӣ дода мешавад (баъд аз гузаштани шаш моҳ), зери васоят ё парасторӣ супорида мешавад ё дар муассисаҳои махсуси давлатӣ ҷойгир карда мешавад. Мақсади маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ «эмин нигоҳ доштани кӯдак аз зуҳуроти манфии ба раванди тарбия, инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдак таъсиркунанда буда, барои таҳкими ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак равона шудааст». Хусусияти ҳолатҳои маҳрум кардани падар ё модар аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ дар он аст, ки ин ҳолатҳо маҳдуд буда, аз шаш ҳолате, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, зиёд буда наметавонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки қонунгузор ҳангоми муайян кардани доираи асосҳои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ баъзе ҳолатҳоро ба назар нагирифтааст. Масалан, ҷалб намудани падару модар кӯдакони худро бо мақсади содир кардани ҷиноят ё дигар ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ. Дар ҳақиқат ҳолати мазкур боиси ташвиш аст ва ба ақидаи ман дар доираи асоси «аз ҳуқуқи падариву модарӣ суиистифода кардани падару модар» бояд ҳал карда шавад. Ба ҳар ҳол, дар банди алоҳида нишон додани он боиси кафолати иловагӣ ва дақиқи қонунӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак мегардад.

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми фарзандхонӣ. Фарзандхонӣ шакли афзалиятноки тарбияи кӯдконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, мебошад. Моҳияти ин муносибатҳо дар он аст, ки байни фарзандхонкунандагон ва фарзандхоншаванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон ба вуҷуд меояд. Яъне, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳолати ҳуқуқии фарзандхондагон ба ҳолати ҳуқуқии падару модар ва ҳолати ҳуқуқи фарзандхоншавандагон ба ҳолати ҳуқуқии фарзадон баробар дониста шудааст. Воқеӣ будани чунин муносибатҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бинобар ин, қонунгузор муқаррароти зиёдро пешбинӣ мекунад, ки чун кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак баромад мекунанд. Аз ҷумла: талаботи махсус нисбат ба фарзандхонкунандагон (моддаи 127 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон); фарзандхонии бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони гуногун, ба истиснои ҳолатҳое, ки фарзандхонӣ ба манфиати кӯдак мебошад, иҷозат дода намешавад (моддаи 125 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон); фаъолияти миёнаравӣ дар фарзандхонии кӯдак манъ аст (моддаи 126[1] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон); фарқияти синну соли шахси ба фарзандхонӣ қабулкунанда ва фарзандхоншаванда (моддаи 128 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон); гирифтани розигии кӯдак (моддаи 132 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон); чораҳои таъмини маҳрамияти фарзандхондӣ (моддаҳои 134-136, 139 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғайра. Мувофиқи моддаи 127 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти

тағйироту иловаҳои минбаъда) танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукуқи ба фарзандхонӣ қабул кардани кӯдаконро доранд. Дар таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандхонӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ мавҷуд аст. Масалан, суди ноҳияи ҳозира Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар асоси моддаи 21 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аризаи шаҳрванди Олмонро оиди ба фарзандхонӣ қабул намудани ноблиғ Е.-ро қонеъ намудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ҳолати фарзандхонӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ бо назардошти баъзе камбудиҳо қобили қабул дониста шудааст.

Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қобилова Л.А. таҷрибаи судиро вобаста ба фарзандхонии кӯдакон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар соли 2004 ҷамъбаст намуда, дар хусуси камубдиҳои ҷойдошта ҳинни 14 ҳолати фарзандхонии кӯдакон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ибрози назар намудааст. Мувофиқи моддаи 21 Конвенсия дар бораи ҳуқуи кӯдак давлатҳое аъзое, ки мавҷудияти системаи фарзандхонкуниро эътироф ва ё иҷозат медиҳанд, таъмин менамоянд, ки манфиатҳои аввалиндараҷаи кӯдак пеш аз ҳама ба инобат гирифта шаванд ва онҳо:

а) таъмин менамоянд, ки фарзандхонии кӯдак танҳо аз ҷониби ҳокимияти салоҳиятдоре иҷозат дода шавад, ки мутобиқи қонуну расмиёти истифодашаванда ва дар асоси тамоми иттилооти дақиқи марбут ба парванда онҳо муайян менамоянд, ки фарзандхонкунӣ бинобар мақоми кӯдак нисбати волидайн, хешовандон ва сарпарасторони қонунӣ имконпазир аст ва агар зарур бошад, шахсони манфиатдор розигии масъулиятноки худро барои фарзандхонкунӣ дар асоси чунин машварате, ки метавонад зарур бошад, додаанд;

b) эътроф менамоянд, ки фарзандхондӣ дар дигар кишвар метавонад ҳамчун усули алтернативии нигоҳубинии кӯдак арзёбӣ гардад, ки кӯдак натавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки метавонад тарбия ё фарзандхонкунии онро таъмин намояд ва агар таъмини ягон нигоҳубни муносиб дар кишвари асли кӯдак ғайриимкон бошад;

с) таъмин менамоянд, ки дар сурати фарзандхонии кӯдак дар дигар кишвар ҷойгиркунии кӯдак боиси ба даст овардани фоида беасоси молиявӣ аз ҷониби шахсони ба ин кор вобаста нагардад;

d) тамоми тадбирҳои заруриро меандешанд, то ки дар сурати фарзандхонкунӣ дар дигар кишвар ҷойгиронии кӯдак боиси ба дас овардани фоидаи беасоси молиявӣ аз ҷониби шахсони ба ин кор вобаста нагардад;

е) дар ҳолатҳои зарурӣ барои ноил гаштн ба мақсадҳои ин модда бо роҳи бастани шартнома ё созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат менамоянд ва дар ин замина кӯшиш мекунанд, ки ҷойгиронии кӯдак дар дигар кишвар аз ҷониби ҳокимият ё мақомоти салоҳиятдор анҷом дода шавад.

Аз мазмуни ин модда бармеояд, ки фарзандхонкунӣ дар дигар кишвар чун усули алтернативӣ баромад мекунад ва дар сурате ҷоиз аст, ки кӯдак натавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки метавонад тарбия ё фарзандхонкунии ӯро таъмин намояд ва агар таъмини ягон нигоҳубини муносиб дар кишвари асли кӯдак ғайриимкон бошад. Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда дар ҳама ҳолати фарзандхонӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои мазкур санҷида нашуда, дар асоси суханҳои хушку холии кормандони мақомоти васояту парасторӣ судҳо ба хулоса меоянд, ки кӯдак наметавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки тавонад тарбия ё фарзандхонкунии онро таъмин намояд ва таъмини нигоҳубини муносиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Манъ кардани фарзандхонии кӯдак аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ба фикри ман ба манфиати кӯдаконе мебошад, ки бе парастории падару модар мондаанд. Зеро шароити зисти воқеии фарзандхонкунандагон, ҳолати ҳуқуқии кӯдакон дар хориҷи кишвар ҳамеша ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон норавшан аст. Ин ҳолат боиси оқибатҳои манфӣ ва ҳатто фоҷиавӣ шуданаш мумкин аст.

АДАБИЁТ:

1. Экспресс – исследование. Защита прав ребенка в Таджикистане: достоинства и недостатки системы (Рабочая группа по подготовке ситуационного анализа по защите прав ребенка для информирования парламента Республики Таджикистан. Душанбе, 2008.
2. Чечот Д.М., Шестаов Д.А. Социальные зло-алкогализм, семья и право. Л., 1988.

3. Маркова М.Г., Ленская Н.П. Советская семь и право. Л., 1965.
4. Худоёров Б.Т. Защита прав и интересов детей при расторжении брака родителей// Давлат ва ҳукуқ. №1, 1999.
5. Бурҳнова М.Ҷ. К проблеме правового регулирования усыновления с участием иностранных граждан и лиц без гражданства в семейном законодательстве РТ (постановка вопроса)// Давлат ва ҳукуқ. №1, 2002.
6. Международное усыновление (извлечение из обощения судебной практики рассмотрения дел об установлении усыновления (удочерения)// Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1-2, 2004.

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ КӮДАКОНЕ, КИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДААНД

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи оилавӣ, яъне ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳаёт бисёр ҳолатҳое мешавад, ки кӯдак бе парастории падар ё модар мемонад. Масалан, ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ва ҷудо зиндагӣ кардани падар аз модар; маҳрум гардидани падар ё модар аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ; маҳдуд кардани ҳуқуқи падар ё модар; фавти падар ё модар; ғайри қобили амал эътироф шудани падар ё модар, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ғайриҳозир будани падар ё модар; саркашии падар ё модар аз тарбияи фарзандон ё аз ҳифзи ҳукук ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби падар ё модар рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд ва ғайра. Аз ин рӯ, баррасии масъалаи мазкур муҳиммияти худро дорад.

Калидвожаҳо: кӯдак, кӯдакони бе парастории падару модар монда, маҳдуд кардани ҳуқуқи падарию модарӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ, фарзандхондии кӯдак

ЗАЩИТА ПРАВ И ЗАКОННЫХ ИНТЕРЕСОВ ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ ПОПЕЧЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ

В данной статье исследуется один из важнейших вопросов семейного права - защита прав и законных интересов детей, оставшихся без попечения родителей. В жизни много ситуаций, когда ребенок остается без попечения родителей. Например, в случае развода и разлучения отца с матерью; лишение родительских прав одним из родителей; ограничение родительских прав; смерть отца или матери; признание родителя недееспособным, болезнь и длительное отсутствие родителя; отказ родителя воспитывать детей или защищать их права и интересы, в том числе когда родитель отказывается забирать своих детей из образовательных, медицинских и социальных учреждений и других подобных учреждений и т. д. Поэтому важно рассмотреть этот вопрос.

Ключевые слова: ребенок, дети, оставшиеся без попечения родителей, ограничение родительских прав, лишение родительских прав, усыновление ребенка

PROTECTION OF THE RIGHTS AND LEGITIMATE INTERESTS OF CHILDREN LEFT WITHOUT PARENTAL CARE

This article examines one of the most important issues in family law, namely the protection of the rights and legitimate interests of children left without parental care. There are many situations in life when a child is left without parental care. For example, in the case of divorce and separation of parents; deprivation of parental rights by a parent; restriction of parental rights; death of a father or mother; recognition of the parent as incapable, illness and long-term absence of the parent; refusal of a parent to bring up children or to protect their rights and interests, including when a parent refuses to take their children from educational institutions, medical and social protection institutions and other similar institutions, and so on. Therefore, it is important to consider this issue.

Keywords: child, children left without parental care, restriction of parental rights, deprivation of parental rights, adoption of a child

Сведения об авторе: ***Олимов А.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

Information about the author: ***Olimov A***. – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Раззоқӣ Убайдулҳақ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шартномаҳои байналхалқӣ ташкилдиҳандаи асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ буда, воситаи дастгирии сулҳ ва бехатарии байналхалқӣ, инкишоф додани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар асоси мақсад ва принсипҳои Оинномаи СММ мебошанд. Шартномаҳои байналхалқӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, дар таъмини

манфиатҳои қонунии давлат ва дигар субъектони ҳуқуқи байналхалқӣ нақши муҳим доранд [1, с114]. Шартномаи байналхалқӣ созиши ду ва зиёда субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад, ки дар натиҷаи он байни тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналхалқӣ ба вуҷуд меояд [2, с.130]. Инчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 2 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ аз соли 1969 ва Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байни давлат ва ташкилотҳои байналхалқӣ ё байни ташкилотҳои байналхалқӣ аз соли 1986, чунин мазмуни шартномаҳои байналхалқӣ оварда шудааст: «Шартномаи байналхалқӣ – ин созиши байналхалқие, ки байни давлатҳо ва дигар субъектони ҳуқуқи байналхалқӣ дар шакли хаттӣ баста шудааст ва аз тарафи ҳуқуқи байналхалқӣ ба танзим дароварда мешавад, сарфи назар аз он ки чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст [3, с.227-229].

Дар илми ҳуқуқи байналхалқӣ назари ягонаи умумиэътирофшудаи таснифоти шартномаҳои байналхалқӣ вуҷуд надорад. Аз ин нигоҳ шартномаҳои байналхалқӣ бо унсурҳои гуногун тасниф мешаванд: вобаста ба доираи амал шартномаҳои байналхалқӣ ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим мешавад. Мисол, шартномаи байналхалқии универсалӣ – Оинномаи СММ, Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналхалқӣ” аз 23 майи соли 1969 ва ғайра. Шартномаҳои байналхалқии минтақавӣ – Оинномаи ИДМ, Оинномаи Ташкилоти давлатҳои Америка, Оинномаи Ташкилоти ягонаи Африқо ва дигар санадҳои байналхалқие, ки дар доираи ин ташкилотҳо қабул мешаванд ва доираи амалашон ба минтақаҳои ҷудогона хос аст. Вобаста ба доираи иштирокчиён шартномаи байналхалқӣ ба шартномаи байналхалқии дутарафа ва бисёртарафа тасниф мешаванд. Шартномаҳои байналхалқии бисёртарафа, дар навбати худ, ба шартномаҳои байналхалқии универсалӣ ва шартномаҳои байналхалқии доираи иштирокчиёнашон маҳдуд тақсим мешаванд. Шартномаҳои байналхалқии бисёртарафаи универсалӣ он шартномаҳое мебошанд, ки дилхоҳ субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ ба он ҳамроҳ шуда метавонад ва аз объекти ин гуна шартномаҳои байналхалқӣ ба ҳама субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ манфиатдор мебошанд. Шартномаҳои байналхалқии бисёртарафаи доираи иштирокчиёнаш маҳдуд, он шартномаҳои байналхалқие мебошанд, ки ба онҳо на ҳама субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ҳамроҳ шуда метавонанд. Вобаста ба тарзи қабули иштирокчиёни шартнома, шартномаҳои байналхалқӣ ба навъи кушода ва пӯшида тақсим мешаванд. Шартномаҳои байналхалқии навъи кушода он шартномаҳои байналхалқие мебошанд, ки новобаста аз ризоияти доираи иштирокчиёнаш, дигар субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ метавонанд ба он ҳамроҳ шаванд. Мисол, Конвенсияи Вена “Дар бораи муносибатҳои дипломатӣ” аз соли 1961, Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ” аз соли 1969 ва ғайра. Шартномаҳои байналхалқии навъи пӯшида чунин шартномаҳое мебошанд, ки барои ба он ҳамроҳ шудан розигии давлатҳои иштирокчии он зарур аст. Ба сифати шартномаи байналхалқии навъи пӯшида, асосан Оинномаи ташкилотҳои байналхалқӣ, шартномаҳои байналхалқии дутарафа баромад мекунанд. Вобаста ба объект шартномаҳои байналхалқӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд – шартномаҳои сиёсӣ, шартномаҳои иқтисодӣ, шартномаҳо доир ба масъалаҳои махсус.

Шартномаҳои сиёсӣ, дар навбати худ, ба чунин навъҳо ҷудо карда мешаванд:

- шартномаҳои иттифоқӣ;
- шартнома оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумакҳои тарафайн;
- шартномаҳо оид ба сулҳ;
- шартномаҳо оид ба ҳуҷум накардан;
- шартнома оид ба бетарафӣ;
- шартнома оид ба машварат ва кумакҳои ҳарбӣ;
- эъломияи муштарак;
- созишнома оид ба таври осоишта ҳал кардани баҳс ва низоъҳо;
- созишномаҳо оид ба масъалаҳои қаламрав;
- созишномаҳо оид ба масъалаҳои сарҳад;
- созишнома доир ба барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ;
- созишномаҳое, ки ба амалиётҳои ҳарбӣ вобаста мебошанд;
- шартнома оид ба амнияти дастаҷамъӣ ва ғайра.

Шартномаҳои иқтисодӣ ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд:

- созишномаҳо дар бахши гумрук;
- созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергияи атомӣ;
- созишнома оид ба ҳимояи моликияти саноатӣ;
- созишнома оид ба ҳамкориҳо дар масъалаҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ;
- шартномаҳо оид ба таъсиси фазои ягонаи иқтисодӣ;
- шартнома дар бораи таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва башардӯстӣ;
- созишнома дар хусуси принсипҳои умумии ташаккули бозори коғазҳои қиматнок;
- созишномаҳои кредитӣ;
- созишнома оид ба ташкили минтақаи савдои озод;
- созишномаҳо дар хусуси ҳавасмандкунӣ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузориҳо;
- созишнома дар бораи ҳамкориҳои техникӣ;
- ёддошти тафоҳум дар бораи ба таври мутақобил вогузор намудани моликият барои сафоратхонаҳо ва ғайра.

Шартномаҳои байналхалқӣ дар масъалаҳои махсус ба чунин навъҳо тақсим мешаванд:
- созишномаҳо дар соҳаи нақлиёт;
- созишномаҳо дар соҳаи иттилоот;
- созишномаҳо дар соҳаи кишоварзӣ;
- созишномаҳо оид ба робитаҳои илмию фарҳангӣ;
- созишномаҳо дар соҳаи тандурустӣ;
- созишномаҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999 вобаста ба хусусият, шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

1. шартномаҳои байнидавлатӣ;
2. шартномаҳои байниҳукуматӣ;
3. шартномаҳои байниидоравӣ.

Шартномаҳои байнидавлатӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байниҳукуматӣ бошад, аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байниидоравӣ аз номи вазорату кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон баста мешаванд. Новобаста аз чунин таснифот ҳамаи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ҳуқуқу уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вуҷуд меоранд. Оид ба шакл ва сохтори шартномаҳои байналхалқӣ, амалияи байналхалқӣ ду шакли шартномаи байналхалқиро медонад:

а) шифоҳӣ;
б) хаттӣ.

Шакли шифоҳии шартномаи байналхалқӣ дар илми ҳуқуқи байналхалқӣ асосан бо номи «созишномаи ҷавонмардона (ҷентлменӣ)» ёд мешавад. Дар амалия созишномаи ҷентлменӣ байни кишвару ташкилотҳои байналхалқӣ баста мешаванд [2, с. 133]. Мисол, соли 1934 байни ИҶШС ва Муғулистон созишнома оид ба кумаки тарафайн баста шуд, ки онро бо тариқи расмӣ - «ҷентлменӣ» номгузорӣ карданд. Созишномаи ҷентлменӣ дар доираи мақомоти ташкилотҳои байналхалқӣ баста шудааст. Мисол, созишнома оид ба тақсими ҷойҳои узвияти ғайридоимӣ дар Шӯрои Амният аз соли 1946 баста шудааст. Имрӯз нуфузи шакли шифоҳии шартномаи байналхалқӣ, ҳарчанд мавқеи хешро пурра гум накарда бошад ҳам, коҳиш ёфтааст. Зеро, Конвенсияи Вена «Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналхалқӣ» аз 23 майи соли 1969 асосан шакли хаттии шартномаи байналхалқиро мепазирад. Баъдан, ин санади байналхалқиро беш аз 100 кишвар (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон) эътироф карда, қонунгузории худашонро мутобиқ ба он таҳия намудаанд. Бо назардошти ин, шакли хаттии шартномаи байналхалқӣ мавқеи устуворро дар муносибатҳои байналхалқӣ ишғол намуда истодааст.

Сохтори шартномаи байналхалқӣ, одатан, аз се қисм иборат мебошад:

1. муқаддима;
2. мазмун ё қисми асосӣ;
3. қисми хулосавӣ;

Дар муқаддимаи шартномаи байналхалқӣ номгӯйи давлат ва мақоме, ки шартномаро ба имзо расонидааст, мақсаду зарурати бастани шартномаи байналхалқӣ дарҷ мегардад.

Қисми асосӣ (мазмун) бошад, аз моддаҳои шартномаи байналхалқӣ, объекти шартномаи байналхалқӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои он иборат мебошад. Дар қисми хулосавӣ ҷойи бастани шартномаи байналхалқӣ, тартиби ба қувваи амал даромадани он, тартиби ҳамроҳ шудан ё ратификатсия намудан, муҳлати амал, ҳолатҳои бекор ва қатъи шартномаҳои байналхалқӣ ва дигар муқаррарот ҷой дода мешаванд. Дар вақти бастани шартномаи байналхалқӣ тарафҳо бо ризоияти якдигар забони шартномаро интихоб менамоянд. То асри XVII бисёри шартномаҳои байналхалқӣ бо забони лотинӣ баста мешуданд. Дар миёнаҳои асри XVIII бошад, забони расмии ҳуҷҷатҳои дипломатӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ забони фаронсавӣ гашт. Инқилоби Октябр принсипи баробарҳуқуқии забонҳоро дар муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд овард, ки шартномаҳои дутарафа басташуда, ҳамчун қоида, бо ду забон, яъне бо забонҳои тарафҳои шартнома навишта мешуданд. Дар замони муосир бошад, дар Созмони Милали Муттаҳид ба сифати забонҳои расмӣ, забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, испанӣ, хитоӣ ва арабӣ эътироф карда шудаанд. Истилоҳи «шартнома» дар ҳуқуқи байналхалқӣ чунин тавзеҳ дода шудааст:

а) розигии иродаи ду ва зиёда субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ;

б) номгӯйи мушаххаси ҳуҷҷате, ки субъектҳои ҳуқуқи байналхалқӣ бастаанд [2, с. 134].

Дар амалияи байналхалқӣ номгӯйи гуногуни шартномаҳои байналхалқиро дучор омадан мумкин аст. Чунончи, шартнома, созишнома, конвенсия (ахднома), хартия, оиннома, декларатсия, паймон (пакт), меморандум ва ғайра. Аз нигоҳи қувваи ҳуқуқӣ байни номгӯйи шартномаи байналхалқӣ тафовут вуҷуд надорад, лекин амалияи байналхалқӣ ба имзо расидани чунин номгӯйи шартномаҳои байналхалқиро медонад:

Шартнома – номи ҳуҷҷати байналхалқиест, ки дар созиши байни субъектҳои байналхалқӣ (мумкин мақомоти босалоҳияти давлатӣ онро ба имзо расонанд) баста шуда, доираи объекташ дар аксар маврид васеъ мебошад. Воқеан, истилоҳи «шартнома» таҷассумгари тамоми номгӯйи шартномаҳои байналхалқӣ дар амалия мебошад. **Созишнома** навъе аз шартномаҳои байналхалқӣ буда, доираи танзими он маҳдуд ва мушаххас мебошад, лекин дар амалия шартнома ҳама гуна мушаххасоти шартномаҳои байналхалқиро ифода мекунад. Вале дар аксар маврид созишнома на аз номи сарвари давлат баста мешавад ва мавриди ратификатсия қарор мегирад. Дар бисёр ҳолат он аз номи ҳукумат баста мешавад. Мисол, Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 26 июли соли 2006, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорус оид ба таъсиси намояндагии тиҷоратӣ аз 14 декабри соли 1999 ва ғайра. **Конвенсия (ахднома)** низ навъи паҳнгаштаи шартномаи байналхалқӣ мебошад, ки масъалаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва махсусро дар бар мегирад. Мисол, Конвенсия дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноӣ аз 22 январи соли 1993, Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 январи соли 1989 ва ғайра. **Паймон (пакт)** ҳуҷҷати дутарафа ва бисёртарафа байни давлатҳо дар соҳаи мушаххаси муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Мисол, Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ аз 16 декабри соли 1966 ва ғайра. **Протокол**, чун қоида, ҳуҷҷати ёрирасон мебошад. Протокол дар ҳолатҳои дароз кардани муҳлати амали шартнома, ҳамроҳ шудан ба шартнома, тартиби дохил намудани моддаи алохида ба шартнома қабул карда мешавад. Мисол, Протокол оид ба мақоми гуреза аз 31 январи соли 1967. **Декларатсия (эъломия) ва баёния (изҳорот)** – ҳамчун навъҳои шартномаи байналхалқӣ аз ҷониби ду ва зиёда давлатҳо доир ба муносибати байни онҳо дар соҳаҳои алоҳида баста ё изҳор карда мешаванд. Мисол, Баёнияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба аз 26 июли соли 2006, Эъломия дар бораи тақвияти ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 8 октябри соли 1994. **Санади хотимавӣ,** чун қоида, ҳуҷҷати натиҷавии машваратҳои байнидавлатӣ мебошад. Мисол, Санади хотимавии машварат оид ба амният ва ҳамкориҳо дар Аврупо, ки 1 августи соли 1970 дар Хелсинки қабул шудааст. **Оиннома** ҳамчун навъи шартномаи байналхалқӣ санади муассисавии ташкилоти байналхалқӣ мебошад, ки дар он мақсаду маром, мақомот ва самтҳои фаъолияти ташкилоти байналхалқӣ мукаррар карда мешаванд. Мисол, Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945.

Хартия навъи шартномаи байналхалқӣ мебошад, ки дар санади муассисавии ташкилоти байналхалқӣ ва санади байналхалқӣ доир ба масъалаи мушаххас ифода ёфтааст. Мисол, Хартияи Париж барои Аврупои Нав аз соли 1990, Хартияи (оинномаи) ташкилоти ягонаи Африқо ва ғайра. **Меморандум** санади давлат аст, ки вобаста ба узвият, чун шартномаи байналхалқӣ мартаба дорад ва ё чун созиши сиёсӣ эътироф мешавад. Мисол, Меморандум байни ИҶШС ва Австрия аз 15 апрели соли 1955 (чун шартномаи байналхалқӣ), Меморандум оид ба созиши байни ИҶШС ва ИМА доир ба барқарор кардани робитаҳои бевосита аз 20 июни соли 1963 (чун созиши сиёсӣ). **«Modus Vivendi»** (ибораи лотинӣ буда, маъноаш тарзи мавҷудият) – созишнома оид ба муваққатан ҳал намудани масъалаест, ки танзим мехоҳад. Мисол, «Modus Vivendi» байни Иттифоқи иқтисодии Белгия, Люксембург ва Туркия оид ба татбиқи реҷаи шароити мусоид аз соли 1947. «Modus Vivendi» низ яке аз навъҳои шартномаи байналхалқӣ мебошад [2, с.134]. Ҳамин тариқ, номгӯйи шартномаҳои байналхалқӣ аз ҷиҳати қувваи ҳуқуқиашон тафовут надоранд, лекин дар амалия рӯз аз рӯз номгӯйи онҳо зиёд шуда истодааст. Чунончи, контракт (қарордод), созиш (компромисс), созишномаи маъмурӣ, конкордат, барнома, мубодилаи нотаҳо, ёддошти тафоҳум ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Бирюков. Международное право: Учебное пособие. М., 2001, сах. 114
2. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. Дар зери таҳрири Менглиев Ш. М. – Душанбе, 2008. – С. 130.
3. Колосов, Ю. М., Кузнецов В. И. Учебник международного права. М., 1995. – С. 227-229.
4. Васечко А.А. Понятие международного договора в правовой системе России / А.А. Васечко // Международное публичное и частное право. - 2012. - № 1. - С.21-25
5. Игнатенко Г.В. Международное право и общественный прогресс. М.: Просвещение, 1972.285 с.
6. Лукашук И.И. Современное право международных договоров: В 2 т. М., 2011. - Т.1: Заключение международных договоров. - 785 с.
7. Талалаев А.Н. Юридическая природа международного договора / А.Н. Талаев. - М.: Норма, 2012. - 635 с
8. Тункин Г.И. Теория международного права: Учебник / Под общ. ред.Л.Н. Шестакова. - М., 2010. - 856 с.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Шартномаҳои байналхалқӣ ташкилдиҳандаи асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ буда, воситаи дастгирии сулҳ ва бехатарии байналхалқӣ, инкишоф додани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар асоси мақсад ва принсипҳои Оинномаи СММ мебошад. Шартномаҳои байналхалқӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, дар таъмини манфиатҳои қонунии давлат ва дигар субъектони ҳуқуқи байналхалқӣ нақши муҳим дорад. Шартномаи байналхалқӣ созиши ду ва зиёда субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад, ки дар натиҷаи он байни тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналхалқӣ ба вуҷуд меоянд.

Калидвожаҳо: созишнома, шартномаҳои байналхалқӣ, меморандум, конвенсия, протокол, оиннома, шартномаҳои байнидавлатӣ, санади хотимавӣ.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ДОГОВОРОВ

Международные договоры составляют правовую основу межгосударственных отношений и являются средством поддержания международного мира и безопасности и развития международного сотрудничества в соответствии с целями и принципами Устава ООН. Международные договоры играют важную роль в защите основных прав и свобод человека, а также в обеспечении законных интересов государства и других субъектов международного права. Международный договор — это соглашение между двумя или более субъектами международного права, в результате которого стороны устанавливают международные права и обязательства.

Ключевые слова: соглашение, международные договоры, меморандум, конвенция, протокол, устав, межгосударственные соглашения, заключительный акт.

CONCEPT AND ESSENCE OF INTERNATIONAL TREATIES

International treaties constitute the legal basis of interstate relations and are means of maintaining international peace and security and developing international cooperation in accordance with the purposes and principles of the UN Charter. International treaties play an important role in the protection of fundamental human rights and freedoms, as well as in ensuring the legitimate interests of the state and other subjects of international law. An international treaty is an agreement between two or more subjects of international law, as a result of which the parties establish international rights and obligations.

Keywords: agreement, international treaties, memorandum, convention, protocol, charter, interstate agreements, final act.

Сведения об авторе: ***Раззоки Убайдулхак*** **–** магистр Таджикского национального университета

Information about the author: ***Razzoqi Ubaydulhaq*** – graduate student of Tajik National University

РЕШЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКОЙ ЗАДАЧИ И НАЧАЛО СТРОЕНИЯ АЛГОРИТМА ПРОГРАММЫ

Гуломов А.М.
Таджикский национальный университет

В связи со сложностью спектральной картины и многообразием факторов, влияющих на положение частот в спектре и формы соответствующих колебаний, своевременное спектрохимическое исследование должно сочетать в себе экспериментальную часть и теоретический анализ колебаний модели изучаемой молекулы, причем выбор для решения тех или иных задач соответствующих спектральных признаков также должен быть обоснован теоретическим анализом. Такого рода подход требует, разумеется, проведения большого объема вычислений и, несмотря на его очевидную необходимость, не получит должного распространения до тех пор, пока вся расчетная часть исследования не будет целиком возложена на электронно-счетные машины и не будет сведена только к заданию необходимых исходных данных, характеризующих молекулу. В данном разделе кратко излагается логическая схема программы для решения задач о колебаниях многоатомных молекул для машины „Стрела". Разумеется, эта схема может быть использована и для любой цифровой машины с достаточным быстродействием и запасом оперативной и внешней памяти. Специфическим при исследовании колебаний многоатомной молекулы является составление вековых уравнений. Эту часть программы мы и рассмотрим. Решение вековых уравнений, определение их собственных чисел и векторов является стандартной математической задачей, и поэтому на этой части программы мы не останавливаемся.

Решение задачи начинается с задания системы координатных направляющих векторов связей $\vec{e}_t$. Все векторы нумеруются в порядке их положения в молекуле. В качестве первых выбираются любые три близких некомпланарных вектора. Затем определяются косинусы углов между векторами (начиная с четвертого) и тремя некомпланарными предыдущими. Эта операция легко выполняется, так как валентные углы считаются известными. Для перехода к числовым расчетам произвольным образом задается прямоугольная система координат и вычисляются проекции трех первых векторов на соответствующие оси. В машину вводится матрица проекций направляющих векторов трех первых связей на прямоугольные оси координат и совокупность косинусов углов между направляющими векторами:

$$\begin{matrix} \cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_1\right); \cos\left(\vec{e}_5, \vec{e}_2\right) \\ \cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_2\right); \cos\left(\vec{e}_5, \vec{e}_3\right) \\ \cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_3\right); \cos\left(\vec{e}_5, \vec{e}_4\right) \text{ и т. д.;} \end{matrix} \qquad \begin{bmatrix} e_{1x}, & e_{1y}, & e_{1z} \\ e_{2x}, & e_{2y}, & e_{2z} \\ e_{3x}, & e_{3y}, & e_{3z} \end{bmatrix}$$

По этим данным с помощью систем уравнений

$$\cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_1\right) = e_{1x}e_{4x} + e_{1y}e_{4y} + e_{1z}e_{4z},$$
$$\cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_2\right) = e_{2x}e_{4x} + e_{2y}e_{4y} + e_{2z}e_{4z},$$
$$\cos\left(\vec{e}_4, \vec{e}_3\right) = e_{3x}e_{4x} + e_{3y}e_{4y} + e_{3z}e_{4z} \text{ и т. д.}$$

машина последовательно вычисляет проекции всех направляющих векторов связей на координатные оси ***x, y, z*** и образует матрицу

$$\vec{e} = \begin{bmatrix} e_{1x}, & e_{1y}, & e_{1z} \\ e_{2x}, & e_{2y}, & e_{2z} \\ \cdot & \cdot & \cdot \\ e_{nx}, & e_{ny}, & e_{nz} \end{bmatrix}$$

В результате получается матрица кинематических коэффициентов в координатах симметрии. Логическая схема программы легко распространяется на случай произвольных молекул. Для этого необходимо предусмотреть возможность вычисления проекций направляющих векторов связей на прямоугольные оси координат через любые три некомпланарных вектора из совокупности ранее вычисленных (а не только три предыдущих по номеру). Необходимые значения косинусов по-прежнему задаются по три, а в программу, для подстановки в систему уравнений для вычисления проекций вектора на оси координат требуемых значений коэффициентов, вводятся команды выбора соответствующих строк матрицы $\vec{e}_t$) по заданным их номерам. Кроме того, добавляются команды выбора в матрице $\vec{e}_t$ любой заданной пары неколлинеарных векторов (пары строк) и вычисления по формуле векторного произведения проекций нормали n_t к плоскости, проведенной через эту пару векторов. Проекции щ вводятся в матрицу е в порядке вычисления нормалей. Полученную таким образом матрицу будем обозначать $\vec{e}_t$, n). Описанный прием позволяет значительно упростить представление исходных данных, так как система нормалей может быть использована наряду с направляющими векторами связей в качестве ортов для вычисления последующих направляющих векторов и нормалей. Например, если в молекуле встречается плоский участок, то для вычисления проекций векторов связей, лежащих в этой плоскости, достаточно задать косинусы углов этих связей с двумя соседними неколлинеарными и косинус угла с нормалью (равный нулю) к этой плоскости.

В матрице (1, σ) необходимо при этом добавить пары строк, характеризующие повороты плоскостей вокруг выбранной оси. В каждой такой строке отличны от нуля три элемента, относящиеся к атомам, через которые проведена плоскость. Эти элементы равны

$$\pm\,\sigma_1 \frac{\sin\left(\widehat{\vec{e}_2, \vec{g}}\right)}{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{e}_2}\right)} \quad \text{и} \quad \mp\,\sigma_2 \frac{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{g}}\right)}{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{e}_2}\right)}$$

для концевых атомов пары связей и

$$\mp\,\sigma_1 \frac{\sin\left(\widehat{\vec{e}_2, \vec{g}}\right)}{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{e}_2}\right)} \pm\,\sigma_2 \frac{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{g}}\right)}{\sin\left(\widehat{\vec{e}_1, \vec{e}_2}\right)}$$

В качестве колебательных координат примем изменения длин всех связей и изменения всех валентных углов ***рис. 4***

Рис. 4

Соответствующая матрица перехода от естественных координат к координатам симметрии представлена в ***табл. 2***. Для оставления матрицы кинематических коэффициентов необходимо еще задать величины е для всех атомов. Имеем

$$\varepsilon_H = 1; \quad \varepsilon_C = 0{,}091; \quad \varepsilon_N = 0{,}078; \quad \varepsilon_O = 0{,}068.$$

В машину эти данные вводятся в виде строки

$$\{1; \quad 1; \quad 1; \quad 0{,}091; \quad 0{,}078; \quad 0{,}068; \quad 0{,}068\}$$

Порядок элементов в этой строке должен совпадать с нумерацией столбцов в матрице (1, σ). Значения силовых постоянных представляются в виде треугольной матрицы ***табл. 3***.

Матрица $\widetilde{C}$ для молекулы $(CH_3)NO_2$

Координата	q_1	q_2	q_3	q_4	q_5	q_6	α_1	α_2	α_3	β_1	β_2	β_3	δ_1	δ_2	γ	
q_1^s	1	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	A'
q_2^s	0	0,707	0,707	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	
q_4^s	0	0	0	1	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	
q_5^s	0	0	0	0	0,707	0,707	0	0	0	0	0	0	0	0	0	
α_1^s	0	0	0	0	0	0	1	0	0	0	0	0	0	0	0	
α^s	0	0	0	0	0	0	0	0,707	0,707	0	0	0	0	0	0	
β_1^s	0	0	0	0	0	0	0	0	0	1	0	0	0	0	0	
β^s	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0,707	0,707	0	0	0	
δ^s	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0,707	0,707	0	
γ	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	1	
q_2^s	0	0,707	—0,707	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	A''
q_5^s	0	0	0	0	0,707	—0,707	0	0	0	0	0	0	0	0	0	
α^s	0	0	0	0	0	0	0	0,707	—0,707	0	0	0	0	0	0	
β^s	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0,707	—0,707	0	0	0	
δ^s	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0	0,707	—0,707	0	

табл. 2

Матрица силовых постоянных для молекулы $(CH_3)NO_2$

q_1	q_2	q_3	q_4	q_5	q_6	α_1	α_2	α_3	β_1	β_2	β_3	δ_1	δ_2	γ
8,50	0,05	0,05	0,20	0	0	0	0,35	0,35	0,60	0	0	0	0	0
	8,50	0,05	0,20	0	0	0,35	0	0,35	0	0,60	0	0	0	0
		8,50	0,20	0	0	0,35	0,35	0	0	0	0,60	0	0	0
			7,67	0,35	0,35	0	0	0	0,60	0,60	0,60	0,60	0,60	0
				14,0	1,60	0	0	0	0	0	0	0,60	0	0,55
					14,0	0	0	0	0	0	0	0	0,60	0,55
						0,70	—0,03	—0,03	0	—0,03	—0,03	0	0	0
							0,70	—0,03	—0,03	0	—0,03	0	0	0
								0,70	—0,03	—0,03	0	0	0	0
									1,15	—0,03	—0,03	0	0	0
										1,15	—0,03	0	0	0
											1,15	0	0	0
												1,26	—0,06	—0,06
													1,26	—0,06
														1,95

табл. 3

Fortran 95 включает Fortran 90 и большинство возможностей Fortran 77. Fortran 90 является надмножеством, которое включает Fortran 77. Intel Fortran полностью поддерживает Fortran 95, Fortran 90 и Fortran 77. Ниже обсуждается соответствие стандартов Intel Fortran, языковая совместимость и новый язык. Обсуждаются возможности Fortran 2003, поддерживаемые Intel Fortran.

Языковое соответствие стандартов Intel Fortran соответствует Американскому национальному эталону Fortran 95 (ANSI X3J3/96-007), который соответствует стандарту Международной организации по стандартизации 1SO/1EC 1539-1:1997 (E), и Американскому национальному эталону Fortran 90 (ANSI X3.198-1992), который соответствует стандарту Международной организации по стандартизации 1SO/IEC 1539:1991 (E), и включает поддержку некоторых возможностей из стандартного Fortran 2003.

Комитет ANSI X3J3 в настоящее время отвечает за вопросы интерпретации языковых возможностей Fortran 95 и Fortran 90. Любые ответы, данные комитетом ANSI, которые связаны с возможностями, осуществленными в Intel Fortran, могут привести к изменениям в будущих выпусках компилятора Intel Fortran, даже если изменения приводят к несовместимости с более ранними выпусками Intel Fortran.

ЛИТЕРАТУРА

[1]. А. И. Китов, Н. А. Криницкий. Электронные вычислительные машины. АН СССР (попул. серия). М., 1958.
[2]. Д. П а п о у ш е к, И. П л и в а. Collection Czechoslov. chem. commun., 28, 75g 775 1963
[3]. D. A. Long, R. B. Gravenor. Spectrochim. acta, 19, 937, 1963.
[4]. Е. М. Попов, В. А. Шляпочников. Оптика и спектроскопия. Сб. «Молекулярная спектроскопия». Т. 2, 115, 1963.
[5]. Л. А. Грибов, А. Д. Гельман. Журн. структ. химии, 2, 569, 1961.
[6]. Ю. Н. Чиргадзе. Биофизика, 7, 523, 1962.

РЕШЕНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКОЙ ЗАДАЧИ И НАЧАЛО СТРОЕНИЯ АЛГОРИТМА ПРОГРАММЫ

При данной работе мы рассматривали методику анализирования данных при котором можно будить получить из лабораторного результата исследований структуру и логику строения алгоритма, с помощью которого можно было бы написать код программы, которая изрядно упростила задачу ученых, занимающихся анализом выявления физика химических свойств многоатомных молекул вещества. В дальнейшей работе будить рассматривается способ создания программ, в котором будут применены такие языки программирования как Golang (Go) – логика программы React – визуальная составляющая.

Ключевые слова: матричный анализ, многоатомные молекулы, нелинейное преобразование, колебание атомов в кристаллической решетке, равновесного состояние, ЭВМ, Алгоритмы строения программы.

THE PHYSICAL MEANING OF VIBRATORY COORDINATES IN THE THEORY OF VIBRATIONS OF POLYATOMIC MOLECULES

During the work, we considered the method of data analysis in which it is possible to wake up from the laboratory analysis of the research results and the logic of the structure of the algorithm, with the help of which it would be possible to write the code of the program, which greatly simplified the task of scientists involved in analyzing the state of the physicist of the chemical properties of polyatomic molecules of matter. In further work, awaken a way of creating programs in which programming languages such as Golang (Go) will be applied - the logic of the React program - the visual component.

Keywords: matrix analysis, polyatomic molecules, nonlinear transformation, vibration of atoms in a crystal lattice, equilibrium state, Computer, Algorithms for building a program.

Сведения об авторе: ***Гуломов Алишер Мусулмонович*** - Таджиксий национальный университет, магистр 2-го курса кафедры теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-81-10-31**. mail: muhandism@list.ru

Information about the authors: ***Gulomov Alisher Musulmonovich*** - Tajik National University, 2nd year master of the Department of Theoretical Physics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 935-81-10-31. mail: muhandism@list.ru

ТАТБИҚИ АМСИЛАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ

Каримов У.М., Қодиров О.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадафи масъалаи тадқиқотии мо ин шиносоӣ бо баъзе усулҳои амсиласозии риёзӣ ва компютерӣ дар масъалаҳои экологӣ мебошад.

Дар ҷомеаи имрӯза яке аз самтҳои муҳим ва рӯзмарра ин тадқиқи масъалаҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои экологӣ ва тадқиқи онҳо яке аз масъалаҳои рузмарра ва аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд.

Амсиласозии математикӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои экологӣ аз замони пайдоиши илми экология истифода мешавад. Гарчанде, ки тавсифи рафтори организмҳо дар табиати зинда нисбат ба равандҳои мураккабтарини физикӣ-математикӣ хеле душвор аст. Амсилаҳо барои барқарор намудани баъзе намунаҳо ва тамоюлҳои умумии рушди популятсияи инфиродӣ ва ҷомеавӣ кӯмак мекунанд [1;2].

Аз ин лиҳоз, мақсади офаридани амсилаҳои математикӣ дар илми экология чунин ҳадафҳоро дар бар мегирад:

- ✓ амсилаҳо барои ҷудокунӣ ё якҷоя кардани якчанд параметр ва хосиятҳои муҳими фарқкунандаи шумораи зиёди объектҳое, ки ба масъалаҳои экологӣ вобастагӣ доранд;
- ✓ амсилаҳо ҳамчун афзори мукаммали тадқиқотӣ, ки тавассути онҳо ҳаргуна омилҳои муҳим ва беназирро тавсиф мекунанд;
- ✓ амсила метавонад ҳамчун намунаи объекти идеалӣ, ки объектҳо ва равандҳои воқеиро арзёбӣ ва чен кардан мумкин аст, хизмат кунад;
- ✓ амсила барои тадқиқ ва муайян намудани дурнамои вазъи объекти омӯхташаванда истифода мешавад.

Амсиласозии математикӣ (компютерӣ) дар экология як соҳаи хеле васеъи таҳқиқот ҳам дар интихоби объектҳо барои амсиласозӣ, ҳам дар маҷмӯи усулҳо дар доираи масъалаҳои ҳалшаванда ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, якбора фаро гирифтани тамоми ҷанбаҳои амсиласозӣ дар масъалаҳои экологӣ душвор аст[2].

Бояд қайд намуд, ки барои тадқиқи ҳодисаҳо аз ду усул истифода намудан мумкин аст:

- ✓ амсиласозӣ бо истифодаи муодилаҳои дифференсиалӣ;
- ✓ амсиласозӣ бо ёрии барномаҳои татбиқии компютер.

Агар, дар раванди амсиласозӣ доираи васеи растаниҳо ва ҳайвонотҳо мавриди омӯзиш қарор гиранд, пас барои ин равишҳо дар асоси муодилаҳои дифференсиалӣ, амсиласозиро ба роҳ мондан қобили қабул аст. Бояд гуфт, ки ҳар як амсила нисбат ба амсилаи дигар ҳангоми тадқиқи объектҳо албатта бартарӣ ва ё нуқсонҳои худро дорад. Ҳамин тариқ, муодилаҳои дифференсиалӣ ё фарқӣ имкон медиҳанд, ки динамикаи равандҳо дар лаҳзаҳои воқеии вақт тасвир карда шаванд. Дар ҳоле ки усулҳои амсиласозӣ, чун қоида, танҳо ҳолати ниҳоии статсионарӣ ва ё динамикиро пешгӯӣ мекунанд.

Мушкилии асосӣ дар раванди тадқиқи ҳодисаҳо пеш аз ҳама дар он аст, ки қоидаҳои системавии якхелаи муодилаҳо мавҷуд нест. Барои ҳодисаҳои моҳиятан гуногунранге, ки захираҳои сершуморро тавсиф мекунанд, садҳо коэффитсиентҳоро интихоб кардан мумкин аст, ки онҳо дар раванди амсиласозӣ мушкилиҳоро ба вуҷуд меоранд. Акнун ба амсиласозӣ ва тадқиқ омӯзиши популятсияи фитопланктонҳо шурӯъ мекунем. Усули анъанавии омӯзиши популятсияи микробҳо ва омилҳои инкишофёбии онҳо марҳилаи давомдор мебошад.

Дар намуди умумӣ муодилаи тавсифкунандаи кинетикии консентратсияи ҳуҷайраҳо дар чунин намуд дода мешавад.

$$\frac{dx}{dt} = x(\mu - d) \quad (1)$$

дар ин ҷо: x-консентратсияи ҳуҷайраҳо, $\boldsymbol{\mu}$-функсияе, ки тавлиди популятсияро тавсиф мекунад, d - суръути шустушӯй, суръати афзоиш метавонад ба консентратсияи ҳуҷайраҳо, консентратсияи субстракт s, ҳарорат, pH муҳити атроф ва омилҳои дигар вобаста бошад [4;6].

Муодилаи (1)-ро ҳал намуда меёбем:

$$x(t) = x_0 e^{(\mu - d)t} \quad (2)$$

Дар системаҳои микробиологӣ чун қоида суръати лимитиронидашудаи консетратсияи субстрактҳо аз рӯи пешниҳоди Ж.Моно (Monod, 1942) чунин муайян карда мешавад:

$$\mu = \frac{\hat{\mu} s}{K_s + s},$$

ки дар ин ҷо: $\hat{\mu}$- суръати максималии афзоиши организмҳо, K_s- як доимии хоси нав, ки аз ҷиҳати миқдор ба консентратсияи субстракт баробар аст.

Ҳангоми амсиласозии динамикаи фитопланктон, ба назар гирифтани таъсири сатҳи рӯшної ба суръати афзоиш муҳим аст.

Дар китоби С.Йоргенсен (1985) баъзе намудҳои муодилаҳои дар амсилаҳо истифодашавандаро тавсиф мекунад. Таносуби байни суръати афзоиш (суръати ибтидоии истеҳсолот) ва равшаниро муодилаи Михаэлис-Ментен тавсиф кардааст.

$$\mu = \frac{\hat{\mu} I}{K_I + I} \quad (3)$$

дар ин ҷо: I – рушної , KI – доимии додашуда [1;2].

Вақте, ки рушної аз ҳадди ниҳої IH баланд аст, дар ин ҳолат фотосинтез пайдо мешавад, ки он вобастагии зеринро дар бар мегирад:

$$\mu = \frac{\hat{\mu} K_I}{K_I + I + IH} \quad (4)$$

Қимати доимиҳои $\hat{\mu}$, K_I ва IH аз мутобиқшавии к рӯшної ва ҳарорат вобастагӣ доранд. KI бошад аз ҳарорат бо таври хаттӣ вобаста аст.

$$K_I = K_{I0} + a_m T$$

K_{I0}, a_m –доимӣ мебошанд, K_{I0} - доимии нимашавии рушної дар нуқтаи сифрии миқёси ҳарорат аст.

Вобастагии ҳароратии IH -ро бо функсияи хаттӣ низ ифода кардан мумкин аст :

$$IH = IH_0 + a_H T$$

IH0 - равшании дар нуқтаи сифрии миқёси ҳарорат, aH доимӣ аст.

Тавре, ки қайд карда шуд, суръати афзоиш аз консентратсияи ғизоҳо вобаста аст. Барои афзоиши фитопланктон, унсурҳои кимёвӣ нақши муҳим мебозанд, масалан, нитроген, фосфор ва карбон. Роҳҳои имконпазири инъикоси ин унсурҳо дар асари С.Йоргенсен ба тариқи зайл тасвир шудаанд:

$$\mu = \hat{\mu} \frac{P}{K_p + P} * \frac{N}{K_N + N} * \frac{C}{K_C + C}$$

дар ин ҷо: P, N, C – консентратсияҳои фосфор, нитроген ва карбон; KP, KN, KC – коэффитсентҳои нимрӯшної мебошанд [1;2].

Дар қисмати навбатӣ барои масъалаи додашуда, барномаи компютериро дар забони барномарезии C++ таҳия менамоем.

Лоиҳаи асосии барнома намуди зеринро дорад:

Расми 1. Равзанаи асосии барнома

Коди барнома:

```
#include <vcl.h>
#pragma hdrstop
#pragma package(smart_init)
```

```
#pragma resource "*.dfm"
TForm1 *Form1;
void __fastcall TForm1::Button1Click(TObject *Sender)
{  double d,Ks,s,t,x0,mux,mu,xt;
d=StrToFloat(Edit1->Text);
Ks=StrToFloat(Edit2->Text);
s=StrToFloat(Edit3->Text);
x0=StrToFloat(Edit4->Text);
mux=StrToFloat(Edit5->Text);
for (int t =1; t <=10; t++)
{  mu=(mux*s)/(Ks+s);
xt+=x0*exp(t*(mu-d));
ListBox1->Items->Add(t);
ListBox2->Items->Add(xt);
Series1->AddXY(t,xt);   } }
void __fastcall TForm1::Button2Click(TObject *Sender)
{ListBox1->Items->Clear();
ListBox2->Items->Clear();
Series1->Clear();}
```

Натиҷаҳои компютерӣ:

Расми 2. Натиҷаи компютерӣ дар вақти d=0.5, Ks=18, S=10, X0=20, mux=1.

Расми 3. Натиҷаи компютерӣ дар вақти d=0.1, Ks=22, S=20, X0=20, mux=1.

Расми 4. Натиҷаи компютерӣ дар вақти d=0.45, Ks=80, S=100, X0=1000, mux=0.11.

Расми 5. Натиҷаи компютерӣ дар вақти d=1.2, Ks=18, S=10, X0=20, mux=1.

Дар раванди тадқиқи компютерӣ маълум намудем, ки аз параметрҳои додашудаи амсила, бештар ҳангоми баҳодиҳӣ μ-функсия, ки тавлиди популятсияро ифода мекунад, таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Инчунин дар амсилаи додашуда d, функсияҳои ҳароратӣ ва рушноӣ ҳам яке аз омилҳои асоситарин ба ҳисоб мераванд.

АДАБИЁТ

1. Комилов Ф.С. Тарҳрезии консептуалии популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб/ Ф.С. Комилов, И.М. Саидов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2017. №1/3. С. 99-104. ISSN 2413-452X.
2. Комилов Ф.С. Амсилаи математикии популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб/ Ф.С. Комилов, И.М. Саидов, Ф.Т. Шамсов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. 2017. №1/3. С. 18-25. ISSN 2413-452X.
3. Бигон М. Экология/ Харпер Дж., Таусенд// В 2 т. М.: Мир, 1989.
4. Бродский А.К. Краткий курс общей экологии. СПб.: Изд-во СПбГУ, 1992.
5. М . Юнуси Введение в модельную экономику . Душанбе 2001.
6. M. Yunusi . About solutions of the equations . Vestnik National University, № 4, 2000, с. 3-8.

ТАТБИҚИ АМСИЛАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе усулҳои амсиласозии риёзӣ ва компютерӣ дар масъалаҳои экологӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Дар ҷомеаи имрӯза яке аз самтҳои муҳим ва рӯзмара ин тадқиқи масъалаҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои экологӣ ва тадқиқи онҳо доимо яке аз масъалаҳои рузмарра ва аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд. Амсиласозии математикӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои экологӣ аз замони пайдоиши илми экология истифода мешавад. Гарчанде, ки тавсифи рафтори организмҳо дар табиати зинда нисбат ба равандҳои мураккабтарини физикӣ-математикӣ хеле душвор аст. Амсилаҳо барои барқарор

намудани баъзе намунаҳо ва тамоюлҳои умумии рушди популятсияи инфиродӣ ва ҷомеавӣ кӯмак мекунанд. Дар раванди коркарди барномаи компютерӣ ҳамаи он параметрҳои асоситарине, ки дар амсилаи риёзӣ истифода шуда буд, мавриди таҳлил қарор гирифт.

Калидвожаҳо: амсила, компютер, барнома, фитопланктон, тадқиқот, экология, масъала, баҳодиҳӣ, таҳлил, функсия.

ВНЕДРЕНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ МОДЕЛЕЙ В ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМАХ

В данной статье исследуются некоторые математические и компьютерные экологические проблемы. В современном обществе одним из важнейших и актуальных направлений является изучение экологических проблем. Экологические проблемы и их исследование всегда были одними из самых актуальных вопросах. Математическое моделирование используется в процессе решения экологических проблемах с момента появления экологической науки. Хотя описание поведения организмов в живой природе намного сложнее, самых сложных физико-математических процессов. Модели помогают восстановить некоторые закономерности и общие тенденции в развитии отдельных популяций и сообществ. В процессе разработки компьютерной программы были проанализированы все основные параметры, используемые в математической модели.

Ключевые слова: модель, компьютер, программа, фитопланктон, исследования, экология, проблема, оценка, анализ, функция.

INTRODUCTION OF COMPUTER MODELS IN ENVIRONMENTAL PROBLEMS

This article explores some of the mathematical and computational environmental problems.In modern society, one of the most important and relevant areas is the study of environmental problems. Environmental problems and their research have always been one of the most pressing issues. Mathematical modeling has been used in the process of solving environmental problems since the inception of environmental science. Although the description of the behavior of organisms in living nature is much more complicated, the most complex physical and mathematical processes. Models help to restore some patterns and general trends in the development of individual populations and communities. During the process of developing a computer program, all the main parameters used in the mathematical model were analyzed.

Keywords: model, computer, program, phytoplankton, research, ecology, problem, assessment, analysis, function.

Сведения об авторах: ***Каримов Умед Мусоевич*** –ассистент кафедры информатики ТНУ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17, ТНУ, Тел:931030400, E-mail: umedjon_karimov@list.ru.
Кодиров Оятулло Шарофиддинович –магистр кафедры информатики ДМТ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17, ТГНУ, Тел.: (+992) 918337678, E-mail: Bahov.3297@gmail.com

Information about authors: ***Karimov Umed Musoevich*** –assistant of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: 931030400, E-mail: umedjon_karimov@list.ru.
Kodirov Oyatullo Sharofiddinovich - Magister of the Department of Informatics of TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, Phone: (+992) 918337678, E-mail: Bahov.3297@gmail.com

УСУЛИ СОДДАИ ЁФТАНИ ҲАЛЛИ ХУСУСИИ МУОДИЛАИ ОПЕРАТОРӢ – ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ҒАЙРИЯКҶИНСАИ ТАРТИБИ ДУЮМ

Таманнои Усмон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар назарияи умумии муодилаҳои дифференсиалӣ усулҳои гуногуни ёфтани ҳалли хусусии муодилаи дифференсиалии ғайриякҷинса маълум аст. Усули аз ҳама маъмули ёфтани ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинса барои функсияи ихтиёрии $f(x)$ дар тарафи рости муодилаи тадқиқшаванда ин усули вариатсияи доимиҳои ихтиёрӣ мебошад. Татбиқи ин метод барои ёфтани ҳалли муодилаҳои ғайриякҷинсаи тартибашон баланд ба ҳисобкуниҳои зиёд оварда мерасонад. Бинобар ин, кор карда баровардани методҳое ки дараҷаи ҳисобкуниҳоро содда мегардонад ба маҷсад мувофиқ мебошад. Дар поён методеро пешкаш менамоем, ки бо истифода аз он ҳалли хусусии муодилаи дифференсиалии ихтиёрии ғайриякҷинса бо осонӣ ба даст оварда мешавад.

I. Бигузор решаҳои муодилаи характеристикии (2.2.3) ҳақиқӣ ва гуногун бошанд. Он гоҳ чи тавре ки дар боло қайд намуда будем ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (2.2.2) дар намуди зерин дода мешавад:

$$y(x) = c_1^1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda_1} + \ c_2^1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda_2},$$

ки дар ин ҷо $c_i^1 (i = 1,2)$ - ададҳои доимии ихтиёрӣ мебошанд. Намуди умумии ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи тартиби якуми (2.1.1) дар намуди (2.1.6) – ро ба назар гирифта, ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) - ро дар намуди зерин мекобем:

$$y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x}\left[N_1^1\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_1} + N_2^1\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_2}\right]f(t)\frac{dt}{t(1-t)} \quad (2.3.1)$$

ки дар ин ҷо N_1^1, N_2^1 - айни ҳол коэффисиентҳои номуайян мебошанд. Агар ҳалли муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) дар ҳақиқат намуди (2.3.1) – ро дошта бошад, пас танҳо ёфтани ин коэффисиентҳои номаълуми N_1^1, N_2^1 лозим мебошад. Барои ёфтани ин коэффисиентҳо чунин амал менамоем: аз функсияи (2.3.1) пайдарпай ду маротиба D_x^{11}-ҳосила гирифта, ҳар дафъа барои муайян намудани коэффисиентҳои N_1^1, N_2^1 иҷрошавии шартҳои муайянро талаб менамоем. Барои ин дар аввал аз функсияи (2.3.1) D_x^{11} – ҳосилаи тартиби якум мегирем:

$$D_x^{11}y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x}\left[N_1^1\lambda_1\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_1} + N_2^1\lambda_2\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_2}\right]\times$$

$$\times f(t)\frac{dt}{t(1-t)} + (N_1^1 + N_2^1)f(x)\,.$$

Коэффисиентҳои номаълумро чунон интихоб менамоем, ки шарти зерин иҷро шавад

$$N_1^1 + N_2^1 = 0. \quad (2.3.2)$$

Аз функсияи (2.3.1) бори дигар D_x^{11}-ҳосила гирифта меёбем:

$$(D_x^{11})^2y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x}\left[N_1^1\lambda_1^2\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_1} + N_2^1\lambda_2\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_2}\right]\times\times f(t)\frac{dt}{t(1-t)}$$

$$+ (N_1^1\lambda_1 + N_2^1\lambda_2)f(x).$$

Дар ин маврид иҷрошавии шарти зеринро талаб менамоем

$$N_1^1\lambda_1 + N_2^1\lambda_2 = 1. \quad (2.3.3)$$

Шартҳои (2.3.2) ва (2.3.3) – ро ҳамҷоя намуда, нисбат ба коэффисиентҳои номаълуми N_1^1, N_2^1 системаи алгебравии зеринро ҳосил менамоем

$$\begin{cases} N_1^1 + N_2^1 = 0, \\ \lambda_1 N_1^1 + \lambda_2 N_2^1 = 0. \end{cases} \quad (2.3.5)$$

Муайянкунандаи ин система муайянкунандаи Вандермонд буда, ғайрисифрӣ мебошад, яъне

$$\Delta = \begin{vmatrix} 1 & 1 \\ \lambda_1 & \lambda_2 \end{vmatrix} \neq 0,$$

ва бинобар ин системаи муодилаҳои алгебравии (2.3.5) ҳамеша дорои ҳалли ягона мебошад. Ҳамин тавр исбот гардид, ки ҳалли муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) намуди (2.3.1) – ро дорад, ки дар он доимиҳои N_1^1, N_2^1 ба таври ягона аз системаи муодилаҳои алгебравии (2.3.5) муайян карда мешаван. Баъдан, ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) – ро ба ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (2.2.2) ҳамроҳ намуда, ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) – ро дар намуди зерин ҳосил мекунем

$$y(x) = c_1^1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda_1} + c_2^1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda_2} +$$

$$+ \int_{x_0}^{x}\left[N_1^1\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_1} + N_2^1\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)^{\lambda_2}\right]f(t)\frac{dt}{t(1-t)}. \quad (2.3.6)$$

Ҳамин тавр, теоремаи зерин исбот карда шуд:

Теоремаи 2.3.1. *Бигузор дар муодилаи (2.2.1) коэффисиентҳои M_i $(i = \overline{1,n})$ чунон бошанд, ки решаҳои муодилаи ҳарактеристикии (2.2.3) ҳақиқӣ ва гуногун бошад. Функсияи*

$f(x) \in C_{11}(\Gamma)$ *бошад. Он гоҳ ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) дар синфи* $C_{11}^2(\Gamma)$ *мавҷуд аст ва он намуди (2.3.6) – ро дорад.*

II. Бигузор решаҳои муодилаи характеристикии (2.2.3) ҳақиқӣ ва якхела бошад, яъне

$$\lambda_1 = \lambda_2 = \lambda,$$

он гоҳ ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (2.2.2) намуди зеринро дорад

$$y(x) = c_1^2 \left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda} + c_2^2 \left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda} \ln\left(\frac{x}{1-x}\right).$$

Ба мисли ҳолати I. ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) – ро дар намуди зерин мекобем

$$y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right)^{\lambda} \left[N_1^2 + N_2^2 \ln\left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right)\right] f(t) \frac{dt}{t(1-t)} \quad (2.3.7)$$

ки дар ин ҷо N_1^2 , N_2^2 – доимиҳои номуайян мебошанд.

Ба мисли ҳолати якум амал намуда, барои ёфтани доимиҳои номуайян D_x^{11} – ҳосилаи функсияи (2.3.7) – ро меёбем

$$D_x^{11} y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right)^{\lambda} \left[\lambda N_1^2 + \lambda N_2^2 \ln\left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right) + N_2^2\right] \times$$

$$\times f(t) \frac{dt}{t(1-t)} + N_1^2 f(x).$$

Иҷрошавии шарти $N_1^2 = 0$ – ро талаб менамоем. Баъдан $(D_x^{11})^2$- ҳосилаи функсияи (2.3.7) – ро гирифта барои коэффисиенти N_2^2 шарти 1! $N_2^2 = 1$ – ро ҳосил менамоем. Аз ин ҷо бо осонӣ қимати доимиҳои номуайянро дар намуди зерин меёбем:

$$N_1^2 = 0, \quad N_2^2 = 1.$$

Ҳамин тавр, ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) чунин намудро мегирад:

$$y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right)^{\lambda} \ln\left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right) f(t) \frac{dt}{t(1-t)}.$$

Ин ҳалли ёфташударо ба ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи Объединяя (2.2.2) ҳамҷоя намуда, ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) дар чунин намуд ҳосил мекунем:

$$y(x) = \left(\frac{x}{1-x}\right)^{\lambda} \left[c_1^2 + c_2^2 \ln\left(\frac{x}{1-x}\right)\right] +$$

$$+ \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right)^{\lambda} \ln\left(\frac{x}{1-x} \cdot \frac{1-t}{t}\right) f(t) \frac{dt}{t(1-t)}. \quad (2.3.8)$$

Ҳамин тавр, теоремаи зерин ҷой дорад:

Теоремаи 2.3.2. *Бигузор дар муодилаи (2.2.1) коэффисиентҳои* $M_i (i = \overline{1,n})$ *чунон бошанд, ки решаҳои муодилаи характеристикии (2.2.3) ҳақиқӣ ва якхела бошад. Функсияи* $f(x) \in C_{11}(0,1)$ *бошад. Он гоҳ ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) аз синфи* $C_{11}^2(\Gamma)$ *дар намуди (2.3.8) дода мешавад.*

III. Бигузор решаҳои муодилаи характеристикии (2.2.3) комплексӣ ва ҳамроҳшуда бошанд. Дар ин ҳолат ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (2.2.2) чунин намуд дорад:

$$y(x) = \left(\frac{x}{1-x}\right)^{\alpha_1} \left[c_1^3 \cos\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\right)\right] + c_2^3 \sin\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\right)\right]\right].$$

Дар ин маврид ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) – ро дар намуди зерин мекобем:

$$y_{\text{чн}} = \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)^{\alpha_1} \left[N_1^3 cos\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)\right]\right.$$

$$\left. + N_2^3 sin\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)\right]\right](t)\frac{dt}{t(1-t)}, \qquad (2.3.9)$$

ки дар ин ҷо $N_i^3 \quad (i = 1,2)$ - коэффисиентҳои номуайян мебошанд.

Барои ёфтани коэффисиентҳои номуайяни $N_i^3 \quad (i = 1,2)$ паш аз ҳама чунин ишоратҳоро дохил мекунем

$$\begin{cases} \Lambda_{\alpha\beta}^{+,1} = \Lambda_{\alpha\beta}^{+,1}\{a,b\} = \alpha a - \beta b, \\ \Lambda_{\beta\alpha}^{-,1} = \Lambda_{\beta\alpha}^{-,1}\{a,b\} = \beta a + \alpha b, \end{cases}$$

Он гоҳ пайдарпай ду маротиба аз функсияи (2.3.9) D_x^{11}- ҳосила гирифта ва ҳар бор иҷрошавии шартҳои муайянро талаб намуда, барои муайян сохтани коэффисиентҳои номаълуми $N_i^3 \quad (i = 1,2)$ системаи муодилаҳои алгебравии зеринро ҳосил мекунем

$$\begin{cases} N_1^3 \cdot 1 + N_2^3 \cdot 0 = 0, \\ \Lambda_{\alpha_1\beta_1}^{+,1} N_1^3 + \Lambda_{\beta_1\alpha_1}^{-,1} N_2^3 = 1, \end{cases} \qquad (2.3.10)$$

ки дар ин ҷо $\Lambda_{\alpha_1\beta_1}^{+,1} = \Lambda_{\alpha_1\beta_1}^{+,1}\{1,0\}$, $\Lambda_{\beta_1\alpha_1}^{-,1} = \Lambda_{\beta_1\alpha_1}^{-,1}\{1,0\}$.

Нишон додан мумкин аст, ки муайянкунандаи ин система ғайрисифрӣ аст ва бинобар ин он дорои ҳалли ягона мебошад. Ҳамин тавр, ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) намуди (2.3.9) – ро дорад, ки дар он коэффисиентҳои номаълуми $N_i^3 \quad (i = 1,2)$ аз системаи алгебравии (2.3.10) якқимата муайян карда мешаванд. Акнун ҳалли хусусии (2.3.9) – ро ба ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи (2.2.2) ҳамҷоя намуда, ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) – ро дар намуди зерин ҳосил мекунем:

$$y(x) = \left(\frac{x}{1-x}\right)^{\alpha_1} \left[c_1^3 \cos\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\right)\right] + c_2^3 \sin\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\right)\right]\right]$$

$$+ \int_{x_0}^{x} \left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)^{\alpha_1} \left[N_1^3 cos\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)\right]\right.$$

$$\left. + N_2^3 sin\left[\beta_1 \ln\left(\frac{x}{1-x}\,\frac{1-t}{t}\right)\right]\right](t)\frac{dt}{t(1-t)}. \qquad (2.3.11)$$

Ҳамин тавр, теоремаи зерин исбот карда шуд:

Теоремаи 2.3.3. *Бигузор дар муодилаи (2.2.1) коэффисиентҳои M_i $(i = \overline{1,2k})$ чунон бошанд, ки решаҳои муодилаи характеристикии (2.2.3) комплексӣ ва ҳамроҳшуда бошанд. Бигузор функсияи $f(x) \in C_{11}(\Gamma)$ бошад. Он гоҳ ҳалли умумии муодилаи ғайриякҷинсаи (2.2.1) дар синфи $C_{11}^2(\Gamma)$ мавҷуд аст ва ин ҳал бо ёрии формулаи (2.3.11) дода мешавад.* **Қайди 2.3.1.** *Тасдиқотҳои ба тасдиқотҳои теоремаҳои 2.3.1. – 2.3.3. монанд барои муодилаҳои операторӣ – дифференсиалии тартибашон баланд низ ба даст оварда шудааст.*

АДАБИЁТ

1. Келдыш Н.Б. О некоторых случаях вырождения уравнения эллиптического типа на границе области [Текст] / Н.Б. Келдыш // ДАН СССР. – 1951. – Т. 77, №1. – С. 181-183.
2. Никольский С.М. Вариационная проблема для уравнения эллиптического типа с вырождением на границе [Текст] / С.М. Никольский // Тр. МИАН. – 1979. – 150. – С. 212-–238.
3. Киприянов И. А. Об одном классе сингулярных эллиптических уравнений [Текст] / И.А. Киприянов // Сиб. мат. ж. – 1973. – 14, № 3. – С. 560-568.
4. Вишик М.И., Краевые задачи для эллиптических уравнений, вырождающихся на границе области [Текст] / М.И. Вишик, В.В. Грушин // Мат. сб. – 1969. – 80. – С. 455-491.
5. Вашарин А.А. Некоторые краевые задачи для эллиптических уравнений с сильным вырождением на границе [Текст] / А.А. Вашарин, П.И. Лизоркин // Докл. АН СССР. – 1961. – 137, № 5. – С. 1015-1018.
6. Векуа И.Н. Новые методы решения эллиптических уравнений [Текст] / И.Н. Векуа. – М. – Л.: ГИТТЛ. – 1948.
7. Бицадзе А.В. Некоторые классы уравнений в частных производных [Текст] / А.В. Бицадзе. – М.: Наука. – 1966. – 448с.

8. Смирнов М.М. Вырождающиеся эллиптические и гиперболические уравнения [Текст] / М.М. Смирнов. – М.: Наука. – 1966.

УСУЛИ СОДДАИ ЁФТАНИ ҲАЛЛИ ХУСУСИИ МУОДИЛАИ ОПЕРАТОРӢ-ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ҒАЙРИЯКҶИНСАИ ТАРТИБИ ДУЮМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф усули соддаи ёфтани ҳалли хусусии муодилаи операторӣ-дифференсиалии ғайриякҷинсаи тартиби дуюмро баррасӣ намудааст. Дар назарияи умумии муодилаҳои дифференсиалии усулҳои гуногуни ёфтани ҳалли хусусии муодилаи дифференсиалии ғайриякҷинса маълум аст. Усули аз ҳама маъмули ёфтани ҳалли хусусии муодилаи ғайриякҷинса барои функсияи ихтиёрии $f(x)$ дар тарафи рости муодилаи тадқиқшаванда ин усули вариатсияи доимиҳои ихтиёрӣ мебошад. Татбиқи ин метод барои ёфтани ҳалли муодилаҳои ғайриякҷинсаи тартибашон баланд ба ҳисобкуниҳои зиёд оварда мерасонад. Бинобар ин кор карда баровардани методҳое ки дараҷаи ҳисобкуниҳоро содда мегардонад ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар мақолаи мазкур методе пешкаш намуда шудааст, ки бо истифода аз он ҳалли хусусии муодилаи дифференсиалии ихтиёрии ғайриякҷинса бо осонӣ ба даст оварда мешавад.

Калидвожаҳо: муодилаи операторӣ-дифференсиалӣ, тартиби дуюм, муодилаи ғайриякҷинса, методҳо, муодилаи дифференсиалии ихтиёрии ғайриякҷинса.

ПРОСТОЙ МЕТОД НАХОЖДЕНИЯ ЧАСТНОГО РЕШЕНИЯ НЕОДНОРОДНОГО ОПЕРАТОРНО-ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНОГО УРАВНЕНИЯ ВТОРОГО ПОРЯДКА

В данной статье автор обсуждает простой метод нахождения частного решения неоднородного операторно-дифференциального уравнения второго порядка. Из общей теории дифференциальных уравнений известно, что известны разные методы нахождения конкретного решения неоднородного дифференциального уравнения. Наиболее распространенным методом нахождения собственного значения неоднородного уравнения для произвольной функции f (x) в правой части исследуемого уравнения является метод вариации произвольных постоянных. Применение этого метода к нахождению решений неоднородных уравнений высокого порядка приводит к большому количеству вычислений. Поэтому желательно разработать методы, упрощающие процесс расчета. В этой статье представлен метод, который можно использовать для простого решения частного решения произвольного неоднородного дифференциального уравнения.

Ключевые слова: операторно-дифференциальное уравнение, второй порядок, неоднородное уравнение, методы, произвольное неоднородное дифференциальное уравнение.

A SIMPLE METHOD FOR FINDING A PARTIAL SOLUTION TO AN INHOMOGENEOUS SECOND-ORDER OPERATOR-DIFFERENTIAL EQUATION

In this article, the author discusses a simple method for finding a partial solution to a second-order inhomogeneous operator-differential equation. From the general theory of differential equations, it is known that there are different methods for finding a specific solution to a non-homogeneous differential equation. The most common method of finding of an inhomogeneous equation for an arbitrary function f (x) on the right side of the equation under study is the method of variation of arbitrary constants. The application of this method to finding solutions to inhomogeneous high-order equations leads to a large number of calculations. Therefore, it is desirable to develop methods that simplify the calculation process. This article presents a method that can be used to simply solve a particular solution of an arbitrary inhomogeneous differential equation.

Keywords: operator-differential equation, second order, inhomogeneous equation, methods, arbitrary inhomogeneous differential equation.

Сведения об авторе: ***Таманнои Усмон*** – магистрант второго курса факультета механики и математики Таджикского национального университета. **Телефон: 919 06 78 39**

Information about the author: ***Tamannoi Usmon*** – second-year master's student of Faculty of Mechanics and Mathematics of the Tajik National University. **Phone: 919 06 78 39**

УДК 517. 55

ПРИНСИПИ ИНЪИКОСҲОИ ФИШУРДАШАВАНДА ВА ТАТБИҚИ ОН БАРОИ МАВҶУДИЯТ ВА ЯГОНАГИИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ АЛГЕБРАВИИ ХАТТӢ ВА МУОДИЛАҲОИ ИНТЕГРАЛИИ ФРЕДГОЛМ

Солиев С. Қ., Усмонов Н.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Принсипи инъикосҳои фишурдашаванда. Бигузор X ва Y ду фазоҳои метрӣ буда ягон оператори A дар ин фазо дода шуда бошад, ки соҳаи муайянияш фазои X буда соҳаи

қиматҳояш дар фазои Y мехобад. Хотиррасон мекунем, ки оператор мафҳуми умумикардашудаи функсия мебошад. Агар соҳаи муайяни ва соҳаи қиматҳои функсия маҷмӯъҳои ададй набуда, балки маҷмӯҳои табиати элементҳояшон ихтиёрӣ бошанд, он гоҳ ба ҷои калимаи функсия ибораи оператор истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр X ва Y маҷмӯъҳои ихтиёрӣ буда бо ягон қоида ба ҳар як элементи $x \in X$ як элементи $y \in Y$ мувофиқ гузошта шавад, пас мегуянд ки дар маҷмӯъи X оператори $Y = AX$ муайян карда шудааст. Дар ин маврид мегӯянд, ки оператори A аз фазои X ба фазои Y амал мекунад ва онро чунин ишорат мекунанд: $A: X \to Y$. **Таърифи 1.** Оператори A, ки дар фазои метрии X амал мекунад *оператори фишурдашаванда* номида мешавад, агар барои ихтиёрии $x' \in X$ ва $x'' \in X$ чунин нобаробарии зерин ҷой дошта бошад:

$$\rho(Ax', Ax'') \leq \alpha\rho(x', x''), \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо $0 < \alpha < 1$ мебошад.

Аз ин таъриф бар меояд, ки оператори фишурдашаванда масофаи байни нуқтаҳоро хурд мекунад.

